МУҲАҚҚИҚИ ҶАВОН
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
2025. №3

МОЛОДОЙ ИССЛЕДОВАТЕЛЬ
ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ
2025. №3

YOUNG RESEARCHER
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
2025. No 3

МАРКАЗИ
ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА
ДУШАНБЕ – 2025

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
МАҶАЛЛАИ ИЛМИИ «МУҲАҚҚИҚИ ҶАВОН»
Муассиси маҷалла:
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР:

Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин	*Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, узви вобастаи АМИТ, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Сафармамадзода Сафармамад Муборакшо	*Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Исмонов Кароматулло Бадридинович	*Доктори илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

Шерматов Нурмаҳмад	*Доктори илмҳои техникӣ, профессор*
Солиҳов Давлат Қуватович	*Доктори илмҳои физикаю математика, профессор*
Сатторов Абдуманон	*Доктори илмҳои физикаю математика, профессор*
Файзуллоев Эркин Фатҳуллоевич	*Номзади илмҳои химия, дотсент декани факултети химия*
Валиев Шариф Файзуллоевич	*Доктори илмҳои геологӣ-минералогӣ, и.в. профессор*
Расулиён Қаҳҳор	*Доктори илмҳои таърих, профессор*
Кучаров Аламхон	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Дӯстов Ҳамрохон Ҷумаевич	*Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Нағзибекова Меҳриниссо Бозоровна	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
Муродов Мурод	*Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти ДМТ*
Низомова Туҳфамо Давлатовна	*Доктори илмҳои иқтисодӣ,профессор*
Одинаев Фурқат Фарҳодович	*Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент*
Шарофзода Рустам Шароф	*Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
Сафарализода Хучамурод Қуддус	*Номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ*
Раҷабов Имомиддин Ширинович	*Номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ*
Нуриддин Парвин Раймалихон	*Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент*
Хочиматова Гулчеҳра Масаидовна	*Доктори илмҳои педагогӣ, профессор*
Устоев Мирзо Бобоҷонович	*Доктори илмҳои биологӣ, профессори кафедраи физиологияи одам ва ҳайвонҳо, факултети биологияи ДМТ*

Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон
ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад.
Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел.: (+992 37) 227-74-41
ДМТ, 2025©

ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ
НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ «МОЛОДОЙ ИССЛЕДОВАТЕЛЬ»
Учредитель журнала:
Таджикский национальный университет

ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:

Насриддинзода Эмомали Сайфиддин	*Доктор юридических наук, член-корреспондент НАНТ, ректор Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Сафармамадзода Сафармамад Муборакшо	*Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)*

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Исмонов Кароматулло Бадридинович	*Доктор филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета*

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

Шерматов Нурмахмад	*Доктор технических наук, профессор*
Солихов Давлат Кувватович	*Доктор физико-математических наук, профессор*
Сатторов Абдуманнон	*Доктор физико-математических наук, профессор*
Валиев Шариф Нарзуллоевич	*Доктор геолого-минералогических наук, и.о.профессора*
Файзуллоев Эркин Фатхуллоевич	*Кандидат химических наук, декан факультета химии ТНУ*
Расулиён Каххор	*Доктор исторических наук, профессор*
Кучаров Аламхон	*Доктор филологических наук, профессор*
Дустов Хамрохон	*Кандидат филологических наук, доцент*
Муродов Мурод	*Доктор филологических наук, профессор*
Нагзибекова Мехриниссо Бозоровна	*Доктор филологических наук, профессор*
Абдусатторов Абдушукур	*Доктор филологических наук, профессор*
Одинаев Фуркат Фарходович	*Кандидат экономических наук, доцент*
Шарофзода Рустам Шароф	*Доктор юридических наук, профессор*
Сафарзода Бахтовар Амирали	*Доктор юридических наук, профессор*
Раджабов Имомиддин Ширинович	*Кандидат политических наук, доцент кафедры политологии*
Сафарализода Хучамурод Куддус	*Кандидат политических наук, доцент кафедры политологии*
Нуриддин Парвин Раймалихон	*Кандидат политических наук, доцент*
Ходжиматова Гулчехра Масаидовна	*Доктор педагогических наук, доцент*
Устоев Мирзо Бободжонович	*Доктор биологических наук, профессор*

Адрес Издательского центра:
734025, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Тел.: (+992 37) 227-74-41
© ТНУ, 2025

TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
SCIENTIFIC JOURNAL "YOUNG RESEARCHER"
Founder of journal:
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY

CHIEF EDITOR:

Nasriddinzoda Emomali Sayfiddin	*Doctor of Law, Corresponding Member of NAST, Rector of the Tajik National University (Dushanbe, Tajikistan)*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Safarmamadzoda Safarmamad Muboraksho	*Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Science of the Tajik National University*

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Ismonov Karomatullo Badridinovich	*Doctor of Philological Sciences, Associate Professor, Director of the Publishing Center of the Tajik National University*

EDITORIAL BOARD:

Shermatov Nurmahmad	*Doctor of Technical Sciences*, Professor
Solihov Davlat Quvatovich	*Doctor of Physical and Mathematical Sciences*
Sattorov Abdumannon	*Doctor of Physical and Mathematical Sciences*
Fayzulloev Erkin Fathulloevich	*Candidate of Chemical Sciences, Dean of the Chemical Faculty*
Valiev Sharif Fayzulloevich	*Doctor of Geological and Mineralogical Sciences, Professor*
Rasuliyon Qahhor	*Doctor of Historical Sciences, Professor*
Kucharov Alamkhon	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University*
Dustov Hamrokhon Dzhumaevich	*Candidate of Philological Sciences,*
Murodov Murod	*Doctor of Philology, Professor of the Department of Printing of the Tajik National University*
Nagzibekova Mekhrinisso Bozorovna	*Doctor of Philology, Professor of the Department of General Linguistics and Comparative Typology of the Tajik National University*
Nizomova Tuhfamo Davlatovna	*Doctor of Economics, Professor*
Odinaev Furqar Farhodovich	*Candidate of Economics, Associate Professor*
Safaralizoda Khudzhamurod Kuddusi	*Candidate of Politics, Associate Professor of the Department of the Political Science*
Sharofzoda Rustam Sharof	*Doctor of Law, Professor*
Safarzoda Bakhtovar Amirali	*Doctor of Law, Professor*
Rajabov Imomiddin Shirinovich	*Candidate of Politics, Associate Professor of the Department of the Political Science*
Nuriddin Parvin Raymalikhon	*Candidate of Politics, Associate Professor*
Hojimatova Gulchehra Masaidovna	*Doctor of Pedagogical Sciences, Professor*
Ustoev Mirzo Bobojonovich	*Doctor of Biological Sciences, Professor*

Address of the Publishing center:
734025, Republic of Tajikistan,
Rudaki Avenue, 17. Dushanbe.
Phone: (+992 37) 227-74-41
© TNU, 2025

ТАЪРИХ – ИСТОРИЯ

НАҚШИ ВАЛЛОБҲАЙ ПАТЕЛ ДАР РУШДИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҲИНДУСТОН

Қаландарзода У.Қ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар баробари ташкил ёфтани давлатдории навин ва ҷумҳурии демократӣ, сиёсати берунии Ҳиндустон низ дар соли 1947 ташаккул ёфт. Дар ин давра, гарчанде роҳбари асосии давлат Валлобҳай Пател ба ҳисоб наравад ҳам, дар замони сарварии ҳукумати Ҷавоҳирлал Неҳру (1889 – 1964) дар кабинаи вазирони парлумон, ӯ нуфузи калон дошт. Пател ҳамчун ходими сиёсию давлатӣ дар солҳои 1947 – 1950 вазифаҳои пурмасъулият ва бисёрҷонибаро доро буд. Вай ба сифати муовини сарвазир, ки ба як қатор вазоратҳо роҳбарӣ менамуд, ваколатҳои васеи сиёсати дохилии Ҳиндустонро дар бар мегирифт. Сиёсати хориҷӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ соҳаи фаъолияти ӯ ба ҳисоб намерафтанд. Аммо, бо назардошти тағриба ва иродаи қавии роҳбарӣ ин шахсияти шинохта, дар солҳои 1947 – 1950 ба маркази муноқишаҳои печидаи байналмилалии кишвараш кашида шуд. Аз ин лиҳоз, мақом ва нақши Валлобҳай Пател дар самти сиёсати хориҷӣ, дар таҳқиқи илми таърихнигори ватанӣ муосир кам таҳқиқ шудааст. Махсусан, фаъолияти ӯ дар ҳалли масъалаҳои мураккаби байналмилалӣ ба таври ҷиддӣ аз ҷониби муҳаққиқони дохилӣ ва хориҷии мо омӯхта нашудаанд. Таҳлил ва тадқиқи маводи асоснок ба мо имконият медиҳад, ки фаъолияти сиёсии ӯ дар мисоли муносибатҳои хориҷии Ҳиндустону Хитой дар соли 1950 ошкор карда шаванд. Муносибатҳои дуҷонибаи Ҳиндустон ва Хитой аз ҷониби шарқшиносони рус ба монанди, В. Кузнетсов ва Т.Л. Шаумян, ки дар таҳлили ҳамаҷонибаи хусусиятҳои он нақши калон дорад мавриди омӯзиш қарор дода шудааст [1, 2, 3, 4, 7, 8]. Аммо, муҳаққиқони мазкур танҳо раванди таърихии муносибатҳои болозикрро омӯхтаанд, лекин ба шарҳи ҳоли сиёсии Пател диққат равона накардаанд.

Масъалаи Тибет, ки мушкилоти дуру дарози таърихиро дар бар мегирифт, акнун боз мавзуи баҳси рӯз гардид. Назорати Хитой аз болои Тибет асосан аз ибтидои асри XVIII оғоз ёфта буд. Баъд аз инқилоби Синҳойии Хитой дар солҳои 1911-1913 ва эълон шудани Ҷумҳурии Чин, моҳи январи соли 1913 сарвари Тибет, Даллай Ламаи Эълумияи истиқлолияти ҳудуди худро хонд [6, с. 12-13]. Солҳои 1939 – 1945 Лҳаса ҳамчун минатқаи бетараф боқӣ монд ва қаламрави Тибет бошад, қариб ба амалиёти низомӣ ҷалб нагардида буд. Тиҷорати Ҳинду Тибет тавассути шартномаи байни Деҳлӣ ва Лҳаса танзим карда мешуд. Мухторияти Тибет барои Ҳиндустон дар сарҳади шимолии худ аҳаммияти хос дошт. Ҳамин тариқ, баъди таъсис ёфтани Ҷумҳурии Халқии Хитой дар моҳи октябри соли 1949, Пекин қарор дод, ки Тибетро аз хатар «озод» кунад. Зеро, аз он ҳарос дошт, ки Ҳиндустон мабодо ба Тибет даъво кунад. Ҳиндустон низ Хитойро ба расмият шинохт [17, с. 14-15]. Дар соли 1950 лоиаҳаи қарордод оид ба қабули ҶМЧ дар ҳайати СММ пешниҳод карда шуд [15]. Неҳру бошад, ба сафири худ дар Пекин Паниккар дастур дод, ки мақоми мусоидтари миллиро нишон диҳад ва таъқиби коммунистонро низ дар кишвари худ сабуктар намуда, хостдори шарикии стратегӣ бо Чини коммунистӣ гардид [3, с. 78-83]. Аммо, Пекин дар ин масаъала на он қадар шитобкорӣ нишон медод. Баҳори соли 1950 равобити дипломатии Пекин ва Деҳлӣ оғоз гардида, ҳамзамон, аввалин амалиёти низомии Чин дар Тибет шуруъ шуд. Дар аввалҳои моҳи августи соли 1950 аскарони Хитой дар наздикии сарҳади Тибет ҷамъ омаданд [10, с. 20 – 23]. Инчунин, моҳи октябри ҳамон сол амалиёти низомӣ барои «озод кардани» Тибет эълон карда шуд. Аз ҳолати мазкур, Ҳиндустон изҳори норозигӣ намуда, ба вазорати корҳои хориҷии Чин изҳороти ғайрирасмӣ фиристод. Дар он вазъияти баамаломада, «таассуфовар» баён ёфтааст [9, с. 107]. Ҳам ба Пекин ва ҳам ба Деҳлӣ маълум шуд, ки қисмҳои низомии Непал барои кумак ба Тибет сафарбар гардидаанд [11, с. 23-24]. Аммо, раиси ҶМЧ Мао Сзедун бар он бовар буд, ки Ҳиндустон ин «саргузашти»

непалиҳоро такрор намекунад [11, с. 24]. Валлобҳай Пател дар ин масъала бетараф шуда натавониста, бар хилофи роҳи расмии ҳукумати худ, таҷовузи ҶМЧ – ро рад карда, сиёсати Неҳруро нисбат ба он мавриди танқид қарор дод. Моҳияти фикру мулоҳизаҳои худро доир ба мушкилоти Хитой ва Тибет ба таври хаттӣ баён намуд. Яке аз муҳимтарин ҳуҷҷатҳо – мактуби Пател ба сарвазир Ҷавоҳирлал Неҳру 7 ноябри соли 1950 муносибатҳои Ҳиндустону Хитойро дар раванди тезу тунд шудани масъалаи Тибет равшан менамояд. Сарчашмаи он, ки дорои маълумоти воқеӣ будани ин номаро нишон медиҳад, мактуби Пател ба Неҳру дар бораи Ҳиндустон, Тибет ва Хитой аз тарафи Шанкар Бачпаи, вазири корҳои хориҷӣ дар шакли лоиҳа навишта шудааст. Дар он таҳлили вазъияти таърихӣ, моҳият ва вижагиҳои муносибатҳои Ҳиндустону Хитой дар соли 1950 инъикос ёфтаанд [14, с. 116-122].

Муҳтавои мактуби Пател ба Неҳру асосан чунин аст: «Ҷавоҳирлоли азиз, ман бо изтироб дар бораи мушкилоти Тибет фикр мекунам ва бояд он чизеро ба шумо расонам, ки дар зеҳнам мегузарад. Ман мукотибаи Вазорати корҳои хориҷӣ ва сафири мо дар Пекин, Паниккарро бодиққат омӯхтам ва тавассути ӯ ба ҳукумати Чин кӯшиш кардам. Ҳукумати Хитой бо ниятҳои осоиштаи худ моро ба гумороҳӣ мекашад. Ман боварӣ дорам, ки онҳо дар як давраи муҳим муваффақ шуданд, дар сафири мо ҳисси боварии бардурӯғро ба хоҳиши бо истилоҳи худ барои бо роҳи осоишта ҳал кардани мушкилоти Тибет пайдо кунанд. Хитойиҳо азму иродаи қавӣ доранд, ки ба Тибет ҳуҷум кунанд. Амалиёти охирини онҳо, ба назари ман, ба ҷуз хиёнат чизи дигаре нест. Фоҷиа ин аст, ки тибетиҳо ба мо бовар доштанд ва ба мо умед мебанданд ва мо онҳоро аз тури дипломатияи Чин ва нуфузи Чин наҷот дода натавонистем» [14, с.116-117].

Пател вазъияти баамаломадаро аз мавқеи танқидии ҷонибдорони Ҳиндустон таҳлил намуда, аз хадамоти махсуси вазорати корҳои хориҷӣ маълумот талаб кард ва имконияти муроҷиати арбитражро аз Британияи Кабир низ рад накард. Вай дар номаи худ ба Неҳру оид ба норизоӣ дар самти дастгирии бечунучарои манфиати ҶМЧ аз ҷониби СММ, аз ҷумла ҳамроҳшавии Тайван зикр намуда буд: «Агар хитоиҳо ба таҳдиди эҳтимолии Англия ва Амрико боварӣ дошта бошанд, пас онҳо ба мо низ, боварӣ доранд» [14].

Бо назардошти ин ҳолат вай Неҳруро даъват кард, ки вазъиятро дар воқеъ ҷиддӣ бубинад: «Дар ҳама шароит мо бояд фикр кунем, ки ба Тибет кашида шудани онҳо қариб ба “дарвозаи мо” васеъ шудани Хитой вазъияти навро ба амал меорад. Дар тули таърих мо дар бораи сарҳади шимолу шарқии худ хеле кам ташвиш мекашидем. Кӯҳҳои Ҳимолой як садди бартарафнашаванда барои таҳдидҳо аз шимол ҳисобида мешаванд. Тибет нуқтае ҳаст, ки дар сарҳади Ҳиндустон ва ҳамсоягии осоишта вуҷуд дорад. Чунин сурат гирифтани вазъият, мо мухторияти Тибетро ҳамчун тавсеаи муносибатҳои мустақили шартномавӣ ҳисоб намоем... бояд гуфт, ки ташаббуси Хитой дар бораи сузеринатсия ба Тибет аз мақсадҳои мо фарқ дорад. Ман бо итминон метавонам тахмин намоям, ки ба зудӣ аз тамоми шартҳое, ки Тибет дар гузашта бо мо баста буд, даст мекашанд» [14, с. 118].

Пател, бо такя ба маълумоти вазорати худ ва дарки осебпазирии стратегии Ҳиндустон дар солҳои аввали бунёди мустақили он, идома дод: "Вазъи номуайяни сарҳади шимолии мо ва ҳузури аҳолии шабеҳи тибетӣ ё чинӣ дар тарафи мо, бо худ тухми мушкилоти эҳтимолии байни Чину моро дар бар мегирад... Вилояти Ассам дар Бирма ҳадафҳои худро доранд, ки мудофиаи Ҳиндустон бояд дар як вақт ба ду ҷанба нигаронида шавад, ки ҳоло мо бояд дар шимол ва шимолу шарқ Чинро (ба ғайр аз Покистон) ба назар гирем.

Пател минбаъд навишт: "Равишҳои шимолӣ ва шимолу шарқии мо Непал, Бутан, Сикким, Дарҷилинг, минтақаҳои қабилаҳои теппаи Ассамро дар бар мегиранд. Аз нуқтаи назари коммуникатсия, инҳо нуқтаҳои заиф мебошанд. Хатҳои мудофиавии доимӣ вуҷуд надоранд. Дар ин ҷо барои ҳамла ба Ҳиндустон қариб номаҳдуд вуҷуд дорад. Неруи полис хурд аст. Одамоне, ки дар ин ҷойҳо ва дар Ҳиндустон зиндагӣ намекунанд... Яъне, дар давоми се соли охир мо ба Нага ва дигар қабилаҳои теппаи Ассам ҳеҷ муносибати ҷиддӣ карда натавонистем... Ман бар он муътақидам, ки Хитой аз фурстаи муносиб истифода намуда, истсимори худро ба он нуқтаҳое, ки наздики мо мебошанд, ба зери нуфӯзи худ

ворид месозад. Нуқтаи заъифи моро пайдо намуда, кӯшиш менамояд, ки аз даст надиҳад» [14, с. 119].

Инчунин, Валлобҳай Пател дар фаъолияти ҳизби коммунистии Ҳиндустон хавфи дохилиро ба амнияти кишвар медид: “Кумитаи Халқии Ҳиндустон дар идома додани робита бо коммунистон дар хориҷа, дар таъмини силоҳ ва адабиёт душворӣ мекашад. Ба онҳо лозим омад, ки сарҳадҳои душвори Бирма ва Покистонро дар шарқ ё соҳили тулонӣ убур кунанд. Аз ҶМЧ онҳо ба воситаи коммунистони хориҷӣ ва коммунистони Чин робита пайдо намудаанд”. Ҷосусӣ ва таъсиси «калонаи панҷум» дар Ҳиндустон ҳоло осон ба назар мерасид» [14, с.120].

Валлобҳай Пател ба Неҳру дар бораи зарурати ба куллӣ тағйир додани муносибат ба муҳофизати шимоли мамлакатро навиша, ҷадвали амалиёти самарабахшро пешниҳод намуда буд [14, с.120-121].

Неҳру дар ҷавоби мактуби Пател вокуниши амиқ надод. Аз нуқтаи назари Ҷавоҳирлал Неҳру, ҳама гуна тавтеъа, фарзияҳо ва гумонбариҳоро сард шудани муносибаҳо ва равобити Ҳиндустон бо Чинро медонад, ки ба манфиати кишвар таҳдиди ҷиддӣ оварда мерасонад. Далели он ин чунин суханони вай мебошанд, ки мегуяд: «Ман кӯшиш намекунам, ки дар оянда ҷанг шуруъ шавад. Ба хаёлот дода шудан лозим нест» [18, с.442].

Дар воқеъ, фарзияҳо ва далелҳои Валлобҳай Пател дар охир, ба воқеа табдил ёфт. Хушбиниҳо ва умедвориҳои Ҷавоҳирлал Неҳру бошад, бенатиҷа анҷом ёфт. Оқибат, миёни Хитой ва Хитойи Марказӣ задухурд ба амал омад. Ҳукумати Тибет дар бораи чораҳои озодкунии осоиштаи Тибет созишнома ба имзо расонид. Ҳамин тариқ, санаи 9 сентябри соли 1951 артиши Ҷумҳурии Мардумии Чин ба пойтахти Тибет ворид гардид [13]. Сарвари Тибет Далай Лама маҷбур шуд, ки кишварро тарк кунад.

Хулоса, маълумоти мазкур таърихи сиёсати хориҷии Ҳиндустонро бо истифода аз мақом ва нақши Валлобҳай Пател бозгӯ намуда, дар замони соҳибистиқлол гардидани он ва барои ин сарзамин мушкил шахситятҳое монанди ӯ лозим ва зарур буданд. Яъне, бо таваҷҷуҳ ба масъалаи мазкур, нақши шахсият дар ҷомеаи шарқӣ нишон медиҳад, ки барои бунёди давлати демократӣ то чи андоза механизмҳои мустаҳками қарорҳои дастаҷамъӣ муҳиммият дорад. Дур будан аз тамоюли шахсӣ ба нафъи ақлгароӣ ва прагматикӣ фаъолият намудан таъмини давлатдорӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллиро кафолат медиҳад.

АДАБИЁТ

1. Кузнецов В.С. Китайско-индийские отношения 1950 - 1963 гг. / В.С. Кузнецов. - М.: ИДВ, 2013. - 272 с.
2. Кузык Б.Н., Шаумян Т.Л. Индия - Россия: стратегия партнерства в XXI веке / Б.Н. Кузык, Т.Л. Шаумян. - М.: ИВ РАН, 2009. - 856 с.
3. Николаев П.П. Индийский фактор во внешней политике КНР (1949 - 1962 гг.): диссертация на соискание ученой степени кандидата исторических наук по специальности 07.00.03. - Всеобщая история. - Санкт-Петербург: Санкт-Петербургский государственный университет, 2015. - 219 с.
4. Терехов В.Ф. Территориальная проблема в китайско-индийских отношениях: истоки и современное состояние // Проблемы национальной стратегии. - 2011. - № 4 (9). - С. 57.
5. Чжун Жуй. Тибетский фактор в китайско-индийских отношениях во второй половине XX - начале XXI в.: автореферат дисс... канд. ист. наук. 07.00.03. - М., 2016. - 34 с.
6. Чэнь Чжихао. Китайско-индийские отношения конца XX - начала XXI в. (1988 - 2014 гг.): автореферат дисс... канд. ист. наук. 07.00.15. - М., 2015. - 26 с.
7. Шаумян Т.Л. Тибетский вопрос в китайско-индийских отношениях // Очерки международных отношений в Южной, Юго-Восточной Азии и на Дальнем Востоке (1945 - 1955 гг.). - М., 1975. -С. 152-172.
8. Шаумян Т.Л. Индийско-китайские отношения как фактор международной стабильности // Индия в глобальной политике. Внешние и внутренние аспекты: материалы научного семинара. - М., 2003. -С. 49-65.
9. Gopal S. Jawaharlal Nehru. A Biography. In 2 vols. - London: Jonatan Cape, 1979. - Vol. 2. - 248 p.
10. National Archives of India. Ministry of External Affairs. - 1950. - File 7(19) -N.E.F.
11. Nepal's Relations with India and China. Vol. 2. Documents 1947 - 1992. - Delhi: Siba Exim, 1994. -1428 p.
12. Panikkar K.M. In Two Chinas: Memoirs of a Diplomat. - London: George Allen and Irwin, 1995. - 183 p.
13. Pasricha A. China, India and Himalayan Border Stand Off. - URL: http:// www.voanews.com/a/china.
14. Political Thinkers of Modern India / Ed. by V. Grover. In 20 vols. Vol. 18 "Vallabhbhai Patel". - New Delhi: Deep and Deep Publications, 1992. - 566 p.
15. Roy N. Why Did Nehru Want the People's Republic of China in the United Nations? // The Pulse. 2018. April, 7. - URL: http: //www. thediplomat.com.

16. Sardar Patel's Correspondence 1945 - 1950. In 10 vols. - Ahmedabad: Navajivan Publishing House, 1975. - Vol. 10. - 595 p.
17. Select Documents of Asia Affairs: India, 1947 1950 // External Affairs. In 2 vols. Bombay, 1959. -Vol. 2. - 450 p.
18. Selected Works of Jawaharlal Nehru / Ed. by S. Gopal. Vol. 15. - New Delhi: Jawaharlal Nehru Memorial Fund, 1993. - Part 1. - 593 p.

НАҚШИ ВАЛЛОБҲАЙ ПАТЕЛ ДАР РУШДИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҲИНДУСТОН

Дар ин мақола саҳми Валлобҳай Пател — яке аз роҳбарони асосии ҳаракати истиқлолияти Ҳиндустон ва аввалин вазири корҳои дохилии кишвар — дар ташаккул ва рушди сиёсати хориҷии Ҳиндустон дар давраи баъд аз ҷанг баррасӣ мешавад. Ба таври махсус ба тафаккури сиёсӣ, кӯшишҳои ӯ барои таҳкими ваҳдати миллӣ ва тамомияти арзии кишвар, инчунин таъсири ӯ ба муносибатҳо бо давлатҳои ҳамсоя таваҷҷуҳ зоҳир мегардад. Гарчанде ки Пател вазифаи расмӣ дар соҳаи сиёсати хориҷиро ишғол намекард, равиши амалгароёна ва мавқеи қотеонаи ӯ нисбати як қатор масъалаҳои сиёсати хориҷӣ ба самти интихобкардаи давлати ҷавони Ҳиндустон таъсири назаррас расонд. Дар мақола андешаҳои ӯ дар бораи муносибатҳо бо Покистон, нақши ӯ дар масъалаҳои марбут ба Ҷамму ва Кашмир ва муносибаташ бо иттиҳодияҳо ва дипломатияи байналмилалӣ таҳлил мешаванд. Ин кор нишон медиҳад, ки Пател, дар канори Ҷавоҳирлол Нехру, дар муайянсозии самтҳои стратегии сиёсати хориҷии Ҳиндустон дар солҳои аввали истиқлолият, нақши муҳиме бозидааст.

КАЛИДВОЖАҲО: манфиатҳои миллӣ, марзи давлатӣ, Ҳиндустон, амният ва суботи минтақавӣ, истиқлолият, озодӣ, кудрат, сиёсат.

РОЛЬ ВАЛЛАБХАИ ПАТЕЛЯ В РАЗВИТИИ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ ИНДИИ

В данной статье рассматривается вклад Валлабхаи Пателя — одного из ключевых лидеров движения за независимость Индии и первого министра внутренних дел страны — в формирование и развитие внешней политики Индии в послевоенный период. Особое внимание уделяется его политическому мышлению, стремлению к укреплению национального единства и территориальной целостности, а также его влиянию на отношения с соседними государствами. Несмотря на то, что Патель не занимал официальной должности, связанной с внешней политикой, его прагматичный подход и твердая позиция по ряду внешнеполитических вопросов оказали значительное влияние на курс, выбранный молодым индийским государством. Анализируются его взгляды на отношения с Пакистаном, роль в вопросах, касающихся Джамму и Кашмира, а также подход к международным союзам и дипломатии. Работа подчеркивает, что Патель, наряду с Джавахарлалом Неру, сыграл важную роль в определении стратегических направлений внешней политики Индии в первые годы её независимости.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: национальные интересы, государственная граница, Индия, региональная безопасность, независимость, свобода, власть, политика.

THE ROLE OF VALLABHBHAI PATEL IN THE DEVELOPMENT OF INDIA'S FOREIGN POLICY

This article examines the contribution of Vallabhbhai Patel, one of the key leaders of India's independence movement and the first Minister of Home Affairs of the country, to the formation and development of India's foreign policy in the post-war period. Special attention is given to his political thinking, efforts to strengthen national unity and territorial integrity, as well as his influence on relations with neighboring states. Despite the fact that Patel did not hold an official position related to foreign policy, his pragmatic approach and firm stance on several foreign policy issues had a significant impact on the course chosen by the young Indian state. His views on relations with Pakistan, his role in matters related to Jammu and Kashmir, as well as his approach to international alliances and diplomacy are analyzed. The work emphasizes that Patel, alongside Jawaharlal Nehru, played an important role in shaping the strategic direction of India's foreign policy in the early years of its independence.

KEYWORDS: national interests, state border, India, regional security, independence, freedom, power, politics.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Қаландарзода Умед Қаландар*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси 2 – юми факултети таърих. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **988880966.**

Сведение об авторе: ***Каландарзода Умед Каландар*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса факультета истории. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **988880966.**

Information about the author: ***Kalantarzoda Umed Kalantar*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of History. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **988880966.**

ФАЛСАФА, ПСИХОЛОГИЯ ВА ПЕДАГОГИКА – ФИЛОСОФИЯ, ПСИХОЛОГИЯ И ПЕДАГОГИКА

РАВИШҲОИ НАЗАРИЯВИИ АДОЛАТИ ИҶТИМОӢ

Бибиҷони М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Адолат маҳфумест, ки талаботи мувофиқ гардонидани байни нақшаҳои амалии фардҳои алоҳида (табақаҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ) дар ҳаёти иҷтимоӣ ва вазъи иҷтимоии онҳо, байни ҳуқуқу уҳдадории онҳо; меҳнат ва ҳавасмандкунӣ, хизматҳо ва шинохти ҷамъиятии он; ҷиноят ва ҷазоро ифода мекунад.

Амалигардонии принсипҳои адолати иҷтимоӣ маънои васеъ гардонидани имкониятҳои инкишофи қобилияти шаҳрвандон ва мувофиқ ба он интихоб намудани намудҳои фаъолият, такмили низоми тамоюли касбии ҷавонон, ҳамаи намудҳои таёрии касбӣ, низоми мутобиқгардонии ҷавонон дар коллективҳои меҳнатӣ ва ғайраро дорад.

Амалигардонии адолати иҷтимоӣ дар он зоҳир мегардад, ки ҳар як аъзои ҷомеа аз ҳисоби меҳнати худ воситаҳои барои зиндагӣ заруриашонро тавонанд ба даст оваранд ва он нафароне, ки ба фаъолияти меҳнатӣ омодагӣ мегиранд ва ё қобили меҳнат нестанд аз ҳисоби давлат таъмин гарданд. Мувофиқ ба адолати иҷтимоӣ низоми гуногуни музди меҳнат ва тақсимоти даромадҳо чунин ба роҳ монда мешавад, ки миқдори неъматҳои ба дастовардаи инсон ба миқдор ва сифати меҳнаташ мувофиқ бошад. Бо назардошти адолати иҷтимоӣ на танҳо музди меҳнат, балки дигар неъматҳо бояд вобаста ба хизматҳои меҳнатии одамон тақсим карда шаванд.

Адолати иҷтимоӣ дар он таҷассум меёбад, ки аъзои ҷомеа воситаҳои рӯзгузаронии худро аз ҳисоби меҳнати шахсиашон ба даст меоранд ва онҳое, ки ба ҷодаи фаъолият қадам мегузоранд ва ё корношояманд (қобилияти меҳнатии худро гум кардаанд) аз ҳисоби ҷамъият таъмин карда мешаванд. Мутобиқи талаботи адолати иҷтимоӣ тақсимоти даромадҳо чунин амалӣ мегардад, ки ҳаҷми манфиатҳои мегирифтагии одамон ба сифат ва миқдори меҳнати онҳо баробар бошанд. Тибқи адолати иҷтимоӣ на танҳо пардохти музди меҳнат, балки дигар манофеъ низ бояд бо назардошти саҳми меҳнатии инсон тақсим карда шаванд. Татбиқи адолати иҷтимоӣ дар соҳаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ аҳаммияти калонро доро аст. Ба маънои дигар зери маҳфуми адолати иҷтимоӣ ба ҳамаи шаҳрвандон фароҳам овардани имкониятҳои иштирокнамоӣ дар идораи ҳаёти иҷтимоии ҷомеа, ҳангоми қабули қарорҳои муҳим ба инобат гирифтани манфиатҳои онҳо дар назар дошта мешавад.

Адолати иҷтимоӣ ба ҳолате дар як ҷомеа ишора мекунад, ки дар он ҳамаи одамон, бе таваҷҷуҳ ба нажод, ҷинс, дин, забон ва ё мансубият, ба имкониятҳои баробари иштирок дар ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ дастрасӣ доранд. Ба таври дигар, адолати иҷтимоӣ маъзарати баробарии ҳуқуқ ва имкониятҳоро дар ҳама ҷанбаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таъкид мекунад. Бояд дар хотир дошт, ки ҳар фард бояд дар чаҳорчӯбаи низомҳои қонунӣ ва иҷтимоии самаранок имконият ва манфиатҳоро тавассути ҳуқуқҳои инсонӣ ва қадр кардани арзишҳои ахлоқӣ эҳсос кунад.

Оид ба адолати иҷтимоӣ андешаҳои муҳаққиқон гуногунанд. Дар таълифоти фалсафаи қадим, ғояҳои адолат дар Афина ва Рим бо назароти фалсафӣ дар бораи ҳуқуқ, ҳақ ва масъулият мувофиқ фаҳмида мешуд. Дар миёни афкори маъруфи замонҳои қадим ба монанди Суқрот, Афлотун ва Арасту, адолат бештар ба муносибатҳои ахлоқии байни инсонҳо ва як фарди ҳоким асос меёфт. Афлотун, барои намуна, дар китоби "Давлат" (The Republic) адолатро ҳамчун тартиби дуруст дар ҷамъи инсонӣ мебинад, ки ҳар кас вазифаи худро иҷро мекунад ва ба ӯ ҳаққи баробар дода мешавад [6].

Дар давраи асрҳои миёна бошад, мафҳуми адолат бештар бо фаҳмиши динӣ пайваст буд. Дар Ренессанс ва замонҳои гузариш, идеяи адолат дар контексти инсонгароии нав ва озодии инсонӣ тарҷума ёфт, ки бо ҷудо кардани қонун ва давлат аз дин ва эҷоди муассисаҳои иҷтимоии баробар, барои шахсият ва ҳуқуқи инсон муваффақ шуд [5].

Бо рушди назарияҳои равшан оид ба адолат дар фалсафаи сиёсӣ, ҳамчун барои намуна, назарияи адолатии Ҷон Ролз, ки мувофиқи он ба одамон шароити баробар дар мавқеи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ медиҳад, баён шудааст [1].

Бо вуҷуди таҳаввулоти назарии адабиёти иҷтимоӣ ва сиёсӣ, принсипи муҳимми адолати иҷтимоӣ ин баробарии ҳуқуқ, муносибатҳои шаффоф дар ҳамаи марҳилаҳои ҷамъиятӣ мебошад.

Яъне, адолати иҷтимоӣ мафҳуми муҳимми фалсафии сиёсӣ ва иҷтимоӣ аст, ки ба тавсифи тақсими одилонаи сарват, фурсатҳо ва ҳуқуқҳо дар ҷомеа мепардозад. Равишҳои асосӣ барои фаҳмиши адолати иҷтимоӣ аз назарияҳои гуногун иборатанд, ки ҳар яке ба таври худ мафҳуми адолат, ҳуқуқҳои инсонӣ ва нақши давлатро шарҳ медиҳанд.

Ҷон Ролз дар китоби худ "Назарияи адолат" (1971) мафҳуми "адолати иҷтимоиро ҳамчун ҳисобу китоб" (justice as fairness) пешниҳод мекунад. Ӯ ба он назар аст, ки одамон дар заминаи "пардаи нодонӣ" (beil of ignorance) қарор доранд, яъне онҳо намедонанд, ки дар ҷомеа кадом ҷойгирӣ хоҳанд дошт. Дар ин шароит, онҳо ду принсипро интихоб мекунанд: 1) ҳар як шахс бояд ҳуқуқҳои асосии баробари озодии инфиродӣ дошта бошад; 2) нобаробариҳои иҷтимоӣ бояд ба манфиати камтарбахштаринҳо бошад ва ба ҳама фурсатҳои баробар дошта бошад [1].

Файласуф ва ҷомеашиноси машҳури Олмон К. Маркс адолати иҷтимоиро дар заминаи бартарии системаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мефаҳмад. Ӯ мегӯяд, ки дар ҷомеаҳои капиталистӣ, нобаробарии иқтисодӣ ба нобаробарии иҷтимоӣ манбаъ меёбад. К. Маркс барои барҳам додани ин нобаробариҳо ва таъсиси ҷомеаи бесинфӣ (коммунизм) даъват мекунад, ки дар он ҳамаи истеҳсолот ва сарват ба таври муштарак ба коргарон тааллуқ доранд [2].

Ҳамчунин, назарияҳои муосир, аз ҷумла сотсиал-демократия, барои тақсими одилонаи сарват ва фурсатҳо аз тариқи сиёсатҳои давлатӣ, монанди системаҳои мустаҳками андоз ва хидматҳои иҷтимоӣ даъват мекунанд. Онҳо барои таъмини баробарии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ бо ҳифзи ҳуқуқҳои демократӣ ҳаракат мекунанд.

А. Макинтайр барои аҳаммияти арзишҳои муштараки ҷомеа ва ҳифзи анъанаҳо даъват мекунад. Ӯ мегӯяд, ки адолат бояд аз арзишҳои ҷомеа ва ҳифзи ҳуқуқҳои инфиродӣ баромада бошад. А. Макинтайр бар зидди индивидуализми либералӣ мебошад ва барои аҳаммияти ҷомеа ва анъанаҳо даъват мекунад [7].

Ҳар як равиш ба таври худ ба мафҳуми адолати иҷтимоӣ ва нақши он дар ҷомеа таваҷҷуҳ мекунад. Ин равишҳо метавонанд барои таҳлили мушаххаси масъалаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ аҳамияти калон дошта бошанд. Адолати иҷтимоӣ яке аз арзишҳои асосии ҷомеаи муосир аст, ки ба таъмини баробарии имкониятҳо, тақсими одилонаи захираҳо ва ҳифзи ҳуқуқҳои асосии инсонӣ раҳнамоӣ мекунад. Ин мафҳум дар маркази ҳамаи гуфтушунидҳо дар бораи ташкили ҷомеаи одилона ва устувор қарор дорад. Аммо, дар асри ҳозира, афзоиши нобаробарии иҷтимоӣ, тафовутҳои иқтисодӣ ва дастрасии нобаробар ба захираҳо ин арзишро бо мушкилоту ривоҷҳо рӯ ба рӯ кардаанд.

Нобаробарии иҷтимоӣ бо тафовутҳои калони даромадӣ, камбудии дастрасӣ ба таҳсил ва тандурустӣ ва номусоидии фурсатҳо зоҳир мешавад. Ин мушкилот метавонанд ба афзоиши шиддати иҷтимоӣ, камшавии эътимоди байни ҷомеа ва таҳдиди устувории сиёсӣ оварда расонанд. Барои ҳалли ин мушкилот, омӯзиши адолати иҷтимоӣ ва татбиқи он дар сиёсати ҷомеа аҳаммияти калон дорад.

Барои таъмини адолати иҷтимоӣ, бояд ба сиёсати баробаркунанда, таъмини дастрасии баробар ба таҳсил ва тандурустӣ, қонунияти адолатманд ва ҳамкории байналмилалӣ таваҷҷуҳ кард. Ин амалҳо метавонанд ба кам кардани нобаробариҳо, таъмини фурсатҳои баробар ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсонӣ мусоидат кунанд.

АДАБИЁТ

1. Ролз, Дж. Теория справедливости / Дж. Ролз. – М., 2010.
2. Маркс, К. Капитал / К. Маркс. – М., 1989.
3. Нуссбаум, М. Создание возможностей / М. Нуссбаум. – М., 2010.
4. Сэндел, М. Справедливость: Что значит делать правильные вещи / М. Сэндел. – М., 2013.
5. Официальные документы ООН и МОТ по вопросам социальной справедливости.
6. Назар М.А. Адолати иҷтимоӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ Маводи №2.2021 Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
7. Макинтайр А. После добродетели / А. Макинтайр. - М., 2000.

РАВИШҲОИ НАЗАРИЯВИИ АДОЛАТИ ИҶТИМОӢ

Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои назариявии адолати иҷтимоӣ мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳамчунин, муаллиф қайд намудааст, ки адолати иҷтимоӣ яке аз мафҳумҳои муҳим ва мубрам аз давраи пайдоиши қадимтарин ҷомеаи инсонӣ вуҷуд дошт ва то имрӯз аҳаммияти худро гум намудааст. Таҳқиқ ва амалишавии усулҳои гуногуни равишҳои назариявӣ ва татбиқи адолати иҷтимоӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ яке аз масъалаҳои муҳим мебошад.

КАЛИДВОЖАҲО: адолати иҷтимоӣ, сиёсати иҷтимоӣ, ҷомеа, принсипҳои адолати иҷтимоӣ, ҷинс, сиёсӣ, ҳуқуқӣ, лоиҳа, баробарӣ.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ПОДХОДЫ К СОЦИАЛЬНОЙ СПРАВЕДЛИВОСТИ

В данной статье изучаются и обсуждаются теоретические аспекты социальной справедливости. Автор также отметил, что социальная справедливость является одним из важнейших и актуальных понятий с момента возникновения древнейшего человеческого общества и не утратила своего значения по сей день. Изучение и внедрение различных теоретических подходов, а также реализация социальной справедливости в общественной жизни являются важными вопросами.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: социальная справедливость, социальная политика, общество, принципы социальной справедливости, гендер, политический, правовой, проект, равенство.

THEORETICAL APPROACHES TO SOCIAL JUSTICE

This article examines and discusses the theoretical aspects of social justice. The author also noted that social justice has been one of the most important and relevant concepts since the emergence of ancient human society and has not lost its significance to this day. The study and implementation of various theoretical approaches, as well as the implementation of social justice in public life are important issues.

KEYWORDS: social justice, social policy, society, principles of social justice, gender, political, legal, project, equality.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Бибиҷони М.*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети фалсафа. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **901 51 23 23.**

Сведения об авторе: ***Бибиджони М.*** - Таджикский национальный университет, магистр второго курса философского факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон: **901 51 23 23.**

Information about the author: ***Bibijoni M.*** - Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Philosophy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave.,17. Phone: **901 51 23 23.**

ФАРҲАНГИ ОРИЁӢ САРЧАШМАИ ТАЪЛИМОТИ АХЛОҚИИ ПАЙРАВОНИ МАШШОИЯИ ШАРҚӢ

Азиззода М.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Фарҳангу тамаддуни ориёӣ, ки аз ҷониби ҷаҳониён яке аз қадимтарин тамаддунҳо ва сарчашмаи муътамади фарҳанги маънавии башарият эътироф гардидааст, то кунун арзиш ва муҳиммияти худро нигоҳ медорад. Ба андешаи Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Ниёгони мо яке аз куҳантарин тамаддунҳои ҷаҳониро офаридаанд, ки бар пойдевори “пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек” устувор буд. Гузашта аз ин, онҳо низоми мукаммали давлатдорию идорот, санъати асили меъморию шаҳрсозӣ, тарзи мутамаддину оқилонаи муносибати байни миллатҳо, эҳтироми озодии мазҳабҳову равияҳои гуногун ва риояи оинҳои мухталифи динӣ, инчунин ҷараёну мактабҳои гуногуни илмию фалсафӣ ба мерос гузоштаанд” [10; с.12-13].

Воқеан, ҷаҳоншиносии мардумони ориётабор аз зумраи афкори хусусияти ратсионалидошта ва сарчашмаи рушди афкори ақлгароёна ба ҳисоб меравад. Фарҳангу маънавиёти тоисломии миллати тоҷик дар арсаи тамаддуни башарӣ ҷойгоҳи намоён дошта, унвони тамаддунофариро соҳиб гардидааст. Ин тамаддун имрӯз ворисони худро дошта, аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳайси тамаддуни инсонпарвар ва фарҳангсолор шинохта шудааст. Аз ин ҷиҳат, таҳқиқ ва шинохти воқеии дастовардҳои арзишноки маънавии фарҳанги ориёӣ, ба хусус, масоили марбут ба ахлоқ ва камолоти маънавии инсон, инчунин таъсири он ба фалсафаи амалии асримиёнагии тоҷик муҳимму зарурӣ мебошад. Ба андешаи М. Музаффарӣ «Фарҳанги ориёӣ, ҳам аз ҷиҳати гуногунии мавзуъ ва ҳам аз ғунҷоиши маънӣ баҳри беканор аст. Дар ин фарҳанг фалсафа бо ҳама шохаҳояш - ҳастишиносӣ, маърифатшиносӣ, илоҳиёт, фалсафаи табиат, антропология, мантиқ ахлоқ ва зебоишиносӣ ба дараҷаи мактабҳои мустақили фалсафӣ ташаккул ёфтааст. Ин мактабҳо самти фикрии фалсафа ва дину оини Ведоиро ташаккул дода бошанд ҳам, афкори пандомези авестоӣ мазҳабу равияҳои мухталифи фалсафию диниро ба миён овардаанд [3; с.3].

Ҷоиз ба зикри хосса аст, ки фарҳанги ориёӣ ҷанбаҳои муҳимми фалсафиву маърифатшиносӣ ва ахлоқиву инсоншиносӣ дошта, дар хазинаи тамаддуни башарӣ ҷойгоҳи махсуро ишғол намудааст. Танҳо зарур аст, ки ба ин равзана аз дидгоҳи илмиву таҳқиқӣ назар афканда, ба ҷаҳониён исбот намоем, ки таърихи мо якҷо бо маънавиёт ва фарҳангофарӣ оғоз гардида, аз таассуботу хурофот дур аст. Ин нуктаро дар китоби арзишманди худ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таъкид карда гуфта буд, ки «омӯзиши тамаддуни ҳар як халқ, аз як тараф, бо бою ғанӣ гардидани тамаддуни башарӣ, ки аз маҷмуи тамаддунҳои халқҳои ҷаҳон иборат аст, мусоидат мекунад, аз тарафи дигар, ташаккулу инкишофи маданияти ин ё он халкро дар масири таърих муайян карда, саҳифаҳои дар зери ғубори фаромӯшӣ мондаи онро таҷдид менамояд» [5; с.3].

Ҷаҳонбиниву ҷаҳоншиносӣ ва арзишҳои маънавии пургановати мардумони ориётабор, ки дар адабиёти илмиву таърихивӣ бо номи «Ҳикмати озодагон», «Ҳикмати пешдодиён», «Ҳикмати қонунпешагон», «Ҳикмати Хусравонӣ» ва «Эрони бузург» ёд мешавад, саршор аз ривояту устура, достонҳои ҳамосӣ, корномаҳои қаҳрамонию паҳлавонӣ буда, дар онҳо унсурҳои муҳимми ташаккули афкори ахлоқӣ, маърифатӣ, эстетикӣ ва камолоти маънавиро мушоҳида намудан мумкин аст. Файласуфи англис Бертран Рассел қайд мекунад, ки «барои фаҳмидани марҳила ва таърихи миллат мо бояд устура ва фалсафаи онро дуруст дарк намоем» [6; с.7]. Маҳз дарки дурусти арзишҳои нуҳуфта дар ривоёту тахайюлот ва достонҳои устуравиву мазҳабии ҷаҳонбинии ориёӣ метавонад чеҳраи воқеии ҷаҳоншиносии хусусияти илмидоштаи мардумони ориётаборро бозтоб намояд. Яъне, исбот намудан мумкин аст, ки арзишҳои нодире дар ин ҷаҳонбинӣ нуҳуфтааст, ки воқеан баҳри тарбияи дурусти насли муосир хизмат менамоянд. Дар ин ҷаҳонбинӣ дӯст

доштани зиндагӣ, эҳтиром ба насли инсонӣ, эҳтиром ба табиату муҳити атроф ва муносибати бошуурона ба ҷаҳони воқеиро дар замири ҷавонони муосир парваридан масъулияти аҳли илму таҳқиқ бояд бошад. Ин ва дигар хусусиятҳое ҳастанд, ки аз мавқеи марказӣ доштани ахлоқ дар ҷаҳонбинии тоисломии мардумони ориёитабор дарак медиҳанд. Ҳамзамон, ташаккул додани сифатҳои иҷтимоии шахс, на танҳо дар муносибат ба аҳли ҷомеа, инчунин зимни муносибат бо муҳити атроф низ муҳим дониста мешаванд.

Масъалаи ташаккули сифатҳои ахлоқиву иҷтимоии дар фарҳанги тоисломии тоҷику форс дар шакли консепсияи муайян тадвин гардида, дар рушди афкори ахлоқии мутафаккирони баъдӣ, аз ҷумла асримиёнагии тоҷик саҳми бориз гузоштаанд. Истифода аз ақоиду таълимотҳои арзишманди ниёгон, алалхусус, зардуштия ва таълимоту ҷараёнҳои фарҳанги ориёӣ аз ҷониби мутафаккирони асримиёнагӣ бараъло мушоҳида мегардад. Махсусан, консепсияи ахлоқии “пиндори нек”, “гуфтори нек” ва “рафтори нек” сарчашмаи асосии таълимоти мутафаккирони асримиёнагӣ қарор гирифта, дар доираи ҳамин консепсия таълимоти худро доир ба ташаккули сифатҳои ахлоқӣ ва иҷтимоии шахс ба низом даровардаанд.

Масоили марбут ба ахлоқ ва ташаккули фазилату сифатҳои ахлоқиву иҷтимоии шахс дар фарҳанги тоисломии тоҷикон, ҳанӯз аз андешаҳои асотирӣ сарчашма мегиранд. Дар боби 15-уми китоби Бундаҳишн гуфта шудааст, ки: «Он гоҳ, Аҳурамаздо равонро, ки пеш аз пайкар офарида буд, дар колбади Мошиё ва Мошиёна бидамид ва онон ҷондор гаштанд. Пас, ба онон гуфт: «Шумо падар ва модари мардуми ҷаҳон ҳастед! Шуморо пок ва комил биофаридам. Ҳар ду андеша ва гуфтор ва кирдори нек ба кор бандед». Пас Мошиё ва Мошиёна аз ҷойи худ ба ҳаракат омаданд ва худро шустушӯ карданд..» [7; с.278].

Тавре мушоҳида мешавад, падару модари ҷаҳонро зарур аст, ки аввалан, пок ва комил бошанд ва пасон, андеша, гуфтор ва рафторашонро некӯ кунанд. Таъкиди Аҳура Маздо дар мавриди он, ки «Шуморо пок ва комил биофаридам. Ҳар ду андеша ва гуфтор ва кирдори нек ба кор бандед», дорои арзиш ва ҳикмати баланд мебошад. Метавон гуфт, ки мафҳумҳои истифодашуда дар ин ривоят ҳамагӣ ба тарбияи инсон дар ҷодаи некӣ, шинохти моҳият ва муҳтавои некию бадӣ ва камолоти ахлоқию иҷтимоӣ равона шудаанд. Ҳамин аст, ки тамаддуни ориёиро тамаддуни инсонмеҳвар, ростин, покизаву беолоиш ва гуманистӣ номидаанд.

Агар, маншаи асосии ташаккули сифатҳои ахлоқӣ ва иҷтимоии шахс ва пояҳои асосии ростию порсоиро дар таълимоти зардуштия дида бароем, ҳафт рукни ростиву ҳафт пояи порсоиро ба шарҳи зер мушоҳида намудан мумкин аст: 1) аз маншаи нек офарида шудани ҷаҳони ҳастӣ (боварӣ ба низоми мавҷудаи ҳастӣ дар олами ҳастӣ); 2) ҷузъе аз ҷаҳони ҳастӣ будани инсон; 3) дар тоати низоми ҳастӣ будани равону маниши одамӣ (ҳамоҳангии низоми ҳастӣ ва ҳаёти ҷомеа); 4) пайрави низоми ҳастӣ будани афроди некманиши ҷомеа (интихоби маниши нек дар ҳаёти ҷомеа); 5) пирӯзию тавоноӣ дар роҳи мубориза бо беназмию нобасомонӣ (нақши ростиву дурустӣ дар низоми ҳастӣ); 6) риояи низоми ахлоқӣ ва 7) оромиши равон (появу хамираи хушбахтӣ будан равон дар олами гетӣ). Ин ҳафт зинаи ростиву порсоӣ камолоти маънавиро таъмин ва равони инсони комилро ба Аҳуромаздо хоҳад пайваст. Аз ин рӯ, Аҳуромаздоро гавҳари ҳастӣ, Шаҳриварро ҳамоҳангӣ ва тазоди ҳастӣ, Исфандро ягонагии ҳастӣ, Фарвардинро пӯйиши ҳастӣ ва Хурдоду Мурдодро омочи ҳастӣ меноманд.

Аз низоми муайянкардаи зардуштия бармеояд, ки ҳамагӣ таҳқиқи масоили ҳастишиносиву маърифатшиносӣ ба инсон нигаронида шуда, аз ахлоқи неку сарчашма мегиранд. Нақши ростиву дурустӣ дар низоми ҳастӣ, ростиву порсоӣ сартопо ба хушбахтии инсон нигаронида шудаанд, ки масъалаи мазкурро мутафаккирони асримиёнагии тоҷик бо истилоҳи «саодат» ифода намуда, таълимоти ахлоқии худро бо он устувор ва мақсади ниҳоии хешро ба он равона намудаанд.

Садҳо андешаҳои арзишманде аз ҷониби мутафаккирони асримиёнагӣ, алалхусус, пайравони мактаби машшоия дар мавриди ростиву порсоӣ, покиву покдоманӣ ва саодату растагорӣ ироа гардидаанд, ки ҳамоҳанг бо ҳикмати ахлоқии ниёгон ва гувоҳӣ аз он медиҳанд, ки ҳамагӣ таъсирпазир аз ҳикмати оламшумули ориёӣ гирифтаанд.

Инсоншиносии зардуштиро андешаи нек ва ростию порсоии худи инсон ташкил мекунад. Чунин фаҳмидан мумкин аст, ки ҷанбаи ахлоқии дини зардуштӣ олитар ва шигифтангезтар аз ҷанбаи динӣ ва илоҳиёти он мебошад. Озодии иродаи инсон ва ихтиёри ӯ дар гузиниши роҳи неку бад, ӯро тарроҳ ва муайянкунандаи сарнавишти хеш гардондааст. Аммо, чун кеши зардуштӣ оини «беҳӣ» аст, он бо созмон додани олами миноию гетӣ аз пайравонаш тақозо дорад, ки бояд роҳи некро баргузинад ва танҳо дар чунин ҳолат ӯ ризоияти Аҳуромаздоро ба даст оварда метавонад.

Айни чунин фаҳмиш дар фарҳанги асримиёнагии тоҷик ба чашм мерасад, аз ҷумла: «Худованд пок аст ва поконро дӯст медорад». Дар ҷаҳоншиносии оини зардуштӣ «таслис»-и ахлоқии «Андешаи нек, гуфтори нек ва рафтори нек» посух ба яке аз се матлаби муҳимми дар боло ёдшудаи антропологӣ роҷеъ ба табиати инсон мебошад, ки ба саволи «инсон бояд чи гуна зиндагӣ кунад?» - ҷавоби дақиқ ва раднашаванда додааст. Дар фалсафаи асримиёнагии тоҷику форс саволи мазкурро асл ва бунёди фалсафаи амалӣ дониста, консепсияи фазилатҳои ахлоқиро дар робита ба он таҳия кардаанд. Ҳикмати зиндагии инсон, чигунагии зиндагӣ, дарёфти хушбахтӣ, саодат ва касби мақому ҷойгоҳи ҷамъиятӣ ҳамагӣ аз посух ба саволи «инсон бояд чи гуна зиндагӣ кунад?» сарчашма мегиранд.

Аз «таслис»-и андешаи нек, гуфтори нек ва рафтори нек дар оини зардуштӣ ду нуктаи муҳимми дигари антропологӣ сар мезанад, ки ба вазифаҳои ахлоқии инсони порсо марбутанд. Нуктаи аввал чунин аст: «танҳо касе хуб аст, ки он чиро ба худ раво намедорад, барои дигарон низ раво надорад» ва нуктаи дуюм чунин садо медиҳад: «аввал ин ки марди доно душмани худро дӯст гардонад, дигар ин ки одами палидро покиза созад ва сеюм одами нодонро доно кунад» [4; с.112].

Назарияи мазкур низ дар ташаккули афкори ахлоқию иҷтимоии мутафаккирони асримиёнагии тоҷику форс саҳми назаррас гузоштааст. Аз ҷумла, назарияи таҳаммулпазирӣ, дӯст доштани инсон, хоксорӣ, дурӣ аз такаббур, худхоҳӣ ва монанди инҳо, ки ҷавҳари таълимоти ахлоқии мутафаккирони асримиёнагиро ташкил медиҳанд, дар таъсирпазирӣ аз таълимоти зардуштӣ нигошта шудаанд. Сифатҳои ахлоқии зикршуда, агар аз як ҷониб барои рушди шахсияти инсон боис гарданд, аз ҷониби дигар сифатҳои иҷтимоии шахсро низ ташаккул медиҳанд.

Зардушт ҷиҳати ташаккули шахсият ҳамаро фаро хонда, ки роҳи некию ростиро интихоб намоянд ва аз бадию дурӯғ дурӣ ва канораҷӯӣ кунанд. Дар ин бора дар Готҳо омада: «Эй Маздо, он роҳе, ки аз сӯйи ту оварандаи онам, роҳи ростист, роҳест, ки суди одамӣ дар он аст. Аммо он роҳи дигар роҳи дурӯғ аст, роҳе, ки ҷуз зиёну табоҳӣ баҳраи дигаре намедиҳад. Ин сон аст, ки орзумандам то мардумон ба роҳи ростӣ бираванд ва ба ҳамаи неру аз роҳи дурӯғ бипарҳезанд, аз он роҳе, ки мардумонро ба хашму бедод меангезад…» (Ясно, ҳоти 49/3). Дар ҷойи дигар ин масъала боз ҳам возеҳтар баён шудааст: «Инак гӯш фаро диҳед ва суханамро бишнавед, эй касоне, ки барои шунидан гирд омадаед; сухан мегӯям аз он ду гуфтор ва он ду шеваи зистан… бо андешаи равшан бингаред, марду зан боясти худ инчунин бо ройзании худ ва андеша роҳи худро баргузинанд, инчуни аст омӯзаҳоям». (Ясно, ҳоти 30/1)

Яке аз сифатҳои муҳимтарини ахлоқӣ дар таълимоти зардуштия масъалаи озодӣ аст, ки дар фалсафаи асримиёнагӣ боиси пайдо шудани мубоҳисаҳои зиёд гардидааст. Аммо, дар нисбати ихтиёр намудани ахлоқ қариб ҳамагӣ бо таълимоти зардуштия розӣ ҳастанд. Гузиниши озоди инсон ба неку бад бузургтарин арзишест, ки дар дини зардуштӣ паёмбари он барои пайравонаш ироа намудааст. Ӯ ҳатто гароидан ба дини зардуштиро озод гузошта, таъкид мекунад, ки ҷавонон баъди ба синни балоғат расидан бо ихтиёри худашон динашонро интихоб кунанд ва паймони гароидан ба онро дар маросими расмии садрапӯшӣ таъйид менамояд. «Ин озодии ирода на фақат башарро аз ҳисори қазову қадар озод сохта, бофтаи тору пуди зиндагонии ҳар касро ба уҳдаи худаш супурдааст» [7; с.201]. Вилл Дюрант ба ин масъала аҳаммияти махсус дода, ба «кирми нотавон» ва ё дастгоҳи механикӣ монанд будани инсони асрҳои миёнаро таъкид намуда, аз ҷумла навиштааст, ки «дар мазҳаби Зардушт озодии ирода ҷой дошта ва Аҳуромаздо хостааст, ки инсонҳо шахсияти мустақиле

бошанд ва ба фикру андешаи худ кор кунанд ва дар торики равшноӣ ё торики дурӯғ гом ниҳанд» [2; с.85].

Мутафаккирони асримиёнагии тоҷик натавонистанд ин ҷанбаи таълимоти зардуштияро мукаммал гардонанд, вале онро ҳамчун унсури муҳимми ахлоқиву иҷтимоӣ муаррифӣ кардаанд. Яъне, инсони асримиёнагӣ дар инзивои фарҳанги динӣ қарор дошта, комилан озодии иродаро ҷонибдорӣ карда наметавонист. Муҳити фарҳангии динмеҳвар имконият намедод, ки мутафаккирон арзиши озодиро ба таври бояд ошкор ва онро ҳамчун сифати ахлоқиву иҷтимоӣ арзёбӣ намоянд. Аз ин лиҳоз, ба хотири ҳифзи ҷони худ аз озодии пешниҳоднамудаи зардуштӣ худдорӣ ва онро дар шакли пардапӯшона ироа менамуданд. Аз ҷумла, сидқ пеш ор, ки ихлос ба пешноӣ нест… ва ё тавофи каъбаи дил кун.

Ҳамин тариқ, андешаи набарди хайру шар дар олами миноӣ ва гетӣ дар ҷаҳоншиносии тоисломӣ фақат бори мазҳабиро намекашад ва дар ин ҷо «мазҳаре аз дарки андешаҳои диалектикии набарди мутазодҳо» [4; с.121] ниҳон аст. Дар афкори ахлоқӣ ин тазодҳо дар шаклҳои гуногун зоҳир мешаванд, ки ба таври хулоса маҷмуи онҳоро ахлоқи ҳамида ва ахлоқи разила номидан мумкин аст. Зеро некиву бадӣ дар ниҳоди башар вуҷуд дошта, ҳаққу ботил аз аввали пайдоиши ҷомеаи инсонӣ амал мекунад ва маҳз тавассути ин моҳияти иҷтимоии инсон кушода мегардад.

Ба иллати он ки инсон дар оини зардуштӣ дар фитрати илоҳӣ ва тасвири ахлоқии офаридгор халқ шудааст, ӯ дар олами моддӣ метавонад ба сайри такомули худ бипардозад, вале ин камолҷӯӣ ба як силсила муборизаву муҷоҳидаҳо рӯ ба рӯ хоҳад буд. Чун танҳо некӣ кардан ва бархурдор будан аз хирад барои инсон кофӣ нест, ӯ бояд тавре ин амали некро анҷом диҳад, ки дигарон аз он баҳра баранд ва дар ин рӯҳия тарбия гиранд. Яъне, ташаккули сифатҳои ахлоқиву иҷтимоӣ на танҳо дар шакли назария, балки дар амалия низ роҳандозӣ мегардад. Дар саросари Готҳо ва дигар навиштаҳои зардуштӣ се асли асосии зардуштӣ - андешаи нек, гуфтори нек ва кирдори нек тараннум шуда, ҳамчун сифатҳои олитарини ахлоқӣ, ки фазилатҳои дигар аз онҳо сарчашма мегиранд. Пайравони оини ростӣ онҳоро ҳамчун ҷавшану сипари худ дар мубориза бо нируҳои аҳриманӣ бояд истифода баранд. «Нек бош дар ҷомаву тану хонаву зиндагӣ ва ба андешаву гуфтору кирдор ва бо дилу ҷон некандеш бош» [4; с. 129]. Ин шиори оини зардуштӣ дар банди шашуми катибаи нақши Рустам ба бадӣ муқобил гузошта шуда, рӯйи тахтасанге чунин ҳак шудааст: «Бад макун, бад маяндеш ва ситамкор мабош, дурусткору дурустрафтор бош». Некиву бадӣ ҳамчун ду мақулаи мутазоди асосии ахлоқии оини зардуштӣ дар ҷаҳони моддӣ ҳама вақт дар ҷангу ситезанд. Ҳаракату барҳӯрд, муборизаву мубодила ва кавну фасод дар оини маздаясно ҷанбаи гетиёна ба худ касб кардаанд. Дар Готҳо омадааст: «Инак, эй мардумон, ба оине, ки худованди ҷону хирад аст, нек бингаред, нек биандешед, фармонҳоро нигаҳ доред, ба хушиву ранҷи инҷаҳонӣ бингаред, дар подоши неки вопасин ва мукофоти дерпои бадкорон ба жарф андеша кунед, он гоҳ аст, ки ин роҳро бархоҳед гузид, роҳе, ки беҳзистии ҷовидонӣ ҳамроҳ дорад» (Ясно, ҳоти 30/11).

Тинати инсонӣ набояд мутеи бадӣ бошад, зеро бадӣ ба қувваи шарр «яксара моҳияту сиришти манфии мухарриб дорад» ва мавҷудоти бад ё худ гавҳари палид, махлуқоти суқуткарда аз худо нест ва он дар мартабаи поинтар аз Аҳуромаздо, дар радифи Спента Майню қарор дорад. Аз ин рӯ, дар олами моддӣ, тибқи таълимоти антропологии оини зардуштӣ, дар муборизаи ин ду қувва некӣ ногузир бар бади пирӯз хоҳад шуд ва саодати абадӣ барқарор хоҳад гашт. Вале ин ғалабаи некӣ бар бадӣ ва хайр ба шарр бидуни муборизаву набарди қувваҳои мазкур анҷом нахоҳад пазируфт. Агар инсон зиндагии худро бар мабнои некӣ устувор созад, афкору ақидаҳои нек дошта, мусаллат ба донишҳои аҳуроӣ шуда бошад, табиист, ки дар калому рафтори ӯ ҳеҷ гуна олудагиҳои ахлоқӣ мушоҳида намешавад, дар зиндагӣ муваффақ ва дар ҳаёти маънавӣ фараҳманд хоҳад шуд [1; с.67].

Шаҳриёри аҳуроӣ (инсони иҷтимоӣ), ки умури мамлакатро ба уҳда дорад ва ҳокимиятро партави худовандӣ медонад, бояд сифатҳои муҳимтаринеро аз қабили ақли солим, ахлоқи нек, қувваи авф ва худдорӣ аз ҳар гуна таҳқир, муҳаббат нисбат ба раият, муносибати хуб бо роҳбарони вилоятҳо, содир намудани фармонҳои одилона, саховатманд, нотарсу шуҷоъ, назоратпеша ва итоати том ба худованд дошта бошад. Чунин шаҳриёр

метавонад «фарри каёнӣ»-ро ба даст гирад, кишварро обод ва аз таҳдиди душманон эмин нигоҳ дорад. Дар Готҳо дар бораи шаҳриёрии Кай Виштосп чунин омада: «Эй Зардушт, кист он ки дар миёни покравон дӯстарин аст барои ту, кист он ки миёни анҷумани бародарон имони устувортар дорад, ӯ Кай Виштосп аст, ки саранҷом имонаш барои роҳи ростӣ ва покдоманӣ басе ғанимат аст ва Зардушт сурудҳои неки худро месарояд…» (Ясно, ҳоти 46/11). Агар хулосаи ин гуфтаҳоро баён сохта хулоса намоем, метавон гуфт, ки «андешаи нек» решаи ҳамаи некиҳост ва қувваи бекарони сарнавиштсоз ҳам дар ҳувияти фарӣ, ҳам дар ҳувияти динӣ ва ҳам дар ҳувияти иҷтимоӣ мебошад. Беҳтар аст бигӯем, ки андеша чароғи роҳи сарнавишти афроди башар аст ва ҷойгоҳи асосии набарду муҳорибаҳои андешаҳои неку бад зиндагиву рӯзгори инсонист. Андешаи нек дар дини ахлоқии зардуштия бар дараҷае мақоми баланд дорад, ки як лаҳза андешиданро беҳтар аз сад соли тоат медонанд.

Таҳлили масъалаи таъсири осори ахлоқии тоисломии тоҷику форс ба мутафаккирони асримиёнагӣ нишон медиҳад, ки аксари ин мутафаккирон ба фарҳанги ориёӣ бо назари нек нигариста, таваҷҷуҳ намуда, онро ба таври возеҳ тавсиф менамоянд. Аз ҷумла, «назди ҳукамои пешин андешаи афзал он аст, ки нахуст маниши инсон нек шавад ва ин некӣ дар тақдири вопасини ӯ асар хоҳад кард» [8; с.117]. Ёдовар шудан ба маврид аст, ки мафҳуми «маниш» ё «андешаи нек» категорияест, ки мансубияти бевосита ба фарҳанги ориёӣ дошта, камолоти инсониро ифода менамояд. Тибқи ин таълимот, «маниш»-и инсон ҳангоме нек мешавад, ки камолоти маърифатию маънавӣ дар ӯ падидгор гардад. Тавре болотар зикр намудем, рукнҳои сегонаи ахлоқӣ - «пиндори нек», «гуфтори нек» ва «рафтори нек», ки ҷавҳари ҷаҳоншиносии тамаддуни ориёиро ташкил кардаанд, сарчашма аз «маниши нек» мегиранд. Мувофиқи таълимоти зардуштӣ «пиндор» ё «маниш» тафаккур аст, ки агар хусусияти некӣ бигирад, метавонад гуфтор, рафтор ва дар маҷмуъ, тамоми фаъолияти инсонро танзим ва назорат намояд. Академик Б. Ғафуров оид ба ин масъала қайд намудааст: «Инсон некӣ ва ё бадиро худ интихоб менамояд ва амалиёти ӯ дар рафти муборизаи ҷаҳонии мабдаъҳои неку бад аҳаммияти ҳалкунанда дорад» [2; с.85]. Маҳз ҳамин хусусият, аз ҷониби донишмандони асримиёнагӣ мавриди таваҷҷуҳи ҷиддӣ қарор гирифтааст. Мутафаккирони асримиёнагӣ, алалхусус пайравони мактаби машшоия дар пайравӣ аз таълимоти зардуштия таъкид менамоянд, ки инсони асил рафтори худро бояд мувофиқ ба хости ҷомеа намояд.

Хулоса, фарҳанги тоисломии тоҷику форс аз ҳар ҷиҳат хусусияти прагматикӣ, инсонмеҳварӣ, инсондӯстӣ, ахлоқмарказӣ дошта, ба таълимотҳои баъдӣ таъсири мусбат расонидааст. Бахусус, файласуфони асримиёнагии тоҷик, аз ҷумла пайравони мактаби машшоия ҳамчун сарчашмаи муътамади таълимоти ахлоқӣ хизмат намудааст.

АДАБИЁТ

1. Амирхон Ш.Т. Фалсафаи амалии Қутбиддин Шерозӣ / Ш.Т. Амирхон. – Душанбе, 2022.
2. Ғафуров, Б. Тоҷикон: таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. -Душанбе, 2020.
3. Музаффарӣ М. Антропологияи ориёӣ / М. Музаффарӣ. -Душанбе 2006.
4. Ҳазратқулов М. Тамаддуни ориёӣ / М. Ҳазратқулов. - Душанбе, 2006.
5. Раҳмонов Э. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ. - Д., 2006.
6. Рассель Б. История западной философии. М., 1959.
7. Таърихи фалсафаи тоҷик (фалсафаи аҳди бостон). –Душанбе, 2014. Ҷ.1.
8. Шерозӣ Қутбиддин. Дуррат-ут-тоҷ. Бо тасҳеҳи Муҳаммад Машкӯҳ. -Теҳрон, Ҷ.1. Чопи сеюм, 1369.
9. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то сомониён. –Душанбе, 2016.
10. Эмомалӣ Раҳмонов. Сарнавишти миллати соҳибтамаддун. –Душанбе, 2006.

ФАРҲАНГИ ОРИЁӢ САРЧАШМАИ ТАЪЛИМОТИ АХЛОҚИИ ПАЙРАВОНИ МАШШОИЯИ ШАРҚӢ

Дар мақола таъсири фарҳанг ва ҷаҳоншиносии тоисломии тоҷику форс ба таълимоти мутафаккирони асримиёнагии тоҷику форс, алалхусус, пайравони мактаби машшоияи шарқӣ таҳлилу баррасӣ шудааст. Муаллиф бар он назар аст, ки новобаста аз муҳити динмеҳварии асримиёнагӣ ва нуфузи баланд доштани дини ислом дар ҳаёти маънавии ҷомеа, мутафаккирони мактаби машшоия ба фарҳанги тоисломӣ, аз ҷумла таълимоти ахлоқии ориёӣ арҷ гузошта, онро ҳамчун сарчашмаи муътамади андешаҳои ахлоқии худ эътироф

намудаанд. Консепсияи ахлоқии эҷоднамудани зардуштия – пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек дар ташаккули таълимоти ахлоқии мутафаккирони асримиёнагии тоҷику форс нақши арзанда гузоштааст.

КАЛИДВОЖАҲО: фарҳанги ориёӣ, чаҳоншиносии зардуштӣ, ахлоқ, фазилатҳои ахлоқӣ, сифатҳои иҷтимоӣ, камолоти маънавӣ, некӣ, покӣ, инсондӯстӣ.

АРИЙСКАЯ КУЛЬТУРА - ИСТОЧНИК НРАВСТВЕННЫХ УЧЕНИЙ ДЛЯ ПОСЛЕДОВАТЕЛЕЙ ВОСТОЧНОГО ПЕРИПАТЕТИЗМА

В статье анализируется влияние доисламской таджикско-персидской культуры и мировоззрения на учения средневековых таджикско-персидских мыслителей, в частности, последователей восточной школы Перипатетизма. Автор считает, что, независимо от религиозно-центричной среды Средневековья и высокого влияния ислама в духовной жизни общества, мыслители школы Перипатетизма отдавали дань уважения доисламской культуре, в том числе арийским нравственным учениям, и признавали их надежным источником своих нравственных представлений. Нравственная концепция зороастризма — хорошее мышление, хорошая речь, хорошее поведение — сыграла значительную роль в формировании нравственных учений средневековых таджикско-персидских мыслителей.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: арийская культура, зороастрийское мировоззрение, мораль, нравственные добродетели, социальные качества, духовное совершенство, доброта, чистота, гуманность.

ARYAN CULTURE - A SOURCE OF MORAL TEACHINGS FOR THE FOLLOWERS OF EASTERN PERIPATETISM

The article analyzes the influence of pre-Islamic Tajik-Persian culture and worldview on the teachings of medieval Tajik-Persian thinkers, in particular, the followers of the eastern school of Peripateticism. The author believes that, regardless of the religious-centric environment of the Middle Ages and the high influence of Islam in the spiritual life of society, the thinkers of the Peripatetic school paid tribute to pre-Islamic culture, including Aryan moral teachings, and recognized them as a reliable source of their moral ideas. The moral concept of Zoroastrianism - good thinking, good speech, good behavior - played a significant role in the formation of the moral teachings of medieval Tajik-Persian thinkers.

KEYWORDS: Aryan culture, Zoroastrian worldview, morality, moral virtues, social qualities, spiritual perfection, kindness, purity, humanity.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Азиззода Мадина Амирхон*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети фалсафа. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **808-38-38-98.**

Сведения об авторе: ***Азиззода Мадина Амирхон*** - Таджикский национальный университет, магистр второго курса философского факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон: **808-38-38-98.**

Information about the author: ***Azizzoda Madina Amirkhon*** - Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Philosophy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave.,17. Phone: **808-38-38-98.**

МАФҲУМИ ХУДМУАЙЯНКУНИИ КАСБӢ ДАР АДАБИЁТИ ИЛМӢ

Назарзода М.Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Айни замон вазъи бозори меҳнат дар кишвари мо бо назардошти баъзе номуайяниҳо ва афзоиши рақобат ташвишовар тавсиф карда мешавад. Зеро аксарияти донишҷӯён аз рӯйи ҳавою ҳавас дар факултаҳое таҳсил мекунанд, ки хатмкунандагонашон пас аз хатми он дар бозори меҳнат харидор надоранд. Аз ин рӯ, пас аз хатми мактаби олӣ рӯ ба хориҷи кишвар ба муҳоҷирати меҳнатӣ меоранд.

Метавон гуфт, ки замони муосир бо сабаби пасту баланд шудани талабот дар бозори меҳнат ноустувор ба шумор меравад. Дар чунин вазъият на танҳо амалӣ кардани нақшаҳои касбӣ, балки ҳатто ба нақша гирифтани онҳо эҳтимол амалан ғайриимкон бошад. Аз ин рӯ, омӯхтани он, ки хатмкунандагони донишгоҳ ба дурнамои касбии худ чӣ гуна баҳо медиҳанд, масъалаи рӯз ба шумор меравад. Дар ин замина суолҳое ба миён меояд, ки: Оё ҷавонон касби худро дар алоқамандӣ бо нақшаҳои оянда интихоб мекунанд ё не? Оё тартиб додани нақшаҳои касбӣ барои онҳо зарур аст? Агар зарур бошанд, пас чӣ тавр амалӣ карда мешаванд? Сифатҳои шахсӣ ба интизориҳои касбии донишҷӯён чӣ гуна таъсир мерасонад? Онҳо ояндаи худро чӣ гуна мебинанд ва аз ояндаи касбиашон чиҳоро интизоранд? Оё онҳо боварӣ доранд, ки интизориҳои касбии онҳо амалӣ карда мешавад?

Ақидае вуҷуд дорад, ки гӯё ҷавонон дар ташаккули нақшаҳои ояндаи худ оид ба даромад ва мавқеи худ дар бозори меҳнат муваффақ нестанд ва ба хатогиҳо роҳ медиҳанд. Нақшаҳои касбиро бо назардошти ҳама гуна омилҳои ба он таъсиррасон, масалан, тағйирёбандаҳои иҷтимоӣ (ҷомеа, воситаҳои ахбори омма ва ғайра), маълумотҳои иқтисодӣ, омилҳои психологии шахс, яъне хусусиятҳои фардию психологии ӯ тарҳрезӣ намудан зарур аст. Тадқиқи моҳияти касб дар чорроҳаи масъалаҳои гуногуни илмӣқарор дорад [2].

Яке аз хусусиятҳои ҷолиб ва муҳимми ҷомеаи муосир дар алоқамандӣ ба хусусиятҳои фаъолияти касбӣ дар ҳаёти инсон - тағйирёбии босуръати соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ғ. ба шумор меравад. Тағйирёбиҳои мазкур то ҳадде тезу тунд аст, ки айни замон ҷомеаи муосир ва пеш аз ҳама ҷавонон, ҳамчун табақаи аз таҳаввулоти ҷаҳонии нишонаю аломатҳои ҷамъиятӣ, арзишҳои маънавию моддӣ ва идеалҳои худро аздастдодаю ҷойи онро пур накарда, нисбатан суст мутобиқ, омода ва ҳифз карда шудаанду дар як навъ холигии иҷтимоию фарҳангӣ қарор доранд. Вазъияти кунуниро шиддатгирии хеле бузурги буҳронҳои шадиди шахсии бо мушкилоти худмуайянкунӣ, хештангаробӣ, худифоданамоӣ, алоқамандии ҷавонон, боз ҳам мушкилу мураккабтар мегардонад.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки замони охир ҷавонон бо дарки бемаъногии ҳаёти хеш, надоштани шавқу ҳавас ва ҳадафҳои назарраси зикдагӣ, аз даст додани таваҷҷуҳ ва арзишҳои ҳаётии хеш, ҳарчи бештар ба кумакҳои гуногуни иҷтимоию психологӣ ниёз доранд. Тибқи маълумотҳои махфии хадамоти дастгирии иҷтимоию психологӣ, солҳои охир дар миқёси олам шумораи худкушӣ ё қасди худкушӣ кардани ҷавонон афзоиш ёфтааст. Муҳаққиқони масъалаи мазкур сабаби чунин вазъияти ногуворро дар он мебинанд, ки муассисаҳои иҷтимоии ба протсесси иҷтимоигардонии шахрвандони ҷавон масъул (оила, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ, хадамоти гуногуни дастгирии иҷтимоӣ ва психологӣ), имконияти ба дигаргуншавӣ ва тараққиёти ҷомеа мутобиқ намудани стратегияи фаъолияти худро надоранд [7].

Худмуайянкунии касбӣ – огоҳии шахс аз сатҳи инкишофи қобилиятҳои касбии худ ва сохтори ангезаҳои касбии дониш ва маҳорат ба шумор меравад. Мутобиқати огоҳии сатҳи инкишофи қобилиятҳои касбӣ, сохтори ангезаҳои касбии дониш ва маҳорат ба талаботе, ки фаъолият дар назди шахс мегузорад, эҳсос кардани ин мувофиқат ҳамчун ҳисси қаноатмандӣ аз касби интихобшуда мебошад. Худмуайянкунии касбӣ раванди қабули

қарор дар бораи интихоби фаъолияти ояндаи меҳнатӣ: кӣ шудан, ба кадом гурӯҳи иҷтимоӣ мансуб гардидан ва бо кӣ кор карданро ифода мекунад. Илова бар ин, худмуайянкунии касбӣ як воқеаи муҳим дар роҳи ҳаёти шахс аст. Вай на танҳо бо таҷрибаи гузаштаи шахсе алоқаманд аст, балки ояндаи дури ӯро ҳам муайян мекунад, дар ташаккули симои "Ман" иштирок карда, бисёр ҷиҳатҳои ҳаётро пешгӯӣ мекунад [6].

Назарияҳои рушди касбии шахс моҳият ва мазмуни нақшаҳо ва орзуҳои касбии донишҷӯёнро баррасӣ мекунад. Самти психодинамикӣ, ки асоси назариявии кори З. Фрейдро ташкил медиҳад, масъалаи интихоби касб ва қаноатмандии шахс аз онро таъсири таҷрибаи давраи кӯдакӣ ба тамоми сарнавишти минбаъдаи ӯ мешуморад. Ба ақидаи Зигмунд Фрейд интихоби касб ва рафтори минбаъдаи касбӣ аз рӯйи як қатор омилҳои зерин муайян карда мешавад:

1 Сохтори талаботе, ки дар синни барвақти бачагӣ ташаккул меёбанд;
2 Таҷрибаи ҷинсии барвақтии бачагӣ;
3 Сублиматсия ҳамчун ҷобаҷогузорӣ барои ҷамъият фоиданоки энергияи ангезаҳои асосии инсон ва ҳамчун раванди муҳофизат аз бемориҳо дар натиҷаи қонеъ гардонидани талаботҳои асосӣ;
4 Зуҳуроти комплекси мардонагӣ (З. Фрейд, К. Хорни), "ҳасад ба модар" (К. Хорни), комплекси пастӣ (А. Адлер) [1].

Дар назарияи психоаналитикии З. Фрейд масъалаҳои инкишофи касбии шахсият бо зуҳури сохтори талабот ва маромҳои бешуурона, ки дар давраи барвақтии бача инкишоф меёбанд, алоқаманд аст. Ақидаи назариявии психотерапевти амрикоӣ Э. Берн раванди интихоби касб ва амалкарди касбиро бо назарияе, ки дар давраи барвақти бачагӣ ташаккул меёбад, алоқаманд медонад [10, с. 123].

Назарияи Скрипт таъкид мекунад, ки шумораи нисбатан ками одамон дар ҳаёт мустақилияти комилро ба даст меоранд. Ҳар як шахс се мавқеи психологиро дар бар мегирад: кӯдак, калонсол ва волидайн.

Ҳадафи умумии интихоби касбии ҷавонон бо чунин фикру андешаҳои гуногун ба амал меояд: таъсири ҳалкунанда (ангезанда) дар ташаккули касб ё ба нақшаи касбии онҳо таассуротҳои гуногуни андешавӣ аз ҷониби волидайни эшон, омӯзгорон ва шахсони гирду атрофи онҳо метавонад, таъсири худро расонад. Д. Супер интихоби касб ва намудҳои мансабро ҳамчун кӯшиши шахс барои амалӣ намудани мафҳуми худшиносӣ арзёбӣ мекунад. Мафҳуми худшиносӣ бо ҳамаи изҳоротҳо ифода карда мешавад, ки шахс мехоҳад дар бораи худ бигӯяд. Ҳамаи он изҳороте, ки субъект метавонад дар бораи касбаш бигуяд, мафҳуми касбии ӯро муайян мекунад. Он хусусиятҳое, ки ҳам барои мафҳуми умумии худшиносӣ ва ҳам ба худшиносии касбии ӯ умумӣ мебошанд, лексикаи мафҳумҳоро ташкил медиҳанд, ки метавонанд барои пешгӯии интихоби касбӣ истифода шаванд. Ҳамин тавр, масалан, агар субъект худро як шахси фаъол, хушмуомила, корчаллон ва равшанфикр мешуморад ва агар дар бораи ҳуқуқшиносон низ ҳамин гуна фикр кунад, ӯ метавонад ҳуқуқшинос шавад. Агар худи ҳамон нафар муаллимро орому камгуфтор, бофаҳму бофаросат тасаввур карда тавонад, вале танҳо яке аз ин сифатҳои касбӣ дар худшиносии худи ӯ мавҷуд бошад, пас ӯ аз касби муаллимӣ канораҷӯӣ мекунад [10, с. 140].

Асосҳои методологии муносибати психологӣ ба масъалаи омӯзиши худмуайянкунии касбии ҷавонон дар назарияи С.Л. Рубинштейн чунин баррасӣ карда мешавад: вай масъалаи худмуайянкунии касбии ҷавононро дар заминаи принсипи ба миён гузоштааш баррасӣ намуда, муайян мекунад, ки сабабҳои мувофиқи касби интихобкардаашон фаъолият накардани ҷавонон, асосан берунӣ ва дохилӣ шуда метавонад. Ба сабабҳои берунӣ – дахолати атрофиён ба интихоби касб аз ҷониби фард ва сабаби дохилӣ - нодуруст интихоб шудани касб аз ҷониби худи шахс мебошад [9, с. 9].

Ду ҷараёни психологии худмуайянкунии касбиро аз ҳам фарқ мекунанд. Ҷараёни якум худмуайянкунии касбӣ, ки дар марҳилаи муайяни онтогенез ба вуҷуд меояд, ҳамчун ташаккулёбии нави синни миёнаи мактабӣба шумор меравад. Ҳамин тавр, Сигитас Петрович Крягжде қайд мекунад, ки дар марҳилаи ибтидоии худ худмуайянкунии касбӣ характери дугона дорад, яъне дар он ё интихоби касб ба таври мушаххас, ё интихоби ягон

дараҷаи он сурат мегирад. Агар худмуайянкунии мушаххаси касбӣ ҳанӯз ташаккул наёфта бошад, он гоҳ наврасон варианти умумии интихоби касбро истифода бурда, мушаххассоти онро барои оянда ба таъхир меандозанд. Худмуайянкунии касбӣ бо чунин хислати асосии давраи наврасӣ, монанди саъю кӯшиш ба оянда алоқаи зич дорад ва бо дарки худ ҳамчун узви ҷамъият, бо зарурати ҳалли мушкилотҳои ояндаи худ ифода мегардад. Ҷараёни дуюм худмуайянкуниро протсесси ба таври сунъӣ ташкилшудае медонад, ки дар амалияи муайяни роҳнамоии касбӣ сохта шудааст ва танҳо дар ҳамин замина маъно ва арзиши худро пайдо мекунад.[3, с. 13].

Е.А. Климов ду сатҳи худмуайянкунии касбиро муайян мекунад:

1. Гностикӣ (таҷдиди шуур ва худшиносӣ)
2. Сатҳи амалӣ (тағйироти воқеии вазъи иҷтимоии шахс) [9, с. 37].

Моҳияти худмуайянкунии касбиро метавон ҷустуҷӯ ва дарёфти мазмуни шахсиро дар фаъолияти касби интихобшуда, азхудшуда ва аллакай иҷрошуда, инчунин дарёфти маъно дар худи раванди худмуайянкунӣ донист. Илова бар ин, ба интихоби худи шахс, ба интихоби касбии наврасон волидайн, ҳамсолон, мутахассисони гуногун (муаллимон, равоншиносон) вағайра таъсири сахт мерасонанд. Пас суоле ба миён меояд, ки иштирок дар интихоби тарзи зиндагии шахсӣ чӣ гуна сурат мегирад?

Аввалин назарияи психологии интихоби касбро Ф. Парсонс таҳия карда, назарияи зеринро пешниҳод намудааст:

A. Ҳар як шахс аз рӯи сифатҳои фардии худ, пеш аз ҳама қобилиятҳои муҳимтарини касбӣ ба ягон касб мувофиқ аст;
B. Муваффақияти касбӣ ва қаноатмандӣ аз интихоби касб бо дараҷаи мувофиқати сифатҳои фардӣ ва талаботи касб муайян карда мешавад;
C. Интихоби касб аслан протсесси бошуурона ва оқилонаест, ки дар он худи шахс ё мушовири ӯ тамоюли инфиродии сифатҳои психологӣ ё физиологии шахсро муайян намуда, онро бо диспозитсияҳои мавҷудаи талаботи касбҳои гуногун алоқаманд месозад.

Ф. Парсонс миёни сифатҳои шахсӣ пеш аз ҳама, огоҳию оқилонагиро қайд намуда, ки вай онро ҳамчун риштаи бо ҳам пайвандкунанда, қобилиятҳо, манфиатҳо, арзишҳои шахсият ва имконияти татбиқи онҳо дар соҳаҳои гуногуни касбӣ маънидод мекунад [8, с. 78].

Назари Декстер Ҳолланд дар бораи интихоби касб самти дигарро дорад. Барои Ҳолланд, раванди такмили ихтисос, аввалан, аз ҷониби худи шахс муайян кардани намуди сифати шахсии ба он тааллуқдошта, дуюм, бо дарёфти соҳаи касбии ба ин намуди сифат мувофиқ ва сеюм, бо интихоби яке аз чаҳор дараҷаи тахассус маҳдуд аст. Дар ин соҳаи касбӣ, ки инкишофи интеллект ва худшиносии шахсро муайян мекунад, диққати асосӣ ба тавсифи сифатҳои шахс дода мешавад, зеро онҳо ҳамчун ҳаракатдиҳандаи зеҳнӣ, иҷтимоӣ, мутобиқшавӣ, эстетикӣ, кӯшиш ба қудрат баромад мекунанд. Назарияи мазкур нишон медиҳад, ки ҳар як шахс дар асоси сифатҳои инфиродӣ ва пеш аз ҳама, қобилиятҳои аз ҷиҳати касбӣ муҳим, ба ягон касби барои ӯ беҳтарин мувофиқ аст. Интихоби касб раванди бошуурона ва оқилона буда, аз даврони хатм намудани мактаби миёна оғоз мешавад. Дар он худи хонанда тамоюли инфиродии сифатҳои психологиро муайян мекунад ва онро бо мавқеъҳои мавҷудаи касбҳои гуногун алоқаманд мекунад. Аммо Э. Гинсберг, ки яке аз аввалин назарияҳои такмили ихтисосро таҳия кардааст, ҳангоми интихоб ҷанбаҳои замонро махсусан таъкид карда мегӯяд: “хатмкардаи донишгоҳ барои ноил шудан ба ҳадафҳои ниҳоии касбии худ бояд дурнамои замонро дарк кунад, то ба қонеъгардонии фаврии талаботҳо дода нашавад.” [5].

Дар назарияи созиш бо воқеият ӯ таъкид мекунад, ки интихоби касб протсесси тулонӣ буда, ҳама чиз на дарҳол, балки дар муддати тулонӣ сурат мегирад. Протсесси мазкур як қатор “қарорҳои мобайнӣ”-ero дар бар мегирад, ки маҷмӯи онҳо боиси интихоби ниҳоии касб мегардад. Ҳар як қарори мобайнӣ муҳим аст, зеро он минбаъд озодии интихоб ва имконияти ноил шудан ба ҳадафҳои навро таъмин мекунад.

Ҳамин тариқ, инкишофи шахс ҳамчун субъекти меҳнат аз инҳо вобаста аст:

1. Ташаккулёбии ҳаёти фаъолонаи иҷтимоӣ, ки ҳам ба манфиатҳои ҷамъият ва ҳам ба манфиатҳои худи шахс мувофиқат мекунад.
2. Аз худ намудани донишҳои умумӣва махсус оид ба олами касбу ҳунар.
3. Ташаккули худмуайянкунии касбӣ.

Психологияи муосир дар соҳаи назарияи худмуайянкунии касбӣ маълумотҳои бешуморро гирд оварда, ҷараёни масъалаи мазкурро пешакӣ муайян мекунад. Дар ин замина, айни замон барои худмуайянкунии пурра ва озодонаи касбии ҳамаи аъзоёни ҷамъият имкониятҳои беназир мавҷуданд. Шахс системаи худтанзимкунандаю динамикӣ мебошад, ин маънои онро дорад, ки субъект доимо инкишоф меёбад, тағйир меёбад, сифатҳои нави психологии шахсӣ ва фардиро ба даст оварда, барои мутобиқшавии касбӣ имкониятҳои васеъ фароҳам меорад.

АДАБИЁТ

1. Абдулина, О.А. Личность студента в процессе профессиональной подготовки/ О.А. Абдулина. // Высшее образование в России. - М.: Прогресс, 2010. - 257с.
2. Аристова И.Л. Общая психология. Мотивация, эмоции, воля / И.Л. Аристова. - М.: Тидотдвгу, 2003 - 104с.
3. Гендер и профессиональное самоопределение. /Общественные науки и современность Журнал. - Регион - 2007. № 1-3.
4. Зеер Э.Ф. Кризисы профессионального становления личности/ Э.Ф. Зеер, Э. Э Сыманюк // Психологический журнал. - М.: Прогресс, 1997, № 6. - 44с.
5. Ильин Е.П. Мотивация и мотивы / Е.П. Ильин. - СПб: Невская Лавра, 2004 - 154с
6. Климов Е.А. Как выбирать профессию / Е. А Климов. - М.: Вече, 1984 - 123с
7. Климов Е.А. Психология профессионального самоопределения / Е.А. Климов. - Ростов-на-Дону: Феникс, 1996 - 204с
8. Немов Р.С. Психология.: В 3 кн. Кн.2: Психология образования / Р.С. Немов. - М.: Владос, 1995. - 604 с.
9. Райс Ф. Психология подросткового и юношеского возраста / Ф. Райс. - Санкт - Петербург: Мастера психологии, 2000. - 320с.
10. Френкин Р. Мотивация поведения: биологические, когнитивные и социальные аспекты / Р. Френкин. - СПб.: Питер, 2003 - 650 с.

МАФҲУМИ ХУДМУАЙЯНКУНИИ КАСБӢ ДАР АДАБИЁТИ ИЛМӢ

Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи мафҳумҳои хусусиятҳои фаъолияти касбӣ, нақшаҳои касбӣ, интихоби касб ва худмуайянкунии касбӣ миёни донишҷӯён ва тадқиқи он меравад. Маврид ба зикр аст, ки аксарияти донишҷӯён аз рӯйи ҳавою ҳавас ихтисосҳоеро интихоб мекунанд, ки хатмкунандагонашон пас аз хатми он дар бозори меҳнат харидор надоранд. Аз ин рӯ, пас аз хатми мактаби олӣ рӯ ба хориҷи кишвар ба муҳоҷирати меҳнатӣ меоранд. Дар чунин вазъият на танҳо амалӣ кардани нақшаҳои касбӣ, балки ҳатто ба нақша гирифтани онҳо эҳтимол амалан ғайриимкон бошад. Аз ин рӯ, омӯхтани он, ки хатмкунандагони донишгоҳ ба дурнамои касбии худ чӣ гуна баҳо медиҳанд, масъалаи рӯз ба шумор меравад. Доир ба тадқиқу таҳлили ин масъалаҳо бисёр олимони машҳури соҳаи илми психология саҳми беназири хешро гузоштаанд, аз қабили З. Фрейд, Э. Берн, Скрипт, Д. Супер, С.Л. Рубинштейн, К.П. Сигитас, Е.А. Климов, Ф. Парсонс, Д. Ҳолланд, Э. Гинсберг.

КАЛИДВОЖАҲО: нақшаи касбӣ, интихоби касб, фаъолияти касбӣ, худмуайянкунии касбӣ, худшиносӣ, ташаккулёбӣ.

ПОНЯТИЕ ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО САМООПРЕДЕЛЕНИЯ В НАУЧНОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

В данной статье рассматриваются понятия особенностей профессиональной деятельности, профессиональных планов, выбора карьеры и профессионального самоопределения у студентов и их исследование. Стоит отметить, что большинство студентов по прихоти и желанию выбирают специальности, на которые у их выпускников нет покупателей на рынке труда после окончания вуза. Поэтому после окончания высшего учебного заведения они мигрируют за границу в поисках работы. В такой ситуации не только реализация профессиональных планов, но даже их планирование может оказаться практически невозможным. Поэтому изучение того, как выпускники вузов оценивают свои профессиональные перспективы, является актуальной проблемой. Многие известные ученые в области психологии внесли уникальный вклад в изучение и анализ этих вопросов, такие как З. Фрейд, Э. Берн, Скрипт, Д. Супер, С. Л. Рубинштейн, К. П. Сигитас, Э. А. Климов, Ф. Парсонс, Д. Холланд, Э. Гинзберг.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: профессиональный план, выбор карьеры, профессиональная деятельность, профессиональное самоопределение, самосознание, становление.

THE CONCEPT OF PROFESSIONAL SELF-DETERMINATION IN SCIENTIFIC LITERATURE

This article discusses the concepts of professional activity, professional plans, career choice and professional self-determination of students and their study. It is worth noting that most students choose specialties for which their graduates

do not have buyers in the labor market after graduation. Therefore, after completing higher education, they migrate abroad. In such a situation, it is almost impossible not only to realize professional plans, but even to plan them. Therefore, it is important to study how university graduates assess their career prospects. Many famous scientists in the field of psychology have made a unique contribution to the study and analysis of these issues, such as Z. Freud, E. Bern, Script, D. Super, S.L. Rubinstein, K.P. Sigitas, E.A. Klimov, F. Parsons, D. Holland, E. Ginsberg.

KEYWORDS: professional plan, career choice, professional activity, professional self-determination, self-awareness, development.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Назарзода Маҳими Шарбат*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети фалсафа. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 904-03-12-94.**

Сведения об авторе: ***Назарзода Махими Шарбат*** **-** Таджикский национальный университет, магистр философского факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 904-03-12-94.**

Information about the author: ***Nazarzoda Mahimi Sharbat*** - Tajik National University, master`s student of Faculty of Philosophy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave.,17. Phone: **(+992) 904-03-12-94.**

МАСЪАЛАҲОИ ОМӮЗИШИ ҲОЛАТҲОИ СТРЕСС ДАР ПСИХОЛОГИЯ

Раҳматова М.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳолати стресс аз масъалаҳое маҳсуб меёбад, ки дар доираи ҳолатҳои эмолтсионалӣ бештар мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода мешавад. Ҳарчанд айни замон дар баррасӣ намудани масъалаи гирифторшавӣ ба ҳолати стресс, ошкор намудани сабабу омилҳо ва аломотҳои он ва хусусиятҳои синнусолии гирифторшавӣ ба ҳолати эмотсионалии стресс норасогии корҳои назариявию амали баръало ба назар расад ҳам, дар ин самт корҳои илмии арзишманде анҷом дода шудаанд. Ҳоло масъалаи мазмун ва моҳияти стрессро дар назария ва консепсияҳои гуногуни психологӣ ва аз мавқеи муҳаққиқони гуногун мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Ба андешаи муҳаққиқи соҳа Т. Кокс "стресс таҳдидест ба ҳаёти муътадилона ва саломатии психикию ҷисмонии инсон" [8, с.223].

Ба ақидаи асосгузори назарияи стресс Ҳ. Селйе: "Стресс ҷавоби ғайрихоси (ҷисмонӣ) организм ба ҳама гуна таъсиротҳои ба ӯ равонакардаи муҳити атроф мебошад" [14, с.124].

Ҳанӯз замони дар беморхонаи бемориҳои сироятии назди донишгоҳ фаъолият намуданаш, Селйе ба он диққат дод, ки зуҳуроти аввалини сироятҳои гуногун тамоман якхела буда, танҳо пас аз чанд рӯз аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Аломатҳои аввалин (бемадорӣ, ҳарорат, гум шудани иштиҳо) дар ҳамаи ҳолатҳо якхела мебошанд. Мувофиқи тахминҳои аз мушоҳидаҳои Ҳ. Селйе бароянда, аломоти мувофиқатнамоӣ, ки мувофиқи он омилҳои бемориовар (дар шакли бемориҳои сироятии микробӣ) амали ба худ хоси "бакорандозанда"-ро доро мешаванд, дар ҷараёни таҳаввулот механизмхои таркибии бемориоварро кор карда мебароянд. Ба таҳқиқи ин механизмҳо машғул шуда, Селйе ба тартиб додани консепсияи универсалин стресс ноил шуд. Дар раванди омӯзиши механизмҳои стресс далелҳои ибтидоии моҳиятнок аз ҷумла, нақши ҳормонҳо дар бавуҷудоии аксуламалҳои стрессӣ ва иштироки онҳо дар бавуҷудомадани бемориҳои ғайриэндокренӣ ошкор карда шуд.

Дар адабиёти муосири илмӣ мафҳуми "стресс" бо мазмунҳои гуногун истифода бурда мешавад.

Аввалан, зери мафҳуми стресс таъсири бошиддати номусоиди ба организм асари манфӣ расонанда фаҳмида мешавад, ки онро Ҳ. Селйе "стрессор" [7, с.10] меномид. Дертар мафҳумҳои "стресс" ва "стрессор" ҳамчун синонимҳои ҳамдигар истифода бурда мешуданд.

Дар мавриди дуюм зери ин мафҳум аксуламалҳои субъективии инъикоскунандаи ҳаяҷон ва шиддатнокии ҳолати равонии ботинӣ дар назар дошта мешавад. Ҳолати мазкур ҳамчун эмотсияҳои аксуламалҳои ҳимоявӣ ва раванди бартарафнамоии тағйиротҳои дар худи инсон бавуҷудомада, тавсиф дода мешавад.

Дар мавриди сеюм мафҳуми стресс ҳамчун сифатҳои ғайрихоси аксуламалҳои физиологӣ ва психологии организм дар ҷавоб ба таъсири бошиддати барои вай ғайриоддӣ, ки зуҳуроти шиддатноки мутобиқшавии фаъолро ба вуҷуд меорад, фаҳмида мешавад. Ин аксуламалҳо барои дастгирии амалҳои рафторӣ ва протсессҳои психикии бартарафкунандаи оқибатҳои стресс нигаронида мешавад.

Қайд кардан зарур аст, ки на ҳама таърифҳои стресс моҳияти онро ҳамаҷониба инъикос карда метавонанд. Дар тадқиқотҳои бешумор муайян карда шудааст, ки раванди мутобиқшавии физиологию психологии ғайрихос вобаста ба қувваи таъсир ба таври гуногун зоҳир мешаванд, вале самаранокии фаъоли мутобиқшавии инсон ба моҳиятнокии омили стресси ба ӯ таъсиркардаистода алоқаманд аст.

Тафсири нисбатан мукаммали фаҳмиши стресс, ба ақидаи Л.А. Китаев-Смик, фаҳмиши ғайримуқаррарии зуҳуроти физиологӣ ва психологии мутобиқшавӣ фаъолона ҳангоми таъсироти шиддатнокӣ барои организм ғайриоддӣ, вале барои одам аҳаммиятдошта мебошад. Мафҳуми стресс аз ҷониби як катор психологҳои шуравӣ низ

мавриди омӯзиш карор гирифта, ба тарзҳои гуногун шарҳу эзоҳ дода шудааст. Стресс ин бошиддатии руҳӣ буда, ҳолати психикие мебошад, ки дар заминаи шароитҳои барои шахс ғайриоддию фавқулода ба вуҷуд меояд ва дар карахтии ҳаракату амалҳо, пайдоиши нобоварӣ ҳангоми иҷрои амалҳои дигари хатарнок ифода меёбад [6, с.124].

Ба ақидаи А.П. Петровский "Стресс, шакли махсуси азсаргузаронии ҳиссиёт буда, аз рӯйи тавсифдиҳандаҳои психологӣ ба аффект ва аз рӯйи давомнокиаш ба ҳолати афсурдаҳолӣ наздик аст" [12, с.53].

Аз назари В.В. Богославский "Стресс ин ҳолати эмотсионалие мебошад, ки бо вазъияти ногаҳонӣ ва шиддатнок алоқаманд аст" [1, с.24].

Стресс ё бошиддатии руҳӣ ин ҳолати психикиест, ки дар шароитҳои маҳдуду ҳисси нобоварӣ дар иҷрои амали айни замон зиёновар ифода меёбад. Бо сабаби ба таври ягона тафсир карда нашудани мафҳуми "стресс" аксарияти мутахасиссони соҳаи мазкур зарур мешуморанд, ки ба ҷойи он мафҳуми "бошиддатии руҳӣ", ки дар он зарурати омӯзиши фаъолияти одам дар шароити мураккаб зикр мегардад, истифода бурда шавад.

Қайд кардан зарур аст, ки фарқкунонии муайяне байни мафҳумҳои "стресси психологӣ" ва "бошиддатии руҳӣ" вуҷуд надорад, дар бисёр маврид ин мафҳумҳо ҳамчун синонимҳои ифодакунандаи хусусиятҳои ҳолати психикии шахс дар мавридҳои мураккаби фаъолият истифода бурда мешаванд. Баъзан мафҳуми стресс ҳамчун дараҷаи ниҳоии бошиддатии руҳии ба фаъолият таъсири баланди манфӣ расонанда, тавсиф карда мешавад. Тавре зикр кардем, дар адабиётҳои илмии муосир истилоҳи "стресс" ба маъноҳои гуногун тавсиф дода мешавад, аз ҷумла ҳамчун аксуламалҳои берӯна ба ҳодисаҳое, ки дар инсон бошиддати ва ё ҳаяҷонро пайдо мекунад. Ба ин маъно бештар истилоҳҳои "стрессор", "стресс омил" истифода мешавад.

Стресс метавонад ба аксуламалҳои субъективӣ дохил шавад, дар ин маврид ӯ ҳолатҳои ботинии бошиддати ва ҳаяҷонро инъикос менамояд.

Стресс метавонад аксуламали организм ба талабот ва таъсиротҳои зараррасон бошад. Ин истилоҳро айнан бо ҳамин маъно У. Кенон ва Ҳ. Селйе истифода мебурданд. Функсияҳои аксуламалҳои ҷисмонӣ барои мусоидат намудан ба ҳаракатҳои рафтор ва протсессҳои психикӣ ва барои бартараф намудани ин ҳолатҳо ёрӣ мерасониданд. Масалан, Н. Ризви қайд мекунад:

а) баъзан ин ҳолатҳоро ба ҳолатҳои нороҳатии организм дохил менамоянд, ки организм кӯшиши бартараф ё кам кардани онҳоро дорад;

б) "стресс" ҳамчун аксуламалҳои психологӣ ва рафтор баҳо дода шуда, инъикоскунандаи ҳолатҳои ботинии ташвишовар ё руҳафтодагӣ мебошад.

Стресс ва пайдоиши он ба як қатор меъёрҳо вобаста аст ва яке аз онҳо муҳит ва вазъиятҳо ба шумор меравад, ки ҳамчун стрессорҳо баромад мекунад. Ҳамин тавр, бавуҷудоварандаи стрессро **стрессор** меноманд. Макони воқеа, ки дар он ҷой стресс ба амал омада буд, стрессор аст.

Стрессорҳо ин омилҳои бавуҷудоварандаи стресс мебошанд. Масалан, омодагӣ дидан ба имтиҳон аксуламали баландтарини стрессиро нисбат ба тайёрӣ дидан ба ягон ҷашн ба вуҷуд меоварад. Стрессро метавонад ҳам ҳодисаҳои хуш ва ҳам зуҳуроти нохуш ба вуҷуд оваранд.

Дар адабиёти психологӣ таснифоти гуногуни стрессорҳоро во хӯрдан мумкин аст, ки дар асоси меъёрҳои гуногун пешниҳод гардидаанд. Аз рӯйи давомнокӣ чунин намудҳои стрессро ҷудо мекунанд:

1. Стрессорҳои кӯтоҳмуддат: нобоварӣ, тарс ва ғ.
2. Стрессорҳои дарозмуддат: мубориза, вазъиятҳои хатарнок, ҳабс ва изолятсия, хастагӣ ва фаъолияти дуру дароз ва ғ..

Ин таснифот ҳамаи вариантҳои эҳтимолиеро, ки омилҳои зараррасон шуда метавонанд, фаро намегирад. Бинобар ин, таснифоти дигари аз ҷониби С.А. Разумов пешниҳодгаштаро дида мебароем. Ӯ ҳамаи стрессҳои бевосита ё бавоситаи дар танзими аксуламалҳои стрессию эмотсионалии инсон иштироккунандаро ба чор гурӯҳ тақсим намуд:

1. Стрессорҳои фаъоли фаъолият:

- ғайриоддӣ (ҷанг, парвозҳои кайҳонӣ, ғӯтидан ба зери об, ҷаҳиш аз парашют, безарар гардонидани мина ва ғ.);
- истеҳсолотӣ (бо масъулиятнокии баланд ва норасогии вақт алоқаманд аст);
- маромнокиии психикию иҷтимоӣ (мусобиқаҳои варзишӣ, озмунҳо, имтиҳону санҷишҳо).

2. Стрессорҳои баҳогузорӣ (баҳогузории фаъолияти ҳозираю гузашта):
   - старт стрессорҳо ва стрессорҳои хотир (мусобиқаҳои дар оянда баргузоршаванда, омодагӣ ба имтиҳон, муолиҷаи тиббӣ, ба хотир овардани андуҳи азсаргузаронидашуда, интизории нохушиҳо ва ғ.);
   - стрессорҳои ғолибият ва мағлубият (ғолиб омадан дар мусобиқаҳо, комёбӣ дар санъат, мухаббат, мағлубият, марг ё маризии шахси наздик ва ғ.);
   - стрессорҳои мушоҳида (шоҳиди ягон ҳодисаи даҳшатнок гаштан).
3. Стрессорҳои номувофиқатии фаъолият:
- стрессорҳои парокандагӣ (низоъҳои оилавӣ, гурӯҳӣ, корӣ, таҳдид ё хабари аҳаммиятноки ногаҳонӣ);
- стрессорҳои маҳдудияти психикию иҷтимоӣ ва физиологӣ (беморӣ, маҳдудияти соҳаҳои муқаррарии муошират ва фаъолият, гуруснагӣ, нороҳатии волидайн ва г.).

4. Стрессорҳои ҷисмонию табиӣ.

А.П. Петровский ҳангоми тавсифи стресс чунин нишонаю аломатҳои фарқкунандаи онро ҷудо мекунад:

1. Вайроншавии рафтори шахс.
2. Вайроншавии фаъолияти нутқӣ.
3. Фаъолии бетартибонаи шахс.
4. Агар дараҷаи бошиддатии стресс паст бошад, он гоҳ вай метавонад ба сафарбаркунии қувваи шахс мусоидат карда, фаъолиро баланд бардорад.
5. Ба вуҷуд омадани камфаъолиятӣ ё бефаъолиятӣ дар вазъиятҳои ҷиддӣ.

Дар луғати психологӣ мафҳуми стресс чунин таъриф дода шудааст: "Стресс ин бошиддатии руҳӣ буда, ҳолати психикие мебошад, ки дар заминаи шароитҳои барои шахс ғайриоддию фавқулода ба вуҷуд омада, дар карахтии ҳаракату амалҳо, пайдоиши нобоварӣ ҳангоми ичрои амалҳои дигари хатарнок ифода меёбад" [2, с.53]. Аз таърифи мазкур боз ду аломати дигари фарқкунандаи ҳолати эмотсионалии стресс муайян карда мешавад:

1. Зуҳуроти карахтии харакату амалҳои дар вазъиятҳо баамаломада.
2. Пайдоиши нобоварӣ дар ичрои амалҳои хатарнок.

Агар ба таърифи Ҳ. Селйе боз назар афканем, мебинем, ки: "Стресс ин амали ҷавобии ба организм хос набуда, балки ба ҳар гуна талабҳои ба ӯ пешниҳодшуда мебошад." Аз ин таъриф аломати "амали ҷавобии ба организм хос набуда"-ро ҷудо карда метавонем. Мутахассисон гурӯҳи аломатҳои зерини стрессро ҳангоми давомдор будани он ҷудо намудаанд, ки онҳоро метавон дар раванди гирифторшавӣ ба ҳолати стресс мушоҳида кард:

1. Аломатҳои физиологӣ: дардҳои характери номуайян дошта дар аъзоҳои гуногуни бадан (пушт, меъда), дарди сахти сар; баландшавӣ ё пастшавии фишори хун; вайроншавии ҷараёнҳои ҳозима; сарборӣ дар мушакҳо; ларза ё кашиш дар дасту пой; пайдо шудани аллергия; зиёд ё кам шудани вазни бадан; зиёд шудани аракқунӣ; вайроншавии ҷараёни хоб ё иштиҳо; вайроншавии фаъолии ҷинсӣ; сурхшавӣ ва зиёдшавии адреналин дар хун, сафедшавии пӯсти рӯй ва ғ.
2. Аломатҳои эмотсионалӣ: ҳисси бегонашавӣ аз дигарон; хоҳиши танҳо мондан; муносибати манфӣ; ҳисси беору номусӣ; хашму ғазаби марҳилавӣ; серташвишӣ; ҳарос; ғамгинии музмин; андуҳ; апатия; нобоварӣ ва ғ.
3. Аломатҳои рафторӣ: дӯрӣ ҷӯстан аз одамон, тағйирот дар хӯрок ва реҷаи хӯрокхӯрӣ; пастшавии сифати гигиенаи шахсӣ; тағйирот дар рафтор; суствшавии фаъолият; бешфаъолӣ; гирёнчакӣ; хуруҷи хашму ғазаб; ҷанҷолҳо ва ғ.

4. Аломатҳои маърифатӣ: мондашавӣ аз андешакунӣ; душворӣ дар мутамарказшавӣ; баландшавии парешонхотирӣ; душворӣ дар қабули қарор; фикрронии печдарпеч; маҳдушавии тафаккур; чандирии тафаккур; сустшавии таҳаммулпазирӣ; мушкилот бо хотира ва ғ.

6. Аломатҳои маънавӣ: шубҳа ба арзишҳо ва дин; зери шубҳа қарор додани соҳаҳои асосии ҳаёт (таҳсил дар мактаб, нақшаи шуғлёбӣ); худро объекти таҳдид ва қурбонӣ эҳсос кардан; ноумедӣ; худтанқидкунӣ ва ғ.

Тағйирот дар муносибатҳои байнишахсӣ: дурӣ ҷустан аз муошират кардан; гум кардани шавқу ҳаваси пешина ба чорабиниҳо; муносибати мураккаб бо ҳамкорон ва шарикон; муносибати сард доштан дар оила ва бо хешовандон ва ғ. [13, с.131-132].

Дараҷаи стрессе, ки одамон аз сар мегузаронанд, аз дараҷаи дарк кардани вазъияти стрессовар вобастагӣ дорад. Ҳамин тариқ, ҳамон як ҳодисаи стрессовар аз тарафи одамони гуногун ҳар хел баҳо дода мешавад. Ҳодисае, ки як нафарро ба ташвиш меоварад, метавонад барои нафари дигар муқаррарӣ бошад.

Хулоса, стрессро метавон чунин арзёбӣ кард: аксуламали организм ва психика ба тағйирот ва таҳдид дар муҳит; ҷузъи таркибии ҳаёти инсон, ки бе он зиндагӣ кардан ғайриимкон аст; аксуламали организм ба ҳама гуна таъсирот; бошиддатӣ ҳолати психикиест, ки дар шароити маҳдуду ҳисси нобоварӣ дар иҷрои амали айни замон хавфнок ифода меёбад; шакли махсуси азсаргузаронии ҳиссиёт; ҷавоби ғайрихоси (ҷисмонии) организм ба ҳама гуна таъсироти ба ӯ равонагардида; аксуламали махсуси организм ба ҳама гуна таъсирот.

АДАБИЁТ

1 Абабков В.А., Пере М. Адаптация к стрессу. Основы теории, диагностики терапии / В.А. Абабков. - СПб: Речь, 2004.

2 Березин Ф.Б. Психологическая и психофизиологическая адаптация человека / Ф.Б. Березин. -Л., 1988

3 Бодров В.А. Роль личностных особенностей В развитии психологического стресса // Психические состояния. Хрестоматия. - СПб.: Питер, 2000

4 Бодров В.А., Орлов В.Л. Психология и надежность: человек в системах управления техникой / В.А. Бодров, В.Л. Орлов. - М.: Изд-во Институт психологии РАН, 1998

5 Борневассер М. Стресс в условиях труда //Психические состояния.

6 Гиссен Л.Д. Напряженное время / Л.Д. Гиссен. - М.: ФиС, 1990. - 192 с.

7 Китаев-Смик Л.А.. Психология стресса / Л.А. Китаев-Смик. - М., Наука, 1983.

8 Исомиддинов А. Тиб ва табобат / А. Исомиддинов. -Душанбе, 2013

9 Кокс Т. Стресс / Т. Кокс. - М.: Медицина , 1981.

10 Лазарус Р. Теория стресса и психофизиологические исследования //Эмоциональный стресс. -Л.: Лениздат, 1970

11 Леонова А.Б., Кузнецова А.С. Психопрофилактика стрессов. - М.: Изд-во Моск. университета, 1993. 123 с.

12 Петровский А.В., Абраменкова В.В. Социальная психология: Учебное пособие для студентов пед. институтов.- М.: Просвещение, 1987

13 Расулов С.Х. Психологияи эмотсия ва ҳиссиёт. -Душанбе, 2022

Селье Г. Стресс без дистресса /Пер. с англ.; общ. ред. Е.М. Крепса. -М.: Прогресс, 1979.

МАСЪАЛАҲОИ ОМӮЗИШИ ҲОЛАТҲОИ СТРЕСС ДАР ПСИХОЛОГИЯ

Дар мақолаи мазкур масъалаи омӯзиш ва пажуҳиши стресс дар назарияю консепсияҳои гуногуни психологӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф мавқеи назарияҳои гуногуни илмии психологиро таҳлил намуда, ба хулосае омадааст, ки стрессро метавон чунин арзёбӣ кард: аксуламали организм ва психика ба тағйирот ва таҳдид дар муҳит; ҷузъи таркибии ҳаёти инсон, ки бе он зиндагӣ кардан ғайриимкон аст; аксуламали организм ба ҳама гуна таъсирот; бошиддатӣ ҳолати психикиест, ки дар шароити маҳдуду ҳисси нобоварӣ дар иҷрои амали айни замон хавфнок ифода меёбад; шакли махсуси азсаргузаронии ҳиссиёт; ҷавоби ғайрихоси (ҷисмонии) организм ба ҳама гуна таъсироти ба ӯ равонагардида; аксуламали махсуси организм ба ҳама гуна таъсирот.

КАЛИДВОЖАҲО: стресс, стрессор, аксуламал, шидатнокии психикӣ, вазъият, таъсирот, физиологӣ, психологӣ, рафторӣ, аломату нишона.

ПРОБЛЕМЫ ИЗУЧЕНИЯ СТРЕССОВЫХ СИТУАЦИЙ В ПСИХОЛОГИИ.

В данной статье анализируется и обсуждается вопрос изучения и исследования стресса в различных психологических теориях и концепциях. Автор проанализировал положения различных психологических научных теорий и пришел к выводу, что стресс можно оценить следующим образом: реакцию организма и психики на изменения и угрозы окружающей среды; неотъемлемая часть жизни человека, без которой

невозможно жить; реакция организма на любое воздействие; интенсивность – психическое состояние, выражающееся в ограниченности состояний и чувстве недоверия к совершению текущего опасного действия; особая форма переживания эмоций; неспецифическая (физическая) реакция организма на любое направленное на него воздействие; особая реакция организма на любое воздействие.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: стресс, стрессор, реакция, умственная интенсивность, ситуация, последствия, физиологические, психологические, поведенческие, признаки и симптомы.

THE PROBLEM OF EDUCATIONAL STRESS AND PSYCHOLOGICAL SITUATIONS.

In this article the issue of studying and researching stress in various psychological theories and concepts is analyzed and discussed. The author analyzed the position of various psychological scientific theories and came to the conclusion that stress can be evaluated as follows: the reaction of the body and psyche to changes and threats in the environment; integral part of human life without which it is impossible to live; the body's reaction to any impact; intensity is a mental state that is expressed in limited conditions and a feeling of distrust in the performance of the current dangerous action; a special form of experiencing emotions; non-specific (physical) response of the organism to any impact directed at it; special reaction of the body to any impact.

KEYWORDS: stress, stressor, response, mental intensity, situation, effects, physiological, psychological, behavioral, signs and symptoms.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Рахматова Мавлуда Алишеровна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети фалсафа. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **918 38 78 20.**

Сведения об авторе: ***Рахматова Мавлуда Алишеровна*** **-** Таджикский национальный университет, магистр второго курса философского факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон: **918 38 78 20.**

Information about the author: ***Rahmatova Mavluda Alisherovna*** - Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Philosophy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave.,17. Phone: **918 38 78 20.**

ФИЛОЛОГИЯ ВА ЖУРНАЛИСТИКА – ФИЛОЛОГИЯ И ЖУРНАЛИСТИКА

ТАСНИФИ ВОСИТАҲОИ ЗАБОНИИ ТАСВИРИ БАДЕӢ

Абдуллоеввa М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Воситаҳои забонии тасвири бадеӣ гуногун буда, барои эҷоди пурраи образҳои равшан, ифодаи эҳсосот ва андешаҳо хизмат мекунанд. Онҳо аз калимаҳо ва ё ибораҳое иборат мебошанд, ки на ба маънои аслӣ, балки ба маънои маҷозӣ истифода мешаванд. Воситаҳои забонии тасвири бадеӣ бештар тавассути воҳидҳои лексикӣ, семантикӣ ва грамматикӣ тасниф карда мешаванд.

Категория ифоданокии забон дар илм ба таври гуногун шарҳ дода мешавад, бинобар ин воситаҳои тасвири бадеиро бо тарзҳои гуногун шарҳ медиҳанд. Онҳо доираи васеи усулҳо, аз қабили тасвиргарӣ, ташбеҳот, хусусиятҳои таркиб ва ғайра мебошанд. Интихоб ва истифодабарии воситаҳои тасвири бадеӣ ба услуб, жанр, вазъияти муошират ва шахсияти муаллиф вобастагӣ дорад.

Ин усулҳоро ҳам дар назм ва ҳам дар наср метавон истифода намуд, ки ба муаллиф имкон медиҳад, ки андеша ва эҳсосоти худро дурусттар ва равшантар баён кунад, сабки хоси матнро ба вуҷуд оварад ва ба дарки эҳсосӣ ва зеҳнии хонанда таъсир расонад. Воситаҳои тасвири бадеӣ гуногун буда, барои эҷоди пурраи образҳои равшан, ифодаи эҳсосот ва андешаҳо хизмат мекунанд.

Воситаҳои тасвири бадеӣ ҳамчун воситаи баён бештар ба нутқи бадеӣ хос аст, зеро вай вазифаи эстетикиро иҷро мекунад, вале дар жанрҳои гуногуни илмӣ ҳам қобили истифода аст. Вобаста ба жанр шумораи воситаҳои тасвири бадеиии истифодашаванда фарқ мекунанд, ки маъмултаринашон маҷоз мебошад.

Манзур аз ин суханҳо чунин аст, ки истифодабарии навъҳои гуногуни воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар осори бадеӣ хеле зиёд аст.

Бешубҳа, таҷассуми воситаҳои забонии тасвири бадеӣ ба тасвиргарӣ як рассоми моҳирро мемонад, ки аз мутолиа намудан кас ҳеҷ гоҳ хаста намешавад ва матни забонаш ҳамеша ҳаловатбахш аст. Ҳамзамон, воситаҳои тасвири бадеиро тобиши ҷилоноки асар гӯем агар, хато намекунем, чун онҳо ба асар боз ҳам тобишҳои рангоранги маъноӣ мебахшанд.

Муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки қариб ҳамаи воситаҳои тасвири бадеӣ маҷозӣ буда, барои ошкор кардани падидаи нав истифода карда мешаванд. Аз ин рӯ, маҷоз аз нуқтаи назари сарбории функсионалии худ ҷолиб аст. Маҷоз яке аз воситаҳои таъсирбахши бедоркунии образҳо ва ба вуҷудоварандаи силсилаи ҷиҳатҳои нави ин зуҳурот мебошад. Аз ин рӯ, маҷоз аз ҷиҳати функсионалии худ хеле ҷолиб аст. Маҷоз стратегияи лингвистии номинатсия мебошад, ки ба корбурди шуур мусоидат мекунад, зеро матни бо ёрии маҷоз навишташуда дар асоси робитаҳои ассотсиативӣ сохта шуда, дар сатҳи пешниҳодӣ амал мекунад.

Дар ҳар гуна ифодаи маҷозӣ калима ё таркибе вуҷуд дорад, ки ба маънои ғайриаслӣ ҳидоят мекунад. Воситаҳои тасвири бадеӣ калимаҳо ва ё ибораҳое мебошанд, ки на ба маънои аслӣ, балки ба маънои маҷозӣ истифода мешаванд. Дар байни маънои нав (маҷозӣ) ва маънои аслӣ аз ягон ҷиҳат шабоҳате мавҷуд аст, вале дар маънии маҷозӣ ҳусни ибораву калима бештар ва таъсираш пурзӯртар мегардад. Маҷоз барои мухтасар, вале образнок ва ҷозибаноктар тасвир намудани предмет ва ҳодисаҳои гуногун ба адиб имкониятҳои зиёде пеш меовараd. Дар тамоми забонҳо ифодаи калимаву ибораҳо дар маънии ғайриаслӣ — маҷозӣ мавҷуд аст. Маҷоз воситаи тасвириест, ки хусусияти рангинбаёнӣ ва образнокиро

дорад. Ин восита асоси адабиётшиносиро ташкил мекунад ва инчунин дар илми забоншиносӣ ҳам аҳаммияти хоса дорад.

Воҳидҳои фразеологӣ, ки воҳиди мураккаб ва бисёрҷанбаи забон аст, дарк кардани рангорангӣ ва тобишҳои маъноиро осон менамоянд. Азбаски воситаҳои забонии тасвири бадеӣ худ ҳассосанд, дорои меъёри мураккаби забон, хусусияту зуҳуроти муайяни забоншиносӣ мебошанд. Барои аниқ кардан, зарур аст, ки ҳар яке аз воситаҳои забонии тасвири бадеӣ хусусиятҳои забонӣ ва шаклҳои онҳо муайян карда шавад. Таҳлилҳои лингвистии осори адабӣ нишон медиҳанд, ки Арасту, Квинтилиан ва Ситсерон нутқи адабиро асоси ташаккули забони ҷомеа медонистанд. Оид ба ин мавзуъ таснифоти назарии зиёд мавҷуд буда, моҳияти воситаҳои ифодакунандаи забон аз ҷониби И.Р. Галперин, Д.Э. Розентал, М.Ю. Скребнев ва дигарон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Аз ҷиҳати забонӣ воситаҳои забонии тасвири бадеӣ ба чунин навъҳо тасниф мешаванд:

- фонетикӣ (такрори овозӣ, зада, интонатсия, овоз, рамзи садо);
- лексикӣ (воситаҳои тасвирӣ ва калимаҳои бисёрифодакунанда, муродифҳо, мутазодҳо, омонимҳо, паронимҳо, воҳидҳои фразеологӣ, лексикаи аз ҷиҳати услубӣ пуробуранг);
- морфологӣ (синонимҳои ҷузъи нутқ, истифодаи образноки шаклҳои калима);
- синтаксисӣ (сохторҳои синтаксиси синонимӣ, тартиби калимаҳо, шаклҳои услубӣ) [8, с. 120].

Зимни таҳлили ҳамаҷонибаи таснифи ҷиҳатҳои луғавии воситаҳои забонии тасвири бадеӣ ҳамаи ҷиҳатҳои онро таҳлил намудан зарур аст. Сараввал воситаҳои забонии тасвири бадеиро таснифи лексикӣ ташкил медиҳад. Тропҳо асоси воситаҳои забонии тасвири бадеиро ташкил медиҳанд. Онҳо дар навбати худ эпитетҳо, метафораҳо, ташхис, муқоисаҳо, метонимияҳо, синекдохаҳо, оксиморонҳо, гиперболаҳо, литотҳо, парафразаҳо ва ғайраҳо мебошанд. Тавре ки қаблан зикр гардид, барои муайян кардани таснифи ин ё он навъи воситаҳои забонии тасвири бадеӣ маънову мафҳумҳои зеринро ба назар гирифтан лозим аст:

1. Ҷиҳатҳои субъективӣ: - сохти берунии ашè; - намуди зоҳирии одам; - омил ва тасвири табиат ва ғ.

2. Ҷиҳатҳои объективӣ: - сохти берунии ашè; - намуди зоҳирии одам; - омил ва тасвири табиат ва ғ. [6, с. 218].

Воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дорои хусусиятҳои эҳсосӣ ва эстетикӣ мебошанд. Вазифаҳои асосии онҳо инҳоянд:

- воситаҳои мантиқӣ-консептуалӣ;
- таъсиргузорӣ ба воситаи образҳо;
- мухобиротӣ;
- воситаҳои фонетикӣ;
- воситаҳои графикӣ;
- воситаҳои луғавӣ;
- воситаҳои фразеологӣ;
- маънои калимасозӣ,
- воситаҳои морфологӣ;
- воситаҳои услубӣ.

Агарчи сохтори мукаммали воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар забоншиносии тоҷик то ҳол таҳқиқи аниқи худро надорад, забоншиносони тоҷик, аз қабили Т. Зеҳнӣ, Б. Камолиддинов, М. Саломов, Ш. Каримов ва ғайраҳо ба чунин гурӯҳҳои воситаҳои забонии тасвир ишораҳо намудаанд [2, с. 184].

Бояд гуфт, ки барои таҳлили пурраи таҳқиқи мазкур воситаҳои мантиқӣ-консептуалӣ ва вазифаҳои воҳидҳои тасвириро муфассалтар шарҳ додан лозим аст: Воситаҳои мантиқӣ-консептуалӣ – возеҳият, образнокӣ, боварибахш будани андешаи муаллиф, ки забоншиноси рус Головин чунин гуфтааст: «Чунин хусусиятҳои тасвир таваҷҷуҳ ва диққати шунаванда ё

хонандаро бештар нигоҳ медорад» [5, с. 172]. Нависандаи бузург дар ҳоли тасвир кардани фикри худ дар ҳолатҳои рангоранг намудҳои гуногуни ифодаи нутқро истифода намудааст:

1. “Тасвири баёни иттилоот (субъективӣ-мантиқӣ, мантиқӣ-консептуалӣ), ки донишманди рус М.Н. Кожина чунин ифодаро “ифоданокии дарккунӣ” номидааст” [5, с. 76], ки аз интихоби далелҳо, истифодаи моҳиронаи мафҳумҳо, далел, мантиқ, дурустии корбурди калима, равшанӣ ва фаҳмо будани онҳо иборат аст.

2. Воҳидҳои тасвирии таъсирбахши эҳсосӣ, ки тавассути садоӣ, графикӣ, луғавӣ, тропӣ, фразеологӣ, образҳои нутқ, чун услуб, тафаккури нутқ, риторикӣ сохта шудаанд.

Ифоданокӣ, равшании нутқи гуфтугӯӣ воситаҳои гуфтугӯӣ, луғавӣ, грамматикӣ, образҳои ифодакунандаи эҳсосот (воситаҳои тасвир) ба вуҷуд меоянд.

АДАБИЁТ

1. Гальперин, И. Р. Очерки по стилистике английского языка [Текст] / И.Р. Галперин М.: Издательство литературы на иностранных языках, 1958. - 459 с.
2. Головин В.Р. Стилистика разных языках [Текст] / В.Р. Галперин, -Москва, 1988. - 184 с.
3. Камолиддинов, Б., Нағзибекова М.Н. Тарҷума ва балоғати сухан (Ҷилди 1) / Б. Камолиддинов, М.Н. Нағзибкова. - Душанбе, 2004. -143 с.
4. Каримов, Ҳ. Мухтасар дар бораи морфемаи -е. Маҷмӯаи мақолаҳо [Матн] / Ҳ. Каримов. - Душанбе, 1976, - С. 22-26.
5. Кожина, В.И. Лингвистика в литературе [Текст] / В.И. Кожина. - Москва, 1983. - 172 с.
6. Лободанов, А.П. К исторической теории эпитета (античность и средневековье) [Текст] / А.П. Лободанов // Известия АН СССР. Серия литературы и языка. – 1984. – Т.43. – №3. – С.215-227.
7. Мароевич, Р. Лингвистика и поэтика многозначности [Текст] / Р. Мароевич. Москва: ВЯ, 1991, №3, - С. 95-102.
8. Марченко Т.В. Эмоционально-образный и оценочный потенциал эпитетов: переводческий аспект / /Т.В. Марченко // Филологические науки. Вопросы теории и практики / Т.В. Марченко. -Тамбов: Грамота, 2013. № 10 (28). - С. 118-121.
9. Масъалаҳои мубрами забони адабии тоҷик (бахшида ба 80- солагии профессор Ҳ. Маҷидов (мураттибон: Дустов Ҳ., Ҳайдаров М., Душанбе, 2017, -367 с
10. Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик [Матн] / Ҳ. Маджидов. - Душанбе, 2007. - 242 с.

ТАСНИФИ ВОСИТАҲОИ ЗАБОНИИ ТАСВИРИ БАДЕӢ

Дар мақолаи мазкур таснифи воситаҳои забонии тасвири бадеӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Зимни таҳлил маълум мегардад, ки тропҳо асоси воситаҳои забонии тасвири бадеиро ташкил менамоянд ва категория ифоданокии забон дар илм ба тарзҳои гуногун шарҳ дода шудааст. Инчунин, воситаҳои тасвири бадеӣ дар забоншиносии тоҷик таҳқиқи аниқи худро надорад.

КАЛИДВОЖАҲО: воситаҳои забонии тасвири бадеӣ, мантиқӣ- консептуалӣ, субъективӣ-мантиқӣ, объективӣ, субъективӣ, образҳои нутқ, услуб.

КЛАССИФИКАЦИЯ ЯЗЫКОВЫХ СРЕДСТВ ХУДОЖЕСТВЕННОЙ ВЫРАЗИТЕЛЬНОСТИ

В статье рассматривается классификация языковых средств художественной выразительности. В ходе анализа становится ясно, что тропы составляют основу языковых средств художественного изображения, а категория выразительности языка трактуется в науке по-разному. Также средства художественной выразительности в таджикском языкознании не имеют своего специального изучения.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: языковые средства художественного изображения, логико-понятийный, субъективно-логический, объективный, субъективный, фигуры речи, стиль.

CLASSIFICATION OF LINGUISTIC MEANS OF ARTISTIC EXPRESSION

The article examines the classification of linguistic means of artistic expression. During the analysis, it becomes clear that tropes form the basis of linguistic means of artistic representation, and the category of expressiveness of language is interpreted in science in different ways. Also, the means of artistic expression in Tajik linguistics do not have their own special study.

KEYWORDS: linguistic means of artistic representation, logical-conceptual, subjective-logical, objective, subjective, figures of speech, style.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Абдуллоева Мубина*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси 2-юми факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **[+992]987930110.** E-mail: **abdulloeva0110@gmail.com.**

Сведения об авторе: ***Абдуллоева Мубина*****-** Таджикский национальный университет, магистр 2 курса факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **[+992]987930110.** E-mail: **abdulloeva0110@gmail.com.**

Information about the author: ***Abdulloeva Mubina***- Tajik National University, second- year master's student of Faculty of Asian and European Languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **[+992]987930110.** E-mail: **abdulloeva0110@gmail.com.**

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ХУСУСИЯТҲОИ ЗАБОНШИНОСИИ ЗАМОНӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Меҳрафрӯзи Ҷ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Забоншиносӣ (аз порсӣ: زبانشناسی) ё **лингвистика** (аз лотинӣ: Linguistica), илм дар бораи забони инсон буда, қонуни мавҷудият ва инкишофи таърихии онро меомӯзад. Забоншиносии ҳозира серсоҳа ва бо дигар соҳаҳои улуми гуманитарӣ алоқаманд аст. Забоншиносии умумӣ умдатарин қонуниятҳои инкишоф ва мавҷудияти забонҳоро таҳқиқ мекунад. Забоншиносии хусусӣ бошад забонҳои алоҳида ё гурӯҳи забонҳоро мавриди омӯзиш қарор медиҳад.

Забоншиносӣ ҳамчун омӯзиши илмии забон тавассути таҳлили синтаксис, фонетика, морфология ва семантика муайян карда мешавад. Забоншиносон кӯшиш мекунанд, ки маъно ва садои забонҳоро бо мақсади дарки бештари забон ва корҳои ботинии он пайванд ва тафсир кунанд.

Айни замон забоншиносӣ ба як соҳаи маъмул ва динамикии омӯзиш ва пажуҳиш табдил ёфта, рӯз то рӯз тавсеа меёбад, зеро он ба мо дурнамоҳои гуногуни таҳаввулоти забонҳои инсонӣ ва омилҳое, ки ба онҳо аз ҷиҳати иҷтимоӣ, ҷуғрофӣ ва равонӣ таъсир мерасонанд, медиҳад. Он ба мо кумак мекунад, ки хусусиятҳо ва табиати забони инсониро дарк кунем. Забон яке аз муҳимтарин вижагиҳои навъи мост ва он ба мо имкон медиҳад, ки бо ҳамдигар муошират кунем, фикру эҳсосоти худро баён кунем ва фарҳанги худро мубодила кунем. Бо омӯзиши забон, забоншиносон метавонанд ба мо кумак кунанд, ки худамон ва ҷаҳони атрофро беҳтар дарк кунем.

Гуфта мешавад, ки таълими забон фаъолиятест, ки барои ба амал баровардан пешбинӣ шудааст ва таъминоти зарурии маъмурӣ дар дохил ва берун аз системаи таълимӣ ҳама ба он тааллуқ доранд.

Мувофиқи ақидаи Стерн (1983), таълими хуби забон шароиту эхтиёҷоти талабагонро бояд ба таври беҳтарин қонеъ гардонад, чаҳорчӯбаи консептуалӣ, ки барои муайян кардани ҳама омилҳои марбут ба таълими фан таҳия шудааст, фароҳам оварад.

Олиме бо номи Jesa (2008) тасдиқ мекунад, ки ҳадафи таълими забони англисӣ ин аст, ки омӯзанда корбарии самараноки забонро донад ва дар бораи мақсадҳои умумии таълими забони англисӣ маълумот дошта бошад. Забон яке аз категорияҳои муҳимми грамматикӣ дар ҳама забонҳо мебошад, ки муносибати амалро нисбат ба лаҳзаи гуфтор ё дигар нуқтаи вақт ифода мекунад. Забон ҳамчун воситаи асосии иртибот на танҳо маъно ва мазмуни суханро интиқол медиҳад, балки робитаи байни воқеият ва тасвири он дар шуури инсонро низ таъмин мекунад. Яке аз ҷанбаҳои муҳимми ин раванд категорияи замон мебошад, ки нақши асосиро дар ифодаи пай дар пайии рӯйдодҳо ва муносибати онҳо ба воқеият дорад.

Забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, гарчанде ки ба гурӯҳҳои гуногуни забонӣ тааллуқ доранд, дар ифодаи замон хусусиятҳои муштарак ва фарқкунанда доранд. Ҳангоми омӯзиши грамматикаи ин ду забон возеҳ аст, ки системаҳои замонӣ ва тарзи баён кардани вақт дар онҳо гуногун мебошад. Ҳадафи ин мақола баррасии назариявии хусусиятҳои замонӣ дар забони тоҷикӣ ва англисӣ ва муқоисаи сохторҳои грамматикии онҳо мебошад.

Замон яке аз категорияҳои асосии забоншиносӣ мебошад, ки амал ё ҳолатро нисбат ба нуқтаҳои муайяни вақт муайян мекунад. Дар грамматика категорияи замон маъмулан ба се қисм ҷудо мешавад

1 Замони гузашта (Past Tense) –амал ё воқеа дар гузашта рух додааст.
2 Замони ҳозира (Present Tense) – амал ё воқеа дар айни замон сурат мегирад.
3 Замони оянда (future Tense) – амал ё воқеа дар оянда ба вуқуъ мепайвандад.

Дар замонҳои гуногун системаҳои замонӣ бо тарзҳои мухталиф амалӣ мешаванд. Дар баъзе забонҳо, мисли забони тоҷикӣ шаклҳои грамматикӣ барои ифодаи замон нисбатан соддатар мебошанд, дар ҳоле ки дар забони англисӣ ин система хеле мураккаб аст.

Дар забони тоҷикӣ категорияи замон асосан тавассути шаклҳои феълӣ ифода карда мешавад. Феълҳо дар се замон (гузашта, ҳозира ва оянда) сохти грамматикии худро доранд.

Замони гузашта дар забони тоҷикӣ бо истифодаи пасванди “-ам, -ӣ, -ем, -анд” барои шахсҳои гуногун нишон дорда мешавад. Масалан: ман рафтам, ту навиштӣ, мо омадем ва ғ.

Замони ҳозира бошад бо истифодаи феълҳои ёрирасон ва илова намудани пешванди “ме-” сохта мешавад: ман мехонам, ӯ менависад, мо меравем.

Дар забони тоҷикӣ замони оянда бештари вақт бо истифодаи “хостан”, ки он вобаста ба шахсу шумора тағйир меёбад, сохта мешавад. Масалан: мо хоҳем рафт, ӯ хоҳад омад, ман хоҳам рафт...

Дар забони англисӣ категорияи замон на фақат бо ифодаи се замони асосӣ маҳдуд мешавад , балки дорои шаклҳои иловагии давомдор (continuous), мукаммал (perfect) ва мукаммали давомдор (perfect continuous) мебошад.

Замони гузашта ((Past Tense)

- Past simple: I went to school. (Ман ба мактаю рафтам.)
- Past continuous: I was reading. (Ман мехондам.)
- Past Perfect: I had finished my work. (Ман корамро ба анҷом расонида будам).

Замони ҳозира (Present Tense)

- Present Simple: He writes a letter. (Ӯ мактуб менависад.)
- Present Continuous: I am studyng. (Ман таҳсил карда истодаам.)
- Present Perfect: I have seen this movie (Ман ин филмро дидаам.)
- Замони оянда (Future Tense)
- Future Simple: I will go. (Ман хоҳам рафт)
- Future Continuous: I will be reading. (Ман дар ҳоли хондан хоҳам буд)
- Future Perfect: I will have finished by then. (То он вақт анҷом дода хоҳам буд)

Забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ҳар ду системаи замонии муташаккил доранд, вале тарзи ифода ва истифодаи онҳо ба далели тафовути гурӯҳҳои забониашон фарқ мекунанд. Ҳар ду забон дорои категория ҳастанд. Категорияи замон дар забоншиносӣ як унсури грамматикӣ мебошад, ки амалиёт ё ҳолатро нисбат ба лаҳзаи гуфтор ифода мекунад. Баёни замон тавассути шаклҳои феълӣ сурат мегирад ва он дар забонҳои гуногун бо роҳҳои гуногун инъикос мешавад.

Ҷанбаҳои асосии категорияи замон:

1 **Муносибат бо лаҳзаи гуфтор** - оё амал дар гузашта, ҳозира ё оянда рух медиҳад.
2 **Муддати амал** - оё амал якмаротиба, такроршаванда ё дар ҳолати давом аст.
3 **Шаклҳои изҳори замон** - оё забон асосан шаклҳои морфологӣ (мисли пасвандҳо) ё мисли феълҳои ёридиҳанда истифода мекунад.

Тафовути системаи замонӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ

Забони англисӣ як системаи дақиқ ва мураккаб барои баёни замонҳо дорад, ки аз шаклҳои махсуси феълӣ ва ёридиҳандаҳо истифода мекунад. Дар муқоиса, забони тоҷикӣ бештар ба шаклҳои феълӣ ва баъзан ба воситаи лексикӣ такя мекунад.

Муқоисаи замонҳои забони англисӣ ва тоҷикӣ

Забони англисӣ ва тоҷикӣ бо вуҷуди монандӣ доштан дорои тавофутҳои хос мебошанд:

Дар забони англисӣ 12 шакли замон ва дар забони тоҷикӣ бошад 3 шакли асосӣ дида мешавад. Шакли оянда дар забони англисӣ ба воситаи ***Will + verb*** ва дар забони тоҷикӣ бошад ба воситаи ***Ме-/хоҳам*** ифода меёбад. Шакли такмилёфтаи замон (Perfect) дар замони англисӣ дар 3 замон мавҷуд аст дар забони тоҷикӣ бошад бо ***будам, будааст*** ифода мешавад.

Шакли давомдор дар забони англисӣ ба воситаи ***be +verb+ing*** ва дар забони тоҷикӣ ***истода + феъл*** истифода мешавад.

Дар забони англисӣ системаҳои замонӣ нисбатан мураккабтаранд ва барои ифодаи маъноҳои мухталифи вақт шаклҳои зиёде истифода мешаванд. Дар забони тоҷикӣ бошад, шаклҳои замонӣ сода буда, бо пешвандҳо ва пасвандҳои муайян ифода карда мешаванд.

Забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҳар ду дар тули таърих аз оилаҳои гуногун таъсир гирифтанд ва бо ҳар давра ва шартҳои сиёсӣ ва фарҳангӣ такмил ёфтанд. Тағйироти грамматикӣ, лексикӣ ва ҳангоми пайдоиши масъалаи куҳна ва нав дар забоншиносии замонӣ ба таҳаввули дуруст ва имкониятҳои забони пешрафта да ҳар ду забон таъсир расонд.

Омӯзиши хусусиятҳои забоншиносии замонӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ нишон медиҳад, ки ҳарчанд ин ду забон дар ифодаи замон умумиятҳо доранд, дар системаи грамматикии онҳо фарқиятҳои назаррас дида мешавад. Забони англисӣ дорои системаи мураккаби замонӣ мебошад, ки шаклҳои гуногун барои ифодаи замони гузашта, ҳозира ва оянда дорад. Дар забони тоҷикӣ бошад, система соддатар буда, асосан бо илова кардани пешвандҳо ва пасвандҳо амал мекунад. Фаҳмидани ин фарқиятҳо барои забономӯзон, тарҷумонҳо ва муҳаққиқон муҳим аст, зеро он ба тарзи дурусти истифодаи замонҳо ва тарҷумаи дурусти матнҳо мусоидат мекунад.

АДАБИЁТ

1. Иқболов О. Забоншиносии муқоисавӣ ва забони тоҷикӣ / О. Иқболов. - 2020
2. Ашурмадов Қ. Пешряндҳо дар забони тоҷикӣ ва англисӣ / Қ. Ашурмадов. - 2021
3. Шарифов Ф. Воҳидҳои фразеологӣ ва феълҳои ёрирасон дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Ф. Шарифов. - 2021
4. Ҷӯраев Ҳ. Алоқаи пайвасти пайиҳам дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ. Маҷаллаи "Масъалаҳои забоншиносӣ" / Ҳ. Ҷӯраев. - 2022
5. Ҳомидов Д. (2020). Забоншиносӣ: таърихи афкор ва таълимот. Маҷаллаи "Забон-рукни тоат".2020

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ОМӮЗИШИ ХУСУСИЯТҲОИ ЗАБОНШИНОСИИ ЗАМОНӢ ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои забоншиносии замонии забони тоҷикӣ ва англисӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Таъкид карда мешавад, ки забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ бо вуҷуди умумият доштан фарқиятҳои зиёд дорад. Махсусан аз ҷиҳати забонӣ фарқияти онҳо хеле калон аст, зеро забони англисӣ системаи хеле мураккаб дошта, замонҳои ин забон нисбат ба забони тоҷикӣ фарохтаранд. Мавзуе, ки мо имрӯз мавриди таҳлил қарор дода истодаем, яке аз мавзуъҳои рӯзмарраи соҳаи забоншиносӣ маҳсуб мешавад ва бо таҳлили равишҳои мураккаби ифодаи замон ва таъсири он дар шакл ва маънои фикру суханҳои забонӣ равона шудааст. Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки дар мақола гуногунрангии замонҳо дар ду забон бо мисолҳо оварда шудаанд ва ин ба дигарон имкон медиҳад, то баъзе маълумотҳои заруриро ҳангоми корҳои илмиашон дастрас намоянд.

КАЛИДВОЖАҲО: забоншиносӣ, умумият, фарқият, таҳлил, замон, муқоиса, грамматикӣ, забономӯзон, система, хусусият.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ИЗУЧЕНИЯ СОВРЕМЕННЫХ ЯЗЫКОВЫХ ОСОБЕННОСТЕЙ

В статье анализируются современные языковые особенности таджикского и английского языков. Подчеркивается, что английский и таджикский языки, несмотря на сходство, имеют много различий. Разница особенно велика в языковом плане, поскольку в английском языке очень сложная система, а времена в нем длиннее, чем в таджикском. Тема, которую мы сегодня анализируем, является одной из самых актуальных в области языкознания и сосредоточена на анализе сложных способов выражения времени и его влияния на форму и значение языковых мыслей и выражений, процесса, который включает не только грамматическую деятельность, но и семантическое понимание. В то же время следует отметить, что в статье представлено разнообразие времен в двух языках с примерами, что позволит другим получить доступ к необходимой информации в своей научной работе.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: лингвистика, общность, различие, анализ, время, сравнение, грамматика, изучающие язык, система, признак.

THEORETICAL FOUNDATIONS OF THE STUDY OF LINGUISTIC FEATURES OF TENSES

This article analyzes the linguistic features of tenses in the Tajik and English languages. It is emphasized that, despite their commonality, the English and Tajik languages have many differences. In particular, their linguistic differences are very large, since the English language has a very complex system, and the tenses of this language are more extensive than in the Tajik language. The topic that we are analyzing today is one of the topical issues in the field of linguistics and is aimed at analyzing complex methods of expressing tenses and their influence on the form and meaning of linguistic thoughts and words, which is not only a grammatical activity, but also a semantic understanding. At the same time, it should be noted that the article presents examples of the diversity of tenses in the two languages, which will allow others to obtain some necessary information in their scientific work.

KEYWORDS: linguistics, generality, difference, analysis, tense, comparison, grammar, language learners, system, feature.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Меҳрафрӯзи Ҷумъамурод*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 985 08 31 12.** E-mail**: jumamurod_59@mail.ru**

Сведения об авторе: ***Мехрафруз Джумамурод*** - Таджикский национальный университет, магистрант факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан г. Душанбе проспект Рудакї 17. Телефон: **(+992) 985 08 31 12.** E-mail**: jumamurod_59@mail.ru**

Information about the author*: Mehrafruzi Jumamurod* - Tajik National University, master`s student of Faculty of Asian and European Languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan Dushanbe Rudaki Avenue 17. Phone: **(+992) 985 08 31 12.** E-mail**: jumamurod_59@mail.ru**

НИГОҲЕ БА ВИЖАГИҲОИ ШЕЪРИ НОДИРИ НОДИРПУР

Ваҳобзода Ф.Г.
Донишгоҳи милллии Тоҷикистон

Нодири Нодирпур аз шоирони номдори муосири Эрон буда, осори шоирони дигар кишварҳоро ба форсӣ баргардон кардааст. Нодири Нодирпур аз ҷумлаи машҳуртарин шоирони форсизабони қарни ХХ мебошад. Аз пайравони мактаби Нимо Юшиҷ ва аз муваффақтаринҳо дар шеъри нав аст. Нодирпур шоир, нависанда, мутарҷими саршиноси эронӣ ва аъзои Қонуни нависандагони Эрон ба далели тасаллуташ бар забони фаронсавӣ ашъор ва мақолотеро аз фаронсавӣ ба форсӣ тарҷума кардааст.

Латофат, зебоӣ ва вижагиҳои зебоии шинохти шеъри ӯ ба далели шинохти вай аз шеъри гузашта аст, ҳамчунин пухтагии осораш нишон медиҳад, ки ба ганҷинаи ғаниву пуарзиши шеъри гузаштаи порсӣ ашроф дорад. Нахустин шеъраш “Рақси амвот” ва шеъри баъдии ӯ “Шабе дар киштзорон” буд, аммо шеъре, ки номи ӯро сари забонҳо андохт, чун шоир дар байни мухлисони шеър шуҳратёр гардонид, ин шеъри “Қум” буд, ки соли 1952 суруда шудааст:

Чандин ҳазор зан
Чандин ҳазор мард
Занҳо лачак ба сар
Мардон або ба дӯш
Як гунбади тало
Бо лаклакони пир
Як боғи бесафо
Бо чанд такдарахт
Аз хандаҳо тиҳӣ
В-аз гуфтаҳо хамӯш
Як ҳавзи нимапур
Бо оби сабзранг
Чандин калоғи пир
Бар тудаҳои санг
Анбуҳи соилон
Дар ҳар қадам ба роҳ
Аммомаҳо сафед
Рухсораҳо сиёҳ [1, 430]

Дар мавриди Нодирпур ва шеъри ӯ бояд гуфт, ки вай аз ҳамон оғози навҷавонӣ рӯй ба сурудани гунае шеър овард, ки бунмояҳои шеъраш таркибе аз шуури романтик, тасвирҳои зинда, ранги тунди отифӣ, содагӣ ва пардохтани эҳсосе ба андешаҳо ва дилвожаҳои бунёдии одамӣ буд. Аз соли 1951 то 1961, ҳатто каме пештар, Нодирпур аз маҳбубтарин шоирон ба шумор мерафт ва нахустин китоби шеъраш ба номи “Чашмҳо ва дастҳо” мавриди истиқболи шеърдӯстон ва мухлисонаш қарор гирифт ва барои касоне, ки ба тозагӣ дар Эрон шеъри навро пазируфта буданд, сурудаҳои Нодирпур бо вижагиҳое, ки дошт, пазируфтатарин намунаи ин гуна навовариҳо ба ҳисоб мерафт.

Барои Нодири Нодирпур ҳунари шеър саргармӣ ва ҳаваси холӣ ва шуҳрату худнамоӣ набуд, балки ниёзе буд, ки лаҳзае ӯро ором намегузошт ва бо таваҷҷуҳ ба ошноие, ки ӯ бо шеъру адаби Ғарб ба вижа Фаронса ва Итолиё дошт, шеъраш замонавӣ менамуд ва саршор аз навовариҳову халлоқиятҳост.

Нодирпур тарҷумони бомаҳорате буд, ки тарҷумаҳояш аз ашъори шоири арманӣ Ованес Туманян ва шоирони итолиёвӣ писанди аҳли дил гардидаанд.

Ҳамчунин, Нодирпур ба далели тасаллут бар забонҳои хориҷӣ нигоҳи ҷаҳонӣ ба шеър дошт ва шеърро ба забонҳои дигар мехонд, мутаваҷҷеҳи ин мавзуъ буд, ки шеъре мондагор хоҳад буд, ки дар канори нигоҳи иқлимӣ, нигоҳи ҷаҳонӣ дошта бошад ва худаш ин навъ нигоҳро дар шеър дошт ва дар воқеъ ин омӯзише барои шоирон буд, ки мехостанд ғазали баъд аз Ниморо идома бидиҳанд.

Ашъори Нодирпур аз ибтидои солҳои 50-ум чоп мешавад ва қисми зиёди он дар даҳ маҷмуа гирд оварда шудааст: “Чашмҳо ва дастҳо” (1953), “Духтари Ҷом” (1955), “Шеъри ангур” (1958), “Сурмаи хуршед” (1960), “Гиёҳу санг, на оташ” (1971), “Аз осмон то ресмон”, “Шоми бозпасин”, “Субҳи дурӯғин”, “Хун ва хокистар”, “Замин ва замон”. Шеърҳояш бештар дар журнали адабию бадеии “Сухан” чоп шудаанд.

Соли 1963 китоби “Ашъори баргузида” ва соли 1970 китоби дигари ӯ бо номи “Баргузидаи шеърҳо” ба дасти мухлисони шеър расидаанд. Баъди вафоташ китоби “Маҷмуаи ашъор”-и ӯ дар ҳазор саҳифа ба табъ расид, ки ба ҷуз чанд шеър, ҳамаи ашъори шоирро фарогир аст.

Бештари шеърҳояш дар шаклҳои арӯзи озод ва андаке дар қолабҳои анъанавӣ (ғазал, маснавӣ, қитъа) навишта шудаанд. Шеърҳои сафед ва озод низ гуфтааст. Доираи мавзуъҳои ашъори Нодирпур ниҳоят васеъ бошад ҳам, мавқеи асосиро дар эҷодиёти ӯ лирикаи фалсафӣ ишғол мекунад. Дар ин гуна шеърҳо Нодирпур ба дарки шоиронаву файласуфонаи воқеияти имрӯз, дунёи маънавии муосирони худ, муносибатҳои инсону табиат, асрори ҳастӣ ва ғайра кӯшидааст (“Дуое дар жарфҳои шаб”, “Оҳувона”, “Парвоз” ва ғайра). Дар қисме аз осори Нодирпур таъсири адабиёти фаронсавӣ ҳис карда мешавад. Махсусан, дар шеърҳое (“Эй дарахти бенаво”, “Нигоҳи ошиқона ба дарахт”, “Барф ва хуршед” ва ғайра), ки шоир ба ифодаи ҳисси таборӣ бо табиат пардохтааст, таъсири устоди шеъри мансури фаронсавӣ Франсис Понж (1899), ки шиори асосии эҷодиёташ аз “бастани пайванди бародарӣ байни инсону табиат” иборат аст, ҳис мешавад. Ашъори Нодирпур ба эътибори бадеияти баланди худ мавриди тақлиду пайравии бисёре аз муосиронаш қарор гирифтааст.

Ашъори Нодирпур аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ғанӣ ва гуногунранг аст. Дар солҳои аввали фаъолияти эҷодияш ӯ қонуниятҳои инкишофи ҷамъиятро хуб дарк намекард, ҷаҳонро бесару сомон медид ва зиндагӣ барояш чун “шаби тор” ё “зимистони қаҳратун” буд. Дар ашъори дар ин давра эҷодкардаи ӯ оҳангҳои яъсу ноумедӣ ҷой доранд. Омӯзиш ва андӯхтани таҷрибаи зиндагӣ, ҳамкорӣ бо ходимони пешқадами илму адаби Эрон – Парвиз Нотили Хонларӣ, Ҳушанг Соя, Сиёвуши Касроӣ ва дигарон дар ҷаҳонбинӣ ва тарзи тафаккури Нодирпур таъсир гузоштаанд. Аз охири солҳои 50 ва ибтидои солҳои 60-ум назари Нодирпур ба воқеияти зиндагӣ, моҳияти ҳастӣ ва рӯйдоди ҷаҳон дигар шуд. Ӯ аз рӯйдодҳои Эрон ва ҷаҳон, аз “оҳангарони пири путкҳо ба даст”, аз “кӯдакони зуд ба пирӣ расида”, аз хавфи ҷанги ядроӣ ва ғайраҳо сухан мегӯяд. Дар чунин рӯзгори пурташвишу серғавғо шоир интизори инсони далер, ғаюр ва қавируҳест, то банд аз пойи худ ва дигарон бикшояд:

Эй Офаридгор!
Ман орзуи як тан дорам,
То машъале баровард аз дил,
Ё офтобе аз ҷигари хеш
Ва онро чароғи ин шаби беравшанӣ кунад. [old.kmt.tj.]

Вале ҳангоми инқилоби соли 1979 дар Эрон шоир ин гуна машъалафрӯзони роҳи ростиро надид. Вақте роҳбарии Инқилоб ба дасти намояндагони дин афтод, ӯ ба хулосае омад, ки сохти иҷтимоии Эрон нисбат ба гузашта фасодтар гардидааст. Шоир таҳаввулоту дигаргуниҳои ин инқилобро "Субҳи дурӯғин" номидааст.

Инқилоб, ки пирӯз шуд, шароит барои Нодирпур душвор шуд ва ин гуна шуд, ки соли 1980 муҳоҷират кард, муҳоҷирате, ки дигар бозгаште надошт. Ӯ ибтидо ба Порис рафт, ки қаблан низ дар даврони ҷавонӣ дар он ҷо зиндагӣ карда буд ва то соли 1986 дар он шаҳр мондагор шуд. Дар ҳамон ҷо ба узвияти ифтихории Иттиҳодияи нависандагони Фаронса баргузида шуд ва дар маҷомеву гурӯҳҳои гуногун ширкат ҷуст ва суханрониҳо кард.

Аз ашъори ин давраинаи Нодирпур метавон ба "Хун ва хокистар" ишора кард. Ӯ аз ғурбат хаста буд ва ин хастагиву хашм дар ашъораш намоён буд:

Ӯ роҳи висоли ошиқонро баст
Фонуси хаёли шоиронро кушт
Рагҳои садои созро бигсаст
Пешонии ҷомро ба хун оғӯшт. [1, 344]

Нодирпур аз ин сарнавиште, ки худашу меҳанаш ба он дучор шуда буданд, дар ранҷ буд ва борҳо худро маломат мекард, аммо гоҳе барои дилдории дили маҷруҳи худ даст аз маломати худ мекашид ва қазову қадарро омили вайронии хона медид:

"Ман хонаи худ ба ғайр наспурдам
Тақдир маро зи хона берун кард"

Ин гуна оғоз мекунад:

Он зилзилае, ки хонаро ларзонд
Як шаб ҳама чизро дигаргун кард
Чун шуъла ҷаҳони хуфтаро сӯзонд
Хокистари субҳро пур аз хун кард
Ӯ буд, ки шишаҳои рангинро
Аз панҷараҳои дил ба хок андохт
Рухсори занону ранги гулҳоро
Дар пушти ғубори кина пинҳон сохт
Гаҳвораи маргро биҷунбонид
Чун гӯр ба хӯрдани касон пардохт
Дар зери ривоқи куҳнаи таърих
Бар санги мазори шаҳриёрон тохт. [1, 344]

Дар ашъори Нодирпур ибораву таркибҳои наву тоза ба мисли "нохуни борон", "як ситора дил", "як сина офтоб", "зоғони шом", "дарави туфон", "нажоди абр", "боди ғариб", "шеъри ангур" ва ғайра ба назар мерасанд.

Ашъори ӯ ба забонҳои русӣ, озарӣ, ӯзбекӣ, қазоқӣ ва ғайраҳо тарҷума ва нашр шудаанд. Бо алифбои имрӯзаи тоҷикӣ шеърҳои Нодирпур дар матбуот ва маҷмуаҳои дастаҷамъӣ ("Амвоҷи Қорун"), "Мурғи офтоб" ва ҷилди 42-юми силсилаи Ахтарони адаб

ба табъ расидаанд. Нодирпур ҳамроҳи Хонларӣ ва Лутфалии Суратгар моҳи декабри соли 1967 дар Симпозиуми шеъри форсӣ иштирок намуда, дар мавзуи “Куҳна ва нав” (оид ба шеър) маъруза кардааст. Нодирпур бо шоирону донишмандони тоҷик Мирзо Турсунзода, М. Осимӣ, Муъмин Қаноат робитаи дӯстӣ ва фарҳангӣ дошт.

Нодири Нодирпур дар тули умри кӯтоҳи пурбаракат ва пур аз ҷӯшу хурӯши хеш осори ба он ҳамвазн ва гаронмояи илмию бадеӣ ба мерос гузоштааст. Мероси адабии ӯ бо мазмуну мундариҷа ва иқтидори ҳаракатдиҳандаи худ дар таърихи адабиёти Машриқзамин ҷойгоҳи алоҳида дорад.

Ман мурғи кӯри ҷангали шаб будам
Боди ғариб маҳрами розам буд
Чун бори шаб ба рӯи парам мерехт
Танҳо ба хоби марг ниёзам буд
Ҳаргиз зи лобалои ҳазорон барг
Бар ман намешкуфт гули хуршед
Ҳаргиз гулобдони булӯри моҳ
Бар мангулоби нур намепошид
Ман мурғи кӯри ҷангали шаб будам
Дар қолаби ман ҳамеша зимистон буд
Ранги хазону сояи тобистон
Дар пеши чашми ман ҳама яксон буд
Месӯхтам чу ҳезуми тар дар хеш
Дӯдам ба чашми беҳунарам мерафт
Чун оташи ғуруб фурӯ мемурд
Танҳо, сарам ба зери парам мерафт. [2, 84]

Пас аз даргузашти Нодирпур ҳамсараш Жола Нодирпур ҳиммат кард ва бунёде ба номи ӯ поягузорӣ кард, ки чопу интишори ашъори Нодирпурро уҳдадор аст.

АДАБИЁТ

1. Нодири Нодирпур. Куллиёти осор. (Таҳия ва тадвини Исмоил Зарифӣ). – Душанбе, 2021 - 446с.
2. Нодири Нодирпур. Мурғи офтоб. (Таҳияи Муҳиддин Олимпур). – Душанбе, 1995 - 224с.
3. Нодири Нодирпур. Духтари ҷом. - Душанбе - 2024

НИГОҲЕ БА ВИЖАГИҲОИ ШЕЪРИ НОДИРИ НОДИРПУР

Дар мақола аҳаммияти ашъори Нодири Нодирпур ва мазмуни онҳо баррасӣ шуда, ҳамаи онҳо то қадри имкон таҳлил гардидаанд. Шеърҳое ба монанди шеърҳои Нодирпур муаррифгари муборизаи беамони инсоният ба хотири озодӣ, тасвири табиат ва дигар мавзуъҳои рӯзмараи ҷомеа мебошанд. Ҳамзамон, муаллиф нақши ашъори Нодирпурро дар замони инқилоб баррасӣ намуда, маҳорату тасаллути шоирро дар гузиниши вожаҳо, тасвири шеърии ӯ, арзишнокии шеърҳои номбурда инъикос намудааст.

КАЛИДВОЖАҲО: таҳлил, мутарҷим, мунтақид, инқилоб, ашъор, ноумедӣ.

ВЗГЛЯД НА ОСОБЕННОСТЕЙ ПОЭМЫ НОДИР НОДИРПУРА

В статье рассматривается значение поэм Надира Надирпура и их содержание, а также дается их максимально подробный анализ. Такие поэмы, как поэма Нодирпура, отражают неустанную борьбу человечества за свободу, описывают природу и затрагивают другие повседневные темы общества. В то же время автор рассуждает о роли стихов Нодирпура в годы революции, отражая мастерство поэта в выборе слов, его поэтическую образность и ценность вышеупомянутых стихотворений.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: анализ, переводчик, критика, революция, поэзия, отчаяние.

A LOOK AT THE FEATURES OF NODIRI NODIRPUR'S POETRY

The article discusses the importance of Nadir Nodirpur's poems and their content, and all of them are analyzed as much as possible. Poems such as Nadirpur's poems represent the relentless struggle of humanity for freedom, the description of nature and other everyday topics of society. At the same time, the author discusses the role of Nadirpur's poems during the revolution, reflecting the poet's skill and mastery in the choice of words, his poetic imagery and the value of the mentioned poems.

KEYWORDS: analysis, translator, criticism, revolution, poetry, despair.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ваҳобзода Фараҳноз Гул*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **933307544.**

Сведения об авторе: ***Вахобзода Фарахноз Гул***- Таджикский национальный университет, магистрант факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан г. Душанбе проспект Рудакї 17. Телефон: **933307544.**

Information about the author*: Vahobzoda Farahnoz Gul* - Tajik National University, master`s student of Faculty of Asian and European Languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan Dushanbe Rudaki Avenue 17. Phone: **933307544.**

СИМОИ ЗАН АЗ НИГОҲИ СИМИНИ ДОНИШВАР

Саидмухторова М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Бо ҳар боваре, ки ба ҷаҳон назар наандозем, хоҳ саодат бошад ва ё хоҳ тақдир, хушбахтии инсон ҳадафи ғояи офариниш аст. Шоир ва нависандаи адабӣ на танҳо холиқ ва офаринандаи осори адабӣ аст, балки мавзуи марказӣ ва муаррификунандаи он низ ҳаст. Ба ҳамин далел, шинохти вижагиҳои инсонҳои гуногун метавонад баргае бар шинохти таърихи адабӣ ва иҷтимоии мо бифзояд. Адабиёт, саргузашти пурфарозу нишеби зиндагии ҷомеаи башарӣ аст, ки дар қолабҳои гуногун шеър, достон, роман, намоишнома, театр, филм ва ғайра ба намоиш гузошта, ҳувияти хешро бар мухотабони худ ошкор мекунад.

Ҳунармандони халлоқ арсаҳои гуногуни ин ҳунар, бо ба кор бурдани андешаҳои ормонӣ ва инсонии хеш ва низ халоқиятҳои вижаи ҳунари худ, роҳ паймоянд, то бозтоби зиндагонии иҷтимоӣ, фардӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва ҳунарии мардумони асри хешро ба тасвир кашанд ва дар қолабҳои он, хостаҳо, ифтихорот, андуҳ ва дилтангиҳои башариро ба намоиш бигузоранд.

Шинохт, арзёбӣ ва муаррифи кайфияти ин осор аз як сӯ ҷаззобияту лаззати бештаре аз матн дар зеҳни хонанда хоҳад шуд ва аз сӯйи дигар мунҷар ба сохти ҷомеаҳое бар пояи андеша, тафаккур ва хостаҳои маъқули башар дар ҷомеа мегардад. Аз ин манзар нақд, баррасии осор, ҷойгоҳи шахсиятҳо дар осори нависандагон метавонад равшангари бисёре аз вижагиҳои фарҳангӣ ва иҷтимоии даврони онҳо бошад. Бо шинохт ва таҳлили муҳтавои ин осор аз як сӯ метавон ба ҷаҳонбинӣ ва дидгоҳҳои холиқи он пай бурд ва аз сӯйи дигар бо шароити иҷтимоиву арзишҳо ва ормонҳои мардуми он рӯзгор ошно шуд. Дар ин миён нигориши достону роман ва пардохтан бад-он дар қаламрави адабиёти форсӣ ҷойгоҳи вижа ва дархӯри худро дорад. Роман чун оинаест, ки як миллат тасвири худро дар он тамошо мекунад ва дармеёбад, ки чӣ гуна аст ва чӣ гуна бояд бошад. Зан дар оилаи мардуми инсондӯсти форсу тоҷик ҳамеша нақши асосӣ дошт ва дорад, зеро иффату зебоӣ, фурӯтаниву маърифатнокӣ хоси зан буда, ба зиндагии аҳли хонадон таровату покизагӣ мебахшад ва ин нукта борҳо дар ашъору гуфтаҳои нависандагону шуарои эронӣ, хосатан Симини Донишвар зикр гардидааст. Тазаккури масъалаи фавқуззикр ҷузъан дар офаридаҳои Симини Донишвар низ бамаврид аст, зеро аксари осор ва ашъори офаридаи ӯ, новобаста аз ин, ки дар як маҳдудаи бубастдор офарида шудаанд, бамаврид аст. Симини Донишвар дар баробари дигар романнависони эронӣ, кӯшидааст дар офаридаҳояш бештар ба мавзуе руҷуъ кунад, ки хоси зан аст ва ӯ ин масъаларо аз ҷанбаҳои мухталиф нигоҳ мекунад. Масъалае, ки доир ба он бояд нигошта шавад, масъалаи замони нав нест, ки танҳо дар осори Симини Донишвар дида шавад, балки аз оғози таърих то имрӯз ҳам бахши муаззам ва ҳам бахши кӯчаки мардуми мо, хоҳ ҷинси латиф ва ё хоҳ ҷинси шарифи он, ба маърифатнокшавии зан аҳаммияти хоса дода, кӯшидааст, ки занон дар ҷомеа пешоҳанг бошанд. Дар зиндагӣ пешоҳанг будани зан ва маърифатнок буданаш имкон медиҳад, ки сатҳи маънавии оила баланд шуда, кӯдакон ва дигар аъзои оила маърифатнок тарбият ёбанд. Ин талабот асоси фарҳанги оиладориро ташкил медиҳад. Барои ҳамин ҳам ба хотири устувории оила дар заминаи муҳаббати самимӣ ба якдигар дар ҷомеаи мо оила бунёд мекунанд. Пеш аз он ки фарзандон ба ҳаёти мустақилона гусел карда шаванд, онҳо бояд аз нозукиҳои оиладорӣ, одоб, муошират, муносибат, хуллас аз маҷмуи талаботи моддию маънавӣ огоҳӣ дошта бошанд. Аз ҷумла, ба тарбияи духтарон ба ин мақсад аҳаммияти зарурӣ дода шуда, ҳанӯз аз хурдӣ ба онҳо тарзи муносибат, муошират омӯзонда мешавад. Ин ҳама масоилеанд, ки дар ашъори Симини Донишвар ба шакли куллӣ ва ҷузъӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Агар гуфта шавад, ки эҳтироми зан дар ҷомеа ва ҳамзамон, шуҷоати он дар миёни мардуми форсу тоҷик, ки замоне дорои як давлати мустақил буданду то ҳанӯз пайванди таърихиву фарҳангии ногусастании он побарҷост, меросӣ аст, иштибоҳ нест, зеро дар баробари ҳамаи ин дар сарчашмаҳои таърихӣ зикр гардидааст, ки дар

лаҳзаҳои ҳассос занони тоҷику форс дар қатори мардон мардонагиву шуҷоат ва қаҳрамонӣ нишон додаанд. Намунаи ин қаҳрамониҳоро дар фаъолияти Малика Томирис, қаҳрамониҳои Рухшона, чил духтари покдомани хатлонӣ, ҷонфишониҳои Гурдофарид ва ғайра ба ҳисоб мераванд. Мавқеи аслии нигоҳҳои шеърии Симини Донишвар дар робита ба маърифати зан жарфнигорона буда, ӯ муътақид бар он аст, ки агар зан бомаърифат бошад, маърифатнокии вай ба фарзандонаш таъсири амиқ расонда ва агар модар китобхон, боиффат, бомаърифат ва донишманд бошад, фарзандон низ майл ба донишу маърифат карда, хислатҳои неки модарашонро дар худ парвариш медиҳанд ва ба модарашон пайравӣ мекунанд. Маҳз ҳамин таҷрибаҳоро омӯхта, ин зани романнависи машҳури эронӣ дар бунёди ҷомеаи имрӯзаи тараққиёфтаи эронӣ, ки қисмати умдаи онро занон ташкил мекунанд, каме ҳам бошад, саҳмгузор гардидааст. Андешаҳои Симини Донишвар бо андешаҳои занони соҳибилми дигари ҷаҳони Ислом тавъаманд, зеро ӯ низ дар оилаи исломӣ ба дунё омадааст. Агар дар фарҳанги исломӣ ҷойгоҳи махсуси модарон - занон ва духтарон дар хонавода ва ҷомеа ба хубӣ ва дақиқ муайян шуда бошад, пас ин нукта дар ашъори ин зани боистеъдоду бошуури эронӣ низ нақши муҳим ва таъсиррасонии мусбати онҳо чӣ дар муҳити хонавода ва чӣ дар ҷомеа эҳсос карда мешавад. Оё зани муосир соҳибмаърифат аст? Суоле ҳаст, ки доимо бояд дар мадди назар бошад ва ин суол ҳамеша зеҳни ӯро такон медод, чун ӯ ба ҷомеа нигоҳҳои мутанаввеъ назар мекард. Масъалаҳое, ки дар зер дарҷ мешаванд, масоилеанд, ки такроран рӯ ба рӯйи зеҳни ӯ қарор гирифта, хонандагони ашъори ӯро маҷзуби худ мегардонанд. Баъзан ҳолатҳое ҷой доранд, ки ба масъалаи омӯзиши занон, соҳибкасб гардидани онҳо кам аҳаммият дода мешавад. Ин гуна рафтор ба талаботи замон мувофиқ нест.

Тарбияи занони бомаърифатро дар оила, дар мактаб ва ҷомеа мақсаднок ташкил намоем. Манзур аз ин иддаоҳо тарбияи духтарон дар мактаб ва оила бошад. Ин ду ниҳод метавонанд дар алоқамандӣ тарбияи фарҳанги оиладорӣ, касбомӯзӣ ва соҳибилм шудани духтаронро, ки занону модарони ояндаи моянд, дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монанд. Ин гуфтаҳо ғояҳои аслии афкори ин зани романнависи машҳури эронианд. Адабиёти достонӣ, ба вижа роман бозтобдиҳандаи воқеияти иҷтимоӣ аст. Ҳар таҳаввуле дар ниҳодҳои як кишвар бар бахшҳои фарҳангӣ ва адабии он бештар асар мегузорад. Ҳамон гуна, ки мунтақидони адабӣ мунтақиданд, ки асари адабӣ беш аз ҳар чиз дар суннати забонӣ ва адабӣ ҷой мегирад ва суннати забониву адабӣ низ ба навбаи худ муҳот дар иқлими фарҳанги умумӣ аст ва бо авзои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ иртиботаш қавитар аст. Симини Донишвар аввалин зани достоннавис дар адабиёти форсӣ аст, ки аз ҷиҳати арзишу эътибор бо достоннависони насли худ, ки ҳама аз ҷинс мухолифанд шона ба шона месояд. Ӯ тайи солҳои тулонӣ дар маърази фарозу нишеби таҳаввулоти сиёсӣ, фарҳангӣ ва адабӣ қарор гирифтааст. Соли 1348 дар таърихи адабиёти Эрон аз аҳаммияти зиёде бархурдор аст. Дар ин сол бо интишори достони “Савушун”-и Симини Донишвар таҳаввули азиме дар арсаи нависандагии занон рӯй медиҳад. Ба гунае, ки мунтақидону таърихнигорони адабии Эрон, ин солро оғози достоннависии занон ва Симини Донишварро аввалин зани достоннависи эронӣ медонанд. Шумораҳои зиёди асар дар дохил ва низ тарҷумаи он ба шонздаҳ забони дигар ӯро ба унвони як зани эронии достоннавис дар арсаи ҷаҳонӣ эътироф мекард. Барои нахустин бор дар ин достон нависанда ва ровии достон зан буд. Албатта, пеш аз Симин нависандагони дигаре низ буданд, ки дар арсаи адабӣ фаъолият мекарданд, вале теъдодашон хеле кам буд. Достоннависӣ ба шеваи мутадовил дар Ғарб аз охирҳои асри 19 ва ҳамзамон бо даврони Машрута ва вуруди модернита дар Эрон шуруъ шуд. Иллати пайдоиши роман дар забони форсиро метавон ба вуруди санъати чоп, таъсиси матбуот ва тарҷума аз забонҳои аврупоӣ, ки таҳти таъсири забони фаронсавӣ ва баъдҳо таҳти таъсири забонҳои русӣ ва англисӣ буд, марбут донист. Романи модерн дар Эрон бо Содиқ Ҳидоят (Буф Кур) оғоз мешавад. Сипас, бо Содиқ Чӯбак (Санги сабур), ва Ҳушанг Гулширӣ (Шозда эҳтиҷоб) идома меёбад, аммо баъд Симини Донишвар, нахусутин зани эронӣ буд, ки достон навишт ва дар достони “Савушун” хост нигоҳи суннатиро, ки ба зан вуҷуд дошт аз миён бибарад. Симини Беҳбаҳонӣ бонуи ғазалсарои эронӣ, Симини Донишварро нависандаи фаромушнашуданӣ медонад ва муътақид аст, ки ӯ дар миёни занон беҳтарин қаламро

доштааст. Забони Симин забони пухта, равон ва шаффоф аст. Романҳои ӯ монанди “Савушун” ва “Ҷазираи саргардонӣ”-ро романҳои ҷадид медонанд, ки мазоёи осори классикро ҳам дар худ доранд. Ин осор ба хубӣ метавонанд дарҳам омехтагии романҳои ғарбӣ ва эрониро нишон диҳанд. Ҷойгоҳи Симини Донишвар дар сохти адабиёти достонии Эрон ва пешгомиҳои ӯ дар миёни нависандагони зан ба осори ӯ аҳаммият ва эътибор дар худи мутолеа ва пажуҳиш аст.

АДАБИЁТ

1. Муҳаммадҳусейн, Доноӣ. “Ду бародар”. –Теҳрон: Иттилоот, 1392.
2. Граматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ.1. Фонетика ва морфология. –Душанбе: Дониш, 1985. -356 саҳ.
3. Тақизода. “Нахустин достоннависи зани эронӣ”.-Теҳрон: Меҳр, 1386
4. Каримӣ, Ширин. “Панҷоҳ сол баъди Савушун”. –Теҳрон: Нашри нигоҳи муосир, 1399
5. Абдуллоҳӣ, Маҳноз. “Солшумории доктор Симини Донишвар”. –Маҷаллаи Бухоро, 2010.
6. Итминонӣ, Аббос. “Баррасӣ ва таҳлили романи Савушун”. –Теҳрон: Интишороти Сухан, 1383.
7. Симини Беҳбаҳонӣ. “Дидор дар ҷазира”. –Теҳрон: Интишороти Сухан, 1383.
8. Парастиш, Шаҳром. “Ривояти нобудии ноб”. –Теҳрон: Нашри солис, 1390.
9. Поянда, Ҳусейн. “Симини Донишвар Шаҳрзоди пасомодерн”. –Теҳрон: 1381.
10. Тоҷик, Муҳаммадризо. “Ҷомеаи амн дар гуфтмони Хотамӣ”. –Теҳрон: Нашринӣ, 1379.

СИМОИ ЗАН АЗ НИГОҲИ СИМИНИ ДОНИШВАР

Симини Донишвар яке аз маъруфтарин нависандагони Эрон ва нахустин зане, ки ба таври касбӣ ба нависандагӣ машғул шуд, дар осори худ симои занро бо воқеият ва умқи махсус инъикос кардааст. Вай занонро ҳамчун шахсиятҳои комил, ки бо мушкилоти иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва шахсӣ рӯ ба рӯ мешаванд, тасвир мекунад. Вай нишон медиҳад, ки занон бо вуҷуди маҳдудиятҳо метавонанд дар роҳи худшиносӣ қадам гузоранд. Осори ӯ яке аз муҳимтарин манбаъҳои адабӣ дар шинохти мушкилоти занон дар ҷомеаи Эрон мебошад.

КАЛИДВОЖАҲО: зан, осор, нависанда, иҷтимоӣ, Эрон, манбаъ, шахсият.

ОБРАЗ ЖЕНЩИНЫ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ СИМИН ДОНИШВАР

Симин Донишвар - одна из самых известных писательниц Ирана и первая женщина которая профессионально занялась литературной деятельностью. В своих произведениях она с особой глубиной изобрела образ женщины. Она показывает женщин как личностей, сталкивающихся с социальными, культурными и личными проблемами. Она также подчеркивает, что женщины могут преодолевать жизненные трудности благодаря своим особым способностям. Её творчество является одним из важнейших литературных источников для понимания положения и проблем женщин в иранском обществе.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: женщина, произведения, писатель, Иран, социальный, источник, личность.

THE IMAGE OF WOMEN FROM SIMIN DANESHVAR’ PERSPECTIVE

Simin Daneshvar is one of the most famous Iranian writers and the first woman to professionally engage in literary writing. In her works she has portrayed the image of women with deep realism. She depicts women as individuals who face social, cultural and personal challenge. She also emphasizes that women can overcome lifes difficulties throught their unique abilities. Her works are connesidered one of the most important literary sources for understanding the status and struggles of women in Iranian society.

KEYWORDS: women, works, writer, Iran, social, source, personality.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Саидмухторова Муниса Абдулфайзовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **918818323.**

Сведения об авторе: ***Саидмухторова Муниса Абдулфайзовна*** - Таджикский национальный университет, магистрант факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан г. Душанбе проспект Рудакї 17. Телефон: **918818323.**

Information about the author*: Saidmukhtorova Munisa Abdulfayzovna* **-** Tajik National University, master`s student of Faculty of Asian and European Languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan Dushanbe Rudaki Avenue 17. Phone: **918818323.**

ВОСИТАҲОИ ТАСВИРИ БАДЕӢ ДАР АСАР

Абдуллоева М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Воситаҳои забонии тасвири бадеӣ яке аз воситаҳои асосии ифодаи фикр ва фасоҳату назокати сухан аст. Дар воситаҳои забонии тасвири бадеии ҳар забон урфу одат, фарҳанги суханварӣ ва маданияти ҳамон халқ таҷассум ёфтааст.

Воситаҳои тасвири бадеӣ ороишгари сухан буда, барои боз ҳам рангин ва хонданибоб гаштани асар истифода карда мешаванд. Адабиётшиносони қадим санъатҳои бадеиро воситаҳои тасвири бадеӣ меномиданд. Воситаҳои тасвири бадеӣ барои боз ҷолиб ва таъсирбахш шудани асар истифода карда мешаванд. Васитаҳои тасвири бадеӣ ба асар ҷаззобияти хоса зам мекунанд.

Таваҷҷуҳ ба таҳқиқи адабиёти бадеӣ дар ҳар давру замон аз байн нарафта, минбаъд низ рушд хоҳад кард, зеро он масъалаҳои зиёди услубӣ ва забониро фаро мегирад ва баррасӣ мекунад. Дар аввал адабиёти бадеӣ меҳвари асосии адабиётшиносӣ будааст, аммо аз ибтидои асри XX он объекти асосиву муҳими илми забоншиносӣ низ маҳсуб меёбад. Дар ин бора академик В. Виноградов оид ба воситаҳои бадеӣ чунин қайд намудааст: “Воситаҳои забонии тасвири бадеӣ воситаҳои забон буда, сухани рангини нависандаро ба хонанда пурра баён мекунад” [1, с. 31].

Ба ин радиф, рисолаи илмии забоншинос М. Саломов дохил мешавад, ки танҳо як навъи воситаи забонии тасвири бадеӣ, яъне маҷозро ба таври хеле кушоду равшан дар сатҳи баланди илмӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст [11, с. 137]. Воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар илми забоншиносӣ аз ҷониби донишмандон ва забоншиносон ҳамчунин бо номҳои мухталиф, чун ифодаҳои маҷозӣ [4], пайвастҳои маҷозӣ [2], таркибҳои тасвирӣ [12], фразеологизмҳои бадеӣ ва воситаҳои тасвирии забонӣ [8] номгузорӣ шудааст.

Дар забоншиносии тоҷик ҳарчанд воситаҳои забонии тасвири бадеӣ ҳанӯз мавриди пурраи омӯзиш қарор нагирифтааст, вале забоншиносони тоҷик, ба мисли Т. Зеҳнӣ, Б. Камолиддинов, М. Саломов, Ш. Каримов ва дигарон ба чунин гурӯҳҳои воситаҳои забонии тасвир ва муассирии сухан ишораҳо кардаанд [3, с. 184].

Таҳқиқоти дақиқи забоншиносон ва олимон оид ба воситаҳои забонии тасвири бадеӣ самти нави забоншиносии услубӣ (linguistic stylistics) ва забоншиносии маърифатиро (cognitive linguistics) ба вуҷуд овардааст [13, с.211].

Доир ба воситаҳои забонии тасвири бадеӣ ва таҳлилҳои забонии онҳо бештар забоншиносони рус, аз қабили Ю.М. Лотман, В.В. Виноградов, Г.О. Винокур, Ю. В. Казарин ва дигарон таҳқиқотҳои илмӣ анҷом дода, назари арзишманду ҷолиби худро баён кардаанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки воситаҳои тасвири бадеӣ дар баробари санъати бадеӣ будан, дорои хусусиятҳои лингвистӣ мебошанд. Вобаста ба ин забоншиноси варзидаи тоҷик Ҳ. Маҷидов чунин зикр кардааст: “Воситаҳои тасвирии луғавӣ аз анвои гуногуни тасвирот, ки ҳамчун санъати бадеии анъанавӣ шинохта шудаанд, бояд фарқ кунад” [7, с. 12].

Манзур аз ин суханҳо чунин аст, ки истифодабарии навъҳои гуногуни воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дар осори бадеӣ хеле зиёд аст.

Инчунин, мафҳуми воситаҳои забонии тасвири бадеиро дигар олимони ватаниву хориҷӣ “таъсирбахш” ё “муассир” номидаанд. Дар ин бобат забоншиноси рус С.М. Мезенин чунин гуфтааст: “Дарвоқеъ, ҳеҷ яке аз воситаҳои забон – морфема, вожа, ибора образнокиро доро нестанд. Муносибати онҳо ба зуҳуроти ҳақиқати объективӣ характери аломатро дорад. Образнокӣ метавонад фардӣ, ифодаи нотакрор, инъикоси хаёлангези объект бошад” [9, с.53].

Ҳамин тавр, характери объективӣ доштани вожаҳоро дар ҳудуди мафҳуми морфема мебинем. Барои нишон додани воситаҳои забонии тасвири бадеӣ нависандагон бисёре аз

характери объективии одамонро ба мафҳумҳои дигар барои мисол ба ҳайвонот шабоҳат медиҳанд. Масалан, гург – шахси нодон, шер – шахси ҷасуру нотарс, харгӯш – шахси тарсу, мӯрча шахси меҳнаткаш, рӯбоҳ – шахси ҳушёру фиребгар ва ғайра.

Баъзе аз забоншиносону олимони тоҷик онҳоро метафора ё маҷоз, баъзеи дигар онҳоро эвфемизмҳо ё ин ки троп мегӯянд.

Троп (аз калимаи юнонӣ tropos гирифта шуда, маънояш навъи воситаҳои забонии тасвири бадеист, ки ба маънои ғайр аз маънии аз асли худ дуршуда ва дигаргун маҷозӣ меоянд. Троп дар навбати худ ба эпитет, муқоиса, инверсия, антитеза ва ғайра ҷудо мешавад [6, с. 413].

Воҳидҳои тасвирӣ – навъи воситаҳои забонии тасвири бадеӣ аст, ки дар баён намудани афкору андеша ва ҳиссиёту ормони шахс васеъ истифода шуда, ҳамзамон аз ҷиҳатҳои грамматикӣ зиёд омӯхта мешаванд. Ба ин қатор дохил мешаванд: метафора, муқоиса, ирония, литота, аллегория, синекдоха ва ғайраҳо. Воҳидҳои тасвирӣ дар забоншиносии тоҷик пурра ҳаллу фасл нагардидаанд. Чунин навъи воситаҳо бештар дар асарҳои бадеӣ мавҷуданд. Дар ин шакли воситаҳо бештар сифат, зарф ва феъл бо изофа намудани пешванду пасванд истифода мегарданд.

Воситаҳои забонии тасвири бадеие, ки тавассути маънои маҷозӣ бо мақсади ба вуҷуд овардани шакл (образ) истифода мешаванд, троп номида мешаванд.

Дар бораи метафора забоншиноси тоҷик Б. Камолиддинов чунин андешаронӣ намудааст: «Дар ифодаҳои маҷозӣ -1метафорӣ низ як ҷузъ ба маънои аслӣ ва дигаре маҷозан кор фармуда шаванд ҳам, онҳо бо баъзе хусусиятҳояшон аз ибораҳои фразеологӣ фарқ мекунанд» [4, с. 185].

Яке аз сарчашмаҳои ташаккули воҳидҳои тасвири забонӣ паремияҳо (зарбулмасал, масал) ба ҳисоб мераванд.

Полисемия нисбат бо дигар воситаҳои забонии тасвири бадеӣ дорои вижагиҳои хоси худ мебошад ва ба ҳар навъ ифода карда мешаванд. Оид ба полисемия апндешаи басо кам мавҷуд аст ва ин ишораро танҳо аз китоби “Лексикаи забони адабии тоҷик”, ки аз ҷониби забоншиносони тоҷик М. Муҳаммадиев, Ҳ. Талбаков ва Ю. Нурмуҳаммадов ба табъ расидааст, дастрас намудем. Дар китоби мазкур чунин қайд карда шудааст: “Ин гуна калима дар пояи маънои аслӣ маънои нав мегирад, сермаъно мешавад. Маънои нави калима дар атрофи маънои аслӣ давр мезанад. Масалан, калимаи “лаб” маъноҳои зеринро дорост: лаби одам (маънои аслӣ) ва маъноҳои маҷозӣ он лаби ҷӯ, лаби дег, лаби замин, лаби нон ва ғайраҳо” [10, с. 16].

Агар рӯшантар карда гӯем, полисемия дар забони тоҷикӣ чунин аст, ки як калима метавонад ба ғайр аз маънои аслӣ бо усулҳои гуногун дорои чанд маънои дигар низ бошад. Масалан, сар узви инсон аст ва боз метавонад ба маънои сари кӯча, сари танӯр, сари дег ва ғайра истифода карда шавад.

Вобаста ба истифода намудани воситаҳои тасвири бадеӣ, дар китоби “Услубшиносӣ” – и худ, забоншиноси тоҷик Б. Камолиддинов чунин қайд намудааст: “Гарчи ҳар як нависанда дар тасвири воқеаҳои зиндагӣ услуби хос дорад ва дар интихоби тарзи истеъмоли унсурҳои луғавию грамматикӣ соҳибихтиёр аст, вале ин мустақалият ҳам ҳадди муайяне дорад, чунки услуби эҷодии нависанда набояд ба ҳусни табии забони миллӣ осебе расонад, адиб набояд бо унсурҳои луғавии бегона ва калимаю ифодаҳои вайрони шева забони адабиро ифлос кунад, бо ҷумлабандиҳои сунъӣ ва суханпардозиҳои бемаънӣ онро заифу нотавон кунад. Вазифаи ҳусни баён ва услубшиносии амалӣ аз чунин нуқсонҳо покиза нигаҳ доштани забони адабии тоҷик аст” [5, с. 11].

Бешубҳа, таҷассуми воситаҳои забонии тасвири бадеӣ ба тасвиргароӣ як рассоми моҳирро мемонад, ки аз мутолиа намудан кас ҳеҷ гоҳ хаста намешавад ва матни забонаш ҳамеша ҳаловатбахш аст.

АДАБИЁТ

1. Виноградов, В.С. Лексические вопросы перевода художественной прозы [Текст] / В.С. Виноградов. – М.: МГУ, 1978. - 174 с.

2. Гаврин, С.Г. Изучение фразеологии русского языка в школе [Текст] / С.Г. Гаврин, Москва:Учпедгиз, 1963. - 152 с.
3. Головин В.Р. Стилистика разных языках [Текст] / В.Р. Галперин, -Москва, 1988. - 184 с.
4. Камолиддинов, Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим [Матн] / Б. Камолиддинов. - Душанбе: Ирфон, 1967. - 185 с.
5. Камолиддинов, Б. Услубшиносӣ [Матн] / Б. Камолиддинов. - Душанбе: Ирфон, 1973. -118 с.
6. Lakoff, G. The Contemporary Theory of Metaphor /G. Lakoff. – Cambridge University Press, 1993. -696 p.
7. Маҷидов, Ҳ. Усулҳои сермаъношавии калимаҳо [Матн] // Ҳ. Маҷидов. Маърифат, 1998, № 1-2, - С. 10-13
8. Маҷидов, Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик [Матн] / Ҳ. Маҷидов. - Душанбе, 1982. - 103 с
9. Мезенин С.М. Образность как лигвистическая категория [Текст] / С.М. Мезенин. - Москва: ВЯ, 1983, № 6, - С. 48-57.
10. Муҳаммадиев, М., Талбаков Ҳ., Нурмуҳаммадов Ю. Лексикаи забони адабии тоҷик [Текст] / М. Муҳаммадиев, Ҳ. Талбаков, - Душанбе, 1997. - 190 с.
11. Саломов, М.Қ. Ифодаи маҷоз дар ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ [Текст] / М.Қ. Саломов. - Душанбе, 2001, -137 с.
12. Шмелев, Д.Н. Современный русский язык. Лексика [Текст] / Д.Н. Шмелев. - Москва: Просвещение, 1977, - 334 с.
13. Widdowson H.G. Practical Stylistics, Oxford: Oxford University Press, 1992, -325 p

ВОСИТАҲОИ ТАСВИРИ БАДЕӢ ДАР АСАР

Дар мақолаи мазкур воситаҳои тасвири бадеӣ дар асар ва воситаҳои забонии тасвири бадеӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Зимни таҳлилҳои муаллифи мақола маълум мешавад, ки воситаҳои тасвири бадеӣ на танҳо дар адабиёт, балки дар илми забоншиносӣ низ ҷойгоҳи махсуси худро доро аст. Аммо бинобар сабаби кам таҳлил гардидани ин мавзуъ аз ҷониби забоншиносони тоҷик, ягон мулоҳизаи ҷолиби диққат ба назар намерасад.

КАЛИДВОЖАҲО: воситаҳои тасвири бадеӣ, воҳидҳои тасвирӣ, таркибҳои тасвирӣ, пайвастҳои маҷозӣ.

СРЕДСТВО ХУДОЖЕСТВЕННОЙ ВЫРАЗИТЕЛЬНОСТИ В ПРОИЗВЕДЕНИИ

В статье исследуется средство художественной выразительности в произведении и средство художественной выразительности в языке. При анализе статьи становится ясно, что средство художественной выразительности играют особую роль не только в литературе, но и в языкознание. Но из-за отсутствия тщательного анализа данной темы со стороны таджикских лингвистах нет достаточно интересных фактов.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: средство художественной выразительности, единицы изображения, структура выразительности, аллегорические связи.

MEANS OF ARTISTIC EXPRESSION IN A WORK

The article examines the means of artistic expression in a work and the means of artistic expression in language. When analyzing the article, it becomes clear that the means of artistic expression play a special role not only in literature, but also in linguistics. But due to the lack of a thorough analysis of this topic by Tajik linguists, there are not enough interesting facts.

KEYWORDS: means of artistic expression, units of image, structure of expression, allegorical connections.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Абдуллоева Мубина*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси 2-юми факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **[+992]987930110.** E-mail: **abdulloeva0110@gmail.com.**

Сведения об авторе: ***Абдуллоева Мубина-*** Таджикский национальный университет, магистр 2 курса факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **[+992]987930110.** E-mail: **abdulloeva0110@gmail.com.**

Information about the author: ***Abdulloeva Mubina***- Tajik National University, second- year master's student of Faculty of Asian and European Languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **[+992]987930110.** E-mail: **abdulloeva0110@gmail.com.**

ЗАМИНАҲОИ ПАЙДОИШИ ҶАРАЁНИ ШУУБИЯ ДАР АДАБИЁТИ ДАВРАИ УММАВИЁН

Ашуров Р.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҷунбиши шуубия дар охирҳои хилофати Уммавӣ оғоз гардида, дар хилофати Аббосӣ ба авҷи худ расид. Лозим ба ёдоварист, ки ин наҳзат дар ҳудуди асри Х мелодӣ ба ҳадафҳои сиёсии худ то андозае ноил гардид. Ба ин маъно, ки дар ин аср дар баъзе гӯшаю канори императории исломӣ баъзе қавму миллатҳо дорои давлатҳои нисбатан мустақил ва миллии худ гардиданд. Барои намуна ва мисол метавон сулолаҳои Саффориён, Тоҳириён, Сомониён, Ғазнавиён, Салҷуқиён ва ғайраро ном бурд.

Аз охирҳои аҳди Уммавӣ наҳзатҳои миллӣ, сиёсӣ ва мазҳабӣ ҳаррӯз ба ранге зоҳир мешуд. Мақсуди аслии ин ҷунбишҳо дар аввал барандохтани давлат ва ҳукмронии араб буд, на дини ислом. Қиёми Абумуслим агарчи ба салтанати Бани Умайя поён дод, лекин натавонист ҳукмронии арабро аз миён бубарад. Бузургтарин наҳзати эрониён, ки сабаби завол ва шикасти давлат ва сиёдати ҳукмронони араб шуд, наҳзати шуубия буд. Ин наҳзат аз аввалҳои қарни дуюми ҳичрӣ (VII мелодӣ), балки пеш аз он шуруъ ва дунболаи он то қарни шашуми ҳичрӣ (XII мелодӣ) кашида шуд [3, 260].

Пайдоиши маслаки шуубия ҷунбиши бузурге дар олами ислом ва араб эҷод кард ва тағйироти амиқе дар куллияи аҳволи сиёсӣ, фикрӣ ва адабии араб падид овард ва кор ба ҷое расид, ки ҷамъи зиёде аз ҳар табақа ва миллате ҳатто аз ҷинси араб ба ин фирқа пайвастанд. Дар кутуби адаб ва таърихномаҳо бо номи бисёре аз донишмандони машҳур, шоирон ва нависандагони маъруф ва амирону вазирони номӣ бармехӯрем, ки дорои ақидаи шуубӣ ва аз ҳавохоҳони ҷиддии ин маслак буданд.

Замзамаи ақоиди Шуубия аз охирҳои аҳди Умавӣ аз ҳамон вақт, ки Исмоил ибни Ясор дар ҳузури Ҳишом ибни Абдумалик мафохири эрониёнро мешумурд, оғоз шуд, вале дар он мавқеъ шахси халифа ва ҳамчунин соири тарафдорони араб комилан огоҳ буданд ва ба васоили мухталиф ин садоҳоро хомӯш мекарданд. Бад-ин ҷиҳат буд, ки даъвати Шуубия аз оғоз бисёр пинҳон ва мармуз (розгуна) буд ва бе сару садо пеш мерафт. Аз оғози хилофати Бани Аббос кам-кам ин садо баланд ва таблиғоти Шуубия ҷиддитар шуд. Дар замони Ҳорун ва Маъмун ин садо шиддат ёфт ва дар қарни саввуми ҳичрӣ (XIII мелодӣ) ба мунтаҳои шиддати худ расид.

Доираи таркиботи иҷтимоии ин ҷараён дар оғоз илова бар эрониён ва ағлаби шуарову нависандагони маъруф ва шахсиятҳои хирадманди онҳо, арабҳои норозиро ҳам дарбар мегирифт. Онҳо тамоми шуришҳои хавориҷ ва дигар мухолифони Бани Умайяро дар ҳарҷо ёрӣ медоданд ва роҳбарӣ мекарданд. Аз ҷумла, ба навиштани Эдуард Браун дар охирҳои қарни аввали ҳичрӣ донишманди забоншиносе бо номи «Бушкаст», ки исмаш комилан ironӣ ба назар мерасад, дар Мадина рӯзгор мегузаронд ва бо тадриси илми наҳв иштиғол дошт. Вай дар туғёни Хавориҷ нақши муҳим дошт ва дар натиҷаи ин фаъолиятҳо маъмурони Марвон халифаи Уммавӣ ӯро дастгир карда ва ба қатл расониданд [2, 514].

Ҳамчунин, аз шоирони маъруф, ки дар танқиду таҳқири араб дар муқобили худбартарангории арабҳо барои нахустин бор вокуниши фарҳангии эрониёнро намоиш дод, Исмоили Ясор буд, ки шеъре саросар дар ситоиши эрониён ва фурӯмоягии арабҳо дар ҳузури Ҳишом ибни Абдумалик халифаи Уммавӣ хонд ва он халифа ба хашм омад ва аз шиддати асабият ва ғазаб гуфт, сазои он кас, ки ба подшоҳони кофири худ ифтихор намояд, марг аст ва бифармуд то ӯро дар об андохта, хафа кунанд [1, 120].

Нахустин ҷунбиши шуубия ҷунбиши адабӣ буд. Ҳамчунон ки араб ба шеъру адаб ба ҳифзи ансоб (насабҳо) мубоҳот мекард, эрониёни шуубӣ низ шуруъ ба сурудани шеъри арабӣ карданд ва фахр ба ансобро дар ашъор ҷой доданд, чунон ки ҳамосиёти шуарои шуубии Эрон ба забони тозӣ (арабӣ) аз ҷумлаи дилкаштарин осори фикри эронӣ ва намояндаи ҳиссиёти олии ватанпарстии эрониёни он рӯзгор аст [4, 137].

Нахустин касе, ки ин садоро баланд кард ва қоиду пешвои наҳзати адабии шуубия дар асри Бани Умайя ба шумор омад, Исмоил фарзанди Ясори Насоӣ (ваф. ба соли 110 ҳ. 728 м.) буд. Таърихи таваллуди Исмоил ба дурустӣ маълум нест, вале мутобиқи он чӣ ривоят кардаанд, умри тулонӣ дошта ва даврони охирини халифи Уммавӣ Марвон ибни Муҳаммад (маъруф ба Марвони ҳимор (хар)-ро дидааст. Дар вақҳи шӯҳраташ ба Насоӣ сухани бисёр гуфта шуда ва чанд эҳтимол изҳор гаштааст. Бинобар он ки худ ё падараш ашё, чизҳо ва лавозими арӯсӣ мефурӯхтаанд, аз ин рӯ, ба «Насоӣ» (тоҷири молҳои занона) машҳур шудааст.

Исмоил аз маволии Бани Тамим ва аз махсусини Оли Зубайр буд. Баъд аз ин ки Абдумалики Марвон ба хилофат расид, Исмоил ба хидмати ӯ шитофт ва ӯву хулафои баъди ӯро ба зарурати вақт мадҳ мегуфт, вале ботинан душманаш медошт.

Абулфараҷи Исфаҳонӣ ривоят мекунад, ки «Исмоил ибни Ясор рӯзе ба зарурате ба мулоқоти Ғамр ибни Язид ибни Абдумалик рафт ва соате интизор шуд, то иҷозаи ҳузур ёфт. Чун ба ҳузур расид, барои ҷалби таваҷҷуҳи ӯ ба адои ҳоҷати хеш, худ ва падари худро Марвонӣ хонд. Чун аз назди Ғамр берун омад, шахсе ба дунболи ӯ шитофта ба вай гуфт: Вой бар ту эй Исмоил! Чӣ гуна ту ва падарат Марвонӣ шудаед? Исмоил гуфт: Мо ин гуна Марвонӣ ҳастем, ки Оли Марвонро душман медорем, занам муталиқа (талоқ) бод, агар дурӯғ бигӯям. Модарам ҳама рӯзи бомдод ба ҷойи ҳамд ва тасбеҳ Марвон ва Оли Марвонро лаънат мекунад; Пас падарам ба ҳангоми супоридани ҷон гуфтанд, бигӯ: «Ло Илоҳа илла-л-лоҳ», гуфт: «Худо Марвонро лаънат кунад» ва маҳзи ризои Худо нафринро ивази калимаи тавҳид, ба забон оварда; Зеро лаънат хондани Марвонро монанди калимаи тавҳид медонист [3, 125].

Ин худ намунае аз эҳсоси эрониён нисбат ба Бани Умайя ва Оли Марвон буд ва бар ин қиёс, навъе аз эрониён дар он замон ҳокимон ва хулафои Уммавиро душман медоштанд ва дар натиҷа нахустин наҳзат ва ҷунбиши худро ба сурати муфохират (ифтихор) бар араб ошкор карданд. Бани Умайя ба ҳар василае, ки мешуд, ин садоҳои ҳақталабонаро бо қаҳру фишор ва озор хомӯш мекарданд ва гулӯи соҳибони ин нағмаҳоро бераҳмона мефишурданд. Чунон ки Исмоил ва бародаронаш Муҳаммад ва Иброҳим, ки ҳар се шоир ва дорои ғурури миллӣ буданд, ҳамвора бо бечорагӣ зиндагӣ мекарданд ва дар амон аз таъқибу таъзиби (азоби) Бани Умайя набуданд.

Абулфараҷ менависад: «Рӯзе Исмоил ибни Ясор ба назди Ҳишом ибни Абдулмлик ворид шуд ва ин қасидаро, ки дар мафохири насабии худ суруда буду далоили маҷду азамати Эронро дарбар дошт, барои ӯ хонд:

إِنّي وَجدّك ما عودي بِذي خَوَرٍ
عِند الحِفاظِ وَلا حَوضي بِمَهدومِ
أَصلي كَريمٌ وَمَجدي لا يُقاسُ بِهِ
وَلي لِسانٌ كَحَدِّ السَّيفِ مَسمومِ...

Мазмуни абёт: «Қасам ба ниёят, ҳангоми дифоъ сусту забун нестам, касе қодир нест ҷойгоҳ ва манзиламро вайрон кунад (хонаро ба ҳавз таъбир кардааст) ….

Нажоди ман некӯ ва азамати қавми ман бо мафохири ақвоми дигар қобили муқоиса нест.

Забоне дорам, ки монанди теғ заҳрогин аст ва бо ҳамин забон аз азамати миллати худ, ки дорои макорими (фазилатҳои) бисёр аст, дифоъ мекунам ва подшоҳонеро, ки ҳама тоҷдор ва кишваркушо ҳастанд, бо забон ҳифз мекунам.

Онҳо карим, оқо, сафедрӯ, марзбон, наҷиб, чобук, сахӣ ва меҳмоннавоз буданд, оё касе дар азамат ва муфохират монанди Хусрав ва Шопур лашкаркаш ва ҳурмузон (ҳоким) ҳаст?

Онҳо ҳангоми ситез, агар ҳамла кунанд, чун шерони лашкаранд, ҳамон қавме, ки турку румро хор карданд.

Ҳама бо аслиҳа ва зиреҳҳои ба ҳам пайваста монанди шерони дарранда ва хашмгин роҳ раванд. Он ҷост, ки агар бипурсӣ ба ту хабар диҳанд, ки дорои аслу нажоде ҳастам, ки иззати тамоми нажодҳоро поймол кардааст» [6, 49].

Ҳишом аз шунидани ин ашъор ба хашм шуд ва гуфт: «Бар ман муфохират мекунӣ ва мадоиҳу маноқиби ниёгони хешро дар ҳузури ман мехонӣ?» Пас фармон дод, ки ӯро дар буркае (ҳавзе) андохтанд, ба тавре ки наздик буд, хафа шавад; Он гоҳ амр кард, вайро берун кашиданд ва ба Ҳичоз бадарға карданд.

Исмоил дар бораи азамати ниёгони худ чунин мегӯяд:

رُبَّ خالٍ مُتَوّجٍ لي وَعَمٍّ
ماجِدٍ مُجتَدىً كَريم النِّصابِ
إنَّما سمّي الفَوارِسُ بِالفُر
سِ مُضاهاة رِفعَةِ الأنسابِ
فَاتِرُكي الفَخرَ يا أُمامُ عَلَينا
وَاتِرُكي الجَورَ وَانطقي بِالصَّوابِ
وَاسأَلي إن جَهلتِ عَنّا وعَنكُم
كَيفَ كُنّا في سالِفِ الأحقابِ
إذ نُرَبّي بَناتِنا وَتدسّو
نَ سَفاهاً بَناتِكُم في التُّرابِ

Мазмуни абёт: «Ман чандин доии (тағои) тоҷдор ва амми (амакҳои) покнажод дорам:

Номи фаворис (саворон) барои ин аз моддаи «фурс» (эрониён) гирифта шудааст, то бо интисоб ба нажоди арҷманди мо бартарӣ ёбанд.

Инак эй имом! Тафохур макун ва ситам ба мо раво мадор ва ба мо ба ростӣ ва савоб сухан бигӯ, агар ҳам аз гузаштаи мо (эрониён) ва шумо (аъроб) дар рӯзгорҳои пешин бехабарӣ, бипурс, то бидонӣ мову шумо чӣ гуна будем.

Мо духтарони худро тарбия мекардем ва шумо духтарони худро зинда ба гӯр мекардед».

Аз таҳқиқи мавзуи мазкур метавон чунин натиҷагирӣ намуд, ки воқеан ҳам ҷараёни шуубия дар замони Умавиён ба вуҷуд омада, дар тамоми соҳаҳои ҳамон замон нақши муассир гузоштааст. Ин ҳаракат барои муаррифии арзишҳои пешазисломии эрониён ва бузург нишон додани Аҷам дар баробари Араб нақши бориз гузошт.

АДАБИЁТ

1. Абдулазиз ад-Даврқ. Решаіои таърихии шуубия. – Бейрут, 1942.
2. Абдулҳусайн Заринкӯб. Ду sарни сукут. – Теҳрон, 1337.
3. Абдулҳусайни Заринкӯб. Таърихи Эрон баъд аз ислом. – Теҳрон, 1343 ҳ.
4. Забеіулло Сафо. Іамосасароқ дар Эрон. – Теҳрон, 1363ҳ.
5. Забеіулло Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон. – Теҳрон, 1335ҳ.
6. Аҳмад Амин. Партави ислом. – Теҳрон, 1337ҳ.
7. Раҷабова Марҳабо. Адабиёти шуубии форсу тоҷики асрҳои VIII-X. – Хуҷанд: 2014. “Меъроҷ”, – 204 с.
8. Ричард Котем. Натсионализм дар Эрон. – Теҳрон, 1993.

ЗАМИНАҲОИ ПАЙДОИШИ ҶАРАЁНИ ШУУБИЯ ДАР АДАБИЁТИ ДАВРАИ УММАВИЁН

Дар мақола масъалаи заминаҳои рушди наҳзати шуубия ва омилҳои ба вуҷуд омадани он баррасӣ шудааст. Инчунин, рушд ва нумуи шуубия дар замони уммавиҳо таҳқиқ шудааст. Дар натиҷаи омӯзиш маълум гашт, ки ин назҳат замоне ба вуҷуд омад, ки арабҳо худро аз дигар қавму миллатҳо болотар меҳисобиданд. Эрониҳо аз ин муносибати онҳо дилсард шуда, наҳзати шуубияро ба вуҷуд оварданд.

КАЛИДВОЖАҲО: шуубия, умавиҳо, адабиёт, аср, шеър, наср, миллат, эронӣ, давра, мазмун.

ОСНОВАНИЯ ВОЗНИКНОВЕНИЯ ДВИЖЕНИИ ШУУБИИ В ЛИТЕРАТУРЕ ПЕРИОДА ОМЕЙЯДОВ

В статье рассматриваются предпосылки развития Шуубийского возрождения и факторы, способствовавшие его возникновению. Также исследовалось развитие и рост Шуубийи в период Омейядов. В результате исследования стало ясно, что данная идеология возникла в то время, когда арабы считали себя выше других народов и наций. Иранцы, разочарованные таким отношением, создали эпоху Возрождения Шуубийя.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: Шуубийя, Омейяды, литература, век, поэзия, проза, нация, иранцы, период, содержание.

THE GROUNDS OF THE EMERGENCE OF SHU'UBIYYA IN THE LITERATURE OF THE UMMAVID PERIOD

The article examines the prerequisites for the development of the Shu'ubiyya revival and the factors that contributed to its emergence. The development and growth of Shu'ubiyya during the Umayyad period was also studied. As a result of the study, it became clear that this ideology arose at a time when the Arabs considered themselves superior to other peoples and nations. The Iranians, disappointed with this attitude, created the era of the Shu'ubiyya Renaissance.

KEYWORDS: Shu'ubiyya, Umayyads, literature, century, poetry, prose, nation, Iranians, period, content.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ашуров Равшан*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

Сведения об авторе: ***Ашуров Равшан*** - Таджикский национальный университет, магистрант факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан г. Душанбе проспект Рудакї 17.

Information about the author: ***Ashurov Ravshan*** - Tajik National University, master`s student of Faculty of Asian and European Languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan Dushanbe Rudaki Avenue 17.

МАВҚЕИ ПАСВАНДҲОИ СИФАТСОЗ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ САЪДИИ ШЕРОЗӢ

Каримова О.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар забони тоҷикӣ яке аз воситаҳои бою ғанӣ гадонидани таркиби луғавии забон калимасозӣ ба шумор меравад. Бо ин восита калимаҳои нав ба таркиби луғавии забон ворид мешаванд. Доир ба калимасозӣ ва роҳу усулҳои он донишмандони соҳа асару мақолаҳои ҷудогона таълиф намудаанд. Яке аз китобҳои дарсие, ки дар он ба масъалаи калимасозӣ бештар аҳаммият дода шудааст, "Морфологияи забони тоҷикӣ" мебошад. Доир ба ин масъала Шарофиддин Рустамов қайд мекунад, ки "бисёр калимаҳои наве, ки дар натиҷаи дигаргунии иҷтимоӣ, хоҷагӣ, инкишофи илму маданият ва ғайра пайдо шудаанд, бо роҳи калимасозӣ ба вуҷуд омадаанд, ки онҳо бо сохти грамматика ва қонунҳои дохилии забон пурра мувоффиқат мекунанд" [10, 14]

Бо ёрии пасванду пешвандҳо сохтани калимаҳои нав дар забони тоҷикӣ таърихи дуру дароз дорад. Калимасозӣ дар ҳама даврони инкишофи забони тоҷикӣ яке аз роҳҳои сермаҳсули инкишофи таркиби луғавӣ ба шумор меравад.

Дар таърихи забон сифат роҳу усулҳои гуногуни калимасозӣ дорад ва яке аз роҳҳои сохтани сифатҳои нав истифода аз пасванду пешвандҳои сифатсоз ба ҳисоб меравад.

Бояд гуфт, ки масъалаи калимасозии ҳиссаҳои гуногуни нутқ, аз ҷумла калимасозии сифат дар забоншиносии тоҷик бештар дар заминаи осори хаттии адабиёти муосири тоҷик сурат гирифтааст. Танҳо солҳои охир ба таҳқиқи калимасозӣ дар таърихи забони адабии тоҷикӣ муҳаққиқон машғул гардидаанд ва якчанд рисолаҳои илмӣ низ таълиф кардаанд.

Муҳим будани ин масъаларо ҳанӯз дар солҳои 70-уми асри XX забоншинос С. Ҳалимов таъкид намуда, чунин гуфта буд: "... дар соҳаи калимасозии забони тоҷикӣ аз рӯйи ёдгориҳои хаттӣ асаре ба вуҷуд наомадааст ва хусусиятҳои калимасозӣ дар як давраи алоҳида ва аз рӯйи як асари ҷудогона таҳқиқ карда нашудааст". Таҳқиқи масъалаи мазкур, асосан баъди ин гуфтаҳо таваҷҷуҳи муҳаққиқонро бештар ҷалб кардааст.

Ҳамин тариқ, муҳақиқони соҳа дар асоси маводи манзуму мансури даврони мухталифи инкишофи забони адабии тоҷик нақши калимаҳои сохтаро бо таълифи китобу мақолаҳои худ нишон додаанд.

Дар ташаккул ва инкишофёбии таркиби луғавии забон шоирону нависандагон саҳми босазо гузоштаанд. Онҳо дар мавриди офаридани образ ва тасвирҳои гуногуни бадеӣ кӯшиш намудаанд, ки аз ҳама воситаҳои забонӣ бо як маҳорати баланд истифода намоянд. Омӯзиши паҳлуҳои гуногуни забони шеъри намояндагони адабиёти калассикӣ заминаи мусоиде барои рушди назариявии забони адабии ҳозираи тоҷикӣ фароҳам хоҳад овард.

Дар мақолаи мазкур мо кӯшиш намудем, ки доир ба калимасозии пасвандии сифат маълумот диҳем. Аз сабаби он ки калимасозӣ дар асоси маводи забони муосири тоҷикӣ, бештар таҳқиқ шудааст, мо ба хулосае омадем, ки барои таҳқиқи калимасозии сифат аз маводи таърихи забони адабии тоҷикӣ, аз ғазалиёти Саъдии Шерозӣ истифода намоем.

Саъдии Шерозӣ аз ҷумлаи донишмандон ва мутафаккирони бузург мебошад, ки дар тули ҳаёти бобаракати худ дар таълиму тарбияи на танҳо насли навраси замони худ, балки калонсолон низ саҳмгузор буд. Осори ахлоқии ӯ то имрӯз дар тарбияи чандин насл нақши муҳиме гузоштааст. Мавзуи ашъори Саъдӣ гуногун буда, сабки эҷодаш сода ва равон мебошад ва на танҳо ба ҳиссёт, балки ба тафаккури хонанда нигаронида шудааст. Саъдии Шерозӣ аз ҷумлаи шоиронест, ки дар ғазалиёташ бо як маҳорати баланд аз воситаҳои гуногуни забонӣ истифода намудааст. Аз ин лиҳоз бо забони сода ва пуробу рангаш дар дили хурду бузург маҳбубияти ба худ хосро касб намудааст.

Бояд қайд намуд, ки хусусиятҳои гуногуни луғавию грамматикӣ дар забони назму наср ҷиҳатҳои бисёр муҳимми сохтори забонро ошкор месозад. Махсусан омӯзиши забони назм бисёр ҷолиби диққат мебошад.

Дар таърихи забони адабӣ сифат роҳу усули гуногуни калимасозӣ дорад. Аз ҷумла, барои сохтани сифатҳо, пасванду пешвандҳо ба таври фаровон истифода мешаванд. Сифатҳои сохта дар таркиби луғавии забон миқдори зиёди калимаҳоро ташкил медиҳанд, ки онҳо ба воситаи пасванду пешвандҳо сохта мешаванд. Ҳангоми таҳқиқ ва баррасии миқдори муайяни ғазалиёти Саъдӣ маълум гардид, ки доираи истеъмоли сифатҳои сохта хеле васеъ аст ва аз ин лиҳоз онҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо намудан имконпазир аст:

1. Сифатҳои сохта бо пасвандҳои сермаҳсул.

2. Сифатҳои сохта бо пасвандҳои каммаҳсул.

Пасвандҳоеро, ки қариб ба ҳама калима ҳамроҳ шуда, сифатҳои нав месозанд, пасвандҳои сермаҳсул меноманд. Ба ин гурӯҳ пасвандҳо **-ӣ (-гӣ), нок** дохил мешаванд.

Пасвандҳои мазкур, албатта, аз нигоҳи дараҷаи истифодаашон дар сифатсозӣ дар як сатҳ қарор надоранд.

Яке аз пасвандҳое, ки дар забони тоҷикӣ таърихи тулонӣ дорад, пасванди **-ӣ** аст. Ин пасванд аз сермаҳсултарин ванди забон ба шумор рафта, дар сохтани ҳиссаҳои гуногуни нутқ иштирок мекунад. Яке аз вазифаҳои пасвади **-ӣ** сохтани сифатҳост. Саъдии Шерозӣ калимаҳоеро, ки тавассути пасванди **-ӣ** сохта шудаанд, ба вазифаи сифат зиёд корбаст намудааст. Сифатҳои сохтаи бо ёрии пасванди **-ӣ** шаклгирифтаро, ки аз ғазалиёти Саъдӣ пайдо кардем, ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

А. Сифатҳои сохтае, ки тавассути пасванди сермаҳсули **-ӣ** шакл гирифтаанд ва аломату хусусиятро нисбат ба шахс, ашё ва аломату ҳодисаҳо мефаҳмонад. Масалан: дили **савдоӣ,** қазои **осмонӣ,** мурғи **ваҳшӣ** ва ғайра. Далели ин гуфтаҳо байтҳои зерин шуда метавонад:

Вақте дили **савдоӣ** мерафт ба бустонҳо,
Бе хештанам кардӣ бӯйи гулу райҳонҳо.

Ақлро бо ишқи хубон тоқати сарпанҷа нест,
Бо қазои **осмонӣ** бар натобад ҷаҳди мард.

Мурғи **ваҳшӣ**, ки мерамид аз қайд,
Бо ҳама зиракӣ, ба дом афтод.

Б. Пасванди **-ӣ** аз исм сифатҳои нисбие месозад, ки муносибат ба замонро далолат мекунад: боди **баҳорӣ**, боди **наврӯзӣ,** даври **ҷавонӣ**, насими **субҳгоҳӣ**

Барқи ямонӣ биҷаст, боди **баҳорӣ** бихост,
Тоқати Маҷнун бираф, хонаи Лайлӣ куҷост.

Замину боғу бустонро ба ишқи боди **наврӯзӣ**,
Бибояд сохт бо ҷавре, ки аз боди хазон ояд.

Даври **ҷавонӣ** гузашт, муйи сияҳ песа гашт,
Барқи ямонӣ биҷаст, гард бимонд аз савор.

Чу булбули **саҳарӣ** бар гирифт навбати бом,
Зи тавбахонаи танҳоӣ омадам, бар бом.

В. Пасванди **-ӣ** аз исм сифати нисбие месозад, ки муносибати маконiро мефаҳмонад. Масалан: турки **шерозӣ**, сарви **бӯстонӣ**, пардаи **ироқӣ**.

Қарини ёри зеборо чӣ парвои чаман бошад?
Ҳазорон сарви **бӯстонӣ** фидои сарвболое !

Бояд қайд кард, ки зуд-зуд аз исмҳои хоси ифодагари номи кишварҳо тавассути пасванди -ӣ сифати ифодакунандаи муносибати маконӣ сохта шудааст. Мисол:

Зи дасти турки **хитоӣ** касе ҷафо чандон,
Намебарад, ки ман аз дасти турки **шерозӣ**.

Баъд аз Ироқ ҷое хуш н-оядам ҳавое,
Мутриб, бизан навое з-он пардаи **ироқӣ**.

Г. Пасванди **-ӣ** бо исм омада, сифати нисбие месозад, ки рангро ифода мекунад: хатти **арғувонӣ**.

Саъдӣ хатти сабз дӯст дорад,
Пероҳани хатти **арғувонӣ**.

Пасванди **-нок** бо исм омада, сифатҳои аслие месозад, ки ба аломати асосии калима соҳиб буданро мефаҳмонад: нолидани **дарднок**, реши **дарднок**, сухани **сӯзнок**, табъи **ҳаваснок,** вартае **хатарнок** ва ғайра. *Мисолҳои зерин* шарҳи гуфтаҳои болост.

Нолидани **дардноки** Саъдӣ,
Бар даъвоӣ дӯстӣ баён аст.

Саъдӣ сабур бош бар ин реши **дарднок**,
Бошад , ки иттифоқи яке марҳам уфтад .

Ғами ишқ агар бикӯшам, ки зи дӯстон пишӯшам,
Сухани **сӯзнокам** бидиҳад бар он гувоҳӣ.

Савдои ту оташе ҷаҳонсӯз,
Ҳиҷрони ту **вартае хатарнок**.

Аҷаб аз табъи **ҳаваснокиҳ** манат меояд,
Ман худ аз мардуми бетабъ аҷаб мемонам.

Сифатҳои сохта бо пасвандҳои каммаҳсул

Дар баробари пасвандҳои сермаҳсул дар ғазалиёти Саъдӣ пасвандҳои каммаҳсул низ истеъмол шудаанд, ки бо калимаҳои ҷудогона ҳамроҳ шуда, дар сохтани сифатҳои нав маҳдуданд.

Бояд гуфт ки, истифодаи ин навъи пасвандҳо дар калимасозии сифат маҳдуд буда, бо истифода аз миқдори муайяни калимаҳо сифат месозанд.

Пасванди **-вор** каммаҳсул буда, аз исмҳои гуногун сифат месозад, ба монанди; чашми **умедвор,** лаби **шакарвор** ва ғайра. Намунаҳо аз ғазалиёти Саъдӣ:

Боз о, ки дар фироқи ту чашми **умедвор**,
Чун гуши рӯзадор бар “Аллоҳу акбар аст”.

Ман муътақидам, ки ҳар чи гӯйӣ,
Ширин бувад, аз лаби **шакарвор**.

Гоҳе дар ибора ҷойи ҷузъҳо иваз гардида, сифат дар аввал қарор гирифтааст. Масалан ибораи “ мақоми бузургвор” дар шакли “ бузургвор мақом” корбаст гардидааст:

Бузургвор мақомею некбахт касест,
Ки ҳар дам аз дари ӯ чун туе фароз ояд.

Пасванди **-бон** ба миқдори ками калимаҳо ҳамроҳ шуда, аз исм сифат месозад. Масалан, дар байти зерин, пасванди **-бон** аз калимаи меҳр, ки исми маънӣ мебошад, сифати аслӣ сохтааст.

Маро гар дӯсти бо ӯ ба дӯзах мебарад шояд.
Ба нақд андар биҳишт аст, он ки ёре **меҳрбон** дорад.

Пасванди **-бор** каммаҳсул буда, аз исм сифат месозад. Масалан: дидаи **ёқутбор**, дандони шакарбор. Дар байти зерин бо истифда аз пасванди **-бор** аз калимаи ёқут, ки исм мебошад, сифати аслӣ сохтааст.

Дилам намонд пас ин хун чист ҳар соат,
Ки дар ду дидаи **ёқутбор** баргардад.

Моҳат натавон хонд, бад- ин сурату гуфтор,
Маҳро лабу дандони **шакарбор** набоша).

Ҳамин тариқ, ҳангоми таҳлилу баррасии миқдори муайяни ғазалиёти Саъдӣ маълум шуд, ки сифатҳои сохта фаровон истифода шуда, бештари онҳо ба воситаи пасвандҳои сермаҳсул сохта шудаанд. Маълум мегардад, ки пасвандҳои сифатсозе, ки дар замони Саъдӣ истифода мешуданд аз пасвандҳои сифатсози забони муосири тоҷик тақрибан фарқ надоранд.

АДАБИЁТ

1. Ализод С. Сарфу наҳви тоҷикӣ / С. Ализод. - Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2010. -187 с.
2. Бобомуродов Ш. Муъминов А. Луғати мухтасари калимасозии забони адабии тоҷик / Ш. Бобомуродов, А. Муъминов. – Душанбе: Маориф, 1983. -120 с.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Фонетика ва морфология. Қисми 2. - Сталинобод: Наш. Дав. Тоҷ, 1956.- 229 с.
4. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми 1. Фонетика ва морфология.- Душанбе : Ирфон, 1978.- 450 с.
5. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетика ва морфология. Китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ. - Қисми 1. - Душанбе: Ирфон, 1982. -462 с.
6. Муҳаммадиев М. Принсипҳои асосии калимасозии тоҷикӣ / М. Муҳаммадиев. - Душанбе: Ирфон, 1967. - 350 с.
7. Ниёзӣ Ш. Исм ва сифат дар забони тоҷикӣ / Ш. Ниёзӣ. - Сталинобод, 1954. – 48 с.
8. Ниёзӣ Ш . оид ба ҳиссаҳои нутқ дар забони тоҷикӣ // Ахбороти шуъбаи фанҳои ҷамъиятӣ, 1954.-52 с.
9. Рустамов Ш. Таснифоти ҳиссаҳои нутқ ва мавқеи исм / Ш. Рустамов. - Душанбе, 1972.
10. Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Ш. Рустамов. - Душанбе, 1972.
11. Ҳалимов С. Калимасозии сифат дар забони адабии тоҷик / С. Ҳалимов. - Душанбе- 2008.

МАВҚЕИ ПАСВАНДҲОИ СИФАТСОЗ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ САЪДИИ ШЕРОЗӢ

Дар мақолаи мазкур мавзуи мавқеи пасвандҳои сифатсоз дар ғазалиёти Саъдии Шерозӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф қайд кардааст, ки ҳангоми таҳлилу баррасии миқдори муайяни ғазалиёти Саъдӣ маълум шуд, ки сифатҳои сохта фаровон истифода шуда, бештари онҳо ба воситаи пасвандҳои сермаҳсул сохта шудаанд.

КАЛИДВОЖАҲО: пасванд, ҷумла, ғазал, сифатҳо.

ПОЛОЖЕНИЕ ОПРЕДЕЛИТЕЛЬНЫХ СУФФИКСОВ В ГАЗЕЛЯХ САДИ ШИРАЗИ

В данной статье рассматривается положение определительных суффиксов в газелях Саади Ширази. Автор отметил, что в ходе анализа и обзора определенного количества газелей Саади стало ясно, что в них широко использовались, большинство из которых были созданы посредством продуктивных суффиксов.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: суффикс, предложение, газель, прилагательные.

POSITION OF DEFINING SUFFIXES IN THE GAZELS OF SAADI SHIRAZI

This article examines the position of the defining suffixes in the ghazals of Saadi Shirazi. The author noted that during the analysis and review of a certain number of ghazals by Saadi, it became clear that they were widely used, most of which were created by means of productive suffixes.

KEYWORDS: suffix, sentence, ghazal, adjectives.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Каримова Омина –*** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети филологияи тоҷик. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17. Телефон: **555566919.**

Сведения об авторе: ***Каримова Омина*** – Таджикский национальный университет, магистрант 2 курса факультета таджикской филологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон: **555566919.**

Information about the author: ***Karimova Omina*** – Tajik National University, second-year master`s student of the Faculty of Tajik Philology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **555566919.**

ИСТИЛОҲШИНОСӢ ВА ТАШАККУЛУ ТАҲАВВУЛИ ОН ДАР ДАВРОНИ МУОСИР

Муҳаммадияи М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Боздиди таърихи инкишофи илм ва техника собит мекунад, ки фаъолияти илмӣ ва эҷодии одамон аз қадимулайём асосан дар ду самт густариш ёфтааст:

дар кашфи қонуну қонуният ва ҳодисаву рӯйдодҳои табиат;

дар сохтани мошину механизмҳо.

Дар самти якум илм инкишоф ёфтаасту дар самти дуюм - техника. Чизи дигари ҷолиби таваҷҷуҳ он аст, ки минбаъд ҳар кашф аз думболи худ зарурати ба воситаи забон ифода кардани ин бозёфти илм ва техника, яъне забони илмро ба вуҷуд овард. Воқеан, илмро аз истилоҳот ва истилоҳотро аз илм ҷудо кардан мумкин нест, зеро ҳар гуна илми табиӣ ҳатман аз а) як қатор нуқтаҳое, ки мазмуни онро ташкил медиҳанд; б) тасаввуроте (назария ва фарзияҳо), ки дар ин замина ба вуҷуд меоянд ва в) истилоҳоте, ки ба воситаҳои онҳо маъноҳои матлуб баён мешавад, иборат аст. Пас, равшан аст, ки маъниҳои илмӣ пеш аз ҳама ба воситаи истилоҳот баён мешаванд.

Фародиди истилоҳоти илмӣ ва соҳавии марбут ба масъалаҳои назарии истилоҳу истилоҳшиносӣ ошкор месозад, ки айни ҳол дар масъалаи иртиботи иттилоот чун маҷмуи кулли истилоҳоти як соҳаи тахассуси инсон (илм, техника, ҳарб, тиҷорат ва ғайра) бо илмҳои ҳамҷавори истилоҳшиносӣ ва қисми таркиби он - луғатшиносӣ ва инчунин мантиқшиносӣ ва мафҳумшиносӣ фаҳмиши ягона ба вуҷуд наомадааст. Баъзе фикрҳои хурдро ба инобат нагирифта, нуқтаи назари пажуҳишгаронро дар бораи истилоҳот ва мавқеи он чунин гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст:

- ✓ Истилоҳот як қисмати таркиби луғавии забони адабӣ мебошад. Ин нуқтаи назар асосан дар байни забоншиносон, ки бештар ба омӯзиши вижагиҳои забони адабӣ машғуланд, вуҷуд дорад:
- ✓ Истилоҳот қисмати мухтори таркиби луғавии забони миллӣ буда, ба забони адабии он иртиботи кам дорад; ин ақидаро мутахассисони илмҳои бунёдӣ (фундаменталӣ) ва техникӣ, ки мехоҳанд, вижагиҳои дониши худро аниқ бисозанд, ҷонибдорӣ мекунанд (ба назари онҳо дар илми истилоҳсозӣ баъзе қонуниятҳое амал мекунанд, ки мутобиқи қонунҳои калимасозии забони адабӣ нестанд).
- ✓ Истилоҳот ба забоншиносӣ умуман иртиботе надошта, балки маҷмуи аломатҳои сунъисохт аст; ин нуқтаи назар дар байни мантиқшиносон, ки ба омӯзиши мафҳумҳо ва вижагиҳои онҳо сарукор доранд, ба вуҷуд омадааст.

Албатта, дар заминаи ҳар яке аз ин нуқтаҳои назар метавон назарияи махсуси истилоҳу истилоҳшиносӣ ба вуҷуд овард. Зеро ин ақидаҳо дар шароити муайян ва дар байни пажуҳишгарони муайян пайдо шуда, ҳуқуқи комили мавҷудият доранд. Вале, агар имрӯз ба пажуҳиши илмии истилоҳу истилоҳшиносӣ машғул бояд шуд, наметавон якбора ҳама ин нуқтаҳои назарро мавриди кор қарор дод. Бояд нуқтаи назареро пайравӣ кард ва инкишоф дод, ки асоси воқеӣ дошта, дархӯри мақсаду вазифаҳои пажӯҳиш бошанд [2:55].

Ҳар як соҳаи тахассусӣ пеш аз ҳама соҳаи мафҳумист. Яъне, аз маҷмуи мафҳумҳои вижае таркиб ёфтааст, ки ба якдигар то дараҷае таносуби маъноӣ доранд. Вале ин мафҳумҳоро бо номгузорӣ таҳлил кардан душвор аст. Гузашта аз ин номи мафҳумҳо (яъне, истилоҳҳо) бо калимаҳо ифода мешаванд. Қоидаву қонуниятҳои калимасозӣ бошад, мавзуи илми забоншиносист. Аз ин ҷо нуқтаи назари сеюм, ки тибқи он истилоҳот ба забон умуман иртибот надорад, қобили қабул намебошад.

Тавре ки аз таҳлили сохторӣ ва қиёсии истилоҳоти илмҳои дақиқ ва бунёдӣ (физика, математика, астрономия) дар забонҳои муқтадири забонҳои илмӣ (англисӣ, фаронсавӣ, олмонӣ ва русӣ) ва ҳамчунин аз таҷрибаи сохтани истилоҳоти тоҷикии илмӣ равшан

мегардад, ҳангоми сохтани истилоҳоти илмӣ дар забони тоҷикӣ аз қоидаҳое истифода кардан мебояд, ки мутобиқ ба қоидаҳои калимасозӣ нестанд.

Чанд мисол: ionization (ионизация) - аз қисми мушаххаси “ion” бо истифода аз пасванди “ization”; polarization (поляризация) – аз исми маъноии “polar” бо истифода аз пасванди “ization “, crysstalization, magnetization ва монанди инҳо. Агар дар забони тоҷикӣ сохтани муодили тоҷикии ин қабил истилоҳҳо зарурат дошта бошад, пас ин дар асоси қоидаҳои калимасозии забони тоҷикӣ бояд бошад. Гузашта аз ин, дар забони адабии тоҷикӣ сохтани истилоҳоти мураккаби таркибӣ: ибораистилоҳҳои се ва бештартаркиба, ҳарфиистилоҳҳо (аббревиатураҳо), ишораистилоҳҳо ва рамзиистилоҳҳо низ маъмул нест.

Ақидаи олимону мутахассисони соҳаи илмию техникӣ ин аст, ки истилоҳоти илмӣ воҳидҳои муҳимми захираи луғавии забони миллии илм буда, баъзе қолабҳои махсуси воҳидсозиро соҳиб аст, ки онҳо аз қоидаҳои калимасозии забони адабии миллӣ фарқ карда метавонанд. Истилоҳсозӣ ва истилоҳшиносӣ як воситаи муҳимеанд, ки илми забоншиносиро бо илмҳои дақиқ, табиатшиносӣ ва техникӣ алоқаманд мегардонанд. Истилоҳсозӣ, хусусан сохтани истилоҳоти илмии техникӣ, ҳамчунин яке аз манбаҳои ғанӣ гардонидани захираи луғавии забони миллӣ ва рушди минбаъдаи он мебошад.

Ба таъбири дигар, азбаски истилоҳсозӣ фаъолияти эҷодӣ мебошад, мумкин аст дар раванди истилоҳсозӣ дар забони илмии миллӣ қолабҳои нави калимасозиву иборабандие ба вуҷуд оварда шаванд, ки дар забони адабии миллӣ дида намешаванд.

Истилоҳшиносӣ (ба маънои илми истилоҳ, яъне терминология), таълимотест, ки пайдоиш, инкишоф ва таркиби истилоҳоти як соҳаи тахассусӣ ё ҳама соҳаҳои онро меомӯзад.

Бунёди истилоҳшиносиро ҷузъиёти илмҳои забоншиносӣ, мантиқ ва донишҳои тахассусӣ (илм, фан, ҳунар, тиб, ҳарб, истеҳсолот, тиҷорат ва ғайра) ташкил мекунанд. Назарияи истилоҳшиносӣ то дараҷае ба назарияи забоншиносӣ монанд аст, вале аз ҷиҳати робитаи воҳидҳои луғавӣ бо донишҳои тахассусӣ тафовуте аз он низ дорад. Дар забоншиносӣ ҳама ҳодисоти мансуб ба забони инсон омӯхта мешавад. Истилоҳшиносӣ танҳо ба доираи хурди масъалаҳое сари кор дорад, ки мансуб ба як қисми забон мебошад.

Ҳамин тавр истилоҳшиносӣ ба луғатшиносӣ (лексикология) робитаи қавӣ дорад. Яке аз масъалаҳои муҳимми луғатшиносӣ дар баробари таҳқиқи таркиби луғавии забон, ҳамчунин номгузории калимаҳо ва таҳқиқи маънии онҳо мебошад. Дар бахши истилоҳшиносӣ танҳо номгузории мафҳумҳо мавриди баррасӣ қарор мегирад. Бадеҳист, ки мафҳумҳо тавассути калимаҳо номгузорӣ мешаванд. Пас, дар истилоҳшиносӣ умуман на худи калима, балки ифодаи аниқи мафҳум аҳаммият дорад. Қисмате аз истилоҳшиносӣ, ки мафҳумҳо ва робитаи мутақобили байни онҳоро аз назар мегузаронад, мафҳумшиносӣ (консептология) ном гирифтааст.

Истилоҳшинос дар байни луғатшинос ва мафҳумшинос мавқеъ дорад. Ӯ истилоҳро чун калимае меомӯзад ва дар айни ҳол мафҳумро аз мадди назар дур намекунад. Аммо луғатшинос истилоҳро чун калима омӯхта, робитаи калимаро бо мафҳум ба инобат намегирад. Барои луғатшинос маънои луғавӣ ва маънои услубии калима муҳим аст. Барои истилоҳшинос на танҳо сохти калима, балки мутобиқати истилоҳ бо мафҳум, яъне ифодаи мафҳум низ муҳим аст.

Дар бунёди назарияи истилоҳшиносӣ мантиқшиносӣ ва равишҳои он мавқеи хосса дорад. Мантиқшиносӣ дар танзим ва гурӯҳбандии мафҳумҳо кумак мекунад. Гузашта аз ин, бо донистани илми мантиқ эҷод кардан ва мураттаб сохтани системаи истилоҳоти ин ё он соҳаи дониш имкон надорад. Дуруст аст, ки забоншинос ғояҳои илмӣ, чизу ҳодисаҳои ошкорсохтаи мутахассисони соҳавиро метавонад ба шакли забонӣ ифода кунад, вале барои ба таври саҳеҳ сохтани истилоҳ, яъне аз ҷиҳати илмӣ ва забонӣ дуруст будани истилоҳ, мутахассиси ин ё он соҳаи тахассусӣ нақши асосӣ мебозад.

Ҳамин тавр, истилоҳоти илмӣ қисми муҳимми таркиби луғавии илмӣ буда, бо ёрии он мафҳумҳои илмӣ ифода мешавад ва шарҳу баён меёбад. Вазифаи дигари истилоҳот захира кардани ахбори илмӣ мебошад.

Дар замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми давлатӣ гирифтани забони тоҷикӣ ва қабул гардидани Қонун дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи таърихнопазиреро пеш мегузорад, ки акнун забони тоҷикӣ бояд ба тамоми соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангиву илмии кишвар ба таври амалӣ истифода карда шавад. Чунончӣ, ҷиҳати баёни афкори илмӣ, аз худ кардани асосҳои илми муосир, муомилоту муошироти илмӣ, мубодилаи илмӣ ва болобурди тафаккури илмии ҷомеа, дар соҳаи илм эҳё кардани забони илмии тоҷикӣ чун як вазифаи муҳим падид омадааст. Ҳамин аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон борҳо дар мулоқотҳои худ бо намояндагони зиёиёни кишвар эҳё ва эҷоди забони илмии тоҷикӣ ва таҳияи луғатҳои соҳавиро аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарини муҳаққиқон ва зиёиёни ҷумҳурӣ арзёбӣ намудаанд.

Хурсандибахш аст, ки ҳоло дар тамоми вазорату идораҳо, муассисаву ташкилотҳои ҷумҳурӣ забони коргузорӣ забони давлатӣ, яъне забони тоҷикӣ мебошад. Аз ҷумла, дар Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи чанд соли охир коргузории илмӣ бо забони тоҷикӣ сурат гирифта, тамоми маводи илмӣ, маърузаҳо, мақолаҳо, ҳисоботҳо оид ба фаъолияти илмӣ ва илмии ташкилии муассисаҳои илмӣ, ҳисоботҳои академик ва аъзои вобастаи Академияи илмҳо, баъзе асарҳои илмии олимони соҳаи илмҳои табиатшиносӣ ва дақиқ ба забони тоҷикӣ таълифу таҳия шуда истодаанд. Ин оғози кори татбиқи забони тоҷикӣ дар соҳаи илм аст.

Умуман забони илмӣ дар давлате ташаккул меёбад, ки дар он низоми маориф ба таври самаранок ба роҳ монда шуда бошад ва дар он корҳои илмии таҳқиқоти бунёдӣ ва амалӣ анҷом дода шаванд. Хушбахтона, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соҳиби Академияи илмҳо, академияҳои соҳавӣ ва миқдори зиёди муассисаҳои таҳсилоти миёна ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ мебошад, шароити мусоид фароҳам аст, ки забони илмии тоҷикӣ эҳё ва ташаккул дода шавад.

Ба гуфтаи дигар, дар айни ҳол забони тоҷикӣ дар соҳаи илми ватанӣ дар ду маврид истифода карда мешавад:

А) баён кардани афкори илмии олимон ва муҳаққиқони тоҷик (бо роҳи таълифи маводи илмӣ);

Б) баён кардани асосҳои аллакай ташаккулёфтаи ин ё он соҳаи илм (бо роҳи таълифи китобҳои дарсӣ).

Ҳамин тариқ, мо танҳо дар сурате забони илмии тоҷикиро ба таври комил бунёд карда метавонем, ки агар системаи истилоҳоти ҳамаҷиҳата дурусту саҳеҳи ҳар як соҳаи илмро дар забонамон ба вуҷуд оварда, онҳоро низоми ягона диҳем, яъне якгун (унификатсия) ва стандарт созем. Аз ин ҷост, ки имрӯз ҷиҳати иҷрои ин вазифаи бузурги таҳқиқу омӯзиши асосҳои назариявӣ ва амалии истилоҳоти илмию техникӣ ва муайян кардани принсипҳои сохтани истилоҳоти илмӣ ва илмию техникӣ дар забони тоҷикӣ беш аз пеш аҳаммияти амалӣ пайдо кардааст.

АДАБИЁТ

1. Арнольд И.В. Современный английский язык / И.В. Арнольд. - М., Флинта: Наука, 2002.- 302 с.
2. Баскаков Н.А. Современное состояние терминология в яхыках народов СССР// Вопросы терминологии. - Москва, 1961.- с. 55-62
3. Бархударов Л.С. Язык и перевод: Вопросы общей и частной теории перевода / Л.С. Бархударов. - 2005. - 240 с.
4. Бархударов С.Г. Актуальные задачи лексикографии в области терминов // Проблема определений терминов в словарях разных типов.- Ленинград, 1976, с. 38-46.
5. Бердиева Б.Т. Назарияти иқтибос: [Калимаҳои арабӣ дар забони тоҷикӣ] / Б.Т. Бердиева. - Душанбе, 1991.- 126 с.
6. Борисова Л.И. Особенности перевода общеупотребительной и общенаучной лексики с английского языка на русский / Л.И. Борисова. - 2000. -171 с.
7. Бухоризода А.И. Баъзе масъалаҳои терминологияи забони тоҷикӣ // Маориф ва маданият, 20 июни соли 1961.
8. Бреус Е.В. Теория и практика перевода с английского языка на русский / Е.В. Бреус. - М., Изд-во УРАО, 2001. - С. 39-42.

9. Володина М.Н. Когнитивно-информационная природа термина и терминологическая номинация / М.Н. Володина. -М., 1998.- 178 с.
10. Головин Б.Н. Роль терминологии в научном и учебном общении / Б.Н. Головин. - М, 2001. - с. 147-154.

ИСТИЛОҲШИНОСӢ ВА ТАШАККУЛУ ТАҲАВВУЛИ ОН ДАР ДАВРОНИ МУОСИР

Мақолаи мазкур ба хусусиятҳои истилоҳшиносӣ ва ташаккулу таҳаввули он дар даврони муосир бахшида шудааст. Дар забоншиносии тоҷик таҳқиқи истилоҳшиносӣ ва ташаккулу таҳаввули он таърихи дуру дароз ва махсус дорад. Муҳаққиқ нишон медиҳад, ки хусусиятҳои фарқкунанда ва умумии истилоҳшиносӣ ва ташаккулу таҳаввули он чӣ гуна инкишоф ёфтааст.

КАЛИДВОЖАҲО: истилоҳшиносӣ, таҳаввул, асосӣ, забоншиносии тоҷик, даврони муосир, муҳаққиқ.

ТЕРМИНОЛОГИЯ, ЕЕ ФОРМИРОВАНИЕ И РАЗВИТИЕ В СОВРЕМЕННУЮ ЭПОХУ

Статья посвящена особенностям терминологии, ее становлению и эволюции в современную эпоху. В таджикском языкознании изучение терминологии, ее становление и эволюция имеет долгую и особую историю. В заключение исследователи показывают отличительные и общие черты терминологии и пути ее развития.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: терминология, эволюция, основа, таджикское языкознание, современное время, исследователь.

TERMINOLOGY AND ITS FORMATION AND DEVELOPMENT IN THE MODERN ERA

This article is devoted to the features of terminology and its formation and evolution in the modern era. In Tajik linguistics, the study of terminology and its formation and evolution has a long and special history. In conclusion, the researchers show the distinctive and general features of terminology and how it has developed.

KEYWORDS: terminology, evolution, basic, Tajik linguistics, modern era, researcher.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Муҳаммадияи Муҳаммадюсуф*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси 2- юми факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992).111229498.**

Сведения об авторе: ***Мухаммадияи Мухаммадюсуф*** - Таджикский национальный университет, магистр 2 курса факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992).111229498.**

Information about the author: ***Muhammadiyai Muhammadeusuf*** - Tajik National University, second- year master's student of Faculty of Asian and European Languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992).1112294.**

ПРОФЕССОР ВОҲИД АСРОРӢ ВА ТАҲҚИҚИ РУБОИЁТИ ХАЛҚӢ

Дилшодзода Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Профессор Воҳид Асрорӣ (1917-1996) фолклоршинос, адабиётшинос, шоир ва рӯзноманигори тоҷик ба шумор меравад ва дар ҳамаи соҳаҳои номбурда аз донишмандони тирози аввал ба шумор омада, дар соҳаҳои мухталиф соҳиби таълифот ва китобу мақолоти гуногуне мебошад. Муҳаққиқ дар асарҳои «Дар бораи эҷодиёти Юсуф Вафо» (1957), «Адабиёт ва фолклор» (1967), «Фолклор ва эҷодиёти нависанда» (1968), «Халқ ва адабиёт» (1968), «Жанрҳои хурди фолклори тоҷик» (1990), «Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик» (бо ҳамроҳии Амонов Р., 1980) ва иддае аз мақолаҳои зиёди илмӣ ва илмию оммавӣ мавқеи эҷодиёти шифоҳии мардуми тоҷик дар адабиёти бадеӣ, муносибати адиб ба адабиёти гуфторӣ, маҳорати нависанда дар истифодаи фолклор, ҷанбаи хаттии асарҳои бадеӣ ва ғайраро мавриди таҳқиқ қарор додааст, ки самараи ин таълифот сармашқи таълифи китобу рисолаҳ ва мақолаҳои диёде аз ҷониби мардумшиносони дигаре гардидааст.

Доир ба паҳлуҳои гуногуни ҳаёт ва эҷодиёти Воҳид Асрорӣ аз ҷониби як қатор донишмандон, суханшиносон ва шогирдон китобу мақолоти мухталифе навишта шудаанд, ки онҳо муҳимтарин вижагии осори ӯро бозгӯ кардаанд. Масалан, дар маҷмуаҳо ва мақолаҳои «Роҳҳо ва солҳо»-и Пайванди Гулмуродзода [12], «Воҳид буду нотакрор Асрорӣ»-и Муртазо Зайниддинзода [13], «Устод Асрорӣ»-и мураттабкардаи шогирдони устод [14], мақолаи «Хориқаи Воҳид Асрорӣ»-и Шокирзода Ш. [15] ва ғайраҳо, ки мухлисону шогирдони Воҳид Асрорӣ мураттаб кардаанд, муҳимтарин хусусиятҳои эҷодӣ ва ҳолоти зиндагии устод бозгӯ шудааст. Аммо дар ин навиштор мақсади мо муайян кардани саҳми ин донишманди нотакрор дар таҳқиқи рубоиёти халқӣ мебошад. Таҳқиқи рубоиёти халқӣ яке аз фаслҳо ва масъалаҳои марказӣ дар таҳқиқи фолклоршиносӣ мебошад ва устод Воҳид Асрорӣ аз ибтидоии фаъолияти мардумшиносии худ ба таҳқиқи шаклу сурат ва мазмуну муҳтавои рубоиёти халқӣ таваҷҷуҳ карда, дар калидитарин китобҳои худ, ки дар ин соҳа навиштааст, дар бораи рубоиҳои мардумии мо маълумоти қимати илмӣ овардааст.

Устод Воҳид Асрорӣ дар рисолаи номзадии хеш – «Рубоиҳои халқии советии тоҷик», ки соли 1953 дар Шурои илмии Унверситети давлатии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) ҳимоя кардааст, бори аввал дар фолклоршиносии тоҷик мазмуну мундариҷа ва дигар хусусиятҳои муҳимми рубоиёти халқиро ҳаматарафа ба таҳқиқ мегирад ва ин кори устод аз ҷониби ҳамаи мутахассисони соҳа баҳои арзанда гирифтааст [12, 22].

Гузашта аз ин, муҳаққиқ дар китоби «Жанрҳои хурди фолклори тоҷик» бо вуҷуди он ки дар хусуси ҳамаи жанрҳои хурди ҳам манзум ва ҳам мансури лирикӣ маълумоти бунёдии илмӣ меорад ва онҳоро бо мисолҳои гӯё шарҳу тавзеҳ медиҳад, ҳамчунин, доир ба рубоӣ ва анвои он баҳсҳои вижа ва доманадоре карда, доир ба сохту композитсия ва муҳтавои рубоиёти халқӣ афкори дақиқи назарӣ баён кардааст.

Дар китоби номбурда, пеш аз ҳама, диққати устодро вазн ва қофиябандии рубоиёти халқӣ ҷалб мекунад ва устод арз мекунад, ки: «Рубоӣ шеъри чаҳормисрагӣ буда, вазну қофиябандии ба худ хоссе дорад. Қофиябандияш: ААБА, ААББ мебошад» [5, 36]. Барои қофиябандии навъи якум чунин мисол оварда мешавад:

Дилдор ба ман гуфт: чаро ғамгинӣ,
Дар банди кадом дилбараки ширинӣ.
Баргаштаму оина ба дасташ додам,
Гуфтам, ки дар оина киро мебинӣ? [5, 36].

Барои навъи қофиябандии дувум мисоли зер оварда шудааст:

Чун булбулаке нола кунам дар кӯят,
Аз гиряву зорим нахамбид хӯйят.
Армони ман ин аст: бубинам рӯят,
Якбори дигар шишта бари паҳлӯят [5, 36].

Муҳаққиқ доир ба вазни рубоҳиҳои халқӣ баҳс карда, зикр мекунад, ки гарчанде, ки онҳо дар ду шаҷара – ахрабу ахарми баҳри ҳазаҷ ва 24 вазни ҳосилшуда аз онҳо навишта мешаванд, аммо то ҳол вазни рубоиҳо ба таври қатъӣ мавризи омӯзишу таҳқиқ қарор нагирифтаанд [5, 38]. Агарчи дар рубоиёти халқӣ тамоми нозукиҳои вазни суннатии арузӣ риоят нашавад ҳам, аммо онҳо баъзе хусусиятҳое низ доранд, ки ба воситаи онҳо камбуди вазн кам эҳсос мешавад: «Дар як қисми рубоиёти халқӣ, бо вуҷуди дар назар доштани хусусияти шевагии забонии онҳо, баъзе мисраъҳо аз ҷиҳати вазн баробар ва расо нестанд, аммо дар рукни якуми ҳамаи чор мисраъ аз шаҷараи ахраб мафъулу (– – V) меояд ва нуқсон мушоҳида намешавад. Дар рукнҳои дуюм, ё сеюм, ё чорум нисбат ба дувоздаҳ вазни шаҷараи ахраб тағйироте рӯй намедиҳад» [5, 40].

Ин гуфтаи устодро дар рубоии зер ба хубӣ мушоҳида кардан мумкин аст:

Ин дашти дароз боди сабо мебаранум,
То гиря кунум, ҷавру ҷафо мебаранум.
То гиря кунум фироқи раҳдури худум,
Фарзанди куҷояму куҷо мебаранум [5, 40].

Вазни ин рубоӣ чунин мешавад:

– –V/ V – –V/ V – –V/ V –
– –V/ V – –V/ V – –V/ V –
– –V/ – V –/ V – –V/ V –
– –V/ V – –V/ V – –V/ V

Баъдан, устод доир ба навъи рубоии мустазод сухан карда, зикр мекунад, ки доир ба ин навъи рубоӣ касе таҳқиқ накардааст: «Як шакли рубоӣ дар адабиёт ва фолклор дучор мешавад, ки он ҳамчун шакли мустазод аст. Дар бораи вай ҳанӯз касе сухан нагуфтааст. Таркибаш ин аст, ки ба вазни рубоӣ як-ду рукн илова карда мешавад» [5, 44].

Намунаи комили рубоии мустазоди халқӣ чунин мебошад:

Умрам ба умеди он, ки дилдор шавӣ.
эй моҳҷабин,
Дил долдаму угфтам: ту ба ман ёр шавӣ,
аз роҳи яқин.
Навмед шудам ман, ки дар ин охири кор,
афсус, афсус,
Шояд. ки ба оҳи ман гирифтор шавӣ,
омин, омин [5, 44].

Ба назари устод, рубоии мустазод ду навъ дорад. Аввалинаш чунин аст, ки халқ худаш онро эҷод мекунад ва дувуминаш чунин аст, ки ба рубоии машҳури ин ё он шоири давраҳои мухталиф порчаҳои гуногуни оҳангдор илова мешавад.

Гузашта аз инҳо, ки овардем, устод Воҳид Асрорӣ ба композитсия ва созмони дохилии рубоиёти халқӣ таваҷҷуҳ карда, муҳиммтарин ҷанбаҳои дохилӣ ва сохтории рубоиҳоро

таҳқиқ намудааст. Ба андешаи олим, бори маъноии тамоми рубоиҳоро мисраи севум ё ба истилоҳ, «мисраи васила» мекашад. Донишманд дар хусуси мисраи васила ва нақши он дар сохтмони дохилии рубоиҳо баҳсҳои назарии муфассале анҷом дода, зикр кардааст: «Қисми зиёди рубоӣ ва дубайтиҳои халқӣ мисраи василае доранд, ки вай одатан мисраи севум мебошад. Мисраи мазкур қариб ҳамеша такрори қисми зиёди мисраи дуюм буда, як навъ лаҳзае барои ҷамъбасти мазмуни рубоӣ ё дубайтӣ мебошад. Вазифаи он мисраи дуюмро ё шарҳ медиҳад ё инкор мекунад ва ё пурра менамояд. Мисраи васила барои мисраи чорум, ки одатан ҷамъбастист, лаҳзаест, ки чун ист (пауза) дар ҷараёни эҷоди бадеии лафзӣ табиатан ба вуқуъ меояд» [5, 53].

Воқеан, мисраи сеюми рубоӣ ва дубайтиҳо бори маъноии тамоми рубоиҳоро бар дӯш дорад ва замина мешавад, то хонанда масоили куллии матраҳ дар чаҳор мисраъро дарк кунад ва дар худ ҳазм намояд. Масалан, дар рубоии зер, ки ба ҳайси намуна мо онро меорем, тамоми бори маъноӣ ва ҷамолшиносии калом бар сари мисраи севум мебошад:

Ало, духтар, ки рафторат маро кушт,
Садои кафши булғорат маро кушт.
Садои кафши булғорат чӣ бошад,
Ҳамон чашмони хуморат маро кушт [5, 53].

Ба назари устод Воҳид Асрорӣ, рӯй додани ин рукни хосси созмони дохилии рубоӣ ва дубайтиҳои халқӣ бештар ба тарзи тараннуми эҷодиёти шифоҳии мардум ҳам вобаста мебошад. Бояд зикр кард, ки мисраи васила ба рубоӣ ва дубайтиҳо назокату нафосати вижае мебахшад, мазмун, ҳунар, санъат ва оҳанги тараннумии онҳоро барҷаста месозад.

Гузашта аз ин намунаҳо, ки ба муҳимтарин хусусиятҳои жанрии рубоиҳои халқӣ бахшида шудаанд ва мо онҳоро аз китоби арзишманди «Жанрҳои хурди лирикӣ»-и устод Воҳид Асрорӣ овардем, ҳамчунин ӯ дар китоби гаронарзиши «Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик», ки бо ҳаммуаллифӣ бо устод Раҷаб Амонов навиштаанд, сафаҳоти зиёдеро ба таҳқиқ ва шару тавзеҳи рубоиҳои мардумӣ бахшидаанд ва ба диди нав ин жанрро таҳқиқ кардаанд ва дар хусуси муҳимтарин вижагиҳои он дар миёни мардуми тоҷик ишораҳо кардаанд.

Дар қисмати таҳқиқи рубоии ин китоби арзишманд муаллифон аввалан ба муҳимтарин хусусиятҳои жанрии рубоӣ дахл карда, дар хусуси таърихи пайдоиш, сайру таҳаввул ва инкишофи шаклӣ ва ғоявии он афкори пурқиммати илмӣ ироа кардаанд. Ба андешаи муаллифон, на ҳамаи ашъори чаҳормисраӣ рубоӣ буда метавонад, балки рубоӣ хусусиятҳое дорад, ки онро аз дигар анвои маъмули лирикӣ ҷудо мекунад: «На ҳамаи шеърҳои чаҳормисрагӣ рубоӣ мебошанд. Рубоӣ ҳамчун жанр хусусан ҳамчун жанри махсуси эҷлдиёти даҳанакии халқ дорои хусусиятҳои хоси ғоявию бадеӣ мебошад. Ба рубоӣ як силсила образҳои рамзие хос аст. ки барои васеъ ва пурраву барҷаста падид овардани ҷаҳони маънавии инсон хизмат мекунанд. Ба ин гурӯҳ рамзҳои психологӣ, истиораву тавсифҳои рамздор ва монанди инҳо дохил мешаванд» [9, 176].

Дар ҳақиқат, рубоиҳои халқӣ маъноҳои баланду олиро ифода карда, барои тасвири муҳимтарин хусусиятҳои зиндагии инсонҳо аҳаммияти калнои илмӣ доранд. Ба андешаи Воҳид Асрорӣ, барои рубоиҳо танҳо мисраъҳои 11-13 ҳиҷоӣ хос мебошанд, ки ба ин восита банду басти мантиқии онҳо таъмин мегардад. Аз ҳамин рӯ, дигар навъҳои ашъори чаҳормусрагӣ ба рубоӣ муносибати жанрӣ надоранд.

Баъд аз баррасии хусусиятҳои жанрии рубоӣ, дар китоби «Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик» масъалаи мазмуну мундариҷа дар рубоиҳои халқӣ матраҳ мешавад ва донишмандон рубоиҳоро аз рӯйи мазмун, муҳтаво ва мундариҷа ба навъои рубоиҳои ишқӣ, рубоиҳои оид ба никоҳи маҷбурӣ ва камбағалӣ, ғарибӣ. дар бораи марг, оид ба тақдир, оид ба зулми иҷтимоӣ ҷудо мекунанд.

Қисми аз ҳама калони рубоиҳои халқиро рубоиҳои ишқӣ ташкил мекунанд. Рубоиҳои ишқӣ аз рӯйи қувваи эҳсоии худ ва амиқии тасвири шоиронаи эҳсосоти ниҳонии инсон, фикру андеша ва умеду орзуҳои вай пурбортарин қисмати лирикаи халқиро ташкил медиҳанд. Дар амалу кирдори персонажҳои ин гуна рубоиҳо муҳаббати ҳақиқии софу беғаш зоҳир гардида, тасвири муносибати байниҳамии дилдодагон хеле табиӣ ва самимӣ садо медиҳад: «Дар аксари рубоиҳо шахси ошиқ дар хусуси ғаму андуҳи худ аз фироқи маҳбубааш ва садоқату вафодории худ ҳикоят мекунанд» [9, 177].

Дар ин гуна рубоиҳои халқӣ ошиқ ҳамеша дуо ва орзу мекунад, ки мудом бо маъшуқаи худ бошад ва аз ӯ ҷудоиро барои худ як амри тоқатфарсо ва ношуданӣ медонад:

Ҷонона баҳори хуррамирро чӣ кунам,
Ман бе ту ҳаёту зиндагиро чӣ кунам.
Мардум зи Худо умри дароз металабанд.
Ман умри дарози ғамқатиро чӣ кунам [9, 177].

Қисми дигари рубоиёти халқӣ дар таҳқиқи Воҳид Асрорӣ мазомини шикоят аз чархи фалак ва тақдирро доранд. Дар ин гуна рубоиҳо бештар масъалаҳои хонадорӣ, никоҳи маҷбурӣ ва беқадрии занон то давраи Инқилоби Октябр ва дигар мавзуъҳои марбут ба ҳамин ифода ёфтаанд.

Маъмулан, дар рубоиёти шифоҳии мардуми тоҷик мо ба се чеҳраи аслӣ ва асосии зан, ки хеле барҷастаанд бармехӯрем: зан – модар, зан – хоҳар, зан – дилбар. Рубоиёте, ки аз тарафи фарзандон суруда шудаанд, бар асари дурӣ аз хонавода ба хусус, модарон эҷод шуда, маҳаки асосии ин навъи рубоиҳоро мазомини иҷтимоӣ ва зиндагии рӯзмарра, аз қабили нолаву шикоят аз маризӣ, дурӣ, сарбозӣ, издивоҷ ва ғайра ташкил медиҳад, ки дарди диле аст, бо модароне, ки ҳамеша такягоҳи фарзандонашон будаанд Ҷолиб ин аст, ки чунон дарди диле бо падаре, ки маъмулан ҳомии хонаводааст, дар ин осор камёб ва камтар аст. Ин навъ осорро метавон ойинае аз фарҳанг ва зиндагонии мардумони тоҷик донист, ки фарзандон ба хотири дилбастагӣ ба хонавода, бахусус, ба модарон чунин ашъореро сурудаанд. Ҳамон тавр ки гуфтам, мазмуни асосии ин навъ шеърҳо, аз шахсияти модар ва ваҷҳи модаронаи онҳо, ҳамон дилсӯзӣ ва меҳрубоние, ки ҳамеша модарон нисбат ба фарзандони худ доранд, иборат аст.

Дар ин гуна рубоиҳо суханони занони зӯран ба шавҳар бароянда хеле самимӣ садо медиҳад ва устод Воҳид Асрорӣ ба ин нукта зеҳн монда, гуфтааст: «Суханони духтарони зӯрран ба шавҳари номуносиб додашуда низ пур аз сӯзу гудоз аст. Онҳо дучори асорати якумрӣ шудани худро таъкидкунон ба адолату инсоф даъват мекунанд. Аксарияти онҳо давраҳои бачагӣ, ҳавлии падару модари худро ба хотир оварда, илтиҷову зорӣ мекунанд, ки аз чанголи бахти шум ва зиндагонии тоқатфарсо наҷоташон диҳанд» [9, 179].

Дар ин гуна рубоиҳо, эҳсосот, сузу гудоз ва оҳу нолаи духтаракони навмед чунин садо додааст:

Хонаи апам гиру магир афтодай,
Гӯсола ба дасти гови пир афтодай.
Эй гови пири лоғари дандонканда,
Дар минаи мардумо шудум шарманда [9, 177].

Навъи рубоиёти дигар, ки аз ҷониби муҳаққиқ ҷудо карда шудааст, рубоиҳое мебошанд, ки дар онҳо мавзуъҳои танҳоӣ, ғарибӣ ва бекасӣ матраҳ мешаванд. Рубоиҳои ғарибиро донишманд аз рӯйи муҳтавояшон ба ду навъ ҷудо кардаанд. Якум, рубоиҳое, ки эҳсосоту вазъияти худи ғарибафтодагонро инъикос мекунанд [9, 178]. Дувум рубоиҳое, ки ҳиссиёту ҳаяҷони хешу табор ва дӯстони онҳоро ифода мекунанд [9, 178].

Рубоиҳои навъи якум боз як идда воқеаву ҳодиса ва нохушиҳои марбут ба зиндагӣ ва ҳаёти ғарибонро фаро мегирад ва дар онҳо сӯзу фироқ ва дурӣ аз ватану ёру диёр таҷассум ёфтаанд. Масалан, рубоии зерин, ки аз забони ғарибон садо додааст, хеле ҷонкоҳ аст:

Мо кавгонем, элчаи мо дар камарай,
Мо меравем, очаи мо бехабарай.
очама бигӯ куртаи ғам пора куна,
Шав тай сар куна, рӯз нола куна [9, 178].

Гузашта аз мазмуну мундариҷа ва муҳтаво, ҳамчунин, устод Воҳид Асрорӣ ба хусусиятҳои зебоишиносӣ, ҳунарӣ ва санъатҳои бадеии рубоиёт таваҷҷуҳ карда, санъатҳои гуногуни бадеии истифодашуда дар рубоиҳои халқиро низ таҳқиқ карда, бо мисолҳо тавзеҳ додааст. Дар китоби «Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик» саноеъи гуногуни бадеӣ дар рубоиёт, рамзу киноятҳо, истиораҳо ва ташбеҳот ба таври комил таҳқиқ шудаанд [9 180-195].

Ҳамаи он чизҳое ки дар боло зикр намудем, ба мо кумак мекунад, ки иқтибосҳоро аз рӯйи соҳаи амалӣ фарқ намоем:

- иқтибосоте, ки пурра ё қисман бо пардаи фонетикии забони хориҷӣ омадааст;
- ҳамаи дигар иқтибосот (encore, au revoir);
- талабот ба номгузорӣ (чизҳои нав, падидаи нав);
- зарурати ҷудо намудани мундариҷаи наздик, аммо дар фаҳмиш дигар;
- мавҷудияти иқтибосҳое, ки дар системаи забонҳои хориҷӣ мавҷуданд;

Дар тули шонздаҳ соли мавҷудияташ забони англисӣ, монанди дигар забонҳо, як қатор дигаргуниҳоро аз сар гузаронд. Гузашта аз ин се намуди гузаришҳоро дар таърихи забони англисӣ дидан мумкин аст.

а) англисии қадим, забони осори қадимаеро ном мебаранд, ки 1100 сол пеш дар натиҷаи забт кардани Англия аз ҷониби табақаи шимолиёни Фаронса гардид, ки дар натиҷа шикасти сиёсӣ ва ҷамъиятии мамлакат ба вуқуъ омад, ки таъсирашро ба осори забон расонд.

б) англисии миёна, ки забони ёдгорӣ ном мебаранд, сар карда аз 1100 то тақрибан 1500 сол, замоне ки лаҳҷаи лондонӣ, ҳамчун забони хаттӣ ба қисматҳои дигари Англия ворид шуд.

в) англисии муосир ки сабаби пешрафти забони миллӣ гардид.

Қисмати зиёди калимаҳои фаронсавӣ ба забони англисӣ иқтибос шудаанд. Муддати дароз нормано-фаронсавиҳо дар Англия монданд. Аммо шумораи истилогарон наонқадар зиёд буданд, ки забони худро ба давлат дар шакли ивазнашуда тақдим намояд.

Воридшавии маҳаллҳои дузабона сабаби ёрмандии калимаҳои забони фаронсавӣ ба забони англисӣ шуд. Калимаҳои иқтибосшудаи забони фаронсавӣ, боиси боназокат ва хушмуомилагии забон ба ҳисоб мерафт.

Ҳарчанд асоси калимаҳои забони англисиро калимаҳои романӣ ташкил медиҳанд, калимаҳои забони фаронсавӣ ҳам дар таркиби забони англисӣ зиёд ҳастанд. Раванди воридшавии калимаҳои забони фаронсавӣ аз соли 1200 то охирҳои 1250 – 1400 давом кард.

Дар робита бо оне, ки аз забони фаронсавӣ ба забони англисӣ шумораи зиёди калимаҳо иқтибос шуданд, бисёре аз онҳо шакли калимасозии мураккаб доранд, ки таъсири зиёди забони фаронсавӣ ба системаи калимасозии забони англисӣ зоҳир шудааст.

Инчунин, дар қатори калимаҳо суффиксҳо ва префиксҳо аз забони фаронсавӣ ба забони англисӣ гузаштаанд, ки барои сохтани исм, сифат ва феъл исифода бурда мешаванд.

Суффикси –***ess***, суффикси исмсоз буда, барои фарқият байни қисми мардона ва занона истифода бурда мешавад. Мисол: ***prince- princess, baron-baroness*** исм истифода мешавад.

Баъдан онҳоро ба решаи калимаҳои англисӣ дохил карданд: ***goddess, murderess.*** Суффиксҳои фаронсавии - ***able, - ible,*** аз суффиксҳои сифатсоз аз феъл сифат месозанд ва ба забони англисӣ ба воситаи калимаҳои **admirable, tolerable, flexible** ворид шудаанд.

Баъзе аз преффиксҳои фаронсавӣ дар забони англисӣ низ сермаҳсул гаштааст. Масалан, преффикси - ***dis, - des,*** барои инкор кардани ***appoint -disappoint - dain -disdain***.

Таъсири забони фаронсавӣ дар давраи баъдина низ давом ёфт. Дар замони ҷанги садсола мухобираи байни ду халқ ва забонҳо давом ёфт. Фонди луғавии забони англисӣ бо калимаҳои иқтибосии забони фаронсавӣ ғанӣ мешуд, ки қисмати зиёди иқтибосот аз аристократҳо буданд, ғайр аз ин Фаронса дар он вақт муқарраркунандаи муд дар Англия ба шумор мерафт.

Дар ҷараёни давраи навин як қатор дигаргуниҳо дар системаи калимасозӣ ба вуҷуд омад:

- дар системаи луғатнигорӣ суффиксҳои англисӣ махсусиятҳои паҳншудатаринро гирифт ,замоне ки суффиксҳои дигар камистеъмол гаштанд;
- дар натиҷаи ҷудо кардани калимаҳои аз фаронсавӣ ва лотинӣ овардашуда, луғатнигории нав ба вуҷуд омад;
- намуди махсуси луғатнигорӣ ва воситаи кӯтоҳкунии шумораи зиёди калимаҳо ё ин ки ҳолати калимасозиҳои дигар ба вуҷуд омад;
- намуди паҳншудатарин луғатнигорӣ, луғатнигории решагӣ ба вуҷуд омад;
- дигаршавии куллии як қатор калимаҳо ба вуҷуд омад.

Шумораи зиёди иқтибосоте, ки дар асрҳои XVI то XVIII пайдо шуданд, соҳаҳои гуногуни фаъолияти одамон ва соҳаҳои сиёсӣ - ҷамъиятӣ ва маданияти Англияро тасвир менамоянд. Калимаҳо аз соҳаҳои ҷамъиятӣ, зиндагии ашрофона, адабиёт, санъат, дин, либосҳо ва ҳамчунин лексикае, ки ба мавзуъҳои ҳарбӣ ва ҳуқуқӣ вобастагӣ доштанд, иқтибос мешуданд.

Дар инҷо якчанд иқтибосот бо назардошти махсусиятҳои семантикиашон оварда шудаанд:

1) калимаҳое, ки чиз ва падидаҳои ҳаррӯзаи зиндагиро маънидод мекунанд. Ба ин гӯруҳ 607 калимаҳои иқтибосӣ шомиланд***: visage, chef, chance, detail, queue, alley, blonde, appear, prepare, finish, passadvance, save, etc***;

2) калимаҳое, ки матоъ, чизҳо ва либосҳоро ифода мекунад. Ин қисматҳо дорои 30 иқтибос мебошанд: ***blouse, mourche, cravat, costume, jacket, velour, etc;***

3) калимаҳое, ки зиндагии ашрофонаи ҷамъиятиро тавсиф мекунад. Ба ин гӯруҳ 20 калимаҳо дохиланд: ***chateau, vogue, elite, favourite, princess, picnic, debut, etc***;

4) калимаҳое, ки ба хурду хӯрок ва ҳамаи он чизе ки ба ошпазӣ алоқаманд аст, дахл дорад. Ба ин гӯруҳи семантикӣ 39 калимаҳо дохиланд: ***pate, marmalade, champagne, soup, cuisine, etc;***

5) калимаҳое, ки ба лексикаи ҷамъиятӣ – сиёсии зиндагӣ дахл доранд. Ба ин гурӯҳ 14 калимаҳо дохиланд: ***revolution, secretary, vogue, genteel, etc;***

6) калимаҳое, ки ба соҳаи ҳарбӣ тааллуқ доранд. Ин гурӯҳ дорои 14 калимаи иқтибосӣ мебошад; ***cadet, marshal, sergeant, corps, etc;***

7) калимаҳое, ки ба ҳиссиёт ва эҳсосот вобастаанд. Ин гурӯҳ дорои 100 калима мебошад: ***ennui,charm, passion, etc;***

8) калимаҳое, ки ба санъат наздикӣ доранд. Ба ин гурӯҳ 50 иқтибосот дохил аст: ҳамонҳое ки маданияти зиндагии Англияро тасвир мекарданд: ***lettres, role, billion, renaissance etc;***

9) калимаҳое, ки терминҳои ҳуқуқиро ифода мекунанд. Дар ин гурӯҳи семантикӣ 15 иқтибосот дарёфт шуд: ***court, judge, demand, punish, escape, etc;***

10) калимаҳое, ки ба соҳаи тиб дахл доранд. Ин гурӯҳ дорои 7 иқтибос мебошад: ***grippe, migraine, etc;***

11) калимаҳое, ки ба география ва робита бо кӯҳнавардӣ алоқаманд аст. Шумораи онҳо 10-то мебошад: ***plateau, debris, etc;***

12) калимаҳое, ки ба мебел, бино ва дигар таҷҳизоти хона алоқаманд аст. Таркиби онҳо 7 калима мебошад: ***salon, bureau, chateau, chaise, etc;***

Бисёри калимаҳое, ки аз забони фаронсавӣ омадаанд, калимаҳои забони англисиро иваз карданд. Масалан; ***blue, garden, message, table***.

Калимаи **blue** аз забони фаронсавӣ дар асри XV иқтибос шудааст.

Калимаи ***mal- a- propos*** ба забони англисӣ аз забони фаронсавӣ дар асри XVII иқтибос шуда буд, ки дар забони англиси ба маънои ***“ бечо, бемаҳал, бечо гуфтани калима”*** ба назаррас мерасад.

Суффиксҳое, ки аз забони фаронсавӣ омадаанд ва онҳое, ки дар забони англисӣ пайдо шудаанд, имконияти сохтани калимаҳои навро доранд, ки ба гӯруҳҳои зерин ҷудо карда мешаванд:

1) таркиби суффиксҳои исмие, ки симоро (арбоб) тавсиф менамояд: ***sailor, traitor, goggess, waitress, actress, poetess, pioneer, volunteer.***

2) таркибҳои суффиксҳои исмие, ки маънои предметро (аслиҳа) дорад: ***fishery, armoury;***

3) таркиби суффиксҳои исмие, ки маънои хосро доранд (амал, ҳолат, сифат): ***employment, argument, achievement, pavement, solitude visage, etc;***

4) таркиби суффиксҳои исмие, ки бо ҳиссиёти маънои пайдо шуданд: ***kinglet, princelet, booklet, prison, government, compliment, etc.***

Дар аввалҳои асри XIX дар Фаронса равшаннамоии санъат ба назар мерасид. Дар ҳамин давр калимаҳои **bouquet, café, tourist** пайдо шудаанд ва дертар ба забони англисӣ иқибос шудаанд.

Аз рӯйи баҳодиҳии тадқиқотчиён, шумораи умумии иқтибосҳои фаронсавӣ, ки ба забони англисӣ гузаштанд, тақрибан 7 ҳазор калима мебошад.

АДАБИЁТ

1. Арнолд И. . - История английского языка / И.В, Арнольд. - Издательство Советская энциклопедия -2001. - 969.
2. Аракин В.Д. История английского языка / В.Д. Аракин. - Физлатлит-2003.
3. Бердиева Т. Назарияи иқтибос / Т. Бердиева. -Душанбе, 1991.
4. Бруннер К. История английского языка / К. Бруннер. - Издательство иностранной литературы -1995.
5. Бархурдаров Л.С. Язык перевод: Вопросы общей и частной теории перевода / Л.С. Бархударов. -3-е изд. ЛКИ.
6. Бугбуди М.М, Ахрори Ҳ.А, Арзуманов.С.Д. Русско- таджикский словарь / «Русский язык». - Москва, 1865.
7. Валиева З.А. Сопоставительный анализ терминов в английском и таджикском языке / Канд. филол. наук/ - Душанбе, 2009.

8. Виноградов В.С. Введение в переводовединие (общие и лексические вопросы) / Издательство института общего среднего образавания РАО, 2001.
9. Влахов С.И. Неперводимое в переводе / Международные отношения, 1980.
10. Mamatov.J Tajik-English Dictionary- Dundovy Press-2005.
11. Marriem – Webster's Collegiate Dictionary. - USA, -1998 Tenth edition.
12. Merriam- Webster Collegiate Dictionary. -USA-1828.

АЗ ТАЪРИХИ ТАШАККУЛЁБИИ ИҚТИБОСОТИ ФАРОНСАВӢ ДАР ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Мақолаи мазкур ба таърихи ташакулёбии иқтибосоти фаронсавӣ дар забони англисӣ бахшида шудааст. Шумораи зиёди иқтибосоте, ки дар асрҳои XVI то XVIII пайдо шуданд соҳаҳои гуногуни фаъолияти одамон ва соҳаҳо сиёсӣ - ҷамъиятӣ ва маданияти Англияро тасвир менамояд.. Онҳо забони англисиро бо рангҳо оро медиҳанд, онро зинда ва махсус мегардонанд.

КАЛИДВОЖАҲО: таърихи ташаккулёбӣ, иқтибосшавӣ, калимаҳои фаронсавӣ.

ИЗ ИСТОРИИ ФОРМИРОВАНИЯ ФРАНЦУЗСКИХ ЗАИМСТВОВАНИЙ В АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКЕ

Данная статья посвящена истории формирования французских заимствованных слов в английском языке. Большое количество заимствованных слов, появившихся в XVI-XVIII веках, описывают различные сферы человеческой деятельности и политическую, социальную и культурную сферы Англии. Они окрашивают английский язык, делают его живым и особенным.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: история формирования, заимствование, французские слова.

FROM THE HISTORY OF THE FORMATION OF FRENCH BORROWINGS IN THE ENGLISH LANGUAGE

This article is devoted to the history of the formation of French loanwords in the English language. A large number of loanwords that appeared in the 16th-18th centuries describe various spheres of human activity and the political, social and cultural spheres of England. They color the English language, make it lively and special.

KEYWORDS: history of formation, borrowing, French words.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Файзалиева Шукрона Мусулмоновна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

Сведения об авторе: ***Файзалиева Шукрона Мусулмоновна***. - Таджикский национальный университет, магистрант кафедры английского языка и сравнительной типологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан г. Душанбе проспект Рудаки 17.

Information about the author: ***Faizalieva Shukrona Musulmonovna*** - Tajik National University, master`s student of the Department of English Language and Comparative Typology. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan Dushanbe Rudaki Avenue 17.

ХУСУСИЯТҲОИ НОМИИ МАСДАР ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Ҳомидова Ф.И.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Шаклҳои ғайритасрифии феъл хусусияти исмӣ доранд, ки ин ба онҳо имконият медиҳанд, то ки дар ҷумла ба вазифаи синтаксисии мубтадо (масдар, герундий), пуркунанда (масдар, сифати феълӣ, герундий), муайянкунанда (масдар, сифати феълӣ) ва қисми номии хабари таркибии номӣ (масдар, сифати феълӣ, герундий) биёянд.

Ҳама шаклҳои ғайритасрифии феъл таркибҳои феълие месозанд, ки аз ду қисмат иборат мебошанд – қисми номӣ, ки бо исм ё ҷонишин ва феълӣ, ки бо шакли ғайритасрифии феъл - масдар, сифати феълӣ ё герундий ифода меёбанд.

В.Я. Плоткин, Л.С. Бархударов ва Д.А. Штелинг масдарро дар истифодаи қиёсӣ дида баромада, қайд карданд, ки дар баъзе ҳолатҳо масдар амалеро пас аз амале ифода мекунад, дар дигар ҳолат амали масдар баробари амали феъли шахс ба вуҷуд меояд.

В.Л. Каушанская масдарро дар истифодаи қиёсӣ дида баромада, қайд мекунад, ки масдар ба вазифаи ҳол зуҳуротро ҳамроҳӣ мекунад. Ин нуқтаи назарро муаллифони китоби дарсии забони англисӣ А.В. Бондарко ва А.А. Буланин тарафдорӣ мекунанд.

Л. Тенер масдарро категорияи омехта, як чизе байни категорияи феъл ва исм меномад.

Маънои асосии феъли забони тоҷикӣ категорияҳои грамматикии он, шаклсозии феълии он мебошад, ки Б. Ниёзмуҳаммадов, Д. Тоҷиев, В.С. Расторгуев ва А.А. Керимова, А.З. Розенфелд, Н. Маъсумӣ, Д. Саймиддинов, Ш. Рустамов, А. Мирзоев тадқиқот бурда, аспектҳои мураккаби феълро ҳамчун як ҳиссаи асосии нутқ арзёбӣ карданд.

Тавсифи мукаммалтари феълро, ҳамчун ҳиссаи махсуси нутқ, шаклҳои онро дар «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» -и се ҷилда пешкаш карданд. Муҳаққиқон И.Б. Мошеев, С.Д. Холматова, С. Иброҳимов, А.Р. Ғаниева оид ба омӯзиши муқоисавии зуҳуроти забонии тоҷикӣ ва русӣ корҳои тадқиқотӣ карданд. Оид ба таҳлили муқоисавии зуҳуроти забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар ин доира П. Ҷамшедов, Н.Р. Раҳматова, М.Т. Ҷабборова, М. Шаҳобова ва дигарон кор карданд.

Дар бобати вазифаҳои масдар дар забони хеши муосири форсӣ метавон дар корҳои шарқшиносони машҳури шуравӣ И.Э. Бертелс, В.С. Расторгуева и А.А. Керимова, Г.Р. Восканян, Л.С. Пейсиков, Т.З. Рустамов хеле зиёд ёфт.

Масдар (The Infinitive) - шакли ғайритасрифии феъл буда, амалро худ номгир карда, аз тарафи кӣ ичро шудани онро ифода намекунад. Нишондиҳандаи масдар – ҳиссачаи *to* мебошад, ки маънои мустақилона надошта, зада қабул намекунад. Асоси масдарро бе ҳиссачаи *to* феъл меноманд. Масдар ба саволи *чӣ кор кардан* ҷавоб мешавад: to read *хондан;* to write *навиш-тан;* to buy *харидан*; Масдар аз исми феълӣ пайдо шуда, хусусиятҳои ин ҳиссаи нутқро дар худ нигоҳ медорад ва ҳамчун масдар хусусиятҳои синтаксисии исмро дар ҷумла ичро мекунад.

Дар таркиби ҷумла агар асоси масдар бо овози садонок сар шавад, ҳиссачаи *to* ҳамчун [tu] ва агар бо овози ҳамсадо сар шавад [tə] хонда мешавад:

I wanted to ask you. - Ман аз ту пурсидан мехостам.

I want you to help me. [tə help] -*Ман мехоҳам, ки ту ба ман кумак расонӣ.*

Шакли инкории масдар бо ёрии ҳиссачаи инкории *not* сохта мешавад; *To be, or not to be: that is the question. - Ҳаёт ё мамот? - Ана масъала дар чист.*

Масдар бо ҳиссачаи *to* –ро масдари пурра (комил) меноманд. (full infinitive / *to*-infinitive). Аммо пас аз феълҳои модалии асил *(can, may, must)* ва баъзе феълҳои маънои пурра дошта масдар бе ҳиссачаи *to* истифода бурда мешавад, ки инро масдари холӣ (bare infinitive) меноманд.

Феълҳои модалии асил, ки пас аз онҳо масдар бе ҳиссачаи to истифода бурда мешавад: can, could; may, might; will, would; shall, should; must; need:

You may copy it or give it away. - Шумо метавонед инро нусхабардорӣ кунед ё ба каси дигар диҳед.

You must not even dream of it.- Шумо бояд ҳатто дар ин бора орзу накунед.

I need not mention that everything should be done within the deadline. -Ман алаккай намегӯм, ки ҳама чиз бояд дар вақташ ичро карда шавад.

Феълҳое, ки масдар пас аз онҳо бе ҳиссачаи **to** истифода бурда мешавад:

феълҳои дарк: to see, to hear, to feel:

I saw someone pass by, but I didn't look at him. - Пай бурдам, ки касе аз пешам гузашта рафт, лекин ман ба ӯ нигоҳ накардам.

I heard them close the door. - Ман шунидам, ки онҳо дарро пӯшиданд.

I felt him stop giving any resistance. - Ман пай бурдам, ки ӯ аз муқобилат нишон додан бозистод.

феълҳои майлу хоҳиш ва иҷозат: to make, to let, to have (бо маънои маҷбур кардан):

He made me repeat the rule. - Ӯ маро маҷбур сохт, ки қоидаро такрор кунам.

Let me see. – Нишон диҳед.

Have him return it at once. - Ӯро маҷбур соз, ки онро базудӣ баргардонад.

Феълҳои модалиеро, ки масдар ё дигар шакли ғайритасрифии феъл намесозанд, *феъли ноқис* меноманд (defective verbs) ва дар таркибҳое, ки масдар талаб мекунанд, истифода бурда намешаванд:

~~I want him to can swim.~~ -Мехоҳам, ки ӯ шино карда тавонад.

~~I will may stay here.~~ - Ба ман дар ин ҷо мондан мумкин мешавад.

Дар ин ҳолат ба ҷойи феъли модалӣ ифодаҳои феълии бо маъно ба он баробар истифода бурда мешаванд:

I want him to be able to swim. - Мехоҳам, ки ӯ шино карда тавонад.

I will be allowed to stay here. - Ба ман дар инҷо монданро иҷозат хоҳанд дод.

Ҳиссачаи *to* метавонад бе феъл (масдар) барои такрор наёфтан истифода бурда шавад, ки дар ин ҳолат он зада қабул мекунад:

When will you come? - Have I promised to (come). - Кай ту меоӣ- Магар ман ваъда додам (омаданро).

Can you do that? - I'll try to if you help. - Шумо инро иҷро карда метавонед?-Кӯшиш мекунам, агар шумо кумак кунед.

Масдар метавонад шакли фоил (Active Voice) ва мафъул (Passive Voice) дошта бошад.

We've got only one thing to do. - Ба мо танҳо як кор кардан лозим аст. (Infinitive Active),

There's only one thing to be done. - Як коре ҳаст, ки кардан мумкин аст. (Infinitive Passive).

Масдари сода ё масдари замони ҳозира (Simple Infinitive ё Indefinite Infinitive) амалро бидуни нишон додани он ки айни ҳол иҷро шуда истодааст ё иҷро шудааст, ифода мекунад.

I was glad to see you. - Ман аз диданат шод будам.

I want to speak to you. - Мехоҳам, ки бо ту гап занам.

Масдари давомдор (Continuous Infinitive) барои амали айни ҳол рух додаистода истифода бурда мешавад.

I am glad to be playing with them, instead of against them. - Шодам, ки ба ҷойи зид будан, бо онҳо бозӣ мекунам.

She seemed to be looking for words to express her idea. - Ба назар чунин менамуд, ки барои баён кардани фикраш, ӯ калима меҷӯст.

Масдар бо феълҳои модалӣ:

I am going home. - Ман ба хона рафта истодаам. (шакли давомдори феъли шахс).

You must be going home. -Ту бояд ба хона рафта истода бошӣ.(масдари давомдор бо феъли модалӣ *must*).

I really should be going home now. - Аслан ман бояд ҳоло ба хона рафта истода бошам.*(дар роҳ)*.

He may be looking at the picture. - Ӯшояд ба расм нигоҳ карда истода бошад.

Масдари мутлақ (Perfect Infinitive), ки бо ёрии феъли ёридиҳандаи *to have* ва феъли асосӣ дар шакли сифати феълии II (Participle II) сохта мешавад, амалеро ифода мекунад, ки то давраи муайян аллакай иҷро шудааст ё бояд иҷро шавад.

I am sorry to have kept you waiting. - Бубахшед, ки шуморо интизор кардам.

I am glad to have met him. - Хурсандам, ки бо ӯ вохурдам.

Истифодаи масдари мутлақ дар ифодаҳои модалӣ бо феълҳои: *to want - хостан*; *to wish - орзу кардан*; *to hope -умедвор будан; to like - дӯст доштан* одатан ба он ишора мекунад, ки амали хилофи хоҳиш иҷро шудааст.

I hoped to have succeeded. - Умед доштам, ки муваффақ мешавам*(вале нашудам)*.

They must have gone away already. ['mʌst'əv] – Онҳо бояд алаккай рафта бошанд.

Масдари мутлақи давомдор (Perfect Continuous Infinitive) бо ёрии феъли *to be* (*have been*) дар замони мутлақ ва феъли асосӣ дар шакли сифати феълии I (Participle I) сохта мешавад ва амалеро ифода мекунад, ки пештар сар шуда буд ва ҳанӯз то вақти муайян идома ёфта истодааст.

You seem to have been sitting here for a long time. - Ба фикрам, ту кайҳо боз инҷо нишастаӣ.

Everybody is seen to have been doing what they should have done. – Маълум аст, ки ҳар кас кореро анҷом дода истодааст, ки бояд кайҳо онро иҷро мекард.

She may have been waiting for us a long time. – Шояд ӯ кайҳо боз моро интизор аст.

Дар забони англисӣ феълҳои гузаранда дар тарзи фоил се шакл ва дар тарзи мафъул ду шакли масдарӣ доранд:

	Active	Passive
Indefinite	to ask	to be asked
Continuous	to be asking	-
Perfect	to have asked	to have been asked
Perfect Continuous	to have been asking	-

Аз хулоса бармеояд, ки масдари забони тоҷикӣ дар муқоиса бо инфинитиви забони англисӣ аломатҳои пурраи морфологии исмро дорост; хусусиятҳои номии масдар дар ҳарду забон дар ҷумла намудор мегарданд. Ҳамчун исм масдар дар вазифаи ҳамаи аъзоҳои ҷумла омада метавонад, хусусан дар вазифаи пуркунанда.

Дар забонҳои муқоисашаванда масдар дорои ҳамаи аломатҳои категории феъл мебошад. Масалан, масдар ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ дорои тарзи фоилу мафъули феъл мебошад. Дар забони англесӣ феълҳои гузаранда чор шакли масдарро дар тарзи фоили феъл ва ду тарзи мафъули феълро доранд. Дар забони тоҷикӣ масдар ду шаклро дорост.

АДАБИЁТ

1. Астрел М. Грамматика английского языка: учеб. Пособие. / М. Астрел. - 2006.
2. Бархударов Л. С. Грамматика английского языка / Л.С. Бархударов. - М: 1960;
3. Бархударов Л.С, Штейлинг Д.А. Грамматика английского языка / Л.С. Бархударов, Д.А. Штейлинг. – Москва: Русский язык, 1973. - 325 с.
4. Бархударов Л.С. Структура простого предложения современного английского языка / Л.С. Бархударов. - М.,1966.
5. Бертельс И.Э.. Вопросы истории и филологии народов Советского Востока / И.Э. Бертельс. - М.: АН СССР, 1958.
6. Восканян Г. Р. Инфинитив в современном персидском языке / Г.Р. Восканян. - М.,1958.
7. Ганшина М.А. English grammar. Ninth edition revised /М. А. Ганшина, Н.М. Василеская. - М.: Изд-во Высшая школа, 1964.-540 с.
8. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик - Душанбе: Дониш. 1986.- С. 256 Қ. 2.
9. Грамматикаи забони адабии ҳозираитоҷик - Душанбе: Дониш 1985-244 Қ. 1.

ХУСУСИЯТҲОИ НОМИИ МАСДАР ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Мақолаи мазкур ба хусусиятҳои номии масдар дар забонҳои англисиву тоҷикӣ бахшида шудааст. Дар забоншиносии тоҷик таҳқиқи қиёсии масдар дар забонҳои англисиву тоҷикӣ таърихи дуру дароз ва махсус надорад. Мақола дар сатҳи зарурӣ омода шудааст, ки аз истифодаи моҳирона аз адабиёти илмӣ ва хусусиятҳои номии масдар дар ҳарду забон шаҳодат медиҳад.

КАЛИДВОЖАҲО: масдар, асосӣ, забоншиносии тоҷик, сатҳи зарурӣ, муҳаққиқ, тадқиқоти муқоисавии типологӣ, ташаккул ва инкишофи истилоҳот, семантикаи калимаҳо.

ИМЕННЫЕ ПРИЗНАКИ ИНФИНИТИВА В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

Данная статья посвящена именным признакам инверсии в английском и таджикском языках. В таджикском языкознании сравнительное изучение инверсии в английском и таджикском языках не имеет длительной и особой истории. Статья подготовлена на требуемом уровне, что свидетельствует об умелом использовании научной литературы и именных признаков инверсии в обоих языках.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: инфинитив, базовый, таджикское языкознание, требуемый уровень, исследователь, сравнительно-типологическое исследование, образование и развитие терминов, семантика слов.

NOMINAL FEATURES OF THE INFINITIVE IN ENGLISH AND TAJIK LANGUAGES

This article is devoted to nominal features of inversion in English and Tajik languages. In Tajik linguistics, comparative study of inversion in English and Tajik languages does not have a long and special history. The article is prepared at the required level, which indicates the skillful use of scientific literature and nominal features of inversion in both languages.

KEYWORDS: infinitive, basic, Tajik linguistics, required level, researcher, comparative typological study, formation and development of terms, semantics of words.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҳомидова Фараҳнуш Идибековна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **905400034**

Сведения об авторе: ***Хомидова Фарахнуш Идибековна*** - Таджикский национальный университет, магистрант факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан г. Душанбе проспект Рудакї 17. Телефон: **905400034**.

Information about the author: ***Khomidova Farahnush Idibekovna*** - Tajik National University, master`s student of Faculty of Asian and European Languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan Dushanbe Rudaki Avenue 17. Phone: **905400034.**

МАЪЛУМОТИ УМУМӢ ДАР БОРАИ ЗАРФ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Ҷалилова У.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Зарф ҳиссаи мустақилмаънои нутқ буда, ҳолат, тарз, замон, макон, сабабу мақсади кору ҳаракатро шарҳу эзоҳ медиҳад. Аз ин сабаб зарф ҳамеша тобеи феъл ё сифат меояд.

Мисол:He spoke quickly-Вай тез гап мезанад.

She got up early-Вай барвақт аз хоб хест.

Зарф хусусият ва аломатҳои махсусе дорад, ки муҳимтариншон иборат аз инҳоянд:

1. Бо калимаҳои дигар ҳамеша бо роҳи ҳамроҳӣ алоқаманд мешавад. Дар таркибҳои изофӣ намеояд, яъне ба воситаи изофат ба калимаҳои дигар тобеъ намешавад. Ба воситаи изофат ба исм тобеъ шудани калимаҳои бисёр, (more, any) кам (ғами бисёр, пули кам), ки ба гурӯҳи зарфҳои миқдору дараҷа дохил мешавад, аз ин қоида маълум аст ки: калимаҳои мазкур ҳоло ҳарчанд ҳамчун зарф бештар истифода шаванд ҳам, аслан сифат мебошанд ва дар ибораҳои боло ин хусусияти худро нигоҳ доштаанд.

2. Қисми асосии зарфҳо дар назди феъл омада, ба он вобаста мегардад. Аз ин сабаб онҳо дар ҷумла ҳамеша хелҳои гуногуни ҳолро ифода намуда, аз ягон ҷиҳат амалро шарҳ медиҳанд. Азбаски масдар ва сифати феълӣ шаклҳои ғайритасрифии феъл мебошанд, зарф ба шарҳу эзоҳи онҳо низ меояд. Гоҳҳо ба сифат, зарф ва исм тобеъ шудани зарф (асосан зарфи миқдору дараҷа) низ мушоҳида мешавад.

3. Баъзе аз зарфҳо (асосан зарфҳои миқдору дараҷа ва тарз) дар ҷумла ба вазифаи хабар низ меоянд:

Дили одам ҳамин хел-дия, андаке ғам ё хурсандӣ кифоя аст,ки оби дидааш шашқатор шавад (Ф. Муҳаммадиев).

Азимшоҳ аз ҷойи нишондодаи қозӣ қадре поёнтар нишаста, ба ҳаққи ҷаноби олӣ дуо кард (Садриддин Айнӣ).

Масофаи то он ҷо аз ним километр зиёдтар буд. (С. Улуғзода).

4. Шакли ҷамъ надорад. Суффикси -ҳо, ки баъзе калимаҳои зарфи (кайҳо, аввалҳо, ким-кайҳо) меояд, ба онҳо на маънои ҷамъ, балки тобиши тахминии миқдор мебахшад.

5. Бо пешоянду пасояндҳо намеояд. Ибораҳои исмии он ҷо, ин ҷоро, ки дар таркиби ҷумла бо пешоянд низ воқеъ мешаванд (ба он ҷо рафтан, ба ин ҷо омадан), ба зарф мансуб донистан дуруст нест.

6. Зарфҳо (зарфҳои макон, тарз, дараҷа) дараҷаи оддӣ ва қиёсӣ доранд.

7. Баъзе зарфҳо (асосан зарфҳои замон) дар назм бо тақозои вазн бандакҷонишин мегиранд, мисли акнунам, ҳанӯзам дар байтҳои зер:

Хуни худ бӯ кунам гар акнунам,
Бӯйи хуни вай ояд аз хунам.
(М.Турсунзода)

Зарф аз ҳисоби ҳиссаҳои номии нутқ такмил меёбад. Аз ин сабаб калимаҳои зиёде (боло, тез, хез, сахт, харакӣ) вобаста ба мавриди истифода қисман тағйири маъно карда, ба вазифаи зарф истифода мегарданд. Калимаҳои мазкур аслан исм (боло, зер) ва сифат (тез, сахт ва харакӣ) бошанд ҳам, вобаста ба мавқеи истифода аломат ё ҳолати амалро муайян карда, ба вазифаи зарф истифода мешаванд.

Дараҷа ва ифодаи субъективӣ дар: Категорияи дараҷа ба ҳама хелҳои зарф хос нест. Зарфҳои тарз, дараҷа, миқдор, замон ва макон дорои чунин шакли грамматикӣ мебошанд. Ин қабил зарфҳо зоҳиран ба сифат монанд бошанд ҳам, аз хусуси вазифаи синтаксисӣ аз он фарқ мекунанд. Зарфҳои дараҷаи қиёсӣ аломати феълро муайян карда, ба он нигаронида мешаванд, сифатҳо бошанд, аломати предметро муайян мекунанд ва аз рӯйи ин хусусият

тобеи исм мебошанд. Зарф дар ду забон се дараҷа дорад: дараҷаи оддӣ, қиёсӣ ва олӣ дорад. Зарфи дараҷаи оддӣ аломати амал ва ё аломати аломатро бе муқоиса ифода мекунад.

Дараҷаи қиёсӣ аз дараҷаи оддӣ бо иловаи суффикси –тар,(er,ly) сохта мешавад.

Мисол: оҳиста-slowly, оҳистатар-slower, тез-fast, тезтар-faster.

Маънои луғавии ҳамаи хелҳои зарф имконият намедиҳад, ки онҳо суффикси мазкурро қабул кунанд. Ин ҷиҳат ба зарфҳои замон, макон, миқдору дараҷа ва тарз мансуб мебошанд. Аз зарфҳои мазкур зарфи тарз ва дараҷа маънои қиёсро нисбатан кам ифода мекунад. Зарфҳои мақсад, сабаб ва монандӣ аз ин гуна категорияи грамматикӣ фориғанд.

Акнун орзуи калони ман буд, ки тезтар забони русиро ёд гирам (С. Улуғзода).

Дигар зарфҳои духиҷогию бисёрҳиҷогии забони англисӣ дараҷаи қиёсии худро тавассути калимаи ёвари <more> месозад.

Quickly-more quickly-most quickly тез-тезтар-тезтарин

Ба ғайр аз ин дараҷаи қиёсии зарф дар забони тоҷикӣ бо чунин роҳҳои синтаксисӣ ифода меёбад:

а) бо алоқаи ҳамроҳӣ тобеъ шудани зарф ба зарф:

Риши сафеди Айнӣ аз манаҳаш андаке поён кӯтоҳ қайчӣ зада шудааст. (С. Улуғзода).

Бой қариб тамоман аз кор боз истодани ҳаллоҷҳоро дида, барои зудтар баровардани ош худаш ба ҳавлии дарун даромада, рост ба ошхона рафт (С. Айнӣ).

б) ба воситаи пешоянд аз тобеъ шудани исм ва ҷонишинҳо:

Маҳмадраҷаб аз онҳо пештар аз меҳмонхона берун баромада, ба Одил Саркор гуфт (Ниёзӣ).

Шоире дар ҳаққи як давлатманд қасидае навишта, ӯро аз ҳад зиёда мадҳ кард (А. Деҳотӣ).

Дар ин маврид зарф суффикси қиёсии -тар-ро низ гирифта метавонад, бо ин маънои қиёсии зарф таъкид меёбад.

Албатта, ҳамаи хелҳои зарф зарфҳои замон, макон, миқдор, дараҷа, тарз дараҷа надоранд. Чунончи, агар зарфи пеш суффикси -тар гирифта тавонад, зарфҳои замоне, ки аз исми ҷенаки вақт ва суффикси -она сохта шудаанд (рӯзона, шабона) ё ин ки зарфи тарз ё миқдори мураккабе, ки яке аз ҷузъҳояш ё ҳар ду ҷузъаш шумора аст (сечанд, дучанд, даҳчанд, ду-ду, се-се), зарфи тарзи воситаи ичро (аспакӣ, харакӣ) ва зарфи тарзи ифодакунандаи ҳолат (пуштнокӣ, рӯйнокӣ, диққат) вобаста ба маънои луғавиашон суффикси мазкурро қабул намекунанд.

Зарфҳои тарз, миқдор, дараҷа, замон ва макон камӣ ё зиёдӣ, хурдӣ ва навозишро ифода мекунанд. Муносибати субъективонаи гӯянда бо ду роҳ ба воситаи суффиксҳои -ак-акак (-якак) ва ё такрори зарф ифода меёбад.

Зиёдӣ ё камиро далолат кардани суффикси -ак, -акак (дар назм баъзан -якак) ба маънои луғавии зарф вобаста мебошад. Чунончӣ, суффиксҳои номбурда ба зарфи хеле ҳамроҳ шавад, миқдори зиёд, бо зарфи саҳл ояд, миқдори камро мефаҳмонад. Ин суффиксҳо бештар бо зарфҳои миқдор замон ва тарз воқеъ мешаванд.

...ман ҳам якборакак ба ҳамон ҷо мерафтаму он шаҳрҳоро медидам (С.Улуғзода).

Шумо аввал гапи маро дурустакак гуш кунед (П. Толис).

Дар забони тоҷикӣ бо роҳи такрор ифода шудани муносибати субъективӣ низ хос буда, чунин тарзҳо дорад:

а) такрори калима бо баъзе тағйироти фонетикӣ дар ҳиссаи дуюм: андак-мандак, саҳл-паҳл:

Лекин масъалаи хуш карда гирифтани лаҳҷа ва қабул карда гирифтани лаҳҷаҳои умумитар як масъалаест, ки ба андак-мандак кӯшиш ҳал намешавад (С. Айнӣ).

Ман мана акнун ба мактаби маҳви бесаводӣ рафта саҳл-паҳл саводам баромада истодааст (Амонов).

б) такрори зарф ба воситаи пайвандак. Ин тарзи ифодаи зарф хоси забони гуфтугӯӣ буда, дар асарҳои бадеӣ миқдоран кам бошад ҳам, дучор мегарда:

Барои ин ки рози ниҳонии шавҳарашро ошкор намояд, қасдан вай бештар ва бештар озодона рафтор менамуд (Ҳаким Карим).

Боз ва боз Асад ҳайрон шуд (Ҷ. Икромӣ).

Дар забони англисӣ баъзе зарфҳо ҳангоми сохтани шаклҳои дараҷаи қиёсӣ ва олӣ ба тағйироти овозӣ дучор мешаванд:

far-farther ё futher-farthest ё furthest дур-дуртар-дуртарин, little-less-least, кам- камтар-камтарин, much-more-most, зиёд-зиёдтар-зиёдтарин.

Maftuna laughed loudly, but Aziza laughted more loudly.

Мафтуна баланд хандид, аммо Азиза баландтар.

She behaved herself badly. -Ӯ бад рафтор кард.

As for you, you behaved yourself worse. -Ту бошӣ, бадтар рафтор намудӣ.

They behaved themselves worse. -Онҳо бадтарин рафтор карданд.

Хелҳои зарф аз рӯйи маъно: Зарфҳо аз рӯйи маъно дар ду забон ба ду гурӯҳ: зарфҳои тавсифӣ ва ҳолӣ ҷудо мешаванд. Дар навбати худ, ҳар яке аз ин гурӯҳ ба қисматҳо ҷудо мешаванд.

Зарфҳои тавсифӣ се хел мешаванд:

Зарфи тарзи амал: Зарфи тарз тариқи воқеъ шудани амал ва чигунагии ҳолату вазъиятро мефаҳмонад ва вобаста ба ин хусусияти худ ба феъл ва предикативҳои аз дигар ҳиссаҳои нутқ сохта шуда нигаронида мешавад. Зарфи тарз, инчунин аломати аломатеро, ки ба воситаи сифат ва зарф ифода меёбад, нишон медиҳад. Вай нисбат ба дигар хелҳои зарф миқдоран бисёр буда, тобишҳои гуногун дорад.

1. Зарфҳои тарзе, ки чӣ тарз? ичро шудани амал, яъне аломати амалро мефаҳмонанд. Онҳо аз ҷиҳати миқдор ва маъно хеле бисёранд ва нишон додани аломати амал тобишҳои гуногуни воситаи ичро, такрор, сӯй, лаҳзагӣ ва давомнокии амалро низ ифода мекунанд:

Хар ҳам ...хеле чолокона қадам мезад (С.Айнӣ).

Абуалӣ саросема ба инҷо расида қарор гирифт (С.Улуғзода).

He looked at me askance- Вай ба ман ба андозае бо нобоварӣ нигоҳ кард.

The police looked through our luggages one by one. - Полис бағоҷҳоямонро як ба як аз назар гузаронид.

Дар забони тоҷикӣ зарфҳои дорои тобиши тақлиди овозӣ, ки тарзи ичрои амалро нишон медиҳад ва бештар пеш аз феъл меоянд, низ дохил мешаванд:

Паррандаҳо ҳоло нағмасарои намекарданд, фақат гоҳ-гоҳе ба девори қафасҳо минқор зада ё аз дилтангӣ ҷасту хезкунон тапар-тупур садо мебаровардand (Ф.Муҳаммадиев).

2. Ба гурҳӯҳи дуюм зарфҳои тарзе дохил мешаванд, ки аломати аломатро мефаҳмонанд ва бештар ба зарф, феъли ҳол, масдар тобеъ мешаванд, чунинанд:

Slowly -оҳиста

Freely -озодона

Quickly -зуд, тез

Lazily -тамбалона

Fast -тез

Willingly - бо ҷону дил

He slowly opened the door.

Гилемро сар дод ва ҳой-ҳой гирякунон ба хона даромада рафт (Р. Ҷалил).

3. Гурӯҳи сеюмро зарфҳои тарз ташкил мекунанд, ки ҳолати давомияти амалро мефаҳмонанд:

Домулло мижа зада, мижа зада сарашро поён мефарорад (С. Улуғзода).

Бечора хунгас зада зор-зор мегирист (С. Улуғзода).

Вай меҳмонҳои баландмартабаро бесаброна мунтазир буд (Ҷ. Икромӣ).

Аз ҳама гушаву канораи он, - сарбаландона ман гузар кардам (М.Турсунзода).

Ҳоло парчини бистар шуда, аз шиддати дард дарун-дарун менолад (Ф. Муҳаммадиев).

Ба маънои калимаи тобеъкунандаашон ҳам маънои миқдор ва ҳам маънои дараҷаро ифода карда метавонанд. Зарфи зиёд (зиёдтар) асосан миқдорро далолат мекунад. Дар баробари шакли дараҷаи қиёсии он зиёдтар вобаста ба калимаи шарҳдиҳандааш маънои дараҷаро низ ифода менамояд. Чунончӣ, дар ҷумлаи:

Аз ин қадаре зиёдтар суфро аз болои китфи чап ва зери бағали рост гузаронида, ба тапамон паҳн карда мепартоем (Ф.Муҳаммадиев).

Зарфи зиёдтар миқдорро, аммо дар ҷумлаи:

Аммо ин остинзании ӯ аз як боди суст зиёдтар таъсир надошт (С.Айнӣ). -дараҷаро ифода кардааст. Ё ин ки зарфи бағоят бештар дараҷаро ифода мекунад. Ин зарф кам бошад ҳам, миқдорро низ мефаҳмонад. Дар ҷумлаи:

“Тутапошшо ин ҳикояро бо образҳои бисёр равшан ва ба тасвирҳои соддаи халқӣ бағоят дилчасп нақл карда буд”(С.Айнӣ) дараҷаро, вале дар ҷумлаи:

“Афсус ки Хатторӣ барин ҷавони озурдаи тақдири бад дар диёри ӯ бағоят бисёранд” (А. Деҳотӣ) маънои миқдорро ифода мекунад.

Зарфи миқдор: Зарфи номбурда миқдори предмет ва миқдори воқеъ шудани аломату ҳолатро нишон медиҳад. Ба зарфи миқдор калимаҳои зерин дохил мешаванд: бисёр-бисёр, бисёр (бисёртар), зиёда, зиёд (зиёдтар), андак (андаке), кам (камтар), камубеш, яктагӣ, қадре, як миқдор, хеле (хело), басе (басо), лаболаб, танҳо-танҳо, гурӯҳ-гурӯҳ, саҳифа-саҳифа, туда-туда, як каф-як каф, бисёр-бисёр, андак-андак ва ғайра.

Зарфҳои миқдор асосан дар шарҳи чунин ҳиссаҳои нутқ истифода мешаванд:

а) феъл: Бо нияти ба шаҳр рафтану ба мактаб дохил шудан кӯшиш мекардем, камтар хӯрем ва бештар захира кунем (С.Улуғзода).

Бозор бо ин ҳол чашмашро ба чашми писараш духта қадре истод (С. Айнӣ).

б) исм: Подшоҳ арзи ӯро қабул карда, ба вай қадре мис ва биринҷӣ дод, ки онҳоро тилло карда диҳад (А. Деҳотӣ).

...басе одамони саркашу нофаҳмро ба иродати худ тобеъ сохта ба роҳи неку савоб ҳидоят карда тавониста аст (Ф. Муҳаммадиев).

Пас аз чанд дақиқа онҳо, зану шавҳар сару либоси кориашонро пушида, дар даст яктаги сумка, кӯча баромаданд (Саттор Турсун).

в) сифат: Дар байни тамошобинон, ки як гурӯҳи бисёр хурд шуда монда буданд, ҳоло ҳам дар хусуси ин кор гуфтугузор мешуд (С. Айнӣ).

аслан сифат мебошанд ва дар ибораҳои боло ин хусусияти худро иигоҳ доштаанд.

2. Қисми асосии зарфҳо дар назди феъл омада, ба он вобаста мегардад. Аз ин сабаб онҳо дар ҷумла ҳамеша хелҳои гуногуни ҳолро ифода намуда, аз ягон ҷиҳат амалро шарҳ медиҳанд. Азбаски масдар ва сифати феълӣ шаклҳои ғайритасрифии феъл мебошанд, зарф ба шарҳу эзоҳи онҳо низ меояд. Гоҳо ба сифат, зарф ва исм тобеъ шудани зарф (асосан зарфи миқдору дараҷа) низ мушоҳида мешавад [15,285].

3. Баъзе аз зарфҳо (асосан зарфҳои миқдор ва тарз) дар ҷумла ба вазифаи хабар низ меоянд:

Масофаи то он ҷо аз ним километр зиёдтар буд. Шакли ҷамъ надорад. Суффикси -ҳо, ки ба баъзе калимаҳои зарфи (кайҳо, аввалҳо, сониҳо, ким-кайҳо) меояд, ба онҳо на маънои ҷамъ, балки тобиши тахминии миқдор мебахшад.

4. Бо пешоянду пасояндҳо намеояд. Ибораҳои исмии он ҷо, ии ҷоро, ки дар таркиби ҷумла бо пешоянд низ воқеъ мешаванд (ба он ҷо рафтан, ба ин ҷо омадан), ба зарф мансуб донистан дуруст нест.

5. Зарфҳо (зарфҳои макон, тарз, дараҷа) дараҷаи оддӣ ва қиёсӣ доранд.

6. Баъзе зарфҳо (асосан зарфҳои замон) дар назм бо тақозои вазн бандакҷонишин мегиранд, мисли акнунам, ҳанӯзам.

Зарф аз ҳисоби ҳиссаҳои номии нутқ такмил меёбад. Аз ин сабаб калимаҳои зиёде (амсоли боло, зер, тез, сахт, харакӣ) вобаста ба мавриди истифода қисман тағйири маъно карда, ба вазифаи зарф истифода мегарданд. Калимаҳои мазкур аслан исм (боло, зер) ва сифат (тез, сахт, харакӣ) бошанд ҳам, вобаста ба мавқеи истифода аломат ё ҳолати амалро муайян карда, ба вазифаи зарф истифода мешаванд.

Хулосаи калом, қозӣ Бадриддин ба воситаи тадбироти мазкура синфи илмияро сиғоран ва киборан дар таҳти амр ва фармони худ даровард.

Зарфи замон дар забони англисӣ:

Ман гоҳо ба он ҷо меравам.

Зарфҳои замони tomorrow, today, yesterday ҳам дар аввал ва ҳам дар охири ҷумла меояд:

Tomorrow I shall go there. I have seen him today.

Зарфҳои before пештар, қаблан, lately ба қарибӣ, вақтҳои охир, recently рӯзҳои наздик одатан дар охири ҷумла меоянд:

I have seen this film before. Ман ин филмро пештар дида будам.

Агар зарфҳои макон ва замон дар охири ҷумла оянд, зарфи макон пас аз зарфи замон меистад:

I met him there yesterday. Ман ӯро дирӯз дар он ҷо дида будам.

Зарфҳое, ки барои муайян кардани сифат ва ё зарфи дигар меоянд, пеш аз калимае, ки онро шарҳу эзоҳ медиҳанд, гузошта мешаванд:

I am very glad to see you. Аз диданатон хеле хушҳолам.

Зарфи enough ба қадри ҳол истисно аст. Он пас аз сифат, зарфи дигар ва феъл гузошта мешавад:

My coat is warm enough. Болопӯшам ба қадри ҳол гарм аст.

Enough инчунин метавонад исмро муайян намояд ва ба ҳайси сифати он исм омада бошад. Дар ин ҳолат сифат одатан пеш аз исм меистад, вале гоҳо метавонад пас аз исм истад.[17,37].:

Don't hurry, we have enough time (= time enough). Нашитобед, мо вақти кофӣ дорем.

Зарфҳои too, either инчунин, ҳам, низ дар охири ҷумла меоянд:

I shall be there too. Ман ҳам он ҷо мешавам.

Too ба маъно ниҳоят пеш аз калимае, ки онро муайян менамояд, меистад:

There are too many mistakes in your dictation.

Дар диктанти ту хатогиҳо ниҳоят зиёданд.

АДАБИЁТ

1. Бархударов Л.С., Штейлинг Д.А. Грамматика английского языка / Л.С. Бархударов, Д.А. Штейлинг. – М.: Русский язык, 1973. – 325 с.
2. Бархударов Л.С. Очерки по морфологии сов. англ. яз. / Л.С. Бархударов. - М.: Высшая школа, 1975. – 156 с.
3. Бархударов Л.С. Язык и перевод / Л.С. Бархударов. – М.: Высшая школа, 1975. – 350 с.
4. Блох М. Я. Теоретическая грам. англ. яз. – 3-е изд., испр. / М.Я. Блох. – М.: Высш. школа, 2000. – 380 с.
5. Брауннер Карл. История английского языка: в 2 томах / К.Брауннер; Пер. с нем. С.х. Васильевой; Под ред. и с пред. Б. А. Ильиша.- 2-е изд. – М.: Едиториал УРСС, 2003. – 391 с.
6. Варшавская А.И. Смысловые отношения в структуре современного английского языка. // АКД. – Л.: Наука, 1985. – 237 с.
7. Воронцова Г. Н. Очерки по грамматике английского языка / Г.Н. Воронцова. - М.: Изд. лит. на иностр. яз., 1960. – 279 с.
8. Гузеева К.А. Справочник по грам. англ. яз. / К.А. Гузеева. – СП.: Союз, 1997. – 288 с.
9. Гуренко Л.И. Неопределенный артикль – маркер единичной расчлененности значения существительного под влиянием контекста. // АКД. – Одесса: Просвещение, 1978. – 429 с.
10. Иванова И.И., Бурлакова В.В., Почепцов Г.Г. Теоретическая грамматика современного английского языка. – М.: Правда, 1981. – 297 с.
11. Ильиш Б.А. Значение и функции слов в предложении (на материале англ. яз.). // Труды Горьковского пед. института ин.яз. Вып. XX. – Горький: Просвещение, 1960. – 342 с.
12. Каушанская В.Л, Ковнер Р.Л. и др. Грамматика английского языка. Пос. для студентов педагогических институтов и университетов. 7-е изд., М.: Высшая школа, 2005. – 319 с.
13. Качалова К. Н. Практическая грамматика английского языка. В 2-х томах/К. Н. Качалова, Е. Е. Израилевич. – 8-е изд., перераб. и доп. К. Н. Качаловой. – К.: Методика, 2002. – 367 с.
14. Крылова И. П., Крылова Е. В. Английская грамматика для всех / И.П. Крылова, Е.В. Крылова. – М.: Высшая школа, 1989. – 270 с.
15. Рустамов Ш., Ғаффоров Р. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик / Ш. Рустамов, Р. Ғаффоров. - Душанбе, Дониш, 1986-371 с.
16. Смирницкий И. И. Морфология английского языка. Ред. В. В. Пассев. М.: Изд. лит. на иностр. яз., 1959. – 440 с.
17. Усмонов К.У. Грамматикаи назарии забони англисӣ / К.У. Усмонов. - Хуҷанд: Нури маърифат, 2006-131 с.
18. Bloch M.Y. A course in Theoretical English Grammar. M.: Pravda, 2000. – 265 p.
19. Khaimovich B., Rogovskaya I. A course in English Grammar. M.: Pravda, 1967. – 298 p.

МАЪЛУМОТИ УМУМӢ ДАР БОРАИ ЗАРФ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар мақолаи мазкур муаллиф зарфро дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ баррасӣ кардааст. Муаллиф дар мақола фарқияти зарфро дар забони англисӣ ва дар забони тоҷикӣ фаҳмонидааст. Инчунин, дар кучо ва чӣ тавр бо феъл, исм, сифат ва дигар ҳиссаҳои нутқ дуруст омадани зарфҳоро бо мисолҳо низ гуфтааст. Аз баски зарф ҳиссаи нутқи морфология ба ҳисоб меравад, онро ба таври умумӣ тадқиқ кардан заҳмати бештарро талаб менамояд. Омӯзишу тадқиқи он чандин рисолаву асарҳои алоҳидаро ба миён меорад.

КАЛИДВОЖАҲО: зарф, морфология, фарқият, забони англисӣ, мисолҳо.

ОБЩАЯ ИНФОРМАЦИЯ О НАРЕЧИЯХ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В этой статье автор рассмотрел наречия в английском и таджикском языках. В статье автор объяснил разницу между наречиями в английском и таджикском языках. Он также объяснил, где и как наречия правильно сочетаются с глаголами, существительными, прилагательными и другими частями речи, с примерами. Поскольку наречия считаются частью речи в морфологии, их изучение в целом требует больше усилий. Их изучение и исследование породило несколько отдельных трактатов и работ.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: наречия, морфология, разница, английский язык, примеры.

GENERAL INFORMATION ABOUT ADVERBS IN TAJIK AND ENGLISH

In this article, the author examined adverbs in English and Tajik. In the article, the author explained the difference between adverbs in English and Tajik. He also explained where and how adverbs are correctly combined with verbs, nouns, adjectives and other parts of speech, with examples. Since adverbs are considered a part of speech in morphology, their study in general requires more effort. Their study and research has generated several separate treatises and works.

KEYWORDS: adverbs, morphology, difference, English, examples.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҷалилова Умеда*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **[+992]111214221.** E-mail: **umeda100415@gmail.com**

Сведения об авторе: ***Джалилова Умеда*** - Таджикский национальный университет, магистрант факультета языков Азии и Европы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан г. Душанбе проспект Рудакї 17. Телефон: **[+992]111214221.** E-mail: **umeda100415@gmail.com**

Information about the author: ***Jalilova Umeda*** - Tajik National University, master`s student of Faculty of Asian and European Languages. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan Dushanbe Rudaki Avenue 17. Phone: **[+992]111214221.** E-mail: **umeda100415@gmail.com**

СТУДИЯИ САЙЁРИ ТВ «ДУШАНБЕ» ВА НАҚШИ ОН ДАР ТАЪМИНИ ҶОМЕА БО ИТТИЛООТИ САРИВАҚТӢ

Шукриямоҳи Ё.Қ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳар як шабакаи Телевизионии кишвар имрӯзҳо бо барномаҳои гуногунранги худ дар пурра намудани фазои иттилоотии кишвар нақши созгори худро гузошта истодааст. Сарфи назар аз он, ки телевизион нисбат ба матбуот ва радио дертар падид омад, вале он тавонист дар як муддати кӯтоҳ таваҷҷуҳи бештари ҷомеаи инсониро ҷалб созад. Рафта-рафта телевизион вобаста ба шарту шароити давру замон тарзи фаъолияташро тағйир дода, ба як ҷузъи ҷудонопазири рӯзгори инсонҳо мубаддал гашт. Барномаи аввалини «Пойтахт» 8 сентябри соли 1996 ба эфир баромад. Телевизион дорои як студияи сабт буд. Илова бар ин, техникаи соҳавӣ низ ба таври бояду шояд дастраси кормандон набуд. Барои мисол, дар соли 1998 телевизион ҳамагӣ як мизи танзими барномаҳо (монтажный стол) дошт ва барои саривақт омода намудани намоишҳои телевизион ба дастгоҳҳои дигар ниёз буд. Коллективи эҷодӣ ва техникии «Пойтахт» барои сари вақт иттилоъ додан ва ба миён гузоштани ҳалли масъалаҳои ҳаётан муҳимми пойтахт тариқи барномаҳои иттилоотӣ **(«Паём», «Душанбе», «Паёми наврасон», «Вести Интернета» бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ), барномаи таҳлилии («Шаҳр, шаҳриён, шаҳриёрон», «Шаҳри ман - хонаи ман», «Маърифати экологӣ»), ҳуқуқӣ («Инсон ва Қонун», «Соярӯшан») ва фарҳангӣ («Бомдод», «Озодашаҳр», «Ҳад», «Шерозаи таърих», «Иршод», «Маънии зиндагӣ»)** саъю кӯшиш мекарданд. Барномаҳои «Пойтахт»-ро на танҳо сокинони Душанбе, балки сокинони ноҳияҳои гирду атроф низ тамошо мекарданд». Дар ибтидо кормандони «Телевизиони Душанбе» аз ҷиҳати техникиву молӣ имкониятҳои басо маҳдуд доштанд. Бо мавқеъ пайдо кардану бо барномаҳои рангин писанди тамошобинон гардиданашон ва ҷалби рекламадиҳандагон ва ба роҳ мондани барномаҳои тиҷоратӣ имкониятҳояшон каме васеъ гардид. Бартарии Телевизиони ҷамъиятии «Пойтахт» боз дар он буд, ки он то андозае озодона фаъолият мекард. Соҳаҳои ҳаётан муҳимми маҳал, мушкилоти он, нисбат ба ахбори расмӣ бештар инъикос мегардиданд, ки он диққати шаҳрвандонро ҳарчи зиёдтар ба худ ҷалб мекард.

Яке аз воситаҳои асосии техникӣ дар телевизион ин дастгоҳи наворбардорӣ аст, зеро унсури асосии телевизион тасвир, яъне навор аст. Дар ин шабакаи телевизионӣ дар соли 1998 ҳамагӣ 3 адад кинокамераи тамғаи Super VHS истифода мешуд, ки он истеҳсоли ширкати Panasonic буд. Ба воситаи ин дастгоҳҳои наворабардорӣ ҳам барномаҳои дохили студия, ҳам репортажҳои барномаи иттилоотӣ ва ҳам намоишҳои дигари муаллифию таҳлилӣ сабт мешуданд. Ин рақамҳо шаҳодати он аст, ки дар солҳои аввали фаъолият мушкилоти норасоии техникаву технология баръало дар телевизиони шаҳрӣ мушоҳида мегардид. Илова бар ин, надоштани таҷрибаи корӣ низ ба кормандон мушкилӣ пеш меовард. Ба кормандони ҷавони эҷодӣ ва техникӣ, надоштани таҷрибаи корӣ дар соҳаи телевизион мушкилиҳо меовард. Аммо хоҳиши кормандони ҷавону кӯшиши роҳбарияти телевизион ба он оварда, ки оҳиста – оҳиста мушкилиҳо паси сар гашта, барномаҳо ҷолибу диданбоб мегаштанд. Марҳила ба марҳила сатҳу сифати барномаҳо беҳтар гардида, техникаҳои замонавӣ низ дастрас карда мешуд. Шабакаи телевизиони “Пойтахт» 11 сол ҳамчун телевизиони ҷамъиятӣ фаъолият кардааст. Ин расона «аз моҳи сентябри соли 2007 ба Муассисаи давлатии «Телевизиони «Пойтахт» табдили ном кард.

Бо статуси давлатӣ гирифтан шароити техникиву молии шабака беҳтар гардид. Агар дар гузашта таъминоти молии ин телевизион аз ҳисоби даромадҳои худи шабака сурат мегирифт, пас аз мақоми давлатӣ гирифтан аз ҳисоби буҷаи Ҳукумати шаҳри Душанбе маблағгузорӣ карда мешуд ва аз ҳавлие, ки дар як бинои 5-6 ҳуҷрадор ҷойгир буд, ба бинои дигар кӯчонида шуд ва бо техника ва дастгоҳҳои нави сабту танзим таъмин гардида, ҳаҷми барномаҳояш низ афзоиш ёфт.

Мувофиқи ҳуҷҷатҳои бойгонии Муассисаи давлатии «Телевизиони Душанбе» аз соли 2007 то соли 2016 бинобар талаботи истеҳсолӣ ва бо мақсади беҳтар намудани шароити кори ҳайати эҷодиву техникии телевизион ба муассиса 239 номгӯи дастгоҳу воситаҳои техникиву технологӣ харида шудааст, ки қисме аз он то ҳол коршоям буда, мавриди истифода қарор дорад. Аз ин нишондод танҳо 7 адади он шомили воситаҳои нақлиёт мебошад, боқимонда дастгоҳу таҷҳизот ва дастгоҳҳои идоракуниву хатҳои нави технологӣ аст.

Соли 2016 замони роҳбарии Шавкат Саидов дар пайи гузаронидани як тендер ба телевизион воситаҳои муайяни техникӣ ворид шуд, ки маъмултарини он 4 дастгоҳи наворбардорӣ ва ду адад пулти сабт буд. Дастгоҳҳои наворбардорӣ тамғаи Panasonic HC-PV100 буда, дар он замон барои ин шабакаи телевизионӣ ҳамчун дастоварди хуби техникӣ ба ҳисоб мерафт, зеро то ин замон ҳамагӣ ду камераи наворабардорӣ - тамғаи Canon XA 10 ва Z5 дигар ҳама дастгоҳҳои наворбардории бо фиттаи лентагӣ фаъол буданд. Дастгоҳҳои тозаворид дар флешкорт сабт намуда, дорои формати дақиқияташ баланд (HD) буданд. Дар ин давра ду адад микрофони фосилавӣ, ду адад дастгоҳ барои хондани матн дар студия, сабти барномаҳои иттилоотӣ ва сабти барномаи субҳгоҳии «Субҳи Душанбе» (телесуфлёр) ва компютеру воситаҳои дигари техникӣ харидорӣ карда шуд, ки он кори шабакаро аз нигоҳи техникӣ хеле пешрафта намуд. Инчунин, бо мусоидати роҳбари навтаъин дар телевизион студияи дигар барои сабти барномаҳои таҳлилӣ ва фарҳангию фароғатӣ бунёд гардид, ки он бо дастгоҳҳои муосири техникӣ таъмин шуд. Соли 2016 ҳамзамон пахши барномаҳои «Телевизиони Пойтахт» тавассути телевизиони ноқилии «Мавҷи истиқлол» ва пахши рақамии мавҷи Т2 ба роҳ монда шуд.

Ин тадбир имкон дод, ки барномаҳои телевизиони шаҳриро сокинон дар манотиқи дигари кишвар низ тавассути пахши рақамии мавҷи Т2 тамошо кунанд. Баъди соли 2008, ки телевизион давлатӣ гардиду бо дастгоҳҳои муосир таъмин шуд, давраи рушди техники он шуруъ гардид. Соли 2016-ро метавон давраи рушди техникии ин шабакаи телевизионӣ номид.

Пас аз таъин шудани Суҳроб Рауфзода ба ҳайси директор дар телевизиони «Пойтахт» ва дастгириҳои пайвастаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе базаи моддиву техникии ин шабака қавитар гардид. Дастгоҳои сабту танзим бо технологияҳои муосири барномасозӣ иваз карда шуданд. Аз 17 феврали соли 2017 телевизиони «Душанбе» ба пахши барномаҳо бо формати «HD» (High Definition) шуруъ намуд. Телевизион дар ин марҳала бо таҷҳизоти муосири пахши барномаҳо, ки аз Аморати муттаҳидаи Араб ворид карда шуда буд, муҷаҳҳаз гардида, ҳаҷми барномаҳо низ марҳала ба марҳала зиёд гардида, дар як шабонарӯз то ба 18 соат расонида шуд.

Телевизиони «Пойтахт» сеюмин телевизиони кишвар буд, ки ба пахши барномаҳо бо формати «HD» оғоз намуд. Қаблан Телевизиони «Варзиш» ва Телевизионии «Футбол» барномаҳои худро бо ин формат пахш мекарданд.

Тағйироти дигаре, ки соли 2017 дар телевизиони «Пойтахт» ба амал омад, иваз шудани номи ин муассиса ва ба кор ҷалб гардидани мутахассисони ҷавон буд. Бо қарори Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ аз 26 марти соли 2017 Муассисаи давлатии телевизиони «Пойтахт» ба Муассисаи давлатии «Телевизиони Душанбе» табдили ном кард. Соли 2017 бори аввал дар «Телевизиони Душанбе» сатри равон ба роҳ монда шуд. Барномаҳои телевизионӣ бо услуби нав пешниҳод шуданд, ки аз лиҳози муҳтаво ва шаклу сифат касбитар буданд. Бо беҳтар шудани сатҳу сифати намоишҳо ва ба формати «HD» гузаштану ба моҳвора пайвастани «Телевизиони Душанбе» теъдоди бинандагони он низ зиёд гардид. Дар ин сол ҳамзамон техникаҳои дастгоҳи марказии телевизион низ пурра иваз гардида, пахши барномаҳо тавассути формати «HD» мувофиқ гардонида шуд. Яке аз таҳаввулоти асосии техникӣ дар ин давра он аст, ки «Телевизиони Душанбе» соҳиби студияи сайёри (ПТС) муосир гардид, ки он дорои 4 дастгоҳи наворбардорӣ ва нуқтаи сабти навору овоз буд. Тавассути ин студия сабти барномаҳои консертиву маърифатӣ ва чорабиниҳои оммавию сиёсӣ нисбатан осон ва бо сифати баланд анҷом дода мешуд. Ҳатто барои сабти чорабиниҳои сатҳи баланд, аз ҷумла ҳамоишҳои саронии давлатҳо дар доираи созмонҳои

байналмилалӣ тавассути студияи сайёри «Телевизиони Душанбе» роҳандозӣ мегардид. Илова бар ин, соли 2019 телевизион соҳиби боз як студияи сайёр гардид. 10 октябри соли 2019 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар муаррифии Студияи нави сайёри телевизионӣ, ки аз технологияи муосири соҳавӣ таркиб ёфтааст, иштирок намуданд.

Студияи сайёри телевизионӣ аз се мошини калон иборат буда, дар он дастгоҳу таҷҳизоти навтарини соҳавӣ, ки барои сабт, пахши мустақим ва ороиши барномаву намоишҳои гуногун пешбинӣ шудааст, банду баст гардидааст. Студияи мазкур имконият дорад чорабиниҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва байналмилалиро бо сифати «Full HD», яъне дақиқияти баланд сабт ва ба таври мустақим пахш намояд. Он бо 16 камераи касбӣ таъмин буда, 4 адади он ба тариқи фосилавӣ идора карда мешавад.

Ҳамчунин, системаҳои сабт ва пешниҳоди барномаҳои Студияи нави сайёр имкон медиҳад, ки ба барномаҳои телевизионӣ ороиши компютерӣ дода шавад. Тамоми дастгоҳ ва таҷҳизот истеҳсоли Япония буда, имкон медиҳад, ки барнома ва намоишҳо ба маҳвора ирсол шаванд. Ба иттилои масъулин, студияи мазкур дар Осиёи Марказӣ назир надошта, он дар доираи ҳамкории мутақобилан судманди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин барои Муассисаи давлатии «Телевизиони Душанбе» дастрас гардидааст.

Студияи сайёри телевизионӣ дорои генератори пуриқтидори баркӣ буда, имконият дорад таҷҳизоти кории студияро бо барқ таъмин намояд. Дар студияи сайёр 40 нафар мутахассиси маҳаллӣ фаъолият мекунанд. Барои идораву истифодаи он кормандон дар Ҷумҳурии Мардумии Чин омӯзонида шуданд. Бо истифода аз ин имкониятҳо, сатҳу сифати пахши намоишу барномаҳои телевизионӣ боз ҳам беҳтар гардид.

Таваҷҷуҳ ва ғамхории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, хосса Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба телевизион зиёд буда, ба баланд бардоштани сатҳу сифати барномаҳо ва пурра сохтани фазои иттилоотии кишвар мусоидат мекунад. Имрӯз барномаҳои шабакаҳои телевизионии Тоҷикистон на танҳо дар фазои иттилоотии кишвар, балки дар дигар мамлакатҳо низ тариқи моҳвора дастрас мебошад. Дар ин радиф телевизионҳои маҳаллӣ низ бо таҷҳизоти зарурӣ ба пуррагӣ таъмин гардидааст, ки намунаи он «Телевизиони Душанбе» мебошад.

Соли 2021 марҳилаи нави рушди техникии «Телевизиони Душанбе» аст. Бо таъин гардидани Маъруфҷон Оқилзода ба вазифаи директори ин муассиса мушкилоти техникии шабака роҳи ҳалли худро пайдо кард.

Мавсуф дар гузашта ба ҳайси муовини директор оид ба корҳои техникӣ дар Телевизиони «Варзиш» фаъолият дошта, яке аз мутахассисони варзидаи соҳаи телевизион дар бахши техникӣ аст.

Таъмири студияҳо ва муҷаҳҳазсозии он бо дастгоҳҳои муосир оғоз гардид. Дар ин баробар, сабти барномаҳои иттилоотӣ тавассути дастгоҳи махсус - Tri Caster ба роҳ монда шуд, ки он кори танзим ва банду басти барномаро бамаротиб осон ва сифати онро беҳтар намудааст.

Дастгоҳҳои наворбардории студияи барномаҳои иттилоотӣ низ иваз гардида, ба ҷойи камераи Panasonic HC-PV100 дастгоҳи насли нави наворбардорӣ аз ширкати SONY дастрас гардид, ки дорои сифати олӣ мебошад. Марҳала ба марҳала рушди бахши техникӣ дар ин телевизиони шаҳрӣ ба миён омад.

Дар телевизиони “Душанбе” идораҳои “Идораи барномаҳои иттиллоотии Вақт” идораи барномаҳои “Сиёсӣ ва таҳлилӣ” ва идораи барномаҳои “Фарҳангӣ ва барномаҳои мусиқӣ” мавҷуд аст. То ба имрӯз дар телевизиони “Душанбе” Барномаи иттилоотии “Вақт”, “7 рӯзи Душанбе”, “Масъулият”, “Пайгирӣ” “Иршод”, “Гулпарвар”, “Таҳқиқ”, “Таҳлил”, “Маориф ва илм”, “Нақлиёт ва мусофир”, “Истиқлоли Душанбе”, “Забон ва ҷомеа”, “Ҳадаф” “Мавзуи рӯз” “Масири созандагӣ”, “Чеҳраҳои мондагор”, “Ойини ҳунар”, “Навовар”, “Рӯзгори соҳибдилон”, “Занони муваффақ”, “Неруи созанда”, “Асрори шифо, "Ворисони Сино", "Оинаи рӯзгор", "Пизишки ман", "Чеҳраи омӯзгор", “Фуруғи субҳи

доноӣ”, “Аз ёдҳо”, “Ҷасорат”, “Дунёи хаҷв”, “Шоми Душанбе”, “Тахсини соз” аз лоиҳаҳои маъруфи телевизионии «ТВ Душанбе» мебошанд”.

Агарчӣ имрӯзҳо аз лиҳози техникӣ ин шабакаи телевизионӣ мушкилии камтар дошта бошад, вале аз сабаби надоштани студияҳои замонавӣ то ҷойе мушкилӣ мекашад. Зеро, дар биное, ки ин Муассиса ҷойгир аст, ба талаботи телевизион пурра ҷавоб гуфта наметавонад ва дар гузашта он толори кино ва ё худ кинотеатр буд. Мавриди истифода қарор гирифтани бинои нав, ки бо дастгириҳои бевоситаи Раиси Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе, муҳтарам Рустами Эмомалӣ амалӣ гардида истодааст, Муассисаи давлатии "Телевизиони Душанбе" ба яке аз шабакаҳои пешрафта табдил ёфта, тамоми мушкилиҳои мавҷудаи он бартараф карда хоҳад шуд.

Сохтмони бинои маъмурии Муассисаи давлатии "Телевизиони Душанбе" дар буриши кӯчаҳои Бохтар ва Теҳрони нохияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе воқеъ аст. Дар асоси Қарори Раиси шаҳри Душанбе, таҳти рақами 377 аз 22 июли соли 2022 амалӣ карда мешавад. Фармоишгари иншооти мазкур Муассисаи давлатии "Раёсати сохтмони асосии шаҳри Душанбе" мебошад.

АДАБИЁТ

1. Муминджонов З. Эволюция и развитие телевидения Республики Таджикистан за годы независимости (на примере телевизионных каналов «Таджикистан» и «Пойтахт» 1991-2016 г.г.). Дисс.докт.илм.филол. Душанбе 2018, Саҳ. 256
2. www//dushanbe tv.tj
3. Муродов М. Асосҳои фаъолияти эҷодии журналист / М. Муродов. – Душанбе, 2008.
4. Мясникова М.А. Практика профессионального медиаобразования: Учебное пособие / М.А. Мясникова. - М.: Издательство Юрайт, 2017. - 179 с.

СТУДИЯИ САЙЁРИ ТВ «ДУШАНБЕ» ВА НАҚШИ ОН ДАР ТАЪМИНИ ҶОМЕА БО ИТТИЛООТИ САРИВАҚТӢ

Дар мақола нигоҳи асосии муаллиф ба таҳлили таҷҳизотҳои техникии телевизиони “Душанбе” нигаронида шудааст. Маводҳои дар мақола истифодагардида аз китоби Муминджонов З ва сомонаи телевизиони “Душанбе” дастрас гардидааст. Дар натиҷаи таҳлилу таҳқиқ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки таҷҳизотҳои телевизиони “Душанбе” дар заминаи рушду таҳаввул ёфтани илму техника пешрафту тараққӣ кардааст.

КАЛИДВОЖАҲО: таҳлил, таҷҳизот, техникаи телевизиони “Душанбе”.

ПЕРЕДВИЖНАЯ СТУДИЯ ТВ “ДУШАНБЕ” И ЕЁ РОЛЬ В ОБЕСПЕЧЕНИИ ОБЩЕСТВА ОПЕРАТИВНОЙ ИНФОРМАЦИЕЙ

Основная идея автора сатьти направлена на анализ технического оборудования Телевидения “Душанбе”. Материалы, использованные в статье, взяты из книги Муминджонова З и сайта телевидения “Душанбе”. В результате анализа и исследования можно сделать вывод, что техническое оборудование телевидения “Душанбе” развивалось и прогресировало на основе развития и эволюции науки и техники.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: анализ, оборудование, техника телевидения “Душанбе”.

THE MOBILE STUDIO OF TV “DUSHANBE” AND ITS ROLE IN PROVIDING THE PUBLIC WITH TIMELY INFORMATION

The main idea of the author’s article is focused on the analysis of the technical equipment of the Television of Dushanbe. The materials used in the article were obtained from the book by Muminjonov Z. and the website of the Television of Dushanbe. As a result of the analysis and research, it can be concluded that the technical equipment of the Television of Dushanbe has developed and progressed based on the development and evolution of science and technology.

KEYWORDS: analysis, equipment, technology of Television of Dushanbe.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шукриямоҳи Ёрмуҳаммад Қосимзода*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети журналистика. **Суроға**: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **918261920.**

Сведения об авторе: ***Шукриямохи Ёрмухаммад Касимзода*** –Таджикский национальный университет, магистрант второго курса факультета журналистики. **Адрес:** Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон**: 918261920.**

Information about the author: ***Shukriyamohi Yormuhammad Kasimzoda*** - Tajik National University, second-year master's student of the Faculty of Journalism. **Address:** Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave, 17. Phone: **918261920.**

ИҚТИСОД – ЭКОНОМИКА

ПЕШГӮЙИҲО ВА ДУРНАМОИ РУШДИ БОЗОРИ СУҒУРТАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Турсунов И.Х., Шукуров Ё.А.
Донишгоҳи милллии Тоҷикистон

Дар шароити имрӯза бозори суғурта яке аз қисми таркибии бозори молиявии кишвар ба ҳисоб меравад. Рушди бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ бо рушди пуршиддати фаъолияти истеҳсолии ташкилотҳо алоқаманд аст. Афзоиш ва тавсеаи воситаҳои бозори суғурта далели қонунии равандҳои ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии ҳам истеҳсолот ва ҳам соҳаи молиявӣ мебошад, ки дар он шартҳои ҳатмии фаъолияти бозори суғурта инҳоянд: мустақилияти муносибатҳои бозорӣ; мавҷудияти талабот ба хизматрасониҳои суғурта ва суғуртакунандагон, ки қодиранд ин талаботро қонеъ гардонанд; шарикии баробар дар бораи хариду фурӯши хизматрасонии суғурта; системаи пешрафтаи робитаҳои уфуқӣ ва амудӣ; рақобат; мавҷудияти қонунгузории суғурта; мавҷудияти методологияи сохтани тарифҳо, ташаккули захираҳо, фаъолияти сармоягузорӣ, чораҳои ҳифзи иҷтимоии суғуртакунандагон; баланд бардоштани фарҳанги суғуртаи аҳолӣ.


Бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суръати нокифоя афзоиш меёбад. Дороиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)-и кишвар дар соли 2023 ба 815,7 млн. сомонӣ баробар шуданд, ки нисбат ба соли 2022 125,1 млн. сомонӣ (18,1 фоиз) зиёд мебошад. Вобастагии зиёд аз нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, демпингӣ аз ҷониби ширкатҳои бузурги суғурта, инфрасохтори суст инкишофёфта, истифодаи нокифояи иқтидори суғурта, набудани имтиёзҳои андоз ҳам барои суғурташавандагон ва ҳам барои суғуртакунандагон боиси тезу тунд шудани мушкилот дар бозори суғурта мегардад.

Барои рушди минбаъдаи бомуваффақияти бозори суғуртаи Тоҷикистон зарур аст:

1. Афзоиши нишондиҳандаҳои андозагирӣ дар асоси ҳавасмандгардонии талабот ба хизматрасониҳои суғуртавӣ ва мусоидат ба баланд бардоштани саводнокии суғуртаи аҳолӣ ва тиҷорат; афзоиши иқтидори бозори суғуртаи Тоҷикистон.
2. Бартараф кардани номутаносибии сохторӣ тавассути кам кардани ҳиссаи намудҳои ҳатмии суғурта дар саҳмҳои умумӣ ва баланд бардоштани самаранокии кори системаҳои суғуртаи ҳатмӣ; рушди бозори миллии азнавсуғуртакунӣ; рушди инфрасохтори бозори суғурта.
3. Баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ташкилотҳои суғурта дар асоси рақобат ва шаффофият; рушди худтанзимкунӣ; такмил додани қонунгузории суғурта; баланд бардоштани эътимоднокии бозори суғуртаи Тоҷикистон.
4. Дастгирии давлатӣ.

Ҳиссаи дороиҳои низоми суғурта нисбат ба дороиҳои умумии низоми молиявии кишвар дар ин давра ба 2,0 фоиз баробар шуда, нисбат ба ММД бошад, 0,6 фоизро ташкил намуд.


Тағйирёбии дороиҳои низоми суғурта дар солҳои 2016-2023



Сарчашма: Сомонаи БМТ. Бахши суғурта. Соли 2024. https://www.nbt.tj/sugurta/tj/

Дар давоми соли 2023 воридоти мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) аз рӯйи шакли суғуртаи ҳатмии давлатӣ 1,2 млн. сомониро ташкил дод, ки дар муқоиса ба соли қаблӣ 107,9 ҳазор сомонӣ (10,0 фоиз) зиёд мебошад. Воридот аз рӯйи шакли суғуртаи ҳатмӣ бошад, ба 85,4 млн. сомонӣ баробар гардида, нисбат ба соли гузашта 14,0 млн. сомонӣ (19,6 фоиз) афзудааст.

Тағйирёбии воридоти мукофоти суғуртавӣ аз рӯйи шаклҳои суғурта дар солҳои 2016-2023




Сарчашма: Сомонаи БМТ. Бахши суғурта. Соли 2024. https://www.nbt.tj/sugurta/tj/

Воридот аз рӯйи шакли суғуртаи ихтиёрӣ аз рӯи натиҷаи ҷамъбасти соли 2023 ба 344,0 млн. сомонӣ баробар шуд, ки ҳиссаи он 79,9 фоизи ҳаҷми умумии мукофоти суғуртавиро дар низом ташкил медиҳад. Мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) аз рӯйи шакли суғуртаи

ихтиёрӣ дар муқоиса ба соли қаблӣ ба маблағи 95,0 млн. сомонӣ (38,1 фоиз) зиёд гардидааст. Хавфҳои базиммагирифтаи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) дар моҳҳои январ – декабри соли ҳисоботӣ маблағи 151,7 млрд. сомониро ташкил доданд, ки он дар муқоиса ба соли 2022 ба андозаи 46,0 млрд. сомонӣ (43,6 фоиз) зиёд мебошад.

Дар робита ба ин, хавфҳои ба азнавсуғуртакунӣ интиқолдодаи ташкилотҳои суғуртавӣ дар соли ҷорӣ 103,7 млрд. сомониро ташкил намуданд, ки нисбат ба соли 2022 35,7 млрд. сомонӣ (52,5 фоиз) афзоиш ёфтаанд.

Хавфҳои базиммагирифта ва ба азнавсуғуртакунӣ интиқолдодаи ташкилотҳои суғуртавӣ дар солҳои 2016-2023



Сарчашма: Сомонаи БМТ. Бахши суғурта. Соли 2024. https://www.nbt.tj/sugurta/tj/

Мукофоти суғуртавии (ҳаққи суғуртавии) ба азнавсуғуртакунӣ интиқолдодаи низоми суғурта бошад, дар соли 2023 ба андозаи 158,2 млн. сомонӣ баробар шуда, ин нишондиҳанда дар қиёс ба соли қаблӣ 64,9 млн. сомонӣ (1,7 маротиба) зиёд мебошад. Раванди мазкур аз як тараф ба устувории молиявӣ ва пардохтпазирии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ва кам кардани хавфҳо таъсири мусбӣ расонида, аз тарафи дигар боиси берун рафтани сармояи дохилӣ ва рушд накардани низоми азнавсуғуртакунии миллӣ мегардад.

Ташаккулёбӣ ва мавҷудияти захираҳои суғуртавӣ, ки далели сари вақт ичро гардидани уҳдадориҳои ташкилотҳои суғуртавӣ мебошанд, дар соли ҳисоботӣ афзоиш дошта, ба маблағи 249,1 млн. сомонӣ баробар гардид, ки он дар муқоиса ба соли 2022 ба андозаи 25,3 млн. сомонӣ (11,3 фоиз) зиёд мебошад.

Пардохти суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) дар соли ҳисоботӣ тамоюли коҳишёбӣ дошта, ба 22,7 млн. сомонӣ баробар шуд, ки нисбат ба соли 2022 3,6 млн. сомонӣ (-13,6 фоиз) камтар мебошад.

Таносуби пардохти суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) нисбат ба мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) дар соли 2023 ба 5,3 фоиз баробар шуд, ки нисбат ба соли 2022 3,3% кам мебошад.

Ҳаҷми пасандозҳои ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) дар низоми бонкии кишвар дар соли 2023 маблағи 71,4 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли қаблӣ 27,7

млн. сомонӣ (63,4 фоиз) афзоиш ёфтааст ва раванди мазкур саҳми бозори суғуртаро ба бахшҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар зиёд намуда истодааст.

Фоидаи софи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) аз рӯйи натиҷаи соли ҷорӣ ба 97,0 млн. сомонӣ баробар шуд, ки дар муқоиса ба соли 2022 ба маблағи 18,5 млн. сомонӣ (23,7 фоиз) зиёд мебошад.

Нишондиҳандаҳои самаранокии низоми суғуртаи кишвар аз рӯйи дороиҳо (ROA) дар соли 2023 11,9 фоизро ташкил дода, аз рӯйи сармоя (ROE) бошад, ба 20,9 фоиз баробар гардиданд, ки нисбат ба соли қаблӣ мутаносибан 0,5 ва 0,8 банди фоизӣ зиёд мебошанд.

Барои ҷамъбасти гуфтаҳои боло метавон гуфт, ки бо мақсади таъсиси нав ва такмил додани воситаҳои суғуртаи мавҷуда ҷиҳати таъмини иҷрои уҳдадориҳо оид ба шартномаҳо дар назар аст:

1. дар ҳолати зарурӣ заминаи меъёрӣ оид ба додани кафолатҳо аз ҷониби суғуртакунандагон, ки Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст;
2. васеъ ва такмил додани амалияи суғуртаи масъулияти шартномавӣ (васеъ намудани доираи татбиқ, такмил додани қоидаҳои суғурта, аз ҷумла бо роҳи рафъи асосҳои озод кардан аз пардохти суғурта ҳангоми хунукназарии дағалонаи суғуртакунанда);
3. ташаккули хусусиятҳои қонунгузорӣ ва меъёрии фаъолияти суғуртакунандагон ҳангоми бастани шартномаи кафолат ба сифати зомин.

Ба назари мо, бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ дар Тоҷикистон ташаккул ёфта, ба рушди оянда ва ислоҳоти ҷиддӣ ниёз дорад. Агар аз як тараф, мунтазам пардохтҳои ҳаққи суғуртавӣ зиёд гардида истода бошанд ҳам, аз тарафи дигар, дар муқоиса бо бозорҳои суғуртавии давлатҳои мутараққӣ, ҳатто чанд давлати шарикони иқтисодии наздик фаъолияти суғуртаи миллӣ амалан хело қафомонда ҳисобида мешавад.

АДАБИЁТ

1. Абдусаттор Ҷабборов., Насриддин Шарипов. Суғурта: Китоби дарсӣ / Абдусаттор Ҷабборов, Насриддин Шарипов. - Душанбе.: Ирфон, 2011.- 376 с.
2. Бабурина, Н. А. Страхование. Страховой рынок России: учеб. пособие для вузов / Н. А. Бабурина, М. В. Мазаева. — М.: Издательство Юрайт, 2019. — 127 с.
3. Иброҳимзода И.Р., Ҳусайнов М.Н., Розиев Д.А., Ғафорзода Ю.Ф. Фаъолияти суғуртавӣ (Васоити таълимӣ) / И.Р. Иброҳимзода, М.Н. Ҳусайнов. - Душанбе-2021, 219 с.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ» (ш. Душанбе, 23 июли соли 2016, аз 02.01.2018 № 1487, аз 02.01.2019 № 1573, аз 01.03.2024 № 2045, аз 02.01.2025, №2132).
5. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 октябри соли 2016, № 408 “Дар бораи масъалаҳои Хадамоти давлатии назорати суғуртавӣ” [Электронный ресурс]. - Режим доступа: https://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=89780 (дата обращения: 20.03.2020).
6. Сафаров М. М. Мавқеи суғуртаи давлатӣ дар Тоҷикистон: Китоби дарсӣ / М.М. Сафаров. - Душанбе.: ИПП ОО «Вергуль», 2005. - 264 с.
7. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Душанбе, 2016. С. 71.
8. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 марти соли 2017, №851 “ Дар бораи ба Бонки миллии Тоҷикистон вогузор кардани ваколати назорати суғуртавӣ (минбаъд – Идора) ҳамчун воҳиди таркибии Бонки миллии Тоҷикистон” [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=128948 (дата обращения: 20.03.2020).
9. Щербаков В.А. Страхование: учебное пособие / В.А. Щербаков, Е.В. Костяева. – М.: КНОРУС, 2007.
10. www.nbt.tj. Бонки миллии Тоҷикистон. Бахши суғурта. http://nbt.tj/tj/sugurta/bozori-sugurtavi/2023/index.php

ПЕШГӮЙИҲО ВА ДУРНАМОИ РУШДИ БОЗОРИ СУҒУРТАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур доир ба дурнамои рушди бозори суғурта, дороиҳои ширкатхои сугуртавӣ, воридоти мукофоти суғуртавӣ аз рӯи шаклҳои суғурта, шумораи шартномаҳои басташуда суғуртаи ҳатмӣ ва ихтиёрӣ, иштирокчиёни касбии бозори суғурта, ҳаҷми умумии дороиҳо, маблағҳои худии (сармояи) иштирокчиёни касбии бозори суғурта, уҳдадориҳои тавозунии ташкилотҳои суғуртавӣ, миқдори умумии шартномаҳои басташуда, таҳлили ҳолати молиявии захираҳои ширкатҳои суғуртавӣ оварда шудааст. Якчанд муаммоҳо ва дурнамои устуворӣ дар ташкилотҳои суғуртавӣ дарҷ гардидааст.

КАЛИДВОЖАҲо: суғурта, суғуртаи ҳатмӣ, суғуртаи ихтиёрӣ, устувори молиявӣ, пардохпазирии ташкилотҳои суғуртавӣ, маблағгузорӣ, сармоя.

ПРОГНОЗ И ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ СТРАХОВОГО РЫНКА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье рассматриваются перспективы развития страхового рынка, активы страховых компаний, поступления страховых премий по формам страхования, количество заключенных договоров обязательного и добровольного страхования, профессиональные участники страхового рынка, общий объем активов, собственные средства (капитал) профессиональных участников страхового рынка, балансовые обязательства страховых организаций, общий объем заключенных договоров, анализ финансового состояния резервов страховых компаний, предоставляется страховка. В страховых организациях выявлено несколько проблем и перспектив устойчивого развития.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: страхование, обязательное страхование, добровольное страхование, финансовая устойчивость, ликвидность страховых организаций, финансирование, капитал.

FORECAST AND PROSPECTS OF DEVELOPMENT OF THE INSURANCE MARKET OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

This article examines the prospects for the development of the insurance market, assets of insurance companies, insurance premium receipts by type of insurance, the number of compulsory and voluntary insurance contracts concluded, professional participants in the insurance market, total assets, own funds (capital) of professional participants in the insurance market, balance sheet obligations of insurance organizations, the total volume of contracts concluded, financial condition analysis reserves of insurance companies, insurance is provided. Several problems and prospects for sustainable development have been identified in insurance companies.

KEYWORDS: insurance, compulsory insurance, voluntary insurance, financial stability, liquidity of insurance organizations, financing, capital.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Турсунов Илҳомҷон Холмирзоевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи фаъолияти гумрукӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: (**+992) 918-69-96-70.** E-mail: **i_tursunov1988.8@mail.ru.**
Шукуров Ёқубҷон Абдулҳамидович - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси 2-уми кафедраи фаъолияти гумрукӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

Сведения об авторах: ***Турсунов Илхомджон Холмирзоевич*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, старший преподаватель кафедры таможенной деятельности. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 918-69-96-70.** E-mail: **i_tursunov1988.8@mail.ru.**
Шукуров Якубджан Абдулхамидович - Таджикский национальный университет, магистрант 2 курса кафедры таможенной деятельности. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.

Information about the authors: ***Tursunov Ilhomjon Holmirzoevich*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Senior Lecturer of the Department of Customs Activities. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone**: (+992) 918-69-96-70.** E-mail: **i_tursunov1988.8@mail.ru.**
Shukurov Yakubjan Abdulhamidovich - Tajik National University, 2nd year Master's student of the Department of Customs Activities. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17.

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ БОЗОРИ КОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОК

Аминиён Ф. Ф.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Бо мурури замон бозорҳои молиявии кишварҳои ҷаҳон, инчунин бозори коғазҳои қиматнок, рӯ ба рушд ва таҳаввул доранд. Ин бозорҳо, ки дар муҳити иқтисодии ҷаҳонӣ нақши муҳим мебозанд, барои рушди иқтисодиёти кишвар ва ташкилоти молиявӣ заминаи устувориро фароҳам меоранд. Бо таваҷҷуҳ ба аҳаммияти бозори коғазҳои қиматнок, мақсади ин таҳқиқот таҳлил ва баррасии асосҳои назариявии ташкилёбии ин бозор мебошад.

Ташаккули бозори коғазҳои қиматнок барои ҳар як иқтисод ва ҷомеа аҳаммияти калон дорад. Ин бозор як восита барои сармоягузорӣ, таъмини молиявии ширкатҳо ва давомнокии рушди иқтисодӣ мебошад. Бояд тазаккур дод, ки заруриятҳои ташаккули бозори коғазҳои қиматнок дар шароити муосир афзалиятҳои зеринро барои иқтисодиёти ҳар мамлакат фароҳам меорад:

Таъмини манбаъҳои молиявӣ: Бозори коғазҳои қиматнок имкон медиҳад, ки ширкатҳо ва давлатҳо сармояро дар шакли саҳмияҳо, коғазҳои қиматнок ва дигар воситаҳои молиявӣ ба даст оранд, ки барои рушди инфрасохтор, корхонаҳо ва соҳаҳои мухталиф зарур аст.

Раванди иқтисодӣ ва рушди иқтисод: Бозорҳои коғазҳои қиматнок барои рушди иқтисодии кишвар муҳим мебошанд, зеро онҳо барои сармоягузорон ва ширкатҳо шароит фароҳам меоранд, ки тавонанд дар муҳити беназорат бо фоидаҳои мухталиф иштирок кунанд.

Ашёи нақд ва қарз: Дар бозори коғазҳои қиматнок, сармоягузорон метавонанд ба осонӣ ҳисоботҳо ва саҳмияҳо харидорӣ кунанд ва инчунин дар шароити хатарҳо ё фоидаҳои баланд бо дигар намудҳои қарзи молиявӣ ва васоити нақдӣ мубодила кунанд.

Инъикоси равандҳои иқтисодӣ: Бозорҳои коғазҳои қиматнок дар асл як нишондиҳандаи муҳимми ҳолати иқтисоди кишвар ва бозорҳои ҷаҳонӣ мебошанд. Арзиши саҳмияҳо ва қоғазҳои қиматнок метавонад ҳолат ва равандҳои иқтисодиро нишон диҳад, ки барои сиёсатмадорон ва сармоягузорон муҳим аст.

Ҳимояи манфиатҳои сармоягузорон: Бо вуҷуд доштани бозори коғазҳои қиматнок, сармоягузорон имконияти гирифтани фоида ва тавони бозгардонидани сармояи худ доранд, ки дар шартҳои мубодилаи байналмилалӣ ва бозорҳои молиявии дигар кишварҳо муҳим аст.

Инноватсия ва рушди технологӣ: Бозори коғазҳои қиматнок метавонад ба рушди ширкатҳои нав ва сохтани қарорҳои технологӣ, ки дар иқтисодиёт таъсир мерасонанд, кумак расонад. Ин хусусият ба рушд ва муосиршавии бозорҳои молиявӣ дар кишварҳо кумак мекунад.

Дар натиҷа, ташаккули бозори коғазҳои қиматнок барои иқтисоди миллӣ ва минтақа метавонад ба таври мусбат ба рушди иқтисодӣ, таъмини сармоягузорӣ ва беҳбуди ҳолати молиявии кишвар таъсир расонад.

Коғазҳои қимматнок - ин ҳуҷҷатҳое мебошанд, ки ҳуқуқи молиявӣ ва қонунӣ ба соҳибон медиҳанд ва метавонанд ҳамчун воситаи табодулот ва сармоягузорӣ истифода шаванд. Коғазҳои қимматнок метавонанд аз як ё якчанд намудҳо иборат бошанд ва ба соҳибони худ манфиатҳо, аз қабили ҳуқуқ ба даромад ё қисмате аз фоидаи ширкатро, пешниҳод кунанд.

Ташаккулёбии бозори коғазҳои қиматнок дар асрҳои XVIII-XIX ба назар расидааст. Бозорҳои соҳавӣ ва аввалин биржаҳо: Дар асри XVIII ва XIX, бозори коғазҳои қиматнок бо таъсиси аввалин биржаҳо дар Британияи Кабир, Франсия ва Амрико рушд кард. Биржаи Лондон ва биржаи Ню-Йорк, ки дар соли 1792 таъсис ёфт, мақомҳои муҳимро барои савдо дар коғазҳои қиматнок ба даст оварданд.

Бозори коғазҳои қиматнок як ҷузъи муҳим дар фаъолияти иқтисодии мамлакатҳо ва бунёди иқтисодиёти пойдор аст. Аз ин рӯ, зарур аст, ки дар ташкилёбии бозори коғазҳои қиматнок ҳамаи ҷанбаҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва техникӣ бо дақиқӣ ба иҷро расонда шаванд, то ки бозор дар шароити рақобатпазир ва муназзам фаъолият кунад.

Дар тадқиқотҳои худ, А. Смит бештар ба нишонаҳое, ки шакли зоҳирии пулро ҳангоми додани қарз ифода мекунанд, вале онҳо аз пулҳои ҳаққӣ фарқ мекарданду барои қарз пешниҳод мешаванд, чунин қайд менамояд, ки: “қариб ҳамаи фоизҳои қарзҳои пешниҳодшаванда ба воситаи пулҳои коғазӣ, тиллоӣ ва ё нуқрагӣ пешниҳод мегарданд, аммо қарздиҳанда ба чӣ эҳтиёҷ дорад, ки қарзи додашуда ба воситаи пулҳои коғазӣ пешниҳод мегардад, вале ин коғазҳо пул нестанд, балки арзиши пулӣ аст” [1, с. 130].

Назарияи рушди бозори коғазҳои қиматнок дар корҳои таҳқиқотии К. Маркс дар охири асри XIX намудор шуд. Вай аввалин шуда сабабҳои пайдоиш ва хатарҳои буҳрони соли 1847-ро таҳқиқ намуда, дар ин робита чанд пешниҳод дар бораи бозори коғазҳои қиматнок (бозори сармоя) ба миён гузошт. Маркс аввалин шуда ба маъзараи назарияи рушди бозори коғазҳои қимат диққат дод ва ба чунин хулосаҳо омад, ки: қоғазҳои қиматӣ — ин сармояи воқеӣ нест, онҳо арзиши воқеӣ надоранд, балки танҳо шакли сармоя мебошанд [2, с. 414].

Ба андешаи О.И. Дегтярева, Н.М. Коршунова ва Е.Ф. Жукова: "Дар бозори қоғазҳои қиматнок, ба монанди бозорҳои молӣ, фурӯшандагон ва харидорони муайян бо мақсадҳои мушаххас амал мекунанд" [3, с. 16].

Аз назароти олимони рус бармеояд, ки бозори коғазҳои қиматнок як бахши муҳимми иқтисодии кишварҳо ва рушди иқтисоди ҷаҳонӣ мебошад, ки ба захираҳои молиявии ҷиддии олами муосир вобаста аст. Ин бозор ҳамчун воситаи муҳимтарини сармоягузорӣ ба идоракунии хатар ва ба рушди иқтисодӣ кумак мерасонад.

Олимони тоҷик низ дар бораи бозори коғазҳои қиматнок ва таъсири он ба иқтисоди миллӣ ва байналмилалӣ назароти худро ифода мекунанд. Ҳарчанд таҳқиқоти махсус ва назароти амиқи олимони тоҷик дар ин соҳа нисбатан маҳдуд аст, вале дар муҳокимаҳо ва корҳои илмии онҳо метавон нишонаҳои муҳимро мушоҳида кард. Дар зер баъзе аз назароти олимони тоҷик, ки ба бозори коғазҳои қиматнок тааллуқ доранд, оварда шудаанд:

Бар асоси назорати З.А. Раҳимов, дар шароити муосир, нақши бозори қоғазҳои қиматнок дар ҷамъоварии капитали пулӣ ва пасандозҳо, ҳамчун манбаи иловагии маблағгузорӣ барои корхонаҳо афзоиш меёбад. [4, с.16].

Бозори коғазҳои қиматнок (ё бозори молиявӣ) ба маҷмӯи раванди савдо ва муомила бо намудҳои гуногуни асъор ва коғазҳои қиматнок, ба монанди саҳмияҳо, вомбаргҳо, фючерсҳо, опсионҳо ва дигар асноди молиявӣ, ки дар онҳо сармоягузорҳо барои ба даст овардани фоида ё таъсиси сармоя ширкат мекунанд, гуфта мешавад.

Аз ҷумла **Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бозори коғазҳои қимматнок”** қабул гардидааст, ки қонуни мазкур муносибатҳоеро, ки дар раванди бароришҳ, паҳнкунӣ, гардиш ва пардохти коғазҳои қиматноки эмиссионӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқии эмитент, хусусияти таъсисдиҳӣ ва фаъолияти субъектҳои бозори коғазҳои қиматнок ба вуҷуд меоянд, танзим намуда, тартиби танзим ва назоратро дар бозори коғазҳои қиматнок бо мақсади таъмини амали бехавф, кушода ва самараноки бозори коғазҳоиқиматнок, ҳифзи ҳуқуқи сармоягузорон ва дорандагони коғазҳои қиматнок, рақобати боинсофонаи иштирокчиёни бозори коғазҳои қиматнок муайян менамояд [5, с.1].

Мафҳум ва унсурҳои асосии бозори коғазҳои қиматнок:

Коғазҳои қиматнок – ба ҳар гуна асноде, ки дороии молиявӣ ва ҳуқуқи муайяни иқтисодӣ ба соҳибонашон медиҳанд. Аз ҷумла:

Саҳмияҳо– коғазҳое, ки намояндагии саҳмии ширкатро таъмин мекунанд ва соҳиби онҳо ҳақ доранд, қисми фоидаи ширкатро дар шакли дивидендҳо ба даст оранд.

Облигатсияҳо – коғазҳое, ки ҳуқуқи талаб кардани маблағро аз як ташкилот ё давлат барои давраи муайян ва бо фоизи муайян таъмин мекунанд.

Фючерсҳо – шартномаҳо барои харид ё фурӯши мол дар як вақт оянда бо нархи муайян.

Опсионҳо – ҳуқуқ барои харид ё фурӯши мол ё аснодии молиявӣ дар оянда бо нархи муайян мебошад. коғазҳои қиматнок саҳм, вексел, гарав, саҳми сармоягузории фонди инвеститсионӣ, коносамент, вомбарг, чек ва дигар коғазҳои қиматноки дар қонун номбаршуда ё бо тартиби муқаррарнамудаи қонун чунин эътирофшуда мебошанд

Вексел— уҳдадории хаттии пулӣ, ки аз рӯйи шакли муайяншуда ба расмият дароварда шудааст. Ба соҳибаш вексел ҳуқуқи аз қарздор гирифтани маблағи муайяни дар вексел нишондодашударо таъмин менамояд.

Гарав — яке аз шаклҳои асосии иҷрои уҳдадориҳо, молу милк ва ё дигар арзише, ки барои таъмини қарз ё дигар намуди кредит пешбарӣ мешавад.

Чек – ҳуҷати муҳофизатӣ мебошад , ки фармоиши бечунучаро аз хазинадор (кассадор) ба бонк барои пардохти маблағи дар он нишондодашуда ба дорандаи чек ро дорад.

Чекгир шахсе мебошад, ки дар бонк маблағе дорад, ки ӯ ҳақ дорад бо роҳи додани чекҳо ихтиёрдорӣ кунад, дорандаи чек шахсе мебошад, ки ба манфиати ӯ чек дода шудааст, пардохткунанда бонке мебошад, ки маблағҳои пасандоз дар он ҷойгир шудаанд.

Вомбарг – коғази қиматноке мебошад, ки уҳдадории эмитентро дар бобати ба соҳиби коғази қиматнок дар муҳлати муқарраргардида талофӣ намудани арзиши исмии он бо пардохти фоизи муайяншуда тасдик мекунад. [6, с.2].

Вомбаргҳои сабз-коғазҳои қиматноки қарзӣ мебошанд, ки барои маблағгузорӣ ё бозтамвили лоиҳаҳо бароварда мешаванд, ки ба муҳити зист ва/ё иқлим таъсири мусбӣ мерасонанд.

Коғазҳои қиматнок як воситаи молиявӣ мебошанд, ки ба сармоягузор имкон медиҳанд, ки фоида ба даст оранд. Бозори коғазҳои қиматнок як қисми муҳимми иқтисодиёти кишварҳо аст, чунки он барои тақсимоти сармояҳо ва ба таъмини рушди иқтисодӣ кумак мекунад. Барои намуна, давлатҳо метавонанд вомбаргҳои давлатии худро фурӯшанд, то маблағ барои лоиҳаҳои инфрасохторӣ ё дигар барномаҳо ҷамъ кунанд ва ширкатҳо метавонанд саҳмияҳо ё коғазҳои корпоративӣ барои ҷалби сармоя интишор кунанд. Инчунин, дар бозорҳои коғазҳои қиматнок, сармоягузорҳо метавонанд бо фурӯши коғазҳои қиматноки мавҷуда ё харида коғазҳои нав фоида ба даст оранд. Бозори коғазҳои қиматнок метавонад барои сармоягузорон ва иқтисодиёт умуман як манбаи муҳим барои расидан ба афзоиш ва устуворӣ бошад.

Ташкил кардани бозори коғазҳои қиматнок як раванди мураккаб ва бисёрҷанба аст, ки барои муваффақияти он ҳамоҳангии дурусти иштироки ширкатҳо, сармоягузорон ва танзимкунандагон лозим аст. Агар бозор бо қоидаҳои дуруст ва барои ҳама тарафҳо барои сари вақт таъмини боэътимоди амалиёт дарк шуда бошад, он метавонад ба таъмини рушди иқтисодӣ ва таъмини ҳамоҳангии байни институтҳои молиявии кишвар кумак кунад.

АДАБИЁТ

1. Смит А. Исследование о природе и причинах богатства народов / А. Смит. –Л.: Лениздат, 1935. Қисми I, саҳ.-130.
2. Маркс Карл. Сармоя. Ҷилди сеюм. Қисмҳои якум ва дуюм. Тарҷумаи И.И.Степанов Скворцов. – М.: Нашриёти адабиёти сиёсӣ. 1955. 932 с.
3. «Бозори коғазҳои қиматнок ва кори биржа: Дарсномаи барои донишгоҳҳо / Зери таҳрири проф. О.И. Дегтярева, проф. Н.М. Коршунов, проф. Е.Ф. Жуков». М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2004. 501 саҳифа.
4. Рахимов З.А., Зувайдов С.М., Дилбар Х. «Шаклгирӣ ва рушди бозори молиявӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». Душанбе: «Ирфон» 2005, 164 саҳифа.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи бозори коғазҳои қиматнок (Ахбори маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, №6, мод. 456; с. 2014, №3, мод. 151; с. 2015, №11, мод. 976; с. 2016, №11, мод. 889
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи коғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ»(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2011, №6, мод. 456; е.2014, №3, мод. 151; с. 2015, №11, мод.976) (Қонуни ҶТ аз 14.03.2014 № 1076, аз 23.11.2015 № 1255, аз 14.11.2016 № 1373)
7. Рынок ценных бумаг – на http:// www.TYO.op.jp
8. Мировой рынок ценных бумаг – на http:// www.rosfinconsulting.ru

9. http:// www.Google.ru

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛИ БОЗОРИ КОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОК

Дар мақола масоили асосҳои назариявии ташаккули бозори коғазҳои қиматнок баррасӣ гардидааст. Бояд тазаккур дод, ки заруриятҳои ташаккули бозори коғазҳои қиматнок дар шароити муосир афзалиятҳои зеринро барои иқтисодиёти ҳар мамлакат фароҳам меорад, аз ҷумла таъмин гардидан бо манбаъҳои иловагии молиявӣ, таъмини рушди иқтисодӣ, дастрасӣ ба сарчашмаҳои бозори қарзӣ, инноватсия ва технологияҳои пешқадам. Аз ин рӯ, таҳқиқи масоили назариявии ташаккули бозори коғазҳои қиматнок дар шароити муосир актуалӣ ба шумор меравад. Мафҳуми бозори коғазҳои қиматнок аз нуқтаи назари олимони ватанӣ ва хориҷӣ шарҳ дода шуда, хусусиятҳои хоси рушди ин бозор асоснок гардидаанд. Ҳамчунин, унсурҳои асосии бозори коғазҳои қиматнок муайян ва мавриди шарҳ қарор гирифтаанд.

КАЛИДВОЖАҲО: коғазҳои қимматнок, вомбарг, васиқа, чек, саҳмия, бозори аввалидараҷа, низоми молиявӣ.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ РЫНКА ЦЕННЫХ БУМАГ

В статье рассматриваются теоретические вопросы формирования рынка ценных бумаг. Следует отметить, что в современных условиях необходимость формирования рынка ценных бумаг предоставляет экономике каждой страны следующие преимущества: обеспечение дополнительными финансовыми ресурсами, содействие экономическому развитию, доступ к источникам кредитного рынка, инновациям и передовым технологиям. Поэтому исследование теоретических аспектов формирования рынка ценных бумаг в современных условиях является актуальным. Понятие рынка ценных бумаг рассматривается с точки зрения отечественных и зарубежных ученых, обоснованы особенности развития этого рынка. Также определены и раскрыты основные элементы рынка ценных бумаг.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: ценные бумаги, облигация, залог, чек, акция, первичный рынок, финансовая система.

THEORETICAL FOUNDATIONS OF THE FORMATION OF THE SECURITIES MARKET

The article discusses theoretical issues related to the formation of the securities market. It should be noted that, in modern conditions, the necessity of forming a securities market provides the economy of each country with the following advantages: ensuring additional financial resources, contributing to economic development, access to sources of the credit market, innovations, and advanced technologies. Therefore, the study of theoretical aspects of the formation of the securities market in modern conditions is highly relevant. The concept of the securities market is analyzed from the perspective of domestic and foreign scholars, and the features of the development of this market are substantiated. Additionally, the main elements of the securities market are identified and discussed.

KEYWORDS: securities, bonds, collateral, check, stock, primary market, financial system.

Маълумот дар бораи муаллиф: Аминиён Фирӯза Фарҳодзода – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти ихтисоси молия ва қарз. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **farhodzodafiruza@gmail.com** Телефон: **(+992) 111-88-77-78.**

Сведения об авторе: ***Аминиён Фируза Фарњодзода*** – Таджикский национальный университет, магистрант по специальности «Финансы и кредит». **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Рудаки, 17. E-mail**: farhodzodafiruza@gmail.com** Телефон: **(+992) 111-88-77-78.**

Information about the author: ***Aminion Firuza Farhodzoda*** – Tajik National University, master's student in "Finance and Credit". **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Street, 17. E-mail: **farhodzodafiruza@gmail.com** Phone: **(+992) 111-88-77-78.**

ВАЗЪИЯТИ МУОСИРИ ТУРИЗМИ ТОҶИКИСТОН ВА МУАММОҲОИ ОН

Ниёзов А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Бо мақсади тараққӣ додани соҳаи сайёҳӣ, муаррифии шоистаи имкониятҳои сайёҳии мамлакат ва фарҳанги миллӣ дар арсаи байналмилалӣ, инчунин ҷалби сармоя ба инфрасохтори сайёҳӣ пешниҳод менамоям, ки соли 2018 дар кишвар Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон карда шавад. Ин нуктаро имрӯз Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмом алӣ Раҳмон зимни пешниҳоди Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баён намуданд.

Ба ибрози Пешвои миллат, дар ин раванд Ҳукумати мамлакатро зарур аст, ки барои рушди ҳунарҳои мардумӣ ба соҳибкорон ва ҳунармандон ҷудо намудани қарзҳои имтиёзнокро тавассути Фонди дастгирии соҳибкорӣ васеъ ба роҳ монад. Инчунин, бо мақсади ҳавасмандгардонии аҳолӣ ҷиҳати истеҳсоли молҳои ниёзи мардум дар хона ва рушди ҳунарҳои мардумӣ аз 1 январи соли 2018 фурӯши ин гуна молу мавод аз пардохти ҳамаи намудҳои андоз озод карда шавад.

«Сайёҳӣ яке аз соҳаҳои муҳимми бо шуғл фаро гирифтани аҳолии қобили меҳнат, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, рушди дигар соҳаҳои хизматрасониву истеҳсолӣ, инчунин муаррификунандаи таъриху фарҳанг, табиат ва анъанаҳои миллӣ ба ҳисоб меравад»,- илова намуданд Сарвари давлат.

Ҷиҳати рушди соҳаи сайёҳӣ, ҷалби сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ қарори Раиси шаҳр аз 27 январи соли 2015, №78 «Дар бораи амалӣ намудани нақша-чорабиниҳои «Барномаи рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2015-2017 дар шаҳри Хуҷанд» ба тавсиб расида, дар ин самт чораҳои амалӣ андешида шуда истодааст.

Дар натиҷа, барои қабули меҳмонон хатсайрҳои дохилӣ, ба монанди “Шоми Душанбе”, Искандаркӯл”, “Ҳафткӯли муъҷизадор” фаъолияти пурсамар доранд.

Айни ҳол дар шаҳр барои қабули сайёҳон 12 меҳмонхонаҳо фаъолият намуда истодаанд. Барои сайёҳон нуқтаҳои фурӯши маҳсулоти ороишӣ аз сангҳою металлҳои қиматбаҳо, туҳфаҳои хотиравӣ, намунаҳои ҳунарҳои дастии ҳунармандон фаъолият менамояд. Ҳамчунин, дар шаҳр 32 ёдгориҳои таърихӣ, 3 ёдгориҳои археологӣ, 25 ёдгориҳои шаҳрсозиву меъморӣ ва санъат мавҷуд мебошад.

Ҷиҳати тарғибу ташвиқи соҳаи туризм ва муаррифӣ намудани захираҳои сайёҳии кишвар дар тахтаҳои таблиғотии кӯчаву хиёбонҳои шаҳр шиору овезаҳо дар мавзуи рушди сайёҳӣ насб карда шуда, дар атрофи Маҷмааи таъриҳӣ - фарҳангии “Истиқлол” боғи фароғатӣ бунёд карда шуд, ки барои ҷалби бештари сайёҳии дохилию хориҷӣ мусоидат хоҳад кард. Ҳоло барои пурра намудани инфрасохтори сайёҳӣ дар кучаи Сирдарё меҳмонхонаи замонавӣ бунёд гардида истодааст, ки барои рушди ин соҳа мусоидат хоҳад кард.

Ҳамзамон, дар Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон дар кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон устодон аз рӯйи фанҳои “Сайёҳии байналхалқӣ”, “Бизнес сайёҳӣ” ва “Ташкили сайёҳии байналхалқӣ” ба донишҷӯён дарс дода истодаанд, ки заминаи хуб барои аз худ намудани соҳаи сайёҳӣ ва омода намудани кадрҳои баландихтисос дар ин соҳа мебошад.

Чӣ тавре ки маълум аст туризм дар Тоҷикистон ҳамчун соҳаи иқтисодиёт афзалиятнок эътироф шудааст. Ба шарофати татбиқи мунтазами сиёсати дарҳои кушода ва ба амал баровардани ислоҳоти бозорӣ дар ҷумҳурӣ дар айни замон хизматрасонии бозори сайёҳӣ ба вуҷуд омад, ки имрӯзҳо ҳиссаи бахши хусусиро ба худ мегирад.

Дар айни замон мавҷуд будани хизматрасонӣ дар ҷумҳурӣ ҳанӯз ба эхтиёҷоте, ки фаъолона соҳаи туризм вусъат меёбад, ҷавобгӯ нест. Бештар ба меъёрҳои ҷаҳонӣ бояд ҷавобгуй бошад ва талаботи экологиро ба инобат гирад.

Мақсади асосии инкишофи туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккулёбии экологӣ, иҷтимоӣ, самаранок ва рақобатнок будани комплекси туристӣ ба аҳолӣ ва инчунин ба буҷаи давлат фоида овардани он, ки ба зиёдшавии маблағи андоз ва бо ҷойи кори иловагӣ таъмин намудани қисми зиёди шаҳрвандони ҷумҳурӣ мебошад.

Дар айни замон туризмро ҳамчун яке аз соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти мамлакат баррасӣ намуда, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор тадбирҳо андешида истодааст, ки барои рушди туризм дар ҷумҳурӣ ташкил намудани дастрасии бештари ҷумҳурӣ барои омаду рафти туристони хориҷӣ, беҳтар намудани ҳолати инфрасохтори мавҷудаи туристӣ ва санаторию курортӣ ҷалби сармоягузориҳо, нигаронида шудаанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар байни мамлакатҳои Осиёи Марказӣ аз ҷиҳати захираҳои таҷдиди саломатӣ ва туризм мақоми пешсафро дорост. Чунин ҳудудҳо дар Тоҷикистон -5%, Узбекистон-0,7%, дар Туркманистон-0,25% -ро ташкил медиҳанд.

Тайи даҳсолаи охир аз тарафи фондҳои умумибашарию экологӣ дар ин самт як қатор лоиҳаҳо амалӣ гашта бошад ҳам, вале таносуби сайёҳиву экологӣ вобаста ба шароити табиӣ-ҷуғрофӣ аз тарафи муҳаққиқон ба таври мушаххас мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Дар консепсияи рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омадааст: «Мақсади асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи туризм ин таъмин намудани шароитҳои мусоиди ҳуқуқӣ барои ташкили самарабахши субъектҳои фаъолияти туристӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки

имкониятро барои қонеъгардонии талаботи шаҳрвандони дохилӣ ва хориҷӣ ба хизматрасонии мухталиф ва сифатнокии соҳа таъмин намояд».

Ба роҳ мондани ин санадҳо дар фаъолияти туризм мақоми онро дар ҷомеаи муосир аз ҳар ҷиҳат баланд бардошта метавонад. Маблағгузории дохилӣ ба ин самт ҳанӯз нокифоя буда, паҳлуҳои иқтисодӣ ва иҷтимоиро дуруст таъмин карда натавониста, ташкил ва сохтори идоракунӣ ҳанӯз номукаммал аст. Фаъолияти ширкатҳои туризм мураккаб гашта, иҷрои он танҳо ба Кумитаи ҷавонон, варзиш ва туризм вогузор набуда, балки ба дигар мақомоту идораҳо вобастагӣ дорад, ки омаду рафти сайёҳҳонро ба таъхир меандозад. Аз ин лиҳоз, рушди туризми дохилӣ дар мамлакат ғайри муташаккил сурат мегирад, ки барои сайёҳҳон якчанд мушкилотро дар масъалаи бо ҷои хоб, хӯрок, хатсайрҳои туристӣ сайр карданро ба миён меоварад. Туризм самтҳои сершумор дошта, ҳар кадом мушкилот, хусусият ва тафовуту талаботҳои худро дорад:

- Туризми табобатӣ, санаторию истироҳатӣ;
- Кӯҳнавардӣ, туризми варзиши кӯҳӣ ва экологӣ;
- Туризми таърихию омӯзишӣ ва этнографӣ;
- Туризми касбӣ (геологӣ, ҷуғрофӣ, биологӣ);
- Қаиқронӣ дар дарёҳҳои кӯҳӣ (ратинг);
- Варзиши лижатозии кӯҳӣ;
- Туризм оид ба шикор, моҳигирӣ, ташкили экспедитсияҳо, сайёҳат ба мавзеъҳои дастнорас ва ғ.

Ҳоло дар ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 185 субъекти хоҷагидорӣ, чӣ ашхоси ҳуқуқӣ бо шуъбаҳо ва намояндагиҳояшон, чӣ ашхоси воқеӣ, ки ба фаъолияти соҳаи туризм алоқаманд аст, ба қайд гирифта шудааст. Дар байни онҳо 51 меҳмонхона, 125 муассисаи истироҳатию сайёҳӣ, 9 муассисаи санаторию истироҳатӣ, ҳамчунин муассисаҳои варзишию солимгардонӣ, корхонаҳои махсусгардонидашудаи савдо, боғҳою мамнӯнгоҳҳои табиӣ, корхонаҳои нақлиётӣ, тарабхонаҳо, агентию намояндагиҳои таблиғотӣ ва ғайра мавҷуданд.

Ба рӯйхати ширкатҳои сайёҳӣ, ки хизматрасонии туризми бозори Тоҷикистонро намояндагӣ мекунанд, инҳо дохил мешаванд:

- Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба сайёҳат, «Сайёҳ»;
- Шурои ҷумҳуриявӣ оид ба сайёҳат ва экскурсия;
- Ширкати саҳҳомии кушодаи «Интуриста Тоҷикистон»;
- Корхонаи масъулияташ маҳдуд, «Тахмина»;

- «Pamir Travel» - Сайёҳии Осиёи Марказӣ;
- «Восток Трейдинг Тур»;

Калонтарини онҳо корхонаи воҳидии давлатии «Сайёҳ» мебошад. Маълумотҳои ширкатҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки ба таври васеъ хизматрасонии қобили мулоҳиза ва назаррас пешниҳод менамояд. Хизматрасонии асосии сайёҳӣ, ки ширкатҳои мазкур ба ҷо меоваранд аз инҳо иборатанд:

- боэҳтиётона нигоҳ доштани меҳмонхона ва нақлиёт;
- ҷобаҷокунӣ ва истиқболу пешвозгирии сайёҳон;
- хизматрасонӣ оид ба хуҷҷатӣ кардан ва ба қайд гирифтани шиносномаҳои хориҷӣ, визаҳои дохилу гуруҳ, аснодиҷ суғурта;
- хизматрасонии роҳбалад ва тарҷумон;
- ташкили сайёҳат ва сафарҳо;
- пешниҳоди хизматрасонии нақлиёт ва сайёҳат бо ёрии захираҳои худӣ, ҳамчунин бо ёрии шарикони хориҷӣ;
- пешниҳоди ҳар гуна хизматрасонӣ ва ғайра;

Ҳар кадом унсури инфрасохтори соҳаи туризми Тоҷикистон ба худ хусусиятҳои хос дорад. Масалан, нисбати мавқеи ҷуғрофӣ дар

Тоҷикистон аз ҳама бештар нақлиёти автомобилӣ ва роҳи оҳан рушдёфта мебошад. Наклиёти обӣ бошад, хеле кам рушд ёфтааст.

Бештари сайёҳон, ки ба Тоҷикистон сафар мекунанд, аз хизмати нақлиёти ҳавоӣ истифода мебаранд.

Барои рушди сайёҳии ҷумҳурӣ таҷдиду таъмири роҳҳои автомобилгарди Душанбе – Қулма - Қароқурум, Душанбе - Қурғонтеппа-Данғара, ҳамчунин роҳи автомобилгарди Душанбе- Зигар- Қалъаи Хумб – Хоруғ – Мурғоб - ағбаи Қулма - Қароқурум, Душанбе - Айнӣ- Панҷакент, ки ба ҷойҳои таърихию меъморӣ ва таъриху фарҳангии диққатангези мамлакат мебаранд, аҳаммияти муҳим доранд.

Аз рӯйи маълумоти қисми таҳлили барномаи давлатии рушди соҳаи сайёҳӣ, барои сафари худ сайёҳон нақлиёти ҳавоиро истифода мекунанд. Ҳиссаи чунин сайёҳон дар ҳаҷми умумии ҳамлу нақли сайёҳон 85%, ҳиссаи ҳамлу нақли нақлиёти автомобилӣ 15 %-ро ташкил медиҳад.

70 %-и сайёҳон намояндагиҳо низ ба нақлиёти ҳавоӣ аҳаммият медиҳанд. Бо автобусҳои байналхалқӣ 22%, бо нақлиёти роҳи оҳан 7%, бо дигар васоити хушкигард 1% сайёҳон сафар мекунанд.

Ҳоло дар Тоҷикистон зиёда аз 51 меҳмонхона барои сайёҳҳон пурра фаъолият мекунанд. Ба ҳисоби миёна ҳар сол ба Ҷумҳурии Тоҷикистон тақрибан 130 ҳазор турист ворид мешавад, ки қисми зиёди онҳо ба туризми кӯҳнавардӣ ва экологӣ дохил мешаванд.

Саноати озуқаворӣ дар Тоҷикистон, дар солҳои охир бо суръати тез рушд дорад, ки шумораи тарабхонаҳо, қаҳвахонаҳо, барҳо, ошхонаҳо ва дигар корхонаҳои таъминоти хурокворӣ ва ғизоро дар бар мегирад. Маълумотҳои оморӣ нишон медиҳад, ки ҳаҷми хизматрасоние, ки тарабхонаҳо, қаҳвахонаҳо, ошхонаҳо ва дигар корхонаҳои таъминоти озуқаворӣ ва ғизоро пешнҳодкарда, дар давраи аз соли 2001 то соли 2011, бештар аз ҳазор нафар афзудааст. Ҳамин тартиб, дар соли 2011 ҳаҷми хизматрасонӣ, ки саноати озуқаворӣ анҷом додааст, 28172 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Дар муддати ҳаҷми хизматрасонии дах сол 104023, ҳазор сомониро ташкил кардааст. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки рушди саноати хурокворӣ ва хизматрасонӣ дар Тоҷикистон устувор аст.

Дар ҷумҳурӣ ҳоло 40 осорхона мавҷуд аст, ки миқдори бештари онҳо дар вилоятҳои Хатлон 14 осорхона ва Суғд 13 осорхона ҷойгир шудаанд.

Дар соли 2017 ба осорхонаҳо наздики 330 ҳазор нафар тамошобинон ташриф овардаанд. Бештари тамошобинон ба осорхонаи ш. Душанбе 53 ҳазор нафар, ба осорхонаи вилояти Хатлон 150 хазор нафар ва вилояти Суғд 83 хазор нафар ташриф овардаанд. Мутаассифона дар ВМКБ ва дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ташрифоти тамошобинону

мухлисон хеле кам буд: дар як сол дар ВМКБ 3 ҳазор нафар, дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 40 ҳазор нафарро ташкил кардааст.

Қайд кардан зарур аст, ки дар айни замон ҳолати техникии осорхонаҳо, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки беш аз сеяки онҳо ба таъмири асосӣ эҳтиёҷ доранд. Давлат бояд вазифаи ба танзим даровардани рушди соҳаи сайёҳиро, ки аз нуқтаи назари иқтисодӣ даромаднок ва самаронок аст, ба даст гирад. Зеро давлатҳое, ки табиати зебо ва таърихи қадима доранд, аз ин дастоварди худ васеъ истифода бурда, ба буҷети давлати худ даромади зиёд меоваранд. Ин боиси пайдо шудани ҷойи кори нав, кам намудани сатҳи бекорӣ, зиёд шудани даромади пулӣ ва гардиш ёфтани асъори миллӣ мегарданд. Туризми байналхалқӣ яке аз роҳҳои беҳтарини инкишофи тараққиёти фаъолияти берунии иқтисодиёти ҷаҳонӣ буда, мақоми асосиро дар иқтисодиёти ҷаҳон ишғол менамояд, ки нақши он доимо афзоиш ёфта истодааст.

Дар айни замон дар ҷумҳурӣ 185- объектҳои фаъолияти туристӣ, аз ҷумла 9- муассисаи санаторию курортӣ, 51- меҳмонхона ва 125- базаҳои туристӣ (дар ноҳияи Варзоб -65, дар дараи Ромит -40, дар вилояти Суғд-13) мавҷуд мебошанд, ки вазъи имрӯзаи туризмро дар ҷумҳурӣ инъикос мекунанд.

АДАБИЁТ

1. Добрецов А. «Экспорт услуг и международный туризм» — «Экономика и жизнь» в 1995 году, №42. 12
2. Дурович А.П. Маркетинг в туризме. Минск: ООО «Новое знание», 2001.
3. Симетенко Б.М. Международные экономические отношения / Б.М. Симетенко. - Москва: ИНФРА, 2015.
4. Семенов К.А. Международные экономические отношения. / К.А. Семенов. – Москва, 2018.

ВАЗЪИЯТИ МУОСИРИ ТУРИЗМИ ТОҶИКИСТОН ВА ММУАММОҲОИ ОН

Сайёҳиро ҳамчун соҳаи муҳимми иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба назар гирифта, Ҳукумати мамлакат барои барқароршавӣ ва рушди сайёҳии байналхалқӣ дар мамлакат, ташкили ташрифории туристони хориҷӣ, беҳтар намудани вазъи инфрасохторҳои туристӣ ва инчунин барои табдил додани Тоҷикистон ба минтақаи ҷаҳонии туристӣ як қатор чорабиниҳоро мавриди истифода қарор дод. Вобаста ба ин дар солҳои охир, бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шабакаи сайёҳии байналхалқӣ мавқеъ ва имкониятҳо пайдо гардиданд.

КАЛИДВОЖАҲО: рушди сайёҳии байналхалқӣ, инфрасохторҳои туристӣ, минтақаи ҷаҳонии туристӣ, шабакаи сайёҳии байналхалқӣ, имкониятҳои сайёҳӣ.

СОВРЕМЕННОЕ СОСТОЯНИЕ ТУРИЗМА В ТАДЖИКИСТАНЕ И ЕГО ПРОБЛЕМЫ

Принимая во внимание туризм как важную отрасль экономики Республики Таджикистан, Правительством страны реализован ряд мер по восстановлению и развитию международного туризма в республике, организации посещения иностранных туристов, улучшению состояния туристической инфраструктуры, а также превратить Таджикистан в мировую туристическую зону. В связи с этим в последние годы при поддержке Правительства Республики Таджикистан в международной туристической сети появились позиции и возможности.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: развитие международного туризма, туристская инфраструктура, мировое туристическое пространство, международная туристская сеть, туристические возможности.

THE CURRENT STATE OF TOURISM IN TAJIKISTAN AND ITS PROBLEMS

Taking into account tourism as an important sector of the economy of the Republic of Tajikistan, the Government of the country has implemented a number of measures to restore and develop international tourism in the republic, organize visits by foreign tourists, improve the state of tourism infrastructure, and also turn Tajikistan into a global tourist area. In this regard, in recent years, with the support of the Government of the Republic of Tajikistan, positions and opportunities have appeared in the international tourism network.

KEYWORDS: development of international tourism, tourism infrastructure, global tourism space, international tourism network, tourism opportunities.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ниёзов Абдуҷаббор*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

Сведения об авторе: ***Ниёзов Абдуджаббор*** **–** Таджикский национальный университет, магистрант второго курса кафедры мировой экономики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

Information about the author: ***Niyozov Abdujabbor*** **–** Tajik National University, second-year master`s student of the Department of World Economy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

ҲУҚУҚ – ПРАВО

САНАДҲОИ ТАТБИҚИ ҲУҚУҚ

Ятимова М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Санадҳои татбиқи ҳуқуқ натиҷаи фаъолияти ҳуқуқтатбиқсозӣ буда, аз сифати онҳо самаранокии фаъолияти татбиқи ҳуқуқ вобастагӣ дорад. Сифати санадҳои татбиқи ҳуқуқ бо дарназардошти омилҳо ва нуктаҳои зерин омили самаранокии фаъолияти татбиқи ҳуқуқ маҳсуб мешавад:

- санадҳои татбиқи ҳуқуқ натиҷаи фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ буда, бо қабули онҳо давраи ниҳоии фаъолияти мазкур оғоз мегардад, ки дар он нишондоди ҳуқуқии санадҳои зикршуда дар ҳолатҳои мушаххаси ҳаётӣ амалӣ карда мешаванд;
- аз сифати санадҳои татбиқи ҳуқуқ самаранокии амалӣ гардидани муқаррароти ҳуқуқии санадҳои мазкур вобастагӣ дорад, санадҳои ҳуқуқтатбиқсозии босифат кафолати ҳалли баҳси ҳуқуқӣ, амалишавии ҳуқуқҳои субъективӣ, иҷрои уҳдадориҳои ҳуқуқӣ, қонеъ гардидани талабот ва манфиатҳои қонунии субъектони татбиқи ҳуқуқ маҳсуб мешавад;
- санадҳои татбиқи ҳуқуқ, ки дар натиҷаи риоя нагардидани қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ, тартиби қабул, риояи шакл ва мазмуни ин санадҳо ба талаботи сифатнокӣ ҷавоб намедиҳанд, самаранокии фаъолияти татбиқи ҳуқуқро таъмин карда наметавонанд;
- санадҳои татбиқи ҳуқуқ омили самаранокии фаъолияти татбиқи ҳуқуқ мебошанд, чунки дар давраи муайяни татбиқи ҳуқуқ, пас аз ҷамъу санҷиши ҳуқуқии ҳамаи ҳолатҳои воқеӣ (ҳаётӣ) ва ҳуқуқӣ (фактҳои ҳуқуқӣ) қабул гардида, самаранокии даврaҳои қаблии фаъолияти татбиқи ҳуқуқро (то қабули санади татбиқи ҳуқуқ) муайян мекунанд;
- сифати санадҳои татбиқи ҳуқуқ аз он далолат мекунад, ки ҳолатҳои ҳаётӣ ва ҳуқуқӣ ҳамчун заминаи қабули санадҳои мазкур дар ҳаҷми пурра, бо риояи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор (Кодекси маданӣ, Кодекси мурофиаи ҷиноятӣ, дастурамалҳо, низомномаҳо ва дигар) ҷамъу таҳлил гардидаанд, бо истифода аз ҳамаи тарзҳои имконпазир (филологӣ, мантиқӣ, казуалӣ ва ғайра) тафсир гардидаанд.

Ҳолатҳо ва нуктаҳои дар боло зикршуда собит менамоянд, ки сифати санадҳои татбиқи ҳуқуқ шарт, омил, кафолати самаранокии фаъолияти татбиқи ҳуқуқ мебошад. Дар ҳолати мазкур фаъолияти татбиқи ҳуқуқ ҳамчун ҷараёни танзимшудаи муттасил, ки аз даврaҳои муайян иборат аст, дар назар дошта мешавад. Илова бар ин, давомнокии фаъолияти татбиқи ҳуқуқ дар робита бо меъёрҳои ҳуқуқии татбиқшаванда, омилҳои зиёди ташкилӣ, ҳуқуқӣ, мурофиавӣ, кадрӣ ва ғайра гуногун аст. Чунончи, фаъолияти ҳуқуқтатбиқсозии судӣ ё тафтишотӣ, ки моҳҳо ва солҳо давом мекунад, аз фаъолияти ҳуқуқтатбиқсозӣ дар дохили корхонаҳо ва муассисаҳо фарқ дорад. Дар як қатор ҳолатҳо, масалан, ҳангоми қабули фармонҳои дохилӣ доир ба масъалаҳои кадрӣ, интизомӣ ва дигар фаъолияти татбиқи ҳуқуқ фаврӣ мегузарад.

Амалӣ намудани санадҳои татбиқи ҳуқуқ низ муддати кӯтоҳ ё дарозтарро талаб мекунад. Як қатор санадҳои татбиқи ҳуқуқ дар давоми якчанд сол амалӣ карда мешаванд. Чунончи, санадҳои татбиқи ҳуқуқ, ки дар ҷараёни ҳалли баҳси ҳуқуқӣ (маданӣ, оилавӣ, иқтисодӣ ва дигар) қабул мешаванд, муддати дароз амалӣ карда мешаванд. Санадҳои татбиқи ҳуқуқ, ки бо мақсади ба расмият даровардани қайди ақди никоҳ қабул мешаванд, муддати дароз амал мекунанд.

Илова бар ин, дар адабиёти илмӣ баҳси илмӣ оид ба вақти ба итмом расидани фаъолияти татбиқи ҳуқуқ солҳои тулонӣ идома дорад. Ба ақидаи як қатор олимон, фаъолияти мазкур бо қабули санади татбиқи ҳуқуқ ба итмом мерасад. Аммо олимони дигар бар ин ақидаанд, ки фаъолияти татбиқи ҳуқуқ пас аз қабули санади татбиқи ҳуқуқ, то пурра

амалӣ гардиданаш (пурра қонеъ гардидани талабот, ниёз, манфиатҳои қонунии шахсони дахлдор) давом мекунад. Чунончи, ҳукми судӣ, ки бо он ҷазои маҳрумсозӣ аз озодӣ татбиқ мешавад, то пурра адо намудани ҷазои ҷиноятӣ амалӣ карда мешавад.

Гуфтаҳои боло собит менамоянд, ки санадҳои татбиқи ҳуқуқ дар амалишавии ҳуқуқ (меъёрҳои қонунҳо ва дигар саадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳуқуқҳои субъективӣ ва уҳдадориҳои ҳуқуқӣ, қонеъ гардидани манфиатҳои қонунӣ нақши ҳалкунанда доранд.

Сифати санадҳои татбиқи ҳуқуқро дар робита бо категорияи фалсафии «сифат» мебояд таҳқиқ намуд. Калимаи «сифат» аз лиҳози этимологӣ аломатҳо, хусусиятҳо, нишонаҳои фарқкунандаи предмет ё падидаҳоро дар назар дорад [9,348] Дар илми фалсафа мафҳуми «сифат» дар заминаи аломатҳои умумӣ, ки ҳамчун маҳакҳои сифати ягон падида баромад мекунанд, муайян карда мешавад. Категорияи «сифат» якҷоя бо категорияи «миқдор» тарафҳои муҳимми воқеияти объективиро муайян мекунанд [10,186]. Категорияи «сифат» нишонаҳои умумии объектро муайян намуда, дар заминаи ин нишонаҳо мансубияти объект ба гурӯҳи объектҳои наздик муайян карда мешавад [11,252]. Ба андешаи Гегел, сифат ҳамчун категорияи мантиқӣ ҳастии объектро муайян мекунад [3, 216].

Дар илмҳои дақиқ категорияи «сифат» ҳамчун мафҳуми арзишӣ баромад намуда, барои баҳодиҳӣ ба сифати предмет (сифати баланд ё сифати паст), бо мақсади пешниҳоди стандартҳои сифат (сифати маҳсулот ва ғайра) истифода мешавад. Дар илмҳои иқтисодӣ мафҳуми «сифат» бо мақсади муайян намудани сатҳи қонеъ гардидани талаботи истеъмолкунандагон тавассути нарх ва хизмати барои онҳо дастрас истифода мешавад [12,89]. Стандартҳои сифатнокӣ аз тарафи Ташкилоти байналмилалии СММ оид ба стандартизатсия, Ташкилоти байналмилалии тандурустӣ (стандартҳои сифати хизмати тиббӣ), дар илми равоншиносии меҳнат (стандартҳои сифати меҳнат) ва соҳаҳои дигари илм муайян карда мешаванд [4,25-26]. Дар илмҳои гуманитарӣ, аз ҷумла илми ҳуқуқшиносӣ мафҳуми «сифат» барои баҳодиҳӣ (ҳамчун категорияи арзишӣ) ба падидаҳои ҳаёти ҳуқуқӣ метавонад истифода шавад (сифати қонун, сифати санадҳои татбиқи ҳуқуқ ва ғайра).

Сифати санадҳои татбиқи ҳуқуқ ба мисли сифати падидаҳои дигари иҷтимоӣ, маҳсулот, кор, хизмат, таҳсилот ва ғайра дар заминаи нишонаҳои авваалиндараҷаи ин санадҳо муайян карда мешавад. Барои муайян намудани сифати санадҳои татбиқи ҳуқуқ, ки падидаи ҳаёти ҳуқуқӣ маҳсуб мешавад, нишонаҳои сифатнокии онҳоро муайян намудан лозим аст. Чунин усули таҳқиқи сифати санадҳои татбиқи ҳуқуқ ба талаботи умумии таҳқиқи илмӣ дар заминаи категорияи фалсафии «сифат» ҷавоб медиҳад.

Сифати санади татбиқи ҳуқуқ – маҷмуи нишонаҳои санади татбиқи ҳуқуқ мебошад, ки бо омилҳои гуногуни иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ муайян карда шуда, самаранокии фаъолияти татбиқи ҳуқуқ ва танзими ҳуқуқии самараноки муносибатҳои ҷамъиятиро таъмин мекунанд.

Нишонаҳое, ки сифати санадҳои татбиқи ҳуқуқро муайян мекунанд, бо ҳамдигар робитаи дутарафа дошта, дар маҷмуъ сифати ин санадҳоро муайян мекунанд. Барои ҳамин, сифати санадҳои татбиқи ҳуқуқ маҷмуи нишонаҳои сифатнокии ин санадҳо мебошад.

Нишонаҳои сифатнокии санадҳои татбиқи ҳуқуқ – маҷмуи аломатҳо ва хусусиятҳои санадҳои татбиқи ҳуқуқ мебошанд, ки дар маҷмуъ сифати онҳоро дар робита бо тафовуташон аз дигар санадҳои ҳуқуқӣ ифода мекунанд.

Нишонаҳои сифатнокии санадҳои татбиқи ҳуқуқ низоми муташаккилонаро ташкил дода, ба намудҳои зерин ҷудо мешаванд:

1) нишонаҳои сифатнокии санадҳои татбиқи ҳуқуқ, ки аломатҳои ин санадҳоро ҳамчун намуди санадҳои ҳуқуқӣ дар тафовут аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ муайян мекунанд;

2) нишонаҳое, ки хусусияти санадҳои татбиқи ҳуқуқро ҳамчун ҳуҷҷати ҳуқуқӣ муайян намуда, зимни риояи қоидаҳои техникӣ-ҳуқуқии омодасозии ин санадҳо зоҳир мешаванд;

3) нишонаҳое, ки хусусиятҳои санадҳои татбиқи ҳуқуқро ҳамчун санади ҳуқуқии татбиққунандаи ҳуқуқ (мушаххаскунандаи меъёрҳои умумии ҳуқуқӣ, фардикунандаи ин меъёрҳо), факти ҳуқуқӣ (асоси пайдоиш, тағйир ва қатъи муносибатҳои ҳуқуқӣ) муайян мекунанд;

4) нишонаҳое, ки хусусияти санадҳои татбиқи ҳуқуқро ҳамчун воситаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ муайян мекунанд;

5) нишонаҳое, ки хусусияти санадҳои татбиқи ҳуқуқро ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ, инъикоскунандаи воқеияти иҷтимоӣ, талаботи иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ (қонеъ гардонидани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои қонунии иштирокчиёни муносибатҳои танзимшаванда ва ғайра) муайян мекунанд;

6) нишонаҳое, ки хусусияти санадҳои татбиқи ҳуқуқро ҳамчун падидаи ҳаёти фарҳангӣ, инъикоскунандаи сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии субъектони фаъолияти татбиқи ҳуқуқ, сатҳи омодагии касбии онҳо муайян мекунанд.

Сифати санадҳои татбиқи ҳуқуқ дар заминаи риояи маҳакҳои муайяни сифатнокии ин санадҳо таъмин мешавад. *Маҳакҳои сифати санадҳои татбиқи ҳуқуқ – маҷмуи талаботи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ мебошанд, ки ба санадҳои татбиқи ҳуқуқ пешниҳод гардида, нишонаҳои сифатнокии онҳоро инъикос мекунанд*.

Маҳакҳои сифати санадҳои татбиқи ҳуқуқ ба ду гурӯҳ ҷудо карда мешаванд: 1) маҳакҳои умумииҷтимоӣ; 2) маҳакҳои ҳуқуқӣ.

Маҳакҳои умумииҷтимоӣ – маҷмуи нишонаҳои санадҳои татбиқи ҳуқуқ мебошанд, ки мувофиқати мазмуни ин санадҳоро ба талаботи иҷтимоӣ ифода мекунанд.

Маҳакҳои умумииҷтимоии сифати санадҳои татбиқи ҳуқуқ инҳоянд:

- сатҳи инъикоси талаботи ҳаёти ҷомеа;

- маҳакҳои моддӣ-молиявӣ (имконияти таъмини моддӣ ва молиявии амалишавии санадҳои татбиқи ҳуқуқ);

- маҳаки иқтисодӣ (имконият ва сатҳи инъикоси равандҳои иқтисодӣ, алалхусус, зимни амалишавии санадҳое, ки муносибатҳои ҷамъиятии иқтисодиро танзим мекунанд, ҳуқуқу манфиатҳои иқтисодии субъектони муносибатҳои гуногуни иқтисодӣ, аз ҷумла соҳаи соҳибкориро таъмин мекунанд);

- маҳакҳои иҷтимоӣ (имконияти инъикоси манфиатҳои иҷтимоии субъектони муносибатҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи музди меҳнат, нафақа ва ғайра);

- маҳаки фарҳангӣ-ҳуқуқӣ (қабули санадҳои татбиқи ҳуқуқ бо дарназардошти анъанаҳои миллӣ, одатҳои ташаккулёфта ва ғайра);

- маҳаки сиёсӣ (қабули санадҳои татбиқи ҳуқуқ дар партави амалишавии Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ).

Маҳакҳои ҳуқуқии сифати санадҳои татбиқи ҳуқуқ – маҷмуи нишонаҳое мебошанд, ки мутобиқати санадҳои татбиқи ҳуқуқро ба талаботи махсуси ҳуқуқӣ ифода мекунанд.

Маҳакҳои ҳуқуқии сифати санадҳои татбиқи ҳуқуқ инҳоянд:

- маҳакҳои сифати санадҳои татбиқи ҳуқуқ ҳамчун намуди санади ҳуқуқии мушаххаскунанда ва фардикунандаи меъёрҳои умумии қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

- маҳакҳои сифати санадҳои татбиқи ҳуқуқ ҳамчун факти ҳуқуқӣ;

- маҳакҳои мутобиқати санадҳои татбиқи ҳуқуқ ба қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

- маҳакҳои мутобиқати санадҳои татбиқи ҳуқуқ ба арзишҳои ҳуқуқӣ (поквиҷдонӣ, хираднокӣ, озодӣ, баробарҳуқуқӣ ва дигар);

- маҳакҳои ифодаи мазмуни гуманитарии санадҳои татбиқи ҳуқуқ (ҳимоя ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон, манфиатҳои қонунии онҳо);

- маҳакҳое, ки имкониятҳои санадҳои татбиқи ҳуқуқро ҳамчун воситаи танзими ҳуқуқии самараноки муносибатҳои ҷамъиятӣ ифода ва таъмин мекунанд (қабули ин санадҳо дар ҳолатҳои мушаххаси ҳаётӣ, ки имконияти пешбинии пешакии онҳо дар қонун вуҷуд надорад, ё имконияти қабули санадҳои мазкур нисбат ба шахси муайян бо дарназардошти вазъи иҷтимоӣ ва ҳуқукии ӯ);

- маҳакҳои техникӣ-ҳуқуқии санадҳои татбиқи ҳуқуқ (риояи қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ зимни омодасозии ин санадҳо).

Ба сифати санадҳои татбиқи ҳуқуқ омилҳои объективӣ ва субъективӣ таъсир мерасонанд. Шароити объективии ҳаёти ҷомеа, дигаргуниҳои ҳаёти ҷомеа, самтҳои рушди

иҷтимоӣ-иқтисодӣ, талаботи объективии ҷамъиятӣ аз ҷумлаи омилҳои объективӣ мебошанд. Омилҳои субъективиро сатҳи шуури ҳуқуқии субъектони татбиқи ҳуқуқ, сифати таҳсилоти касбии ҳуқуқшиносӣ, сатҳи омодагии касбии субъектони ҳуқуқтатбиққунанда, риояи қоидаҳои техникӣ-ҳуқуқии омода намудани санадҳои татбиқи ҳуқуқ, риояи талаботи қонунгузорӣ ташкил медиҳанд.

Таҳқиқи сифати санадҳои татбиқи ҳуқуқ аз таҳлили ҳаматарафаи мафҳум, аломатҳо, намудҳо, шаклҳо ва мазмуни санадҳои мазкур, субъектони қабулкунандаи санадҳои татбиқи ҳуқуқ вобастагӣ дорад.

Мафҳум ва аломатҳои санадҳои татбиқи ҳуқуқ дар маркази таваҷҷуҳи олимон қарор дорад. Айни замон масъалаи мазкур дар муқоиса бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ камтар таҳқиқ шудааст. Мафҳуму аломатҳои санадҳои татбиқи ҳуқуқ одатан барои муайян намудани тафовути санадҳои татбиқи ҳуқуқ аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои тафсири ҳуқуқӣ ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ таҳлил мешаванд.

Ба нигоҳ накарда, дар як қатор асарҳои илмӣ ба таносуби санадҳои татбиқи ҳуқуқ ва санадҳои ҳуқуқӣ, санадҳои татбиқи ҳуқуқ ва санадҳои фардӣ (аз ҷумла, шартномаҳои фардӣ), мафҳум ва зарурати ҷудо намудани санадҳои ҳуқуқии омехта (ҳам меъёрӣ ва ҳам фардӣ), мафҳуми санадҳои ҳуқуқии корпоративӣ, санадҳои ҳуқуқии локалӣ, шаклҳои имконпазири санадҳои татбиқи ҳуқуқ (фармон, қарор ва дигар), шакл ва мазмуни санадҳои татбиқи ҳуқуқ, имконияти таснифи намудҳои санадҳои татбиқи ҳуқуқ, субъектони қабулкунандаи санадҳои татбиқи ҳуқуқ ва дигар таваҷҷуҳ зоҳир мешавад.

Санади татбиқи ҳуқуқ масъалаи мураккаби назариявӣ мебошад, чунки намудҳои онҳо зиёд буда, аз тарафи доираи васеи субъектон қабул мешаванд. Илова бар ин, доираи субъектони қабулкунандаи санадҳои татбиқи ҳуқуқ дар ҳаёти имрӯза дар робита бо васеъ гардидани ҳадди танзими ҳуқуқӣ, фаъолияти ҳуқуқтатбиқсозии ҳам мақомоти давлатӣ ва ҳам ташкилотҳои ғайридавлатӣ (субъектони фаъолияти озоди иқтисодӣ) афзуда истодааст. Ҳамчунин, санадҳои татбиқи ҳуқуқ муносибатҳои гуногуни ҷамъиятиро дар соҳаҳои ҳуқуқэҷодкунӣ, амалисозии ҳуқуқ, фаъолияти меҳнатӣ, хизматӣ, соҳибкорӣ, хоҷагидорӣ, идоракунӣ ва ғайра танзим мекунанд. Барои ҳамин, мураттаб гардонидани ҳамаи намудҳои санадҳои татбиқи ҳуқуқ душвор аст.

Хусусиятҳои зикршудаи санадҳои татбиқи ҳуқуқ дар робита бо танзими ҳуқуқии фардӣ низ таҳлил карда мешаванд [8,17]. Санадҳои татбиқи ҳуқуқ намуди санадҳои ҳуқуқии фардӣ буда, муносибатҳои ҷамъиятии мушаххасро дар ҳолатҳои ҷудогонаи ҳаётӣ танзим мекунанд.

Дар асарҳои илмӣ ба аломатҳои санадҳои татбиқи ҳуқуқ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мешавад, чунки мафҳуми ин санадҳо дар заминаи аломатҳояшон муайян карда мешавад. Масъалаи мазкур дар ҷараёни муайян намудани фарқи санадҳои татбиқи ҳуқуқ аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таҳлили мафҳуми санадҳои татбиқи ҳуқуқ, пешниҳоди таърифи илмии мафҳуми зикршуда таҳқиқ карда мешавад [1,79-81].

Одатан аломатҳои умумии санадҳои татбиқи ҳуқуқ, сарфи назар аз намудҳои ҷудогонаи онҳо муайян карда мешаванд [2,60]. Санадҳои татбиқи ҳуқуқ санадҳои ҳуқуқии мушаххас буда, дар ҳолатҳои мушаххаси ҳаётӣ (таваллуди фарзанд, ақди никоҳ, ба вазифа таъин шудан ва ғайра) қабул мешаванд, санадҳои фардӣ мебошанд (нисбат ба шахсони муайян қабул мешаванд), аз ҷониби субъектони ҳокимиятдор ё зимни ваколати вогузоршуда аз тарафи субъектони дигар қабул шуда, мазмуни ҳокимиятӣ доранд, дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқсозии ташкилотҳои ғайридавлатӣ (ширкатҳои хусусӣ) қабул мешаванд, меъёрҳои ҳуқуқиро дар бар намегиранд ва аз ин хотир, сарчашмаи ҳуқуқ нестанд, барои танзими ҳуқуқии локалӣ ё казуалӣ хизмат мекунанд, меъёрҳои умумии ҳуқуқиро мушаххас мегардонанд, ҳамчун факти ҳуқуқӣ асоси пайдоиш, тағйир ва қатъи муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошанд, дар ҳолатҳои зарурӣ (қабули санадҳои судӣ, прокурорӣ, тафтишотӣ, гумрукӣ ва дигар) бо чораҳои маҷбурии ҳуқуқӣ таъмин карда мешаванд [5,331-332].

Аломатҳои зикршуда умумӣ буда, ба ҳамаи санадҳои татбиқи ҳуқуқ тааллуқ доранд. Ин аломатҳо дар адабиёти илмӣ ва таълимии ҳуқуқӣ васеъ истифода ва таҳлил мешаванд [6,640].

Муайян намудани аломатҳои санадҳои татбиқи ҳуқуқ барои таҳқиқи сифати онҳо аҳаммияти методологӣ дорад, чунки дар заминаи онҳо нишонаҳои умумӣ ва маҳакҳои сифатнокии санадҳои татбиқи ҳуқуқ муайян карда мешаванд. Бо дарназардошти нуктаи илмии мазкур аломатҳои зерини умумии санадҳои татбиқи ҳуқуқиро пешниҳод намудан мумкин аст:

1) санадҳои татбиқи ҳуқуқ намуди санадҳои ҳуқуқӣ мебошанд, бо тартиби муайян ва дар шакли ҳуҷҷати расмии ҳуқуқӣ қабул шуда, натиҷаҳои ҳуқуқиро ба миён меоранд;

2) санадҳои татбиқи ҳуқуқ ҳамчун ҳуҷҷати расмии ҳуқуқӣ бо риояи қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ таҳия карда мешаванд; қоидаҳои техникӣ-ҳуқуқӣ дар ҳолатҳои зарурӣ, бо дарназардошти аҳаммият, эътибори ҳуқуқӣ ва натиҷаҳои ҳуқуқӣ дар қонун пешбинӣ мешаванд (қоидаҳои техникӣ-ҳуқуқии тартиб додани ҳалномаи судӣ тибқи Кодекси мурофиаи граждани ва ғайра);

3) санадҳои татбиқи ҳуқуқ аз тарафи субъектони босалоҳият, бо мақсади амалӣ намудани муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, дар доираи салоҳияти субъекти дахлдор қабул гардида, мазмуни ҳокимиятӣ доранд, шакли амалӣ намудани салоҳияти ҳокимиятӣ мебошанд;

4) санадҳои татбиқи ҳуқуқие, ки аз тарафи субъектони ғайридавлатӣ (мақомоти идоракунии дохилии ташкилотҳои корпоративӣ, шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкори инфиродӣ) ё дар ҷараёни ҳуқуқэҷодкунии локалӣ (дар фаъолияти маъмурияти корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо) қабул мешаванд, хусусиятҳои иловагӣ пайдо мекунанд, чунки бо салоҳияти ҳокимияти давлатӣ робита надоранд, шакли амалӣ намудани ҳокимияти давлатӣ нестанд, бо тартиботи муқарраршудаи дохилӣ (дохиликорпоративӣ, дохили муассиса ва ғайра) қабул мешаванд;

5) санадҳои татбиқи ҳуқуқ шаклҳои гуногун дошта (фармон, фармоиш, қарор, ҳалнома ва ғайра), шакли қабули ин ё он санади татбиқи ҳуқуқ бо қонун (қабули фармонҳои ғайримеъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои ғайримеъёрии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон), дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (низомномаҳо, оинномаҳо ва ғайра) муқаррар карда мешавад (қабули фармоишҳои фардии роҳбари корхона ё муассиса);

6) санадҳои татбиқи ҳуқуқ хусусияти фардӣ доранд, нисбат ба шахсони муайян (даъвогар, ҷабрдида, айбдоршаванда, маҳкумшуда, андозсупоранда, аризадиҳанда, тарафи ақди никоҳ, тарафи шартнома ва дигарон) қабул шуда, барои ҳамин шахсони манфиатдор паҳн мешаванд, дар ҳолати қонеъ гардидани манфиатҳои қонунии шахсони мазкур амалашонро қатъ мекунанд;

7) санадҳои татбиқи ҳуқуқ санадҳои мушаххас (мушаххаскунанда) мебошанд, бо мақсади амалӣ намудани меъёрҳои умумии қонун ва дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ ё дар доираи меъёрҳои умумии қонун қабул мешаванд, меъёрҳои умумии қонунро дар ҳолатҳои мушаххаси ҳаётӣ (расидан ба синни балоғат, ба синни никоҳ, тағйири вазъи оилавӣ, гирифтани таҳсилоти олии касбӣ ва ғайра) татбиқ мекунанд, меъёрҳои умумиро барои ҳолатҳои ҷудогонаи ҳаёт мушаххас мекунанд (аломатҳои умумии меъёри қонунро дар ҳолатҳои ҷудогонаи ҳаётӣ мушаххас мегардонанд);

8) санадҳои татбиқи ҳуқуқ факти ҳуқуқӣ буда, асоси пайдоиш, тағйир ва қатъи муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошанд;

9) санадҳои татбиқи ҳуқуқ вазъи ҳуқуқии умумии субъектони ҳуқуқро, ки дар меъёрҳои умумии қонун пешбинӣ мешавад, дар ҳолатҳои ҷудогонаи ҳаётӣ ё нисбат ба шахсони муайян мушаххас мекунанд, боиси тағйири вазъи ҳуқуқии шахс мегарданд, ҳуқуқҳои субъективӣ ва уҳдадориҳои ҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқиро дар ҷараёни мушаххас гардонидани ҳуқуқу вазифаҳои умумӣ мушаххас мекунанд;

10) санадҳои татбиқи ҳуқуқ натиҷаи фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ буда, функсияҳои ҳуқуқэҷодкуниро иҷро намекунанд, меъёрҳои умумии ҳуқуқиро муқаррар намекунанд, сарчашмаи ҳуқуқ нестанд, бо мақсади татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ қабул мешаванд;

11) санадҳои татбиқи ҳуқуқ унсури муҳимми механизми танзими ҳуқуқӣ буда, дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ зимни мушаххас гардонидани меъёрҳои умумии ҳуқуқӣ нақши аввалиндараҷа доранд, аз ҷумла заминаи пайдоиш, тағйир ва қатъи муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошанд.

Риояи аломатҳои санадҳои татбиқи ҳуқуқ яке аз роҳҳои аввалиндараҷаи таъмини сифати онҳо маҳсуб мешавад. Хулосаи мазкур бо нуктаҳои зерини илмӣ собит мегардад [7,455-466]:

- санадҳои татбиқи ҳуқуқ намуди мустақили санадҳои ҳуқуқӣ мебошанд, дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун қабул мешаванд, аз санадҳои дигари ҳуқуқӣ фарқ доранд;

- риояи аломатҳои санадҳои татбиқи ҳуқуқ кафолати танзими ҳуқуқии самараноки муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад, чунки ин санадҳо дар тафовут аз санадҳои дигари ҳуқуқӣ муносибатҳои ҷамъиятиро бо истифода аз тарзу воситаҳои махсус (ҳуқуқҳои субъективӣ, уҳдадориҳои ҳуқуқӣ, фактҳои ҳуқуқӣ ва дигар), бо дарназардошти вазифаҳои татбиқи ҳуқуқ (мушаххас гардонидани меъёрҳои умумии ҳуқуқӣ, фардигардонии меъёрҳои умумӣ), дар робита бо соҳаҳои ҳуқуқтатбиқсозӣ (идоракунии давлатӣ, идоракунии корпоративӣ, фаъолияти шартномавӣ, фаъолияти соҳибкорӣ ва ғайра) танзим мекунанд;

- риояи шаклҳои дахлдори санадҳои татбиқи ҳуқуқ кафолати қонунӣ будани онҳост, чунки ин санадҳо хусусияти расмӣ доранд, дар қонун пешбинӣ мешаванд (аз ҷумла, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи муносибатҳои мурофиавӣ), эътибори ҳуқуқии ин ё он санади татбиқи ҳуқуқро (фармони ғайримеъёрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоиши ғайримеъёрии роҳбарони вазорату идораҳои давлатӣ, фармоиши роҳбари муассиса, ҳукми судӣ, эътирози прокурор ва дигар) муайян намуда, дар ниҳояти кор танзими самараноки муносибатҳои ҷамъиятиро таъмин мекунад;

- риояи тартиби қабули санадҳои татбиқи ҳуқуқ аз тарафи субъектони дахлдори босалоҳият ва бо риояи расмиёти дар қонунгузорӣ пешбинишуда (қабули фармонҳо ва фармоишҳои ғайримеъёрӣ аз тарафи субъектони муайян, қабули ҳукм ва ҳалномаи судӣ тибқи қонунгузории мурофиавӣ, қабули санадҳои ҳуқуқтатбиқсозии роҳбарони корхонаҳо ва муассисаҳо, мақомоти идоракунии ташкилотҳои корпоративӣ тибқи оиннома ва ғайра) кафолати амалишавии самараноки ин санадҳо мебошад [13,71].

АДАБИЁТ

1. Аверин А.В. Правоприменительная деятельность суда и формирование научно-правового сознания судей / А.В. Аверин. – Саратов, 2003- С. 79-81;
2. Гарапшин К.М. Правоприменительная практика в советском и общенародном государстве: автореф. дис…канд. юрид. наук. – Казань, 1986. – С. 60;
3. Гегель Г.В.Ф. Энциклопедия философских наук / Г.В. Гегель - Т. 1: Наука логики. - М., 1974. - С. 216.
4. Зинченко В.П., Мунипов В.М., Рубахин В.Ф. Психологические проблемы эффективности качества труда // Психологический журнал. – 1984. – Том 5. - № 2. – С. 25 – 26; Окрепилов В.В. Всеобщее управление качеством: в 4-х кн. – СПб., 1998.;
5. Карташов В.Н. Теория правовой системы общества. Учебное пособие в двух томах. - Т. 1. Ярославль. ЯрГУ, 2005. – С. 331-332. 547 с.;
6. Марченко М.Н. Теория государства и права. – М., 2006. – 640 с.;
7. Матузов Н.И. Применение и толкование права. Коллизии в праве // Теория государства и права. Курс лекций / под ред. Н.И. Матузова и А.В. Малько. – М.. 2014. – С. 465-466.
8. Миннекес И.А. Индивидуальное правовое регулирование: (теоретико-правовой анализ): автореф. дис…докт. юрид. наук. – Екатеринбург, 2009. – С. 17. 52 с.
9. Ожегов С.И. Словарь русского языка / С.И. Ожегов. – М.: ООО Изд-во «Мир и образование», 2004. – С. 348.
10. Философский словарь / под ред. И.Т. Фролова. – М.: Политиздат, 1991. – С. 186.
11. Философский энциклопедический словарь / гл. редакция: Л.Ф. Ильичев, П.Н. Федосеев, С.М. Ковалев, В.Г. Панов. – М.: Изд-во «Советская энциклопедия», 1983. – С. 252.
12. Харрингтон Дж. Управление качеством в американских корпорациях. – М., 1990. – С. 69.
13. Цвигун И.В. Генезис понятия «качество» // Вестник Иркутской государственной академии. – 1998. - № 14. – С. 71.

САНАДҲОИ ТАТБИҚИ ҲУҚУҚ

Санадҳои татбиқи ҳуқуқ натиҷаи фаъолияти ҳуқуқтатбиқсозӣ буда, аз сифати онҳо самаранокии фаъолияти татбиқи ҳуқуқ вобастагӣ дорад. Фаъолияти ҳуқуқтатбиқсозии судӣ ё тафтишотӣ, ки моҳҳо ва солҳо давом мекунад, аз фаъолияти ҳуқуқтатбиқсозӣ дар дохили корхонаҳо ва муассисаҳо фарқ дорад. Дар як қатор ҳолатҳо, масалан, ҳангоми қабули фармонҳои дохилӣ доир ба масъалаҳои кадрӣ, интизомӣ ва дигар фаъолияти татбиқи ҳуқуқ фаврӣ мегузарад.

КАЛИДВОЖАҲО: татбиқи ҳуқуқ, ҳуқуқ, санади татбиқи ҳуқуқ, қонун, кодекс, тафтишот, масъалаҳои кадрӣ, меъёри ҳуқуқ.

ПРАВОПРИМЕНИТЕЛЬНЫЕ АКТЫ

Правоприменительные акты являются результатом правоохранительной деятельности, от качества которой зависит эффективность правоохранительной деятельности. Судебная или следственная правоохранительная деятельность, которая длится месяцами и годами, отличается от правоохранительной деятельности на предприятиях и в учреждениях. В ряде случаев, например, при принятии внутренних приказов по кадровым, дисциплинарным и иным вопросам правоохранительной деятельности, возникает чрезвычайная ситуация.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: применение права, право, правопременетельный документ, закон, кодекс, расследование, кадровые вопросы, правовые нормы.

LAW IMPLEMENTATION DOCUMENTS

Law enforcement documents are the result of law enforcement activities, and the effectiveness of law enforcement activities depends on their quality. Judicial or investigative law enforcement activities, which last for months and years, differ from law enforcement activities within enterprises and institutions. In a number of cases, for example, when adopting internal orders on personnel, disciplinary, and other law enforcement issues, an emergency occurs.

KEYWORDS: law enforcement, law, law enforcement document, law, code, investigation, personnel issues, legal norms.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ятимова Марҳабо*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси 2 – юми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **[992]907750293.**

Сведение об авторе: ***Ятимова Мархабо*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **[992]907750293.**

Information about the author: ***Yatimova Marhabo*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **[992]907750293.**

ҲУҚУҚИ ИНСОН БА ИТТИЛООТ ВА ТАҲДИДҲОИ ЗАМОНИ МУОСИР

Абдураҳмонзода А.Р.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Моҳияти ҳуқуқи инсон яке аз масъалаҳои мубрами илмӣ ва амалӣ мебошад. Зеро он дар маркази таваҷҷуҳи олимон, мутафаккирон, муҳаққикони зиёд қарор дорад. Оид ба моҳияти ҳуқуқи инсон дар даврaҳои гуногуни инкишофи таърихӣ назарияҳои гуногун пешниҳод шудаанд. Ин назарияҳо дар робита бо шароити таърихӣ, равандҳои асосии ҳаёти ҷомеа, ҳадафхои давлат, манфиатҳои элитаҳои сиёсӣ пешниҳод мешаванд.

Дар ҷаҳони муосир, рушди технологияи иттилоот ва коммуникатсия бо суръати фавқулода идома дорад. Ин тағйиротҳои технологӣ ба муносибат ва раванди ҷамъоварӣ, мубодила ва истифодаи иттилоот таъсир расонидаанд. Ба миқёси бузург, иттилоот дигар аз манбаи кӯчак ва маҳдуд, балки яке аз дороии муҳим ва стратегӣ барои ҷомеаҳо ва давлатҳо табдил ёфтааст. Дар ҳамин ҳол, масъалаи муҳим ва ҷудонопазир дар замони имрӯз – ҳуқуқи инсон ва дастрасии озод ба иттилоот аст.

Ҳуқуқи инсон ва иттилоот ба якдигар пайваст буда, дар якҷоягӣ натиҷаҳои муҳим ва таъсирбахши иҷтимоиву иқтисодӣ дода метавонанд. Дар мақолаи мазкур робитаи байни ҳуқуқи инсон ва дастрасӣ ба иттилоотро таҳлил шуда, инчунин таъсири рушди технологияҳои навин ба ин ду категория баррасӣ гардидаанд.

Ҳуқуқи инсон маҷмуи ҳуқуқу озодиҳои асосие мебошад, ки ҳар як инсон, бо назардошти ягонагии фарди худ, бояд дар чаҳорчӯбаи ҷомеа дошта бошад. Маҳз ҳамин ҳуқуқҳо ҳамчун асоси дифоъ аз ҳаққу озодиҳои инсонҳо дар тамоми минтақаҳои ҷаҳон амал мекунанд. Иттилоот, бо вуҷуди он ки ҳамеша ҳамчун як воситаи муошират ва омӯзиш барои инсонҳо муҳим буд, дар замони муосир аҳаммияти махсус пайдо кардааст.

Дар ҷаҳони имрӯз, бо таваҷҷуҳ ба интернет ва воситаҳои иттилоотии рақамӣ, ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот ҳамчун як ҳуқуқи асосии инсон ба ҳисоб меравад. Агар дар гузашта танҳо рӯзноманигорони касбӣ ва мутахассисон метавонистанд маълумотро ҷамъ кунанд ва интишор намоянд, имрӯз ҳар як инсон бо истифодаи телефонҳои мобилӣ ё компютерҳо метавонад ба ҷаҳони иттилоотӣ дастрасӣ пайдо кунад.

Озодии баён ва дастрасии иттилоот аз ҳуқуқҳои бунёдии инсонҳо ба ҳисоб меравад, ки дар бисёр меъёрҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Эъломияи ҳуқуқи инсон ва Конвенсияи ҳуқуқи инсон, тасдиқ шудаанд. Моддаи 19 Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон эълон медорад, ки ҳар инсон ба озодии ақида ва баёни озодонаи он ҳақ дорад; ин ҳуқуқ озодии бемамониат нигоҳ доштани ақидаи худ, бо ҳар восита ва сарфи назар аз ҳудудҳои давлатӣ, ҷустуҷӯ, дастрасу интишор намудани маълумоту андешаро дарбар мегирад.

Тибқи моддаи 25 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва шахсони мансабдор вазифадоранд ба ҳар кас имконияти пайдо намудан ва шинос шуданро ба ҳуҷҷатҳое, ки ба ҳуқуқ ва манфиати ӯ дахл доранд, таъмин намоянд, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонун муайян кардааст.

Иттилоот имрӯз ҳамчун як роҳу восита барои кумак кардан ба ҳаёти инсонҳо ва беҳтар кардани шароити онҳо ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, давлатҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ кӯшиш мекунанд, ки ҳуқуқ ба озодии баён ва дастрасии иттилоотро таъмин намоянд. Ин ҳуқуқ на танҳо барои рушди демократия ва ҷомеаҳои шаффоф муҳим аст, балки барои таъмини ҳуқуқи инсон дар ҳама бахшҳои ҳаёт низ зарур аст.

Ҳар як инсон на танҳо ҳуқуқ дорад, ки ба иттилооти муҳимми ҷамъиятӣ дастрасӣ пайдо кунад, балки ҳуқуқи муҳофизат кардани маълумоти шахсии худро низ дорад. Махфияти иттилоот ба маънои муҳофизат кардани иттилооти шахсӣ ва ҳифзи зиндагии махфии инсонҳо аз таҳдидҳои берунӣ ва истифодаи ношоистаи маълумот мебошад.

Барои таъмини махфияти иттилоот дар сатҳи миллӣ як қатор санадҳо қабул шуда, давлатҳо вазифадоранд онҳоро риоя кунанд. Масалан, Қонунҳо дар бораи ҳифзи маълумоти шахсӣ, ки дар бисёре кишварҳо қабул шудааст, муқаррароти дақиқро барои ба

қайд гирифтани маълумоти шахсии шахрвандон ва истифодаи он пешбинӣ мекунад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи мазкур дар Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот", "Дар бораи иттилоотонӣ", "Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма", "Дар бораи ҳифзи иттилоот» ва дигар санадҳо кафолат дода шудаанд.

Дар замони ҳозира, ки ҷомеаҳо бештар ба технология ва иттилооти рақамӣ вобастагии зиёде пайдо кардаанд, ҳифзи махфият ва таъмини осоиштагии иттилоот вазифаи муҳим ва шиддатноктар мешавад. Масалан, дар замони пандемияи COVID-19, ҳифзи маълумотҳои тиббӣ ва шахсӣ як мавзуи ҷиддии ҳуқуқи инсон ва сиёсати амниятии иттилоотӣ гардид.

Таҳлили мафҳум, мақсадҳо, усулҳо, шаклҳои ҷанги иттилоотӣ, ки бо мафҳумҳои «муқовимати иттилоотӣ», «аслиҳаи иттилоотӣ», «таъсиррасонии иттилоотӣ», «таъсиррасонии равонӣ-идеологӣ», «амалиёти иттилоотӣ» ва дигар алоқамандӣ дорад, ҳоло яке аз самтҳои муҳимми таҳқиқоти илмӣ маҳсуб мешавад. Мубрам будани масъалаи мазкур бо хатари ҷанги иттилоотӣ ба амнияти миллӣ ва ҷаҳонӣ, аз ҷумла амнияти иттилоотӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, ба фарҳанги миллӣ, анъанаҳои миллӣ, шуури ҷамъиятӣ муайян карда мешавад. Мебояд зикр намуд, ки мафҳуми «ҷанги иттилоотӣ» дар нимаи дуюми асри гузашта дар илм ва амалия васеъ истифода шуда, ҳоло дар маркази таваҷҷуҳи намояндагони соҳаҳои гуногуни илм (фалсафа, сиёсатшиносӣ, ҷомеашиносӣ, илми ҳуқуқшиносӣ ва дигар илмҳо) қарор дорад. Ҳамзамон бо ин, аслиҳаи иттилоотӣ бо мақсади таъсиррасонии равонӣ ва иеодологӣ ба шуури аҳолӣ дар даврaҳои гуногуни инкишофи таърихӣ истифода шуда буд.

Дар асри XX ва ибтидои асри XXI мафҳуми «ҷанги иттилоотӣ» дар робита бо рушди технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва истифодаи онҳо бо мақсади таъсиррасонии иттилоотӣ васеъ истифода мешавад. Дар робита бо мафҳуми «ҷанги иттилоотӣ» як қатор мафҳумҳои ба он наздик, аз қабили «муқовимати иттилоотӣ», «таъсиррасонии иттилоотӣ-равонӣ», «амалиёти иттилоотӣ» ва дигар истифода мешаванд.

Тавре А.Б. Губарев қайд мекунад, ки паҳлуҳои гуногуни ҷанги иттилоотӣ дар нимаи дуюми асри XX дар давлати шуравӣ (ИҶШС) ва ИМА фаъолона таҳқиқ мешаванд. Мақомоти дахлдори ИМА усулҳои ҷанги иттилоотиро дар рафти ҷанг дар Ветнам, Афғонистон, Ироқ ва кишварҳои дигар истифода мебаранд. Назарияи «ҷанги иттилоотӣ» дар Россия ҳоло фаъолона таҳқиқ мешавад.

Истилоҳи «амалиёти иттилоотӣ» бори аввал дар нимаи дуюми солҳои 1970-ум пайдо мешавад. Истилоҳи «ҷанги иттилоотӣ» бори аввал дар ҳисоботи Томас Рон «Низоми аслиҳа ва ҷанги иттилоотӣ», ки соли 1976 барои ширкати «Боинг» омода карда мешавад, истифода мешавад. Солҳои 1980-ум истилоҳи мазкур объекти таҳқиқоти илмӣ мегардад.

Ҷанги иттилоотӣ ҳамчун шакли муқовимати иттилоотӣ дар заминаи дастовардҳои инқилоби иттилоотӣ-технологӣ васеъ истифода мешавад. Дар робита бо ҳамин даствардҳо таҳқиқоти мафҳуми «ҷанги иттилоотӣ» дар миёнаи солҳои 1980-ум дар Хитой ва ИМА, дар миёнаҳои солҳои 1990-ум дар Англия, Россия, Олмон вусъат меёбад.

Истилоҳи «ҷанги иттилоотӣ» («information war») аз ҷониби олими соҳаи физика Т. Рейнер соли 1976 ба маънои ҷанге, ки объекти таъсиррасонии онро системаҳои иттилоотӣ ташкил медиҳанд, истифода мешавад. Истилоҳи мазкур аз тарафи мутахассисони ИМА бо истилоҳи «information warfare» иваз карда мешавад. Дар мамлакатҳои дигари Ғарб истилоҳи «information war» («ҷанги иттилоотӣ») ба маънои фаъолияти иттилоотии иттиҳоди сиёсӣ (масалан, давлат) бо мақсади паст намудани иқтидори иттиҳоди сиёсии дигар, муборизаи иттилоотии байни рақибон, низои иттилоотии ҳарбӣ, низои иттилоотии байни рақибони сиёсӣ шарҳ дода мешавад. Дар фарҳанги русӣ-англисӣ истилоҳи «information warfare» чунин тарҷума мешавад: «ҷанги иттилоотӣ» ва «усулҳои иттилоотии муҳорибаи ҳарбӣ». Якҷоя бо истилоҳи «ҷанги иттилоотӣ» ҳамчунин, истилоҳоти «ҷанги иттилоотӣ ва равонӣ» («information and psychological warfare»), «ҷанги киберӣ» (англ. cyberwarfare) ҳамчун намуди ҷанги иттилоотӣ истифода мешавад.

Ҳадафҳо, тарзу воситаҳо ва усулҳои муқовимати иттилоотӣ дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла дар муносибатҳои дипломатӣ, зимни ихтифоти молиявӣ ва иқтисодӣ, дар сиёсат, ҳаёти фарҳангӣ, дар амалиёти ҳарбӣ ва ғайра истифода мешаванд. Ҳоло муқовимати иттилоотӣ ҳамчун аслиҳаи ҷаҳонишавӣ дар фаъолияти давлатҳои абарқудрат, ширкатҳои молиявию иқтисодии фаромиллӣ васеъ истифода мешавад. Усулҳои таъсиррсонии иттилоотии равонӣ ва идеологӣ аз тарафи сохторҳои муайян бо мақсади тағйир додани асосҳои сохти конститутсионӣ дар мамлакатҳои мухолиф истифода мешаванд. Муборизаи байни давлатҳои муосири ҷаҳон дар соҳаи иқтисодӣ, молиявӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ бо истифодаи аслиҳаи иттилоотӣ сурат мегирад. Давлатҳое, ки технологияҳои пешқадами иттилоотӣ доранд, ҳадафҳои ҷанги иттилоотиро ба манфиатҳои худ тобеъ мегардонанд. Муқовимати иттилоотӣ ҳоло яке аз воситаҳои самараноки ноил гардидан дар ҳадафҳои сиёсӣ, геосиёсӣ, геоиқтисодӣ маҳсуб мешавад.

Ҷанги иттилоотӣ ҳоло ҷузъи ҷудонашавандаи амалиёти ҳарбӣ мебошад. Даҳсолаи наздик ҷанги иттилоотӣ вусъат меёбад, чунки натиҷаҳои мусбии он ғалабаи ин ё он давлатро дар ҷанг таъмин мекунад. Бо истифода аз воситаҳои иттилоотӣ ба объектҳои идоракунӣ, аз он ҷумла ба объектҳои идоракунии ҳарбӣ, ба марказҳои таъминоти иттилоотӣ, ба объектҳои инфрасохтори иҷтимоӣ (нақлиёт, алоқа ва ғайра), объектҳои экологӣ (марказҳои обтаъминкунӣ, гармидиҳӣ ва дигар), ба системаи бонкӣ, энергетикӣ, молиявӣ ва объектҳои дигари ҳаётан муҳим зарари ҷиддӣ расонидан мумкин аст. Барои ҳамин, ҷанги иттилоотӣ, аз ҷумла истифодаи технологияҳои иттилоотӣ бо мақсади расонидани зарари бештар ба объектҳои ҳаётан муҳимми идоракунии давлатӣ, ҳарбӣ, иқтисодӣ, молиявӣ, нақлиётӣ ва дигар хатари калон дорад.

Ҷанги иттилоотӣ хусусиятҳои худро дорад. Он ба таври махфӣ, бо истифодаи имкониятҳои сохторҳои разведка, чораҳои таъсиррасонии иттилоотӣ, пахши радиоэлектронӣ ва ғайра пеш бурда мешавад. Дар рафти амалиёти ҳарбӣ аслиҳаи иттилоотӣ бо мақсади таъсиррасонии иттилоотии муташаккилона ба захираҳои иттилоотии тарафи мухолиф, паст намудани иқтидори ҳарбӣ, таъсиррасонии муташаккилонаи равонӣ хизматчиёни ҳарбии мухолиф истифода мешавад.

Ҳамин тариқ, ҳуқуқи инсон ва иттилоот бо якдигар вобастагӣ доранд. Ҳуқуқи озодии баён ва дастрасии иттилоот ба рушди демократия, таъмини маърифат ва иштироки шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии ҷомеа кумак мерасонад. Вале дар замони муосир, бо рушди технологияҳои иттилоотӣ, аз як тараф, барои таъмини ҳуқуқи инсон ва дастрасӣ ба иттилоот имкониятҳои нав оғоз ёфта, аз ҷониби дигар, бархе хатарҳо ва чолишҳо ба миён омадаанд, ки бояд барои ҳифзи ҳуқуқи инсон ва пешгирӣ аз таҳдидҳои гуногун чораҳои зарурӣ андешида шаванд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи зиёди санадҳои меъёрии ҳукуқӣ, аз ҷумла қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоотонӣ», «Дар бораи иттилоот», «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ», «Дар бораи матбуот ва воситаҳои ахбори омма», «Дар бораи имзои рақамии электронӣ», «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот», «Дар бораи иттилооти экологӣ», «Дар бораи амният», «Дар бораи амнияти иттилоотӣ», «Дар бораи сирри тиҷоратӣ», «Дар бораи нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо» ва дигар қабул шудаанд. Бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Низомнома дар бораи ҳисоб ва қайди давлатии захираҳои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомнома дар бораи баҳисобгирӣ ва назорат аз рафти истифодаи захираҳои давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомнома дар бораи ташаккул, истифода ва ҳимояи захираҳои давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомнома дар бораи Шурои назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, Низомномаи Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тартиби расонидани нусхаи ҳатмии нашрияҳои кушоди электронӣ, барномаҳои мошинҳои электронӣ-ҳисоббарорӣ, Тартиби ташкил ва ба роҳ мондани Фонди миллии санадҳои меъёрии техникӣ ва ҳуҷҷатҳо дар соҳаи меъёрикунии техникӣ ва дигар тасдиқ шудаанд.

АДАБИЁТ

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 аз тариқи раъйпурсии умумхалқӣ қабул шудааст ва ба он 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 тавассути раъйпурсии умумихалқӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд. – Душанбе: “Нашриёти Ганҷ”, 2016. – 136 с.
2. Хобхаус Л.Т. Либерализм // О свободе: антология мировой либеральной мысли (первая половина XX века). – М.: Прогресс-Традиция, 2000. – С. 83-182.
3. Шарофзода Р.Ш. Неолиберализм ва ҳуқуқи инсон // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. Маҷаллаи илмӣ. Нашрияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. №2 (34). Душанбе, 2024. – С. 7-23.
4. Шарофзода Р.Ш. Мафҳум, шаклҳо ва хатари ҷанги иттилоотӣ // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. Маҷаллаи илмӣ-амалӣ. Нашрияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ. №1 (25). Душанбе, 2022. – С. 7-23.
5. Волковский Н.Л. История информационных войн: Т. 1 (с древнейших времён по XIX век); Т. 2 (XX век) / под ред. И. Петрова. – СПб.: Полигон, 2003. – Т. 2 – 736 с.
6. Губарев А.Б. Информационные войны как объект политологического анализа: дис… канд. политических наук. – Уссирийск, 2005.
7. Головин И. Информационная война // Мир безопасности. – 1998. – № 8-9 (60). – С. 79.
8. Переход США к информационной войне // Информация об экономическом, научно-техническом и военном потенциале государств-участников СНГ и технических средствах его выявления. Ежемесячный информационный бюллетень. – М.: РАН и МНТ РФ, 2000. – № 1. - С. 20.
9. Мюллер В.К. Англо-русский словарь. – М.: Алькор+, 1991. – С. 785.
10. Пирумов В.С., Родионов М.А. Некоторые аспекты информационной борьбы в военных конфликтах // Военная мысль. – 1997. – № 5. – С. 44-47.

ҲУҚУҚИ ИНСОН БА ИТТИЛООТ ВА ТАҲДИДҲОИ ЗАМОНИ МУОСИР

Мақолаи мазкур ба ҳуқуқи иттилоот дар шароити муосир бахшида шудааст. Дар мақола ҳуқуқи инсон ба иттилоот баррасӣ мешавад. Инчунин, дар мақола таҳдидҳои муосир дар раванди интиқол ва паҳнкунии иттилоот баррасӣ карда мешаванд.

КАЛИДВОЖАҲО: инсон, ҳуқуқ, озодӣ, уҳдадорӣ, ҳуқуқи инсон, озодии инсон, уҳдадории инсон, иттилоот, ҳуқуқи инсон ба иттилоот, замони муосир, таҳдидҳои замони муосир, Ҷумҳурии Тоҷкистон.

ПРАВА ЧЕЛОВЕКА И УГРОЗЫ СОВРЕМЕННОСТИ

Данная статья посвящается праве на информацию в современных условиях. В статье рассматривается права человека на информацию. Также в статье исследуются современные угрозы в процессе передачи и распространения информации.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: человек, права, свобода, обязанности, права человека, свобода человека, обязанности человека, информация, право человека на информацию, современность, современные угрозы, Республика Таджикистан.

HUMAN RIGHTS AND THE THREATS OF OUR TIME

This article is devoted to the right to information in modern conditions. The article examines the human right to information. The article also examines modern threats in the process of transmission and dissemination of information.

KEYWORDS: Human, rights, freedom, duties, human rights, human freedom, human duties, information, human right to information, modernity, modern threats, Republic of Tajikistan.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Абдураҳмонзода Аниса Рустам*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **+992 007979595.**

Сведения об авторе: ***Абдурахмонзода Аниса Рустам***– Таджикский национальный университет, магистр юридического факультета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **+992 007979595.**

Information about the author: ***Abdurahmonzoda Anisa Rustam***– Tajik National University, master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **+992 007979595.**

ПРИНСИПИ ОЗОДИИ ШАРТНОМА

Бобоева Б.И.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Категорияи “озодӣ”-ро метавон аз мавқеъҳои гуногун баррасӣ кард, масалан он яке аз хислатҳои муҳим, яке аз муҳимтарин ҷузъҳои ҳаёти инсон дар тамоми ҷанбаҳо, дар ҳамаи соҳаҳо мебошад.

Бисёре аз мутафаккирони барҷастаи башарият барои фаҳмидани он ки озодӣ аз ин мавқеъ чист кор кардаанд. Проблемаи озодӣ, аз ҷумла проблемаи муайян кардани озодӣ дар ҳақиқат чӣ будани озодиро бузургтарин мутафаккирон ба монанди Спиноза, Кант, Гегел, Маркс ва дигарон кор карда баромадаанд.

Дар маҷмуъ, озодӣ ҳамчун имкони иҷро кардани он чизе, ки шахс мехоҳад, муайян карда мешавад, аммо ин таърифи васеи озодиро дар қонун ҳангоми танзими муносибатҳо истифода бурдан мумкин нест, зеро қонун бояд баъзе маҳдудиятҳо, сарҳадҳоеро муқаррар кунад, ки дар онҳо озодии ҳама бояд вуҷуд дошта бошад бо озодии дигарон, то ки озодии ҳама воқеан воқеӣ бошад. Мутафаккирони замонҳои гуногун бо назардошти ин равиш дар ташаккули фаҳмиши озодӣ саҳми бузург гузоштаанд.

Барои мақсадҳои таҳқиқоти мазкур асарҳои Спиноза ва Кант бештар таваҷҷуҳи зиёд доранд.

Ҳамин тавр, хусусиятҳои озодии пешниҳодкардаи Бенедикт Спиноза ҳамчун асос барои рушди минбаъдаи ин масъала хидмат карданд. Спиноза ба чунин хулоса омад, ки озодии инсон аз ягонагии ақлу ирода иборат аст. Ҳамин тавр, Спиноза аввалин шуда муҳимтарин моликияти ҷудонашавандаи озодӣ-оқилона будани онро нишон дод. Умуман, озодӣ метавонад шахсро дар ҳаёти ҳаррӯзаи худ ба он ҷо ҳамроҳӣ кунад, ки умуман ақл роҳнамоӣ мекунад. Ба фикри мо ин яке аз муҳимтарин аломатҳои озодӣ, аз ҷумла озодии шартномаро дар ҳуқуқ медиҳад. Ҳар гуна хоҳиши амалро озодӣ номидан мумкин нест ва аз ин рӯ худсариро ба маънои классикии “он чи ман мехоҳам, мекунам” ба таври худкор қонун ва давлат ҳамчун озодии мутлақ ҳифз карда наметавонанд.

Яке аз омилҳои муҳимтарини муомилоти озоди шаҳрвандӣ, ки таъмини рафтори васеъ ва фаъоли соҳибкорӣ мебошад, ин принсипи озодии шартнома мебошад, ки дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар ва пайваста амалӣ карда мешавад. Принсипи озодии шартнома принсипи аз тарафи умум эътирофшудаи ҳуқуқи хусусии байналмилалӣ мебошад. Мазмуни принсипи озодии шартнома озодии шахс барои доштани иродаи худ барои ворид шудан ба муносибатҳои шартномавӣ мебошад. Ба таври муайян озодии шартнома бо ворид намудани меъёрҳои диспозитивӣ ба кодекс маҳдуд мешавад, яъне меъёрҳое, ки тарафҳо метавонанд бо созиши худ татбиқи худро ба шартнома тағйир диҳанд ё ҳатто истисно кунанд. Агар тарафҳо ин ё он корро накарда бошанд, нисбат ба муносибатҳое, ки аз шартномаи басташуда бармеоянд, муқаррароти меъёрҳои диспозитивӣ татбиқ карда мешаванд.

Принсипи озодии шартнома принсипи асосие мебошад, ки дар қонун муқаррар шудааст, ки барои субъектҳои муносибатҳои шартномавӣ озодии бастани шартнома, озодии интихоби навъи шартномаи басташаванда, озодии интихоби контрагенти муқарраршуда ва шартномаи басташавандаро муқаррар менамояд, озодии муайян кардани шартҳои шартнома.

Унсурҳое, ки мазмуни принсипи озодии шартномаро ташкил медиҳанд, озодии бастани шартнома (қобилияти бо салоҳдиди худ қарор қабул кардан дар бораи бастани шартнома ё даст кашидан аз бастани он); озодии муайян кардани намуди шартномаи басташаванда, аз ҷумла имконияти бастани шартномаи омехта; озодии интихоби контрагенти шартнома; озодии тартиб додани шартҳои шартнома.

Мутобиқи принсипи озодии шарнома шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ дар бастани шартнома озоданд, онҳо дар шартнома озодона ҳуқуқ ва уҳдадориҳои хешро дар асоси созиш муқаррар менамоянд. Талаботи қонун дар он аст, ки шартҳои шартнома хилофи қонун набошад. Маҷбур кардан ба бастани шартнома, ба истиснои ҳолатҳое, ки уҳдадории бастани шартнома дар кодекси маданӣ, қонун ё уҳдадории ихтиёран қабулгардида пешбинӣ шудааст, иҷозат дода намешавад (масалан, дар шартномаи пешакӣ). Ба мафҳуми озодии шартнома мафҳуми меъёрҳои диспозитивӣ алоқаманд мебошанд.

Ҳар як иштирокдор ҳангоми бастани шартнома озод аст ва аз рӯйи иродаи худ амал мекунад. Дар ин мавриди маҷбуркунӣ манъ аст. Лекин ин мухторият беҳудуд набуда, дар доираи талаботҳои қонунгузорӣ амал менамояд. Ин меъёр дар моддаи 483 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст. Ин принсип дар ҳуқуқи маданӣ дорои мавқеи муҳим буда, дар гардиши молумулкӣ, муомилоти пулию молӣ, аҳд (шартнома) нақши ҳалкунанда дорад. Дар шароити иқтисодиёти бозаргонӣ шартномаҳо яке аз ҳуҷҷатҳои (аснодҳои) батанзимдарорандаи муносибатҳои тарафҳо ҳангоми фурӯши молҳо, иҷрои кору хизматрасонӣ, маҳсулотсупорӣ, паймонкорӣ ва монанди онҳо мебошанд. Озодии созиш (шартнома) маънои бо риояи талаботи қонун бастани шартномаро дорад. Дар ин мавриди суиистифода аз озодии созиш (шартнома) манъ аст.

Асоси конститутсионии принсипи озодии шартномаро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки озодии фаъолияти иқтисодӣ, инчунин ҳуқуқи озодона истифода бурдани қобилият ва моликияти худро барои фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодие, ки қонун манъ накардааст, кафолат медиҳад.

Принсипи озодии шартнома дар баробари дигар принсипҳои асосии қонунгузории маданӣ дар қисми 1 моддаи 3 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, ки тибқи он қонунгузории маданӣ ба принсипҳои баробарии иштирокдорони муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ, дахлнопазирии моликият, озодии шарнома, номумкин будани дахолати худсаронаи ягон шахс ба корҳои хусусӣ, зарурати амалисозии бемонеаи ҳуқуқҳои маданӣ, ва ҳимояи судии ҳуқуқу манфиатҳо асос меёбад.

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳуқуқҳои маданиро бо ирода ва ба манфиати худ ба даст оварда, амалӣ менамоянд. Онҳо дар муқаррар намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои худ дар асоси шартнома ва муайян кардани шартҳои шартнома, ки хилофи қонунгузорӣ нестанд, озоданд.

Ҳамин тариқ, ҳангоми муайян кардани мундариҷаи шартнома тарафҳо модели муносибатҳоеро, ки ба таври умум дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ё дигар санадҳои марбут ба ин намуди шартнома пешбинӣ шудаанд, роҳбарӣ мекунанд. Дар ин ҳолат тарафҳо ҳуқуқ доранд дар амалияи худ шартҳои шартномаеро истифода баранд, ки ба истилоҳ шартҳои намунавие, ки аз тарафи амалия барои шартномаҳои намуди муайян таҳия ва нашр шудаанд.

Бояд қайд кард, ки унсурҳои зерин барои ҳуқуқи шартнома аҳаммияти ҳалкунанда доранд:

- Ҳуқуқи иштирокчиёни аҳдҳои маданӣ барои ҳал кардани онҳо дар бораи бастани шартнома;
- Шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ дар интихоби контрагент тибқи шартнома озоданд;
- Ҳангом ба даст овардани созиш тарафҳо аз ҷиҳати ҳуқуқӣ ба ҳамдигар баробаранд;
- Ҳангоми бастани шартнома тарафҳо сохтори шартномаро мустақилона муайян мекунанд, ки мувофиқи он муносибатҳои ҳуқуқӣ ҳал карда мешаванд;
- Тарафҳо метавонанд шартномаеро банданд, ки дорои унсурҳои созишномаҳои мухталифи пешбининамудани қонун ё дигар санадҳои ҳуқуқӣ мебошанд, яъне созишномаҳои омехта;
- Тарафҳо метавонанд бо ҳар гуна воситаҳои ҳуқуқӣ ва бидуни маҳдудияти мутлақ барои ба даст овардани созиш музокира баранд, инчунин ҳуқуқ доранд дар бораи идома ё накардани гуфтушунид қарор қабул кунанд;
- Муносибатҳои субъектҳои уҳдадорӣ, пеш аз ҳама бо меъёрҳои диспозитивӣ танзим карда мешаванд, ки танҳо дар ҳолатҳое эътибор доранд, ки дар худи шартномаи таҳиянамудаи тарафҳо тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад;

- Доираи объектҳое, ки барои онҳо шартнома бастан мумкин аст, хеле васеъ гардид: молу мулки ғайриманқул, ҳуқуқи моликият, маълумот ва ғайра.

Озодии шартнома дар доираи тартиботи ҳуқуқие, ки дар давлат амал мекунад, вуҷуд дорад, ки асоси онро ҳуқуқи позитив ҳамчун системаи қонунгузории амалкунанда ташкил медиҳад.

АДАБИЁТ

1. Гольдин Е.Т. Принцип свободы договора: понятие и содержание. Журнал International scientific review (2022).
2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 дар райъпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо райъпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд. – Душанбе, 2016.-64с.
3. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми якум // Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2 январи соли 2023. №1-9 (4584-4592). [Захираи электронӣ]. https://www/sadoimardum/tj
4. Климова А.Н. Принципы гражданского права. Автореферат / А.Н. Климова. - Москва, 2005 г.
5. Тельгарин Р. О свободе заключения гражданско-правовых договоров в сфере предпринимательства. Российская юстиция. 1997 г. №10
6. Ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Қисми якум/ Муҳаррирони масъул: доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор, мудири кафедаи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Ғаюров Ш.К. ва номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Сулаймонов Ф.С. Душанбе, "Эр-граф", 2013.
7. Соҳибзода М.М., Шерзода Б.С. Падидаҳои нави ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография: нашри аввал// Зери таҳрири Ғаюрзода Шукрулло Кароматулло – мудири кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.- Душанбе, 2023. -448с.

ПРИНСИПИ ОЗОДИИ ШАРТНОМА

Мақсади тадқиқоти мазкур ошкор намудани мафҳум, хусусият ва моҳияти принсипҳои ҳуқуқӣ ва маданӣ, инчунин тавсифи намудҳои алоҳидаи онҳо, аз ҷумла принсипи озодии шартнома ҳамчун принсипи асосии иқтисоди бозорӣ мебошад.

КАЛИДВОЖАҲО: принсипи ҳуқуқи маданӣ, озодии шартнома, маҳдудияти озодии интихоб, озодии бастани шартнома, намуди шартнома, шартҳои шартнома.

ПРИНЦИП СВОБОДЫ ДОГОВОРА

Целью исследования является раскрытие понятия, значения и сущности правовых и гражданско-правовых принципов, а также характеристика отдельных их видов, в том числе, - принципа свободы договора, как основополагающего принципа в условиях рыночной экономики.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: принцип гражданского права, свобода договора, ограничение свободы выбора, свобода заключения договора, вид договора, условия договора.

PRINCIPLE OF FREEDOM OF CONTRACT

The purpose of the research is to reveal the concept, meaning and essence of legal and civil principles, as well as to characterize their individual types, including the principle of freedom of contract, as a fundamental principle in a market economy.

KEYWORDS: principle of civil law, freedom of contract, restriction of freedom of choice, freedom of conclusion of contract, type of contract, terms of contract.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Бобоева Баҳор Илҳомовна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,17. Телефон: **988683897.** E-mail: **boboevabahor1@gmail.com**

Сведения об авторе: ***Бобоева Бахор Илхомовна*** – Таджикский национальный университет, магистрант юридического факультета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон: **988683897.** E-mail**: boboevabahor1@gmail.com**

Information about the author: ***Boboeva Bahor Ilhomovna*** – Tajik National University, master`s student of the Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **988683897.** E-mail**: boboevabahor1@gmail.com**

НАҚШИ ШАРТНОМА ДАР СОҲАИ СОХТМОНИ АСОСӢ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ғаюрзода Т.Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар қонунгузории мадании амалкунанда шартнома яке аз воситаҳои инфиродии танзими сохтмони асосӣ маҳсуб меёбад. Бо назардошти он ки бевосита дар қонунгузорӣ шартномаи мазкур ҳамчун шартномаи мустақил муайян нашудааст, дар назарияи ҳуқуқи маданӣ вобаста ба вазъи ҳуқуқи мадании он нуқтаи назари ягона мавҷуд нест. Дар адабиёти ҳуқуқӣ андешаҳо мавҷуд дорад, ки шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ ҳамчун шартномаи хариду фурӯш, шартномаи пудрати сохтмон, ширкати одӣ (фаъолияти якҷоя) ва дигар шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ ба ҳисоб меравад. Аз ҳамин лиҳоз, масъалаи табиати ҳуқуқии шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ таҳқиқоти ҷиддиро талаб менамояд.

Як қатор олимон шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагиро як навъи шартномаи хариду фурӯш меҳисобанд. Дар асоси моддаи 488 Кодекси мадании ҶТ аз 24 декабри соли 2022, № 1918 [1, с. 121] мутобиқи шартномаи хариду фурӯш як тараф (фурӯшанда) уҳдадор мешавад, ки молро ба моликият (ҳуқуқи пешбурди хоҷагидорӣ ё идораи оперативӣ)-и тарафи дигар (харидор) диҳад ва харидор уҳдадор мешавад ин молро қабул карда, бар ивазаш маблағи муайяни пули (арзиши он)-ро супорад.

Ба андешаи А.Е. Казансева аз таҳлили муносибатҳои байни ширкати сохтмонӣ ва иштирокдори он бармеояд, ки шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ ба шартномаи хариду фурӯш монанд мебошанд [11, с. 70]. Муҳаққиқ хусусиятҳои зеринро ҳамчун аломатҳои умумии байни онҳо фарқ мекунад:

1) ҳарду шартнома музднок мебошанд ва пул эквиваленти онҳо мебошад;

2) ҳарду шартномаҳо консенсуалӣ мебошанд ва аз лаҳзаи ба созиш омадани тарафҳо оид ба шартҳои муҳимми шартнома басташуда ҳисобида мешаванд;

3) мавзуи (предмети) шартнома молу мулки ғайриманқул мебошад, танҳо дар ҳолати аввал он аллакай мавҷуд аст ва дар дуюм – чизе, ки сохта мешавад (молҳое, ки ҳанӯз ҳам вуҷуд доранд, аммо ҳангоми интиқоли харидор ба манзил пайдо мешаванд);

4) ҳангоми фурӯши молу мулки ғайриманқул, ба хусусиятҳои мавзуъ диққати махсус дода мешавад, аз ҳамин сабаб дар шартнома чунин маълумоте нишон дода шавад, ки имкон медиҳад хусусияти дақиқи молу мулки ғайриманқуле, ки интиқол дода мешавад (объект тибқи шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ тибқи ҳуҷҷатгузории лоиҳавӣ муайян карда мешавад ва маънои онро дорад, ки дар шартнома шумораи биное, ки дар қитъаи замини мушаххас сохта мешавад; маводе, ки аз он сохтмон бунёд мешавад; шумораи қабатҳои бинои хона; ҳуҷраҳо нишон дода мешавад;

5) тибқи шартномаи хариду фурӯши молу мулки ғайриманқул ва сохтмони ҳиссагӣ нарх ҳамчун шарти муҳим эътироф карда мешавад;

6) шартномаҳои хариду фурӯши биноҳои истиқоматӣ ва сохтмони ҳиссагӣ бояд ба қайди давлатӣ гирифта шаванд;

7) ҳуқуқи моликият ба ашёи ғайриманқул бояд ба қайди давлатӣ гирифта шавад;

8) ҳангоми интиқоли молу мулки ғайриманқул санади қабул ё дигар ҳуҷҷат таҳия карда мешавад.

Фарз кардем, ки шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ бояд як намуди шартномаи хариду фурӯш ҳисобида шавад, агар муштариён (саҳмдорон) барои сохтани бинои истиқоматӣ маводи сохтмонӣ пешниҳод накунанд, балки танҳо барои кор пардохт кунанд.

Баъзе кодификатсияҳои муосири маданӣ низ муносибатҳо ба ин монандро бо қоидаҳои хариду фурӯш танзим менамоянд. Чунин ба назар мерасад, ки таснифи шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ ҳамчун шартномаи хариду фурӯш бо

хусусиятҳои муносибатҳои ҷории байни иморатсоз ва саҳмдор бо сабабҳои зерин мувофиқат намекунад.

Якум, тавре ки аксарияти муҳаққиқон қайд карданд [16, с. 20], [12, с. 796], [2, с. 4], риояи талаботҳои махсус имконнопазир аст, ки дар онҳо нишон додани маълумоте, ки имкон медиҳад, ки молу мулки ғайриманқулро ба харидор тибқи шартнома таҳвил дода шавад, аз ҷумла он маълумоте, ки маҳалли ҷойгиршавӣ молу мулки ғайриманқул дар қитъаи замини дахлдор ё ҳамчун қисми дигари молу мулки ғайриманқул муайян карда мешавад.

Дуюм, ба фарқ аз шартномаи хариду фурӯш, шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ асосии аввалини ба даст овардани моликият мебошад [15, с. 54], [7, с. 329]. Шартномаи хариду фурӯш асосии дуюдараҷаи ба даст овардани ҳуқуқи моликият, чунки моликият дар он тибқи ризоияти соҳибмулки пештара ба вуҷуд ояд. Гузашта аз ин, тавре ки Е.А. Суханов қайд мекунад, маҳаки ҳалкунандае, ки ашё молу мулки ғайриманқул мебошад, ҳуқуқӣ аст, на ҷисмонӣ ва аз мавҷуд будан ё набудани бақайдгирии давлатии ҳуқуқ ба ашёи дахлдор (бақайдгирии пешакии техникии он ҳамчун ашё дар феҳристи замин). [19.].

Сеюм шартномаи хариду фурӯш ва сохтмони ҳиссагӣ аз рӯйи субъектҳои худ фарқ мекунанд. Чунин ба назар мерасад, ки асосии кофӣ вобаста ба розӣ шудан ба андешаи К. Скловский вуҷуд надорад, ки ба ақидаи вай шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ ба шартномаи хариду фурӯши ашёи оянда наздиктар аст, яъне он чизе, ки фурӯшанда он вақт дар ихтиёри ӯ нест шартнома мебандад, вале онро дар оянда худи ӯ бунёд хоҳад кард [18, с. 42]. Ин хусусият маънои онро дорад, ки дар шартномаи хариду фурӯш маъмулан созиш барои ашёи нақдӣ сурат мегирад. Аммо, дар шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ бошад, дар ҳама маврид мавзуи он ашёи дар оянда истеҳсолшаванда баромад менамояд.

Ҳанӯз дар ҳуқуқи римӣ низ ба сифати мавзуи уҳдадориҳо молу мулки мавҷудбуда, яъне нақдӣ ва дар оянда истеҳсолшаванда баромад карда метавонистанд. Ҳуқуқи римӣ талаб намекард, ки ашёи бегона дар вақти бастани шартнома вуҷуд дошта бошад ва бояд дар моликияти фурӯшанда бошад. Тибқи муқаррароти баъдии қонунҳои римӣ, шартномаи хариду фурӯши ашёи дигарон (сарфи назар аз қоидаҳои маъруфи исботи мутлақ) ҳамчун амали комилан ҳатмӣ беэътибор дониста нашудааст, аммо тахмин менамояд, ки фурӯшанда уҳдадории харидани ашёро аз соҳибмулк ба уҳдаи худ гирифта, онро ба харидор интиқол диҳад.

Ҳамин тариқ, молҳое, ки тибқи шартномаи хариду фурӯш бегона карда шудаанд, мумкин аст ҳангоми бастани шартнома вуҷуд надошта бошанд, набудани ашё ҳангоми бастани шартнома ба муҳлати он таъсир намерасонд, балки метавонад ба раванди иҷрои он таъсир расонад. Ширкати сохтмонӣ тибқи шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ ҳуқуқи молумулкиро нисбат ба объекти сохтмони ҳиссагӣ ба даст намеорад ва ҳуқуқи молумулкии объекти сохтмони ҳиссагиро ба харидор намедиҳад.

Дар баробари ин, хусусиятҳои дигари фарққунандаи шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ дар он зоҳир мегардад, ки музди шартнома маъмулан давра ба давра пардохт карда мешавад, аммо дар шартномаи хариду фурӯш бошад, нархи шартнома метавонад ҳам ба таври якдафъаина ва ҳам ба таври давра давра пардохт карда шавад.

Дар натиҷа, шартномаи хариду фурӯш ва иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ хусусияти гуногуни ҳуқуқӣ дорад, ки бо ҳамдигар монанд кардани онҳоро имкон намедиҳад.

Дар назарияи ҳуқуқи маданӣ андешаҳо вобаста таносуби шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ ва шартномаи паймонкорӣ ҷой дорад. Дар асоси моддаи 777 Кодекси маданӣ тибқи шартномаи паймонкорӣ як тараф (паймонкор) уҳдадор мешавад тибқи супориши тарафи дигар (фармоишгар) кори муайянеро анҷом диҳад, онро дар муҳлати муайян ба фармоишгар супорад ва фармоишгар бошад, уҳдадор мешавад корро қабул намуда, ҳаққи онро пардозад (ҳаққи корро пардозад). Кор агар дар қонунҳо ё созишномаи тарафҳо тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, бо таваккали фармоишгар анҷом дода мешавад. Теъдоди зиёде аз муҳаққиқон шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагиро ҳамчун шартномаи пудрат эътироф менамоянд (шартномаи паймонкории сохтмон).

Манфиатҳои тарафҳо дар муносибатҳои ҳуқуқии иштироки ҳиссагӣ на танҳо интиқоли биноҳо, балки раванди сохтмони манзилро низ дар бар мегиранд, зеро тарафҳо дар ҷараёни сохтмон бо ҳамдигар алоқаманданд. Бо дарназардошти он, ки аломатҳои уҳдадории баррасишаванда ба аломатҳои шартномаи пудрат наздиктаранд, на ба хариду фурӯш, аз ҳамин лиҳоз бояд эътироф кард, ки заминаи ҳуқуқии падидаи шартномаи паймонкорӣ барои танзими уҳдадориҳои дар боло зикршуда мувофиқтар аст.

Шартномаҳои бо иштироки шаҳрвандон дар сохтмони манзили ҳиссагӣ аз тарафи истеъмолкунанда (бо мақсади қонеъ кардани эҳтиёҷоти маишии оилавӣ) ин шартномаҳои пудрати маишӣ бо ҳама қоидаҳои он ба шаҳрвандон қобили қабул мебошанд. Шартномаҳо бо иштироки шахсони ҳуқуқие, ки маблағҳои худро барои сохтмони манзил барои мақсадҳои соҳибкорӣ ё қонеъ кардани эҳтиёҷоти кормандони худ сармоягузорӣ мекунанд, шартномаҳои сохтмонӣ мебошанд, ки қонунҳои байналмилалии маданӣ ва сармоягузорӣ танзим мекунанд.

Чунин ба назар мерасад, ки ягона чизи умумие, ки дар шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ ва шартномаи пудрат ин аст, ки ҳардуи онҳо сохтмони объектҳои молу мулки ғайриманқулро ба танзим медароранд. Аммо, муносибатҳои ҳуқуқие, ки байни тарафҳо ҳангоми сохтани объектҳои молу мулки ғайриманқул ба миён меоянд, хусусияти гуногуни ҳуқуқӣ доранд, ки ин имкон намедиҳад, ки шартномаҳои мазкурро ба ҳамдигар монанд эътироф карда шаванд.

Якум, бастани шартномаи пудрат бо он хусусиятнок аст, ки фармоишгар вазифадор аст, ки ба пудратчӣ сари вақт қитъаи замин барои сохтмон диҳад. Дар шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ ягон уҳдадории тараф вобаста ба пешниҳоди қитъаи замин барои сохтмон вуҷуд надорад. Бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ гирифтани қитъаи замин ба уҳдаи пудратчӣ дар сохтмони ҳиссагӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, аз муқаррароти ҳуқуқии дар боло овардашуда бармеояд, ки фармоишгар пеш аз оғози кор аз ҷониби пудратчӣ вазифадор аст ба қитъаи замини сохташаванда ҳуқуқ (моликият, иҷора ва ғайра) ба даст оварад, ки пас аз он пудратчӣ қодир аст ба иҷрои шартнома шуруъ кунад. Бояд ба он муаллифе розӣ шуд, ки чунин талаботро ҳатмӣ медонад ва имкони ба тарафи дигар вогузор кардани уҳдадориҳоро дар назар надоранд [14, с. 21].

Шартномаи паймонкории сохтмон дар шакли холис пайдо мешавад, агар фармоишгар дар қитъаи замини ба ӯ тааллуқдошта ягон намуди биноҳо пешниҳод кунад. Аксар вақт, биное сохта мешавад, ки моликияти онро пудратчӣ ба фармоишгар супорад.

Шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ дар фарқият аз шартномаи паймонкорӣ уҳдадории гирифтани қитъаи замин на ба зиммаи иштирокчии сохтмони ҳиссагӣ, балки ба ширкати сохтмоние, ки барои сохтмони манзили бисёрошёна ё дигар объекти ғайриманқул аз иштирокчиёни сохтмони ҳиссагӣ воситаҳои пулӣ баъди гирифтани иҷозат барои сохтмон тибқи тартиби муқарраршуда ҷалб менамояд.

Дуюм, тибқи шартномаи паймонкории сохтмон, паймонкор уҳдадор аст, ки бо дастури фармоишгар объектҳои муайянро созад. Тавре ки А.О. Рибалов қайд менамояд мавзуи шартномаи паймонкории сохтмон бидуни фармоиши муайян сохта намешавад. Тибқи шартномаи мазкур ашё барои харидори муайян сохта мешавад (аз ҷумла, аз ҳисоби масолеҳи фармоишгар). Паймонкор ашёро дар бозор ва савдо тайёр намекунад ва харидори он пешаки муайян мебошад [20, с. 239].

В.М. Телитсин қайд мекунад, ки «паймонкор бояд корро қатъиян мувофиқи супориши фармоишгар иҷро кунад, ки натиҷаи ба даст овардашударо муайян мекунад. Дар шароити истеҳсолоти муосир, вақте ки шартномаҳо бо ҳаҷми зиёди корҳо ва мураккабии иҷрои онҳо тавсиф мешаванд, уҳдадориҳои фармоишгарон, алахусус дар шартномаҳои пудрати сохтмон ба таври муфассал таҳия карда мешаванд [8, с. 380].

Барои шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ ҳолати баръакс аҳаммиятнок мебошад. Пеш аз он ки ширкати сохтмонӣ бо иштирокчии якуми сохтмони ҳиссагӣ шартнома бандад, ӯ (яъне, ширкати сохтмонӣ) бояд эъломияи лоиҳаро, ки дар он аз ҷумла,

маълумот дар бораи лоиҳаи сохтмон, натиҷаи ташхиси давлатии ҳуҷҷатҳои лоиҳа, иҷозат барои сохтмон пешниҳод кунад.

Дар натиҷа, ҳатто пеш аз оғози сохтмони бинои истиқоматӣ ва (ё) дигар объекти молу мулки ғайриманқул, ки объектҳои сохтмони ҳиссагӣ (биноҳои истиқоматӣ ё ғайриистиқоматӣ)-ро дар бар мегиранд, иморатсоз аллакай дорои харҷномаи лоиҳавие мебошад, ки хулосаи мусбии экспертизаи давлатиро гирифтааст, ки мутобиқи он онҳо (иморатсоз) объектҳои сохтмони ҳиссагиро месозанд, ки баъдан ба иштирокчиёни сохтмони ҳиссагӣ дода мешаванд. Аз ин рӯ, иштирокчии сохтмони ҳиссагӣ ба фарқ аз фармоишгар тибқи шартномаи паймонкорӣ, ба ширкати сохтмонӣ супориш намедиҳад, балки аз ҳисоби пешниҳодкардаи ширкати сохтмонӣ объекти сохтмони ҳиссагиро интихоб мекунад.

Сеюм, бар хилофи шартномаи паймонкорӣ, барои шартнома иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ шакли ҳатмии хаттӣ муқаррар карда шудааст ва талабот барои бақайдгирии ҳатмии давлатии шартнома қорӣ карда шудааст.

Чорум, тарафҳои шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ (ширкати сохтмонӣ ва иштирокчии сохтмони ҳиссагӣ) он ҳуқуқҳое, ки қонунгузории маданӣ барои тарафҳои шартномаи пудрат муқаррар кардааст, ҳуқуқҳои мазкур нисбати тарафҳои шартномаи сохтмони ҳиссагӣ татбиқ намешавад.

Панҷум, шарномаҳои мазкур бо таркиби субъекти худ фарқ мекунанд. Агар ба сифати фармоишгар ва иштирокчии сохтмони ҳиссагӣ дилхоҳ субъекти ҳуқуқи маданӣ – шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин ташкилотҳои ҷамъиятӣ баромад карда тавонанд, пас ба сифати субъекти паймонкории сохтмон танҳо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо дониш, малака ва малакаҳои зарурӣ барои иҷрои корҳои сохтмонӣ зарур баромад карда метавонанд.

Агар иҷрои уҳдадориҳо тибқи шартномаи паймонкории сохтмон ба фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд бошад, паймонкор дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун бояд иҷозатнома дошта бошад, ки ба ӯ иҷозат диҳад, ки ба намудҳои алоҳидаи фаъолияти сохтмонӣ машғул шавад [6, с. 9.].

Ҳамин тариқ, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки шартномаҳои баррасишуда (шартномаҳои паймонкории сохтмон ва иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ) дорои хусусиятҳои мухталиф мебошанд, ки имкон намедиҳанд, ки шартномаи сохтмони ҳиссагӣ ба намуди шартномаи паймонкории сохтмон мансуб дониста шавад.

Дар доираи шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ баҳсҳо вобаста ба алоқамандӣ ва тафовути шартномаи мазкур бо шартномаи фаъолияти якҷоя (ширкати одӣ) низ ҷой доранд. Бояд зикр намуд, ки тибқи шартномаи фаъолияти якҷоя ширкати одӣ (шартнома оид ба фаъолияти якҷоя) ду ё зиёда ашхосе, ки шарикон номида мешаванд, уҳдадор мегарданд ҳиссаҳои худро муттаҳид намуда, якҷоя, бидуни таъсиси шахси ҳуқуқӣ барои ба даст овардани фоида ё ноил шудан ба мақсади дигар, ки хилофи қонун намебошад, амал кунанд.

Ба ақидаи М.И. Брагинский ва Е.А. Павлодский табиати ҳуқуқии шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ ба шартномаи ширкати одӣ (фаъолияти якҷоя) дар он ифода меёбад, ҳамаи шартҳои муҳимми навъи шартномавии охирин дар инҳо зоҳир мешаванд:

а) ҷамъоварии саҳмҳо (воситаҳои пулии тарафи якум ва хизматҳо оид ба ташкили сохтмонӣ, дуюм);

б) ҳадафи ягонаи хоҷагии тарафҳо ин сохтмони объекти амволи ғайриманқул мебошад;

в) мутаносибан амалҳои якҷояи тарафҳо мавҷуданд [4, с. 79], [5, с. 74.].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд мегардад, ки аломатҳои ҳатмии шартномаи ширкати одӣ инҳоянд:

а) иттифоқи ду ва ё зиёда шахсон. Дар ҳолати охирин, шартнома бисёртарафа ҳисобида мешавад;

б) созишномаи байни шарикон боиси ташкили шахси ҳуқуқӣ намегардад;

в) созишнома иштироки шахсии (амалҳои шахсии) ҳар як шарикро барои ноил шудан ба ҳадафи умумӣ дар бар мегирад;

г) саҳмгузорӣ ва якҷоя кардани саҳмҳо барои фаъолияти муштарак. Чунин ба назар мерасад, ки ҳеҷ асосҳои монанд кардани шартномаҳои баррасишаванда вуҷуд надорад.

Якум, нисбат ба шартномаи ширкати одӣ М.И. Брагинский қайд мекунад, ки «дар байни вазифаҳои таъсисдиҳанда, мувофиқи як қатор хусусиятҳои он, яке аз ҷойҳои аввалро метавон вазифаи саҳм гузоштан бошад. Ин маънои онро дорад, ки аввалан, шартномае, ки чунин уҳдадорирo дар бар намегирад, наметавонад шартномаи ширкати одӣ ҳисобида шавад ва баъдан, иштирокчии чунин шартнома шахсе, ки чунин уҳдадорирo ба зимма нагирифтааст, буда наметавонад [3, с. 93].

Дуюм, ҳадафи умумӣ бояд дар шартномаи ширкати одӣ мавҷуд бошад, зеро иштирокчиён уҳдадор мешаванд, ки саҳмҳои худро якҷоя намуда, барои расидан ба ҳадафи ягонаи хоҷагӣ якҷоя амал кунанд [10, с. 457].

Сеюм, вобаста ба ин масъала қайд мекунем, ки иштирокчии сохтмони ҳиссагӣ хароҷот ва зиёнеро, ки бо фаъолияти умумии саҳмдорон дар сохтмони манзили истиқоматӣ алоқаманд аст, ба уҳда намегирад. Хароҷот ва зарари он, инчунин хароҷот ва зарари ширкати сохтмонӣ бо уҳдадориҳои тибқи шартнома қабулшуда маҳдуд карда мешаванд.

Чорум, бар хилофи шартномаи ширкати одӣ, шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ синналагматикӣ мебошад, зеро он ду тараф – ширкати сохтмонӣ ва иштирокчии сохтмони ҳиссагиро ба ҳам мепайвандад, аз ин рӯ, дар он робитаи бисёртарафа вуҷуд надорад.

Панҷум, тарафҳои шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ, тарафҳо ба иншооти ҳиссагии сохташуда ҳуқуқи молумулкӣ надоранд.

Ҳамин тариқ, шартномаҳои баррасишуда дорои хусусиятҳои мухталиф мебошанд, ки имкон намедиҳанд, ки шартномаи сохтмони ҳиссагиро ба намудҳои дигари шартномаи ҳуқуқи маданӣ монанд кард. Аз таҳлили таносуби шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ бо дигар шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ бармеояд, ки он дорои хусусияти хоси худ буда, аз дигар шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ тафовут дорад ва дорои табиати ҳуқуқии мустақил аст. Новобаста аз он ки дар қонунгузории мадании амлакунанда шартномаи мазкур ба сифати шартномаи мустақил пешбинӣ нашудааст, аммо ба монанди дигар шартномаҳои ҳуқуқии маданӣ дар қонун пешбинишуда аҳаммияти хосса дорад. Мавҷудияти зиёди муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ, ки дар ҷомеа байни субъектони муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ ба вуҷуд меоянд, зарурати танзими ҳуқуқии муносибатҳои мазкурро ба вуҷуд овардаааст.

АДАБИЁТ

1.Кодекси мадании ҶТ аз 24 декабри соли 2022, № 1918 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 10.05 соли 2024).

2. Андреев Ю. Защита прав участников долевого строительства: теория и практика // Хозяйство и право.- 2008.- № 8.- С. 3 - 11.

3. Брагинский М.И. Договоры, направленные на создание коллективных образований / М.И. Брагинский. - М.: Статут, 2004.

4. Брагинский М.И. Финансирование строительства жилого дома // Право и экономика.- 1999.- № 4.- С. 59 - 80.

5.Павлодский Е.А. Правовая природа инвестиционного контракта // Право и экономика.- 2000.- № 9.- С. 63-74.

6.Витрянский В. Договор строительного подряда и иные договоры в сфере строительства // Хозяйство и право. 2005.- № 7.- С. 3 - 11.

7.Вытнов В А. Понятие договора долевого участия в строительстве и его место в системе гражданско-правовых договоров // Защита субъективных прав: история и современные проблемы. Материалы межрегиональной научно-практической конференции, г. Волжский, - Волгоград.2005. - С. 320 - 329.

8.Гражданское и торговое право зарубежных стран: Учебное пособие // Под общ. ред. В.В. Безбаха и В.К. Пучинского. - М.: МЦФЭР, 2004.

9.Евсеева О.А. Правовые основания защиты прав граждан - участников долевого строительства жилья // Актуальные проблемы права в современной России. Сборник научных статей. - М., 2007. Вып. 4. С. 91-106.

10.Иоффе О.С. Советское гражданское право: В 2 т. Т. 2. / О.С. Иоффе. - Л.: Изд-во Ленингр. Ун-та, 1961.

11.Казанцева А.Е. Правовая природа договора участия в долевом строительстве // Вестник Алтайской академии экономики и права. — Барнаул. 2006, Вып. 10.- С. 54 - 71.
12.Комментарий к Гражданскому кодексу Российской Федерации, части второй (постатейный) // Под ред. О.Н. Садикова. - М. КОНТРАКТ - ИНФРА-М, 2006.
13.Макарова О.Л. Применение закона о защите прав потребителей в сфере долевого строительства // Ленинградский юридический журнал. Научно-теоретический и информационно практический региональный журнал.- 2006.- № 2.- С. 89 - 114.
14.Клешнева О.А. Правовая природа договора долевого участия граждан в строительстве многоквартирного дома и иных объектов недвижимости // Современное право. - М., 2007. - № 7.- С. 16 – 23.
15.Козлова Е.Б. Привлечение финансовых средств физических лиц в жилищное строительство // Юридический мир. 1999. № 1-2.- С. 53-59.
16.Маркозубова Н.В. Договор долевого участия в строительстве жилья: автореф. дис... канд. юрид. наук. - СПб., 2004.
17.Синайский В.И. Русское гражданское право / В.И. Синайский. - М.: Статут, 2002.
18.Скловский К. Договор долевого участия и возникновение права собственности на объект долевого строительства //Хозяйство и право. 2008. № 7.- С. 34 - 47.
19.Суханов Е.А. Вещные права и права на нематериальные объекты // Вестник Высшего Арбитражного Суда РФ. - 2007. - № 7 // СПС «Гарант».
20.Труды по гражданскому праву: К 75-летию Ю.К. Толстого / Под ред. А.А. Иванова. - М.: Проспект - ТК Велби, 2003.
21.Щербинин А.Г. Особенности правового регулирования долевого участия граждан в строительстве жилых помещений для личных нужд / А.Г. Щербинин. - С. 89 - 112.

НАҚШИ ШАРТНОМА ДАР СОҲАИ СОХТМОНИ АСОСӢ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ яке аз шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ мебошад, ки дар адабиёти илмӣ вобаста ба мафҳум, табиати ҳуқуқӣ, хусусиятҳо ва дигар паҳлуҳои он нуқтаҳои назари гуногун ва баҳснок вуҷуд дорад. Дар қонунгузории маданӣ ба сифати шартномаи мустақили маданӣ муқаррар нашудани шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ боиси он гардидааст, ки дар назарияи ҳуқуқи маданӣ вобаста ба табиати ҳуқуқии ин шартнома андешаҳои гуногун пешниҳод карда шавад. Дар мақолаи мазкур муаллиф таносуби шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагиро бо шартномаи хариду фурӯш, пудрат ва фаъолияти якҷоя (ширкати одӣ) мавриди таҳлили илмӣ қарор додааст.

КАЛИДВОЖАҲО: шартнома, шартномаи иштирок дар сохтмони ҳиссагӣ, шартномаи хариду фурӯш, шартномаи пудрат, шартномаи фаъолияти якҷоя, сохтмон, пудратчӣ, фармоишгар.

РОЛЬ ДОГОВОРА В СФЕРЕ ОСНОВНОГО СТРОИТЕЛЬСТВА ПО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Договор об участии в долевом строительстве является одним из договоров гражданского права, который в научной литературе имеет разные и противоречивые взгляды на понятие, правовую природу, особенности и другие аспекты. Тот факт, что договор об участии в долевом строительстве не закреплен в гражданском законодательстве как самостоятельный гражданско-правовой договор, привел к разногласиям в теории гражданского права в зависимости от правовой природы этого договора. В данной статье автор анализирует взаимосвязь между договором участия в строительстве и договором купли-продажи, а также раскрывается ее соотношение с договором простого товарищества.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: договор, договор долевого строительства, договор купли-продажи, договор, договор совместной деятельности, строительство, подрядчик, заказчик.

THE ROLE OF THE CONTRACT IN THE FIELD OF BASIC CONSTRUCTION ACCORDING TO THE LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The agreement on participation in joint-stock construction is one of the agreements on civil law, which has different and controversial points of view in the scientific literature on the concept, legal nature, features and other aspects. The fact that the contract on participation in share construction is not established in the civil legislation as an independent civil contract has led to different opinions in the theory of civil law depending on the legal nature of this contract. In this article, the author analyzes the relationship between the contract of participation in the construction of shares and the contract of sale, contract and joint venture (ordinary company).

KEYWORDS: contract, contract of participation in share construction, contract of sale, contract of work, contract of joint activity, construction, contractor, customer.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ғаюрзода Таманно Шукрулло*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

Сведение об авторе: ***Гаюрзода Таманно Шукрулло*** – Таджикский национальный университет, магистр юридического факультета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

Information about the author: ***Gayurzoda Tamanno Shukrullo*** – Tajik National University, master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

ВАЗИФАҲОИ АСОСИИ САНҶИШИ НИШОНДОД ДАР ҶОЙИ ҲОДИСА

Қуватзода С.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Оид ба ҷойи ҳодиса, ки ҷабрдида, гумонбаршуда ва айбдоршаванда пештар он ҷой гувоҳӣ додаанд. Шахсе, ки нишондоди ӯ тафтиш карда мешавад, ҷойи ба амал омадани ҳодисаҳои ҷинояти тафтишшавандаро нишон медиҳад, ки дар ин бора пештар ӯ дар нишондоди худ хабар дода буд. Санҷиш имкони муайян кардани мувофиқати маълумоти дар нишондодҳои пурсишшаванда, инчунин дар дигар манбаъҳо мавҷудбуда ба вазъияти воқеии маҳалли санҷиши нишондод ва дигар ҳолатҳои дар парванда муқарраргардидаро фароҳам меорад. Натиҷаҳои санҷиши нишондодҳоро дар ҷойи ҳодиса бо дигар маълумоти дар парванда мавҷудбуда муқоиса намуда, муфаттиш метавонад дар бораи эътимоднокӣ ё беэътимод будани далелҳои тафтишшаванда хулосаи холисона барорад:

– нишондоди роҳи тафтиш, ки гумонбаршуда, айбдоршаванда тавассути он ба ҷойи ҳодиса ворид шуда ва (ё) аз он берун рафтаанд;

– дар ҳақиқат мавҷуд будан ё набудани ихтилофот дар нишондодҳои якчанд шахс оид ба тафтиши ҷиноят, дар бораи ҷойи ҷиноят, ҷойи вохӯрӣ бо шарикон, дар бораи кирдори онҳо дар ҷойи муайян, роҳҳои тарк кардани ҷойи ҳодиса ва ғайра;

– дарки воқеият аз ҷониби шахсе, ки нишондодаш дар бораи ҳолатҳои воқеии парванда тафтиш карда мешавад.

Назар ба гуфтаи муҳаққиқон А.Н. Василев ва С. Степичев, зарурати мушаххас намудани ҳолати инфиродӣ (дар куҷо сурат гирифтани ҳодиса, дар ин маврид дар куҷо будан ва аз куҷо бо кӣ омадани иштироккунандагон ва ғайра) дар амалия ба миён меояд ва ин корро фақат дар худи ҳамон ҷойи бо ёрии шахси иштирокнамуда дар он метавон амалӣ сохт. Аз ин рӯ, агар шахси санҷидашуда суроғаи объектҳоеро, ки бо шарикон вохӯрда буд, номбар карда натавонад, дар ҷараёни санҷиши нишондодҳо дар ҷойи ҳодиса баъзе норасоиҳоро дар ошкорсозии ҷиноят метавон пурра намуд. Бо дарназардошти ин гуфтаҳо тавсия карда мешавад, ки ба шахсе, ки пештар мавриди пурсиш қарор гирифта шудааст, саволҳои мушаххас дода шавад, масалан: «Мо бояд ба кадом самт ҳаракат кунем? Кадом объектҳои таъиноти саноатӣ, маданиву маишӣ ба ҷойи ҳодиса наздик мебошанд».

Маҳз ҳамин усули коргузории дуруст боиси пурра ошкор шудани роҳзанӣ ва ҷиноияти одамкушӣ гардидааст: туфайли гузоштани саволҳои мушаххас ба ҳар чор (дар алоҳидагӣ) воқеиятро пурра ошкор намуда, шахсони боздоштшуда кӯчаю манзили истиқоматии мазкурро бехато ёфтанд.

Аз таҳлили адабиёти мавҷуда бармеояд, ки баъзе муаллифон аз рӯйхати мақсадҳои дар ҷойи ҳодиса санҷидани нишондодҳо сарфи назар кардани баъзе амалҳо, аз ҷумла ба даст овардани далелҳои навро пайравӣ мекунанд. Ба таври мисол, В.Н. Уваров чунин қайд менамояд: «Мақсади асосии ин амали тафтишӣ як аст – санҷиши нишондодҳо.

Аз муқоисаи андешарониҳои мухталиф метавон зикр кард, ки гуфтаҳои ин муаллифон беасос нестанд. Дарвоқеъ, санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса ҳамчун амали мустақили тафтишӣ ба дарёфти далелҳои нав нигаронида мешавад. Аммо дар ин маврид мо ба андешаи муаллифони зикрёфта розӣ ҳастем, ки ин ҳадаф танҳо дар сурати ошкор ва сабт карда шудани ҳолатҳои нави барои парванда муҳим, пайдо шудани далелҳои нав, аз ҷумла ошкор намудани амволи дуздидашуда, ҷасади ҷабрдида, нишонаҳои ҳузури ҷиноятқор дар ҷойи ҳодиса, дигар далелҳои шайъии моддӣ ва ғайра дар ҷараёни амали тафтишӣ амалӣ мегардад.

Дар асоси гуногун будани ҷанбаи равонии санҷиши нишондодҳо дар ҷойи ҳодиса, инкор кардани чунин ҳадафҳо, ба мисли ташаккули эътиқоди ботинӣ дар муфаттиш, дуруст нест. Ин мақсад ба туфайли ҳамон раванд ва ҳолатҳои равонӣ, ки ирода ва талаботи ӯро ба амалҳои мурофиавии муҳим ташаккул медиҳанд, ба даст меояд. Ирода берун аз эҳсосот дар алоҳидагӣ вуҷуд надорад. Натиҷаҳои санҷиши нишондодҳои дар ҷойи ҳодиса аз ҷониби

муфаттиш, чун қоида, эътирози ботиниро дар мувофиқат намудан ва қобили қабул будани далелҳо ба вуҷуд намеоваранд, дар вуҷуди муфаттиш чунин ҳиссиёт пайдо намешавад, ки ӯ гӯё кори ғайриқонунӣ карда истода бошад. Ҳамин тариқ, ба ҳадафҳои санҷиши нишондодҳо дар ҷойи ҳодиса тафтиши далелҳои ҷамъшуда низ дохил мешавад.

Санҷиши нишондодҳо дар ҷойи ҳодиса вобаста ба ҷинояти одамкушӣ метавонад як қатор вазифаҳои мушаххасро ҳал кунад. Ба таври муфассал баррасӣ намудани онҳо аз манфиат холӣ нест.

Ба гуфтаи Р.С. Белкин, ҳангоми санҷиши нишондодҳо дар ҷойи ҳодиса муфаттиш ба ин омилҳо боварӣ дорад:

а) мавҷудияти ҷойҳое, ки шоҳид ё айбдоршаванда дар бораи он нишондод додааст (аз рӯйи аломатҳои хоси ин ҷой, ки дар нишондод оварда шудааст ва он дар воқеият мавҷуд мебошад);

б) мавҷудияти усули ворид шудан ба ҷойи ҷиноят ё тарк кардани ҷойи ҷиноят;

в) мавҷуд будан ё набудани ихтилофот дар нишондодҳои якчанд шоҳидон ё айбдоршаванда дар бораи роҳ ба ҷойи ҳодиса, инчунин оид ба худи ҷойи ҷиноят, ҷойи вохӯрӣ бо шарикон ва ё дар бораи кирдор дар ҷойи муайян;

г) ба маълумоти шахсе, ки нишондодаш дар бораи ҳолатҳои воқеии парванда тафтиш карда мешавад.

Ин масъала дар асарҳои илмии Р.С. Белкин ба таври васеъ баррасӣ шудааст. Ба андешаи муҳаққиқ ин муқарраротро наметавон аз вазифаҳои воқеӣ номид, балки онҳоро ҳамчун мушаххасоти мақсади «тафтиш ва равшан намудани далелҳо» метавон арзёбӣ намуд, ӯ мазмуни мақсади «ба даст овардани далели нав»-ро, ки ҳангоми ворид шудан ба ҷойи воқеа фактҳои объективии ба далелҳои парванда дахлдошта (ошкор ва қайд карда мешаванд), муҳим меҳисобад.

Воқеан, муфаттиш ҳангоми дар ҷойи ҳодиса санҷиш кардани нишондод ба мувофиқат намудан ва ё мутобиқат накардани нишондодҳои шахс ба воқеияти объективӣ: мавҷуд будани ҷойи ҳодиса, роҳ, предмети муайян ва ғ. боварӣ хосил мекунад. Аммо ин гуна тартиб додани вазифаҳо бештар ҷанбаи равонӣ, натиҷаи чашмдошти фаъолияти равонии субъекти тафтишотро инъикос мекунад. Албатта, дар ин маврид оид ба ифодаи объективии натиҷаи тафтиши нишондодҳо дар ҷойи ҳодиса, яъне доир ба муқаррар намудани ин ё он факт андешаронӣ кардан ба манфиати кор мебошад.

М.Н. Хлинсов оид ба номгӯйи вазифаҳо дар тафтиши далелҳо дар ҷойи ҳодиса ба таври мукаммал ва муфассал маълумот додааст. Таснифоти ӯро ба таври зайл метавон оварда: ошкор намудани ҷойи ҳодиса ва ё чандин ҷойи ҳодисаҳое, ки муфаттиш қаблан дар бораи он огоҳ набуд, аммо шахс ё ашхосе, ки дар бораи ин ҳодиса нишондод дода буданд, ҳангоми додани маълумотҳои зарурӣ баъзан ба мушкилӣ рӯ ба рӯ мешаванд ва дар ин маврид муфаттиш ба таври мустақилона метавонист ҷойи номбаршударо дарёфт намояд.

Муайян намудани роҳи воридшудаи пурсишшаванда ба ҷойи ҳодиса, ки он аз ҷониби муфаттиш муқаррар нашуда буд ва бозгӯии ин ҷараён барои парванда зарур буда, инчунин шахси пурсишшаванда бо сабабҳои гуногун дар муайян намудани ҷойи ҳодиса, кӯчаҳои гирду атроф, хиёбонҳо ва объектҳои дар он ҷой воқеъгардида мушкилӣ мекашад.

Ошкор кардани ҳама гуна осори ҷиноят ё далелҳои шайъӣ, ки ҷойгиршавии онҳо ба тафтиш маълум нест ва ҳангоми гирифтани далелҳои шахси пурсишшаванда дар бораи онҳо маълумоти дақиқ ба даст намеояд. Дар ин маврид муфаттиш метавонист қаблан дар бораи мавҷудияти чунин далелҳо маълумот дошта бошад ва ё эҳтимолияти мавҷудияти онҳоро ба таври тахмин муайян кунад.

Дарёфт кардани далелҳои нав (изҳо ва далелҳои шайъӣ), ки қаблан ба тафтиши ҷиноят маълум набуд ва онҳо ба нишондодҳои пурсишшаванда дохил карда нашудаанд:

- ошкор кардани қурбониёни қаблан ба тафтишот номаълум;
- муайян намудани шоҳидон, ки пештар номаълум буданд;
- муайян кардани шахсияти гумонбаршудагон (айбдоршавандагон);

- муайян намудани иштироки гумонбаршуда (айбдоршаванда) дар дигар ҷиноятҳое, ки ба тафтишот маълум аст, вале ҷиноятқорон ошкор нашудаанд;
- муайян намудани сабабу шароите, ки боиси сар задани ҷиноят шудаанд.
- муайян кардан ва ошкор сохтани ҳолатҳои алоҳида вобаста ба амали шахси пурсишшаванда дар ҷойи ҳодиса ва ё дар дигар мавзеъҳо дар мавриде, ки ин ҳолатҳо ба муфаттиш маълум нестанд ва бо роҳи дигар муқаррар кардан ё ошкор сохтани онҳо имконнопазир аст.
- муайян намудани ҳолати воқеии ҷойи ҳодиса дар он мавриди рух додани он.
- муайян намудани маълумоти пурсишшаванда ё шахсони пурсишшаванда оид ба ҷойи ҳодиса, объектҳои алоҳида ё роҳҳои дар нишондоди онҳо зикрёфта.
- муайян намудани огоҳии шахсони пурсишшаванда дар бораи ҳолатҳои воқеии ҳодиса, иштирокчиён ва ё шоҳидони ҳодиса.
- санҷиши тахминҳои тафтишӣ ё ҷустуҷӯӣ.

Аз таҳлили гуфтаҳои М.Н. Хлинсов метавон гуфт, ки омилҳои зикрнамудаи ӯ дар ташаккули ҷараёни тафтишӣ заминаи мусоид фароҳам оварда, ба андешаи мо, вазифаи охирин бо гузаронидани мачмуи тамоми амали тафтишӣ ва чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳалли худро пайдо менамояд. Бо дарназардошти ин гуфтаҳо баррасии таҳқиқоти Н.В. Власенко ва В.В. Степанов оид ба ин масъала муҳим мебошад. Ин муҳаққиқон қайд мекунанд, ки «тафтиш кардани тахминҳои тафтишӣ ё ҷустуҷӯӣ дар ин амал то андозае барзиёд ба назар мерасад, зеро он танҳо ба ин амал хос нест. Дар шароити тафтиши муташаккилона тамоми чорабиниҳо барои иҷрои нақшаи пешбинишуда гузаронда мешаванд, ки тахминҳо унсури таркибии он ба шумор мераванд. Дар ин маврид бояд қайд намоем, ки банди охирини номгӯйи вазифаҳои пешниҳоднамудаи М.Н. Хлинсов принсипи асоси ягонаи тақсимотро дар равиши низомнокӣ вайрон мекунад: тафтиши тахминҳо як восита ё равандест, ки дар маҷмуъ ба тафтишот алоқаманд буда, он ба бозгӯӣ намудани далелҳои муайяни дар зербандҳо зикрёфта асос намегардад.

Оид ба тахминҳо дар ин амали тафтишӣ андешаи олимон гуногун мебошад. Я. Пешак қайд менамояд, ки тафтиши тахминҳо бояд фарогири муайянкунии миқдори зарурии далелҳои тасдиққунанда ва ё инкоркунандаи тафтишот бошанд, ки мавҷудияти онҳо ба тахминҳои воқеӣ алоқамандӣ дорад.

Аз нигоҳи моҳият ва мазмун гуфтаҳои В.И. Белоусов бо М.Н. Хлинсов умумият дошта, ҳамзамон ӯ пешниҳод мекунад, ки номгӯйи вазифаҳо бо таври зерин пурра карда шаванд:

– ошкор намудани ҷиноятҳои пинҳонкардашуда аз тарафи мақомотҳои тафтиши пешакӣ;

– муқаррар намудани вазъияти объективии далели одамкушӣ;

– дар тахайюли субъекти тафтишот ташаккул додани эътиқод оид ба воқеияти хабардор кардани шахси мушаххас оид ба далелҳои ҷинояти тафтишшаванда.

Ба андешаи мо, дар ин маврид барои ташаккули вазифаи нав дар муқаррар намудани вазъияти воқеии ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷиноятҳои навъи муайян зарурат пеш намеояд. Муқаррар намудани вазъи воқеии ҷойи ҳодиса, бо вуҷуди он ки дар тафтиши ҳодисаҳои одамкушӣ аз масъалаҳои аввалиндараҷа ба шумор меравад, дар рафти тафтиши як қатор ҷиноятҳо низ дар доираи қонун ва талаботи муайян амалӣ карда мешавад. Илова бар ин, вазифаҳои санҷиши нишондодҳо дар ҷойи ҳодиса дорои хусусияти умумӣ буда, аллакай дар амалия вобаста ба хусусиятҳои тафтиши намуди муайяни ҷиноят, ки усулҳои худро дорост, асоснок карда мешавад.

Вазифаи охиринро бо дарназардошти мувофиқати он бо ҳадафи ҳавасмандӣ-равоние, ки дар нишондодҳои пурсишшаванда дар ҷойи ҳодиса муайян карда шудааст, наметавон чун вазифаи мустақил дар ҷанбаи равониии ин амалиёт дохил намуд.

Ошкор кардани ҷиноятҳои пинҳонкардашударо чун вазифаи мустақил арзёбӣ намудан баҳсталаб ба назар мерасад. Ҳарчанд чунин ошкорсозиҳо аксаран ҳангоми тафтиши ҷойи ҳодиса рух медиҳад, аммо он дар мавриди идомаи тафтишот анҷом дода шуда, дар парвандае, ки дар он нишондод тасдиқ карда мешавад, ҳамчун далели исбот дохил карда

намешавад. Бо дарназардошти ин нуктаи муҳим лозим аст, ки прокурор, сардори шуъбаи тафтишот ва сардори дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки баҳри риояи волоияти қонун дар фаъолияти кормандони худ масъуланд, ҳамчун субъекти махсуси ошкор намудани ҷиноятҳои пинҳонӣ дониста шаванд.

АДАБИЁТ

1 Белоусов В.И., Натура А.И. Проверка показаний на месте в ходе предварительного следствия: учебно-практическое пособие. – М., ЦОКР МВД России, 2008. – С. 67-68;
2 Хлынцов М.Н. Проверка показаний на месте / Под ред. проф. Д.П. Рассейкина. – Саратов: Саратов. юрид. ин-т им. Д.И. Курского, 1971. – 120 с.
3 Власенко Н.В., Степанов В.В. Сущность и тактика проверки показаний на месте. – М: Юрлитинформ, 2006. – С. 48-49.
4 Пещак Ян. Следственные версии: криминалистическое исследование / Пер. со словацкого д.ю.н. А.М. Ларина. – М.: Прогресс, 1976. – С. 203, 225.
5 Васильев А.Н., Степичев С.С. Воспроизведение показаний на месте при расследовании преступлений / Отв. ред. чл.-корр. Акад. наук СССР, проф. С.А. Голунский; Всесоюз. науч.-исслед. ин-т криминалистики прокуратуры СССР. – М.: Госюриздат, 1959. – 48 с.

ВАЗИФАҲОИ АСОСИИ САНҶИШИ НИШОНДОД ДАР ҶОЙИ ҲОДИСА

Дар мақолаи мазкур мавзуи вазифаҳои асосии санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф қайд кардааст, ки муқаррар намудани вазъи воқеии ҷойи ҳодиса, бо вуҷуди он ки дар тафтиши ҳодисаҳои одамкушӣ аз масъалаҳои аввалиндараҷа ба шумор меравад, дар рафти тафтиши як қатор ҷиноятҳо низ дар доираи қонун ва талаботи муайян амалӣ карда мешаванд.

КАЛИДВОЖАҲО: тафтиш, амалиё ҷойи ҳодиса, санҷиши нишондод, одамкушӣ.

ОСНОВНЫЕ ОБЯЗАННОСТИ ПОКАЗАТЕЛЬНЫХ ПРОВЕРОК НА МЕСТЕ ПРОИСШЕСТВИЯ

В данной статье рассматривается тема основных задач проверки индикатора на месте происшествия. Автор отметил, что установление реальной обстановки на месте происшествия, несмотря на то, что это один из первоочередных вопросов при расследовании дел об убийствах, осуществляется и при расследовании ряда преступлений в рамках закона и определенных требований.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: расследование, осмотр места происшествия, проверка доказательств, убийство.

MAIN RESPONSIBILITIES OF CRIME SCENE INSPECTIONS

This article examines the topic of the main tasks of checking the indicator at the scene of the incident. The author noted that establishing the real situation at the scene of the incident, despite the fact that this is one of the primary issues in the investigation of murder cases, is also carried out during the investigation of a number of crimes within the framework of the law and certain requirements.

KEYWORDS: investigation, inspection of the scene of the incident, verification of evidence, murder.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Қуватзода Сайёра*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси 2 – юми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **907558958.**

Сведения об авторе: ***Куватзода Сайёра*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **907558958.**

Information about the author: ***Quvatzoda Sayora*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **907558958.**

МАФҲУМ, МОҲИЯТ, ТАСНИФОТ ВА АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ МАСЪУЛИЯТИ ФАРЗАНДОНИ БОЛИҒУ ҚОБИЛИ МЕҲНАТ БАРОИ НИГОҲУБИНИИ ПАДАРУ МОДАР: ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ

Собирзода Ф.З.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Қариб дар ҳамаи кишварҳои мутамаддини ҷахон уҳдадории кӯдакони болиғи қобили меҳнатро барои нигоҳубини волидони ниёзманди худ пешбинӣ намудаанд. Дар асос ва иҷрои муқаррароти конститутсионӣ қонунгузор дар соҳаи ҳуқуқи оилавӣ уҳдадориҳои фарзандони болиғи қобили меҳнатро барои нигоҳубин ва таъмини волидони маъюб ва ниёзманди худ онҳоро муваззаф мекунад [1].

Падар ва модар аз нигоҳи биологию ҳуқуқӣ волидайни фарзанд ба ҳисоб рафта, дар нигоҳубинии фарзанд ҳуқуқу уҳдадории якхеларо доро мебошанд. Дар замони муосир муайян намудани падарӣ яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад. Аз ҳамин лиҳоз дар Кодекси оилаи ҶТ дар боби 10 моддаҳои 48, 50, 51 барои муайян намудани падарию модарӣ бо роҳи судӣ кафолат медиҳад.

Дар сурати аз волидони никоҳнадошта таваллуд ёфтани кӯдак ва набудани аризаи муштараки волидон ё аризаи падари кӯдак, аслу насаби кӯдак аз шахси мушаххас (падар) дар асоси аризаи яке аз волидон ё васии (парастори) кӯдак, аризаи шахсе, ки кӯдак дар таъминоташ мебошад, инчунин ҳангоми ба балоғат расидан дар асоси аризаи худи кӯдак ба тариқи судӣ муқаррар карда мешавад.

Ҳангоми муқаррар намудани падарӣ суд зиндагӣ ва пешбурди хоҷагии якҷоя бо модари кӯдак ё тарбияи муштарак ё таъмини кӯдак ё далелҳои дигари боэътимодеро, ки аз ҷониби шахси мушаххас таваллуд шудани кӯдак, далелҳои саҳеҳ тасдиқкунандаи аз ҷониби ҷавобгар эътироф гардидани падариро собит месозад, ба назар мегирад [2].

Аз ҷониби суд муқаррар намудани далели эътирофи падарӣ дар ҳолати фавти шахсе, ки худро падари кӯдак эътироф мекард, вале бо модари кӯдак никоҳ надошт, далели падар эътироф шудани ӯ метавонад аз рӯйи қоидаҳои муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиавии граждани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тартиби судӣ муқаррар карда шавад [3].

Зери мафҳуми шахси болиғ зумра шахсоне фаҳмида мешаванд, ки ба синни ҳаждаҳсола расидаанд ва қобиляти пурраи амалкуниро доро мебошанд фаҳмида мешавад.

Шахсоне, ки падару модарро иваз мекунанд шахсоне, ки дар асоси шартнома кӯдакро тарбия мекунанд, дигар намояндагони қонунии онҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳое, ки кӯдак дар таълиму тарбияи онҳо қарор дорад (минбаъд – муассисаҳои таълимӣ) [4].

Васӣ ва парастор шахсоне, ки ба мақсади ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шахсони ғайриқобили амал ва қобилияти пурраи амал надошта, аз ҷониби мақомоти васоят ва парасторӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин шудаанд [5].

Дар асос ва барои иҷрои муқаррароти конститутсионӣ қонунгузор дар соҳаи ҳуқуқи оила уҳдадории фарзандони болиғро барои таъминоти волидайни ғайриқобили меҳнат ва ба кумак эҳтиёҷдошта ва ғамхорӣ нисбати онҳо муқаррар менамояд (моддаи 88 Кодекси оилаи ҶТ).

Ба вуҷуд омадани ин намуди алиментдиҳӣ аз мавҷудияти маҷмуи далелҳои зерини аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муҳим вобаста аст:

- расидани фарзандон ба синни 18-солагӣ (балоғат);
- қобили меҳнат будани фарзандон;
- волидайн аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум нашуда бошанд;
- ғайриқобили меҳнат будани волидайн;
- эҳтиёҷи волидайн ба кумак.

Кобиляти меҳнатӣ ин ҳуқуқҳои конститутсионии шахс ба ҳисоб рафта, дар боби дуюми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври умумӣ дар моддаи 35 ҷойгир карда шудааст. Ин моддаи Конститутсияи ҶТ дар Кодекси Меҳнатии ҶТ ба пуррагӣ мазмуну моҳияти худро инъикос мекунад. Ҳангоми ба кор қабул кардани коргар дар корхонаву идораҳо аз ӯ тибқи Кодекси Меҳнати ҶТ, ки дар моддаи 146 он муоинаи тиббиро муайян кардааст, муқаррар мекунад. Дар боби 13 моддаи 174 Кодекси Меҳнати ҶТ синни қабул кардан ба корро аз 14-солагӣ муайян карда, синни кории кормандро ба категорияхои гуногун ҷудо менамояд. Дар моддаи 176 Кодекси Меҳнатии ҶТ шахсони аз ҳаждахсола хурд дар муносибатҳои ҳуқуқӣ бо болиғон баробарҳуқуқ мебошанд [6]. Барои иҷрои кори якхела музди якхела пардохт карда мешавад.

Шахси ғайриқобили меҳнатро ба гурӯҳҳо ҷудо намудан мумкин аст, ки аз сабаби гуногун будани вазъи саломатияшон масъулияти бар душ доштаашонро иҷро карда наметавонанд.

Маъюб ин шахсе ба ҳисоб меравад, ки ҳангоми кор ва фаъолият қобилияти кории худро гум карда, дар рафти кор маъюб мешавад ва кори ба зиммаи ӯ гузошташударо иҷро карда наметавонад. Дар қонунгузории ҶТ маъюбонро ба гурӯҳҳои 1, 2, 3 - ҷудо менамоянд. Сабаби ба гурӯҳҳо ҷудо намудан он аст, ки маъюбони гурӯҳи 1-ум бе кумаки шахсони дигар ҳаракати мустақилона, муошират, омӯзиш ва дигар имкониятҳое, ки онҳо доранд, карда метавонанд.

Шахсе маъюби гурӯҳи 2-юм ҳисобида мешавад, ки ҳаракати мустақилона, муошират, омӯзиш бо истифода аз дастгоҳҳои ёридиҳандаи махсус, ки барои маъюбон сохта шудааст, карда метавонад.

Маъюби гурӯҳи 3-юм ин шахсе ба ҳисоб меравад, ки нуқсони ҷисмони дошта вале дорои қобиляти меҳнатӣ мебошад.

Инчунин, зери мафҳуми шахси ғайриқобили меҳнат кӯдакони ноболиғ, шахсони бемории руҳӣ дошта, нашъамандон, шахси дорои бемории сил ва дигар бемориҳое фаҳмида мешавад, ки инсон ҳангоми мубтало шудан ба чунин беморӣ қобиляти меҳнатиашро гум менамояд. Боз шахсоне, ки тибқи ҳалномаи суд номукаллаф эътироф шудаанд, ба сифати шахси ғайриқобили меҳнат баромад менамоянд.

Таъминоти иҷтимоӣ дар қисми 3-юми моддаи якуми Конститутсияи ҶТ ҳуқуқхои иҷтимоии ҳар як инсонро кафолат додааст. Ҳуқуқҳои иҷтимоӣ дар маҷмуи ҳуқуқҳо ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар таъмини адолати иҷтимоӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунанд, зеро онҳо озодии инсонро дар соҳаи иҷтимоӣ таъмин карда, имконияти ҳимояи манфиатҳои ҳаётии инсонро фароҳам меоранд. Дар ҳуқуқҳои насли якум ҳимояи шаҳрвандонро аз дахолати давлат дар назар дошта бошад, табиати ҳуқуқҳои иҷтимоӣ чун ҳуқуқҳои насли дуюм аз он иборат аст, ки барои истифодаи онҳо дар ҳаёт аз ҷониби давлат таҳияи барномаҳои иҷтимоӣ ва фаъолияти ҳамаҷонибаи ташкилию хоҷагӣ лозим аст. Дараҷаи амалисозии ҳуқуқҳои насли дуюм аз бисёр ҷиҳат аз дараҷаи рушди иқтисодӣ ва захираҳои молиявии мамлакат вобаста мебошад. Ҳуқуқҳои иҷтимоӣ ба инсон сатҳи арзандаи зиндагӣ ва ҳимояи иҷтимоиро таъмин менамояд. Яке аз ҳуқуқҳо ва озодиҳои асосии иҷтимоӣ ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ мебошад, ки суғуртаи иҷтимоӣ, таъмини нафақа ва хизматрасонии тиббиро фаро мегирад. Ба ҳуқуқҳои иҷтимоӣ, ҳамчунин, инҳо мансубанд: ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ ва ёрии тиббӣ, ҳуқуқ ба манзил, ҳуқуқ ба ташкили оила, ҳуқуқ ба ҳимояи кӯдакон ва маъюбон.

Дар мавриди эҳтиёҷмандӣ бошад, суд дар ҳар як ҳолати мушаххас дараҷаи эҳтиёҷмандиро бо назардошти даромад ва талаботи волидайн муайян мекунад. Ғайр аз ин, суд бояд ҳайати оилаи даъвогарро муқаррар намуда, мавҷудият/набудани дигар фарзандони болиғи қобили меҳнатро, ки онҳо низ ба монанди ҷавобгар бояд уҳдадории алиментдиҳӣ дошта бошанд, муайян намояд. Дар айни замон, суд метавонад аз пардохти алимент ба волидайн озод намояд, агар ҳисоб кунад, ки нафақаи гирифтаи волидайн барои қонеъ гардонидани талаботи зарурии ҳаётӣ кифоя аст. Ғайр аз ин, шахсоне, ки то расидан ба синни нафақа ба нафақа баромадаанд (бинобар шароити вазнини меҳнат, аз рӯйи

собиқаи хизмат) барои ситонидани алимент аз фарзандони худ ҳуқуқ надоранд, зеро ғайриқобили меҳнат нестанд.

Россия

Дар Кодекси Оилавии Россия, махсусан моддаи 87, фарзандон маҷбуранд, ки волидонашонро дар ҳолати нуқсон ё эҳтиёҷ таъмин кунанд. Ислоҳоти давраи баъди Шуравӣ нақши давлатро дар нигоҳубини пиронсолон таъкид мекунанд, аммо масъулияти оилавӣ ҳанӯз ҳам қонунӣ аст. Тағйиротҳои соли 2020 ба Кодекси Оилавии Россия ҷорӣ карда шуданд, ки ҷазоҳои қатъиро барои риоя накардани ин вазифаҳо муқаррар мекунанд [7].

Кодекси оилаи Россия уҳдадории алиментдиҳии фарзандони болиғи қобили меҳнатро нисбат ба волидайни ғайриқобили меҳнати худ (моддаи 87) муқаррар менамояд, агар чунин фарзандон ба волидайн ихтиёрӣ кумаки моддӣ нарасонанд. Аммо як қатор олимони ҳуқуқшинос чунин мешуморанд, ки ба алиментдиҳӣ бояд, инчунин, фарзандони ноболиғи эмансипатсияшуда ё издивоҷкарда низ ҷалб карда шаванд.

Чунончӣ, ҳуқуқшиноси рус дар соҳаи ҳуқуқи оилавӣ, А.И. Пергамент, мегӯяд: «Қоидаи умумӣ он аст, ки ноболиғоне, ки даромади мустақил доранд, набояд ба таъмини волидон ҷалб карда шаванд, аммо дар ҳолатҳои муайян бо қарори суд истисноҳо имконпазир аст. Шонздаҳсолаҳо пурра ба калонсолони коргар ва хизматчиён баробар ҳисоб мешаванд, аз ҷумла дар масалаҳои музди меҳнат. Аз ин рӯ, ноболиғе, ки ба синни 16-солагӣ расидааст, кор мекунад ва даромади мустақил дорад, агар имконияти ёрдам расонидан ба волидонҳои ноқобили худро дошта бошад, метавонад ба пардохти алиментҳо барои таъмини волидонҳо ҷалб карда шавад, агар маблағҳои зарурӣ аз дигар шахсони вазифадор (ҳамсар ва фарзандони калонсол) гирифта нашаванд» [8].

Дар ҳоле ки М.В. Антоколская фикри дигар дорад: «Фарзандони калонсол маҷбуранд волидонҳои худро таъмин кунанд, новобаста аз оне ки худ қобили меҳнат ҳастанд ё не. Агар онҳо кобилияти корӣ надошта бошанд, алиментҳо аз нафақа ё даромади дигари онҳо гирифта мешаванд» [9].

Таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ситонидани алимент аз фарзандони болиғи қобили меҳнат ба манфиати волидайн аз он бармеояд, ки ҳангоми қабули қарор бояд ҳамаи ҳолатҳои парванда ба инобат гирифта шаванд. Масалан, бо таъиноти Коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои граждани аз рӯйи парвандаи №33-594 аз 28 феврали соли 2010 суди вилояти Архангелск даъвои К. нисбати писараш рад карда шуд. Суд дар асоси он ки даъвогар ба синни нафақавӣ (55-солагӣ) нарасидааст, манъи кор ба ҳайси муҳосиб надорад, бинобар ин ба кумаки моддӣ эҳтиёҷманд нест, қарор қабул кард [10].

Қазоқистон

Кодекси Оила ва Издивоҷи Қазоқистон, ки таъсири ҳуқуқи шуравӣ ва анъанаҳои қазоқӣ дорад, талаб мекунад, ки фарзандон волидонҳои худро таъмин ва нигоҳубин кунанд (моддаҳои 145 ва 153). Тағйироти охирин ба ҳамроҳии анъанаҳо бо стандартҳои ҳуқуқии муосир равона шудаанд, ки ҳифзи ҳуқуқҳои пиронсолонро беҳтар мекунанд[11].

Хитой

Қонуни Ҳифзи Ҳуқуқҳои Пиронсолони Чин, ки ҳамчун Қонуни Фарзандпарварӣ (2013) маъруф аст, таъмини иҷтимоии падару модарро аз ҷониби фарзандон ба танзим медарорад ва онҳо уҳдадоранд ки волидонҳои худро нигоҳубин кунанд. Пас аз баромадан аз таъсири сиёсати якфарзандӣ, таъкиди ҳуқуқӣ барои таъмини дастгирии кофӣ барои падару модари ғайриқобили меҳнат афзоиш ёфтааст, ки ҷазоҳо барои беэътиноӣ пешбинӣ шудаанд. Аъзои оила бояд ба эҳтиёҷоти маънавии пиронсолон ғамхорӣ кунанд ва набояд онҳоро нодида гиранд ё беэътиноӣ кунанд. Ҳамдам, онҳое, ки аз мустақилан зиндагӣ мекунанд, уҳдадоранд ки мунтазам падару модарашонро зиёрат кунанд [12].

АДАБИЁТ

1. Вестник Саратовской государственной юридической академии • № 1 (132) • 2020
2. Кодекси оилаи ҶТ 1998 бо тағйиру иловаҳои то 03.01.2024 маълумот аз сомонаи mmk.tj
3.

4. Кодекси оилаи ҶТ 1998 бо тағйиру иловаҳои то 03,01,2024 маълумот аз сомонаи mmk.tj
5. Қонуни ҶТ “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” 02.08.2011 бо таъғиру иловаҳои то 24.12.2022 маълумот аз сомонаи mmk.tj
6. Қонуни ҶТ “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” 02.08.2011 бо таъғиру иловаҳои то 24.12.2022 маълумот аз сомонаи mmk.tj
7. Кодекси Меҳнатии ҶТ 23.07.2016 бо таъғиру илова то 19.07.2016 маълумот аз сомонаи mmk.tj
8. Семейный кодекс Российской Федерации от 29/12/1995 №223-ФЗ (consultant.ru)
9. Пергамент А.И. Алиментные обязательства (изд. третье перераб. и доп.). – М.: Юр. литература. 2012. – С. 75
10. Антокольская М.В. Семейное право: Учебник. — Изд. 2-е, перераб. и доп. — М.: Юристъ. 2010. – С. 254.
11.
12. Определение Судебной коллегии по гражданским делам Архангельского областного суда от 28 февраля 2010 года по делу № 33-594 // Информационно-правовая система «КонсультантПлюс».
13. Кодекс о браке (супружетсве) и семье Республики Казахстан (adilet.zan.kz)
14. Law on Protection of the Rights and Interests of the Elderly [Internet]. Beijing: China.org.cn; 2013. Available from: http://www.china.org.cn/english/government/207403.htm [cited 2017 Aug 28].
15. Nakabayashi, Masaki, Legislating Filial Obligations: Property Rights and Filial Piety in Shogunate Japan. Available at SSRN: https://ssrn.com/abstract=5041910 or http://dx.doi.org/10.2139/ssrn.5041910

МАФҲУМ, МОҲИЯТ, ТАСНИФОТ ВА АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ МАСЪУЛИЯТИ ФАРЗАНДОНИ БОЛИҒУ ҚОБИЛИ МЕҲНАТ БАРОИ НИГОҲУБИНИИ ПАДАР ВА МОДАР: ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ

Дар мақолаи мазкур мафҳум, моҳият, таснифот ва асосҳои ҳуқуқии масъулияти фарзандони болиғу қобили меҳнат барои нигоҳубини падар ва модар гуфта шудааст. Мавриди таҳлил муқоисаи заминаи ҳуқуқии масъулияти фарзандӣ (уҳдадориҳои фарзандон нисбат ба падару модар) дар панҷ кишвар: Тоҷикистон, Россия, Қазоқистон, Чин ва Ҷопон гузаронида шудааст. Дар он механизмҳои ҳуқуқӣ ва тамоюлҳои муосир дар соҳаи нигоҳубини волидони пиронсол баррасӣ карда мешаванд. Диққати асосӣ ба меъёрҳои қонунгузорие дода мешавад, ки уҳдадориҳои фарзандони болиғро оид ба таъминот ва волидони ғайриқобили амал, инчунин шартҳои ба амал омадани ин уҳдадориҳо танзим мекунанд. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки чӣ гуна системаҳои гуногуни ҳуқуқӣ ба тағйироти демографӣ ва пиршавии аҳолӣ мутобиқ мешаванд.

КАЛИДВОЖАҲО: масъулияти фарзанд, уҳдадориҳои алимент, ҳуқуқи оила, нигоҳубини волидони пиронсол, маъюбӣ, механизмҳои ҳуқуқӣ, анъанаҳои фарҳангӣ, тағйироти демографӣ, муқоисаи байналмилалӣ, ҳифзи иҷтимоӣ.

ПОНЯТИЕ, СУЩНОСТЬ, КЛАССИФИКАЦИЯ И ПРАВОВЫЕ ОСНОВЫ ОБЯЗАННОСТИ СОВЕРШЕННОЛЕТНИХ И ТРУДОСПОСОБНЫХ ДЕТЕЙ ПО УХОДУ ЗА ОТЦОМ И МАТЕРЬЮ: СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ

В данной статье раскрыто понятие, сущность, классификация и правовые основы обязанности совершеннолетних и трудоспособных детей по уходу за родителями. Приводится сравнительный анализ правовых основ об обязанностей детей по отношению к родителям в пяти странах: Таджикистане, России, Казахстане, Китае и Японии. В ней рассматриваются правовые механизмы и современные тенденции в области заботы о пожилых родителях. Основное внимание уделяется законодательным нормам, регулирующим обязанности совершеннолетних детей по содержанию нетрудоспособных родителей, а также условиям возникновения этих обязательств. Исследование показывает, как разные правовые системы адаптируются к демографическим изменениям и растущей доле пожилого населения.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: ответственности детей перед родителями, алиментные обязательства, семейное право, забота о пожилых родителях, нетрудоспособность, правовые механизмы, культурные традиции, демографические изменения, международное сравнение, социальная защита.

CONCEPT, ESSENCE, CLASSIFICATION AND LEGAL BASIS OF THE OBLIGATION OF ADULT AND ABLE-BODIED CHILDREN TO CARE FOR THEIR FATHER AND MOTHER: A COMPARATIVE ANALYSIS

This article reveals the concept, essence, classification and legal basis of the obligation of adult and able-bodied children to care for their parents. It provides a comparative analysis of the legal bases of children's responsibilities towards parents in five countries: Tajikistan, Russia, Kazakhstan, China and Japan. It examines legal mechanisms and current trends in the care of elderly parents. The focus is on the legal provisions governing the obligations of adult children to support incapacitated parents, as well as the conditions under which these obligations arise. The study shows how different legal systems are adapting to demographic changes and the growing proportion of the elderly population.

KEYWORDS: filial responsibility, maintenance obligations, family law, care of elderly parents, incapacity, legal mechanisms, cultural traditions, demographic change, international comparison, social protection.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Собирзода Фозил*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети ҳуқуқшиносӣ. **Сурога:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17. Телефон**:[+992] 889-999-885.** E-mail: **sobirzodafoziljon@gmail.com.**

Сведения об авторе: ***Собирзода Фозилджон***– Таджикский национальный университет, магистр юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр.Рудаки 17. Телефон: **[+992] 889-999-885.** E-mail: **sobirzodafoziljon@gmail.com.**

Information about the author: ***Sobirzoda Foziljon*** – Tajik National University, master's student of Faculty of Law. Address: 734025, Republic of Tajikistan, c.Dushanbe, Rudaki Ave 17. Phone: **[+992] 889-999-885**. E-mail: **sobirzodafoziljon@gmail.com**

ШАРТҲОИ ҚОНУНӢ БУДАНИ МУДОФИАИ ЗАРУРӢ

Турахонова Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Қонунӣ будани мудофиаи зарурӣ ба як қатор шартҳое, ки дар қонун ишора шудаанд, асос меёбад (м. 40 КҶ ҶТ). Ҳангоми риоя накардани чунин шартҳо худи мудофиакунанда метавонад ҷиноятқор эътироф шавад.

Ба мавқеву андешаҳои гуногуне, ки дар назаряи ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба номгӯй ва мазмуни шартҳои қонунӣ будани мудофиаи зарурӣ ҷой доранд, нигоҳ накарда, ба назари мо интихоб намудани ҳамон мавқеие, ки дар назария аз ҳама пойдортар боқӣ монда, ба таҷрибаи тафтишотӣ-судӣ асос меёбад ва тибқи он тамоми шартҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешавад, бештар дуруст ва мантиқӣ менамояд. Гурӯҳи якум дар худ шартҳоеро фаро мегирад, ки ба таҷовуз мансубият доранд: таҷовузи ба ҷамъият хавфнок ва хусусияти зӯроварӣ, воқеият ва ҳақиқияти он. Гурӯҳи дуюм – ин шартҳои қонунӣ будани мудофиаи зарурӣ, ки ба ҳимоя мансуб мебошад: доираи объектҳои ҳимояшаванда, расонидани зарар танҳо ба таҷовузкор, мутобиқати ҳимоя бо хусусият ва хавфнокии таҷовуз ва ё мавҷуд набудани баромадан аз ҳадди мудофиаи зарурӣ. Тақсимоти мазкури шартҳои қонунӣ будани мудофиаи зарурӣ дар таҳрири нави м.40 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аҳаммияти назариявӣ ва амалии худро гум накардааст.

Барои эътироф кардани мудофиаи зарурӣ дар ҳаракатҳои шахс муқаррар намудани тамоми маҷмуи шартҳо талаб карда мешавад. Ба таври муфассал ҳар яке аз шартҳои ба гурӯҳҳои зикршуда мансуббударо баррасӣ менамоем.

Шартҳои қонунӣ будани мудофиаи зарурӣ, ки ба таҷовуз мансуб мебошанд:

Шарти якум дар он ифода меёбад, ки ҳимоя бо роҳи расонидани зарар танҳо дар ҳолате қонунӣ ба ҳисоб меравад, ки он муқобили таҷовузи хавфнок равона шуда бошад. Вобаста ба хусусияти худ таҷовузи мазкур метавонад бо зӯроварие, ки барои ҳаёти мудофиакунанда ва ё дигар ашхос хавфнок бошад ва ё хавфнок набошад, ё ин ки бо таҳдиди бевоситаи истифодаи чунин зӯроварӣ алоқаманд бошад.

Таҷовузе, ки бо зӯроварии барои ҳаёт хавфнок алоқаманд мебошад – ин таъсиррасонии хавфнок, зиддиҳуқуқӣ, ошкоро ва ё махфӣ дар ҷараёни таҷовуз ба организми инсони дигар мебошад, ки бархилофи хоҳишу иродаи ӯ содир мешавад ва бо сӯиқасд ба ҳаёт ё расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, ки барои ҳаёт хавфнок мебошад, алоқаманд аст ва ё гарчанде зарари зикршударо нарасонида бошад ҳам, вале дар лаҳзаи таъсиррасонӣ оқибати барои ҳаёт хавфнокиро ба вуҷуд овардааст (масалан, бо даст ва ё сим зер кардани гардан, буғӣ кардан, муддати дуру дароз дар зери об нигоҳ доштан, дар хонаи хунук нигоҳ доштан, дар сар халтаи ҳавонагузари селофенӣ кашидан ва ғайра).

Ҷой надоштани аломатҳои зӯроварии барои ҳаёт хавфнок, ҳамчун қоида дар хусуси таҷовузе, ки барои ҳаёт хавфнок намебошад, шаҳодат медиҳад.

Таҳдиди истифодаи бевоситаи навъҳои ишорашудаи таҷовуз – ин тарсонидан, дар ҷараёни тавовуз бо расонидани зарари ҷисмонӣ таҳдид намудани ҷабрдида. Чунин таҳдид бояд воқеӣ бошад. Воқеияти таҳдид талаб менамояд, ки барои амалӣ гардидани он асосҳо ва шароити кофӣ мавҷуд бошад. Дар ин хусус метавонад ангезаву ғарази таҷовузкор шаҳодат диҳад, ки ба мудофиакунанда вобаста ба шахсияти таҷовузкор, макон, замон ва шароите, ки онҳо қарор доранд, маълум гардидааст.

Мафҳуми зӯровариро бо мафҳуми ҳамла набояд пурра монанд намуд. Якумин метавонад на танҳо дар ҳамла, балки дар дигар ҳаракатҳо низ ифода ёбад (масалан, гурехтан аз маҳбас, нобуд сохтан ва ё зарар расонидан ба молу мулк, ғайриқонунӣ убур намудани сарҳад ва ғайра). Паше-Озерский комилан асоснок қайд намуда буд, ки аз тарафи шахс вайрон гардидани сарҳади давлатӣ, дуздӣ ва дигар ҷиноятҳоро танҳо шартан метавон ҳамчун ҳамла эътироф намуд, дар ҳоле ки мудофиаи зарурӣ муқобили чунин ҳаракатҳо пурра имконпазир мебошад. Инро ишора намудан ба он хотир зарур мебошад, ки дар

таърихи қонунгузории ҷиноятӣ ва айни замон дар қонунгузории давлатҳои хориҷӣ ҳангоми тавсифи мудофиаи зарурӣ истилоҳи «ҳамла» истифода бурда мешавад (масалан, м.15 Асосҳои роҳбарикунанда вобаста ба ҳуқуқи ҷиноятии ИҶШС соли 1919, м. 29 КҶ Латвия, м. 12 КҶ Болгария, м. 13 КҶ Чехия, м. 41 КҶ Голандия). Барои ҳамин ҳам, қонунгузор дуруст амал кард, ки дар таҳрири нави м.40 КҶ ҶТ ба ҷойи истилои «ҳамла» истилои «зӯровариро» ба қонунгузорӣ ворид сохт. Вобаста ба тарзи баамалбарории зӯроварӣ ва ҳангоми мавҷуд будани як қатор шартҳои дигар, расонидани зарар ба таҷовузкор метавонад ё қонунӣ ва ё зиддиқонунӣ бошад.

Қонун (м. 40 КҶ ҶТ) доир ба ҳимоя аз зӯроварии ба ҷамъият хавфнок ҳадс мезанад на дар хусуси таҷовузи ҷиноятӣ, бинобар ин талаб карда намешавад, ки ин зӯроварӣ тамоми аломатҳои ҷиноятро дар бар гирад. Ҳамин тавр, ҳимоя аз зӯроварии ба ҷамъият хавфнок, ки аз тарафи шахси номукаллаф ва хурдсол бо сабабҳои саҳви узрнок содир шудааст, қонунӣ мебошад. Дар баробари ин, дар адабиёти ҳуқуқи муқаррар намудани ҳолати мазкур бо маҳдудиятҳои муайян алоқаманд мебошад, бахусус гуфта мешавад, ки ҳимоя аз чунин гурӯҳи ашхос бояд «бо эҳтиёткорӣ», «бодиққатии махсус» роҳандозӣ гардад ва ё танҳо дар ҳолатҳое амалӣ гардад, ки ҳимояи манфиатҳои қонунӣ бе расонидани зарар ғайриимкон бошад. Маҳдудиятҳои мазкур бояд ҳамчун тавсияҳои хусусияти ахлоқидошта баррасӣ гарданд. Аммо онҳо бо руҳу қисми қонуни ҷиноятӣ мухолифат менамоянд, ки маҳз ҳимоя аз кирдори ба ҷамъият хавфнокро, ки бо зуроварии барои ҳаёти ҳама гуна ашхос хавфнок ва ё алоқаманд набударо иҷозат медиҳад. Илова бар ин, чӣ тавре ки шахси масъалаи мазкурро бодиққат омӯхта, Милюков С.Ф. қайд менамояд, дар замони имрӯза содир намудани амалҳои хавфноки ҷамъиятӣ ва зӯроварӣ аз тарафи ашхоси бемории руҳӣ ва ё хурдсол бениҳоят зиёду фаъол гардидааст.

Ҳамзамон, бо ин бояд дар назар дошт, ки қ.2 м.17 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон кирдорҳоеро пешбинӣ мекунад (ҳаракат ё беҳаракатие), ки гарчанде зоҳиран аломатҳои яке аз кирдорҳои дар Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ пешбинигардидаро дошта бошад ҳам, вале бо сабаби камаҳамиятӣ барои ҷамъият хавфнок нестанд, ҷиноят намебошад. Табиист, ки содир намудани чунин кирдорҳо наметавонад ҳамчун асос барои истифодаи мудофиаи зарурӣ баромад намояд, чунки аломати ба ҷамъиятхавфнокии таҷовуз ҷой надорад. Дар б.2 қарори Пленуми Суди Олии ИҶШС «Дар бораи аз тарафи судҳо татбиқ гардидани қонунгузорие, ки ҳуқуқ ба мудофиаи заруриро аз таҷовузи ба ҷамъият хавфнок таъмин менамояд» таҳти № 14 аз 16 августи соли 1984 вобаста ба ин масъала гуфта мешавад, ки шахси дар ҳолати мудофиаи зарурӣ қарордошта наметавонад, ки ба шахси дигар бо сабаби аз тарафи ӯ содир намудани ҳаракатҳое, ки гарчанде расман аломатҳои кирдорҳои дар Кодекси ҷиноятӣ пешбинишударо дошта бошад ҳам, вале камаҳаммият будани ба ҷамъият хавфнокии он пешакӣ ба мудофиакунанда маълум гардидааст, зарар расонад. Дар чунин ҳолат шахсе, ки зарар расонидааст, тибқи асосҳои умумӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад. Масалан, ҳаракатҳои посбони боғ, ки аз яроқи шикорӣ ба ҷониби гурӯҳе аз ҷавонони ба боғ ғайриқонунӣ дохилшуда тир меандозад, ки дар натиҷа боиси марги яке аз онҳо мегардад. Дар ин ҳолат ӯ бояд барои одамкушии қасдона ба ҷавобгарӣ кашида шавад.

Муҳим масъалаи ҷоиз будани мудофиаи зарурӣ аз беҳаракатии ба ҷамъият хавфнок мебошад. Нуқтаҳои назаре иброз мешаванд, ки мудофиаи заруриро аз чунин кирдорҳо ғайриимкон меҳисобанд. Дар баробари ин як қатор муаллифон чунин меҳисобанд, ки маҳз ҳимояи қонунӣ пешгирӣ намудани беҳаракатии ба ҷамъият хавфнок, инчунин бартараф намудани оқибатҳои ба ҷамъият хавфноки онро таъмин менамояд.

Чунин ба назар мерасад, ки ҳамон муаллифоне ҳақ мебошанд, ки имконпазирии мудофиаи заруриро аз беҳаракатии ба ҷамъият хавфнок инкор менамоянд. Ҳимоя ва ё рафъ намудани зӯроварӣ (таҷовуз) танҳо дар сурати ҳаракатҳои фаъоли таҷовузкор имконпазир мебошад.

Шаргородский М.Д. дуруст қайд намуда буд, ки қабул кардани нуқтаи назар оид ба имконпазарии мудофиаи зарури муқобили беҳаракатӣ, маънои сафед намудани қисми зиёди ҳолатҳои худсариро дорад.

Мушкилии маъмулиро барои ҳалли масъала оид ба таҷовуз ҳамчун асос барои мудофиаи зарурӣ, ҳолатҳои алоҳидаи задухурд нишон медиҳанд. Ҳалли дурусти он аз муайян намудани мазмуни мафҳуми задухурд ва ба ҳисоб гирифтани ҷараёни (динамикаи) он вобастаги дорад.

Таҳти задухӯрд маъмулан бархӯрди ҷисмонии одамон фаҳмида мешавад, ки бо розигии хомушона ва ё ифшоёнаи иштирокчиёни он барои ҳалли баҳс ё низои бамиёномада, содир карда мешавад. Бархӯрди ҷисмонӣ ҳамзамон ба мафҳуми задухӯрд дар он ҳолате дохил мешавад, вақте ки он бо ташаббуси яке аз тарафҳо оғоз гардидааст, вале тарафи дигар ситезаҷуиро қабул намуда, барои ҳисоббаробаркунӣ ба задухӯрд дохил шудааст. Барои задухурд чунин бархӯрди ҷисмонӣ хос мебошад, ки ҳангоми он тарафҳо кӯшиш менамоянд, ки ба якдигар зарба расонанд. Зимнан ҳар яке аз тарафҳои ҷанганда ғайриқонунӣ амал менамояд ва дар задухурду оқибатҳои он якхел гунаҳгор мебошанд. Илова бар ин, ҳар як иштирокчии задухурд ҳамчун ҳамлакунанда мақсаду асосҳои хешро, ки он бештар дар ҳиссиёти бадбинӣ, қаҳру ғазаб, ранҷиш, кинаву адоват ва кӯшиши лату куб намудани шахси дигар ё расонидани зарари сабук ба саломатии ӯ ифода меёбад, ба роҳбарӣ гирифта, амал менамояд. Дар чунин вазъият мудофиаи зарурӣ имконнопазир аст. Аммо ҳангоми задухӯрд мақсаду асосҳои ҳаракатҳои ашхоси дар он иштироккунанда метавонад тағйир ёбад ва ин омилҳои руҳӣ метавонад дар масъалаи ҳуқуқӣ рафтори тарафҳои даргирро тағйир диҳад. Дар ин ҷо ду вариант имконпазир аст.

Якумин дар он ҳолате ҷой дорад, ки яке аз тарафҳо ба қароре меояд, ки ба задухӯрд хотима диҳад. Чунин қарор метавонад таҳти таъсири дарки расидан ба мақсадҳои гузошташуда ва ё аз тарси зарари вазнин бардоштан ё ин ки бо сабаби тағйирёбии таносуби қувваҳо қабул гардад. Аммо дуюмин иштирокчии задухӯрд пешниҳоди тарафи дигарро оид ба хотима гузоштан ба муҳориба қабул накарда, онро бо вуҷуди даст кашидани тарафи дигар давом додан мегирад. Аз лаҳзаи даст кашидани яке аз тарафҳо аз давом додани муҳориба, задухӯрди мутақобила моҳиятан қатъ гашта, танҳо тарафи дигар ҳаракатҳои ба ҷамъият хавфнок содир менамояд ва ин асоси ҳуқуқӣ барои мудофиаи зарурӣ ба ҳисоб меравад. Агар баъди ин шахсе, ки аз давом додани задухӯрд даст кашида буд, ҳаракат содир намуда ҳуқуқ ва манфиатҳои худро аз расонидани зарар ҳимоя намояд, пас рафтори ӯ бояд ҳамчун мудофиаи зарурӣ баҳогузорӣ карда шавад.

Масалан, К. хост духтари нағздидаи худро тавассути боғ гусел намояд. Дар миёнаи боғ онҳоро гурӯҳе аз ҷавонон пайгирӣ намуданд, ки дар байни онҳо Г. низ буд, ки қаблан бо К. дар низои шахсӣ қарор дошт. Г. бо мушту лагат якчанд маротиба ба сару рӯйи К. зарба зад, ки дар натиҷа ва охирон низ ба ӯ якчанд зарбаи шабеҳ ворид намуда, дарҳол аз миёни ҷавонон канда шуда ба ҷониби нағздидааш шитофт. Ҷавонони ба шуромада ӯро дастгир намуда, аз пой ғалтонданд ва ба сару рӯи ӯ бо пойҳои худ зарба задан гирифтанд. К. зарбаҳои зиёдро таҳаммул накарда, аз ҷайбаш корди қаламтароширо бароварда бо он ба қафаси синаи Г. якчанд маротиба зарба мезанад, ки дар натиҷа ба саломатии ӯ зарари вазнин мерасонад. Суд кирдори К.-ро дар ҳолати мудофиаи зарурӣ содиршуда эътироф намуда, қарори худро бо он асоснок кард, ки бори аввал К. воқеан аз ҳаракатҳои ба ҷамъият хавфнок худдорӣ карда, аз давом додани муҳориба даст кашид, вале вақте, ки бори дуюм ба ӯ ҳамла намудан ӯ маҷбур шуд барои ҳимояи ҳаёт ва саломатии хеш аз мудофиаи зарурӣ истифода барад.

Варианти дуюм замоне ҷой дошта метавонад, ки дар ҷараёни задухӯрд яке аз тарафҳо нияту нақшаҳои худро тағйир дода, кӯшиш менамояд, ки ба тарафи дигар зарари вазнин расонад.

Дар вақти задухӯрди дуҷониба миёни П. ва Х. П., ки дар ҳолати мадҳушии спиртӣ қарор дошт, аз тарафи Х. дар рӯяш зарбаи сахт бардошт ва дарҳол Х.-ро аз пой афтонда, бо дастанони худ гардани ӯро зер карда ба буғӣ намудани ӯ пардохт. Фарзанди ноболиғи Х. вақте ки буғӣ шудани падарашро мебинад, дарҳол ба хона рафта, аз ошхона кордро гирифта ба ҷониби падараш мешитобад ва кордро дар дасти падараш мегузорад. Дар натиҷа охирон ба тарафи чапи қисми пеши қафаси синаи П. зарба зада, ба ӯ зарари вазнин мерасонад. Ҳолатҳои парванда аз он шаҳодат медиҳанд, ки задухӯрд байни тарафҳо дар

асоси розигии тарафайн дар заминаи баҳси ҷойдошта ба миён омадааст. Аммо дар ҷараёни задухӯрд, П. аз ҳаракатҳое ба кор бурд, ки ба маҳрум сохтани ҳаёти ҳарифи худ нигаронида шуда буданд ва маҳз ана ҳамин ҳолат ба Х. ҳуқуқ дод то аз мудофиаи зарурӣ истифода барад.

Шахсе, ки ба ҷараёни задухӯрд аз тарафи ташаббускори он пардохтааст ва ҳаракатҳои ӯ боиси марги инсон ва ё расонидани зарари вазнин ба саломатии тарафи дигари задухӯрд гардидааст, наметавонад кирдорҳои хешро бо мудофиаи зарурӣ рабт диҳад, ки гӯё ӯ дар ин сурат танҳо ба хотири ҳимояи ҳаёт ва саломатии ашхоси дигар амал намудааст.

Аммо чунин ҳолатҳоро набояд бо вазъияте монанд сохт, ки шахс қонунӣ ба задухӯрд шомил гардида, бо мақсади пешгирӣ намудани вайроншавии тартиботи ҷамъиятӣ, бидуни тарафдории иштирокчиёни задухӯрд ва ё барои рафъи таҷовуз аз тарафи ташаббускорони он амал менамояд.

Албатта, ҳаракатҳои шахсе, ки ба қасдан барангехтани иғвои таҷовуз алоқаманд мебошад ва он бо мақсади содир намудани ҳаракатҳои зиддиҳуқуқӣ – барпо шудани задухӯрд, ҳисоббаробаркунӣ ва ё қасдгирӣ содир карда мешавад, мудофиаи зарурӣ дониста намешавад.

Масалан, вобаста ба парвандаи Ибатуллина Раёсати Суди Олии ФР қайд намуд, ки дар ҳаракатҳои ӯ аломатҳои мудофиаи зарурӣ дида намешавад, чунки аз маводҳои парванда маълум мегардад, ки Ибатуллин дар ҳайъати гурӯҳ бо мақсади равшан намудани муносибатҳо бо тарафи муқобил дар ҳаракатҳои омодагӣ ба ҳодиса иштирок намудааст: ба хонаи ҷабрдида рафтааст, чароғҳои автомашинаашро тарзе даргирондааст, ки чашми одамони дар роҳ мунтазирро хира месозад, яроқ истифода мебарад. Дар натиҷаи кушодани оташ аз тарафи Ибатуллин яке аз ҳарифони тарафи муқобил зарари марговар дида, се нафари дигар зарари миёна бардоштанд.

Дар натиҷа, ҳангоми таҳлили шартҳои қонунӣ будани мудофиаи зарурӣ бояд масъалаи аз тарафи мудофиакунанда истифода гардидани ҳайвоноти хавфнок, бахусус сагҳои газанда мавриди баррасӣ қарор дода шавад. Мавзуи мазкур дар замони имрӯза бениҳоят актуалӣ гардидааст. Дар адабиёти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ масъалаи мазкур ба таври пурра ва ҳамаҷониба аз тарафи Домахин С.А. баррасӣ гардидааст, ки номбурда се варианти инкишоф ёфтани ҳодисаро дар чунин ҳолатҳо нишон додааст:

Ҳайвон аз тарафи соҳиби он ба сифати олоти таҷовуз истифода бурда мешавад;

Ҳайвон ба сифати чунин олот аз тарафи дигар шахс истифода бурда мешавад;

Ҳайвоне, ки ба дилхоҳ шахс тааллуқ дорад, бидуни таъсири инсон ҳамла менамояд.

Ба андешаи Домахин С.А. дар ҳолати аввал ҳимоя аз ҳайвони ҳамлакунанда, ки бо расонидани зарар ва ё нобуд кардани ҳайвон хотима меёбад, ба расонидани зарари молу мулкӣ алоқаманд буда, бояд ҳамчун ҳимоя аз таҷовузи худи соҳибмулк баррасӣ шуда, тибқи қоидаҳои мудофиаи зарурӣ баҳогузорӣ шавад. Дар ҳолатҳои дуюм ва сеюм ҳимоя аз ҳайвони ҳамлакунанда бояд тибқи қоидаҳои зарурати ниҳоӣ баррасӣ шавад, на мудофиаи зарурӣ, чунки худи соҳибмулк дар таҷовуз ширкат намекунад ва барои ҳамин ҳам ба ӯ зарар расонида намешавад.

Вобаста ба масъалаи мазкур Попов А.Н. нуқтаи назари дигар дорад. Ӯ менависад, ки «новобаста ба он ки саг бо ташаббуси худ ҳамла намудааст ва ё бо таъсири ашхоси дигар, касе, ки сагро ба қатл мерасонад, дар ҳолати мудофиаи зарурӣ қарор надорад». Ӯ чунин бурҳон пешниҳод мекунад, ки саг – ин танҳо олоти ҷиноят мебошад ва нобуд кардани он мудофиаи зарурӣ ба ҳисоб намеравад, зеро ҳолати мудофиаи заруриро танҳо кирдори одамон ба вуҷуд оварда метавонад.

Дар ин ҷо аз тарафи Попов А.Н. фаҳмиши маҳдуд ва танги кирдори инсон истифода бурда мешавад. Кирдори инсон (бахусус кирдори гунаҳгоронаи ӯ) – ин на танҳо фаъолияти ҷисмонӣ ва ҳаракати узвҳои бадани худи ӯ, балки аз тарафи ӯ истифода гардидани олотҳои гуногун, ҳайвонот ва ҳато қувваҳои табиатро низ дар бар мегирад. Моҳияти кирдори ба ҷамъият хавфнок ва гунаҳгоронаи инсон дар робита ба истифода шудан ва ё нашудани олот, предмет ва ҳайвонот барои расидан ба натиҷаҳои он тағйир намеёбад.

Аз ин ҷо куштан ва ё маъюб кардани ҳайвоне, ки аз тарафи соҳибмулк ва ё дигар ашхоси имконияти идора намудани онро дошта, ба сифати олоти таҷовузи ба ҷамъият хавфнок истифода бурда мешавад, бояд тибқи қоидаҳои мудофиаи зарурӣ баррасӣ карда шавад. Зараре, ки ба ҳайвоноти аз тарафи инсон ромнашаванда ва ё идоранашаванда ҳангоми ҳамлаи онҳо ба одамон расонида мешавад, бояд ҳамчун ҳолати зарурати ниҳоӣ баҳогузорӣ карда шавад.

Вобаста ба ин гумон аст, ки ба кормандони милитсия тавсия дода шавад, то нисбати соҳибони саг ва дигар намуди ҳайвонот, ки онҳоро барқасдона бо мақсадҳои ҷиноятӣ истифода мебаранд, ба кор бурда шавад. Расонидани зарар ба соҳибони сагҳо ва дигар ҳайвонот дар ин ҳолатҳо бидуни бартараф намудани хатари бевосита аз тарафи ҳайвонот, моҳиятан қасосеро мемонад, ки нисбати соҳиби саг барои рафтори ба ҷамъият хавфноки пештар содирнамудаи ӯ, содир карда мешавад. Вобаста ба бартараф намудани хатари ҳайвоноте, ки аз тарафи соҳибонашон бо мақсадҳои ҷиноятӣ барангехта мешаванд, кормандони милитсия (ва шаҳрвандон) барои дастгир намудани ашхоси ҷиноятқор асосҳои кофӣ доранд.

Шарти дуюми қонунӣ будани мудофиаи зарурӣ, ки ба таҷовуз мансуб мебошад – нақдияти он мебошад. Аломати нақдияти таҷовуз доираи замони содиршавии он, яъне лаҳзаи оғоз ва анҷоми худи таҷовузи ба ҷамъият хавфнокро, ки дар доираи он мудофиаи зарурии қонунӣ имконпазир мебошад, муайян менамояд.

Назаряи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва таҷрибаи судӣ чӣ таҷовузи бевосита дар оянда рухмедода ва чӣ амалигардидаистода, вале хотиманаёфта ва ё хотимаёфта, вале барои мудофиакунанда лаҳзаи хотимаёбии он номуайянро, таҷовузи воқеан ҷойдошта мешуморад.

Попов А.Н. имконпазирии мавҷудияти мудофиаи заруриро дар марҳилаи тайёрӣ ба ҷиноят инкор накарда, қайд менамояд, ки он метавонад дар марҳилаи ба ном тайёрии «ниҳоӣ» ҷой дошта бошад.

АДАБИЁТ

1.Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009, № 564.
2.Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998.
3.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи силоҳ» 19 марти соли 2013, № 939.
4.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» аз 25 июли соли 2005, № 102.
5.Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе,2006.
6. Комментарий к УК РФ Отв. Ред. А.И. Бойко. Ростов-па-Дону, 1996.
7. Комментарий к УК РФ. Общая часть I Под ред. О.Ф. Скуратова и В.М.Лебедева. М. 1996. С. 180.
8. Сборник постановлений Пленума Верховного Суда СССР. 1924-1977. М., 1981. Ч. 2. С. 362.
9. Сборник постановлений Пленумов Верховных Судов СССР и РСФСР (РФ) по уголовным делам. М., 1997. С.568.
10. Ахметшин Х.М. Обстоятельства, исключающие общественную опасность и противоправность деяния. М., 1958.
11. Берлин А.А. Право необходимой обороны. Ярославль, 1911.
12. Блинников В.А. Обстоятельство, исключающее преступность деяния, в уголовном праве России. Ставрополь, 2001.

ШАРТҲОИ ҚОНУНӢ БУДАНИ МУДОФИАИ ЗАРУРӢ

Дар мақолаи мазкур яке аз ҳолатҳое ки ҷиноят будани кирдорро истисно мекунад, яъне, шартҳои қонунӣ будани мудофиаи зарурӣ таҳлил гардидааст. Дар асоси омӯзиши адабиётҳои илмӣ, ки ба масоили мазкур бахшида шудааст, инчунин сохти моддаи 40 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муаллиф ба хулосае омадааст, ки қонунгузор ҳангоми тарҳрезии шартҳои қонунӣ будани мудофиаи зарурӣ, баъзе норасоиро ба вуҷуд меовард, ки метавонад дар татбиқи ин меъёр мушкилоти зиёд ба бор орад. Вобаста ба ин, мафҳуми мазкур, аз нуқтаи назари муаллиф, ба таҳлилу такмил ниёз дорад.

КАЛИДВОЖАҲО: худмудофиакунанда, ҷиноят, зиддиҳуққӣ, мудофиаи зарурӣ, зарурати ниҳоӣ, зиддиҷамъиятӣ.

УСЛОВИЯ ЗАКОННОСТИ НЕОБХОДИМОЙ ОБОРОНЫ

В данной статье анализируется один из случаев, исключающий преступность деяния, а именно условия законности необходимой обороны. На основе изучения научной литературы, посвященной данным вопросам, а также структуры статьи 40 Уголовного кодекса Республики Таджикистан, автор приходит к выводу, что

законодатель при конструировании условий законности необходимой обороны допускает некоторые недостатки, которые могут создать множество трудностей при реализации данной нормы. В связи с этим данное понятие, с точки зрения автора, нуждается в анализе и совершенствовании.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: самооборона, преступление, противоправность, необходимая оборона, крайняя необходимость, антиобщественный.

CONDITIONS OF LEGALITY OF NECESSARY DEFENSE

This article analyzes one of the cases that excludes the criminality of an act, namely the conditions of legality of necessary defense. Based on the study of scientific literature devoted to these issues, as well as the structure of Article 40 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan, the author comes to the conclusion that the legislator, when constructing the conditions of legality of necessary defense, allows for some shortcomings that can create many difficulties in the implementation of this norm. In this regard, this concept, from the author's point of view, needs to be analyzed and improved.

KEYWORDS: self-defense, crime, illegality, necessary defense, extreme necessity, antisocial.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Турахонова Шукрона Ойбековна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси 2 – юми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **555-29-65-65.**

Сведения об авторе: ***Турахонова Шукрона Ойбековна*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **555-29-65-65.**

Information about the author: ***Turakhonova Shukrona Oibekovna*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **555-29-65-65.**

МАФҲУМ ВА АЛОМАТҲОИ ХУДҲИМОЯКУНИИ ҲУҚУҚҲОИ МАДАНӢ

Умедҷони Ҷ.Т.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мувофиқи моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ эълон карда шуданд ва ба давлат вазифаи эътироф, риоя ва ҳимояи онҳо вогузор карда шудааст. Аммо ба ғайр аз давлат, тибқи моддаи 42 Конститутсияи Тоҷикистон, чунин имконият ба шахс низ дода шудааст, зеро ҳар кас ҳуқуқ дорад ҳуқуқ ва озодиҳои худро бо ҳама роҳҳое, ки қонун манъ накардааст, ҳимоя кунад. Ин муқаррарот ба муқаррароти ҳуҷҷати ҷамъбастии мулоқоти Вена намояндагони давлатҳои иштирокчии Машварати амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо мувофиқат мекунад. Ҳамин тариқ, муқаррароти конститутсионӣ ва байналмилалӣ, аз як тараф, ба ҳифзи давлатии ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон нигаронида шудаанд, аммо дар айни замон ташаббуси худро барои истифодаи фаъолонаи амалҳои қонуние, ки ба ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои онҳо нигаронида шудаанд, ташвиқ мекунанд.

Низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки аз ҷониби давлат ҳифз карда мешаванд, хеле васеъ буда, на танҳо ҳуқуқу озодиҳон конститутсионӣ, балки ҳуқуқу озодиҳои муқаррарнамудаи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро низ фаро мегирад. Ҳамин тавр, меъёрҳои қонунгузории маданӣ озодии рафторро барои субъектҳои ваколатдор муқаррар мекунанд, ки аз ҷумла имконияти ҳимояи ҳуқуқҳои вайроншудаи худро пешбинӣ мекунанд. Дар доираи ҳуқуқи маданӣ (моддаи 14 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон) худҳимоякунии имконияти субъектҳоро барои мустақилона вокуниш ба амалҳои ғайриқонунии тарафи дигар ифода мекунад. Истифодаи ин усули ҳимоя шахсеро, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои муҳофизаткунандаро поймол мекунад, аз ҷавобгарӣ барои зарари расонидашуда озод мекунад.

Номи моддаи 14 Кодекси мадании ҶТ (худҳимоякункии ҳуқуқҳои маданӣ) аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ дар қонунгузорӣ иҷозат дода шудааст, аммо бояд қайд кард, ки дар ин ҳолат сухан дар бораи ҳифзи онҳо низ меравад. Мафҳумҳои “ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ” ва «ҳифзи ҳуқуқҳои маданӣ» аксар вақт баробар карда мешаванд, гарчанде ки онҳо маънои гуногун доранд. Ҳимояи ҳуқуқҳо дар таълимот, чун қоида, ҳамчун “маҷмуи амалҳое, ки ба пешгирӣ ва бартарафкуниивайронкунии ҳуқуқҳои субъективии маданӣ, инчунин таъминибарқарорсозии вазъи пеш аз вайрон кардани ҳуқуқ равона шудаанд” шарҳ дода мешавад.

Моддаи 14 КМ ҶТ ҳуқуқи истифодаи институти худҳимоякунии ҳуқуқро дар сурати мавҷуд будани шартҳои зерин дар маҷмуи онҳо медиҳад:

1) мавҷудияти вайрон кардани ҳуқуқ ё имконияти (хатари) вайрон кардани он;
2) мавҷудияти зарурати пешгирии (огоҳӣ) вайронкунӣ;
3) татбиқи чораҳои мувофиқ ба хусусият ва мазмуни ҳуқуқвайронкунӣ.

Аз рӯйи маънои моддаҳои 1 ва 14 Кодекси мадании ҶТ, худҳимоякунии ҳуқуқҳои маданӣ метавонад, аз ҷумла, дар таъсири шахс ба молу мулки худ ё моликияти қонунии ӯ ифода карда шавад. Худҳимоякунӣ, инчунин, метавонад аз таъсир расонидан ба амволи ҳуқуқвайронкунанда иборат бошад, агар он аломатҳои мудофиаи заруриро дошта бошад ё дар ҳолати ниҳоят зарурӣ содир карда шуда бошад.

Ҳангоми муайян кардани ҳудуди худҳимоякунӣ бояд се меъёри асосӣ риоя карда шаванд: Якум, баҳодиҳии муносиби амалҳои ҳуқуқвайронкунанда; дуюм, таносуби байни неъматҳои моддӣ ва ғайримоддии вайроншаванда ва муҳофизатшаванда муайян карда мешавад; сеюм, амалҳои худи шахси ваколаТдор баҳо дода мешаванд. Меъёрҳои якум ва дуюми номбаршуда бевосита аз маънои моддаи 14 КМ ҶТ, ки нишон медиҳад, ки вайрон кардани марзҳои чунин амалҳо, ки пеш аз ҳама барои пешгирии вайронкунӣ заруранд, ғайриқобили қабул аст. Маҳз бо ин мақсад арзёбии ҳамаҷонибаи амалҳои ҳам ҳуқуқвайронкунанда ва ҳам ваколатдор амалӣ карда мешавад.

Дар мавриди меъёри дуюм, дар ин ҷо таносуби неъматҳои муҳофизатшаванда ва

вайроншаванда баҳо дода мешавад. Аз рӯйи маънои қисми 2 моддаи 14 КМ ҶТ роҳҳои худҳимоякунӣ бояд ба вайроикунӣ мутаносиб бошанд ва аз доираи амалҳои зарурӣ барои пешгирии он берун нараванд. Нишондиҳандаи аз ҳадди мудофиаи зарурӣ зиёд шудани номувофиқатии воситаҳои ҳимоя аз як тараф, ҳам дараҷа ва ҳам хусусияти хатар, қувва ва имкониятҳои муҳофизаткунанда аз тарафи дигар мебошад. Дар ин ҳолат, зиёдравӣ метавонад дар фаъолияти аз ҳад зиёди истифодаи воситаҳои мудофиавӣ ва шитобкории зиёдатӣ ифода ёбад. Мисоли дигар: татбиқи мудофиаи зарурӣ, агар ҳамла аллакай ба охир расида бошад ва касе, ки мудофиа мекунад, дигар ҳеҷ чизро таҳдид намекунад.

Аз нуқтаи назари ҳуқуқи маданӣ, оқибати амал дар ҳолати мудофиаи зарурӣ озод шудан аз ҷавобгарӣ мебошад. Дар сурати аз ҳадди мудофиаи зарурӣ зиёд шудан, зарар бояд ҷуброн карда шавад, агар бо назардошти он, ки ба ҳуқуқҳои аз ҳад зиёд таҷовуз карда шудааст, зеро сухан дар бораи амалҳои ғайриқонунӣ меравад.

Ҳамин тавр, таносуби неъмтҳои моддӣ бо роҳи чен кардани арзиши онҳо муайян карда мешавад. Дар навбати худ, неъматҳои ғайримоддӣ (ҳаёт, саломатӣ ва ғайра) нисбат ба молҳои моддӣ арзиши бсштар доранд. Аз ин рӯ. ҳангоми расонидани зарар ба ҳаёт, саломатии инсон бо мақсади ҳифзи моликият, чун қоида, аз ҳадди худмуҳофизат зиёд будани он қайд карда мешавад.

Меъёри сеюм самти умумии худмуҳофизатро дар ҳуқуқи маданӣ нишон медиҳад: татбиқи ҳуқуқҳои шахрвандӣ дар марзҳои муайянкардаи меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ, роҳ надодан ба сӯиистифода аз ҳуқуқ, риояи тартиби ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ.

Ҳамин тариқ, ҳангоми муайян кардани худмуҳофизати қонунӣ ба шартҳои дар моддаи 14 КМ ҶТ муқарраршуда боз ду шарт илова кардан лозим аст: дар бораи роҳ надодан ба сӯиистифода аз ҳуқуқ ва зарурати риояи тартиб (пайдарпаии) ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ.

Интихоби амалҳои мушаххаси худҳимоякунӣ аз ҳолатҳое вобаста аст, ки онҳо метавонанд анҷом дода шаванд. Ин метавонад ҳолати фавқулода ё истисноӣ бошад, ки истифодаи ягон воситаи дигари ҳуқуқӣ ғайриимкон аст (масалан, ин амалҳо дар шароити ниҳоят зарурӣ анҷом дода мешаванд) ё ин метавонад вазъияти муқаррарии зиндагӣ бошад, ки истифодаи воситаҳои ҳуқуқиро дар назар надорад ва татбиқи қадамҳои пешгирикунандаро, ки ба истисно кардани эҳтимолияти вайронкунӣ нигаронида шудаанд, пешбинӣ мекунад (насб кардани панҷараҳо дар тирезаҳо, пайваст кардани сигнализатсияи муҳофизатӣ, таъсиси сагҳои посбонӣ, тамғагузории чорво, фардикунонии (тамғагузории) варзишӣ ва ғайра)

Дар таълимоти тамаддунӣ усулҳои худҳимоякунӣ инҳоянд: барқарор кардани вазъи пеш аз вайрон кардани ҳуқуқ мавҷудбуда; пешгирии амалҳое, ки ҳуқуқро вайрон мекунад ё таҳдиди вайрон кардани онро ба вуҷуд меоранд; қатъ ё тағйир додани муносибатҳои ҳуқуқӣ; даст кашидан аз иҷрои созишномаи ночиз, чораҳои таъсири фаврӣ, инчунин амалҳо дар ҳолати мудофиаи зарурӣ ва зарурати ниҳоӣ”. Қайд кардан муҳим аст, ки худҳимоякунии ҳуқуқҳои маданӣ аз рӯйи принсипи диспозитивӣ амалӣ карда мешавад ва азбаски дар қонунгузории маданӣ номгӯйи усулҳои худҳимоякунӣ пурра нест, шахс имконият дорад, ки ҳама гуна усули худмуҳофизати ҳуқуқҳоро, ки ба КМ ҶТ мухолифат намекунад, истифода барад.

Илова бар ин, моҳияти чораҳои мудофиаи зарурӣ ва зарурати ниҳоӣ дар тартиби худҳимоякунии ҳуқуқҳои маданӣ аз тадбирҳои шабеҳи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва маъмурӣ хеле васеътар аст.

АДАБИЁТ

1 Конститутсияи Ҷумхурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. - Душанбе, 2016. - 64 с.

2 Итоговый документ Венской встречи 1986 года представителей государств-участников Совещания по безопасности и сотрудничеству в Европе, состоявшейся на основе положений Заключительного акта, относящихся к дальнейшим шагам после Совещания. (Полписан в г. Венё 15.01.1989) [Электронный ресурс]. Доступ из справ.-правовой системы < КонсультантПлюс».

3 Полатов Ю.Д., Мкртчян А.Р. Теоретические аспекты самозащиты субъективного гражданского права. / Ю. Д. Полатов, А. Р. Мкртчян. // Современное право. 2015. № 8. С. 63-64.

4 Гражданский кодекс Российской Федерации. Постатейный комментарий к главе. ч 1 - 5 / Л. В.
5 Барков, А. В. Габов, В. Г. Голубцов и лр.: под ред. Л. В. Санниковой. М.; Статут, 2015. - С. 85.
6 Уздимаева Н. И. Право на самозашиту и механизм его реализации: монография / Н. И. Уздимаева; науч. ред. д-р юрид. наук проф. Н. И. Матузов. Саранск: Изд-во Мордов. ун-та, 2С15. - С. 126.

МАФҲУМ ВА АЛОМАТҲОИ ХУДҲИМОЯКУНИИ ҲУҚУҚҲОИ МАДАНӢ

Дар мақола мафҳуми "худмуҳофизати ҳуқуқҳои маданӣ" васеътар буда, намудҳо, аломатҳои худмуҳофизатӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, ки дар ин замина олимони рус ба монанди Г.А. Свердлик ва Э.Л. Страунинг ақидаҳои худро баён намудаанд. Мо баъзе асарҳои илмиро омӯхтем, мақолаҳои дигарро дар ин мавзуъ хондем ва ақидаҳоро дар бораи ин ё он нуқта ҷамъбаст кардем ва аҳаммияти ҳимояи ҳуқуқҳои вайроншударо таъкид кардем. Инчунин, дар мақола фарқияти мафҳумҳои "ҳифз" ва "ҳимоя" - и ҳуқуқҳои маданӣ оварда шудааст.

КАЛИДВОЖАҲО: худмуҳофизати ҳуқуқҳо, ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ, роҳҳои ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ.

ПОНЯТИЕ И ПРИЗНАКИ САМОЗАЩИТЫ ГРАЖДАНСКИХ ПРАВ

В статье рассматривается понятие «самозащита гражданских прав» в более широком смысле, рассматриваются виды и признаки самозащиты, на основе которых высказывали свои взгляды такие российские ученые, как Г.А. Свердлик и Э.Л. Штраунинг. Мы изучили некоторые научные труды, прочитали другие статьи по данной теме, обобщили мнения по тому или иному вопросу, подчеркнули важность защиты нарушенных прав. Также в статье представлено различие понятий «защита» и «охрана» гражданских прав.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: самозащита прав, защита гражданских прав, способы защиты гражданских прав.

THE CONCEPT AND SIGNS OF SELF-DEFENSE OF CIVIL RIGHTS

The article examines the concept of "self-defense of civil rights" in a broader sense, examines the types and characteristics of self-defense, on the basis of which such Russian scientists as G.A. Sverdlik and E.L. Strauning expressed their views. We studied some scientific works, read other articles on this topic, summarized opinions on this or that issue, emphasized the importance of protecting violated rights. The article also presents the difference between the concepts of "defense" and "protection" of civil rights.

KEYWORDS: self-defense of rights, protection of civil rights, methods of protecting civil rights.

Маълумот дар бораи муаллиф: **Умедчони Ҷ.Т.** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси 2 – юми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

Сведения об авторе: **Умедджони Дж.Т.** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

Information about the author: **Umedjoni J.T**.– Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ЗАМИНҲОИ ТАЪИНОТИ КИШОВАРЗӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Ҳасани Н.Р.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Тибқи муқарароти Қонуни Асосии кишвар замин, сарватҳои зеризаминӣ, обу фазои ҳавоӣ ва олами набототу ҳайвонот моликияти истисноии давлат аст. Онро давлат ба манфиати халқ истифода мебарад. Замин ба кулли мардуми кишвар тааллуқ дорад. Чӣ тавре ки мо медонем, аксарияти аҳолии мамлакатамон дар деҳот зиндагонӣ мекунанд (5,7 млн. нафар, ё 73,6 фоизи аҳолии кишвар). Замин аз манбаҳои асосии зиндагигузаронӣ маҳсуб мегардад. Аз қабили чунин заминҳо заминҳои таъиноти кишоварзӣ мебошад.

Ҳама соҳаҳо тавассути санадҳову меъёрҳо ва қонунҳои амалкунанда танзим карда мешаванд. Танзимот сабаб мегардад, ки рушду инкишофи дилхоҳ соҳа таъмин гардад. Соҳаи кишоварзӣ ва заминҳои таъиноти кишоварзидошта низ истисно нест.

Заминҳои таъиноти кишоварзӣ танзими ҳуқуқии хешро дар қонуну кодексҳои амалкунанда, ба мисли Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (2023), Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон (2016), қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими давлатии ҳосилхезгардонидани заминҳои таъиноти кишоварзӣ» (2016) ва консепсияву барномаҳои мухталиф, амсоли Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон (31 декабри соли 2008 № 658), Барномаи ислоҳоти кишоварзӣ барои солҳои 2012-2020, Барномаи рушди боғу токзор барои солҳои 2025-2029 ва 11 барномаи дигар ёфтаанд.

Зери мафҳуми заминҳои таъиноти ҳуқуқӣ тамоми заминҳое фаҳмида мешаванд, ки барои эҳтиёҷоти кишоварзӣ истифода гашта, ба қатори ин навъ заминҳо заминҳои корам, дарахтони бисёрсола, чарогоҳҳо ва заминҳое, ки дар он инфрасохторҳои гидроэнергетикӣ мавҷуд аст шомил аст.

Заминҳои таъиноти кишоварзӣ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ тааллуқ доранд. Он аз ҷониби давлат барои ба роҳ мондани истеҳсолоти кишоварзӣ, боғдорию полезикорӣ, токпарварию зотпарварӣ, таҳқиқоти илмӣ ва ҳоказо дода мешавад. Айни ҳол дар заминаи қонунҳои амалкунанда заминҳои таъиноти кишоварзӣ ба хоҷагиҳои деҳқонӣ, шаҳрвандон, коллективҳо ва донишгоҳу пажуҳишгоҳҳо дода мешавад.

Тибқи тартиби муқарранамудаи Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» (2004. №23) қитъаи муайяни замин ба шаҳрвандони Тоҷикистон, ки мақсади ташкили хоҷагии деҳқониро доранд, дода мешавад. Хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) гуфта, субъекти соҳибкорие дар назар аст, ки дар он истеҳсол, коркард, нигоҳдорӣ ва фурӯши маҳсулотҳои кишоварзӣ ба амал омада, онро як нафар ё гурӯҳи шахсони воқеӣ дар қитъаи муайян таъсис медиҳанд. Қитъаи заминҳои таъинотҳои кишоварзӣ ба хоҷагиҳои деҳқонӣ якумра ва меросӣ дода мешавад. Масоҳати онро қонунҳои дахлдор муайян менамояд.

Қитъаи замини наздиҳавлигӣ ба шаҳрвандон дар заминаи ваколатҳо, аз тарафи раиси ноҳия, шаҳрҳо, вилоятҳо ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад. Масоҳати заминҳои таиноти мазкур гуногун буда, аз 0.12 гектар то 0.40 гектарро фаро гирифта метавонад. Он тартиби ба худ хос дорад. Агар фонди заминҳои наздиҳавлигӣ мавҷуд бошад, шаҳрвандони Тоҷикистон метавонанд бо роҳи муроҷиат ба мақомоти иҷроияи маҳаллӣ соҳиби он гарданд. Агар фонди заминҳои таъиноти мазкур мавҷуд набошад, масъулон (раисони ноҳияҳо, шаҳрҳо) метавонанд аризанавистагонро тартиби махсус дода,аз мақомоти боло дархости онро намоянд. Ба як оила ду маротиба қитъаи замин дода намешавад, ба истиснои он ки ҷудосозии оилаҳо ба миён наояд. Мо шоҳиди он ҳастем, ки заминҳои наздиҳавлигиро аҳолии мамлакат баҳри пешбурди зиндагӣ бараъло истифода мебаранд. Аз заминҳои наздиҳавлигӣ то 3-4 маротиба ҳосил мерӯёнанд.

Додани заминҳои кишоварзӣ барои боғдорию полезикорӣ ба коллективҳо низ имконпазир аст. Он ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дода мешавад. Он мутобиқи тартиб 0.06 гектар ба сари ҳар аъзои колектив дода мешавад.

Иҷораи заминҳои таъиноти кишоварзиро Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим медарорад. Зеро миёни иҷорагир ва иҷорадеҳи заминҳои таъиноти кишоварзӣ, муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ ба миён меояд.

Субъектҳои муносибатҳои мазкур давлат, шахсони ҳуқуқӣ, шахсони воқеӣ, ташкилотҳои байналхалқӣ, корхонаҳои муштарак ва шаҳрвандони хориҷӣ буда метавонанд. Баъди бастани шартнома (ба шакли хаттӣ) уҳдадориҳои ду тараф муайян мешавад. Аз уҳдадориҳои муҳимми иҷорадеҳ ин аст, ки замини таъиноти кишоварзиро дар ҳолате ба иҷорадеҳ супорад, ки бо талаботҳои шартнома мутобиқ бошад ва харақоти сарфкардаашро ҷуброн намояд. Уҳдадориҳои асосии иҷорагир инҳо шуда метавонанд:

-заминро истифода кунад;

-барои беҳтар намудани ҳолати замин чораҳои мухталифи зарурӣ андешад;

-баъди анҷоми шартнома заминро дар ҳолати лозимӣ супорад.

Барномаҳои рушди соҳаҳои мухталифи амалкунанда ба он сабаб гашта истодаанд, ки соҳаҳои мухталифи кишоварзӣ якчанд дастовардоҳоро ноил гарданд. Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёми хеш иброз доштанд, ки бо сабабҳои тағйир ёфтани сиёсати байналмилалӣ, афзоиши аҳолӣ, тағйиёбии иқлим, аз ҷумла офатҳои табиӣ (хушксолии пайиҳам, обхезӣ ва камобӣ), талабот ба маҳсулотҳои кишоварзӣ сол то сол меафзояд. Лозим дониста шуд, ки барои расидан ба амнияту истиқлолияти озуқаворӣ қадамҳои ҷиддӣ ва устуворона гузорем.

Аз нукоти Паёми Сарвари мамлакат ба мо маълум гашт, ки соҳаи кишоварзӣ пешравӣ кардааст. Аз ҷумла нишон дода шуд, ки баъзе маҳсулотҳои соҳаи кишоварзӣ ба мисли картошка (122 фоиз), сабзавот (174 фоиз), пиёз (527 фоиз), сабзӣ (360 фоиз), полезӣ (312 фоиз), гӯшт (100 фоиз) ва шир (100 фоиз) барзиёд аз меъёри истеъмолӣ пурра таъмин шудааст.

Вале новобаста ба ин нишондодҳо, танзими дурусти ҳуқуқии заминҳои таъиноти кишоварзӣ муҳимият дорад. Қонунҳову барномаҳои ҷорӣ дар сатҳи зарурӣ амалӣ намегарданд. То ба ҳол заминҳои кишоварзии қобили истифода коркард намешаванд ва заминҳои ғайрикишоварзӣ низ зиёд аст. Масъулияти хешро баъзе масъулону кишоварзон дарк накарданд. Иҷро накардани уҳдадорию вазифаҳои мансабӣ ва истифодаи нодурусти заминҳои таъиноти кишоварзидошта тибқи қонунгузории мамлакат ҷурм дониста шудааст. Масалан, тибқи муқаррароти Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон бесабаб истифода накардани қитъаи замин мувофиқи моддаи 156 аз 2 то 40 нишондиҳанда ҷарима таин карда мешавад.

АДАБИЁТ

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. 2016
2. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2023
3. Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2016
4. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2024
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими давлатии ҳосилхезгардонидани заминҳои таъиноти кишоварзӣ». 2016
6. Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон (31 декабри соли 2008 № 658.

ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ЗАМИНҲОИ ТАЪИНОТИ КИШОВАРЗӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Кишоварзӣ ва истифодаи оқилонаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ яке аз бахшҳои такондиҳандаи иқтисоди Тоҷикистон ва сатҳи иҷтимоии аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Таъмини истиқлолияту амнияти озуқаворӣ ва таъмини мардум ба ҷойи корӣ аз рушди ҳамин соҳа вобаста аст. Дар низоми қонунгузории мамлакат бобати танзими ҳуқуқии заминҳои таъиноти кишоварзӣ диққати махсус дода шудааст.

КАЛИДВОЖАҲО: заминҳои таъиноти кишоварзӣ, хоҷагии деҳқонӣ, мерос, шахсони воқеӣ, шахсони ҳуқуқӣ, муасисаҳои татқиқоти илмӣ, заминҳои наздиҳавлигӣ.

ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННЫХ ЗЕМЕЛЬ В ТАДЖИКИСТАНЕ

Сельское хозяйство и рациональное использование земель сельскохозяйственного назначения является одной из важнейших отраслей экономики Таджикистана и социального уровня населения. От развития этого сектора зависит обеспечение продовольственной независимости и безопасности, обеспечение людей рабочими местами. В законодательной системе страны особое внимание уделяется правовому регулированию земель сельскохозяйственного назначения.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: земли сельскохозяйственного назначения, фермерское хозяйство, наследие, физические лица, юридические лица, научно-исследовательские учреждения, приусадебные земли.

LEGAL REGULATION OF AGRICULTURAL LANDS IN TAJIKISTAN

Agriculture and the rational use of agricultural land are one of the most important sectors of the economy of Tajikistan and the social level of the population. The development of this sector is essential to ensuring food independence and security, and providing people with jobs. In the country's legislative system, special attention is paid to the legal regulation of agricultural land.

KEYWORDS: agricultural lands, farms, heritage, individuals, legal entities, research institutions, household lands.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҳасани Назар Раҳимзода*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ,17.

Сведения об авторе: ***Хасани Назар Рахимзода*** – Таджикский национальный университет, магистр юридического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17.

Information about the author: ***Hasani Nazar Rahimzoda*** – Tajik National University, master`s student of the Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

ФАЪОЛИЯТИ СОЗМОНҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МИНТАҚАВӢ ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ҳошимзода М.Д.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳамкориҳои худро на танҳо бо СММ, балки бо дигар созмонҳои байналмилалии минтақавӣ, ба мисли Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Иттиҳоди Аврупо, Созмони Ҳамкориҳои Шанхай ва ғайра ба роҳ мондааст.

Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил декабри соли 1991 бо мақсади мусоидат ба раванди ҳалли масъалаҳои муҳимтарин дар марҳилаи ташаккули давлатҳои мустақил ва ҳифзи робитаҳои таърихии онҳо таъсис дода шуд. Иттиҳод (ИДМ) дар марҳилаи кунунӣ ба сифати фазои мусоид ҷиҳати таҳкими муколамаҳо байни кишварҳои узв, роҷеъ ба муҳокимаю баррасии масоили сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва гуманитарӣ фаъолият мекунад.

8 декабри 1991 дар Вискул, иқоматгоҳи ҳукумати Беларус дар «Беловежская Пуща» роҳбарони давлатҳои Беларус, Русия ва Украина Созишнома дар бораи таъсиси Иттиҳоди давлатҳои мустақилро ба имзо расониданд.

21 декабри 1991 дар Алмато (Қазоқистон) ба ғайр аз Гурҷистон ва кишварҳои соҳили Балтик, роҳбарони 11 давлати соҳибистиқлол Протоколи Созишномаи мазкурро ба имзо расониданд, ки дар он таъкид гардидааст: Ҷумҳурии Озарбойҷон, Ҷумҳурии Арманистон, Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Молдова, Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Туркманистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Украина «бар мабнои баробарҳуқуқӣ ва ҳамчун Тарафҳои Мувофиқ Иттиҳоди давлатҳои мустақилро таъсис медиҳанд». Дар он марҳила, ҳамчунин, Эъломияи Алмато қабул гардид.

ИДМ дар асоси Оинномаи аз ҷониби Шурои сарони давлатҳо 22 январи соли 1993 қабул гардида, амал менамояд.

24 марти соли 1994 тибқи қатъномаи 48/237 Ассамблеяи генералии СММ Иттиҳоди давлатҳои мустақил ба ҳайси нозир пазируфта шуда, 3 августи соли 1994 мувофиқи моддаи 102 Оинномаи СММ, Оинномаи ИДМ ҳамчун созишномаи байналмилаии бисёрҷониба дар Котиботи СММ ба қайд гирифта шуд. Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ҳамчун созмони минтақавии байналмилалӣ эътироф гардида, дар ҳамоишҳои бузурги сатҳи байналмилалӣ иштироки фаъол дорад.

Ҳамкорӣ дар доираи Иттиҳод тавассути мақомоти оинномавии он, аз ҷумла, мақомоти олии Шурои сарони давлатҳо, Шурои сарони ҳукуматҳо ва Шурои вазирони корҳои хориҷӣ ба роҳ монда шудааст. Қароргоҳи Кумитаи иҷроияи ИДМ дар ш.Минск ва шуъбааш дар ш. Москва ҷойгир шудаанд.

Дар қатори мақомоти дар боло зикргардида, дар ИДМ зиёда аз 70 сохтори соҳавӣ вуҷуд доранд, ки робитаҳои муштараки давлатҳои узвро дар соҳаҳои муҳими фаъолияти ИДМ ҳамоҳанг менамоянд.

Мувофиқи Оинномаи ИДМ ҷаласаҳои мақомоти олии Иттиҳод - шуроҳои сарони давлатҳо, сарони ҳукуматҳо ва шурои вазирони корҳои хориҷӣ мунтазам на камтар аз ду маротиба дар як сол баргузор мегарданд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз марҳилаи аввали таъсисёбии Иттиҳоди давлатҳои мустақил, узви комилҳуқуқи он буда, усул ва санадҳои появии онро эътироф менамояд ва мушорики фаъоли равандҳои ҳамгироӣ мебошад.

Дар сиёсати хориҷии хеш, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди устувори муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷониба бо давлатҳои узви ИДМ аҳаммияти вижа медиҳад. Аз замони таъсиси Иттиҳод, давлатҳои узв пояи устувори ҳуқуқӣ ташкил додаанд, ки имкони дар фосилаи кӯтоҳ аз бухрони системавӣ баромадан ва сабаби рушди иқтисод ва тавсеаи савдои мутақобиларо фароҳам намуд.

Дар доираи ИДМ Тоҷикистон тақрибан 2 ҳазор санади қабулшударо ба имзо расонидааст, ки шумораи умумии он то имрӯз қариб 3 ҳазорро ташкил медиҳад. Аз он санадҳо қарорҳои Шурои сарони давлатҳо - 400, Шурои сарони ҳукуматҳо - зиёда аз 1000 ва Шурои вазирони корҳои хориҷӣ - 200 ададро ташкил медиҳад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзи таъсисёбии (20 июни с.2000) Шурои намояндагони доимии давлатҳои узви ИДМ, дар кори он иштироки фаъол менамояд. Аз ноябри соли 2009 Намояндаи доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шурои мазкур, Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Беларус Қ. Қоимдодов мебошад.

Дар Комиссия оид ба масалаҳои иқтисодии назди Шурои иқтисодии ИДМ (ш.Маскав), намояндаи Тоҷикистон Ф.Холбобоев мебошад. Тибқи тақсими ҷойҳои бурсиявӣ Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар вазифаи директори Раёсати Кумитаи иҷроияи ИДМ аз январи соли 2012 А.С. Эшонқулов намояндагӣ мекунад.

Нақши муҳимро дар ҳамшарикии гуногунҷанбаи давлатҳои ИДМ, ҳамкорӣ дар соҳаи гуманитарӣ мебозад. Тоҷикистон яке аз иштирокдорони фаъол дар соҳаи ҳамкории гуманитарии давлатҳои узви ИДМ мебошад. Дар ин самт Тоҷикистон аз 88 санади мавҷуда, 53 адади онро ба имзо расонидааст. Моҳи майи соли 2006 дар Душанбе зимни нишасти Сарони ҳукуматҳо фонди байнидавлатии ҳамкориҳои гуманитарӣ бунёд карда шуд.

Бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2008 изҳороти Сарони кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил оид ба фаъол кардани ҳамкорӣ дар муборизаи бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, маводи психотропӣ ва прекурсорҳои он қабул гардид.

Тоҷикистон фаъолияти Шуро оид ба ҳамкориҳои гуманитарии давлатҳои узви ИДМ (ШҲГ) ва Раёсати фонди байнидавлатии ҳамкориҳои гуманитарии давлатҳои ИДМ-ро (ФБҲГ) ҷонибдорӣ менамояд. Шаҳри Душанбе мизбони ду нишасти муштараки Шурои гуманитарии ҳамкорӣ ва Раёсати Фонди байнидавлатии гуманитарии ҳамкорӣ буд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаббусгари пешниҳод ҷиҳати эълон намудани соли 2008 ҳамчун Соли хониш ва адабиёт дар ИДМ мебошад.

Бо дастгирии ФБҲГ дар доираи ҷашнвораи 1150-солагии асосгузори адабиёти тоҷик Абуабдуллоҳи Рудакӣ, асарҳои безаволи ӯ бо се забон нашр ва дар китобхонаҳои давлатҳои ИДМ тақсим гардид. Ғайр аз ин, китобҳои дарсии забони русӣ барои мактаббачагони давлатҳои ИДМ, аз ҷумла Тоҷикистон, ба табъ расид. ФБҲГ аз силсилаи “Адабёти классики ИДМ” (Классика литератур СНГ), ду ҷилди онро дар бораи Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп кард.

Дар шаҳри Душанбе мунтазам ҷаласаҳои мақомоти олии низомномавии давлатҳои ИДМ доир мегардад, аз ҷумла, 5 октябри соли 2007 нишасти навбатии Шурои Сарони давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил баргузор шуд. Маҳз дар ҷаласаи Душанбе санадҳои муҳимми Консепсияи рушди ояндаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Нақшаи чорабиниҳои асосӣ ва амалисозии он, Созишнома оид ба таъсиси Шурои роҳбарони мақомоти муҳофизират, Шартнома оид ба мухолифат ба қонунӣ гардонидани даромадҳои ҷиноятӣ ва маблағгузории терроризм қабул гардид.

Бо қабули ин санадҳо, кишварҳои Иттиҳод ҷиҳати такмили минбаъдаи равобити байнидавлатӣ дар самтҳои муҳими ҳамкорӣ, механизми фаъолияти ИДМ ва мукаммалсозии ташкилии он ҳидояти мушаххас гирифтанд.

Консепсияи рушди минбаъдаи ИДМ, санади асосӣ ҷиҳати ислоҳоти шуруъгардидаи Иттиҳод мебошад. Ислоҳот на ба сифати иқдоми муваққатӣ, балки раванди идомаёбанда ҷиҳати дарёфти ҳамсозӣ ва мувофиқоти созанда дида мешавад, ки тавони ба Иттиҳод такони иловагӣ додан баҳри рушдро дошта бошад.

Соли 2011 барои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил фаромӯшнашаванда буд, зеро 20 сол аз таъсисёбии Иттиҳод қайд гардид. Боиси рамзи фараҳмандист, ки дар он сол раисии ИДМ ба Тоҷикистон гузашт.

Тоҷикистон ба сифати раисикунанда дар ИДМ, Консепсияи раисии худро матраҳ намуд, ки татбиқи амалии мақсадҳои консептуалӣ ва стратегии рушди ИДМ-ро, ки дар санадҳои қабулшуда дарҷ гардидаанд, ба инобат гирифта буд.

Дар Консепсияи раисӣ чунин меъёрҳои муҳим, чун мубориза бар зидди ғояҳои ифротгароӣ, терроризм ва таҳаммулнопазирӣ ва андешидани чораҳои муштарак барои бартарфсозии оқибатҳои буҳрони молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ ҷой дода шуд. Дар маҷмуъ, Консепсияи раисии Тоҷикистон бо тавозунии мавқеъҳо ва рафтори пайгирона зимни ҳалли масъалаҳои мавҷуда аз дигар консепсияҳо фарқ мекард.

Дар ҷаласаи Шурои сарони ҳукуматҳо (19 майи с.2011, Минск), ки онро Сарвазири Тоҷикистон раисӣ мекард, нақшаи чорабиниҳо ҷиҳати гузаронидани Соли амнияти саноатӣ тасдиқ гардида, тарҳи пешакии Барномаи байнидавлатии ҳамкориҳои иноватсионии давлатҳои узви ИДМ барои соли 2020 маъқул дониста шуда, қадами муҳим ҷиҳати баимзорасонии Аҳднома дар бораи минтақаи савдои озод гузошта шуд.

Сентябри соли 2011 дар Душанбе ҷаласаи навбатии Сарони давлатҳои ИДМ таҳти раисии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон баргузор шуд. Зимни он ҷаласа ба муносибати 20-солагии таъсисёбии ИДМ изҳороти Сарони давлатҳо қабул гардида, маърузаи таҳлилии "Ҷамъбасти фаъолияти ИДМ дар 20 сол ва вазифаҳо барои оянда" ва нақшаи байнидавлатии "Пойтахти фарҳангии Иттиҳод" муҳокима карда шуд.

Тоҷикистон, ҳамчунин, дар соли 2012, соли раисии Туркманистон, ба сифати ҳамраис дар Иттиҳод фаъолона амал кардааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаҳои Сарони давлатҳо (3 декабр), сарони ҳукуматҳо (30 май) ва вазирони корҳои хориҷии давлатҳои ДМ (4 декабр), ки дар Ашқобод баргузор шуд, фаъолона ширкат варзид.

Тоҷикистон дар доираи созмони минтақавии ИДМ, ба таҳкими муносибатҳои ҳамҷаворӣ байни давлатҳои узв, ки дар заминаи усулҳои эҳтиром ва татбиқи самтҳои асосии ҳамкории иқтисодӣ бунёд шудааст, аҳамияти муҳим медиҳад.

Дар марҳилаи кунунӣ Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил бо фаъолияти воқеии худ, аҳаммиятнокӣ ва устувориашро собит менамояд. Пояи ҳуқуқию меъёрии пурмазмун таҳия гардида, механизми ҳамкориҳо ва низоми равобити муштарак дар иқтисод, соҳаи фарҳанг ва таҳкими суботу амният роҳандозӣ шудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иштироки худ дар фаъолияти созмони минтақавии ИДМ аҳаммияти хоса медиҳад.

Тоҷикистон дар баробари Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, инчунин бо Созмони ҳамкориҳои Шанхай фаъолияти самаранок ба роҳ мондааст, ки яке аз ҷанбаҳои онро бахши ҳуқуқи инсон ташкил медиҳад.

Дар таъсис ёфтани Созмони ҳамкории Шанхай (минбаъд-СҲШ) пеш аз ҳама фаъолияти «Панҷгонаи Шанхай», ки дар асоси Созишномаҳо байни Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой дар бораи таҳкими чораҳои боварӣ дар соҳаи ҳарбӣ дар минтақаи сарҳад аз соли 1996 ва дар бораи ихтисори муштараки қувваҳои мусаллаҳ дар минтақаи сарҳад аз соли 1997 ташкил шуда буд, таҳкурсии асосӣ гузоштааст.

15 июни соли 2001 дар Шанхай вохӯрии Сарони давлатҳо баргузор шуд ва дар он изҳороти муштарак дар бораи қабули Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба «Панҷгонаи Шанхай» қабул гардида, Эъломия дар бораи таъсис додани СҲШ ба имзо расид.

СҲШ, ки қаламрави бузург ва доираи васеи ҳамкориҳои минтақавиро дар бар мегирад, шакли нави ҳамкории давлатҳои аз нуқтаи назари сохти сиёсӣ, иқтидори иқтисодӣ ва фарҳангӣ гуногун ба шумор меравад. Масоҳати умумии давлатҳои аъзои СҲШ тахминан 30 млн. 189 ҳазор км. мураббаъ ва ҷамъи аҳолии онҳо зиёда аз 1,5 млрд. нафар ё ¼ аҳолии умумии курраи заминро ташкил медиҳанд.

СҲШ - Созмони байниҳукуматии байналхалқии доимамалкунанда ба ҳисоб меравад. Тибқи ҳуҷҷати асосии оинномавии Созмон – Хартияи СҲШ, ки 7 июни соли 2002 қабул шудааст, мақсаду вазифаҳои асосии СҲШ инҳоанд:

- таҳкими боварии мутақобила, дӯстӣ ва ҳамҷавории нек миёни давлатҳои аъзо;

- рушди ҳамкориҳои бисёрҷанба бо мақсади нигаҳдорӣ ва таҳкими сулҳ, амният ва суббот дар минтақа, мусоидат ба таъсиси тартиботи нави байналхалқии демократӣ, одилона ва сиёсию иқтисодии босамар;

- муборизаи муштарак бар зидди терроризм, сепаратизм (ҷудоихоҳӣ) ва экстремизм бо ҳама гуна зуҳуроти онҳо, мубориза ба муқобили гардиши ғайриқонунии маводи нашъадор ва аслиҳа, дигар намуди фаъолияти ҷиноятии трансмиллӣ, инчунин муҳоҷирати ғайриқонунӣ;

- ҳавасмандгардонии ҳамкориҳои босамари минтақавӣ дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-тиҷоратӣ, мудофиа, ҳифзи ҳуқуқ, ҳифзи муҳити зист, фарҳанг, илмӣ-техникӣ, маориф, энергетика, нақлиёт, молиявӣ-қарзӣ ва дигар соҳаҳое, ки манфиати умумиро ифода менамоянд;

- мусоидат ба болоравии ҳамаҷониба ва бомувозинати иқтисодиёт, рушди иҷтимоӣ ва фарҳангӣ тавассути амалҳои муштарак дар асоси шарикии баробарҳуқуқ бо мақсади баланд бардоштани сатҳ ва беҳбудии шароити зисти халқҳои давлатҳои аъзо;

- ҳамоҳанг намудани мавқеъҳо дар ҳамгироӣ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ;

- мусоидат ба таъмини ҳуқуқҳо ва озодиҳои асосии инсон мувофиқи уҳдадориҳои байналхалқии давлатҳои аъзо ва қонунгузории миллии онҳо;

- нигаҳдорӣ ва рушди муносибатҳо бо дигар давлатҳо ва созмонҳои байналхалқӣ;

- ҳамкорӣ дар пешгирӣ намудани низоъҳои байналхалқӣ ва ҳалли мусолиҳаомези онҳо;

- дарёфти муштараки ҳалли мушкилиҳое, ки дар асри XXI ба миён меоянд.

Барои иҷрои мақсаду вазифаҳои болозикр дар чорчӯбаи Созмон мақомоти зерин амал менамоянд:

- Шурои сарони давлатҳо;
- Шурои сарони ҳукуматҳо (сарвазирон);
- Шурои вазирони корҳои хориҷӣ;
- Машварати роҳбарони вазорат ва/ё идораҳо;
- Шурои ҳамоҳангсозони миллӣ;
- Сохтори минтақавии зиддитеррористӣ;
- Котибот.

Шурои сарони давлатҳо (минбаъд - ШСД) мақомоти олӣ дар СҲШ барои қабули қарорҳо ва дастурҳо оид ба масъалаҳои муҳимми дохилию хориҷии Созмон ба ҳисоб меравад. Ҷаласаҳои Шурои сарони ҳукуматҳо (сарвазирон) (минбаъд - ШСҲ) барои муҳокимаи стратегияи ҳамкориҳои бисёрҷониба ва самтҳои афзалиятнок дар чорчӯбаи СҲШ, ҳалли масъалаҳои принсипиалӣ ва рӯзмараи ҳамкориҳои иқтисодӣ ва дигар намуди ҳамкориҳо, инчунин барои тасдиқи буҷети солонаи Созмон баргузор мешаванд. Шурои вазирони корҳои хориҷӣ (минбаъд - ШВКХ) барои баррасӣ ва маъқул донистани лоиҳаи рӯзнома ва дигар ҳуҷҷатҳои ҷаласаи ШСД, пешкаш намудани пешниҳодот ба ШСД ва ШСҲ дар бораи такмил ва рушди ҳамкориҳои самтҳои гуногун дар чорчӯбаи СҲШ, инчунин беҳтаргардонии фаъолияти мақомоти СҲШ, аз ҷумла масъалаҳои бастани ҳуҷҷатҳои бисёрҷонибаи шартномавии дахлдор дар чорчӯбаи Созмон, баромад намудан бо изҳорот аз номи давлатҳои аъзо оид ба масъалаҳои байналхалқӣ, баррасии фаъолияти ҷории СҲШ, таъмини идоракунии умумӣ ва иҷрои қарорҳои мақомоти СҲШ ва баррасии дигар масъалаҳои дохилию ҳамкориҳои байналхалқии Созмон амал менамояд. Машварати роҳбарони вазорат ва/ё идораҳо вохӯрии роҳбарони парлумонҳо, котибони шуроҳои амният, судҳои олӣ ва арбитражӣ, прокуратураҳои генералӣ ва роҳбарони вазорату идораҳои соҳавиро, ки барои баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои дахлдор доир мегарданд, дар бар мегирад. Шурои ҳамоҳангсозони миллӣ механизми идора ва ҳамоҳанг намудани фаъолияти ҷории Созмон ба ҳисоб рафта, инчунин барои омода намудани ҷаласаҳои ШСД, ШСҲ ва ШВКХ фаъолият менамояд.

Котиботи СҲШ ва Кумитаи иҷроияи Сохтори минтақавии зиддитеррористии (минбаъд - СМЗТ) СҲШ мақомот (сохторҳо)-и доимоамалкунандаи Созмон буда, аз моҳи январи соли 2004 фаъолияти худро шуруъ намудаанд. Котиботи СҲШ дар шаҳри Пекин ва Кумитаи иҷроияи СМЗТ дар шаҳри Тошканд қарор доранд. Котиби генералии СҲШ ва Директори Кумитаи иҷроияи СМЗТ аз ҷониби сарони давлатҳои аъзо аз ҳисоби шаҳрвандон - шахсони муътабари давлатҳои аъзо мувофиқи алифбои русӣ ба муҳлати се

сол таъин мегарданд, ки шахси мансабдори байналхалқӣ ба ҳисоб мераванд. Айни замон Котиби генералии СҲШ шаҳрванди Федератсияи Россия Дмитрий Мезентсев ва Директори Кумитаи иҷроияи СМЗТ шаҳрванди Ҷумҳурии Халқии Хитой Чжан Синфэн мебошанд.

Давлатҳои нозири СҲШ – Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Ҳиндустон, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Муғулистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон, давлатҳои шарики мусоҳибавии СҲШ – Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Туркия ва Шри-Ланка мебошанд. Забонҳои расмӣ ва кории СҲШ – русӣ ва хитоӣ ба ҳисоб мераванд.

Айни замон раванди ташаккулёбии СҲШ ва заминаи шартномавӣ-ҳуқуқии он идома дошта, мақомоти СҲШ ҳамасола фаъолият мекунанд. Дар чорчӯбаи СҲШ, ҳамчунин, Иттиҳоди байнибонкии СҲШ ва Шурои соҳибкорони СҲШ таъсис дода шудааст. Котиботи Шурои соҳибкорон дар шаҳри Москва қарор дорад.

Ҷаласаи гузаштаи ШСД СҲШ 13 сентябри соли 2013 дар шаҳри Бишкеки Ҷумҳурии Қирғизистон баргузор шуда, ҷаласаи навбатии ин мақомоти олии Созмон соли 2014 дар шаҳри Душанбе доир мегардад. Ин маънои онро дорад, ки аз моҳи сентябри соли 2013 то баргузории ҷаласаи ШСД СҲШ дар шаҳри Душанбе Ҷумҳурии Тоҷикистон раисиро дар СҲШ ба зимма дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон соли раисии худро дар ин Созмони бонуфуз ва батадриҷ рушдёбанда зери шиори – «Ҳамкорӣ, Ҳамрушдӣ ва Ҳамшукуфоӣ» эълон намудааст.

Аз ҷиҳати геостратегӣ иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СҲШ аз он ҷиҳат муҳим аст, ки аҳаммият ва моҳияти он на танҳо дар аъзогии давлатҳои дар маҷмуъ аз ҷиҳати демографӣ ва марз васеъ, балки шарикии стратегии ду давлати дорои яроқи ҳастаӣ ва аъзоёнии доимии Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид – Россия ва Хитой таҷассум мегардад. Аз тарафи дигар, ин на танҳо таҳкурсии бунёди низоми амният дар Осиёи Марказӣ, ҳамчунин дар минтақаи Осиё ва Уқёнуси Оромро муайян менамояд.

Яке аз самти муҳимми СҲШ ин мубориза ба муқобили терроризм, сепаратизм, экстремизм ва ҳама гуна зуҳуроти онҳо мебошад. СМЗТ СҲШ бо мақсади фаъолияти бонизом ва мақсаднок дар ин соҳа таъсис ёфтааст. Дар доираи СҲШ пайваста машқҳои зиддитеррористӣ гузаронида мешаванд. Бояд қайд кард, ки яке аз ин машқҳои фармондеҳӣ-ситодӣ “Норак - зиддитеррор” 17-19 апрели соли 2009 дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуд. Дар доираи ҳамкориҳои ҳарбӣ машқҳои муштараки ҳарбии зиддитеррористии давлатҳои аъзои СҲШ «Мирная миссия - 2012» 08 - 14 июни соли 2012 дар машқгоҳи «Чорух-Дайрон» вилояти Суғд бо иштироки қисмҳои низомии давлатҳои аъзои СҲШ баргузор гардид. СҲШ нияти ба блоки ҳарбӣ мубаддал гаштанро надошта, мақсади он танҳо мубориза бо зуҳуроти хавфноки замони муосир – терроризм мебошад. Дар соли раисии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СҲШ ҳамчунин дар қаламрави кишвар баргузории машқҳои зиддитеррористӣ ба назар гирифта шудааст.

Фаъолияти СҲШ натанҳо ба масъалаҳои сиёсӣ, балки ба робитаҳои иқтисодӣ равона шудаанд. Дар доираи Созмон Нақшаи ҳамкориҳои дарозмуддати иқтисодӣ байни давлатҳои аъзо қабул шудааст, ки мақсади он мусоидат намудан ба гардиши озоди мол, хизматрасонӣ ва технологияҳо дар байни шаш давлати аъзо ба ҳисоб меравад. Ҳамкориҳо, ҳамчунин, дар соҳаи тандурустӣ, фарҳанг, маориф, илм ва техника, кишоварзӣ, гумрук, энергетика, нақлиёт ва коммуникатсия, мубориза ба муқобили ҷиноятқорӣ батадриҷ ривоҷ меёбанд.

Фаъолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Шурои соҳибкорон ва Иттиҳодияи байнибонкии СҲШ низ назаррас буда, пайваста дар он масъалаҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ баррасӣ мегарданд.

Яке аз навовариҳо дар доираи СҲШ ин таъсиси Донишгоҳи шабакавии СҲШ мебошад, ки дар худ 53 донишгоҳҳои маъруфи давлатҳои аъзоро дар бар гирифта, аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ шомил мебошанд.

Новобаста аз навтаъсис будан, тибқи ченакҳои байналхалқӣ, СҲШ дар давоми мавҷудияти хеш худро ҳамчун майдончаи босамари мубодилаи афкор, коркарди мавқеъҳои

муштарак ва ҳамоҳанг сохтани нуқтаи назари гуногун нишон дода, вобаста ба талаботҳои замони муосир мақсаду вазифаҳои доштаашро такмил хоҳад дод.

Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо аз ҷумлаи ташкилотҳои байналмилалии минтақавие ба ҳисоб меравад, ки Тоҷикистон бо он фаъолияти гуногунҷанбаро ба роҳ мондааст ва яке аз самти онро ҳамкорӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ташкил медиҳад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон Санади ниҳоии Ҳелсинкиро моҳи феврали 1992 имзо намудаст. Истифодаи таҷриба, нуфуз ва неруи САҲА дар ҷараёни демократикунонии ҷомеа, таҳкими амнияти миллӣ, минтақавӣ ва байналхалқӣ, эҷод намудани унсурҳои муҳимми ҷомеаи шаҳрвандӣ ва танзими масъалаҳои ақаллиятҳои миллӣ воридшавии Тоҷикистонро ба ин созмон воҷиб гардонида буд.

Тақвияти муносибатҳои густарда дар инкишофи ҳамкорӣ бо сохторҳои гуногуни байналмилалии амниятӣ, аз он ҷумла, САҲА ба мақсад ва принсипҳои сиёсати берунаи Тоҷикистон мусоидат менамояд. Он ба манфиати таҳкими истиқлолияти давлатӣ ва амнияти миллӣ дар самти Аврупо мусоидат мекунад. Ба ҳамкории Тоҷикистон ва САҲА қариб ду даҳсола мешавад ва дар ин муддат байни институтҳои ҶТ ва САҲА ҳамкории хеле зичу гуногунҷабҳа бунёд гардид. Натиҷаи ин ҳамкории сермаҳсул буд, ки муносибатҳои байни ҶТ ва САҲА рӯ ба инкишоф ниҳод.

Намояндагии САҲА дар Тоҷикистон 17 феврали соли 1994 ифтитоҳ гардид. Асоси ҳуқуқӣ барои таъсиси намояндагии САҲА муқаррароти механизм барои машварат ва ҳамкорӣ дар мавриди ҳолатҳои фавқулодда гардиданд, ки дар чаҳорчӯбаи якумин мулоқоти Шурои вазирони корҳои хориҷии САҲА дар Берлин, ки июни 1991 баргузор шуд, таҳия шуда буданд. Қарор оид ба таъсиси намояндагии САҲА дар ҶТ ҳанӯз 1 декабри соли 1993 дар вохӯрии Шурои вазирони корҳои хориҷии САҲА дар Рим қабул гардида буд. Азбаски фаъолияти САҲА дар замони ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвар шуруъ шуда буд, Намояндагӣ дар назди худ вазифа гузошт, то барои беҳтар гардидани вазъи кишвар, фароҳам овардани шароити мусоид ва рушд додани равандҳои демократӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намояд.

Пас аз истиқрори сулҳ дар кишвар, қисми зиёди вазифаҳое, ки дар назди намояндагӣ дар давраи баъд аз низоъ гузошта шуда буданд, аҳамияти худро гум карданд. Имрӯз аксар масъалаҳои муҳиме, ки ниёз ба ҳал доранд, асосан ба вазъи иҷтимоию иқтисодӣ вобаста мебошанд. Аз ин рӯ, бо қарори Шурои доимии САҲА аз 31 октябри соли 2002 таҳти рақами 500 мандати нави Миссияи САҲА дар Тоҷикистон муайян шуд ва аз он замон номи он ҳам Маркази САҲА унвон карда шуд. Мандати нав аз Марказ талаб мекард, то таваҷҷуҳи махсус ба ченакҳои иқтисодиву экологӣ дода шаванд. Мувофиқи он вазифаҳои зерин пеши Маркази САҲА гузошта шуда буд:

- Бо дар назардошти нақши САҲА ҳамчун яке аз дастгоҳҳои муҳимми ҷилавгирӣ аз низоъ, танзими бухронҳо ва барқарорсозии пас аз низоъ, мусоидат намудан ба амалӣ ва риоя шудани принсип ва уҳдадориҳои Созмон дар Тоҷикистон ва ҳамчунин ҳамкории ҶТ дар чаҳоҳорчӯбаи САҲА - бо диққати махсус контексти минтақавӣ - дар тамоми ченакҳои САҲА, аз ҷумла иқтисодиву экологӣ, ҷиҳатҳои гуманитарӣ ва сиёсии амният ва субот;

- Ҷустуҷӯи роҳу воситаҳое, ки ба САҲА барои мусоидат намудан ба ташаккул додани тартиботи ҳуқуқӣ ва таъсиси институтҳои демокративу сиёсӣ, албатта бо риояи ҳуқуқи инсон;

- Осон намудани тарзи робита ва мусоидат намудан барои таҳвили ахбор бо Раҳбари амалкунанда, бахшҳои САҲА ва давлатҳои Осиёи Марказӣ, ки бевосита кишварҳои иштирокчии САҲА мебошанд. Инчунин, ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ ва институтҳо.

- Ба роҳ гузоштан ва дастгирӣ намудани робитаву ҳамкориҳо бо аъзоёни ҳокимияти маҳаллӣ, донишгоҳҳо, институтҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва ташкилотҳои ғайридавлатӣ;

- Кумак намудан ба САҲА барои ташкил намудани чорабиниҳо, аз ҷумла, семинарҳои минтақавӣ ва сафарҳои корӣ намояндагони САҲА ба ноҳияҳо ва дигар чорабиниҳо бо иштироки САҲА;

- Ҳалли ин ва дигар вазифаҳо низ бо ҶТ ва САҲА мувофиқа карда шуданд. Он бояд дар асоси ҳамкории зич ва машварат бо Ҳукумати ҶТ, бо риояи тамоми қонуну қоидаҳои ин кишвар сурат гирад.

Айни ҳол САҲА дар Тоҷикистон панҷ офиси саҳроӣ дорад, ки онҳо дар шаҳрҳои Хуҷанд, Кӯлоб, Қурғонтеппа, Ғарм ва Шаҳритус ҷойгир шудаанд. Ҳамчунин, САҲА соли 2009 Коллеҷи худро барои таълими кормандони идораҳои марзбонӣ ташкил намудааст, ки ҳамаи 57 кишвари иштирокчии САҲА ва 11 шарики он метавонанд мутахассисони самти марзбонии хешро барои омӯзиш фиристанд. Дафтар сафир Маркус Мюллер мебошад.

Дафтари САҲА дар Тоҷикистон дар асоси се ченаки муайяншуда: ҳарбӣ-сиёсӣ, иқтисодиву экологӣ ва инсонӣ лоиҳаҳои гуногун амалӣ мекунад. Маҳз дар натиҷаи ҳамкориҳои зич миёни САҲА ва Тоҷикистон барои густариши муколамаи сиёсиву плюрализм дар кишвар замина фароҳам омадааст. Дафтар барои амалисозии лоиҳаҳо барои ҳавасмандгардонии муколамаҳои босамар миёни ҳукумат, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ мусоидат карда истодааст. Дар ченаки ҳарбӣ-сиёсӣ САҲА ба мақомоти қудратӣ барои мубориза бо терроризм, ҷиноятҳои муташаккилона, ислоҳоти милитсия, поксозии минаҳо, ҳамчунин ҳифзи сарҳад ба Ҳукумати ҶТ мусоидат менамояд. Таваҷҷуҳи махсус ба мустаҳкамсозии сарҳад ва ҳифзи он дода мешавад, ки дар ин самт лоиҳаҳои зиёд амалӣ карда мешаванд ва нақши Коллеҷи идораи сарҳадҳои САҲА назаррас аст.

Ҳамкорӣ миёни Тоҷикистону САҲА дар ченаки иқтисодиву экологӣ ҷойи махсус дорад. САҲА дар ин самт лоиҳаҳои гуногун барои беҳсозии фазои сармоягузорӣ ва тиҷорат, баланд бардоштани сатҳи огоҳии мардумро роҷеъ ба шуруи фаъолияти соҳибкорӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии соҳа, бахши обу энергетика: идораи самараноки захираҳои об, рушди неругоҳҳои хурди обӣ барқӣ, мукаммал гардонидани қонунгузорӣ дар самти экологӣ дар кишвар ва барои мубориза бо коррупсия амалӣ мегардонад барои иҷрои ин корҳо ниҳодҳои махсуси худро дорад.

Ченаки саввум – ченаки инсонӣ таваҷҷуҳи махсус барои рушди демократия тавассути интихоботҳои озоду шаффоф, васоити ахбори оммаи озод медиҳад. Ҳамчунин, дар ин ченак лоиҳаҳо барои ислоҳоти Комиссияи марказии интихоботӣ, мусоидат ба васоити ахбори оммаи озод, ислоҳи соҳаи судӣ, баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа, пешгирии зӯроварии хонаводагӣ, ҳимояи ҳуқуқи инсон амалӣ карда мешаванд. Ҳамчунин, шуруъ аз соли 2000 нозирони Дафтар барои институтҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон (ODIHR) барои назротаи интихоботҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон меояд.

Тоҷикистон ҳамасола дар мулоқотҳои гуногуни САҲА дар Вена иштирок мекунад, аз ҷумла, мулоқоти Шурои Вазирони корҳои хориҷӣ. Мувофиқи ҳуҷҷатҳои Вена оид ба тадбирҳои эътимод ва амният Тоҷикистон ҳар сол ахбори ҳарбиро ба тамоми кишварҳои САҲА таҳвил менамояд.

3 апрели соли 2003 Шурои доимии САҲА бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон қарори № 537 дар бораи ба Афғонистон додани мақоми Шарик дар ҳамкорӣ бо САҲА-ро қабул намудааст.

Инчунин, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои худро бо Иттиҳоди Аврупо дар сатҳи хуб ба роҳ мондааст, ки бахши асосии онро ҳуқуқи инсон ташкил медиҳад. Иттиҳоди Аврупо чун ташкилоти байналмилалии минтақавӣ барои равнақ бахшидани ҳуқуқу озодиҳои инсон дар минтақаи Аврупо, ҳамзамон дар миқёси сайёра мавқеи назаррасро доро мебошад. Аз ҷониби ин ташкилоти минтақавӣ санадҳои гуногун дар самти ҳуқуқи инсон қабул гардидаанд, ки барои аксарияти давлатҳо чун намуна хизмат менамоянд.

Аз таҳлили гуфтаҳои боло бар меояд, ки Тоҷикистон ҳамкориҳои худро дар бахши ҳуқуқи инсон бо созмонҳои байналмилалӣ дар самти ҳуқуқи инсон ба роҳ монда, дар ин самт корҳои назаррасро анҷом додааст ва фаъолияти намояндагиҳои ташкилотҳои байналмилалии минтақавӣ дар самти ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон назаррас мебошад.

АДАБИЁТ

1. Азизов У.А. Становление и развитие институтов преступления и наказания на территории дореволюционного Таджикистана / У.А. Азизов. – Душанбе: Андалеб–Р, 2014. – 200 с.
2. Диноршоев А.М. Закрепление прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан по Конституции 1994 г. // Современная гуманитарная наука: проблемы и перспективы развития: материалы международной научной конференции, 16 июня 2015 г. – С. 48-54.
3. Диноршоев А.М. Место Уполномоченного по правам человека в РТ в системе органов государственной власти. // Правовая жизнь. – Душанбе, 2015. - №2. – С. 88-93.
4. Диноршоев А.М. Теоретические вопросы имплементации международно-правовых норм в законодательстве РТ. Проблемы соотношения международного и национального права. Материалы межуниверситетской конференции. 31-36 с.
5. Искандаров Ш.Ф. К вопросу о неправительственных правозащитных организациях как институт по правам человека. Научно-информационный журнал. Правовая жизнь. – Душанбе, 2014. - №4 (08). – С. 48-54.
6. Искандаров Ш.Ф. К вопросу о роли Всеобщей декларации прав человека в признании, установлении и закреплении прав и свобод человека. Материалы научно–теоретической конференции, посвященной 65-летию ВДПЧ, на тему: «Поси хукуки инсон чун дастоварди умумибашари». – Душанбе, 2014. – С. 49-67.
7. Международное право: Учебник для вузов / Отв. ред. проф. Г.В. Игнатенко и проф. О.И. Тиунов. – 3-е изд., перераб. и доп. – М.: Норма, 2005. – С. 351-352.
8. Миралиев И.Қ. Кафолатҳои таъмини озодии вичдон ва эътиқоди динӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Поси ҳуқуқи инсон чун дастоварди умумибашарӣ. Маводи конфронсии илмӣ-назариявӣ бахшида ба муносибати 65-умин солгарди қабули Эломияи умумии ҳуқуқи башар). – Душанбе, 2014. – С. 42-48.
9. Миралиев И.К. Правовое государство и прав человека: Монография. – Душанбе, 2015. – 258 с.
10. Насриддинзода Э.С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ (воситаи таълимӣ). – Душанбе: Мехрона, 2017, 2019. – 204 с.
11. Насриддинзода Э.С. Фарҳанги ҳуқуқӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 316 с.

Насурдинов Э.С. Правовая культура: монография / Э. С. Насурдинов; [отв. ред. Ф.Т. Тахиров]. – М.: Норма, 2014. – 352 с.

ФАЪОЛИЯТИ СОЗМОНҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МИНТАҚАВӢ ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳамкориҳои худро на танҳо бо СММ, балки бо дигар созмонҳои байналмилалии минтақавӣ, ба мисли Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Иттиҳоди Аврупо, Созмони Ҳамкориҳои Шанхай ва ғайра ба роҳ мондааст.

КАЛИДВОЖАҲО: ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, созмонҳои байналмилалии минтақавӣ, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Иттиҳоди Аврупо, Созмони Ҳамкориҳои Шанхай.

ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ РЕГИОНАЛЬНЫХ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОРГАНИЗАЦИЙ ПО ПРАВАМ ЧЕЛОВЕКА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В сфере прав и свобод человека и гражданина Республика Таджикистан налаживает сотрудничество не только с ООН, но и с другими региональными международными организациями, такими как Содружество Независимых Государств, Организация по безопасности и сотрудничеству в Европе, Европейский союз, Шанхайская организация сотрудничества и др.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: права и свободы человека и гражданина, международные региональные организации, Содружество Независимых Государств, Организация по безопасности и сотрудничеству в Европе, Европейский союз, Шанхайская организация сотрудничества.

ACTIVITIES OF REGIONAL INTERNATIONAL HUMAN RIGHTS ORGANIZATIONS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

In the field of human and civil rights and freedoms, the Republic of Tajikistan is establishing cooperation not only with the United Nations, but also with other regional international organizations such as the Commonwealth of Independent States, the Organization for Security and Co-operation in Europe, the European Union, the Shanghai Cooperation Organization, etc.

KEYWORDS: human and civil rights and freedoms, international regional organizations, the Commonwealth of Independent States, the Organization for Security and Co-operation in Europe, the European Union, the Shanghai Cooperation Organization.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҳошимзода Мамадҷон Диловар*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси 2 – юми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

Сведения об авторе: ***Хошимзода Мамаджон Диловар*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

Information about the author: ***Hoshimzoda Mamadjon Dilovar*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ МАВЗУИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИ МАДАНӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

Ҳусейнова Ш.Н.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мавзуи танзими ҳуқуқи маданиро муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ ташкил медиҳад, ки байни шаҳрвандон, шаҳрвандон ва ташкилотҳо, байни ташкилотҳо, байни онҳо бо давлат ва ё мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба миён меоянд. Оид ба он бевосита дар моддаи 2 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфта шудааст. Ба сифати иштирокчии чунин муносибатҳо давлат ва мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатӣ низ баромад менамоянд.

Оид ба масъалаи мавзуи ҳуқуқи маданӣ Б.М. Гонгало дуруст қайд намудааст, ки тибқи андешаи ӯ «масъалаи мазкур, ба таҳқиқи дақиқ ва тулонии олимони давраи Шуравӣ нигоҳ накарда, то ҳол баҳснокии худро гум накардааст, ки он на танҳо бо тағйирёбии иҷтимоӣ ва иқтисодии давлат, балки ба муносибати ҳозираи олимони соҳаи ҳуқуқ нисбат ба предмети танзими ҳуқуқӣ алоқаманд мебошад, ки бо таассуротҳои анъанавӣ ба мувофиқа намеоянд» [10, с. 6 – 7.].

Пас аз инқилоби соли 1917, ташаккули ҳуқуқи мадании шуравӣ оғоз гардид, ки баҳс вобаста ба предмети он ба миён омад. О.С. Иоффе навиштааст, ки дарки ҳуқуқи маданӣ ҳамчун соҳаи танзимкунандаи танҳо муносибатҳои молумулкӣ «мантиқан нодуруст мебошад, чунки муносибатҳои молумулкӣ тавассути меъёрҳои… ҳуқуқи маъмурӣ низ ба танзим дароварда мешаванд» [11, с. 543.].

М.М. Агарков қайд намудааст, ки тақсим кардани ҳуқуқи маданӣ ва маъмурӣ бояд аз рӯйи тафриқаи муносибатҳои молу мулкӣ аз муносибатҳои ташкилӣ пайгирӣ карда шаванд. Дар баробари он таҳти мафҳуми муносибатҳои ташкилӣ муносибатҳои ҳокимиятӣ ва тобеияти фаҳмида мешуд [1, с. 61.].

Е.А. Суханов зикр менамояд, ки «муносибатҳои молу мулкӣ ва ғайримолумулкӣ, ки ба талаботҳои мавзуи ҳуқуқи маданӣ ҷавобгӯ нестанд, наметавонанд тавассути меъёрҳои он ба танзим дароварда шаванд. Пеш аз ҳама ин ба он муносибатҳое дахл дорад, ки бо тобеияти ҳокимиятӣ ва ё маъмурии иштирокчиён асос ёфтаанд, аз ҷумла, муносибатҳои андоз ва дигари молиявӣ, ки иштирокчиён аз лиҳози ҳуқуқ баробар нестанд. Аз ҳамин лиҳоз низ аз соҳаи амалӣ ҳуқуқи маданӣ муносибатҳо оид ба идоракунии молумулки давлатӣ ва маҳаллӣ истисно карда мешавад, ки байни мақомотҳои давлатӣ ба миён меоянд» [8, с. 65.].

Тавре ки маълум аст, моддаи 2-уми Кодекси мадании кишвар, ҳудуди мавзуи ҳуқуқи маданиро муқаррар намудааст. Имрӯз қонунҳои маданӣ на танҳо муносибатҳои молу мулкӣ ва шахсии ғайримолумулкии ба онҳо марбута, балки муносибатҳои шахсии ғайримолумулкии бо молу мулк вобаста набударо низ таҳти танзими худ қарор додаанд. Дар назарияи ҳуқуқи маданӣ баҳс на ин ки оид ба танзими муносибатҳои шахсии ғайримолумулкии бо молу мулк вобастанабуда, балки ҳифзи онҳо ҷой дорад. Яъне қонуни маданӣ чунин намуди муносибатҳоро танзим ё ин ки танҳо ҳифз менамояд?

Оид ба ин масъала ақидаҳои зиёд баён гардидаанд. Мантиқан дурусттар нуқтаи назари чунин олимон, ба монанди Б.М. Гонгало, Л.О. Красавчиков, М.Н. Малеина ва дигарон ба ҳисоб меравад. Моҳият чунин мебошад, ки мафҳуми «танзим» категорияи «ҳифз» -ро низ дар бар мегирад. «Ҳуқуқ наметавонад, – қайд менамояд Б.М. Гонгало, – зуҳуроти танзим намекардаи худро ҳифз намояд. Худи воқеияти эътирофи тааллуқ доштани неъматҳои ғайримоддии бегонанашавандаи шахс оид ба танзим гардидани муносибатҳои дахлдор гувоҳӣ медиҳад» [10, с. 17.].

Дохил намудани муносибатҳои шахсии ғайримолумулкии бо молу мулк вобаста набуда ба мавзуи ҳуқуқи маданӣ имконияти татбиқ намудани методҳои ин соҳаро ба он ифода менамояд, масалан, ҷуброни зарари маънавӣ [7, с. 53.].

Аз ҳамин лиҳоз, мантиқан дуруст мешуд, ки дар моддаи 2 Кодекси маданӣ чунин номгӯйи муносибатҳо муқаррар карда шаванд.

Масъалаи дигар ин дохил намудани муносибатҳои корпоративӣ (иттиҳодиявӣ) ба мавзуи танзими ҳуқуқи маданӣ ба ҳисоб меравад. Вале, мутаассифона оид ба мафҳум, табиат ва мавқеи чунин муносибатҳои мавзуи ҳуқуқи маданӣ, дар ҷодаи ҳуқуқи маданӣ ақидаи ягона ҷой надорад.

Ҳамин тариқ, ба ақидаи Е.А. Суханов «муносибати иштирокчиёни корпоративӣ характери молу мулкӣ дорад ва аз ворид намудани аъзоҳаққии муайяни молумулкӣ ба сармояи он иборат мебошад. Дар аксар ҳолатҳо, аз нуқтаи назари аввал, онҳо на ин ки ба истифодабарии молумулки ташкилот, балки ба муносибатҳои ташкилии аъзоёни ташкилот (корпоратсия) тааллуқ доранд. Воқеан, ҳамаи онҳо самти муайяни молу мулкӣ дошта, бо хусусияти фаъолияти ташкилоти таъсисдодашуда ҳамчун шахси ҳуқуқӣ алоқаманд мебошанд» [8, с. 30.].

А.В. Майфат характери заминаи ташкилӣ доштани онҳоро эътироф намуда, зикр менамояд, ки мақсади муносибатҳои корпоративӣ – фароҳам овардани заминаи бавуҷудоии дигар муносибатҳо, аз ҷумла муносибатҳои уҳдадорӣ мебошад [9, с. 117.].

Д.В. Тариканов муносибатҳои корпоративиро ҳамчун «муносибатҳои байни иштирокчиёни ҷамъияти хоҷагидорӣ, аз як тараф бо шахс, ки вазифаи мақоми иҷроияро иҷро менамояд ва аз тарафи дигар муносибатҳоро оид ба супоридани сармояи тарафи якум таҳти ташаббуси хоҷагии тарафи дуюм» муайян месозад [5, с. 9.].

Ба андешаи асосноки Ҳ.Н. Ҳиматов муносибатҳои корпоративӣ бо хусусиятҳои худ муносибатҳои ашёӣ ё уҳдадорӣ набуда, дорои сифатҳои хос ва намуди мустақили муносибаҳои ҳуқуқи маданӣ мебошад [6, с. 154.].

Ҳамин тариқ, муносибатҳои корпоративӣ гуруҳи махсуси муносибатҳои маданиро дар дохили мавзуи танзими ҳуқуқи маданӣ ташкил медиҳанд. Онҳо оид ба фаъолияти ташкилот ба вуҷуд омада, метавонанд ба муносибатҳои корпоративии молу мулкӣ ва ғаримолумулкӣ таснифбандӣ гарданд. Махсусияти чунин муносибатҳои ҳуқуқӣ дар механизми хос ифода меёбанд, ки тавассути онҳо иродаи шахси ҳуқуқӣ ташаккул меёбад.

Дар мавзуи танзими ҳуқуқи маданӣ, инчунин намудҳои алоҳидаи муносибатҳои ташкилиро ҷудо менамоянд, ки масалан, аз шартномаҳои пешакӣ ва таъсисдиҳӣ, шартномаи ташкили ҳамлу нақл ва дигарон ба вуҷуд меоянд, лекин асоси чунин муносибатҳоро низ манфиатҳои молу мулкӣ ташкил медиҳанд.

Ба андешаи мо доираи муносибатҳои мавзуи танзими ҳуқуқи маданӣ, ки дар моддаи 2 Кодекси маданӣ оварда шудааст, васеъ баён намудан қобили қабул мебошад, чунки муносибатҳои молу мулкӣ ва шахсии ғайримолумулкии ба баробарӣ ва мухторияти ирода асосёфта дар тамоми падидаҳои ҳуқуқи маданӣ ба назар мерасанд.

Дар байни субъектҳои ҳуқуқи маданӣ робитаи муайяни ҳуқуқӣ ба вуҷуд меояд. Ба сифати мавзуъ ё натиҷаи чунин фаъолият объект хизмат менамояд. Барои ҳамин, объекти муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ гуфта, ҳамаи он чизеро мефаҳманд, ки нисбат ба он дар байни шахсон ҳуқуқ ва удадориҳои маданӣ ба вуҷуд меоянд.

Ҳар яке аз муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ дорои объекти худ мебошанд. Вале ин ақида маънои онро надорад, ки дар табиат аввал объект ва баъд дигар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ пайдо шуда бошад. Объектҳои муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ мумкин аст то ба вуҷуд омадани алоқаҳои дахлдори ҳуқуқи маданӣ ва ё ин ки дар давраи мавҷудият ва амалӣ шудани онҳо вуҷуд дошта бошанд. Дар баробари ҳамин объекти муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ на чизи абстрактие, ки нисбат ба он алоқаҳои муайяни ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд, балки неъматҳои моддӣ ё ғайримоддӣ ҳам шуда метавонанд. Пас объекти муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ неъматҳои мушаххаси харида ё фурухташуда, нигоҳдошта, дар истифода буда, кашондашуда ва ғайра шуда метавонанд.

Ҳар як объекти муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ қобилияти қонеъ гардонидани ин ё он талаботи инсонро дорад. Бешубҳа, характери ин талабот, ба монанди тарзҳои қонеъ гардонидани онҳо ниҳоят гуногун мебошанд. Вале ин моҳияти корро дигаргун карда наметавонад. Қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқӣ ба он такя менамояд, ки ҳар як объекти

муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ таъиноти бевоситаи худро дорад. Бо ҳамин сабаб гурӯҳҳои гуногуни объектҳо дорои реҷаи ягонаи ҳуқуқӣ намебошанд. Аз ин ҷо неъматҳои гуногун муносибати гуногунро ба худ талаб менамояд. Дар баробари он на ҳамаи неъматҳои олами моддӣ ва ғайримоддӣ объекти муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ шуда метавонад, ба монанди замин, боигариҳои зеризаминӣ, ҳуқуқҳои сиёсӣ ва ғайраҳо. Аз тарафи дигар васеъ будани доираи объектҳои ҳуқуқи маданӣ ба гуногунии муносибатҳои ҷамъиятие, ки худи ҳуқуқи маданӣ ба тартиб медарорад, вобастагӣ дорад.

Ба объектҳои муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ ашё, пул, коғазҳои қиматнок, кор, хизмат, иттилоот, амал, натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ, номи фирмавӣ, тамғаи мол ва воситаи дигари фардикунонии маҳсулот, неъматҳои ғайримоддӣ, ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ва ғайраҳо дохил мешаванд.

Мавзуи танзими ҳуқуқи маданӣ бошад ин маҷмуи муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ ба ҳисоб меравад, ки тавассути меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ бо муқаррар намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективӣ танзим мешавад. Яъне, мавзуи танзими ҳуқуқи маданӣ аз объекти он бармеояд, ки раванди бавуҷуд омадан, тағйир ёфтан ва қатъ гардидани муносибатҳоро вобаста ба неъматҳо ба танзим медарорад. Мафҳуми мавзуи танзим нисбат ба объекти ҳуқуқи маданӣ васеътар мебошад. Чунки агар объект танҳо бошад, муносибат нисбати он васеъ аст ва паҳлӯҳои дигари мухталифро низ дар бар мегирад.

Муносибатҳои молу мулкӣ яке аз муносибатҳои маъмултарини мавзуи танзими ҳуқуқи маданӣ ба ҳисоб мераванд. Оид ба моҳият ва мазмуни муносибатҳои молу мулкӣ дар ҳуқуқи маданӣ мунозираҳои тулонӣ байни мутахассисон ҷой дорад. Аз лиҳозе, ки дар қонунгузории маданӣ мафҳуми муносибатҳои молу мулкӣ пешбинӣ нашудааст, ҳуқуқшиносон ҳангоми таҳлил ин мафҳумро ҳар хел маънидод мекунанд. Баъзе олимон муносибатҳои молумулкиро ҳамчун муносибатҳои иқтисодӣ, муносибатҳои истеҳсолӣ, муносибатҳои музднок, муносибатҳои арзишдор, муносибатҳои дорои арзиши баробардошта, муносибатҳои ба мол, пул вобастабуда ва ғайра мефаҳманд.

Е.А. Суханов зикр менамояд, ки «молу мулк аз маҷмуи ашёҳо, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои молу мулкии ба субъект тааллуқдошта иборат мебошад. Ашё ва ҳуқуқҳои молу мулкии тааллуқдошта (масалан, ҳуқуқи гирифтани дивиденди саҳмия дар ҷамъияти саҳҳомӣ ва ё ҳуқуқи талаб кардан оид ба баргардонидани қарз) хусусияти фаъолии ин молумулкро нишон медиҳад, уҳдадорӣ бошад ғайрифаъол будани онро» [8, с. 398.].

Воқеан, муносибатҳои молу мулкӣ, ки мавзуи танзими ҳуқуқи маданиро ташкил медиҳанд, пеш аз ҳама бо ашёҳо, гардиши онҳо ва инчунин бо ҳуқуқ ва уҳдадориҳои молумулкӣ вобаста мебошанд. Лекин муайян кардани молу мулк, ҳамчун мафҳуми илман асоснок ва пурра, наметавонад омили асосии муайянкунандаи муносибатҳои молумулкии бо ҳуқуқи маданӣ танзимшаванда, баромад кунад.

Яке аз аввалин ақидаҳо оид ба мафҳуми муносибатҳои молумулкӣ дар адабиёти шуравии маданӣ дода шуда буд, ки муаллифон сараввал муносибатҳои молу мулкӣ ва истеҳсолиро ҷудо менамуданд, ки асоси муносибатҳои молу мулкиро моликияти сотсиалистӣ ва шахсӣ ташкил медод.

Гумон меравад, ки асоси коркарди нишонаҳои муносибатҳои молумулкиро ин муносибатҳои ашёӣ ташкил медиҳад. Нишонаи иродавии муносибатҳои молумулкӣ имкон медиҳад чунин хулосабарорӣ намоем, ки ин муносибатҳо дарбаргирандаи ҷараёни соҳибӣ, истифодабарӣ ва ихтиёрдории объекти ҳуқуқ мебошанд.

Муносибат оид ба бегона кардани объектҳои ҳуқуқ тавассути падидаҳои хариду фурӯш, ҳадя, рента ва муносибатҳо вобаста ба иваз нагардидани соҳибмулк бошад, тавассути падидаҳои иҷора, киро, истифодабарии бемузд ва ғайра, танзим карда мешавад.

Муносибатҳои молу мулкӣ одатан ба ягон намуди неъматҳои моддӣ вобастагӣ доранд. Ин муносибатҳо ба намуд ва шаклҳои моликиятдорӣ, олот ва воситаҳои истеҳсолот, низоми хоҷагидорӣ такя менамоянд. Ин муносибатҳо ба тасарруф, истифодабарӣ ва ихтиёрдорӣ намудани шаклҳои гуногуни муносибатҳои молию пулӣ вобастаанд. Қонунгузории маданӣ ба кадом субъект тааллуқ доштани ин ё он неъматҳои моддӣ, натиҷаи фаъолиятҳои

арзишнокро низ муайян менамояд. Масалан, ҳар як шахс метавонад дар асоси қонун моли зарурирo харад, истифода намояд, ба фурӯш барорад, ба шахси дигар ҳадя намояд, ба мерос диҳад ва ё мерос гирад.

Муносибатҳои молу мулкӣ ба фаъолияти инсон зич алоқаманд буда, бо мақсади пешбарии зиндагии ӯ амалӣ карда мешаванд. Чунин муносибатҳо байни шахсони муайян доир ба неъматҳои моддии зарурӣ ба миён меоянд. Муносибатҳои молумулкӣ ба муносибатҳои истеҳсолӣ, тақсимот, ивазкунӣ ва истеъмоли неъматҳои моддӣ вобастаанд.

Муносибатҳои молу мулкӣ вобаста ба мақсад ва соҳаи амал ба гурӯҳҳои зерин тақсим мешаванд:

– Муносибатҳои моликӣ, ки ба азхудкунӣ ва вобастагии неъматҳои моддӣ ба шахсони алоҳида, ҷамъият, давлат, соҳибкор, корхона ва ташкилотҳо вобаста аст. Миқдори вобастагӣ, тааллуқдории ин неъматҳо ба субъектҳои алоҳида хеле гуногун мебошад. Ба муносибатҳои моликиятӣ характери статикӣ ва ҳам динамикӣ хос аст. Зеро дар муносибатҳои моликиятӣ, на танҳо оид ба бадасторӣ, нигоҳ доштани неъматҳои моддӣ сухан меравад, балки истифода ва ихтиёрдорӣ намудани онҳо низ мавқеи муайян дорад. Қонунгузории маданӣ тарзҳои дар тасарруфи субъектҳои муайян будани неъматҳои моддӣ, роҳҳои истифода ва ихтиёрдорӣ намудани онҳоро танзим менамояд;

– Муносибатҳои молу мулкие, ки аз фаъолияти соҳибкорӣ ба вуҷуд меоянд, чунин муносибатҳо гуногунҷанба буда, характери динамикӣ доранд. Дар асоси уҳдадориҳо ва талабот – мол ва маҳсулот истеҳсол карда мешавад. Ба воситаи уҳдадорӣ неъматҳои моддӣ аз як шахс ба шахси дигар мегузаранд. [2, с. 11.].

Муносибатҳои молу мулкӣ гуногун ва бешуморанд. Ин муносибатҳо бо асосҳои пайдоиш, иштирокчиёни худ, мазмун ва объектҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Муносибатҳои молумулкӣ байни субъектоне, ки дорои молу мулки худ мебошанд ё ҳуқуқи дар ихтиёри худ нигоҳ доштани онҳоро доранд, ба миён меоянд. Агар субъект молу мулки худро дошта бошад, ё инки доир ба молу мулк ҳуқуқи идоракунӣ дошта бошад, пас метавонад, ин молашро ихтиёрдорӣ намояд, истифода барад.

Дар муносибатҳои молу мулкӣ иштирокчиён мавқеи баробар доранд ва мустақил мебошанд. Фаъолияти иштирокчиёни муносибатҳои маданиро, ки характери молумулкӣ доранд, мавҷудияти талабот ба онҳо муайян менамояд.

Муносибатҳои молу мулкӣ ба маънои том мумкин аст байни субъектҳои молу мулки алоҳида дошта мустақилона ба амал оянд. Чи тавре ки болотар ишора намуда будем, муносибатҳои молумулкӣ бешуморанд. Пас саволе ба миён меояд, ки оё ҳамаи муносибатҳои молумулкӣ ба мавзуи танзими ҳуқуқи маданӣ дохил мешаванд? Дар илми ҳуқуқи маданӣ бо мурури замон масъалаҳое мавриди муҳокимаи илмӣ қарор мегиранд, ки бо мушкилиҳои зиёде вобастаанд. Яке аз ин масъалаҳо саволи дар боло зикршуда мебошад. Ба ин савол дар илми ҳуқуқи маданӣ ҷавоби ягона ва саҳеҳ вуҷуд надорад. Зеро муносибатҳои молумулкӣ дорои намудҳои гуногун буда, номаҳдуданд. Онҳо дар як доираю аломат, маҳакҳои аниқ ҷойгир нестанд.

АДАБИЁТ

1.Агарков М.М. Предмет и система советского гражданского права // Советское государство и право. 1940. - № 8-9. - С. 61—63.

2.Ҳуқуқи граждани: китоби дарсӣ. Қисми 1. // Зери таҳрири Маҳмудов М.А. – Душанбе: «ЭР-граф», 2007.

3.Гражданское право. Ч. 1: учебник для юридических вузов – М.: 1998.

4.Гражданское право: учебник. В 4 т. Том 1. // Отв. ред. проф. Е.А.Суханов. – М.: 2004.

5.Тариканов Д.В. Юридическая личность хозяйственных обществ по гражданскому праву России: автореф. дис. … канд. юрид. наук.- Екатеринбург, 2003.

6.Химатов Х. Н. Корпоративные отношения как предмет гражданско – правового регулирования // Правовая жизнь. – Душанбе: Типография ТНУ. – 2013. - № 2 (02). – С. 141 - 157.

7.Красавчикова Л.О. Перспективы и проблемы регулирования личных неимущественных отношений по новому ГК. // Цивилистические записки: межвузовский сборник научных трудов. – М., 2001. - С. 35 - 58.

8.Гражданское право: учебник в 2 т.; т. 1 // отв. ред. Е.А. Суханов. - М.: БЕК, 1998.

9.Майфат А.В. Особенности инвестирования в предпринимательскую деятельность // Вопросы теории и правоприменения. - Екатеринбург, 2001. - С. 109 – 117.
10.Гонгало Б.М. Предмет гражданского права. // Проблемы теории гражданского права. Институт частного права. – М., 2003. - С. 3-9.
11. Иоффе О.С. Избранные труды по гражданскому праву. — М., 2000.

БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ МАВЗУИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИ МАДАНӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

Муаллиф ақидаҳои муҳаққиқони соҳаро оид масъалаҳои мавзуи танзими ҳуқуқи маданӣ дар замони муосир, яъне баъди қабули Кодексҳои маданӣ дар собиқ ҷумҳуриҳои шуравӣ таҳлил намуда, дар натиҷаи он фикру андешаҳои худро баён кардааст. Ба андешаи ӯ мавзуи мазкур муносибатҳои хусусие мебошанд, ки характери шахсӣ ва молумулкӣ доранд.

КАЛИДВОЖАҲО: мавзуъ, меъёр, танзим, Кодекси маданӣ, ҳуқуқи маданӣ, муносибатҳои молумулкӣ, муносибатҳои шахсии ғайримолумулкӣ.

НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ ПРЕДМЕТА ГРАЖДАНСКОГО ПРАВА В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

В данной статье автор рассматривает различные подходы учёных по опрелению предмета гражданского права, после принятия новых Гражданских кодексов во многих постсоветских республиках. На основе проведенного анализа она рассматривает этот предмет как частноправовые отношения личного и имущественного характера.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: предмет, норма, регулирование, Гражданский кодекс, гражданское право, имущественные отношения, лично неимущественные отношения.

SOME ISSUES OF THE SUBJECT OF CIVIL LAW IN MODERN CONDITIONS

In this article, the author examines the various approaches of scientists to define the subject of civil law, after the adoption of new Civil Codes in many post-Soviet republics. Based on the analysis, she considers this subject as a private law relationship of a personal and property nature.

KEYWORDS: SUBJECT, norm, regulation, Civil Code, civil law, property relations, personal non-property relations.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҳусейнова Шаҳноза Неъматуллоевна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси 2 – юми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

Сведения об авторе: ***Хусейнова Шахноза Нематуллоевна*** **–** Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17.

Information about the author: ***Huseynova Shakhnoza Nematulloevna*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17.

ХУСУСИЯТҲОИ АЗ ҶАЗО ОЗОД КАРДАНИ НОБОЛИҒОН

Шамсиддинова Ш.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҷамъияти имрӯза ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазодиҳии ноболиғон диққати махсус медиҳад. Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой додани боби алоҳида оид ба хусусиятҳои ҷавобгарӣ ва ҷазодиҳии ноболиғон асоси гуфтаи боло мебошад. Мувофиқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ноболиғон шахсони ҷисмоние (шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бешаҳрванд) фаҳмида мешавад, ки ҳангоми содир намудани ҷиноят синни чордаҳсолагиро пур намудаанд, вале ба синни ҳаждаҳсолагӣ нарасидаанд. Ғайр аз боби 14 хусусиятҳои ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон дар дигар бобҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст. Мисол, ҳангоми эътироф намудани ретсидиви ҷиноят доғи судӣ барои ҷинояте, ки шахс то синни 18-солагӣ содир намудааст, ба назар гирифта намешавад, ноболиғ будани гунаҳгор ҷазоро сабук мекунад (б “б” қ 1 моддаи 61).

Аз ҷазо озод кардани ноболиғон се тараф дорад:

- Озод кардан аз ҷазо бо татбиқи чораҳои маҷбуркунии таъсиррасонии тарбиявӣ.
- Ҷой кардан дар муассисаи махсуси таълимию тарбиявӣ ё муассисаи табобатӣ-тарбиявӣ [4; 130].
- Шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод намудан.

Мувофиқи қ 1 моддаи 90 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ноболиғе, ки барои содир намудани ҷинояти вазнин ё дараҷаи миёна маҳкум шудааст, мумкин аст аз ҷониби суд бо татбиқи чораҳои маҷбуркунии дорои хусусияти тарбиявидошта, ки дар қисми дуюми моддаи 89 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, аз ҷазо озод карда шавад. Яъне, суд агар чунин ҳисобад, ки ноил шудан ба мақсади ҷазо (м. 46 КҶ) ба роҳи дар муассисаи таълимию тарбиявӣ ё муассисаи табобатию тарбиявӣ ҷой кардани ӯ имконпазир бошад, пас ноболиғро аз ҷазо озод менамояд. Агар ба мазмуни ин меъёр бодиққат назар кунем, он гоҳ маълум мешавад, ки табиати ин чораи пешбинишуда бо чораҳои маҷбуркунии дорои хусусияти тарбиявидошта (м. 89 КҶ) хеле монанд мебошад. Лекин фарқияти онҳо дар чунин мебошад; [5; 155]

А) Ҷой кардан дар муассисаи махсуси таълимию тарбиявӣ ё дар муассисаи табобатӣ-тарбиявӣ барои ноболиғон танҳо ба ивази ҷазо татбиқ карда мешавад. Ин чунин маъно дорад ки шахси ноболиғ барои ҷинояти содиркардааш гунаҳгор дониста шуда, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад ва нисбати ӯ ҳукми айбдоркунӣ бароварда мешавад, лекин ҷазо таъин карда намешавад. Дар ҳолати татбиқ намудани чораҳои маҷбуркунии хусусияти тарбиявидошта бошад шахси ноболиғ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ тамоман озод карда мешавад.

Б) Ҷой кардани ноболиғ дар муассисаи махсуси таълимию тарбиявӣ ё дар муассисаи табобатию тарбиявиро танҳо суд метавонад татбиқ намояд. Вале чораҳои маҷбуркунии дорои хусусияти тарбиявидоштаро бошад, ҳамчунин дигар мақомотҳои дахлдори давлатӣ - прокурор, муфаттиш таҳқиқотчӣ низ ҳуқуқ доранд, татбиқ намоянд;

В) Чораҳои маҷбуркунии дорои хусусияти тарбиявидошта танҳо дар ҳолате татбиқ карда мешаванд, ки агар ноболиғ бори аввал ҷиноят содир кунад, аммо талабот нисбати ҷой кардани ноболиғ дар муассисаи махсуси таълимию тарбиявӣ ё дар муассисаи табобатию тарбиявӣ ҳатмӣ нест. Ин чунин маъно дорад, ки агар шахси ноболиғ такроран ҷиноят содир кунад ҳам, озод кардани ӯ аз ҷазо дар ҳолати ҷой доштани дигар шартҳои бо м. 90 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда имконпазир аст;

Г) Чораҳои маҷбуркунии дорои хусусияти тарбиявидошта танҳо дар ҳолати содир кардани ҷинояти начандон вазнин татбиқ карда мешаванд. Лекин ҷой кардани ноболиғ дар муассисаи махсуси таълимию тарбиявӣ ё дар муассисаи табобатию тарбиявӣ мумкин аст барои содир намудани ҷинояти дараҷаи миёна низ татбиқ карда шавад.

Муҳлати дар муассисаи махсуси таълимию тарбиявӣ ё дар муассисаи табобатию тарбиявӣ ҷой кардани ноболиғонро конуни ҷиноӣ аниқ муайян кардааст, ки он набояд аз 3 сол зиёд бошад. Ин муҳлат бо дарназардошти фаро расидани балоғат маҳдуд карда шудааст, яъне агар шахс, масалан дар синни 17-солагӣ ҷиноят содир карда бошад, он гоҳ ин чора мумкин аст то ба синни 18-солагӣ расидани ӯ татбиқ карда шавад (1сол, 10 моҳ, 6 моҳ). Дароз кардани муҳлати татбиқи ин чора аз тарафи КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда нашудааст, яъне манъ аст. Лекин пеш аз муҳлат қатъ кардани татбиқи минбаъдаи ин чора имконпазир аст ва он тибқи хулосаи мақомоти давлатӣ оид ба кор бо ноболиғон анҷом дода мешавад, ки эҳтиёҷи дар муассисаҳои номбаршуда қарор доштани ноболиғро зарур надонад [6; 250].

Татбиқи чораҳои дар моддаи 90 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон доғи судиро пайдо намекунанд.

Ҳамин тариқ, мувофиқи қ 1 моддаи 90 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон:

Ноболиғе, ки барои содир намудани ҷинояти вазнин ё дараҷаи миёна маҳкум шудааст, мумкин аст аз ҷониби суд бо татбиқи чораҳои маҷбуркунии дорои хусусияти тарбиявидошта, ки дар қисми дуюми моддаи 89 ҳамин Кодекс пешбинӣ шудааст, аз ҷазо озод карда шавад.

Акнун мегузарем ба таҳлили қисми моддаи мазкури Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ноболиғе, ки барои содир намудани ҷинояти дараҷаи миёна маҳкум шудааст, мумкин аст аз ҷониби суд аз ҷазо озод карда шавад, агар эътироф карда шавад, ки мақсадҳои ҷазо мумкин аст танҳо бо роҳи ҷойгир кардани ӯ дар муассисаҳои махсуси тарбиявӣ ё табобатӣ-тарбиявии барои ноболиғон ба даст оварда мешавад. Дар ин маврид муҳлати дар муассисаи нишондодашуда нигоҳ доштан аз муҳлати ҳадди болоии ҷазо, ки Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷинояти содиркардаи ноболиғ пешбинӣ намудааст, зиёд буда наметавонад

Бояд қайд намуд, ки дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи 18 ба категорияҳои ҷиноятӣ бахшида шудааст ва ба сифати ҷиноятҳои дараҷаи миёна ва вазнин чунин ҷиноятҳо баромад менамоянд:

Кирдорҳои қасдан содиршавандае, ки ҷазои ҳадди аксари барои онҳо дар ҳамин Кодекс пешбинигардида аз панҷ соли маҳрум сохтан аз озодӣ зиёд нест ва кирдорҳои аз беэҳтиётӣ содиршавандае, ки ҷазои ҳадди аксар барои онҳо аз панҷ соли маҳрум сохтан аз озодӣ зиёд мебошад, ҷиноятҳои дараҷаи миёна эътироф мешаванд.

Кирдорҳои қасдан содиршудае, ки ҷазои ҳадди аксари барои онҳо дар ҳамин Кодекс пешбинигардида аз дувоздаҳ соли маҳрум сохтан аз озодӣ зиёд нест, ҷиноятҳои вазнин эътироф мешаванд.

Ба ноболиғ чунин чораҳои маҷбуркунии дорои хусусияти тарбиявӣдошта таъин кардан мумкин аст:

А) огоҳ кардан;

Б) ба назорати падару модар ё шахсони онҳоро ивазкунанда ё мақомоти давлатӣ оид ба кор бо ноболиғон супурдан;

В) ба зимма гузоштани уҳдадории барқарор кардани зарари расонидашуда;

Г) маҳдуд кардани фароғат ва муқаррар намудани талаботи махсус ба рафтор.

Ба ноболиғ мумкин аст ҳамзамон якчанд чораи маҷбуркунии дорои хусусияти тарбиявидошта таъин карда шавад. Давомнокии муҳлати татбиқи чораҳои маҷбурии таъсиррасонии тарбиявиро, ки дар бандҳои «б» ва «г» қисми дуюми ҳамин модда пешбинӣ шудаанд, мақомоти таъиннамудаи ин чораҳо муқаррар менамояд. Дар ҳолати мунтазам аз чораи маҷбуркунии дорои хусусияти тарбиявидошта саркашӣ намудани ноболиғ, он бо дархости мақомоти давлатӣ оид ба кор бо ноболиғон бекор карда шуда, мавод барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани ноболиғ мувофиқи қонун ба мақомоти дахлдор фиристода мешавад.

Ноболиғе, ки барои содир намудани ҷинояти дараҷаи миёна маҳкум шудааст, мумкин аст аз ҷониби суд аз ҷазо озод карда шавад, агар эътироф карда шавад, ки мақсадҳои ҷазо мумкин аст танҳо бо роҳи ҷойгир кардани ӯ дар муассисаҳои махсуси тарбиявӣ ё табобатӣ

– тарбиявӣ барои ноболиғон ба даст оварда мешавад. Дар ин маврид муҳлати дар муасисаи нишондодашуда нигоҳ доштан аз муҳлати ҳадди болоии ҷазо, ки Кодекси мазкур барои ҷинояти содиркардаи ноболиғ пешбинӣ намудааст, зиёд буда наметавонад. [1; м 90].

Нигоҳ доштани ноболиғ дар муассисаҳои дар қисми дуюми ҳамин модда нишондодашуда мумкин аст то ба охир расидани муҳлате, ки қисми дуюми ҳамин модда пешбинӣ кардааст, қатъ карда шавад, агар тибқи хулосаи мақомоти махсуси давлатӣ, ки ислоҳшавиро таъмин менамояд, ноболиғ барои ислоҳшавии худ ба татбиқи минбаъдаи чораи мазкур дигар эҳтиёҷ надошта бошад. Дароз кардани муҳлати нигоҳ доштан дар муассисаи махсуси тарбиявӣ ё табобатӣ – тарбиявӣ барои ноболиғон баъди ба охир расидани муҳлати пешбиникардаи қисми дуюми ҳамин модда танҳо дар мавриди зарурати ба охир расидани тайёрии таҳсилоти умумӣ ё касбӣ роҳ дода мешавад.

Шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод намудани ноболиғон. Дар моддаи 91 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қоидаҳои шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод намудани ноболиғон муқаррар гардидаанд. Шахсоне, ки дар синну соли ноболиғӣ ҷиноят содир намуда ба корҳои ислоҳӣ ё маҳрум сохтан аз озоди маҳкум шудаанд пас аз воқеан адо намудани муҳлати зерин метавонанд шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод карда шаванд:

А) на камтар аз сеяки муҳлати ҷазое, ки барои ҷинояти начандон вазнин ё дараҷаи миёна таъин шудааст;

Б) на камтар аз нисфи ҷазое, ки барои ҷинояти вазнин таъин шудааст;

В) на камтар аз се ду ҳиссаи ҷазое, ки барои ҷинояти махсусан вазнин таъин шудааст.

Қоидаҳои умумии шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод кардан, ки дар моддаи 76 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд, бо дарназардошти талаботи фасли V, боби 14 ҳамин Кодекс ба ноболиғон низ тааллуқ доранд. Ҳамин тавр, ноболиғе, ки ҷазоро дар намуди маҳрум кардан аз ҳуқуқи машғул шудан бо фаъолияти муайян, корҳои ислоҳӣ, маҳрум сохтан аз озодӣ адо карда истодааст, агар ӯ бо рафтори намунавӣ ва муносибати софдилона ба меҳнат ислоҳ шудани худро исбот кунад, суд метавонад ӯро шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод кунад. Дар айни замон ин ноболиғро пурра ё қисман аз адои ҷазои иловагӣ озод намудан мумкин аст. Суд ноболиғро шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод карда, метавонад ба зиммааш чунин уҳдадориҳоро гузорад: дар муҳлати муайян зарари расонидаро барқарор намудан, иваз накардани истиқоматгоҳи доимӣ, ҷойи кор ё таҳсил бидуни огоҳ кардани мақомоте, ки ба рафтори маҳкумшуда назорат мскунанд. Ба ҷойҳои муайян нарафтан, ба кор ё таҳсил дохил шудан, даври муолиҷаи майзадагӣ, нашъамандӣ, токсикоманӣ ё касалиҳои зуҳравӣ тамом кардан, аз ҷихати модди дастгири намудани оила. Ноболиғ бояд дар давоми қисми адонашудаи ҷазо муҳлати ҷазои воқеан адонамудаи шахс дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ аз ноболиғ моҳ камтар буда наметавонад. Чунин талабот барои шахсони аз ҳаждаҳсола болотар низ ҳамин тавр аст. [2; 150 с].

Агар дар давоми муҳлати боқимондаи ҷазои адонашуда:

А) ноболиғи маҳкумшуда тартиботи ҷамъиятро вайрон карда ва барои он ба ӯ ҷазои маъмурӣ татбиқ шуда бошад ё аз иҷрои уҳдадориҳое, ки суд ҳангоми шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод кардани ӯ ба зиммааш гузоштааст, ашаддӣ саркашӣ намояд, суд бо дархости мақомоти давлатии ваколатдор дар хусуси бекор кардани шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод кардан ва татбиқи қисми ҷазои адонашуда қарор қабул мекунад;

Б) ноболиғи маҳкумшуда ҷиноят содир намояд, суд мувофиқи қоидахои таъини ҷазо аз рӯйи маҷмуи ҳукмҳо (моддаи 68 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба у ҷазо таъин мекунад ва он бояд на зиёда аз даҳ сол барои ноболиғони аз чордаҳ то шонздаҳсола ва на зиёд аз дувоздаҳ сол барои ноболиғони аз шонздаҳ то ҳаждаҳсола бошад.

Ба ҷазои нисбатан сабуктар иваз намудани ҷазо

Ба шахсе, ки барои ҷинояти дар синни то ҳаждаҳсолагӣ содирнамудааш бо маҳрум сохтан аз озодӣ ё бо корҳои ислоҳӣ маҳкум шудааст, қисми адонакардаи ҷазо мумкин аст бо ҷазои нисбатан сабуктар иваз карда шавад.

Ба ҷазои нисбатан сабуктар иваз намудани қисми адонашудаи ҷазо нисбати шахси маҳкумшуда дар сурате татбиқ шуданаш мумкин аст, ки агар ӯ бо рафтори намунавӣ ва муносибати софдилона ба меҳнат ё таълим роҳи ислоҳшавиро пеша карда бошад.

Ба ҷазои нисбатан сабуктар иваз кардани қисми муҳлати адонашудаи ҷазо дар ҳолати воқеан адо намудани муҳлати зерин имконпазир аст, ба истиснои муқаррароти пешбининамудаи қисми 8 моддаи 49 Кодекси мазкур. (ҚҶТаз 21.07.10 с., №617)

А) на камтар аз чоряки муҳлати ҷазое, ки барои ҷинояти начандон вазнин ё дараҷаи миёна таъин шудааст;

Б) на камтар аз сеяки муҳлати ҷазое, ки барои ҷинояти вазнин таъин шудааст;

В) на камтар аз нисфи муҳлати ҷазое, ки барои ҷинояти махсусан вазнин таъин шудааст, инчунин барои ҷинояти қасдона, агар шахс қаблан барои қасдан содир намудани ҷиноят ба маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шуда бошад.

Ҳангоми бо корҳои ислоҳӣ иваз кардани қисми адонашудаи маҳрум сохтан аз озодӣ, онҳо дар доираи муҳлатҳои барои ин намуди ҷазо муқарраргардида таъин шуда, набояд аз муҳлати адонашудаи маҳрум сохтан аз озодӣ зиёдтар бошанд.

Нисбати шахсоне, ки ҷазояшон ба ҷазои нисбатан сабуктар иваз карда шудааст, шартан пеш аз муҳлат аз адои ҷазо озод кардан мувофиқи қоидаҳои пешбининамудаи моддаи 91 ҳамин Кодекс татбиқ карда мешавад.

Агар шахсе, ки ҷазояш ба ҷазои нисбатан сабуктар иваз карда шудааст, дар давоми қисми адонашудаи ҷазо қасдан ҷинояти нав содир кунад, суд мувофиқи қоидаҳои дар моддаҳои 68 ва 88 ҳамин Кодекс пешбинигардида ба ӯ ҷазо таъин менамояд.

Дар мавриди аз тарафи маҳкумшуда пурра талофӣ намудани зарари моддӣ, тартиби пешбининамудаи қисми 8 моддаи 49 ҳамин Кодекс татбиқ карда мешавад. (ҚҶТаз 21.07.10 с., №617)

АДАБИЁТ

1.Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 майи соли 1998-Душанбе, «Сифат-Офсет» 2019.
2.Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе-2005, с 513.
3.Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009, № 564.
4.Ализода А, Ҳусейнзода С, Ҳасанов Ш Ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятӣ ва ҷавобгарии ҷиноятии ноболиғон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дастури таълимӣ-илмӣ, 2019, с168.
5. Абдурашидзода А., Назаров У. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (қисми умумӣ), курси лексияҳо / А. Абдурашидзода, У. Назаров. - Душанбе-2017, с 270.
6. Шарипов Т., Сафарзода А., Диноршоҳ А. Ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ / Т. Шарипов, А. Сафарзода, А. Диноршоҳ. - Душанбе-2019с300.

ХУСУСИЯТҲОИ АЗ ҶАЗО ОЗОД КАРДАНИ НОБОЛИҒОН

Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои хоси аз ҷазо озод намудани ноболиғон, таҳлил гардидааст. Дар асоси омӯзиши адабиётҳои илмӣ, ки ба масоили таҳқиқшаванда бахшида шудааст, инчунин мазмуни фасли 5, боби 14, моддаҳои 86-95 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муаллиф ба хулосае омадааст, ки қонунгузор ҳангоми тарҳрезии моддаҳаи 89-92 хусусиятҳои аз ҷазо озод кардани ноболиғон баъзе норасоиро ба вуҷуд меоварад, ки метавонад дар татбиқи ин меъёрҳо мушкилоти зиёд ба бор оварад. Вобаста ба ин, мафҳуми мазкур, аз нуқтаи назари муаллиф, ба таҳқиқу такмил ниёз дорад.

КАЛИДВОЖАҲО: қонуни ҷиноятӣ, ҷиноят, ҷазо, ноболиғ, субъект, корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳкумшуда, колонияҳои тарбиявӣ.

ОСОБЕННОСТИ ОСВОБОЖДЕНИЯ НЕСОВЕРШЕННОЛЕТНИХ ОТ НАКАЗАНИЯ

В данной статье анализируются специфические особенности освобождения несовершеннолетних от наказания. Основываясь на изучении научной литературы, посвященной исследуемым вопросам, а также содержания раздела 5, Главы 14, статей 86-95 Уголовного кодекса Республики Таджикистан, автор пришел к выводу, что законодатель при разработке статьи 89-92 особенностей освобождения несовершеннолетних от наказания создает некоторый пробел, который может привести к большим трудностям в реализации этих норм. В связи с этим данное понятие нуждается в уточнении с точки зрения автора.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: уголовное право, преступление, наказание, несовершеннолетний, субъект, обязательные работы, исправительные работы, осужденный, воспитательная колония.

FEATURES OF THE RELEASE OF MINORS FROM PUNISHMENT

This article analyzes the specific features of the release of minors from punishment. Based on the study of the scientific literature devoted to the issues under study, as well as the content of section 5, Chapter 14, articles 86-95 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan, the author came to the conclusion that the legislator, when developing article 89-92 of the specifics of the release of minors from punishment, creates a gap that can lead to great difficulties in implementing these norms. In this regard, this concept needs to be clarified from the point of view of the author.

KEYWORDS: criminal law, crime, punishment, minor, subject, compulsory labor, correctional labor, convict, educational colony.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шамсиддинова Шукрона Раҷабалиевна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси 2 – юми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **907-13-66-13.**

Сведения об авторе: ***Шамсиддинова Шукрона Раҗабалиевна*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **907-13-66-13.**

Information about the author: ***Shamsiddinova Shukrona Rajabalievna*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **907-13-66-13.**

ЗИНАҲОИ ТАТБИҚИ ҲУҚУҚ

Ятимова М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар рафти татбиқи ҳуқуқ ҳолатҳои воқеии кор ҷамъу таҳлил мегарданд, меъёрҳои дахдори ҳуқуқ интихоб, таҳлил ва тафсир карда шуда, вобаста ба ҳолатҳои ҷудогонаи ҳаётӣ ва шахсони муайяи мушаххас карда мешаванд, санадҳои ҳуқуқтабиқсозӣ қабул мешаванд, иҷроиши ин санадҳо бо чорабиниҳои ҳифзи ҳуқуқӣ таъмин мешавад [8,456].

Аз ин хотир, табиқи ҳуқуқ зина ба зина сурат мегирад. Риояи онҳо кафолати татбиқи қонунӣ ва самараноки ҳуқуқ мебошад. Чунончи, интихоб ва татбиқи меъёри ҳуқуқ бидуни санҷидани ҳолатҳои воқеии кор мумкин нест, анҷом додани татбиқи меъёри ҳуқуқ бидуни қабули санади ҳуқуқтатбиқсозӣ ғайриимкон аст.

Бар замми ин, зинаҳои татбиқи ҳуқуқ бо ҳамдигар алоқаи мантиқӣ доранд. Чунончи, аввал ҳолатҳои воқеии кор санҷида мешаванд, сипас, дар заминаи онҳо меъёри ҳуқуқ интихоб мешавад. Бе таҳлили ҳолатҳои воқеӣ ва ҳуқуқии кор қабули санади татбиқи ҳуқуқ имконнопазир аст. Барои ҳамин, омӯзиши зинаҳои татбиқи ҳуқуқ ва риояи онҳо аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Фаъолияти татбиқи ҳуқуқ аз зинаҳои зерин иборат аст:

1) таҳлили ҳолатҳои воқеии кор;

2) муайян намудани асосҳои ҳуқуқии кор;

3) қабули санади татбиқи ҳуқуқ.

Таҳлили холатҳои воқеии кор зинаи аввали татибиқи ҳуқуқ мебошад, ки дар рафти ои ҷамъ, таҳлил ва баҳодиҳии ҳолатҳои воқеӣ, ки барои ҳалли кор заруранд, сурат мегирад.

Аз ҳолатҳои воқеии ҷамъшуда, таҳлили ҳаматарафаи онҳо тақдири минбаъдаи парванда ё баҳси ҳуқуқӣ вобастагӣ дорад. Ҷамъ, таҳлил ва баҳои ҳолатҳои воқеӣ бо дарназардошти моҳияти кор, зарурати ҳалли самаранок ва қонунии кор, риояи талаботи қонун анҷом дода мешавад. Барои ҳамин, мақомоти татбиқи ҳуқуқ ҳақ надоранд худсарона, бархилофи талаботи қонун ҳолатҳои воқеиро ҷамъу таҳлил намоянд, ба онҳо баҳо диҳанд [2,350]

Таҳлили ҳолатҳои воқеии кор бо риояи талаботи зерин анҷом дода мешавад:

Доираи зарури ҳолатҳои воқеӣ бояд муайян карда шаванд. Қабл аз ҷамъи ҳолатҳои воқеӣ, доираи онҳоро бояд муайян намуд. Ҳамон ҳолатҳои воқеӣ ҷамъ карда мешаванд, ки барои ҳалли баҳс ё парвандаи ҳуқуқӣ кофӣ мебошанд.

Ҳамаи ҳолатҳои кор бояд ҷамъ карда шаванд. Сарфи назар намудани ягон ҳолати воқеӣ мумкин нест, вагарна ҳақиқат таъмин намешавад.

Ҳолатҳои воқеӣ бо риояи талаботи қонун ҷамъ карда мешаванд. Чунончи, ба даст овардани далелҳои шайъӣ, нишондоди шоҳидон, сабти суҳбати телефонӣ ва ғ. бояд бо риояи қонун, аз ҷумла талаботи Кодекси мурофиаи ҷиноятӣ сурат гирад.

Ҳолатҳои воқеӣ, агар дар қонун ба онҳо пешакӣ ишора шуда бошад, бояд мутобиқи қонун ҷамъ карда шаванд.

Ҷамъи ҳолатҳои воқеӣ, аз ҷумла дар фаъолияти фаврӣ-ҷустуҷӯй, тафтишотӣ, прокурорӣ, судӣ ва ғ. дар ҳолатҳои зарурӣ расмӣ карда мешавад.

Ҳамаи ҳолатҳои воқеии ҷамъшуда ҳаматарафа, бо истифодаи қоидаҳо ва усулҳои махсуси ҳуқуқӣ таҳлил карда мешаванд. Таҳлили ҳолатҳои воқеӣ бо мақсади муайян намудани аҳамияти ҳуқуқии онҳо анҷом дода мешавад. Чунончи, дар ин ҳолатҳо қоидаҳои муайян намудани ҳакконияти фактҳои ҳуқуқӣ истифода мешаванд, фактҳои нуқсоннок, қалбакӣ муайян ва бартараф карда мешаванд.

Ба ҳар як ҳолати воқеӣ баҳои ҳуқуқӣ дода мешавад. Ҳолатҳои ҷудогонаи ҳаётӣ дар ҳолати аҳаммияти ҳуқуқӣ доштанашон асоси ҳалли баҳс ё кор мешаванд. Баҳодиҳӣ ба ҳолатҳои воқеӣ бо мақсади муайян намудани ҳақиқати баҳс ё парванда анҷом дода мешавад. Дар рафти баҳодиҳӣ ҳакконияти ҳар як ҳолати воқеӣ муайян карда мешавад. Чунончи, синни инсон, вазъи шаҳрвандӣ, вазъи амволӣ ва ғ. бояд исбот карда шаванд.

Исботи далелҳо, махсусан, дар соҳаи татбиқи қонунгузории мурофиавӣ аҳаммияти муҳим дорад [5,247]

Як қатор фактҳои ҳуқуқӣ дар қонунгузорӣ пешбинӣ мешаванд. Дар ин ҳолат мақомоти таҳқиқ, тафтишоти пешакӣ, судӣ онҳоро тибқи нишондоди қонун ҷамъу таҳлил мекунанд. Дар мавридҳои дигар, ҳолатҳои воқеиро як мақомот ё шахсони ваколатдор ҷамъ намуда, қарор оид ба онҳо аз ҷониби мақомот ё шахсони мансабдори дигар қабул мешавад.

Дар ҳар сурат ҳолатҳои воқеӣ бояд ҳаматарафа санҷидаву омӯхта шаванд. Барои ин усулҳои гуногун истифода мешаванд. Яке аз ин усулҳо исботи далелҳо мебошад, ки тибқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ сурат мегирад. Барои санҷидани ҳолатҳои воқеӣ намудҳои гуногуни экспертиза низ таъин мешаванд ё хулосаи мутахассис гирифта мешавад.

Дар ҳама гуна ҳолатҳо фактҳои ҳуқуқии ҷамъшуда бояд санҷида шаванд, зеро маҳз онҳо асоси ҳалли парванда ё баҳс мешаванд, дар заминаи онҳо санадҳои дахлдори татбиқи ҳуқуқ қабул мешаванд.

Илова бар ин, ҳолатҳои воқеии кор бояд пурра бошанд. Одатан қонун ба теъдоди зарури ҳолатҳои воқеӣ ишора мекунад. Чунончи, барои таъини нафақа, қабул ба муассисаи таҳсилоти олӣ, додани шаҳодатномаи ронандагӣ ва ғ. теъдоди муайяни ҳолатҳои воқеӣ, аз қабили собиқаи кор, синни муайян, шаҳодатномаи хатми мактаби таҳсилоти умумӣ, балҳои зарури тестӣ ва диг. пешбинӣ мешаванд.

Санҷиши ҳар як ҳолати воқеии кор вазифаи субъектони татбиқи ҳуқуқ аст. Онҳо ҳаққонияти ин ҳолатҳои воқеиро муайян мекунанд, фактҳои қалбакӣ ё сохтаро ошкору бартараф мекунанд. Ҳамзамон, ҳолатҳои воқеии кор бояд дар чорчӯбаи қонун, тибқи ваколатҳои мақомоти давлатӣ ва шахси мансабдор ҷамъ карда шаванд.

Муайян намудани асосҳои ҳуқуқии кор зинаи татбиқи ҳуқуқ мебошад, ки дар он меъёрҳои ҳуқуқ ва дигар муқаррароти меъёрии ҳуқуқӣ интихоб, таҳлил ва тафсир карда мешаванд [6, 17].

Муайян намудаи асосҳои ҳуқуқии баҳс ё парвандаи ҳуқуқӣ амалҳои зеринро талаб мекунад:

а) интихоби меъёри ҳуқуқ ва дигар муқаррароти меъёрии ҳуқуқӣ (принсипҳои ҳуқуқ, мафҳумҳои ҳуқуқӣ ва ғ.);
б) истифодаи матни расмии санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки меъёри интихобшударо дар бар мегирад;
в) таҳлили техникӣ-ҳуқуқии (забонӣ, мантикӣ ва дигари) матни меъёри ҳуқуқ;
г) таҳлили амали меъёр дар замон, макон, нисбат ба шахсони муайян;
д) тафсири меъёри ҳуқуқ бо истифода аз намудҳо ва тарзҳои тафсири ҳуқуқӣ.

Интихоби меъёри ҳуқуқ бо дарназардошти талаботи зерин анҷом дода мешавад:

а) меъёре интихоб мешавад, ки асоси ҳалли баҳс ё парвандаи ҳуқуқӣ шуда метавонад;
б) дар мавридҳои алоҳида якчанд меъёрҳо, аз ҷумла меъёрҳое, ки бо ҳам алоқаи мантиқӣ доранд, ҳамдигарро илова мекунанд, интихоб мешаванд;
в) меъёри ҳуқуқ бо дарназардошти нуктаҳои умумӣ, принсиипҳои умуми ва соҳавии ҳуқуқ, аз ҷумла талаботи қисми умумии кодексҳо интихоб мешавад;
г) мавқеи меъёри ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқ, соҳа, институти ҳуқуқ муайян карда мешавад;
д) ихтилофоти байни меъёрҳо, агар ошкор карда шаванд, муайян карда шуда, ба инобат гирифта мешаванд ва дар ҳолатҳои зарурӣ (дар робита бо салоҳияти субъекти татбиқи ҳуқуқ) бартараф карда мешавад.

Зимни татбиқи ҳуқуқ меъёрҳои умумӣ ва махсус татбиқ карда мешаванд. Ҳангоми татбиқи меъёрҳои умумӣ ва махсус, ки як намуди муносибатҳои ҷамъиятиро танзим мекунанд, меъёрҳои махсус истифода мешаванд.

Дар ҳолати ошкор шудани ихтилофи байни меъёрҳо коидаҳои зерин риоя карда мешаванд:

а) агар ихтилоф байни меъёрҳои муқаррарнамудаи мақомоти гуногуни ҳуқуқэҷодкунӣ ошкор шавад, пас меъёри санади меъёрии ҳуқуқии дорои эътибори баландтари ҳуқуқӣ татбиқ мешавад;

б) агар ихтилоф байни меъёрҳои ҳамон як мақомои ҳуқуқэҷодкунӣ ошкор гардад, пас меъёре истифода мешавад, ки дертар қабул шудааст;
в) агар ихтилофи байни меъёрҳои қонун ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда ошкор гардад, пас санади байналмилалӣ татбиқ мешавад.

Татбиқи ҳуқуқ ҳамеша бо меъёри ҳуқуқ вобаста нест. Қонун ҳолатҳоеро пешбинӣ мекунад, ки баҳси ҳуқуқӣ бидуни меъёри ҳуқуқ ҳал карда мешавад. Татбиқи ҳуқуқ дар ҳолати ҷой надоштани меъёри ҳуқуқ бо истифода аз қиёс (қиёси қонун ва қиёси ҳуқуқ) анҷом дода мешавад [1, 79-81].

Ҳангоми татбиқи меъёри ҳуқуқ матни расмии он муайян карда мешавад. Меъёрҳое татбиқ мешаванд, ки дар матни расмии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ифода шудаанд. Он санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ татбиқ мешаванд, ки дар манбаи расмӣ интишор шудаанд. Тибқи м. 66 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»:

1. Сарчашмаи расмии интишори санадҳои қонунгузорӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки онҳоро Тоҷикистон эътироф кардааст, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиеи Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон, рӯзномаҳои «Ҷумҳурият» ва «Садои мардум» мебошанд. Санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки аз мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахсони мансабдор) ба мақомоти нашри расмӣ ворид шудаанд, бояд дар муҳлаги на дертар аз 10 рӯз аз лаҳзаи воридшавӣ интишор гарданд.

Сарчашмаи расмии интишори санадҳои меъёрии ҳуқуқии Маҷлисҳои вакилони халқи Вилояти Мӯхтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва раисони Вилояти Мӯҳтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе рӯзномаҳои вилоятӣ ва шаҳрии дахлдор мебошанд. Сарчашмаи расмии интишори санадҳои меъёрии ҳуқуқии Маҷлисҳои вакилони халқи шаҳру ноҳия, раисони шаҳру ноҳия ва мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот рӯзномаҳои шаҳрӣ ва ноҳиявии дахлдор мебошанд.

Сарчашмаҳои матни расмии санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар қисми 1 ҳамин модда пешбинигардида, инчунин Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷмуи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Феҳристи ягонаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мераванд.

3. Тартиби интишори расмии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби интишори расмии санадҳои меъёрии ҳуқуқии вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

Зимни таҳлили меъёри татбиқшаванда ба амали он дар замон, макон, нисбат ба шахсони муайян таваҷҷуҳ бояд намуд. Бо ин мақсад эътибори ҳуқуқӣ доштани меъёр, тағйиру иловаҳои он, амали он дар ҳудуде, ки дар он баҳс ё парвандаи ҳуқуқӣ ҳал мешавад, паҳн шудани он ба иштирокчиёни муносибати ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд. Истифодаи меъёрҳои қатъшуда, меъёрҳои ҳоло эътибори ҳуқуқӣ пайдонакарда асоси ҳуқуқии кор шуда наметавонанд [4,60].

Бо мақсади таҳлили мазмуни меъёри ҳуқуқ тафсири он анҷом дода мешавад. Меъёри ҳуқуқ бо истифода аз тарзҳои тафсири мантиқӣ, забонӣ, низомнок, иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ тафсир мегардад.

Қабули санади татбиқи ҳуқуқ зинаи татбиқи ҳуқуқ мебошад, ки дар он парванда ё баҳси ҳуқуқӣ ҳал карда мешавад.

Муайян намудани асосҳои воқеӣ ва ҳуқуқии кор зинаҳои омодасозии татбиқи ҳуқуқ буда, маҳз бо қабули санади татбиқи ҳуқуқ баҳс ва парвандаи ҳуқуқӣ ҳалли худро меёбанд.

Санади татбиқи ҳуқуқ (ҳукм, ҳалнома, фармон ва м.и.) дар заминаи асосҳои воқеӣ (фактҳои ҳуқуқии санҷидашуда ва исбоггангга) ва ҳуқуқии кор (меъёрҳои ҳуқуқии муайяну тафсиршуда) қабул мешавад. Қабули санади татбиқи ҳуқуқ аҳаммияти муҳим дорад, чунки баҳс ё парвавдаи ҳуқуқиро ҳал мекунад, дар ҳолатҳои зарурӣ, аз ҷумла ҳангоми татбиқи ҷазои ҷиноятӣ тақдири инсонро муайян мекунад, бо манфиатҳои инсон ҳангоми таъини нафақа, ҷудо намудани қитъаи замин ва ғ. робита дорад [7,465-466].

Дар зинаи қабули санади татбиқи ҳуқуқ амалҳои зерин анҷом дода мешаванд:

а) таҳияи лоиҳаи санади татбиқи ҳуқуқ бо риояи талаботи қонун ва қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ;
б) қабули санади татбиқи ҳуқуқ;
в) бақайдгирии санади табиқи ҳуқуқ;
г) ба маълумоти шахсони манфиатдор расонидани санади татбиқи ҳуқуқ;
д) таъмини иҷрои санади татбиқи ҳуқуқ;
е) назорат аз болои иҷрои санади татбиқи ҳуқуқ.

Санади татбиқи ҳуқуқ бо роҳҳои гуногун ба маълумоти шахсони манфиатдор расонида мешавад. Чунончи, ҳукми суд дар толори маҷлиси судӣ эълон мегардад, фармони роҳбари корхона, муассиса, ташкилот ба маълумоти корманд расонида мешавад, фармони Президент дар хусуси ба вазифа таъин намудан ва диг. тавассути воситаҳои ахбори омма эълон карда мешавад ва ғ.

Як қатор санадҳои татбиқи ҳуқуқ, аз қабили фармони роҳбари корхона ё муассиса дар хусуси ба кор қабул намудан, ба вазифа таъин намудан ва м.и. дар дохили корхона ё муассиса қабул ва иҷро карда мешаванд. Дар ин ҳолатҳо иҷроиши санадҳо зери назорати маъмурияти ҳамин корхона ё муассиса қарор мегирад. Маъмурият манифиатдор аст, ки санади қабулкардаашро ба иҷро расонад. Чунин санадҳо дар дохили корхона ё муассиса фавран ба маълумоти коркунони он расонида мешаванд [4,436]

Як қатор санадҳои татбиқи ҳуқуқ аз ҷониби як мақомот қабул шуда, вале иҷрои онро мақомоти дигар таъмин мекунанд. Чунончи, ҳукми айбдории судро муассисаҳои адои ҷазои Вазорати адлия иҷро мекунанд. Дар ин ҳолатҳо санади татбиқи ҳуқуқро як мақомоти давлатӣ қабул намуда, иҷрои он дар мақомоти дигар сурат мегирад.

Назорати иҷрои санадҳои татбиқи ҳуқуқ ба зиммаи мақомоти дахдор гузошта мешавад. Чунончи, иҷрои ҷазоҳои чиноятиро мақомоти прокуратура назорат мекунанд, роҳбарони корхона, муассиса, ташкилот иҷрои санадҳои худро назорат мекунанд, мақомоти болой иҷрои санадҳои мақомоти поёниро зери назорат мегиранд.

АДАБИЁТ

1. Шарофзода Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ / Р.Ш. Шарофзода. - Душанбе 2018.– С.456
2. Венгеров А.Б. Теория государства и права / А.Б. Венгеров. - Москва,2006.– С.350
3. Марченко М.Н. Теория государства и права / М.Н. Марченко. - Москва,1999.–С.247
4. Миннекес И.А. Индивидуальное правовое регулирование: (теоретико-правовой анализ): автореф. дис…докт. юрид. наук. – Екатеринбург, 2009. – С. 17. 52 с.
5. Аверин А.В. Правоприменительная деятельность суда и формирование научно-правового сознания судей / А.В. Аверин. – Саратов, 2003.- С. 79-81
6. Гарапшин К.М. Правоприменительная практика в советском и общенародном государстве: автореф. дис…канд. юрид. наук. – Казань, 1986. – С. 60
7. Теория государства и права. Курс лекций / под ред. Н.И. Матузова и А.В. Малько. – М.. 2014. – С. 465-466.
8. Вопленко Н.Н. Очерки общей теории права / Н.Н. Вопленко. – Волгоград, 2009. – С. 436. 896 с

ЗИНАҲОИ ТАТБИҚИ ҲУҚУҚ

Дар мақола масъалаҳои зинаҳои татбиқи ҳуқуқ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Қайд мегардад, ки татбиқи ҳуқуқ ҳолатҳои воқеии кор ҷамъу таҳлил мегарданд, меъёрҳои дахдори ҳуқуқ интихоб, таҳлил ва тафсир карда шуда, вобаста ба ҳолатҳои ҷудогонаи ҳаётӣ ва шахсони муайяи мушаххас карда мешаванд, санадҳои ҳуқуқтабиқсозӣ қабул мешаванд, иҷроиши ин санадҳо бо чораҳои ҳифзи ҳуқуқӣ таъмин мешаванд. Аз ин хотир, табиқи ҳуқуқ зина ба зина сурат мегирад.

КАЛИДВОЖАҲО: татбиқи ҳуқуқ, ҳуқуқ, қонун, Конститутсия, санади татбиқи ҳуқуқ, риояи ҳуқуқ, иҷрои ҳуқуқ, истифодаи ҳуқуқ, факти ҳуқуқӣ.

СТАДИИ ПРИМЕНЕНИЕ ПРАВА

В статье анализируются вопросы уровней правоприменения. Отмечается, что применение права собирается и анализируется, и интерпретируются критерии правового риска в зависимости от конкретных жизненных ситуаций и конкретных лиц, принимаются правовые акты, реализация этих актов обеспечивается мерами правовой защиты. Поэтому, согласно закону, это делается поэтапно.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: правоприменение, право, закон, Конституция, правоприменительный акт, правопорядок, правоприменение, правоприменение, юридический факт.

STAGES OF APPLICATION OF LAW

In the article, the issues of the level of law enforcement are analyzed. It is noted that the application of law is collected and analyzed, the criteria of legal risk are selected, analyzed and interpreted depending on specific life situations and specific persons, legal acts are accepted, and the implementation of these acts is ensured by the goal of legal protection. Therefore, according to the law, it is done step by step.

KEYWORDS: application of law, right, law, Constitution, act of application of law, observance of law, enforcement of law, use of law, legal fact.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ятимова Марҳабо*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси 2 – юми факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **[992]907750293.**

Сведения об авторе: ***Ятимова Мархабо*** – Таджикский национальный университет, магистр второго курса юридического факультета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **[992]907750293.**

Information about the author: ***Yatimova Marhabo*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Law. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **[992]907750293.**

СИЁСАТ – ПОЛИТИКА

НАҚШИ МАТБУОТИ ТОҶИК ДАР ТАҲКИМИ ҲАМКОРИҲОИ МИНТАҚАВИИ КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Убайдуллозода С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Матбуот ҳамчун яке аз васоити муҳимми иттилоот ва назарпазир, дар таҳкими робитаҳо ва ҳамкориҳои байналмилалӣ нақши ҳалкунанда мебозад. Дар Тоҷикистон, ин нақш дар робита бо кишварҳои Осиёи Марказӣ махсусан муҳим аст, зеро кишварҳо дар як минтақаи ҷуғрофӣ қарор доранд ва расидан ба ҳамкориҳои муфид, ҳамҷоя ва таъсиргузор дар сиёсати хориҷӣ, иқтисод ва фарҳанг барои ҳар ду тараф манфиатбахш мебошад.

Матбуоти тоҷик як воситаи асосӣ барои ҳамкориҳои сиёсӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ мебошад. Ба ҳамин тариқ, дар барномаҳои матбуотии кишвар ва бо истифода аз нашрияҳои мустақил ва расмии давлатӣ, аз ҷумла рӯзномаҳои "Ҷумҳурият", "Садои мардум" ва дигар манбаъҳои иттилоотии давлатӣ ва ғайридавлатӣ, муҳимтарин хабарҳо ва навгониҳое, ки дар равандҳои сиёсӣ ва дипломатии кишвар бо ҳамсояҳо рӯй медиҳанд, инъикос мешаванд. Масалан, дар соли 2024 матбуоти тоҷик дар бораи ташкили нишастҳои саронии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва нақшаи пешбурди ҳамкориҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии ин кишварҳо маълумот пахш кардааст [16].

Ҳамкориҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ, ки дар матбуоти тоҷик хеле муҳим ишора шудааст, дар бар мегиранд лоиҳаҳои муштараке, ки бо кишварҳои Осиёи Марказӣ амалӣ карда мешаванд. Масалан, масъалаи таъмини лоиҳаҳои энергетикӣ, масирҳои савдои минтақавӣ ва масъалаҳои ба таъқиб гузоштан дар раванди инфрасохторӣ дар минтақа мебошад. Маҷаллаҳо ва сомонаҳои хабарии тоҷикӣ, аз қабили АМИТ "Ховар" ва "Азия-Плюс", инчунин аҳаммияти созишномаҳое, ки барои рушд ва афзоиши гардиши савдо байни кишварҳо амалӣ мешаванд, инъикос мекунанд. Ин мақолаҳо ва таҳлилҳо боиси ҷалби сармоягузорони хориҷӣ ва рушди тиҷоратӣ мешаванд. Мо чанд мисол аз рӯйдодҳое, ки Тоҷикистон дар соли 2024 вохӯрд ва онро матбуоти тоҷик дар кадом шаклҳо ба нашр расондааст мавриди барассӣ қарор додем.

Соли сипаришуда, ҳамчунин, соли тақвияти ҳамкориҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистон бо шарикони озмудашуда дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил буд. Аз ҷумла, дар ин сол рушду таҳкими равобити фарогир миёни Тоҷикистон бо Арабистони Саудӣ, Озарбойҷон, Қатар, Молдова ва Италия бо баргузории сафарҳои расмӣ ва кории роҳбарони ин кишварҳо ба Тоҷикистон дар соли 2024 шоҳиди пешрафтҳои назаррас гардид.

Чун мақола вобаста ба кишварҳои Осиёи Марказӣ аст мо бештар ба муносибаҳои ин кишварҳо менамоем. Дар соли 2024 муносибатҳои Тоҷикистон бо Ӯзбекистон дар маркази таваҷҷуҳ қарор дошт. Дар мулоқотҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев вазъ ва дурнамои муносибатҳои неку шарикии стратегии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар соҳаҳои мавриди таваҷҷуҳ баррасӣ шуд.

Дар давраи ҳисоботӣ робитаҳои сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангиву гуманитарӣ бо як қатор кишварҳои ҳавзаи Осиёи Марказӣ идома ва густариш пайдо карданд. Аз ҷумла, дар соли сипаришуда ҳамкориҳои дуҷониба миёни Тоҷикистону Ӯзбекистон дар бахши сайёҳӣ, иқтисод, роҳу нақлиёт, амнияти озуқаворӣ ва фарҳанг 28 санади ҳамкорӣ имзо шуд. Созишномаҳоро роҳбарони вазорату идораҳои ду кишвар ба имзо расониданд. Инчунин, зимни вохӯрӣ санади «Аҳдномаи ҳампаймонӣ»-ро раҳбарони ду кишвар Эмомалӣ Раҳмон ва Шавкат Мирзиёев ба имзо расониданд. Ин созишномаҳо дар доираи сафари давлатии

президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Тоҷикистон ба имзо расид. Гуфта мешавад, ки дар 7 соли охир гардиши савдо миёни Тоҷикистон ва Узбекистон 40 баробар афзудааст. Айни замон дар қаламрави ҳарду кишвар 400 корхонаи муштарак фаъолият мекунанд [4].

Инчунин соли 2024 равобити Тоҷикистон бо Туркманистон дар натиҷаи сафари расмии раиси Халқ Маслиҳатии Туркманистон Гурбонгулӣ Бердимуҳамедов санаи 4 апрел 5 санади нави ҳамкорӣ ба имзо расонида шуд:

- Барномаи ҳамкорӣ байни Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои хориҷии Туркманистон барои солҳои 2024-2025;
- Созишнома дар бораи ҳамкорӣ байни Маркази такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони хизмати дипломатии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишкадаи муносибатҳои байналмилалии Вазорати корҳои хориҷии Туркманистон;
- Созишнома байни Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Хуҷанди вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳокимлики шаҳри Аркадаги Туркманистон дар бораи ба роҳ мондани муносибатҳои бародаршаҳрӣ;
- Созишнома дар бораи ҳамкорӣ байни Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати сохтмон ва меъмории Туркманистон.
- Ёддошти тафоҳум байни Институти геология, сохтмони ба заминларза тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Институти сейсмология ва физикаи атмосфераи Академияи илмҳои Туркманистон [*1*].

Ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои дигари Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Қазоқистон дар солҳои охир вусъат ёфт, ки албатта дар паҳн ва иттилоотрасонии ин масъала нақши расонаҳои тоҷик хело назаррас аст. Агентии миллии иттилооти Тоҷикистон Ховар (АМИТ) санаи 17 сентябри соли 2024 хабар додааст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои иштирок дар Вохӯрии сарони давлатҳои “Осиёи Марказӣ – Ҷумҳурии Федеративии Олмон” ба шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон сафар кард [17].

Қобили зикр аст, ки санаи 28-ноябри соли 2024 сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат ба Ҷумҳурии Қазоқистон бомуваффақият анҷом пазируфт.

Муносибатҳо миёни Тоҷикистон ва ин кишварҳои Осиёи Марказӣ дар заминаи табодули сафарҳои ҳайатҳои гуногунсатҳ, табодули лоиҳаҳои санадҳои дуҷониба ҷиҳати тақвияти заминаи шартномавиву ҳуқуқии муносибатҳо, баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ ва иштироки фиристодагони Тоҷикистон дар даврaҳои омӯзишӣ ҷараён гирифтанд.

Соли 2024 Саравари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 17 сафари хориҷӣ дошт, ки ҳамаи ин сафарҳо бо натиҷаҳои бадастовардаашон аз ҷониби расонаҳои Тоҷикистон бо забонҳои тоҷикӣ, рӯси ва англисӣ нашр гардидаанд.

Соли 2024 барои Тоҷикистон соли самаранок дар муносибатҳои дуҷониба бо кишварҳои Осиёӣ маҳсуб мешавад, ки ба сафари давлатии Президенти Қазоқистон ба Тоҷикистон ва тавофуқҳои ҳосилшуда дар сатҳи олӣ вобаста ҳастанд. Робитаҳои сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангиву гуманитарӣ бо шарикони дигари анъанавии мо дар минтақа, аз ҷумла Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Туркманистон дар давоми сол дар руҳияи дӯстиву рафоқат ҷараён доштанд.

Инчунин, соли сипаришуда дар муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва Қирғизистон як қатор рӯйдодҳои муҳим сабт шуданд, ки диққати васеи ҷомеаро ҷалб карданд. Масъалаҳои сарҳадӣ, рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ ва фарҳангӣ, инчунин таҳкими муносибатҳои дипломатӣ мавзуъҳои асосии мулоқотҳои сатҳи баланд ва барномаҳои муштарак буданд.

Яке аз рӯйдодҳои калидӣ дар муносибатҳои ду кишвар мулоқоти Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Қирғизистон Садир Жапаров дар санаи 12-уми сентябри соли 2024 буд. Дар ин мулоқот, ки тавассути сомонаи расмии президенти Тоҷикистон “president.tj” нашр шуд, роҳбарони ду кишвар масъалаҳои марбут ба делимитатсия ва демаркатсияи сарҳадҳои давлатии ду кишварро баррасӣ карданд. Ин мулоқот, ки аз ҷониби хабаргузории "Ховар" khovar.tj инъикос ёфт, масъалаҳои тавсеаи ҳамкориҳои дуҷониба ва дурнамои рушди муносибатҳоро дар бар гирифт.

Дар соли 2024, 20-солагии имзои “Аҳдномаи Ҳусни Ҳамҷаворӣ” миёни Тоҷикистон ва Қирғизистон таҷлил гардид. Ин рӯйдод ҳамчун як рамзи муносибатҳои бародарона ва ҳамсоягии хуб аз тарафи ҳарду ҷониб арзёбӣ шуд. Ҳамчунин, зимни таҷлил аз ин санаи муҳим, мулоқотҳои сатҳи гуногун баргузор гардиданд, ки дар онҳо масъалаҳои таҳкими ҳамкорӣ дар соҳаҳои мухталиф муҳокима шуданд.

Рӯйдодҳои марбут ба муносибатҳои Тоҷикистону Қирғизистон дар расонаҳои маҳаллӣ ва байналмилалӣ васеъ инъикос ёфтанд: Сомонаи расмии Президенти Тоҷикистон (president.tj) хабарҳои марбут ба мулоқоти президентҳо ва масъалаҳои марбут ба сарҳадро нашр кард. Хабаргузории "Ховар" (khovar.tj) дар бораи мулоқоти Президенти Тоҷикистон бо Вазири корҳои хориҷии Қирғизистон гузориш дод. Нашрияҳои расмӣ, аз ҷумла рӯзномаҳои "Ҷумҳурият" ва "Садои мардум", таҳлилҳои бештар оид ба муносибатҳои дипломатии ду кишварро нашр карданд.

Бузургтарин рӯёдоде, ки дар соли 2024 миёни ин ду кишвар шуда гузашт ин муайян гардидани хати марзӣ миёни ду кишвар буд, ки ин мавзуъ аз ҷониби беш аз 50 расонаи давлативу ғайридавлатӣ ба нашр расид.

Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар соли 2024 аз рӯйи якчанд самтҳо идома ёфтаанд, ки дар маркази таваҷҷуҳи ҷонибҳо масъалаи нишасти сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Олмон, Форуми ҳамкории Осиёи Марказӣ ва Корея (4 ноябри соли 2024 дар шаҳри Сеул гузаронида шуд,) Барномаи махсуси СММ барои иқтисодиёти Осиёи Марказӣ (СПЕКА) (26-28 ноябри соли 2024) Тоҷикистон дар ин чорабиниҳо иштироки фаъолона нишон медиҳад, ки кишвар ба таҳкими ҳамкориҳои минтақавӣ ва рушди ҳамгироии иқтисодӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ аҳаммияти хоса медиҳад.

Тоҷикистон дар тақвияти ҳамкориҳо миёни Осиёи Марказӣ ва ҷаҳон нақши меҳварӣ дорад

(шарҳи матбуот)

Натиҷаҳои нишасти навбатии вазирони кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо дар шаҳри Душанбе, тасвиби буҷаи давлатӣ барои соли 2024 дар Маҷлиси Намояндагон, омодагӣ ба интихобот, барқияи изҳори тасаллият ва нигаронӣ аз вазъияти ногувори роҳҳои мошингард дар бархе навоҳии вилояти Хатлон аз муҳимтарин мавзуъҳои нашрияҳои чопи ин сол аст.

Нашрияи расмии “Ҷумҳурият” дар шумораи рӯзи 13 август зимни натиҷагирӣ аз нишасти вазирони корҳои хориҷии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар шаҳри Остона навишт: Вазири корҳои хориҷӣ Сироҷиддин Муҳриддин дар нишасти вазирони корҳои хориҷии давлатҳои Осиёи Марказӣ иштирок кард.

Роҳбарони ниҳодҳои сиёсати хориҷии Осиёи Марказӣ масъалаҳои марбут ба тақвияти иртиботи сиёсӣ ва рушду таҳкими ҳамкориҳои гуногунҷанбаи минтақавӣ, аз ҷумла дар соҳаҳои тиҷоратию иқтисодӣ, нақлиёту рушди инфрасохтор, технология ва коммуникатсия бо таваҷҷуҳ ба зарфиятҳои "иқтисоди сабз", инчунин, равобити фарҳангию гуманитариро баррасӣ карданд [18].

Ҳамзамон, дар ин сана агентии иттилоотии Ховар хабар додааст, ки дар мулоқот оид ба рӯзномаи муносибатҳои байналмилалӣ ва минтақа табодули афкори судманд намуданд. Вазирони корҳои хориҷӣ лоиҳаи рӯзнома ва номгӯйи ниҳоии ҳуҷҷатҳои вохӯрии навбатии машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказиро мувофиқа намуданд [17].

Нашрияи парлумонии “Садои мардум” дар шумораи №146 (4886) 02.12.2024 хабар медиҳад, ки дуюми декабри соли 2024 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Шурои Маҷлиси намояндагон баргузор гардид.

Дар он масъалаҳо «Дар бораи лоиҳаи Барномаи қарзгирии берунаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025 ва дурнамои нишондиҳандаҳои он барои солҳои 2026-2027” мавриди баррасӣ қарор гирифта, ба ҷаласаи навбатии Иҷлосияи шашуми

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод гардид [16].

Ҳафтаномаи “Asia-Plus” дар шумораи рӯзи 16 ноябр дар мақолаи худ бо номи “ Парлумони Тоҷикистон буҷаи кишварро барои соли 2025 тасдиқ кард” баррасӣ кардааст.

Соли 2025 ҳаҷми даромади буҷети давлатӣ 49,6 миллиард сомонӣ (беш аз $4,5 млрд) пешбинӣ гардидааст. Ин маблағ дар қиёс ба буҷаи имсола 6,6 млрд сомонӣ ё 15,4% зиёд мебошад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025»-ро дирӯз, 4-уми декабр вакилони Маҷлиси намояндагон ба тасвиб расониданд. Файзиддин Қаҳҳорзода, вазири молияи Тоҷикистон зимни муаррифии қонуни буҷет дар назди вакилон гуфтааст, соли оянда даромади буҷет аз ҳисоби чунин манбаъҳо пурра мешавад ***[*** 2***].***

Нашрияи “Asia-Plus” дар матлаби дигари хеш навиштааст, ки 17-уми декабри соли ҷорӣ Шурои директорони Бонки Умумиҷаҳонӣ дар хусуси дар марҳалаи аввал ҷудо намудани 3,8 миллиард сомонӣ грант барои сохтмони неругоҳи «Роғун» қарор қабул кард.

Ҳафтаномаи “Тоҷикистон” дар шумораи рӯзи 25 декабр дар саҳфаи панҷуми хеш навиштааст, ки “Бурду бохти соли 2024. Соли 2025 иқтисоди Тоҷикистонро чӣ интизор аст?” навиштааст, ки Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ кӯшиш карданд, ки монеаҳои тиҷоратиро бартараф намуда, ҳамкориҳои иқтисодиро густариш диҳанд. Барои мисол, дар моҳи октябри 2024 дар Душанбе даври нахустини Форум оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ ва тиҷоратии кишварҳои Осиёи Марказӣ баргузор шуд, ки дар он намояндагони давлатҳо ва бахши хусусӣ иштирок намуданд [2].

Ҳафтаномаи “Фараж” низ дар шумораи рӯзи 28.12.2024 навиштааст, ки то имрӯз беш аз 50 фоизи корҳои сохтмони неругоҳи «Роғун» ба анҷом расонида шудаанд.

Ҳукумати мамлакат бо истифода аз ҳамаи сарчашмаҳо ҷиҳати сари вақт маблағгузорӣ намудани сохтмони ин иншооти стратегӣ мунтазам чораҷӯйӣ карда истодааст. Дар ин ҷода бо як қатор созмонҳои байналмилалии молиявӣ ва шарикони рушд ҳамкориҳои судманд ҷиҳати ҷалби маблағҳои имтиёзнок дар ҳаҷми 33 миллиард сомонӣ (ё 3 миллиард доллар), аз ҷумла 12,5 миллиард сомонӣ грант (ё 1 миллиарду 150 миллион доллар) идома доранд. То имрӯз созишномаҳои маблағгузории иншооти неругоҳ бо 6 созмон дар ҳаҷми умумии 10 миллиард сомонӣ, аз ҷумла 3,8 миллиард сомонӣ грант ба имзо расонида шуда, соли 2025 маблағгузорӣ аз ҷониби онҳо оғоз мегардад [3].

Дар самти тавсеаи муносибатҳо бо шарикони анъанавӣ ва созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ 17 сафари хориҷии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, аз ҷумла, сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Қазоқистон ва иштирок дар мулоқоти кории сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ (2024 12.14) [10], маросими имзои санадҳои нави ҳамкорӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Кувайт [11] сафари корӣ ба Озарбойҷон (9 — 11 июн), сафари корӣ ба шаҳри Москваи Федератсияи Россия (14 июн), сафари корӣ ба шаҳри Қазони Федератсияи Русия (23.10.2024), сафари корӣ ба Туркманистон (11.10.2024)[12], сафари корӣ ба Давлати Қатар (02.10.2024)[13], сафари корӣ ба Ҷумҳурии Қазоқистон (17.09.2024),[14.] сафари корӣ ба Ҷумҳурии Исломии Эрон (30.07.2024), сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Италия ва Ватикан (22.04.2024) [15].

Дар доираи ин сафарҳо дар соли 2024, Тоҷикистон бо як қатор кишварҳои шарик санадҳои муҳимро ба имзо расонид. Бо Қазоқистон 11 санад, аз ҷумла дар соҳаҳои энергетика, саноат ва тиҷорат ба имзо расид. Бо Озарбойҷон 4 санад, ки асосан ҳамкорӣ дар нақлиёт ва тиҷорати байналмилалиро фаро мегиранд. Бо Туркманистон 3 санад дар бахшҳои энергетика ва тиҷорати сарҳадӣ ба имзо расид. Бо Италия 2 санад дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаҳои фарҳанг ва технология баста шуд. Ҳамчунин, бо Эрон 5 санад, ки рушди энергетика, нақлиёт ва савдои маҳсулоти кишоварзиро дар бар мегиранд, ба имзо расиданд.

Бо вуҷуди дастовардҳо, матбуоти тоҷик ҳамчун як унсури муҳимми иттилоотрасонӣ бояд дар инъикоси воқеиятҳои ҷаҳонӣ нақши фаъол дошта бошад. Бо вуҷуди он ки матбуоти тоҷик дар солҳои охир кӯшиш мекунад, то бо хабарҳои байналмилалӣ ҷомеаро

шинос намояд, дар ин раванд чандин камбудӣ мавҷуд аст, ки онро наметавон нодида гирифт.

Дар баррасии масъалаҳои ҷаҳонӣ матбуоти тоҷик аксаран ба хабарҳои сатҳӣ ва кӯтоҳ қаноат мекунад. Масъалаҳои муҳим ба монанди тағйироти иқлим, низоъҳои байналмилалӣ ва буҳронҳои иқтисодӣ дар аксар маврид бе таҳлили амиқ ва бе иштироки коршиносон пешниҳод мешаванд. Ин боиси он мегардад, ки хонандагон танҳо тасаввуроти умумӣ дар бораи масъалаҳои ҷаҳонӣ дошта бошанд.

Барои инъикоси дурусти масъалаҳои ҷаҳонӣ журналистони касбӣ бо дониши амиқи иқтисодӣ, сиёсӣ ва геополитикӣ заруранд. Мутаассифона, дар Тоҷикистон шумораи чунин мутахассисон маҳдуд аст. Ин ҳолат ба матолиб таъсири манфӣ мерасонад ва хонандагон аксар вақт бо маълумоти сатҳӣ маҳдуд мешаванд.

АДАБИЁТ

1. Азимов А. Воқеияти зиндагӣ дар матбуоти тоҷик / А. Азимов. - Душанбе. 2000. 186с
2. Бобоев Д. Махсусияти кор дар ВАО-и навин ва классик / Д. Бобоев. – Душанбе, 2018. 150 с
3. Исмоилзода З. Жанрҳои журналистика ва қолабҳои нави жанрӣ / З. Исмоилзода. – Душанбе. 2019. 172 с
4. Муродов М. Асосҳои эҷоди журналистӣ / М. Муродов. - Душанбе. Ирфон, 2014. 254с.
5. Мухторӣ Қ. Реклама ва ҳувияти миллӣ дар шароити баҳамназдикшавии фарҳангҳо / Қ. Мухторӣ // Журналистикаи байналхалқӣ (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ). – Душанбе, 2014. 120 с
6. Саъдуллоев А., Давронов Д., Муродов М., Асосҳои фаъолияти эҷодии журналист / А. Саъдуллоев, Д. Давронов, М. Муродов. - Душанбе: – Деваштич, 2004. 128 с.
7. Усмонов И., Давронов Д. Таърихи журналистикаи тоҷик / И. Усмонов, Д. Давронов. - Душанбе: Азия-Принт. 2008.290 с.
8. Усмонов И., Усмонова К. Таърихи журналистикаи тоҷик / И. Усмонов, К. Усмонова. - Душанбе: Олами дониш.2020. 250
9. Ҷовид М. Мусоҳиба ва техникаи таҳияи он (Дастури таълимӣ) / М. Ҷовид. – Душанбе. 2013. 160с
10. Шарифзода Қ. Газета (рӯзнома) / Қ. Шарифзода. - Душанбе: 2016. 104 с.
11. Бояд дар хотир дошт, ки дар хонигарии Куканд, чун дар аморати Бухоро моликияти хусусӣ ба замин вучуд надошт.
12. Бушков, В.И. О некоторых аспектах межнациональных отношений в Таджикской ССР // Исследования по прикладной и неотложной этнологии [Текст] / В.И. Бушков. - М.: 1990. – С. 4-8.
13. В Кыргызстане при полном аншлаге прошли Дни культуры Таджикистана. [Манбаи электронӣ] URL: http://news.tj/ru/news (санаи мурочиат: 15.04.2019).
14. Вазорати корҳои хоричии Чумхурии Точикистон https://mfa.tj/tg/main/view/141/munosibathoi-tojikiston-bo-qirgiziston санаи мурочиат 16.04.2022
15. . Губаева, С.С. Этнический состав населения Ферганы в конце XIX- начале XX вв. (По данным топонимики) [Текст] / С.С. Губаева. Ташкент: 1983.-С.78-79
16. Дипломатия Таджикистана. Ежегодник 2007 год. Внешняя политика Республики Таджикистан: хроника и документы [Текст] / Под общ. ред. Х.Зарифи / Составители Д. Назриев и др. Душанбе: 2010.-С.78.
17. Азия Плюс, 4 апрели 2024: https://asiaplustj.info/news/tajikistan/power/20240404/imzoi-3-sozishnoma-1-barnomavu-1-yoddosht-miyoni-toikiston-va-turkmaniston
18. Азия Плюс, 5 декабри 2024: https://asiaplustj.info/tj/news/tajikistan/economic/20241205/66-mlrd-somon-ziyodtar-nisbat-ba-imsol-parlumoni-toikiston-bueti-soli-2025-ro-abul-kar
19. Фараж, 28 декабри 2024: https://farazh.tj/habari-ruz/pajomi-prezidenti-umhurii-tojikiston-muhtaram-jemomaly-rahmon/
20. Пресса тҷ, 18 апрели 2024: https://pressa.tj/imzoi-28-sanadi-nav-miyoni-toҷikiston-va-uzbekiston/\
21. Пресса тҷ, 27 декабри 2024: https://pressa.tj/burdu-bohti-soli-2024-soli-2025-iқtisodi-toҷikistonro-chӣ-intizor-ast/
22. Президиум ТҶ, 2 октябри 2024: https://president.tj/event/photoreport/photoreport/47890
23. Президиум ТҶ, 3 ноябри 2024: https://president.tj/event/news/48563
24. Президиум ТҶ, 11 октябри 2024: https://president.tj/event/news/48040
25. Президиум ТҶ, 13 август 2024: https://khovar.tj/2024/08/dar-ostona-nishasti-vazironi-kor-oi-hori-ii-davlat-oi-osiyoi-markaz-barguzor-gardid/
26. Президиум ТҶ, 14 декабри 2024: https://president.tj/event/photoreport/photoreport/49085
27. Президиум ТҶ, 17 сентябри 2024: https://president.tj/event/photoreport/photoreport/47591
28. Президиум ТҶ, 18 сентябри 2024: https://president.tj/event/news/48399
29. Президиум ТҶ, 22 апрели 2024: https://president.tj/event/news/37365
30. Президиум ТҶ, 23 октябри 2024: https://president.tj/event/news/48399
31. Президиум ТҶ, 30 июли 2024: https://president.tj/event/news/46726
32. Садои мардум, 2 декабри 2024: https://sadoimardum.tj/2024/12/02/

33. Ховар, 17 сентябри 2024: https://khovar.tj/2024/09/safari-kor-ba-um-urii-azo-iston/
34. Ҷумҳурият, 13 августи 2024: https://jumhuriyat.tj/4030-nishasti-vazironi-koroi-horiii-davlatoi-osiei-markaz.html

НАҚШИ МАТБУОТИ ТОҶИК ДАР ТАҲКИМИ ҲАМКОРИҲОИ МИНТАҚАВИИ КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Дар мақола нақши матбуоти тоҷик дар таҳкими ҳамкориҳои минтақавии кишварҳои Осиёи Марказӣ таҳлил шудааст. Ин мавзуъ муҳим аст, зеро матбуот ҳамчун воситаи иттилоотӣ ва таҳлилӣ метавонад ба рушди муносибатҳои дипломатӣ ва иқтисодӣ таъсир расонад. Тавассути расонаҳо ҷомеа аз равандҳои ҳамкорӣ огоҳ гардида, замина барои ҳамгироии бештар фароҳам меояд. Инъикоси масъалаҳои муштарак ва дастовардҳои кишварҳо ба таҳкими робитаҳои байнидавлатӣ мусоидат мекунад.

КАЛИДВОЖАҲО: матбуоти тоҷик, ҳамкориҳои минтақавӣ, Осиёи Марказӣ, таҳкими робитаҳо, дипломатия, иттилоот, афкори ҷамъиятӣ, иқтисод, фарҳанг, расонаҳо.

РОЛЬ ТАДЖИКСКОЙ ПРЕССЫ В УКРЕПЛЕНИИ РЕГИОНАЛЬНОГО СОТРУДНИЧЕСТВА СТРАН ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

В статье анализируется роль таджикской прессы в укреплении регионального сотрудничества стран Центральной Азии. Эта тема является актуальной, поскольку СМИ, как информационный и аналитический инструмент, может оказать влияние на развитие дипломатических и экономических отношений. С помощью СМИ общество осведомляется о процессах сотрудничества, создавая основу для дальнейшей интеграции. Отражение общих вопросов и достижений стран способствует укреплению межгосударственных связей.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: таджикская пресса, региональное сотрудничество, Центральная Азия, укрепление связей, дипломатия, информация, общественное мнение, экономика, культура, СМИ.

THE ROLE OF THE TAJIK PRESS IN STRENGTHENING REGIONAL COOPERATION AMONG CENTRAL ASIAN COUNTRIES

The article analyzes the role of the Tajik press in strengthening regional cooperation among Central Asian countries. This topic is significant as the media, as an informational and analytical tool, can influence the development of diplomatic and economic relations. Through media, society becomes informed about cooperation processes, creating a foundation for further integration. The reflection of common issues and achievements of countries contributes to strengthening intergovernmental relations.

KEYWORDS: Tajik press, regional cooperation, Central Asia, strengthening relations, diplomacy, information, public opinion, economy, culture, media.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Убайдуллозода Суман Убайдулло*** - Академияи милли илмҳои Тоҷикистон, магистранти курси 2-юми Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға**: Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 149. Телефон **(+992) 915055007.** E-mail: **ubaydullozodasuman@gmail.com**

Сведения об авторе: ***Убайдуллозода Суман Убайдулло*** - Национальная академия наук Таджикистана, магистрант второго курса Института изучения проблем стран Азии и Европы. **Адрес**: Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 149. Телефон: **(+992) 915055007.** E-mail: **ubaydullozodasuman@gmail.com**

Information about the author: ***Ubaidullozoda Sumon Ubaidullo*** - National Academy of Sciences of Tajikistan, second-year master's student at the Institute for the Study of Asian and European Countries. **Address:** Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 149. Phone: **(+992) 915055007.** E-mail: **ubaydullozodasuman@gmail.com**

БАРҚАРОРӢ ВА ТАШАККУЛИ РАВОБИТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Раҳимзода С.
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ

Миллати тоҷик сарфи назар аз таъриху фарҳанги бой ва тамаддуни бостонӣ тайи садсолаҳо соҳибихтиёру мустақил набуд ва баҳри ба даст овардани чунин неъмат талошҳои зиёде варзидааст.

Ба даст овардани соҳибихтиёрӣ ва истиқлолият дар таърихи хар як қавму миллат муҳимтарин вазифа ва волотарин орзую ормон ба шумор меравад. Таърих гувоҳ аст, ки барои ба ин роҳ комёб шудан мардум бо роҳҳои гуногун пайваста мубориза мебаранд ва он гоҳе осон ва гоҳе бо ҷангу хунрезиҳои идомадор ба даст меояд.

Тавре Эмомали Раҳмон - Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоштааст: «сарнавишти миллати тоҷик дар тӯли асрҳо баробари дигар мардуми эронинажод басо печида ва пуршебу фароз аст. Тоҷик бо кору пайкор барои ноил шудан ба озодӣ, бо созандагӣ ва бунёдкорӣ, бо ақлу заковати фарзандони нобиғааш дар арсаи илму адабу сиёсат, бо расидан ба даврони эҳёи давлатдорӣ ва чашидани заҳри шикаст, бо талошҳо баҳри худшиносӣ ва огаҳии миллат таърихи худро ғаниву рангин сохтааст» [6,с.45].

Тоҷикистон аз оғози соҳибихтиёрӣ сиёсати ҳамсоягии нек, ҳамзистии осоишта ва даҳолат накардан ба корҳои дохилии ҳамдигарро пеш гирифта, равобити худро бо кишварҳои дигари ИДМ, аз ҷумла Осиёи Марказӣ низ инкишоф медиҳад. Дар ин бора Президенти кишварЭмомалӣ Раҳмон чунин таъкид кардааст: «Тоҷикистон манфиатдор аст, ки бо кишварҳои ҳамсояи худ-Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Туркманистон муносибатҳои беғаразона ва дӯстона дошта бошад».

Ҷумҳурии Ӯзбекистон 31 августи соли 1991 дар сессияи шашуми ғайринавбатӣ истиқлолияти хешро эълон кард ва ҳамасола рӯзи 1 сентябр Рӯзи Истиқлолияти хешро ҷашн мегирад.

Солҳои аввали истиқлолият барои Ӯзбекистон низ бо душвориҳо паси сар мешуд. Чунки баъд аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ алоқа миёни кишварҳои собиқ Шӯравӣ канда шуд ва ин таъсири худро ба ҳамаи кишвархо, аз чумла Ӯзбекистон низ расонид. [7,с.28]

Соли 1991 Узбекистон низ чун ҷумҳуриҳои дигари Иттиҳоди Шӯравӣ соҳибистиклол гардид. Аз он лаҳза инҷониб дар ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангиву иҷтимоии кишвар давраи нави сарнавиштсоз оғоз ва мавҷи тағйироту ислоҳотҳо пахлуҳои гуногуни ҷомеаро фарогир шуд.

Бунёди давлати пуриқтидори ҳуқуқиву демократӣ ва ҷомеан шаҳрвандӣ бо иқтисоди устувори бозаргонӣ, сиёсати хориҷии мустақилона шиору вазифаи асосӣ гардид. Аз ибтидо роҳбарияти кишвар бо дарназардошти хусусиятҳо ва душвориҳои давраи гузариш дар сиёсат ва иқтисод боэҳтиёт, вале устувор кор мегирад.

Тавре Х. Исламхоҷаев - ҷонишини вазири равобити иқтисоди берунии Ӯзбекистон дар яке аз мусоҳибаҳои худ иброз доштааст: «Ҳар миллат монанди давлати ҷудогона ба худ хусусиятхои хос дорад. Ҳарчанд иқтисоди бозаргонӣ дар кишварҳои гуногун дар асоси қонуну қондаҳои умумӣ инкишоф меёбад, лекин кишварҳо дорои анъанаву хусусиятхон худ мебошанд. Онҳо бо сохтори хоҷагӣ, шароити ҷуғрофӣ, иқлим, урфу одатҳои миллӣ, анъана муайян мегарданд. Бо дар назардошти ин омилҳо Ҳукумати мо самтҳои асосии инкишофи иқтисоди Ӯзбекистонро таҳия намудааст» [2,с.79].

Дар вақти суханронӣ дар иҷлосияи нуҳуми Мачлиси Олии Ӯзбекистон (29 августи соли 2002) Президенти ин кишвар хафт самти муҳими авзалиятҳои инкишофи минбаъдаи Ӯзбекистонро муайян намуд:

1) афзалияти истиқлолу озодӣ, риоя ва иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ ва меъёрҳои эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ;

2) таъмини амну суботи кишвар, якпорчагии дахлнопазирии сарҳадҳои он, ҳаёти орому осоиштаи аҳолӣ, сафарбаркунии неруҳо бар зидди зуҳуроти ҳар гуна ифроткорӣ ва тундравӣ, терроризми байналмилалӣ, қочоқи маводи мухаддир, таҳкиму пойдории ҳамзистии осоишта ва ризояти байни миллатҳо, динҳо ва шаҳрвандон, ҷилавгирӣ аз ришвагирӣ, миллатгароӣ, маҳалбозӣ, хешу таборпарстӣ ва ғайра;

3) таҳкими ислоҳоти минбаъдаи бозор, ба вуҷуд овардани инфрасохтори тавонои бозорӣ, татбиқи принсипҳои иқтисоди озод чун шарти муҳими ташаккули иқтисоди устувор, таҳкими бахши хусусӣ, инкишофи босуръати соҳибкории хурду миёна, фаъолияти озоди иқтисоди берунӣ ва бозори арз, таъмини муовизаи (конвертатсия) ҷорӣва пойдории қимати арзи миллӣ, фароҳам овардани муҳити мусоид барои ҷалби сармояҳои хориҷӣ ва кафолати даркорӣ ба сармоягузорон;

4) татбиқи воқеии принсипҳои демократӣ, ки кафолатҳои зарури ҳуқуқ ва озодии шаҳрвандон, озодии сухан ва воситаҳои ахбор, ошкорбаёнӣ ва пешрафти ислоҳоти ҷориро таъмин месозанд;

5) тақвияти нақши институтҳои ғайридавлатии ҷамъиятӣ дар ҳаёти ҷомеа, яъне, давра ба давра кам кардани нақши сохторҳои давлатӣ дар ҳаллу фасли вазифаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва вогузории онҳо ба души созмонҳои ҷамъиятӣ; [3,с.45]

6) ислоҳоти судиву ҳуқуқӣ, яъне таъмини мустақилият ва мақому манзалати воқеии онҳо;

7) татбиқи сиёсати тавонои иҷтимоӣ бо дарназардошти хусусиятҳои демографӣ ва дигар махсусиятҳои ҷудогонаи миллии аҳолӣ.

Бо дарёфти истиқлолият Ҷумҳурии Тоҷикистон монанди дигар давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ба арсаи байналхалқӣ қадамҳои аввалини мустақили худро гузошт. Ба кишвари ҷавони мо зарур буд, ки ба ҷомеаи ҷаҳонии муосири бисёрқутбӣ, раванди ҷаҳонишавӣ, иқтисоди бозоргонӣ ворид гардад. Яке аз заруратхои таъхирнопазири даврони истиқлолият ин ташаккул ва инкишофи муносибатҳо бо кишварҳои ҷаҳон, қабл аз ҳама бо кишварҳои Осиёи Марказӣ буд. Зеро, чун Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи чуғрофӣ дар бунбасти комуникатсионӣ қарор дошт, ин омил тақозо мекард, то ҳамкорӣ ва муносибатҳо бо кишварҳои хориҷи дуру наздик алалхусус, бо давлатҳои ҳамсоя барқарор ва густариш ёбанд [13,с.57].

Ҳамчунин, Осиёи Марказӣ дорои захираҳои бузурги заминӣ (Қазокистон-19,4-млн га., Ӯзбекистон-4-млн га., Қирғизистон-1,4 га. Ва Тоҷикистон- 0.9 млн га.) буда, дар ҷаҳон миёни кишварҳои дорои замини корам чои 10-умро ишгол менамояд. Илова бар ин, аз рӯйи истеҳсоли маҳсулоти полезӣ дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ минтақа дар ҷои 16-ум, пахта дар ҷои 5-ум ва шумораи чорво дар ҷои 20 қарор дорад. Бо назардошти омили мазкур минтақа бояд худкифо ва пешрафта бошад.

Бо дарназардошти ин далелҳо Осиёи Марказӣ дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи муҳим дорад. Дар таъини самтҳои асосии сиёсати хориҷӣ ва афзалиятҳои он ба назар гирифтани махсусиятҳои мавқеи геополитикии Тоҷикистон бисёр муҳим аст.

Дар дунё имрӯз кишваре нест, ки мустақилона бидуни муносибат бо кишварҳои дигар арзи ҳастӣ намояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ истисно намебошад. Аз рӯйи ин гуфта, агар Тоҷикистонро дар маркази доирае қарор диҳем, пас мебинем, ки давродаври онро се ҳалқаи давлатҳо печонидаанд.

Ҳалқаи аввал - ҳалқаи давлатҳои ҳамсояи наздик ва хаммарзи он, хосса Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Узбекистон, Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Ҷумҳурии Қирғизистон буда, ҳалқаи дувум аз давлатҳои ба истилоҳ ҳамсояи девордармиён, аз қабили Ҷумҳурии Исломии Покистон, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Туркманистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон иборат мебошад. Ва ниҳоят ҳалқаи охиринро кишварҳои манфиатдоре, мисли Федератсияи Россия, Туркия, ИМА, Арабистони Саудӣ ва ғайра ташкил медиҳанд [11,с.38].

Сарвари давлатамон Эмомали Раҳмон 28-уми декабри соли 1993 дар ҷаласаи Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати хориҷии кишвар сухан ронда, самтҳои асосии онро муайян карданд. Аз рӯйи хулосабарории Ҷаноби Олӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи

мавқеи чуғрофӣ, мавқеи геополитикӣ ва манофеи иқтисодиаш ба 5 ҳавзаи сиёсӣ дохил мешавад.

Ҳавзаи якум - Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аст, ки бо вуҷуди душвориҳои солҳои аввали ташаккулаш ба сӯйи таҳкими равобити ҳамаҷиҳата тамоили ботинӣ дорад.

Ҳавзаи дуввум - Осиёи Марказист, ки кунун рӯ ба ваҳдати иқтисодию сиёсӣ овардааст [12,с.41].

Ҳавзаи сеюм - фазои зисту амали давлатҳои ҳамсояи форсизабон аст, онҳоро на фақат ҳамбастагии таърихӣ ва мазҳабию фарҳангӣ, балки дурнамои воқеии рушди миллӣ бо ҳам наздик месозанд.

Ҳавзаи чорум - доираи нуфузи давлатҳои мусулмоннишини Шарқ аст, ки онҳоро, на фақат ягонагии дину ойин ва суннатҳои динӣ, балки имконот ва эҳтиёҷоти рушди миллӣ низ ба ҳам мепайванданд.

Ҳавзаи панҷум - ҷомеаи байналмилалист, ки ҷамъбастагии зоҳирию ботиниаш беш аз пеш қувват мегирад ва ҳам оҳиставу пайваста ба сӯйи тамаддуни воҳиди умумибашарӣ роҳ мепаймоянд».

Ҳадафи мо аз овардани суханҳои боло нишон додани аҳаммияти минтақа дар сиёсати хориҷии кишвар мебошад.

Омили дигаре, ки таҳкими равобити минтақавӣ ва мавқеи ягонаи кишварҳоро тақозо менамояд, ин мубориза барои захираҳои ашёи хом ва қудратталабӣ дар шароити маҳдудшавии босуръати захираҳои табиӣ, рақобати шадиди иқтисодӣ ва имконияти амалан номаҳдуди техникӣ, ҳамчунин мубориза барои дастёбӣ ба захираҳои стратегӣ ва назорати минтақаҳои дорои аҳаммияти ҳаётӣ ва иқтисодӣ мебошад. Ин раванд қабл аз ҳама хоси минтақаи Осиёи Марказӣ аст, ки солҳои наздик нуктаи муҳимми рақобати геополитикӣ ва геостратегии қудратхоҳони ҷаҳон хоҳад гардид.

Ин амр тақозо менамояд, ки ҳам давлатҳои минтақа ва ҳам давлатҳои бузург сиёсати ниҳоят санҷида, созанда ва созгор бо суботу амнияти минтақа ва ҷаҳонро амалӣ намоянд. Осиёи Марказӣ ҳамчун нуктаи ҳассоси геополитикӣ ва геостратегии ҷаҳон набояд саҳнаи бесуботӣ ва бархӯрдҳои ҷаҳонӣ бошад, балки маркази пайванди манфиатҳои ҷаҳонӣ гардад.

Шарти муҳимтарин дар ин роҳ - ташаккул додани ҳамкории байналмилалӣ ҷиҳати бартараф намудани хатарҳо ва таҳдидҳои асосии глобалӣ, аз ҷумла терроризм, экстремизм, қочоқу гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷиноятқории муташаккили трансмиллӣ мебошад. Зеро дар ин раванд ҳамгироии босуръати ин падидаҳои фоҷиабор вусъат гирифта истодааст. [5,с.37]

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон низ дар шумори аввалинҳо истиқлолияти давлатии ҳамдигарро ба расмият шинохтанд ва ба таърихи муносибатҳои навини миёни ду кишвар ҳусни оғоз бахшиданд. Дере нагузашта, 22 октябри соли 1992 байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон муносибатҳои дипломатӣ барқарор гардид. Ҷонибҳо изҳор доштанд, ки бар асоси эътироф ва эҳтироми мутақобилаи истиқлолияти давлатӣ, принсипҳои баробарҳуқуқӣ ва дахолат накардан ба корҳои дохилии якдигар, танзими масъалаҳои мавриди баҳс бо роҳи гуфтушунид ва меъёрҳои пазируфташудаи байналмилалӣ кор мегиранд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон намояндагии доимии хешро дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон мохи январи соли 1993 кушод. Дар навбати худ Ҷумҳурии Ӯзбекистон 15 майи соли 1998 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафорати хешро боз кард.

Инчунин ба инкишофи муносибатҳои ду кишвари ба ҳам дӯст дар шароити ҳозира воқеаҳои мазкур такони ҷиддӣ бахшиданд:

-вохӯрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш.Рахмонов бо Президенти Ҷумҳурии Узбекистон И.А.Каримов ҳангоми баргузории конфронсӣ «Арал» дар соли 1995 дар шаҳри Нукуси Ӯзбекистон;

-баргузории гуфтушунидҳои ҷонишинҳои аввали сарвазирони ду кишвар дар шаҳри Тошканд моҳҳои октябр ва декабри соли 1995;

-сафари кории сарвазири Тоҷикистон Яҳё Азимов ба шаҳри Тошканд ва баъдан сафари ҷавобии ноиби сарвазири Ӯзбекистон Р.Юнусов ба шаҳри Душанбе; дар ҷараёни ин сафарҳо равобити мутақобила оид ба масоили иқтисодию молӣ баррасӣ шуданд;

-баргузории гуфтушунидҳо дар сатҳи сарвазирони ҳар ду кишвар 10.06.1997 дар шаҳри Бекободи Узбекистон; натиҷаи вохӯрӣ ин буд, ки аз 11 -уми июни ҳамон сол гирифтани пардохтҳо аз васоити нақлиётии ҳар ду кишвар, ки вориди якдигар мешаванд, дар ҳачми 5 доллари амрикой муайян гардиданд; [3,с.67]

-ташрифи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмон ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо даъвати Ҳукумати Ӯзбекистон дар санаи 04.07.1998. Дар чаҳорчӯбаи ин сафар шартномаҳои байниҳукуматӣ оид ба интиқоли газ ва ҳамлу нақли борҳои тарафайн ба мувофиқа расиданд. Ҳамзамон, сарварони кишварҳо оид ба гузаронидани рӯзҳои фарҳангии Ӯзбекистон дар Тоҷикистон паймон намуда, дар сатҳи баланд баргузор гаштани рӯзҳои фарҳангии Тоҷикистон дар Ӯзбекистонро, ки аз 29-уми июн то 05-июл ба вуқуъ пайваст, қайд намуданд.

15-уми июни соли 2000 сафари расмии Президенти Ӯзбекистон И.А.Каримов ба Тоҷикистон сурат гирифт. Вохӯрии тарафайн дар сатҳи олӣ ба вуқуъ пайваста, дар фазои ҳусни тафоҳум ва дӯстӣ ҷараён гирифт.Президенти Тоҷикистон аҳаммияти таърихӣ доштани сафари И.Каримовро қайд намуд. Ин сафар раванди барқарории боварии куллиро дар муносибатҳои байни Тоҷикистон ва Узбекистон ҷорӣ намуд. Дар ҷараёни сафар шартномаи аз ҳама муҳим «Аҳдномаи дӯстии абадӣ» байни кишварҳо ба имзо расид. Сарони кишварҳо оид ба болоравии нақши комиссияи муштараки байниҳукуматии кишварҳо дар низоми муносиботи байнидавлатӣ ва зурурати тахлили зиёда аз 100 ҳуҷҷати дуҷониба дар асоси сифат ва дараҷаи татбиқи онҳо қайд намуданд.

Аз оғози давраи истиқлолият то ба имрӯз дидору вохӯриҳои расмиву ғайрирасмии ду ва чандҷонибаи роҳбарони ду кишвар, табодули ҳайатҳои намояндагони ҳар ду тараф дар сатҳҳои гуногун мунтазам сурат гирифта, дар роҳи ҳаллу фасли мушкилиҳои мавҷуда ва ривоҷи робитаҳои серҷанба саъю кӯшишҳои зиёд ба харҷ дода шудааст. Дар ҷараёни ин гуна боздидҳо зиёда аз 160 санад роҷеъ ба масоили гуногуни ҳамкориҳо дар бахши иқтисоду тичорат, сиёсат, илму фарҳанг ва гайра ба имзо расидааст. Санадҳои мазкур асоси хуқуқӣ-ахдномавии муносибатҳои дуҷонибаи миёнаи хар ду кишвар ба шумор мераванд ва ин муносибатҳоро танзим мекунанд.

Яке аз аввалин санадҳое, ки байни ду ҷумҳурӣ ба имзо расидааст, Аҳдномаи дӯстӣ, муносибатҳои неки ҳамсоягӣ ва ҳамкории байни Ҷумҳурин Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон мебошад, ки он 4 январи соли 1993 дар рафти сафари Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов ба Ҷумхурии Ӯзбекистон ба имзо расидааст [1,с.18].

Дар он наздикии ногусастании сарнавишти таърихии халқҳои тоҷику ӯзбек ва азми онҳо дар таҳкими робитаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, илмӣ ва ғайра, инкишофи муносибатҳои дӯстии бародарона, муносибатҳои неки ҳамсоягӣ, ҳамкорӣ ва кумаки мутақобилаи байни халқҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон таҷассум ёфтааст. Ҳамчунин, тарафҳо тамомияти арзӣ ва дахлнопазирии сарҳадоти мавҷударо таъкид карданд, ки он дар таҳкими муносибатҳои ду ҷониб ҳамчун меъёри пазируфташудаи байналмилалӣ нақши муҳим дорад.

Дар санадхои байни Тоҷикистону Ӯзбекистон имзошуда Ахдномаи дӯстии абадӣ миёни ду ҷумҳурӣ, ки 15 июни соли 2000 дар ҷараёни боздиди расмии И. Каримов - Президенти онвақтаи Ӯзбекистон аз Тоҷикистон ба имзо расид, чун ҳуҷҷати асосии танзимкунандаи тамоми муносибатҳои дуҷониба мавқеи хос дорад. [3,с.67]

Дар Моддаи 1 -и Аҳднома «Тарафҳои Олимақоми Аҳдкунанда қотсияти худро дар мавриди инкишофи фаъоли муносибатҳо дар асоси ххтироми истиқлолият, соҳибихтиёрӣ, тамомияти арзӣ, халалнопазирии сарҳадоти ҳар ду давлат, усулҳои мудохила накардан ба корҳои дохилии якдигар, баробарҳуқуқӣ ва манфиати мутақобила»- ро таъкид мекунанд.

АДАБИЁТ

1. Раҳмонов Э.Ш. Тоҷикистон: дар роҳи демократия ва ҷомеаи мутамаддин. - Душанбе,1996.

2. Раджабов З.Ш. О Дружбе таджикского и узбекского народов / З.Ш. Раджабов. - Душанбе.
3. Саидов З. Межгосударственные отношения Республики Таджикистан в двустороннем формате / З. Саидов. - Душанбе, Авасто, 2001.
4. Саидов З. Внешняя политика Республики Таджикистан на современном этапе / З. Саидов. - Душанбе, Авесто, 2006.
5. Саидов З. Внешная политика Президента Рахмонова / З. Саидов. - Душанбе, Издательство «Сарпараст», 2001.
6. Сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар масири истиқлолият. Зери назари Ҳамрохон Зарифӣ. -Душанбе, 2011.
7. Алшанов Р., Ашимбаева А. «Союз центральноазиатских стран: потенциал и перспективы развития». http: // www.ia-centr.ru/.
8. Бобозода Ф.Т. Ҳамкориҳои Тоҷикистону Узбекистон дар соҳаи туризм тақвият меёбанд.// сомонаи расмии Амит Ховар: http: //khovar.tj
9. Сомонаи Вазорати корхои хориҷии Ҷумхурии Тоҷикистон. http: //mfa.ti.
10. Сафари расмии Президенти Ҷумхурии Узбекистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон. 09.03.2018. http: //www.president.ti/
11. Сафари расмии Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон ба Ҷумхурии Ӯзбекистон. 17.08.2018. http: //www.president.tj/.
12. Ҳамкориҳо ривоҷ меёбанд. Сомонаи Азия-Плюс. http: //www.news.tj
13. Раҳмонов Э. Тоҷикистон: дах соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. Иборат аз се ҷилд. Ҷилди сеюм.- Душанбе, Ирфон 2001.

БАРҚАРОРӢ ВА ТАШАККУЛИ РАВОБИТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Қайд кардан зарур аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистону Ӯзбекистон аз аввалинҳо шуда, истиқлолияти давлатии ҳамдигарро ба расмият шинохтанд. Муносибатҳои дипломатии ин ду давлат аз соли 1992 оғоз гардиданд. Дар мақола оид ба кушода шудани сафоратхонаҳо, нахустин сафарҳои корӣ, баргузории гуфтушунидҳо гуфта шудааст. Дар мақолаи мазкур доир ба имзо расидани зиёда аз 160 санади фарогирандаи масъалаҳои гуногун доир ба ҳамкориҳо дар бахши иқтисоду тиҷорат, сиёсат, илму фарҳанг маълумот оварда шудааст. Ҷиҳати бештару хубтар дарк кардани масъалаи мазкур, аз санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ба монанди “Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон” , “Бойгонии Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон” истифода шудааст.

КАЛИДВОЖАҲО: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, раобити Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, натиҷа ва дастовардҳои сиёсӣ.

УСТАНОВЛЕНИЕ И ФОРМИРОВАНИЕ ОТНОШЕНИЙ МЕЖДУ РЕСПУБЛИКОЙ ТАДЖИКИСТАН И РЕСПУБЛИКОЙ УЗБЕКИСТАН В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ

Важно отметить, что Республика Таджикистан и Узбекистан были одними из первых, кто официально признал государственную независимость друг друга. Дипломатические отношения между двумя государствами начались в 1992 году. В статье рассматривается открытие посольств, первые деловые поездки и переговоры. В данной статье приводится информация о подписании более 160 документов, охватывающих различные вопросы сотрудничества в сфере экономики и торговли, политики, науки и культуры. Для более глубокого понимания данного вопроса были использованы такие нормативно-правовые документы, как «Конституция Республики Узбекистан» и «Архив Министерства экономики и торговли Республики Таджикистан».

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: Республика Таджикистан, Республика Узбекистан, отношения между Республикой Таджикистан и Республикой Узбекистан, политические итоги и достижения.

ESTABLISHMENT AND FORMATION OF RELATIONS BETWEEN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE REPUBLIC OF UZBEKISTAN DURING THE PERIOD OF INDEPENDENCE

It is important to note that the Republic of Tajikistan and Uzbekistan were among the first to officially recognize each other's state independence. Diplomatic relations between the two states began in 1992. The article examines the opening of embassies, the first business trips and negotiations. This article provides information on the signing of more than 160 documents covering various issues of cooperation in the fields of economics and trade, politics, science and culture. For a deeper understanding of this issue, such legal documents as the "Constitution of the Republic of Uzbekistan" and the "Archive of the Ministry of Economy and Trade of the Republic of Tajikistan" were used.

KEYWORDS: Republic of Tajikistan, Republic of Uzbekistan, relations between the Republic of Tajikistan and the Republic of Uzbekistan, political results and achievements.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Раҳимзода Саёҳат*** **-** Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ, магистранти курси дуюм. **Адрес:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33.

Сведения об авторе*:* ***Рахимзода Саёхат*** - Институт изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ, магистрант второго курса. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, п. Рудаки, 33.

Information about the author: ***Rahimzoda Sayohat*** **-** Institute for the Study of Asian and European Countries, NAST, second-year master's student. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave., 33.

ТАЪСИРИ ТАШАББУСИ “ЯК КАМАРБАНД – ЯК РОҲ”- И ҶУМҲУРИИ МАРДУМИИ ЧИН БА ИҚТИСОДИЁТИ КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Хаитова М.Ф.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Осиёи Марказӣ дар тули асрҳо аҳаммияти геополитикӣ дошт, ки ҷомеаҳои минтақавӣ ва байналмилалиро тавассути Роҳи Абрешим таърихан мепайваст. Айни замон муҳимияти Осиёи Марказӣ барои Чин дар якчанд самт дида мешавад. Аввалан, Осиёи Марказӣ дарвозаи Чин ба Ғарб аст. Ҳама роҳҳои хушкие, ки аз Чин ба Аврупо ё Осиёи Ҷанубӣ мераванд, аз кишварҳои Осиёи Марказӣ мегузаранд. Сониян, се кишвари Осиёи Марказӣ бо Чин ҳаммарзанд ва дар байни халқҳои ҳар ду тарафи сарҳад робитаҳои анъанавӣ-маданӣ мавҷуданд. Ниҳоят, кишварҳои Осиёи Марказӣ аз захираҳои табиӣ, бахусус энергетикӣ бой мебошанд, ки барои рушди иқтисодии Чин аҳаммияти бузург доранд. Пайвастшавӣ ва тиҷорат бо Осиёи Марказӣ барои рушд ва суботи сиёсати хориҷии Чин зарур дониста мешавад.

Имрӯзҳо, Чин дар таърихи ҷаҳон рушди босуръати иқтисодӣ дорад. Бо вуҷуди ин, маълум нест, ки кишвар бо кадом модел рушд мекунад ва пеш меравад. Ин саволи ҳамарӯза байни олимон ва таҳлилгарон аст. Ҳамин тавр, "Як камарбанд - як роҳ" бояд ҷавоб барои ояндаи ҳадафҳои рушди дарозмуддати Чин бошад.

Раиси Ҷумҳурии Чин Си Ҷинпин ташаббуси "Як камарбанд - як роҳ"-ро дар Донишгоҳи Назарбоев, дар Қазоқистон соли 2013 эълон кард. Ташаббуси Ҷумҳурии мардумии Чин лоиҳаи иқтисодӣ ва дипломатиест, ки метавонад тиҷорати минтақаро тағйир диҳад. Татбиқи ташаббуси Ҷумҳурии мардумии Чин бояд ба афзоиши тиҷорат ва сармоягузории кишварҳои дар масири лоиҳаи “Як камарбанд – як роҳ” буда, мусоидат кунад. “Як камарбанд – як роҳ” аз қитъаҳои Осиё, Аврупо ва Африка мегузарад, ки аз як тараф доираи иқтисодии Осиёи Шарқӣ ва аз тарафи дигар доираи иқтисодии Аврупои пешрафтаро бо ҳам мепайвандад. “Як камарбанд – як роҳ” аввалин ҳадафҳо ва лоиҳаи бузургест, ки мардуми Осиёро ба Аврупо ва Африқо дар доираи анъанаҳои тиҷоратии иқтисодӣ ва робитаҳои фарҳангӣ мепайвандад, ки назирашро таърихи ҷаҳонӣ то ҳол надида буд. «Мо метавонем модели навоваронаи ҳамкориро барои бунёди камарбанди иқтисодии Роҳи нави Абрешим якҷоя истифода барем, то робитаҳои наздиктари иқтисодиро байни Аврупо ва Осиё барқарор кунем ва ҳамкориҳои мутақобилаи худро амиқтар гардонем, то рушди боз ҳам бештарро эҳсос кунем. Ин лоиҳаи бузург дар ин роҳ ба ҳама манфиат меорад” [2; с. 2].

Тибқи иттилои расмӣ, дар лоиҳаи «Як камарбанд - як роҳ» беш аз 65 кишвари ҷаҳон, кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва пешрафта ширкат доранд. «Як камарбанд - як роҳ» 30 фисади иқтидори иқтисодии ҷаҳон, 55 фоизи ММД, тақрибан 70 фоизи аҳолии ҷаҳон ва тақрибан 75 фоизи захираҳои ҷаҳонии энергетикиро фаро мегирад [3; с. 70].

Моҳи майи соли 2017 дар Пекин Саммити байналмилалии “Як камарбанд - як роҳ” баргузор шуд, ки дар он саронӣ 30 давлату ҳукумат ва ҳамчунин, 1200 ҳайат аз кишварҳои мухталифи Осиё, Аврупо, Амрикои Шимолӣ, Амрикои Лотинӣ ва Африқо ширкат доштанд. Ҷонибҳо роҳҳои амалии пешбурди ташаббуси “Як камарбанд - як роҳ”-ро баррасӣ намуда, манфиатҳои ҳамдигариро аз ҳамкориҳои байналмилалӣ ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ баррасӣ намуданд. Ин ҳамоиш ба имзои қарордодҳо барои татбиқи 76 лоиҳаи бузург дар самти сармоягузорӣ, зерсохторӣ, иртиботи сиёсӣ, тиҷорат бидуни монеа, фарогирии молиявӣ ва робитаи байни мардум мусоидат кард [9; с.15].

Тибқи маълумоти Вазорати тиҷорати Чин, сармоягузории мустақими Чин ба кишварҳои ширкаткунандаи ташаббуси “Як камарбанд - як роҳ” (қариб 65 кишвар) аз 200 миллион доллари ИМА дар соли 2003 то ба 14,53 миллиард доллари ИМА дар соли 2016 афзоиш ёфт. Аз замони эълони ташаббуси “Як камарбанд - як роҳ” қарордодҳо ба маблағи беш аз 126,03 миллиард доллари ИМА ба имзо расид. Ин лоиҳаи сармоягузории бузург ба

кишварҳое, ки аз онҳо мегузарад, таъсири назаррас хоҳад дошт. Си Ҷинпин дар саммити “Як камарбанд - як роҳ” дар Пекин қайд кард, ки дар се соли охир сармоягузории Чин ба кишварҳои узви “Як камарбанд - як роҳ” ҳудуди 50 миллиард доллари ИМА-ро ташкил дод. Дар солҳои наздик ба 150 миллиард доллари ИМА расондани ин маблағ пешбинӣ шудааст. Ташаббуси “Як камарбанд - як роҳ” тақрибан 900 лоиҳаҳои гуногуни инфрасохторӣ, аз ҷумла роҳҳои нақлиётӣ, роҳи оҳан, бандарҳо, неругоҳҳо ва пулҳоро дар беш аз 60 кишвари ҷаҳон дар бар мегирад. Коршиносон арзиши иҷрои ин лоиҳаро аз 2 то 3,5 триллион доллари ИМА арзёбӣ мекунанд [9; с.20].

Осиёи Марказӣ дар харитаи сиёсии ҷаҳон мавқеи назаррас дорад. Чунин ҷойгиршавӣ, ҳам ҷанбаҳои мусбат ва ҳам ҷанбаҳои манфӣ дорад. Пайваст намудани як қисми ҷаҳон бо қисми дигари он ва будани долони убурӣ барои молҳои содиротиву воридотӣ, яке аз афзалиятҳои Осиёи Марказӣ байни Шарқу Ғарб мебошад. Осиёи Марказӣ яке аз минтақаҳои геополитикӣ мебошад, ки аз даврони дури таърихӣ то ҳол аҳаммияти худро гум накардааст. Осиёи Марказӣ маконест, ки аз он аз даврaҳои қадим Роҳи бузурги Абрешим мегузашт. Роҳи Абрешим роҳи ягонаи тиҷоратии дорои масофаи кӯтоҳ буд, ки пойтахти Чин - Сианро бо марказҳои гуногуни тиҷоратии Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Самарқанд ва Бухоро мепайваст [1; с.55].

Лоиҳаи чинии “Як камарбанд - як роҳ” ташаббуси худро мустақиман бо мероси қадимии “Роҳи Абрешим” пайваст намуда, онро ҳамчун лоиҳаи дар баробарӣ ва манфиатҳои мутақобила, табодули донишҳо, фарҳанг ва расму ойинҳо асосёфта, муаррифӣ намуд. Аммо ҳадафи асосии лоиҳаи “Як камарбанд - як роҳ” на танҳо дар мубодилаи молҳо, хизматрасонӣ ва ғояҳо дар шароти баробар дида мешавад. Балки сухан дар бораи ташкили бозорҳо ва роҳҳои нав барои маҳсулоти чинӣ меравад, ки аз сабаби коҳиш ёфтани талабот ба онҳо дар бозорҳои ИМА ва Аврупо мебошад. Баъд аз соҳибистиқлол шудани кишварҳои Осиёи Марказӣ дар соли 1991 ва пайдо шудани якчанд давлати нав дар харитаи сиёсии ҷаҳон Ҷумҳурии мардумии Чин мавқеи сиёсии худро нисбат ба минтақа иваз намуд. Дар натиҷа, Осиёи Марказӣ дар сиёсати берунаи Ҷумҳурии мардумии Чин соҳиби мавқеи махсус гашт. Кишварҳои минтақа ба монанди Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Туркменистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон аз захираҳои табиӣ бой мебошанд. Минтақа, ҳам аз ҷиҳати шарикии стратегӣ ва ҳам аз ҷиҳати бозори дастрас барои иқтисодиёти чинӣ аҳамиятнокии худро то ҳол гум накардааст [8; с.33].

Дар рӯзномаи сиёсати дохилии Ҷумҳурии мардумии Чин зарурати рушди минтақаҳои ғарбии кишвар омили нав дар сиёсати Пекин нисбат ба Осиёи Марказӣ гардид, чунки таҳарруки минтақавии Чин то ҳол номутавозунии назаррасро нишон медиҳад. Минтақаҳои ғарбии Ҷумҳурии мардумии Чин бештар бо Осиёи Марказӣ робита доранд. Мисол, қариб сеяки тамоми мубодилаи молҳои Вилояти мухтори Синсзян – Уйғури Ҷумҳурии мардумии Чин ба Осиёи Марказӣ рост меояд.

Хусусияти ҳамкориҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ бо Ҷумҳурии мардумии Чин дар солҳои охир дар ҳамоҳангсозии барномаҳои рушди иқтисодии ин кишварҳо бо манфиатҳо ва стратегияи Ҷумҳурии мардумии Чин ба назар мерасад. Ин барои ҷалби ҳамаҷонибаи истифодаи имкониятҳои молиявии Ҷумҳурии мардумии Чин карда мешавад. Қисмати молиявии лоиҳа дар Фонди “Роҳи Абрешим” дар ҳаҷми 50 млрд. доллари ИМА ва Бонки сармоягузории инфрасохтории Осиё дар ҳаҷми зиёда аз 100 млрд. доллари ИМА асос ёфтааст. Дар айни ҳол тақрибан 70 млрд. доллари ИМА, бе назардошти сармоягузории дигар лоиҳаҳое, ки дар ташаббуси “Роҳи Абрешим” дохил мешаванд, қаблан дар Осиёи Марказӣ амалӣ гардида буд, сармоягузорӣ карда мешавад [7; с.29].

Ҷумҳурии мардумии Чин доимо кӯшиши таҳкими муносибатҳои неки ҳамсоягӣ, дӯстӣ ва ҳамкориро бо кишварҳои ҳамсоя менамояд. Ҷумҳурии мардумии Чин сиёсати худро бо кишварҳои Осиёи Марказӣ тавассути муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷониба пеш мебарад. Инструменти асосии муносибатҳои бисёрҷониба бо кишварҳои минтақа ин Созмони ҳамкории Шанхай мебошад, ки имкониятҳои нав барои муносибатҳои мусбӣ бо кишварҳои минтақа фароҳам меорад.

Ҷумҳурии мардумии Чин шарики асосии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар самти амнияти сарҳадӣ ва амнияти минтақавӣ ба шумор меравад. Амнияти сарҳадӣ бо се кишвари Осиёи Марказӣ, ба монанди Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон бениҳоят муҳим мебошад.

Ҷумҳурии мардумии Чин кӯшиш менамояд, ки бо тамоми кишварҳои ҷаҳон сарфи назар аз мавқеи географӣ, махсусан бо кишварҳои ҳамсояи худ, муносибатҳои хуби дипломатӣ дошта бошад. Тариқи "қуввaҳои нарм" сиёсату фарҳанги худро ҷорӣ намояд. Азбаски ташаббуси чинӣ айни ҳол дар марҳилаи оғоз қарор дорад, вай ба иқтисодиёти кишварҳои Осиёи Марказӣ таъсири зиёд мерасонад. Дар чаҳорчӯбаи ин ташаббуси бузург имкониятҳои нави бозоргонӣ пайдо мешаванд. Ин ташаббус ба Осиёи Марказӣ имконият медиҳад, ки роҳҳои автомобилӣ ва оҳан созад ва ба технологияҳо ва нақлиёти муосир дастрасӣ пайдо намояд.

АДАБИЁТ

1. Должикова О., Каукенов А. Страны Азии в условиях глобализации / Под ред. Л.М. Музапаровой. Алматы: Институт мировой экономики и политики при Фонде Первого Президента РК, 2006. С. 122.
2. Кули А. Россия и Китай в Центральной Азии // Норвежский институт внутренних дел. - 2015; С. 4. https://www.jstor.org/stable/resrep08013
3. Самиев Х.Д. Стратегияи Ҷумҳурии мардумии Чин дар Осиёи Марказӣ дар асри бисту якум: ҳадафҳо ва паёмадҳо. Вестник ТНУ, 2018, №4, саҳ. 69-75.
4. Самиев Х.Д. Таҷрибаи чинии ислоҳот ва пешрафт / Моделҳои муваффақи кишварҳои Шарқ. Душанбе: 2018. Саҳ. 11-21.
5. Самиев Х.Д., Баротов И.И., Ван Лин Лин. Мактаби байналмилалшиносии Чин: манбаъҳо ва самтҳои омӯзиш. – Паёми ДМТ, 2019, 10, қ. 2. Саҳ. 39-45.
6. Ся Ишань. Механизм «Шанхайская пятерки» и стратегическое взаимодействие Китая и России // Китай в мировой политике. // М.: Росспэн. – 2001. – 337 стр.
7. Djankov Simeon and Sean Miner. China's Belt and Road Initiative Motives, Scope and Challenges. // Person Institute for International Economics. - March 2016. - P. 35.
8. Frederick Starr, Svante E. Cornell, Nicklas Norling. The EU, Central Asia, and the Development of Continental Transport and Trade. // Silk Road Paper (December 2015); - P. 66.
9. Man Hung Thomas Chan. The belt and road initiative –t he new silk road: a research agenda. // Journal of contemporary east asia studies. – 2019, - P. 25.
10. Sternberg T., Ahearn A., McConnell F. "Central Asian 'Characteristics' on China's New Silk Road: The Role of Landscape and the Politics of Infrastructure,"// Land, MDPI, vol. 6(3), pages 1-16, August, 2017.

ТАЪСИРИ ТАШАББУСИ "ЯК КАМАРБАНД – ЯК РОҲ"- И ҶУМҲУРИИ МАРДУМИИ ЧИН БА ИҚТИСОДИЁТИ КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

Дар мақола таъсири ташаббуси "Як камарбанд – як роҳ"- и Ҷумҳурии мардумии Чин ба иқтисодиёти кишварҳои Осиёи Марказӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф қайд менамояд, ки лоиҳаи "Як камарбанд – як роҳ" – ташаббуси Ҷумҳурии мардумии Чин оид ба таъсиси камарбанди иқтисодии Роҳи Абрешим ва Роҳи Абрешими баҳрӣ мебошад, ки бори аввал аз ҷониби Раиси Ҷумҳурии мардумии Чин Си Ҷинпин дар ҷараёни сафари расмӣ ба Қазоқистон ва Индонезия дар соли 2013 эълон гардида буд. Дар мақола ҳадафи аслии ташаббуси "Як камарбанд – як роҳ" дар ҷустуҷӯ, ташаккул ва пешбурди модели нави ҳамкориҳои байналмилалӣ ва рушд тавассути таҳкими механизм ва сохторҳои кунунии минтақавии дуҷониба ва бисёрҷонибаи ҳамкорӣ бо иштироки Чин дар заминаи нигоҳдорӣ ва рушди рӯҳияи Роҳи Абрешими бостонӣ муайян шудааст. Инчунин, дар мақола аҳаммияти ин лоиҳа ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва махсусан, таъсири он ба рушди иқтисодиёти кишварҳои Осиёи Марказӣ нишон дода шудаанд.

КАЛИДВОЖАҲО: "Як камарбанд – як роҳ", Осиёи Марказӣ, сармоягузорӣ, инфрасохтор, тиҷорат, Ҷумҳурии мардумии Чин.

ВЛИЯНИЕ КИТАЙСКОЙ ИНИЦИАТИВЫ «ОДИН ПОЯС, ОДИН ПУТЬ» НА ЭКОНОМИКУ СТРАН ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

В статье рассматривается влияние инициативы Китайской Народной Республики «Один пояс, один путь» на экономику стран Центральной Азии. Автор отмечает, что проект «Один пояс, один путь» является инициативой Китайской Народной Республики по созданию Экономического пояса Шелкового пути и Морского Шелкового пути, о которой впервые заявил Президент КНР Си Цзиньпин в ходе своего официального визита в Казахстан и Индонезию в 2013 году. Основной целью инициативы «Один пояс, один путь» является поиск, формирование и продвижение новой модели международного сотрудничества и развития путем укрепления существующих региональных двусторонних и многосторонних механизмов и структур сотрудничества с участием Китая на основе сохранения и

развития духа древнего Шелкового пути. В статье также подчеркивается важность этого проекта для мировой экономики и, в частности, его влияние на экономическое развитие стран Центральной Азии.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: “Один пояс — один путь”, Центральная Азия, Инвестиции, Инфраструктура, Торговля, Китайская Народная Республика.

IMPACT OF CHINESE “ONE BELT – ONE ROAD” INITIATIVES TO THE ECONOMY OF CENTRAL ASIAN COUNTRIES

The article examines the impact of the “One Belt, One Road” initiative of the People's Republic of China on the economies of Central Asian countries. The author notes that the “One Belt, One Road” project is an initiative of the People's Republic of China to create the Silk Road Economic Belt and the Maritime Silk Road, which was first announced by Chinese President Xi Jinping during his official visit to Kazakhstan and Indonesia in 2013. The main goal of “One Belt – One Road” initiative lies in the exploration, formation, and promotion of a new model for international cooperation and development through strengthening of current regional bilateral and multilateral mechanism and structures of collaboration with the participation of China based on maintenance and development of the spirit Ancient Silk Road. The article also emphasizes the importance of this project for the global economy and in particular, its impact on the economic development of the Central Asian countries.

KEYWORDS: One Belt-One Road, Central Asia, Investment, Infrastructure, Trade, The People's Republic of China.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Хаитова Мадина Файзуллоевна*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти ихтисоси муносибатҳои байналхалқӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17. Телефон: **(+992) 885-55-58-95.**

Сведения об авторе: ***Хаитова Мадина Файзуллоевна*** **–** Таджикский национальный университет, магистрант по специальности международных отношений. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе пр. Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 885-55-58-95.**

Information about the author: ***Khaitova Madina Fayzulloevna*** **–** Tajik National University, master`s student of specialty of International Relations. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, 17 Rudaki Ave. Phone: **(+992) 885-55-58-95.**

САҲМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ТАЪМИНИ АМНИЯТИ МИНТАҚАВӢ ВА БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Шарипов А.Н., Камолзода И.Ҷ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар ибтидои даҳаи аввали асри XXI дар муносибатҳои байналмилалӣ таҳаввулотҳои азим ба вуҷуд омада, вобаста ба афзоиши хатару таҳдидҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ, масъалаи таъмини амнияти миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ мубрамияти хосса касб намуд. Дар шароити кунунӣ, ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ҷустуҷуи механизмҳои муассири пешгирӣ ва мубориза алайҳи хатарҳои амниятӣ қарор дошта, кӯшиши бунёди ниҳодҳои амнияти дастаҷмъиро доранд. Ҳоло дар сатҳи ҷаҳонӣ ва минтақаҳои алоҳида механизмҳои гуногуни амниятӣ амал мекунанд, ки барои ҳифзи сулҳ ва таъмини амният фаъолияти густурда доранд. Дар ин миён, давлатҳо низ дар шакли алоҳида, дуҷониба ва бисёрҷониба ҳамкориҳоро дар соҳаи амният ба роҳ монда, суботи сиёсии хешро ҳифз менамоянд.

Дар чунин шароит, Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба равандҳои таъмини амнияти минтақавӣ ва байналмилалӣ ҳамроҳ шуда, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи ҳифзи истиқлолияти кишвар, амнияти Осиёи Марказӣ ва муборизаи муштарак алайҳи таҳдидҳои амнияти байналмилалӣ иқдомҳои созанда намудаанд.

Сатҳи минтақавӣ

Дар низоми муносибатҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон кишварҳои ҳамсоя ва минтақа мақоми авлавиятнокро ишғол менамоянд. Умумияти ҳадафҳо ва вазифаҳое, ки дар назди давлатҳои минтақа қарор доранд, зарурати рушду тавсеаи муносибатҳоро бо Ӯзбекистон, Туркманистон, Қазоқистон ва Қирғизистон бар пояи эътимод, дӯстӣ ва ҳамкории судманд тақозо мекунад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкорӣ ва ҳамгироии густурдаи минтақавиро василаи муҳимтарини ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳифзи муҳити зист ва таъмини амнияту субот дар Осиёи Марказӣ медонад.

Ин амрро мо, пеш аз ҳама, дар он бахшҳои Паёмҳои ҳарсолаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ба сиёсати хориҷии кишвар бахшида мешаванд, мушоҳида мекунем. Аз он ҷумла, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ аз 22 декабри соли 2017 ба парламенти кишвар бо ишора ба шароити мавҷуди минтақа гуфта буд, ки сиёсати хориҷии Тоҷикистон моҳиятан тағйир накарда ва авлавиятҳои он ба таври собит ва усулӣ боқӣ мондаанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони истиқлолияти худ ҳамкории густурдаи минтақавиро воситаи муҳимтарини ҳалли масъалаҳои иқтисодиву тиҷоратӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва таъмини амнияту субот дар Осиёи Марказӣ дониста, ҷонибдори таҳкими муносибатҳои байниҳамдигарии мардумони минтақа бар пояи дӯстӣ ва ҳусни эътимод мебошад.

Сиёсати хориҷии кишвари мо бо усулу асосҳо ва суннатҳои тағйирнопазири худ тайи солҳои истиқлолият давоми мантиқии стратегияи санҷида ва мутавозину фарогири Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Ин сиёсат, пеш аз ҳама, аз сиёсати «дарҳои кушода» бармеомад, ки дар соли 2002 аз ҷониби раҳбарияти кишвар эълон шуда буд ва мисли пештара вазифаи хешро дар эҷоди шароити мусоиди байналхалқӣ баҳри рушди устувори кишвар мебинад. “Сиёсати дарҳои кушода “ омадааст дар Паёми Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, -чун меҳвари аслии муносибатҳои мо бо ҷаҳони муосир воқеӣ, дуруст ва судовар будани худро нишон дод. Ин сиёсат доираи шарикони Тоҷикистонро афзоиш бахшида,

барои таъмин намудани иштироки густурдаи кишварамон дар фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ заминаи мусоид фароҳам оварда" [8].

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳадафи сиёсати хориҷиро фароҳам намудани фазои мусоид ҷиҳати ҳаллу фасли масоили дохилии кишвараш хонда, таъкид менамоянд, ки иҷрои чунин сиёсат ба тақвияти мавқеи Тоҷикистон дар арсаи байналхалқӣ ва пазироии ибтикороти Душанбе аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ мусоидат хоҳад кард. Воқеан ҳам, таҳлили солҳои пешин нишон медиҳад, ки кишвари мо ба усулу ҳадафҳои сиёсати хориҷии худ ва, пеш аз ҳама, "сиёсати дарҳои боз" ва дипломатияи бисёрсамтӣ содиқ монда, фаъолияти худро дар саҳнаи байналхалқӣ ва минтақавӣ тавсеа ва рушд додааст.

Дар марҳилаи ҳозира дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон доштани робитаи ҳасанаи наздик ва собит бо кишварҳои ҳамсоя ва минтақа ба хотири эҷоди камарбанди боварӣ ва амниятӣ дар тӯли марзҳои кишвар ва таъмини сулҳу оромӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ аз авлавиятҳо ба шумор меравад [10, 58-65].

Сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар шароити печидаи байналмилалӣ ва рақобати шадиди қудратҳо дар Осиёи Марказӣ амалӣ мегардад. Нуктаи муҳим ин аст, ки устувории авлавиятҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон имкони эҷоди мувозинатро миёни манфиатҳои миллӣ ва манофеи муҳимтарин марказҳои қудрат дар сатҳи байналмилалӣ ва минтақавӣ фароҳам кардааст.

Яъне, падидаи воқеиятгароӣ ё худ прагматизми сиёсати хориҷии Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳадафи таъмини шоистаи рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии ин кишварро дунбол мекунад. Дар мавриди ҳамкориҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ бояд гуфт, ки бо таваҷҷуҳ ба умумияти манофеъ, имконоту фурсатҳо ва ҳамчунин мушкилот ва таҳдидҳои муштарак Тоҷикистон шарикии стратегиро бо кишварҳои минтақа дар ростои манофеи миллии худ донистааст.

Амалан, робитаҳои дуҷонибаи Тоҷикистон бо кишварҳои минтақа тайи солҳои охир мавҷвор ё пурҷӯшу хурӯш сурат гирифта, ҳамвора ихтилофоти зиёд ба бор дошт. Даъвоҳои кишварҳои ҳамҷавор аз якдигар ба ҳалли босамари мушкилоти амният халал расонда, рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва татбиқи лоиҳаҳои муштараки зерсохториро бозмедоранд, ташаннуҷи сиёсиро бештар менамоянд ва ба пояҳои эътимоду боварӣ лакнат ворид мекунанд.

Ҳамзамон, тайи чанд соли охир дар робитаҳои ҳамдигарӣ баъзе тағйиротҳо ба назар расиданд, ки пеш аз ҳама, ба муътадилшавии робитаҳои Тоҷикистон бо Ӯзбекистон алоқаманд буданд ва ин бесабаб набуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам аз лиҳози таърихӣ ва ҳам ҷуғрофӣ шарики муҳимми Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ ба шумор меравад. Аз даврони дастёбӣ ба истиқлолият ҳамкориҳои тоҷику ӯзбек бо хатти ноҳамвор ҳаракат мекард.

Баъди эҳёи раванди сохтмони неругоҳи Роғун муносибатҳо хислати муқовимати ошкороро гирифтанд. Ӯзбекистан бар зидди сохтмони объектҳои гидроэнергетикӣ дар дарёи Вахш баромад карда, алайҳи Душанбе маъракаи иттилоотии мухолифатро оғоз кард ва як қатор таҳримҳои иқтисодиро ба кор андохт [6, С.154].

Тирамоҳи соли 2016 бо ивазшавии қудрат дар Тошканд раванди муътадилшавии робитаҳои ду кишвар оғоз ёфт. Президенти тозаинтихоби Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев Осиёи Марказиро дар сархати авлавиятҳои дипломатии хеш қарор дода, эълон кард, ки нисбати Тоҷикистон сиёсати ошкоро ва прагматикӣ хоҳад бурд [1].

Дар силсилаи вохӯриҳои наздики роҳбарияти ду кишвар масъалаҳои вобаста ба робитаҳои дуҷониба, аз ҷумла масоили алоқаманд ба рафъи маҳдудиятҳои тиҷоратӣ, сода кардани низоми тартиби рафтуомади шахрвандони ду кишвар, коҳиш додани тарифҳои содиротӣ, эҳёи роҳҳои оҳани мавҷуда, тоза кардани ҳудудҳои сарҳадӣ аз минаҳо, кушодани бунгоҳҳои назоратӣ, роҳдиҳӣ ва баррасии масоили бахшида ба марзҳои давлатӣ муҳокима карда шуданд.

Дар соли 2017 ҳукумати Ӯзбекистон Стратегияи амалро дар панҷ самти афзалиятноки рушд то соли 2021 тасдиқ кард, ки дар он вазифаи дар атрофи ҷумҳурӣ эҷод кардани камарбанди амниятӣ, субот ва ҳамсоягии нек пешниҳод мешуд. Ҳалли ин вазифа эҷоди

муколамаи сифатан навро бо Душанбе тақозо дошт. Бо ҳамин мақсад моҳи марти соли 2018 бозидди давлатии Шавкат Мирзиёев ба Душанбе сурат гирифт, ки онро метавон оғози дигаргуниҳои куллӣ дар робитаҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон номид. Дар анҷоми гуфтушунидҳо ҷонибҳо 27 созишномаро дар соҳаҳои иқтисодиёт, амният, илм ва фарҳанг ба имзо расонданд [2].

Муҳимтарин рӯйдод дар таърихи муносибатҳои солҳои охир имзои Аҳднома дар бораи шарикии стратегӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон буд, ки 17 августи соли 2018 дар рафти бозидди расмии Пешвои миллат, Президенти кишвари мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба имзо расид.

Ҳамзамон, дар рафти боздид боз 26 санадҳои нави ҳамкорӣ ба имзо расиданд, ки ба рушди минбаъдаи ҳамкориҳо дар соҳаи тиҷорат, иқтисод, сармоягузорӣ, молия, ҳамлу нақл, кишоварзӣ, обу барқ, андозҳо, умури гумрукӣ, туризм, маориф ва илм, бехдошт, фарҳанг, ҳамкориҳои минтақавӣ дар соҳаи амният ва муқовимат ба ҷиноятқорӣ равона шуда буданд. Тааҳҳудоти калидии ҷонибҳо ба масъалаи НОБ - и Роғун ва масъалаи марзҳо бахшида шуда буданд.

Чунин муносибатҳои босубот ва пешомадро метавон дар робитаҳои байни Тоҷикистон ва дигар шарики стратегии мо - Ҷумҳурии Қазоқистон мушоҳида кард. Адами ихтилофоти ҷиддӣ, такя ба рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ, хислати муназзам доштани робитаҳои дипломатии ду кишвар дар сатҳи дуҷониба ва чандҷониба мазмун ва мундариҷаи робитаҳои дуҷонибаро муайян намудаанд. Танҳо дар солҳои 2018-2019 роҳбарони ду ҷумҳурӣ бо ҳам беш аз 11 маротиба аз ҷумла дар чаҳорчӯбаи чорабиниҳои байналмилалӣ дар ҳудуди ҳамдигар, вохӯрӣ намудаанд [3].

Пойгоҳи аҳдномавӣ ва ҳуқуқии робитаҳои дуҷониба рӯ ба афзоиш дошта, беш аз 80 санади байнидавлатиро дар бар мегирифт ва моҳи сентябри соли 2015 бо Аҳднома дар бораи шарикии стратегӣ таҳким ёфтааст [4].

Душанбе аз шарикони қазоқ тасҳили минбаъдаи режими муҳоҷират ва беҳтар кардани кафолатҳои иҷтимоиро барои муҳоҷирон интизор аст. Дар навбати худ, Қазоқистон аз роҳбарияти Тоҷикистон мусоидатро дар муназзамсозии равандҳои интегратсионӣ ба даст оварданист. Моҳи марти соли 2018 ҷонибҳо се аҳдномаро ба мавзуи дахлдор (оид ба тартиби будубоши шаҳрвандони ҶТ ва ҶҚ дар ҳудудҳои давлатҳои якдигар, дар бораи ҳамкориҳо дар самти муҳоҷират ва дар бораи реадмиссияҳо) ба имзо расонданд [5].

Ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Қазоқистон дар соҳаи амният асосан дар чаҳорчӯбаи СААД ва СҲШ сурат гирифта, ба суботи минтақа таъсири мусбӣ мерасонанд. Амалан, ҳарду давлат тавассути сохторҳои дастаҷамъонаи марбута сиёсати низомӣ, зиддитеррористӣ ва зидди қочоқи маводи мухаддирро ҳамоҳанг сохта, чораҳои вокуниши муштаракро ба таҳдидҳои зарфиятӣ дар чаҳорчӯбаи амалиётҳо ва машқҳои чандҷониба ("Боевое братство", "Нелегал", "Поиск", "Скала", "Кобальт", "Мирная миссия") таҳия менамоянд.

Қазоқистон, ҳамчунин, кумаки ҳарбиву техникиро ба Тоҷикистон идома медиҳад. Аз ҷумла, соли 2019 Қазоқистон ба Тоҷикистон 79 номгӯйи таҷҳизоти ҳарбӣ, аз қабили захираҳои ҷангӣ, воситаҳои алоқа, таҷҳизоти ҳифзи радиатсионӣ, биологӣ ва химиявиро ирсол дошт [12].

Тамоилоти суратгирифта дар ду даҳсолаи аввали асри XXI шаҳодат медиҳанд, ки Осиёи Марказиро тақдири наве интизор аст, ки чун минтақаи як замон дар ҳукми фаромӯшӣ монда тадриҷан маркази омезиш ёфтани равандҳои глобалӣ мегардад. Вале, - изҳор дошта буд Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, - ба ҳеҷ ваҷҳ роҳ набояд дод, ки Осиёи Марказӣ ҷойи рақобатҳои геополитикӣ ва ташкили блокҳои ҳарбию сиёсӣ гардад, балки потенсиали бузурги захираву имконоти фаровони иқтисодии он ба нафъи мардумони минтақа хизмат намуда, барои ҳамаи онҳое, ки беҳбудии халқҳои минтақаро мехоҳанд, кушода бошад.

Сатҳи байналмилалӣ

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии хеш дар конфронси байналмилалии сатҳи

баланд зери унвони “Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ оид ба амният ва мудирияти сарҳад ҷиҳати муқовимат ба терроризм ва пешгирӣ аз таҳарруки террористон” вобаста ба мавқеъ ва саҳми Тоҷикистон дар равандҳои сиёсию амниятии минтақа ва ҷаҳон чунин иброз доштанд: “Мо борҳо таъкид кардаем, ки Тоҷикистон дар хатти аввали мубориза бо хатари ифротгароиву терроризм қарор дошта, на танҳо минтақа, балки қаламравҳои фаротар аз онро аз оқибатҳои фалокатбори ин зуҳурот ҳимоя мекунад. Ҳукумати Тоҷикистон бо дарназардошти вазъи мураккаби минтақа ба таҳкими доимии ҳифзи сарҳади давлатӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, барои пешгири кардани интиқоли фаросарҳадии ҷангҷӯёни террорист, қочоқи маводди мухаддир, силоҳ ва дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ тадбирҳои зарурӣ меандешад. Тоҷикистон дар ҳамаи кӯшишҳо ва тадбирҳои байналмилалӣ ба хотири решакан кардани ин зуҳуроти номатлуб фаъолона ширкат намуда, яке аз иштирокдорони фаъоли ҷомеаи байналмилалии зиддитеррористи гардид” [11].

Вобаста ба нақши Ҷумҳурии Тоҷикисон ҳамчун сипари боэътимоди минтақа ва ҷаҳон, дар ин ҷо пеш аз ҳама мехостам муҳиммият ва зарурати ба вуҷуд овардани «Раванди Душанбе оид ба мубориза бо терроризм»-ро таҳлил намуда, маълум намоем, ки Тоҷикистон бо кадом мақсад «Раванди Душанбе оид ба мубориза бо терроризм»-ро ба вуҷуд овард, ҳадафи раванди мазкур чист ва то имрӯз он чи таъсире ба талошҳои муштараки ҷаҳонӣ дар мубориза бо терроризм гузоштааст ё чаро Тоҷикистонро кишвари пешқадам дар мубориза бар зидди терроризм ва ифротгароӣ мегӯем ва маҳз кадом омилҳо боиси он гардид.

Бояд гуфт, ки буҳрони Афғонистон, терроризми байналмилалӣ, ифротгароӣ, кибертерроризм, киберҷиноятқорӣ, онлайн-экстремизм, қочоқи маводи мухаддир ҳамчун манбаи асосии маблағгузории гурӯҳҳои ифротӣ ва террористии байналмилалӣ, ҷиноятқории муташаккили фаромиллӣ, масоили сарҳадӣ, таблиғи намояндагони гурӯҳҳои гуногуни тахрибкор дар фазои иттилоотӣ, терроризми сарҳадӣ, низои сарҳадӣ, савдои ғайриқонунни силоҳ, муҳоҷирати ғайриқонунӣ, таҳдидҳои фаромарзӣ, бозгашти шаҳрвандон аз “нуқтаҳои даргир” дар Афғонистон ва фаъолиятҳои террористиву экстремистии онҳо алайҳи кишварҳои минтақа, вуруди ҷангҷӯёни созмонҳои ифротӣ ва террористии байналмилалӣ ба кишвари Афғонистон ва зуҳуроти дигар хавфу хатараҳо ва омилҳои гуногуни муайян боиси зарурати ба вуҷуд овардани «Раванди Душанбе оид ба мубориза бо терроризм» мебошад. Зеро дар ин раванд эҳтиёҷ ба рушди ҳамоҳангсозии механизмҳо ва равишҳои муассир ва муштарак дар мубориза бо чолишҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ дар шароити буҳрони Афғонистон афзоиш меёбад.

Бино бар ин метавон гуфт, ки Раванди Душанбе – марҳалаи нави мубориза бо чолишҳо ва таҳдидҳои муосир ба ҳисоб меравад.

Муҳиммияти мушкилоти болозикрро ба инобат гирфта, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамбастагӣ бо ниҳодҳои СММ, САҲА, Иттиҳоди Аврупо ва кишварҳои ҷаҳон дар доираи ин раванд 3-юмин конфронси байналмилалиро таҳти унвони «Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ оид ба амният ва мудирияти сарҳад ҷиҳати муқовимат ба терроризм ва пешгирӣ аз таҳарруки террористон» (Душанбе, 18 октябри соли 2022) баргузор намуд [7, С. 9-17].

Бояд зикр намуд, ки конфронси мазкур ҷузъи таркибии «Раванди Душанбе оид ба мубориза бо терроризм» ба шумор меравад, ки моҳи майи соли 2018 дар пайи баргузории нахустин конфронси байналмилалии сатҳи баланд таҳти унвони «Муқовимат бо терроризм ва ифротгароии хушунатомез” (Душанбе, 3-4 майи соли 2018) аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамбастаги бо ниҳодҳои СММ, САҲА ва Иттиҳоди Аврупо роҳандозӣ шуда буд. Дар ҳамкори бо Дафтари зиддитеррористии СММ (UNOCT) дар чаҳорчӯби ин раванд, инчунин, конфронси сатҳи баланд таҳти унвони “Ҳамкории байналмилали ва минтақави дар мубориза бо терроризм ва манбаъҳои маблағгузории он, аз ҷумла гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷиноятҳои муташаккил» 16-17 майи соли 2019 дар шаҳри Душанбе доир гардид.

Илова бар ин, Тоҷикистон мизбони баргузории чандин чорабиниҳои минтақавию байналмилалӣ дар самти масоили амниятӣ гардидааст, ки таваҷҷуҳи зиёди кишварҳо ва

созмонҳои минтақавию байналмилалиро ба худ ҷалб намудааст. Метавон чунин арзёбӣ намоем, ки ин ҳама натиҷаи “Раванди Душанбе” ва таъсири талошҳои ҳукумати кишвар таҳти роҳбарии хирандмандони Асосгузори сулҳу ваҳдати милли, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои муборизаи муштарак бо терроризму ифротгароӣ ба ҳисоб меравад.

Бо дарназардошти он, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубориза бар зидди терроризм ва ифротгароӣ таҷриба ва саҳми бузург дорад, кишвари моро таҳти роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун давлати пешқадам ва ташабускор дар ин самт дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон эътироф менамоянд.

Маҳз Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз аввалин роҳбарони кишварҳои ҷаҳон ба ҳисоб мераванд, ки тақрибан беш аз 25 сол қабл доир ба хавфу хатари терроризма ва экстремизми хушунатомез аз минбарҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ изҳор медоштанд, ки бисёре аз кишварҳо хоҳиши дарки масъала, баррасии он ва мубориза бар зидди ин падидаҳои номатлубро намекарданд ва муборизаро дар ин самт дертар оғоз намуданд.

Тоҷикистон дар сафи пеши мубориза бо терроризм қарор дорад, зеро марзи он бо Афғонистон 1400 километр, ки 60 дарсади марзи умумии минтақаи Осиёи Марказӣ бо ин кишварро ташкил медиҳад. Ин маънои онро дорад, ки тамоми мушкилоте, ки дар ин қаламрав ба миён меоянд, пеш аз ҳама, ба души Тоҷикистон меафтад.

Дар чунин шароит Тоҷикистон ҷиҳати таҳкими сарҳадот чораҳои зарурӣ андешида истода, тайи ду соли охир зиёда аз 175 иншооти сарҳадиро сохта ба истифода додааст. Қобили зикр аст, ки ҳамзамон бо ин сохтмон 30 иншооти дигар идома дорад ва Тоҷикистонро лозим аст, ки дар оянда боз 300 иншооти марбутаро бунёд намоем.

Беш аз 25 сол аст, ки Тоҷикистон аз минбарҳои баланди созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва минтақавӣ таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба мушкилоти Афғонистон ҷалб мекунад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикиситон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид кардаанд, ки авзоъ дар Афғонистон метавонад ба амнияту субот ва оромии на танҳо Тоҷикистон, балки минтақаи Осиёи Марказӣ ва ҷаҳон таъсири мустақим дошта бошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон хатарҳои аз Афғонистон барояндаро ҷиддӣ қабул карда, хати сарҳади давлатиро бо ин кишвар мустаҳкам намуда ва ба таъхир андохтани онро мувофиқи мақсад намешуморад [9].

Хулоса Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо кишварҳо ва созмонҳои байналмилаливу минтақавиро дар самти мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм фаъолона ба роҳ мондааст, ки ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст.

Тоҷикистон ҳамчунин кишвари ташаббускори ташкили Камарбанди амниятӣ дар атрофи Афғонистон ва инчунин, таъсиси Маркази зидди маводи мухаддири СҲШ дар шаҳри Душанбе мебошад, ки дар баррасии ҷонибҳо мебошад.

Метавон гуфт, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон худро ҳамчун шарики боэътимод дар мубориза бо чолишҳо ва таҳдидҳои муосир муаррифӣ кардааст. Ҳамин тариқ, бо мақсади саҳм гузоштан дар татбиқи ҳадафу вазифаҳои Шурои Амнияти Созмони Милали Муттаҳид ва табодули таҷрибаи ғании Тоҷикистон дар муқовимат ба таҳдидҳои амниятӣ, барқарории сулҳу субот тавассути гуфтушунидҳо, инчунин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тасмим гирифтанд, ки номзадии Тоҷикистонро ба узвияти ғайридоимии Шурои Амнияти Созмони Милали Муттаҳид барои солҳои 2028-2029 пешбарӣ намоянд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муколамаи созанда бо тамоми давлатҳо ва сохторҳои ҳамгироӣ дар ҳалли чолишҳои кунунӣ ва хатарҳои амнияти минтақавию байналмилалӣ ва имкониятҳои рафъи онҳо омода буда, минбаъд низ дар ин самт ташаббускорӣ ва саҳмгузории худро идома медиҳад.

АДАБИЁТ

1. Выступление премьер-министра на заседании палат парламента // Газета.uz. 2016. 9 сентября. [Электронный ресурс]. URL: https://www.gazeta.uz/ru/2016/09/09/speech/ (дата обращения: 15.01.2025).

2. Государственный визит Президента Республики Узбекистан Шавката Мирзиёева в Республику Таджикистан // Президент Республики Таджикистан. 2018. 9 марта. [Электронный ресурс]. URL: http://www.president.tj/ru/node/17212 (дата обращения: 15.01.2025).
3. Двусторонние отношения // Посольство Республики Казахстан в Республике Таджикистан. 2020. 17 февраля. [Электронный ресурс] URL: http://www.mfa.kz/ru/dushanbe/ content-view/dvustoronnie-otnosenia (дата обращения: 18.01.2025).
4. Договор о стратегическом партнёрстве между Республикой Казахстан и Республикой Таджикистан. Душанбе. 14 сентября 2015 г. // Информ.-правовая система нормативных правовых актов РК. [Электронный ресурс] URL: http://adilet.zan.kz/rus/docs/Z1600000019 (дата обращения: 18.01.2025).
5. Договорная база // Посольство Республики Казахстан в Республике Таджикистан. 2020. 1 января. [Электронный ресурс] URL: http://www.mfa.kz/ru/dushanbe/content-view/dogovornaabaza (дата обращения: 18.01.2025).
6. Куртов А.А. Центральная Азия: Водные артерии как новые узлы противоречий // Центральная Азия: Проблемы и перспективы (взгляд из России и Китая). - М.: РИСИ, 2013. - С. 154
7. Муҳаммадзода П.А. Мавқеъ ва саҳми Тоҷикистон ҳамчун сипари боэътимоди амниятӣ // Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. – 2023. – С. 9-17.
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 22.12.2017. [Манбаъи электрони]. URL: http://www.president.tj/node/16771 (санаи мурочиат: 12.01.2025).
9. Суханрони дар маросими ифтитоҳи Конфронси байналмилалии сатҳи баланд дар мавзӯи “Муқовимат бо терроризм ва ифротгароии хушунатомез”. 04.05.2018. Душанбе. [Манбаи электронӣ]. URL: http://prezident.tj/node/17564. (санаи мурочиат: 11.01.2025).
10. Хушвахтов М.Қ. Самтҳо ва афзалиятҳои минтақавии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми ДМТ. – 2021, № 8. – С. 58-65.
11. Эмомалӣ Раҳмон. Суханрони дар Конфронси байналмилалии сатҳи баланд зери унвони “Ҳамкории байналмилали ва минтақави оид ба амният ва мудирияти сарҳад ҷиҳати муқовимат ба терроризм ва пешгири аз таҳарруки террористон” [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.president.tj/node/29326 (санаи мурочиат: 28.01.2025).
12. Юлдашев А. Казахстан в очередной раз окажет Таджикистану военно-техническую помощь // Asia-Plus. 2018. 28 декабря. [Электронный ресурс] URL: https://asiaplustj.info/ru/news/ tajikistan/security/20181228/ kazahstan-v-ocherednoi-razokazhet-tadzhikistanu-voennotehnicheskuyu-pomotsh (дата обращения: 18.01.2025).

САҲМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ТАЪМИНИ АМНИЯТИ МИНТАҚАВӢ ВА БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Дар мақолаи мазкур диққати асоси ба масъалаи нақши Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар таъминин амнияти минтақавӣ ва байналмилалӣ дода шудааст. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки иқдомгузориҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар самти тақвияти ҳамкориҳои амниятӣ бо кивашрҳои Осиёи Марказӣ таҳлил намуда, бастани созишнома дар бораи шарикии стратегӣ миёни Тоҷикистон бо кившарҳои минтақа, пеш аз ҳама бо Қазоқистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон кафолати амнияти минтақавӣ мебошанд. Инчунин, дар мақола, ташаббусҳои Пешвои миллат дар самти таъмини амнияти байналмилалӣ баҳогузорӣ шуда, “Раванди Душанбе” ҳамчун саҳнаи муҳимми баррасии роҳҳои пешгирӣ ва муборизa бар зидди хатару таҳдидҳои замони муосир зикр шудааст.

КАЛИДВОЖАҲО: Осиёи Марказӣ, Тоҷикистон, Афғонистон, раванди Душанбе, мудофиа, амният, иқтидор, хатар, таҳдид, артиш, терроризм, ифротгароӣ.

ВКЛАД ЛИДЕРА НАЦИИ ЭМОМАЛИ РАХМАНА В ОБЕСПЕЧЕНИЕ РЕГИОНАЛЬНОЙ И МЕЖДУНАРОДНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

В статье рассматривается роль Лидера нации Эмомали Рахмона в обеспечении региональной и международной безопасности. Автор предпринял попытку проанализировать инициативы Президента Республики Таджикистан по укреплению сотрудничества в сфере безопасности со странами Центральной Азии и прийти к выводу, что заключение договора о стратегическом партнерстве между Таджикистаном и странами региона, в первую очередь с Казахстаном, Туркменистаном и Узбекистаном, является гарантией региональной безопасности. В статье также дается оценка инициативам Лидера нации в обеспечении международной безопасности, упоминается «Душанбинский процесс» как важный арена для обсуждения путей предотвращения и борьбы с современными угрозами и вызовами.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: Центральная Азия, Таджикистан, Афганистан, Душанбинский процесс, оборона, безопасность, потенциал, вызов, угроза, армия, терроризм, экстремизм.

CONTRIBUTION OF THE LEADER OF THE NATION EMOMALI RAHMON TO ENSURING REGIONAL AND INTERNATIONAL SECURITY

The article examines the role of the Leader of the Nation Emomali Rahmon in ensuring regional and international security. The author attempted to analyze the initiatives of the President of the Republic of Tajikistan to strengthen cooperation in the field of security with the countries of Central Asia and came to the conclusion that the conclusion of an agreement on strategic partnership between Tajikistan and the countries of the region, primarily with Kazakhstan, Turkmenistan and Uzbekistan, is a guarantee of regional security. The article also assesses the initiatives of the Leader of the Nation in ensuring international security, mentions the "Dushanbe process" as an important arena for discussing ways to prevent and combat modern threats and challenges.

KEYWORDS: Central Asia, Tajikistan, Afghanistan, Dushanbe process, defense, security, potential, challenge, threat, army, terrorism, extremism.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Шарипов Амриддин Нуридинович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих, мудири кафедраи муносибатҳои байналхалқӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992)105-50-10-18**. E-mail: **amrsharif@mail.ru**
Камолзода Ишқия Ҷамшед **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети муносибатҳои байналхалқӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **901417090.** E-mail:**m-vafo123@mail.ru**

Сведения об авторах: ***Шарипов Амриддин Нуридинович*** – Таджикский национальный университет, кандидат исторических наук, заведующий кафедрой международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992)105-50-10-18.** E-mail: **amrsharif@mail.ru**
Камолзода Ишкия Джамшед – Таджикский национальный университет, магистрант второго курса факультета международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **901417090.** E-mail: **m-vafo123@mail.ru**

Information about the authors: ***Sharipov Amriddin Nuridinovich*** **–** Tajik National University, Candidate of Historical Sciences, Head of the Department of International Relations. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992)105-50-10-18.** E-mail: **amrsharif@mail.ru**
Kamolzoda Ishqiya Jamshed – Tajik National University, second-year master's student of the Faculty of International Relations. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **901417090.** E-mail: **m-vafo123@mail.ru**

МАТЕМАТИКА ВА ИНФОРМАТИКА – МАТЕМАТИКА И ИНФОРМАТИКА

СУММАИ ХАРАКТЕРҲО ВА МУҚОИСАИ ОН БО $n!$

Саломов Х.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ба ҳамагон маълум аст, ки як қатор масъалаҳои назарияи ададҳо, назарияи майдонҳои охирнок, назарияи кодгузориҳо ва криптография ба баҳодиҳӣ (аз боло ва поён) аз суммаҳои характерҳо бо бисёраъзогиҳое, ки аргументагшон аз майдонҳои охирнок қимат қабул мекунад, оварда мерасонад. Баҳодиҳии ғайритривиалии суммаҳои тригонометриро бори аввал дар солҳои 50-уми асри гузашта Г. Вейл нишон додааст. Баъдтар маълум гардид, ки баҳои Г. Вейл беҳтарнашаванда мебошад. Бинобар ин, чунин беохир пай дар пайиҳо ва бисёраъзогиҳо аз майдонҳои охирнок мавҷуданд, ки барои онҳо баҳои Вейлро беҳтар намудан мумкин аст.

Бо назардошти баҳои маълуми Г. Вейл барои суммаҳои характерҳо дар майдони охирноки F_p чунин савол ба миён меояд, ки чӣ қадар ин баҳоҳоро саҳеҳтар намоем. Ин масъала ба масъалаи ёфтани наздиккунии баҳоҳои сарҳади болоӣ ва поёнии баҳои Г. Вейл оварда мерасонад. Баҳои ғайритривиалии аз поён барои суммаҳои характерҳо аз бисёраъзогиҳо аз майдонҳои F_p дар [1] нишод дода шудааст.

Дар солҳои охир баҳои Г. Вейлро барои масъалаҳои гуногун, аз ҷумла барои майдонҳои характерестикӣ, дараҷаи майдонҳои васеъкардашуда ва дараҷаи бисёраъзогиҳо васеъ истифода мебаранд.

Баҳодиҳии суммаҳои характерҳоро як қатор олимони сатҳи ҷаҳонӣ аз ҷумла И. М. Виноградов, А.А. Каратсуба, Раҳмонов З.Ҳ, аз рӯйи модулҳои гуногун нишон додаанд. Суммаи характерҳоро бошад бо ёрии $n!$ низ баҳо додан мумкин аст.

Ин баҳоро барои гирифтани натиҷаҳои нав оид ба масъалаҳои гуногун аз рӯйи модули ададаи содаи p ва барои гирифтани маълумоти нав оид ба масофаи байни тафриқҳои квадратӣ ва ғайриквадратӣ аз рӯйи модули p истифода мебаранд. Дар ҳолати хусусӣ нишон додан мумкин аст, ки чунин ададаи мусбати бутуни $n << p^{1/2+\varepsilon}$ мавҷуд аст, ки $n!$ решаи примитивӣ аз рӯйи модули p мебошад. Ҳар як синфи ғайринулии $a \not\equiv 0(\mathrm{mod}\, p)$ - ро метавон ба намуди ҳосили зарбҳои 7 факториал тасвир намуд: яъне

$$a \equiv n_1!n_2!...n_7!(\mathrm{mod}\, p),$$

ки дар ин ҷо $\max\{n_i \mid n = 1,...,7\} = O(p^{11/12+\varepsilon})$ ва барои миқдори чунин тасвирнамоиҳо формулаи асимптотикиро ҳосил намуд. Ба ҳамин монанд нишон додан мумкин аст, ки ҳосили зарбҳои 4 факториал $n_1!n_2!n_3!n_4!$ ки $\max\{n_i \mid n = 1,...,4\} = O(p^{6/7+\varepsilon})$ ҳамаи синфи бақияҳоро аз рӯи модули p тасвир менамояд ва ҳосили зарбҳои 3 факториал $n_1!n_2!n_3!$ бошад, $\max\{n_1, n_2, n_3\} = O(p^{5/6+\varepsilon})$ тақсимшавии мунтазамро аз рӯи модули p нишон медиҳад.

Дар ин мақола бигзор p- ададаи соддаи тоқ бошад. Тақсимшавии $n!$ аз рӯйи модули p хело кам дар корҳои олимон дида мешавад. Якчанд аз ин гуна натиҷаҳоро метавон дар адабиёти [2] дарёфт намуд . Дар ин ададбиёт нишон дода шудааст, ки синфи тафриқҳо аз рӯйи модули p метавон ҳамчун ҳосили зарбҳои на зёда аз ду факториал тасвир намуд.

Аз теоремаи Вилсон мебарояд, ки

$b!(p-1-b)!\equiv(-1)^{b+1}(\mathrm{mod}\, p)$, (1)

барои дилхоҳ $b\in\{1,...,p-1\}$ ва $a\in\{1,...,p-1\}$ бо $b\equiv a^{-1}(\mathrm{mod}\, p)$ мо ҳосил менамоем

$a\equiv((p-1)!)^{r_b}(b-1)!(p-1-b)!(\mathrm{mod}\, p)$, (2)

ки дар инҷо $r_b\in(0,1)$, $r_b\equiv 1(\mathrm{mod}\, 2)$.

Дар ин мақола мо суммаҳои характерҳоро бо $n!$ баҳо медиҳем.

Идеяи асосии кори мо ин баҳои Г. Вейл барои суммаи характерҳо (ниг. [4, 5, 6]) ва баҳои теоремаи Лагранҷ мебошад.

Бигзор F_p - майдони охирноки аз p элемент иборатбуда бошад. Мо ҳамеша фарз менамоем, ки F_p элементҳои маҷмуи $0,1,...,p-1$ -ро инъикос менамояд. Бо ёрии χ маҷмуи характерҳои мултипликативии F_p^*-ро ишорат менамоем ва бигзор $\chi^* = \chi\setminus\{\chi_0\}$ - маҷмуи характерҳои ғайриасосӣ бошад. Бо ёрии баробарии

$$e(z) = exp(2\pi iz/p)$$

характери аддитивии гурӯҳи F_p-ро ишорат менамоем. Бинобар ин, чунин айниятҳо ҷой доранд

$$\sum_{\chi\in\chi}\chi(u)=\begin{cases}0, & агар\ \ u\not\equiv 1(\mathrm{mod}\, p);\\ p-1, & агар\ \ u\equiv 1(\mathrm{mod}\, p).\end{cases}$$

ва

$$\sum_{a=0}^{p-1}e(au)=\begin{cases}0, & агар\ u\not\equiv 0(\mathrm{mod}\, p);\\ p, & агар\ u\equiv 0(\mathrm{mod}\, p).\end{cases}$$

Дар [4,5,6] баҳои ғайритривиалии суммаҳои кӯтоҳи характерҳои Дирихле аз рӯйи модули ададҳои таркибӣ гирифта шудаанд.

Бо назардошти $\chi\in\chi^*$, бисёраъзогии $f\in F_p[X]$ ва $a\in F_p$, чунин суммаро дида мебароем:

$$T(\chi, f, H, N)=\sum_{n=H+1}^{H+N}\chi(n!)e(f(n))$$

$T(\chi,H,N)$, агар $f\equiv 0$.

Дар ин мақола барои суммаи $T(\chi, f, H, N)$ баҳои ғайритривиалӣ аз боло гирифта шудааст.

Теорема. *Бигзор H ва N - ададҳои бутун ва $0\le H<H+N<p$ бошад. Он гоҳ барои дилхоҳ адади бутуни қайдкардашудаи $d\ge 0$, баҳои зерин ҷой дорад:*

$$\max_{degf=d}\max_{\chi\in\chi^*}|T(\chi, f, H, N)|<<N^{3/4}p^{1/8}(\log p)^{1/4}.$$

Исбот. Барои дилхоҳ ададн бутуни $k\ge 0$ ҳосил мекунем:

$$T(\chi, f, H, N)=\sum_{n=H+1}^{H+N}\chi((n+k)!)e(f(n+k))+O(k).$$

Ба ҳамин монанд барои дилхоҳ ададн бутутни $K\ge 0$ меёбем

$$T(\chi, f, H, N) = \frac{1}{K} W + O(K) \qquad (3)$$

ки дар инҷо

$$W = \sum_{k=0}^{K-1} \sum_{n=H+1}^{H+N} \chi((n+k)!) e(f(n+k)) = \sum_{n=H+1}^{H+N} \sum_{k=1}^{K} \chi((n! \prod_{i=1}^{k} (n+i)) e(f(n+k)) =$$

$$= \sum_{n=H+1}^{H+N} \chi(n!) \sum_{k=0}^{K-1} \chi(\prod_{i=1}^{k} (n+i)) e(f(n+k)).$$

Дар суммаи W нобаробарии Коширо татбиқ намуда, ҳосил мекунем

$$W \le N \sum_{n=H+1}^{H+N} |\sum_{k=0}^{K-1} \chi((n! \prod_{i=1}^{k} (n+i)) e(f(n+k))|^2 =$$

$$= N \sum_{k,m=0}^{K-1} \sum_{n=H+1}^{H+N}{}^{*} \chi(\psi_{k,m}(n)) e(f(n+k) - f(n+m)),$$

ки дар ин ҷо

$$\psi_{k,m}(X) = \prod_{i=1}^{k} (X+i) \prod_{j=1}^{m} (X+j)^{-1}$$

ва дар ин ҷо $\sum^{*}$ мефаҳмонад, ки тафриқи функсияҳои ратсионалӣ аз сумма хориҷ карда мешавад ва $|z|^2 = z\bar{z}$ барои дилхоҳ адади комплексии z ва $\overline{\chi}(a) = \chi(a^{-1})$ барои дилхоҳ адади бутуни $a \not\equiv 0 (\mathrm{mod}\, p)$, ки $\overline{\chi}$ характери ҳамроҳшуда мебошад.

Агар $K < p$, пас, $k = m$, ва функсияи ратсионалии $\psi_{k,m}(X)$ ҳадди ақал як реша ва қутб дорад ва ҳамин тавр дараҷаи функсияи ратсионалии дигар аз рӯйи модули p шуда наметавонад.

Барои $O(K)$ $0 \le k = m \le K-1$ мо суммаро тривиалӣ аз рӯи n ҳамчун N баҳо медиҳем.

Дар дигар ҳолатҳо $O(K^2)$, $0 \le k = m \le K-1$ мо баҳои бо назардошти $\chi \in \chi^{*}$, барои дилхоҳ $a \in F_p$, истифода бурда ҳосил мекунем.

$$\sum_{n=0}^{p-1}{}^{*} \chi(\psi_{k,m}(n)) e(f(n+k) - f(n+m) + an) = O(Kp^{1/2}).$$

Аз гузариши суммаҳои нопурра ба суммаҳои пурра истифода бурда ҳосил мекунем:

$$\sum_{n=0}^{p-1}{}^{*} \chi(\psi_{k,m}(n)) e(f(n+k) - f(n+m) + an) = O(Kp^{1/2} \log p).$$

Ҳамаи ин баҳоҳоро ҷамъ намуда, ҳосил мекунем

$$W^2 << N(KN + K^3 p^{1/2} \log p).$$

Мувофиқи (3), меёбем

$$T(\chi, f, H, N) << NK^{-1/2} + K^{1/2} N^{1/2} p^{1/4} (\log p)^{1/2} + K.$$

Дар нобаробарии охирон $K = [N^{1/2} p^{-1/4} (\log p)^{-1/2}]$ гирифта мо теоремаро пурра исбот мекунем.

Маълум аст, ки барои дилхоҳ $\varepsilon > 0$ чунин адади $\delta > 0$ мавҷуд аст, ки $N > p^{1/2+\varepsilon}$ бинобар ин,

$$|T(\chi, f, H, N)| \leq Np^{-\delta}$$

бо назардошти он ки p адади кифоя калон.

Аз шарти теорема бармеояд, ки миёни қиматҳои $n!$, ки дар ин ҷо $n = H+1,...,H+N$, рaсо $\frac{N}{2} + O(N^{3/4} p^{1/8} (\log p)^{1/4})$ тафриқҳои квадратӣ аз рӯйи модули p мавҷуд аст.

АДАБИЁТ

1. Hecke E. Reziprozitatsgesetz und Gaubsche Summen in quadratischen Zahlkorpern. Gottinger Nachr. (1919), c.265-278.
2. C. Cobeli, M. Vajaitu and A. Zaharescu, `The sequence n! (mod p)', J. Ramanujan Math.
3. W.-C. W. Li, Number theory with applications, World Scientilc, Singapore, 1996.MR 98b:11001.
4. R. Lidl and H. Niederreiter, Finite Lelds, Cambridge University Press, Cambridge, 1997. MR 97i:11115.
5. A. Weil, Basic number theory, Springer-Verlag, New York, 1974. MR 55:302.
6. Хокиев Д.Дж. Оценка коротких сумм значений характеров от специальной последовательности натуральных чисел // Доклады Академии наук Республики Таджикистан. 2015. Т.-58. № 12. с. 1065-1071.
7. Хокиев Д.Дж. Оценка короткой суммы значений характеров Дирихле по составном модулю на последовательности сдвинутых чисел // Доклады Академии наук Республики Таджикистан. 2017. Т.-60. № 1-2.с. 5-11.
8. Рахмонов З.Х., Хокиев Д.Дж. Об оценке суммы характеров с простыми числами // Доклады Академии наук Республики Таджикистан. 2018. Т.-61. №1. с. 5-11.

СУММАИ ХАРАКТЕРҲО ВА МУҚОИСАИ ОН БО $n!$

Бигзор бигзор p- адади соддаи тоқ бошад. Тақсимшавии ҳосили зарбҳои $n!$ аз рӯйи модули p хело кам дар корҳои олимон дида мешавад. Нишон додан мумкин аст, ки синфи тафриқҳо аз рӯйи модули p метавон ҳамчун ҳосили зарбҳои на зиёда аз ду факториал тасвир намуд. Дар мақола баҳои сарҳади болоӣ барои суммаи характерҳо ва муқоисаи онҳо бо n! гирифта шудааст. Ин баҳоро барои гирифтани натиҷаҳои нав оиди масъалаҳои гуногун аз рӯйи модули адади содаи p ва барои гирифтани маълумоти нав оид ба масофаи байни тафриқҳои квадратӣ ва ғайриквадратӣ аз рӯйи модули p истифода мебаранд

КАЛИДВОЖАҲО: адади сода, формулаи асимптотикӣ, суммаи характерҳо, баҳои Вейл, баҳои болоӣ, бисёраъзогӣ бо характери аддитивӣ.

СУММЫ ХАРАКТЕРОВ И СРАВНЕНИЯ n!

Пусть -простое нечетное число. Среди них есть и такие, о которых мало что известно ученым. Можно показать, что класс вычетов по модулю может быть описан как произведение не более двух факториалов. В статье приведены оценки верхних границ для суммы признаков и их сравнение с $n!$ получено. Эта оценка используется для получения новых результатов по различным задачам по модулю простых чисел и для получения новой информации о расстояниях между квадратичными и не квадратичными различиями по заданому модулю.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА простые числа, асимптотическую формулу,суммы характеров, оценка Вейля, верхняя оценка, многочлен аддитивным характером,.

CHARACTER SUMMARY AND COMPARISONS n!

Let p be an odd prime number. Among them, there are those about which little is known to scientists. It can be shown that the modulo residue class can be described as a product of at most two factorials. The article provides estimates of the upper bounds for the sum of features and their comparison with n! received. This estimate is used to obtain new results on various problems modulo primes and to obtain new information about the distances between quadratic and non-quadratic differences in a given modulus.

KEYWORDS: prime numbers, asymptotic formula, sums of characters, Weyl estimate, upper estimate, polynomial of additive character.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Саломов Холмирзо Абдусаломович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти кафедраи алгебра ва назарияи ададҳо. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 552-175-005.**

Сведения об авторе: ***Саломов Холмирзо Абдусаломович*** - Таджикский национальный университет, магистрант кафедры алгебры и теории чисел. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 552-175-005.**

Information about the author: ***Salomov Kholmirzo Abdysalomovich*** - Tajik National University, master`s student of the Department of Algebra and Number Theory. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 552-175-005.**

ТАҚСИМШАВИИ АДАДҲОИ ХАРДИ-ЛИТТВУЛД ДАР ПРОГГЕССИЯИ АРИФТМЕТИКӢ

Тоиров Д.Х.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Харди ва Литтлвуд [1] чунин гипотезаро пешниҳод намудаанд, ки ҳар як ададҳои натуриалии кифоякалони n-ро дар намуди ададди содда ва дараҷаи ададди натуриалӣ тасвир намудан мумкин аст,

$$n = p + m^k, k \geq 2.$$

Чунин ададҳоро ададҳои Харди-Литтлвуд меноманд. Г. Бобоев [2] ин гипотезаро рад намуд, яъне нишон дод, ки беохир ададҳои кифоякалони натуралӣ мавҷуданд, ки онҳо ададҳои Харди – Литтлвулд намебошанд. Аз ин ҷо дар ҳолати хусусӣ мебарояд, ки чунин ададҳои l, $1 \leq l \leq q$, мавҷуданд, ки чунин нобаробарии зерин ҷой дорад:

$$H_k(q,l) > q, k \geq 2,$$

ки дар инҷо $H_k(q,l)$ — хурдтарин ададҳои Харди-Литтлувуди намуди $p + m^k$, дар поргрессияи арифметикии $qt + l$, $t = 0,1,2, ...$, хобанда, q – ададди бутун. Бинобар ин , дар ин кор чунин масъалаҳоро дида мебароем:

1. Бузургии $H_k(q,l)$-ро аз боло баҳо додан.
2. Қонуни тақсимшавии ададҳои Харди-Литтлвулди дар прогрессияҳои кӯтоҳи арифметикӣ хобандаро муайян намудан.

Ҳангоми ҳолати q – ададди содда ва $k \geq 2$ будан ин ду масъала дар корҳои Раҳмонов З.Х. ва шогирдони ӯ дида баромада шуда, барои миқдори ҳалҳои муқоисаи зарин формулаи асимптотикӣ гирифта шудааст, яъне

$$p + m^k \equiv l \,(\mathrm{mod} q), p \leq x, m \leq \sqrt[k]{x},$$
$$q \ll \min\left(x^{\frac{2}{k}}\mathcal{L}^{-8}, x^{\frac{k+5}{5k}}\mathcal{L}^{-35}, x^{\frac{k+2}{3k}}\mathcal{L}^{-\frac{70}{3}}, \right),$$

аз ин ҷо дар ҳолати хусусӣ мебарояд, ки

$$H_2(q,l) \ll q^{\frac{3}{2}}\ln^{35} q.$$

Масъали асосӣ дар ин кор ин аст, ки ин баҳоро дар ҳолати $k = 2$ ва q – фарқи прогрессия ба дараҷаи ададди содда баробар будан, умумӣ гардонем. Бинобар ин, чунин теоремаро исбот менамоем:

ТЕОРЕМА. *Бигзор* $x \geq x_0$, $q = p^\alpha$, p *— ададди соддаи тоқ* , $p \geq \mathcal{L}^{58}$, α *— ададди натуриалии қайдкардашуда,* $(l,p) = 1$, $\rho(p,l)$ *— ҳалли муқоисаи* $n^2 \equiv l(modp)$ *ва*

$$H_2(x;q,l) = \sum_{\substack{n \leq x, m^2 \leq x \\ n+m^2 \equiv l(modq)}} \Lambda(n).$$

Он гоҳ чунин формулаи асимптотикии зерин ҷой дорад

$$H_2(x;q,l) = \frac{x^{\frac{3}{2}}}{\varphi(q)}\left(1 + O\left(\mathcal{L}^{-1} + \frac{\sqrt{q}}{\sqrt{x}}\mathcal{L}^{29} + \frac{q}{x^{\frac{7}{10}}}\mathcal{L}^{32} + \frac{q^{1.5}}{x}\mathcal{L}^{33}\right)\right),$$

ки дар инҷо доимии O *аз* α *вобаста мебошад.*

Исбот.

Умумиятро маҳдуд накарда фарз менамоем, ки $\sqrt{x} \le q = p^{\alpha}$. Суммаи $H_2(x; p^{\alpha}, l)$ аз рӯйи параметрҳои n ва m на ба се қисм ҷудо менамоем

$$H_2(x;q,l) = \sum_{\substack{n\le x\\(n,p)=1}} \Lambda(n) \sum_{\substack{m^2\le x,(m^2-l,p)=1\\ n\equiv l-m^2 \,(\mathrm{mod} p^{\alpha})}} 1 + R_1(x,q) + R_2(x,q),$$

$$R_1(x,q) = \sum_{\substack{n\le x\\(n,p)=p}} \Lambda(n) \sum_{\substack{m^2\le x\\ m^2\equiv l-n \,(\mathrm{mod} p^{\alpha})}} 1 \le k\left(\frac{\sqrt{x}}{p^{\alpha}}+1\right)\mathcal{L}^2 \ll \mathcal{L}^2,$$

$$R_2(x,q) = \sum_{\substack{n\le x\\(n,p)=1}} \Lambda(n) \sum_{\substack{m^2\le x,(m^2-l,p)=p\\ n\equiv l-m^2 (\mathrm{mod} p^{\alpha})}} 1 =$$

$$= \sum_{\substack{n\le x\\(n,p)=1}} \Lambda(n) \sum_{\substack{m\le\sqrt{x},m^2-l\equiv 0 \,(\mathrm{mod} p)\\ m^2-l\equiv -n \,(\mathrm{mod} p^{\alpha})}} 1 = 0.$$

Аз хосиятҳои ортогоналии характерҳо истифода бурда, меёбем,

$$H_2(x;q,l) = \sum_{\substack{n\le x\\(n,p)=1}} \Lambda(n) \sum_{\substack{m^2\le x,\\(m^2-l,p)=1}} \frac{1}{\varphi(q)} \sum_{\chi \mathrm{mod} p^{\alpha}} \chi(n)\overline{\chi}(l-m^2) + O(\mathcal{L}^2) =$$

$$= \frac{1}{\varphi(q)} \sum_{\chi \,\mathrm{mod} p^{\alpha}} \psi(x,\chi) V_2(\sqrt{x},\overline{\chi},l) + O(\mathcal{L}^2),$$

ки дар ин ҷо

$$\psi(x,\chi) = \sum_{n\le x} \Lambda(n)\chi(n), V_2(u,\chi,l) = \sum_{m\le u} \chi(l-m^2).$$

Суммаи охиронро ба ду қисм ҷудо намуда, баҳо медиҳем

$$H_2(x;q,l) = G_2(x,q) + R_2(x,q) + O(\mathcal{L}^2), \tag{3.1}$$

$$G_2(x,q) = \frac{\psi(x,\chi_0)V_2(\sqrt{x},\chi_0,l)}{\varphi(q)},$$

$$R_2(x,q) = \frac{1}{\varphi(q)} \sum_{\chi\ne\chi_0} \psi(x,\chi) V_2(\sqrt{x},\overline{\chi},l).$$

Дар формулаи $G(x,q)$ аъзои асосии $H_k(x;q,l)$, ва дар $R_2(x,q)$ аъзои боқимондаи он мехобад.

Баҳои аъзои асосӣ. Аз теоремаи Ш. Валле – Пуссен истифода бурда меёбем

$$\psi(x,\chi_0) = \sum_{n\le x} \Lambda(n) + O(\mathcal{L}^2) = x + O(x\exp(-c\sqrt{\mathcal{L}})).$$

Суммаи намуди зеринро дида мебароем

$$V_2(\sqrt{x},\chi_0,l) = \sum_{\substack{m\le\sqrt{x}\\(l-m^2,p)=1}} 1 = \sum_{m\le\sqrt{x}} 1 - \sum_{\substack{m\le\sqrt{x}\\(l-m^2,p)=p}} 1 =$$

$$= x^{\frac{1}{2}} + O(1) - \sum_{\substack{m\le\sqrt{x}\\ m^2\equiv l(\mathrm{mod} p)}} 1 = x^{\frac{1}{2}} - \sum_{\substack{m\le\sqrt{x}\\ m^2\equiv l(\mathrm{mod} p)}} \sum_{\substack{1\le n\le p\\ n\equiv m(\mathrm{mod} p)}} 1 + O(1) =$$

$$= x^{\frac{1}{2}} - \sum_{\substack{1\le n\le p\\ n^2\equiv l(\mathrm{mod} p)}} \sum_{\substack{m\le\sqrt{x}\\ m\equiv n(\mathrm{mod} p)}} 1 + O(1) =$$

$$= x^{\frac{1}{2}} - \sum_{\substack{1\le n\le p \\ n^2\equiv l(\mathrm{mod}p)}} \sum_{m_1 p+n\le\sqrt{x}} 1 + O(1) =$$

$$= x^{\frac{1}{2}} - \sum_{\substack{1\le n\le p \\ n^2\equiv l(\mathrm{mod}p)}} \left[\frac{\sqrt{x}-n}{p}\right] + O(1) =$$

$$= x^{\frac{1}{2}} - \sum_{\substack{1\le n\le p \\ n^2\equiv l(\mathrm{mod}p)}} \left(\frac{\sqrt{x}}{p} + O(1)\right) + O(1) = x^{\frac{1}{k}}\left(1 - \frac{\rho(p,l)}{p}\right) + O(1),$$

ки дар ин ҷо $\rho(p,l)$ — миқдори ҳалҳои муқоисаи $n^2 \equiv l\ (\mathrm{mod}p)$, $1 \le n \le p$. Бинобар ин

$$G_2(x,q) = \frac{\psi(x,\chi_0)V_2(\sqrt{x},\chi_0,l)}{\varphi(q)} =$$

$$= \frac{1}{\varphi(q)}\left(x + O(x\exp(-c\sqrt{\mathcal{L}}))\right)\left(x^{\frac{1}{2}}\left(1 - \frac{\rho(p,l)}{p}\right) + O(1)\right)$$

$$= \frac{x^{\frac{3}{2}}}{\varphi(q)}\left(1 - \frac{\rho(p,l)}{p} + O\left(\exp(-c\sqrt{\mathcal{L}})\right)\right). \qquad (3.2)$$

Акнун бақияи онро баҳо медиҳем $R_2(x,q)$. Ба характерҳои примитивӣ ҳангоми $q = p^\alpha$ гузашта меёбем

$$R_2(x,q) = \frac{1}{\varphi(q)} \sum_{\chi\neq\chi_0} \psi(x,\chi)V_2(\sqrt{x},\overline{\chi},l) =$$

$$= \frac{1}{\varphi(q)} \sum_{\beta=1}^{\alpha} {\sum_{\chi \mathrm{mod} p^\beta}}^{*} \psi(x,\chi)V_2(\sqrt{x},\overline{\chi},l),$$

ки ин ҷо * мефаҳмонад, ки суммиронӣ аз рӯйи характерҳои примитивӣ аст. Ба баҳодиҳӣ гузашта, ҳосил мекунем

$$|R_2(x,q)| \le \frac{1}{\varphi(q)} \sum_{\beta=1}^{\alpha} \max_{\chi \bmod p^\beta} |V_2(\sqrt{x},\chi,l)| {\sum_{\chi \bmod p^\beta}}^{*} |\psi(\text{ч},\chi)|,$$

(3.3)

Аз ин ҷо ҳосил мекунем, ки

$${\sum_{\chi \mathrm{mod} p^\beta}}^{*} |\psi(x,\chi)| \le \sum_{\chi \mathrm{mod} p^\beta} \max_{y\le x} |\psi(y,\chi)| \ll x\mathcal{L}^{28} + x^{\frac{4}{5}}p^{\frac{\beta}{2}}\mathcal{L}^{31} + x^{\frac{1}{2}}p^\beta\mathcal{L}^{32}.$$

Ин баҳоро дар қисми рости нобаробарии (3.3) гузошта ҳосил мекунем

$$|R_2(x,q)| \ll \frac{1}{\varphi(q)} \sum_{\beta=1}^{\alpha} \left(x\mathcal{L}^{28} + x^{\frac{4}{5}}p^{\frac{\beta}{2}}\mathcal{L}^{31} + x^{\frac{1}{2}}p^\beta\mathcal{L}^{32}\right) \max_{\chi \bmod p^\beta} |V_2(\sqrt{x},\chi,l)| =$$

$$= \frac{x^{\frac{3}{2}}}{\varphi(q)} \sum_{\beta=1}^{\alpha} \left(\mathcal{L}^{28} + x^{-\frac{1}{5}}p^{\frac{\beta}{2}}\mathcal{L}^{31} + x^{-\frac{1}{2}}p^\beta\mathcal{L}^{32}\right) \max_{\chi \bmod p^\beta} \frac{|V_2(\sqrt{x},\chi,l)|}{\sqrt{x}}, \qquad (3.4)$$

Аз леммаи зерин истифода мебарем.

ЛЕММА. *Бигзор k ва l — ададҳои натуриалӣ, $\chi(m)$ — характери Дирихле аз рӯи модули p^β,*

$$V_k(u,\chi,l) = \sum_{m\le u} \chi(l-m^k), S_k(p^\beta,\chi,l,h) = \sum_{m=1}^{p^\beta} \chi(l-m^k)e\left(\frac{hm}{p^\beta}\right).$$

Он гоҳ чунин баҳо ҷой дорад

$$|V_k(u,\chi,l)| \le \left(\frac{u}{p^\beta} + \ln p^\beta\right) \max_{1\le h\le p^\beta} |S_k(p^\beta,\chi,l,h)|.$$

Суммаи $V_2\left(\sqrt{x},\chi,l\right)$ −ро баҳо дода меёбем

$$|V_2(\sqrt{x},\chi,l)| \le \left(\frac{\sqrt{x}}{p^\beta} + \ln p^\beta\right) \max_{1\le h\le p^\beta} |S_2(p^\beta,\chi,l,h)|. \tag{3.5}$$

$$S_2(p^\beta,\chi,l,h) = \sum_{m=1}^{p^\beta} \chi(l-m^2) e\left(\frac{hm}{p^\beta}\right).$$

Барои суммаи $S_2(p^\beta,\chi,l,h)$, ин леммаро истифода бурда меёбем

$$S_2(p^\beta,\chi,l,0) = \begin{cases} p^{\frac{\beta}{2}}\chi(l), & \text{агар } \beta \text{ } --- \text{ адади љуфт;} \\ p^{\frac{\beta-1}{2}} T_2(l,\chi,p), & \text{агар } \beta \text{ } --- \text{ адади тоќ,} \end{cases}$$

ки дар инҷо

$$T_2(l,\chi,p) = \sum_{u=1}^{p} \chi(l-p^{\beta-1}u^2).$$

Мувофиқи баҳои Вейл меёбем

$$|T_2(l,\chi,p)| \ll \sqrt{p}.$$

Суммаи $S_2(p^\beta,\chi,l,h)$ аз [1] татбиқ намуда меёбем

$$|S_2(p^\beta,\chi,l,h)| \ll p^{\frac{\beta}{2}}.$$

Ин баҳоҳоро дар (3.5) гузошта ҳосил мекунем

$$|V_2(\sqrt{x},\chi,l)| \le \left(\frac{\sqrt{x}}{p^\beta} + \ln p^\beta\right) p^{\frac{\beta}{2}} \ll \begin{cases} \dfrac{\sqrt{x}}{p^{\frac{\beta}{2}}}, & \text{агар } \sqrt{x} \ge p^\beta;\ 9pt \\ p^{\frac{\beta}{2}}\mathcal{L}, & \text{агар } \sqrt{x} < p^\beta. \end{cases}$$

Чунин меҳисобем, ки $\sqrt{x} \le q = p^\alpha$, бо α_1, $2 \le \alpha_1 \le \alpha$ гузориш мекунем, ки шарти зеринро қаноат кунонад $p^{\alpha_1-1} < \sqrt{x} \le p^{\alpha_1}$, бинобар суммаро аз рӯйи β ба ду сумма ҷудо намуда, барои суммаи охирон баҳои $\left|V_2\left(\sqrt{x},\chi,l\right)\right|$ − ро дар (3.4), ҳосил мекунем

$$|R_2(x,q)| \ll \frac{x^{\frac{3}{2}}}{\varphi(q)} \sum_{\beta=1}^{\alpha_1-1} \left(\frac{\mathcal{L}^{28}}{p^{\frac{\beta}{2}}} + \frac{\mathcal{L}^{31}}{x^{\frac{1}{5}}} + \frac{p^{\frac{\beta}{2}}}{x^{\frac{1}{2}}}\mathcal{L}^{32}\right) +$$
$$+ \frac{x^{\frac{3}{2}}}{\varphi(q)} \sum_{\beta=\alpha_1}^{\alpha} \left(\frac{p^{\frac{\beta}{2}}}{\sqrt{x}}\mathcal{L}^{29} + \frac{p^\beta}{x^{\frac{7}{10}}}\mathcal{L}^{32} + \frac{p^{1.5\beta}}{x}\mathcal{L}^{33}\right).$$

Суммиронӣ аз рӯйи β, намуда бо назардошти $\alpha \ll \mathcal{L}$, меёбем

$$|R_2(x,q)| \ll \frac{x^{\frac{3}{2}}}{\varphi(p^\alpha)} \left(\frac{\mathcal{L}^{28}}{\sqrt{p}} + \frac{\mathcal{L}^{32}}{x^{\frac{1}{5}}} + \frac{p^{0.5(\alpha_1-1)}}{x^{\frac{1}{2}}}\mathcal{L}^{32}\right) +$$
$$+ \frac{x^{\frac{3}{2}}}{\varphi(q)} \left(\frac{p^{0.5\alpha}}{\sqrt{x}}\mathcal{L}^{29} + \frac{p^\alpha}{x^{\frac{7}{10}}}\mathcal{L}^{32} + \frac{p^{1.5\alpha}}{x}\mathcal{L}^{33}\right).$$

Параметри α_1-ро муайян намуда, ҳосил менамоем

$$\frac{p^{0.5(\alpha_1-1)}}{x^{\frac{1}{2}}}\mathcal{L}^{32} = \left(\frac{p^{\alpha_1-1}}{\sqrt{x}}\right)^{\frac{1}{2}} x^{-\frac{1}{4}}\mathcal{L}^{32} \le x^{-\frac{1}{4}}\mathcal{L}^{32}.$$

Бо назардошти $p \ge \mathcal{L}^{58}$ ва $p^\alpha = q$ меёбем

$$|R_2(x,q)| \ll \frac{x^{\frac{3}{2}}}{\varphi(p^{\alpha})}\left(\mathcal{L}^{-1}+\frac{\sqrt{q}}{\sqrt{x}}\mathcal{L}^{29}+\frac{q}{x^{\frac{7}{10}}}\mathcal{L}^{32}+\frac{q^{1.5}}{x}\mathcal{L}^{33}\right).$$

Теорема исбот шуд.

АДАБИЁТ

1. Hardy G.H., Wright E.M. An introduction to theory of numbers G.H. Hardy, E.M. Wright // Oxford at the clarendon press. 1954
2. Бабаев Г.Б. Замечание к работе Дэвенпорта и Хейлброна // УМН. 1958. Т. 13, Т. 84, В. 6, С. 63 – 64
3. Хокиев Д.Дж. Оценка коротких сумм значений характеров от специальной последовательности натуральных чисел // Доклады Академии наук Республики Таджикистан. 2015. Т.-58. № 12. с. 1065-1071.
4. Хокиев Д.Дж. Оценка короткой суммы значений характеров Дирихле по составном модулю на последовательности сдвинутых чисел // Доклады Академии наук Республики Таджикистан. 2017. Т.-60. № 1-2.с. 5-11.
5. Рахмонов З.Х., Хокиев Д.Дж. Об оценке суммы характеров с простыми числами // Доклады Академии наук Республики Таджикистан. 2018. Т.-61. №1. с. 5-11.

ТАҚСИМШАВИИ АДАДҲОИ ХАРДИ-ЛИТТВУЛД ДАР ПРОГРЕССИЯИ АРИФТМЕТИКӢ

Дар мақола масъалаи тақсимшавии ададҳои Харди-Литтлвулд дар прогрессияи арифметикӣ баррасӣ шудааст. Дар мақола баҳои сарҳади болоӣ барои миқдори ададҳои Харди-Литтвулди дар прогрессияи арифметики хобанда гирифта шудааст.

КАЛИДВОЖАҲО: адади сода, формулаи асимптотикӣ, суммаи характерҳо, баҳои болои, бисёраъзогӣ бо характери аддитивӣ.

РАСПРЕДЕЛЕНИЕ ЧИСЕЛ ХАРДИ-ЛИТТВУЛДА В АРИФМЕТИЧЕСКОЙ ПРОГРЕССИИ

В статье обсуждается проблема распределения чисел Харди-Литтлволда в арифметических прогрессиях. В статье получена оценка верхней границы числа чисел Харди-Литвулда в арифметической прогрессии.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: простые числа, асимптотическую формулу,суммы характеров, верхняя оценка, многочлен аддитивным характером.

DISTRIBUTION OF HARDY-LIETWOLD NUMBERS IN ARITHMETIC PROGRESSION

The article discusses the problem of distribution of Hardy-Littlewold numbers in arithmetic progressions. The article obtains an estimate for the upper bound on the number of Hardy- Littlewold numbers in the arithmetic progression of the sleeper.

KEYWORDS: prime numbers, asymptotic formula, sums of characters, upper estimate, polynomial of additive character.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Тоиров Диловар Холмаҳмадович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти кафедраи алгебра ва назарияи ададҳо. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 877770201.** E-mail: **dilovartoirov20022001@gmail.com**

Сведения об авторе: ***Тоиров Диловар Холмахмадович*** - Таджикский национальный университет, магистрант кафедры алгебры и теории чисел. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон**: (+992) 877770201.** E-mail: dilovartoirov20022001@gmail.com

Information about the author: ***Toirov Dilovar Kholmahmadovich*** - Tajik National University, Master's student of the Department of Algebra and Number Theory. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 877770201.** E-mail: **dilovartoirov20022001@gmail.com**

ХИМИЯ – ХИМИЯ

ХОСИЯТИ ПРОТОЛИТИИ L - ВАЛИН ДАР МАҲЛУЛҲОИ ОБӢ - СПИРТӢ

Самадов А.С., Мирзоев И.Р., Ҳакимзода Ҷ.Н.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Омӯзиши мувозинати кислотагӣ-асосии аминокислотаҳо ва баъзе пептидҳои хурдмолекула дар маҳлулҳо аҳаммияти муҳимми илмӣ ва амалӣ дорад, чун таҳқиқи ин молекулаҳои зикргардида, ки дар аксари равандҳои фаъолияти ҳаётии биосистемаҳои мураккаб иштирок мекунанд, ба сифати модел хизмат менамоянд. Инчунин, комплексҳосилшавии молекулаҳои онҳо бо ионҳои металлҳо метавонанд ҳамчун модел дар марказҳои фаъоли ферментҳо муоина карда шаванд. Дар ҳамаи равандҳои зикргардида донистани мувозинати дар система ҷойдошта аҳаммияти аввалиндараҷа дорад [1].

Боиси зикр аст, ки дар замони ҳозира маълумотҳои сершумори таҷрибавӣ доир ба омӯзиши хосияти кислотагӣ-асосӣ ва комплексҳосилшавии аминокислотаҳо дар маҳлулҳои обӣ ва обӣ-спиртӣ ҷамъ гардидааст [2, 3]. Вале тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки дар онҳо баъзе паҳлуҳои равандҳои мавҷудбуда, аз қабили таъсири табиати ҳалкунанда ба константаи протонизатсия, таъсири ҳарорат ба хосияти кислотагӣ-асосии аминокислотаҳо то ҳол норавшаниҳоеро дар пай дорад. Аз ин рӯ, мақсади асосии кори мазкур тадқиқи мувозинати протонизатсияи L-валин дар маҳлулҳои обӣ-спиртӣ ва таъини таъсири табиати ҳалкунанда ва ҳарорат ба шумор меравад.


Барои амалӣ гардонидани кори мазкур усули титронидани pH-метрӣ (маркаи «ЭКСПЕРТ-001» (ФР-2023)) ва электроди комбинатсионии шишагӣ маркааш «ЭСК-10603/7» истифода гардид. Тадқиқоти амалишуда дар ҳудуди ҳароратҳои 5-45 ºС гузаронида шуд, ки тағйирёбанда будани ҳарорат $\Delta t = 0.1$ ºС ташкил медод. Ба сифати реактивҳои лозима аз маводи L-валин "Ч", спирти этил (96%) ва оби муқаттар истифода бурда шуд. Ҳангоми титронидан маҳлули 0.01 мол/л L-валин бо тағйир додани фоизи ҳаҷмии спирти этил дар ҳаҷми 25-30 мл омода гардида, бо маҳлули 0.2 мол/л КОН титр карда шуд. Натиҷаҳои таҷрибавии гирифташуда бо усулҳои гуногун: усули Гендерсон Гасселбах ва муодилаи каҷхатаи титронидани кислотаҳои заифи дуасоса коркард гардида, константаҳои протонизатсияи L-валин дар ҳароратҳои гуногун ва фоизҳои гуногуни спирт ҳисоб карда шуд [4]. Муодилаи каҷхатаи титронидани кислотаи заифи дуасоса бо ишқори қавӣ чунин намуд дорад:

$$V_i = \frac{a_{H^+}\cdot\gamma\cdot C_b\left(V_e\cdot\dfrac{K_1\cdot\dfrac{a_{H^+}}{\gamma}+2\cdot K_1\cdot K_2}{\left(\dfrac{a_{H^+}}{\gamma}\right)^2+K_1\cdot\dfrac{a_{H^+}}{\gamma}+K_1\cdot K_2}\right)-\left(\left(\dfrac{a_{H^+}}{\gamma}\right)^2-K_W\right)\cdot V_0}{\left(\left(\dfrac{a_{H^+}}{\gamma}\right)^2-K_W\right)+a_{H^+}\cdot\gamma\cdot C_b} \qquad (1)$$

Дар ин ҷо V_i – ҳаҷми иловашудаи ишқор, V_0 – ҳаҷми умумии маҳлули тадқиқшаванда, V_e – ҳаҷми эквивалентии ишқор, α_{H^+} – фаъолнокии ионҳои гидроген, γ – коэффитсиенти фаъолнокии гидгоген, C_b – консентратсияи ишқор, K_1, K_2 ва K_3– киматҳои константаи ионизатсия, K_W –ҳосили зарби ионҳои об (аз кори [5] гирифта шудааст).


Аминокислотаи L-валин дар маҳлули обӣ вобаста ба pH-и маҳлул дар се шакли мувозинат қарор дошта метавонад: катионӣ, свиттер-ион ва анионӣ. Мувозинати дар маҳлул мавҷудбударо чунин ифода намудан мумкин аст:

Нақшаи 1



H_2Val^+ — Катион; $HVal^{\pm}$ — Свиттер-ион; Val^- — Анион

Ҳангоми титр намудани маҳлули L-валин бо ишқори қавӣ дар муҳити кислотагӣ атоми гидрогени гурӯҳи карбоксилӣ канда шуда, дар муҳити нейтралӣ ба шакли свиттер-ион мегузарад, вале бо афзудани қимати pH дар муҳити ишқорӣ гурӯҳи $^+NH_3$- атоми гидрогени худро ҷудо намуда ба гурӯҳи амин (NH_2-) табдил меёбад. Каҷхатаи вобастагии pH маҳлул аз ҳаҷми ишқори калий (KOH) дар расми 1 оварда шудааст.



Рас. 1. Каҷхатаи вобастагии pH аз V, мл дар ҳарорати 298 К. Фоизи ҳаҷмии спирти этил ба ***a***-25%, ***b***-50%, ***c***-75% ва ***d***-96% баробар аст.

Чи тавре аз расми 1 дида мешавад, афзоиши фоизи ҳаҷми спирт ба тағйирёбии хамии каҷхата оварда мерасонад, ки шаҳодати вобаста будани хосияти кислотагӣ-асосии L-валин аз табиати ҳалкунанда мебошад. Натиҷаҳои гирифташуда коркард гардида, аз он константаҳои протонизатсия ҳисоб карда шуд, ки қиматҳояшон дар ҷадвали 1 пешкаш шудаанд.

Ҷадвали 1. Қиматҳои константаи протонизатсияи L-валин дар ҳароратҳо ва фоизҳои ҳаҷмии гуногуни спирти этил

Т, К	0%		25%		50%		75%		96%	
	*pK_1	*pK_2	pK_1	pK_2	pK_1	pK_2	pK_1	pK_2	pK_1	pK_2
278			3,02	9,72	3,50	9,86	4,28	10,08	4,50	10,20
288	2.70	9.70	2.65	9.68	3.30	9.76	4.01	9.84	4.20	9,90
298	2.41	9.44	2.40	9.50	3,06	9,61	3.63	9.72	4.03	9.81
308	2.06	9.06	2,01	9.14	2.62	9.17	3.25	9.30	3.71	9.55
318	1.78	8.74	1.52	8.93	2.27	9.01	2.99	9,11	-	-

*Константаҳои протонизатсияи L-валин дар маҳлулҳои обӣ аз кори [6] гирифта шудааст.

Тавре аз қиматҳои дар ҷадвали 1 овардашуда дида мешавад, ки табиати ҳалкунанда ва ҳарорат ба константаи протонизатсия бетаъсир буда наметавонад. Афзоиши ҳарорат ба коҳиши қиматҳои константаи кислотанокӣ ва асоснокӣ оварда расонида, зиёдшавии фоизи ҳаҷми спирти этил ба афзудани ин қиматҳо сабабгор шуда метавонад. Ҳамин тариқ, ҳангоми гузариши L-валин аз муҳити обӣ ба обӣ-спиртӣ қобилияти ҷудо намудани иони гидроген кам гардида, баръакс, афзоиши ҳарорат ин равандро метезонад.

АДАБИЁТ

[1] Усачева Т.Р., Лан Ф.Т., Шарнин В.А. Термодинамика кислотно-основных равновесий глицил-глицил-глицина и его комплексообразования с ионом меди(II) в водно-органических растворителях // Журнал физической химии. 2019. Т. 93. № 1. С. 74-81.

[2] Фам Тхи Л., Усачева Т.Р., Шарнин В.А. Термодинамические характеристики кислотно-основных равновесий глицил-глицил-глицина в водно-этанольных растворах при 298 К // Журнал физической химии. 2016. Т. 90. № 12. С. 1816-1821.

[3] Фам Тхи Л., Усачева Т.Р., Тукумова Н.В., Корышев Н.Е., Хренова Т.М., Шарнин В.А. Термодинамика образования комплекса Cu^{2+}–глицил-глицил-глицин в водно-этанольных растворах при 298 К // Журнал физической химии. 2016. Т. 90. № 10. С. 1479-1483.

[4] *Горичев И.Г., Атанасян Т.К., Мирзоян П.И.* Расчет констант кислотно-основных свойств наночастиц оксидных суспензий с помощью программ Mathcad. Учебное пособие / Москва, 2014. 57 с.

[5] *Arcis H., Ferguson J.P., Cox J.S., et al.* // Cite as: J. Phys. Chem. Ref. 2020. Vol. 49. https://doi.org/10.1063/1.5127662

[6] Хакимов Дж.Н. Константы протонизации L–валина в водном растворе при 298,2–318,2 К / Самадов А.С. Хакимов Дж.Н. Файзуллозода Э.Ф., Степнова А.Ф., Кузин А.В. / II International scientific conference. December 12-15, 2023 RUDN University, December 12-15, 2023, Moscow-2023 с.159-160

ХОСИЯТИ ПРОТОЛИТИИ L - ВАЛИН ДАР МАҲЛУЛҲОИ ОБӢ - СПИРТӢ

Мувозинати протолитии L-валин дар маҳлулҳои обӣ-спиртӣ дар ҳудуди ҳароратҳои 278 – 318 К ва фоизи гуногуни ҳаҷми спирти этил омӯхта шуд. Аз натиҷаҳои таҷрибавӣ қиматҳои константаи протонизатсияи он муайян гардид. Таъйин гардид, ки афзоиши ҳарорат ба коҳиши қиматҳои константаҳои протонизатсия оварда расонида, зиёдшавии фоизи ҳаҷми спирт киматҳои онро мекоҳонад.

КАЛИДВОЖАҲО: pH-метр, мувозинати протолитӣ, маҳлулҳои обӣ-спиртӣ**,** константаи протонизатсия, таъсири ҳарорат.

ПРОТОЛИТИЧЕСКИЕ СВОЙСТВА L-ВАЛИНА В ВОДНО-СПИРТОВЫХ РАСТВОРАХ

Изучено протолитическое равновесие L-валина в водно-спиртовых растворах в диапазоне температур 278–318 К и различных объемных содержаний этилового спирта. По результатам эксперимента определены значения его константы протонирования. Установлено, что повышение температуры приводит к уменьшению значений констант протонирования, а увеличение объемной доли спирта уменьшает их значения.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: pH-метрия, протолитическое равновесие, водно-спиртовые растворы, константа протонирования, влияные температуры.

PROTOLYTIC PROPERTIES OF L-VALINE IN AQUEOUS-ALCOHOLIC SOLUTIONS

The protolytic equilibrium of L-valine in water-alcohol solutions in the temperature range of 278–318 K and various volume contents of ethyl alcohol was studied. The values of its protonation constant were determined based on the results of the experiment. It was found that an increase in temperature leads to a decrease in the values of the protonation constants, and an increase in the volume fraction of alcohol reduces their values.

KEYWORDS: pH-metry, protolytic equilibrium, water-alcohol solutions, protonation constant, influencing temperatures.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Самадов Абдурасул Саидович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои химия, муаллими калони кафедраи химияи физикӣ ва коллоидии факултети химия. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, Хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: (+992) **111-50-38-38.** E-mail: **s.s.rasul@mail.ru**
Мирзоев Исфандиёр Равшанович – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми кафедраи химияи физикӣ ва коллоидӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, Хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 102-10-21-41.** E-mail: **e120286@inbox.ru**
Ҳакимзода Ҷумахон Немон – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи химияи физикӣ ва коллоидии факултети химияи. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе Хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992)939-60-41-81.** E-mail: **hjn1997@inbox.ru**

Сведения об авторах: ***Самадов Абдурасул Саидович*** – Таджикский национальный университет, кандидат химических наук, старший преподаватель кафедры физической и коллоидной химии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 111-50-38-38.** E-mail: **s.s.rasul@mail.ru**
Мирзоев Исфандиёр Равшанович – Таджикский национальный университет, магистр 2-го курса кафедры физической и коллоидной химии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 102-10-21-41**. E-mail: **e120286@inbox.ru.**
Хакимзода Джумахон Немон – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры физической и коллоидной химии, химического факультета Таджикского национального университета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992)939-60-41-81.** E-mail: **hjn1997@inbox.ru**

Information about the authors: ***Samadov Abdurasul Saidovich*** – Tajik National University, Candidate of Chemical Sciences, Senior Lecturer of the Department of Physical and Colloid Chemistry. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 111-50-38-38.** E-mail: **s.s.rasul@mail.ru**
Mirzoev Isfandiyor Ravshanovich – Tajik National University, 2nd year master`s student of the Department of Physical and Colloidal Chemistry. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 102-10-21-41.** E-mail: **e120286@inbox.ru**
Hakimzoda Jumakhon Nemon – Tajik National University, Assistant of the Department of Physical and Colloid Chemistry, Faculty of Chemistry. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 939-60-41-81.** E-mail: **hjn1997@inbox.ru**

ТЕХНОЛОГИЯИ ИШҚОРОНИИ ТӮДАВИИ ТИЛЛО

Маҳмудзода Д.М., Самиҳзода Ш.Р., Давлатова Х.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ишқорониитӯдавӣ технологияи сода ва самаранок ба даст овардани тилло, ки аз гузоштани маъдани майдашуда дар заминаи махсус омодашуда, обёрии маъдан бо маҳлули сианид, ҷамъ овардани маҳлулҳо баъди шусташавӣ ва гирифтани тилло аз онҳо иборат аст. Дар воқеъ, ин як навъ усули коркард, металлургия ва геотехникӣ мебошад, ки имкон медиҳад, ки дар он ҷое, ки истифодаи технологияи классикии корхонаҳои истихроҷи тилло зараровар мегардад, натиҷаҳои мусбӣ ба даст оварда шаванд.

Дар айни замон истихроҷи тилло ба душвориҳое дучор мешавад, ки пеш аз ҳама бо тамом шудани захираҳои маъданҳои бой ва ба осонӣ истихроҷшаванда алоқаманд аст. Зиёд шудани хароҷоти сарватҳои энергетикӣ ва кашондани ашёи хом боиси паст шудани даромаднокии корхонаҳои маъдани кӯҳӣ мегардад. Аз худ кардан ба истеҳсоли маъданҳо ва партовгоҳҳои дараҷаи паст ва ғайритавозунӣ як роҳи ҳалли муваффақест, ки ба афзоиши ҳаҷми истихроҷи тилло мусоидат мекунад. Дар ин бобат корҳое, ки ба кор карда баромадан ва ҷорӣ намудани технологияҳои самарабахшу камхарҷи истихроҷи тилло нигаронида шудаанд, ки бешубҳа технологияи ишқорронии тӯдавиро дар бар мегирад, ки арзиши аслии тиллоро хеле кам карда метавонад, аҳаммияти калон пайдо мекунад.

Дар солҳои охир, корхонаҳои тилло истеҳсолкунанда захираҳои зиёдеро барои арзёбии имконпазирии технологияи ишқорронии тудавӣ барои дороиҳои худ сарф кардааст. Ҳаҷми кор дар ин соҳа беандоза меафзояд, ки ин омили асосии ба вуҷуд овардани озмоишгоҳ буд [1-3].

Ҷолибияти асосии ишқорронии тудавӣ кам кардани хароҷоти асосӣ ва амалиётӣ мебошад. Хароҷоти асосӣ аз ҳисоби аз объектҳои сохтмон хориҷ кардани фабрикаҳои консентратӣ бо комплекси таҷҳизот, аз ҷумла консентратҳо, машинаҳои флотатсионӣ, ғафскунанда ва ғайра аз ҳисоби кам шудани ҳаҷми оби технологии истифодашаванда хароҷоти истифодабарӣ кам мешавад. Истифодаи хоси об барои як тонна маъдан дар раванди ғанигардонӣ назар ба ишқоронии тӯдавӣ ду маротиба зиёдтар аст. Аз ин ҳисоб талабот ба мавҷудияти тилло дар маъдани аввала кам мегардад ва имконияти коркарди маъданҳои дараҷаи паст ва ғайритавозунӣ зиёд мегардад. Лекин боз бояд қайд намуд, ки на ҳамаи маъданҳои минералӣ қобилияти коркард бо усули ишқоронии тӯдавиро доранд. Мисол, технологияи ишқоронии тӯдавӣ барои маъданҳое, ки дар таркибашон карбони фаъоли органикӣ доранд, ки қобилияти аз худ кардани тиллоро доранд ва барои коркардашон дар осиёб майда кардан лозим аст ба кор намеравад [4-6].

Мақсади асосӣ ин ҷавоби мушаххас додан дар бораи истихроҷи тилло бо технологияи ишқоронии тӯдавӣ мебошад. Ин масъулияти бузург аст, зеро натиҷаҳои тадқиқоте, ки мо ба даст меорем, маълумоти ибтидоӣ барои арзёбии иқтисодии лоиҳаҳо барои сармоягузорӣ буда, қарорҳои минбаъда ба рушди инфрасохтори тамоми минтақаҳо таъсир мерасонанд.

Ишқоронии тӯдавӣ ин раванди суст гузаранда мебошад ва ишқоронии баъзе маъданҳо моҳҳо давом мекунад ва муҳлати давомнокии пурраи тадқиқот аз бурда расонидани маъдан то ҳисобот зиёда аз як солро дар бар мегирад. Аз ин рӯ, мушкилоти асосии ин раванд ба даст овардани натиҷа мебошад. Аммо натиҷаҳое, ки ба даст омаданд коркарди истеҳсолотро дар оянда осон мегардонад.

Яке аз масъалаҳои илмию техникие, ки дар назди саноати ҳозиразамони истихроҷи тилло истодаанд, масъалаи аз ашёи хоми аз ҷиҳати технологӣ тобовар истихроҷ кардани тилло, бе муболиға яке аз масъалаҳои муҳимтарин ҳисоб кардан мумкин аст.

Раванди асосии ба даст овардани тилло бо усули шусташавии тӯдавӣ аз он иборат аст, ки тиллоро дар консентратсияи пасти маҳлули оксидкунанда бо иштироки оксиген ё агентҳои оксидкунанда шустан мумкин аст. Ҳангоми ҳалшавӣ тиллои яквалента ҳосил мешавад.

$$2\,Au + 4C\,N^{-} + O_2 + 2H_2O \rightarrow 2Au(CN)_2^{-} + H_2O + 2OH^{-}$$
$$4\,Au + 8C\,N^{-} + O_2 + 2H_2O \rightarrow 4Au(CN)_2^{-} + 4OH^{-}$$

Дар асл, раванди ҳалшавии тилло аз он иборат аст, ки металл аз майдони анодии сатҳ электронҳоро гум мекунад ва ҳамзамон оксиген аз майдони катодии сатҳ ҷаббида мешавад [7,8].

Аз ду муодилаи реаксияи дар боло овардашуда дида мешавад, ки барои ҳалшавии тилло оксиген бояд мавҷуд бошад. Ҳангоми пошидани тилло ба қабати маъдан, оксиген ба маҳлули аэратсия ворид мешавад, суръати ҳалшавии тилло ба консентратсияи пайвастагиҳои нуқра, консентратсияи оксиген ва ҳарорат вобаста аст. Вақте ки консентратсияи пайвастагӣ паст аст, суръати обшавии тилло аз консентратсияи маҳлули пайвастагӣ вобаста аст.

Аввалин иншооти саноатии шусташавии тӯда дар Тоҷикистон дар кони тиллодори Ҷилав ва Хирсхона гузаронида шудааст. Аз конҳои номбаршуда соли 2000 дар КМ «Зарафшон» аз маъданҳои тиллодори берун аз кон то ба иқтидори 1 миллион тонна расонида шуд. Айни замон дар Тоҷикистон тӯдаи ишқоронӣ бо суръати тез инкишоф меёбад [1-4].

Самаранокии шусташавии тӯдаи тиллодор аз бисёр омилҳо вобаста аст: таркиби ашёи хоми минералии шусташуда, шакли пайдоиши тилло дар маъдан, мустаҳкамии ҷинсҳо, хароҷоти истихроҷи маъдан ва тайёр кардани маъдан, ташкили режими ҷорӣ кардани реактивҳо ва обёрии қабат ва ғайра [9,10].

Барои омӯхтани шароити оптималии тӯдаи ишқоронӣ бо сианиди натрий маъдан сутунҳои диаметрашон 100 ва 300 миллиметра истифода бурда шуданд. Маъдан дар сутуни баландиаш 2,2 метр то ба баландии тақрибан 2 метр гузошта шуд.

Маъдан дар сутуни баландии қариб 2 метр гузошта шуда, ба болои он маҳлули сианиди натрий дода шуд. Аз байни маъдан маҳлули сианидӣ бо металлҳои қиматбаҳо сер шуда, баъд аз он маҳлули сершуда ба воситаи қубур бо зарфи ангишти фаъолкардашуда ҷорӣ мешавад. Консентратсияи тилло дар баромади манора ҳар рӯз назорат карда мешуд. Дар ҳолати зарурӣ, барои нигоҳ доштани pH-и муҳити зист дар сатҳи на камтар аз 10,5, оҳак ва сианиди натрий барои ноил шудан ба консентратсияи охирини 500 мг/л илова карда шуданд.

Таъсири реагентҳои химиявӣ барои танзими муҳит ҳангоми ҷудошавии тилло санҷида шуд. Дар таҷриба консентратсияи NaCN 0,03 % ва pH-и муҳит ба 10-11 баробар буд, ки дар ҷадвали 1 нишон дода шудааст.

Ҷадвали 1. Натиҷаҳои санҷиш доир ба интихоби реагентҳои муҳофизатӣ

№ р/р	Намуди реагентҳои муҳофизатӣ	Хароҷоти реагентҳо, кг/т	Миқдори маъдани ба сутун ҷойкарда, кг	Миқдори тилло дар маъдан, Au г/т	Миқдори тилло дар партов Au г/т	Дараҷаи ҷудошавии Au, %
1	CaO	3	20	2,9	0,91	68,62
2	NaOH	0,75	20	2,9	1,09	62,42
3	Na_2CO_3	0,65	20	2,9	0,99	65,86

Дар ҷадвали 1 шароити шусташавӣ бо истифода аз намудҳои гуногуни реагентҳои бехатар ба монанди CaO, NaOH, ва Na_2CO_3 оварда шудааст. Ҳангоми муҳофизати муҳит аз

нуқтаи назари суръати шусташавии тилло CaO оҳак, ки арзон ва осон ба даст оварда мешавад ва суръати ҷудошавии тилло дар ин ҳолат зиёд аст.

Ҷадвали 2. Натиҷаи таъсири консентратсияи NaCN ба ҷудошавии Au

№ р/р	Консент-ратсияи NaCN %	Хароҷоти NaCN, кг	Миқдори маъдани ба сутун ҷойкарда, кг	Миқдори тилло дар маъдан, Au г/т	Миқдори тилло дар партов Au г/т	Дараҷаи ҷудошавии Au, %
1	0,03	0,80	21	2,9	1,55	46,00
2	0,06	1,30	21	2,9	1,42	51,00
3	0,09	1,50	21	2,9	1,30	55,17
4	0,12	2,0	20	2,9	0,96	66,90
5	0,20	3,0	20	2,9	0,91	68,02

Консентратсияи сианиди натрий ба суръати ҷудошавии тилло таъсир мерасонад. Чуноне ки аз чадвали 2 дида мешавад, дар баробари зиёд шудани консентратсияи сианиди натрий 0,12 % будан суръати ҷудошавии тилло хеле меафзояд. Консентратсияи беҳтарини маҳлули сианиди натрий дар раванди ишқорониии сианидӣ 0,21 % аст.


Инчунин дар раванди омӯзиши тӯдаи ишқоронӣ таҷриба дар манора аз ҳаҷми (калонии) маъдан таҷрибаҳо гузаронида шуд. Дар ҷадвали 3 натиҷаҳо нишон дода шудааст.

Аз ҷадвали 3 дида мешавад, ки ин навъи маъдан сахт ва зич буда, гузариши паст дорад, баробари зиёд шудани ҳаҷми заррачаҳои хурди маъдан суръати шусташавии тилло зиёд мешавад. Вакте ки маъдан то 10 мм майда карда мешавад, коэффитсиенти шусташавии тиллоро то 48,1 фоиз зиёд кардан мумкин аст. Меъёри шусташавии тилло 9 фоизро ташкил медиҳад. Аз ҳама зиёд шусташавии тилло дар маъданҳои порашудаи -2 мм дида мешавад.

Ҷадвали 3. Вобастагии ҷудошавии тилло аз андозаи порчаҳои маъдан

№ р/р	Андозаи заррачаҳои маъдан (мм)	Миқдори маъдани ба сутун ҷойкарда, кг	Миқдори тилло дар маъдан, Au г/т	Миқдори тилло дар партов Au г/т	Дараҷаи ҷудошавии Au, %
1	-2	20	2,9	0,46	84,20
2	-5	20	2,9	0,74	74,40
3	-10	20	2,9	0,96	66,90
4	-25	20	2,9	1,45	50,00

Дар раванди ишқоронӣ вобастагии давомнокии вақт омӯхта шудааст. Дар расим 1 натиҷаи ҷудошавии тилло аз вақт нишон дода шудааст. Чи тавре ки аз расм дида мешавад ҷудошавии тилло бо гузашти вақт ба маҳлул мегузарад. Дар 5 рӯзи аввали ишқоронӣ 27 % ва дар 30 шабонарӯз 62 % тилло ба маҳлул ҷудо шудааст.



Расми 1. Вобастагии ҳалшавии тилло аз вақт

Ҳамин тавр, дар асоси таҳқиқотҳои гузаронидашуда шароити оптималии тӯдаи ишқоронӣ муайян карда шуд. Андозаи зарраҳои маъдан - 10 мм; консентратсияи сианиди натрий 0,21 %; харочоти оҳак 3 кг/т; муҳити pH 10-11; давомнокии ишқоронӣ 30 шабонарӯз.

АДАБИЁТ

1. Азим, Иброхим. Исследования по отвальному выщелачиванию бедных золотосодержащих руд / Азим Иброхим, Б.А. Бобохонов, З.А. Зинченко, Ш.Р. Самихов // Горный журнал. – 2005. – № 1. – С. 56 – 58.
2. Зинченко, З.А. Исследования по колонному выщелачиванию золотосодержащих руд различных месторождений Таджикистана / З.А. Зинченко, Ш.Р. Самихов, Б.А. Бобохонов // Доклады АН Республики Таджикистан.– 2010. – Т. 53, №7. – С. 553 – 556.
3. Лодейщиков В.В. Возможности и перспективы промышленного использования нецианистых растворителей золота и серебра. // Золотодобыча, 2012. - №8(165). - с. 5- 8.
4. Шамсиддинов А.И. Омӯзиши таркиби минералогӣ, химиявӣ ва раванди сианидкунии тилло аз маъдани мавзеи Чулбоӣ / Шамсиддинов А.И., Самихов Ш.Р. // Паёми политехникӣ. Бахши Таҳқиқотҳои муҳандисӣ. Душанбе, № 1 (65), 2024, С. 92-97.
5. Самихов Ш.Р., Зинченко З.А. Изучение кинетики процесса цианирования золотосодержащих руд Таджикистана. - Изв. АН РТ РТ, Отд. физ.-мат., хим., геол. и техн.н., Душанбе, 2012, №1 (146), с. 85-87.
6. Самихов Ш. Р. Исследование и разработка математических моделей процесса переработки золото-, медьсодержащих концентратов / Самихов Ш.Р., Солехова Г.Н., Шерматов Н. // Вестник ТНУ. Серия естественных наук. 2024, № 1, С. 173-186.
7. Бадалов Дж.Н. Распределением металлов по классам крупности в руде месторождения «Зарнисор» / Бадалов Дж.Н., Самихов Ш.Р. // Материалы международной научно-практической конференции «Перспективы инновационные решения и актуальные проблемы в химической промышленности», (Республика Узбекистан) г. Алмалык, 1-2 ноября 2024 г., С. 269-270.
8. Меретуков, М.А. Золото. Химия. Минералогия. Металлургия. / М.А.Меретуков // -М: Руда и металлы. 2008, С. 226-242.
9. Шамсиддинов А.И. Химические и минералогические состав руды Кончочского месторождения / Шамсиддинов А.И., Самиҳов Ш.Р. // Сборник материалов XIX Нумановские чтения «Развитие фундаментальной и прикладной химии и её вклад в индустриализацию страны», 16 октября 2024 г., С. 84-87.
10. Samikhov Sh.R. Research and development of mathematical models for the process of processing gold, copper-containing concentrates / Samikhov Sh.R., Solekhova G.N., Shermatov N. // Bulletin of the Tajik national university. Series of natural sciences. 2024, No. 1, Pp. 131-141.

ТЕХНОЛОГИЯИ ИШҚОРОНИИ ТӮДАВИИ ТИЛЛО

Натиҷаҳои таҳқиқот оид ба ишқоронӣ дар сутунҳо шуста шудани маъдани тилло аз кони Чулбой оварда шудаанд. Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда параметрҳои оптималии ишқоронӣ дар сутуни маъданҳои тиллодори кам ҳосил муайян карда шуданд: давомнокии коркард 30 рӯз, ҳаҷми (калонии) порча -10 мм, сарфи сианиди натрий аз 0,2 то 0,5 кг/т; сарфи охак 0,2-0,4 кг/т.

КАЛИДВОЖАҲО: маъдан, ишқоронӣ, сианид, тилло, ҷудошавӣ, кинетика.

ТЕХНОЛОГИЯ КУЧНОГО ВЫЩЕЛАЧИВАНИЕ ЗОЛОТА

Представлены результаты исследований по колонному выщелачиванию золотосодержащих руд месторождения Чулбои. На основе проведенных исследований найдены оптимальные параметры колонного выщелачивания бедных золотосодержащих руд: продолжительность процесса 30 суток, крупность размера кусков - 10 мм, расход цианида натрия от 0,2 до 0,5 кг/т; расход извести 0,2-0,4 кг/т.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: руды, выщелачивание, цианид, золото, извлечение, кинетика.

HEAP LEACHING TECHNOLOGY OF GOLD

The results of the research on column leaching of gold-bearing ores of the Chulboi deposit are presented. Based on the conducted research, the optimal parameters of column leaching of poor gold-bearing ores were found: the duration of the process is 30 days, the size of the pieces is 10 mm, the consumption of sodium cyanide is from 0.2 to 0.5 kg/t; the consumption of lime is 0.2-0.4 kg/t.

KEYWORDS: ores, leaching, cyanide, gold, extraction, kinetics.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Маҳмудзода Додхудо Маҳмадулло*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистри соли 2-уми факултети химия. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. E-mail: **dodkhudomahmudzoda 5@gmail.com** Телефон: **(+992) 550 00 14 87.**
Самиҳзода Шонаврӯз Раҳим - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, д.и.т., профессори кафедраи технологияи истеҳсолоти химия. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17. Телефон: **(+992) 93 338 02 04.** E-mail: **samikhov72@mail.ru**
Давлатова Хатича Саидходжаевна - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои химия, муаллими калони кафедраи технологияи истеҳсолоти химиявӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. E-mail: **davlatovakh@mail.ru.** Телефон: **(+992) 918 21 87 55.**

Сведения об авторах: ***Махмудзода Додхудо Махмадулло*** - Таджикский национальный университет, магистр 2го курса химического факультета. **Адрес:** 734025, Республики Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **dodkhudomahmudzoda 5@gmail.com** Телефон**: (+992) 550 00 14 87.**
Самихзода Шонавруз Рахим - Таджикский национальный университет, д.т.н., профессор кафедры технологии химического производства ТНУ. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 93 338 02 04.** E-mail: **samikhov72@mail.ru.**
Давлатова Хатича Саидходжаевна - Таджикский национальный университет кандидат химических наук, старший преподаватель кафедры технологии химических производств. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **davlatovakh@mail.ru.** Телефон: **(+992) 918 21 87 55.**

Information about the authors: ***Mahmudzoda Dodhudo Mahmadullo*** - Tajik National University, 2st year master`s student of the Faculty of Chemistry. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **dodkhudomahmudzoda 5@gmail.com** Phone: **(+992) 550 00 14 87.**
Samihzoda Shonavruz Rahim - Tajik National University, Doctor of Technical Sciences, Head of the Department of technology of chemical industry. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17, Phone: **(+992) 93 338 02 04.** E-mail: **samikhov72@mail.ru.**
Davlatova Khaticha Saidkhodjaevna - Tajik National University, Candidate of Chemical Sciences, Senior Lecturer at the Department of Chemical Production Technology. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue,17. E-mail: **davlatovakh@mail.ru.** Phone: **(+992)918218755.**

ТАҲЛИЛ ВА ОМӮЗИШИ ХОСИЯТҲОИ ФИЗИКӢ-ХИМИЯВИИ ТАЛКИ КОНИ МУЛВОҶ

Нуриддинова М.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Талк дар ҳамаи соҳаҳои саноатӣ ва тиб васеъ истифода карда мешавад. Дар умум чор соҳаи асосие, ки 80%- онро талк ташкил медиҳад инҳо мебошанд: соҳаи қоғазбарорӣ, рангсозӣ, керамика ва соҳаи пласмасса. Дар соҳаи тиб ӯро ҳамчун малҳам, хокаи кӯдакон (прысипка) истифода мебаранд. Соҳаи асосии истифодабарии талк ин хокаи кӯдакон (присыпка) мебошад, ки ӯ сатҳи болоии пӯст ва инчунин пӯстро аз буй нигоҳ медорад. Талк дар тиб ба монанди малҳам низ истифода мешавад. Хосияти табии он ба хокаҳое, ки барои пӯсти рӯй истифода мешаванд, устуворӣ, обногузар инчунин барои дар пӯсти рӯй беҳтар истоданаш истифода карда мешавад [1-4].

Дар Тоҷикистон захираҳои калони талк, дар тарафи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ноҳияи Ишкошим деҳаи Мулвоҷ ҷойгир мебошанд. Вале барои саноати халқ ӯро аз дигар давлатҳо мусодира мекунанд. Ба захираҳои калони талк нигоҳ накарда, дар Тоҷикистон нишондодҳо доир ба омӯзиши талк барои мақсади фарматсия вуҷуд надоранд.

Бо ҳамин мақсад таҳқиқоти химиявии кони талки Мулвоҷ гузаронида шуд. Таҳқиқотҳои физико-кимиёвии кони талки Мулвоҷ яке аз масъалаҳои муҳим барои ҷумҳурии мо мебошад.

Дар шакли тоза талк формулаи $3MgO{\cdot}4SiO_2{\cdot}H_2O$ дорад. Талки тоза дорои ранги сафед мебошад, дар сурати мавҷуд будани оксиди оҳан ӯ ранги сабзро дорад. Ҳангоми ба миқдори зиёд мавҷуд будани никел талк ранги сабзи пастро мегирад. Вай дорои устувории як бо шкалаи Мооса мебошад. Бисёртар талк ба дигар минералҳо монандӣ дорад, ба монанди: тремолит, хлорит ё ин ки магнезит. Ғашҳои чунин минералҳо барои бисёр соҳаҳо истифода бурда мешаванд, барои мисол пайвастагиҳои талк бо хлорит барои истеҳсоли керамика истифода бурда мешавад.

Ҷадвали 1.

Талки тоза	Австралия, США (Монтана), Китай
Бо ғашҳои хлорит	Франсия, Австрия, Италия
Бо ғашҳои магнезит	Канада (Квебек, Онтарио), Финляндия
Бо ғашҳои тремолит	Шветсия, ИМА (Нью-Йорк)

Маъданҳои талк-силикати магнезиалӣ ва силикати карбонатии ҷинсҳои куҳӣ буда, барои ҷудокунӣ ё ин ки дар намуди якҷоягии баровардани минералҳо бо истифода аз хосиятҳои шифобахшияш истифода бурда мешаванд. [5]. Асоси талкро минералҳои хлорит, брейнерит, доломит, актинолит, тремолит, антигорит [6] ташкил медиҳанд.

Маъданҳои талк ба ду қисм ҷудо мешаванд: талкҳое, ки аз минералҳо бой (дар таркибашон 75% талк) ва талкҳое, ки аз минералҳои дар такибашон компонентҳои камдошта, ки то 35%-и талкро ташкил медиҳанд.

Барои маъдани тоза асосан коркардкунии селективи дастӣ истифода бурда мешавад. Ҷудокунии ғашҳои оҳандор аз таркиби маъдани пастсифат баъзан ҷудокунии магнитӣ (магнитное сепарация) мегузарад. Ҷудокунии талк бо усули флотатсия низ мегузарад. Бо ин усул маъданро аз якчанд марҳила мегузарад. Одатан маъдан аз бисёр марҳилаҳои майдакуни дар мошини майдакунак намудҳои гуногун то ҳосил шудани заррaҳои хурд майда мешавад [7].

Натиҷаҳои таркиби химиявии талки кони Мулвоҷ нишон медиханд, ки дар таркиби талк оксиди магний ва оксиди силитсий мавҷуд буда, ин намуди компонентҳо ба таркиби талки стандартӣ ҷавобгӯ буда, онро дар истеҳсоли қоғазбарорӣ, пласмасса ва дигар соҳаҳо истифода бурдан мумкин аст.

Аз адабиёт маълум аст, ки минералҳои гематит ва магнетит бо кислотаҳои минералӣ хуб ҳал мешаванд. Аз ин рӯ, таҷзияи талк дар минералҳои гематит ва магнетит истифодаи кислотаи дастраси гидрохлорид буд. Барои таҷзияи кислотаи гидрогенӣ намунаҳо камтар аз 0,1 мм майда карда шуданд. Ғайр аз он, муайян кардани режими оптималии коркардкунӣ бо кислотаи гидрогенхлорид намуна, таъсири ҳарорат, давомнокии декомпозиция, консентратсия ва миқдори миқдори кислотаи хлордор омӯхта шуд.

Ҷадвали 2.

Таркиби компонентҳо дар таркиби минерали талки кони Мулвоҷ

№	Номгӯи компонентҳо % масс.							
Санҷиш	Mg0	$Si0_2$	Fe_20_3	Fe0	Ca0	Al_20_3	п.п.п	Ҷамъ
1	34,58	52,30	4,02	1,80	0,41	0,85	5,76	99,72
2	31,21	56,08	4,38	1,65	0,31	0,92	5,25	99,8
3	27,68	58,10	5,67	2,78	0,14	1,10	4,48	99,95
4	36,72	51,19	3,56	3,25	0,17	0,53	4,80	100,22
5	33,20	51,50	4,41	3,14	0,17	1,02	5,52	98,96
6	30,68	54,45	4,64	3,16	0,12	0,68	5,28	99,01
7	31,72	51.86	5,65	2,29	0,14	1,03	4,59	97,28
8	30,68	54,58	5,11	2,14	0,17	0,75	4,82	98,25
9	30,21	56,01	5,39	2,29	0,37	1,12	5,10	100,5
10	27,88	57,21	4,53	3,21	0,17	1,27	4,20	98,47
Миёна	31,45	54,32	4,73	2,57	0,21	0,92	4,98	99,18
*	28,6	54,04	1,75	5,71	0,1	3,68	4,92	98,8
**	30,55	56,52	4,25	1,50	0,16	1,23	5,19	99,4

* Нишондодҳои адабиётӣ кони талки Красная Поляна

** Нишондодҳои адабиётӣ кони талки Кудауа, Австралия

Таркиби оксидҳои алюминий, оҳан, калсий ва магний дар шакли хлоридҳо дар маҳлулҳо бо усули маълум, коркард карда мешаванд, муайян карда мешаванд.

Барои омӯзиши таркиби маъдан, ба ғайр аз тадқиқоти кимиёвӣ, таҳлилҳои физикӣ-камиёвӣ, таҳлили рентгенофазавӣ ва спектроскопияи ИК истифода шуданд.Барои омӯзиши таркиб ва хосиятҳои талк, таҳлили рентгенофазавӣ (РФА) бо истифода аз насоси "Дрон-2" ва Cuα гузаронда шуд. Штрихрентгенофазавии таҳлили талк (расм 1) нишон дод, ки минералҳои зерин мавҷуданд: талк,




Рис.1. Штрихрентгенограммаи талка.
1 – Талк ($Mg_3[Si_4O_{10}](OH)_2$; 2 – Серпентин ($Mg_6[Si_4O_{10}](OH)_8$;
3 – Экстатит ($Mg_2(Si_2O_6)$; 4 – Кварс (SiO_2); 5 – Гематит (Fe_2O_3);
6 – Магнетит (Fe_3O_4)




Рис.2. ИК-спектр маъдани талк

Таҳлилҳои спектроскопии ИК-и талк, ки дар расм 2 нишон дода шудааст, дар спектрометри SPECORD UR дар сарҳади 400-4000 $см^{-1}$ гузаронда шудаанд. Спектри

намунаи ибтидоӣ (расм 2) хатиҳои хос ва равшаншударо нишон медиҳад, ки хатиҳои талк дар ҳудуди (3680, 2310, 1000, 650, 520, 450 $см^{-1}$) ва хатиҳои гематит (3800 ва 1650 $см^{-1}$) мавҷуданд.

АДАБИЁТ

1. Коренбаум С.А., Минеральные парагенезисы тальковых месторождений / С.А. Коренбаум. - М., 1967.
2. Месторождения талька, СССР, М., 1973;
3. Романович И.Ф., Саетгадеев Я.Х., Рахматтуллин Э.Х. Минеральное сырье. Тальк и пирофиллит//Справочник.-М.: ЗАО Геоинформмарк, 1998.-37 с.
4. Лапин В.В. Тальк в целлюлозное - бумажном производстве: вчера, сегодня, завтра. ЦБК № 8/2006, с. 54-57.
5. Справочник. Минеральное сырье, 1999
6. Неметаллические полезные ископаемые СССР. Справоч. пособие, М.1984.
7. Кужварт М., Неметаллические полезные ископаемые, пер. с англ., М., 19S6.

ТАҲЛИЛ ВА ОМӮЗИШИ ХОСИЯТҲОИ ФИЗИКӢ-ХИМИЯВИИ ТАЛКИ КОНИ МУЛВОҶ

Дар мақолаи додашуда таҳқиқотҳои кимиёвӣ физико-кимиёвии талки Мулвоҷи Ишкошими ВМКБ оварда шудааст. Натиҷаи таҳлилҳои комплексии минералогӣ, кимиёвӣ ва рентгенофазавии гузаронидашудаи намунаҳои маъданҳо дар кони талк инҳоянд: талк, серпентин, экстатит, кварс, геметит ва магнетит мебошанд.

КАЛИДВОЖАҲО: талки фармасевтӣ, серпентин, экстатит, маъдани магнетит, кварс, рентгенограммаи штрихӣ.

АНАЛИЗ И ИЗУЧЕНИЕ ФИЗИКО-ХИМИЧЕСКИХ СВОЙСТВ ТАЛЬКА МУЛЬВОДЖСКОГО МЕСТОРОЖДЕНИЯ

В данной статье приведены результаты химических и физико-химических исследований талка Мульводжского месторождения Ишкашимского района ГБАО Республики Таджикистан. В результате проведения комплекса минералогических, химических и рентгенофазовых анализов породообразующих минералов установлено, что основными минералами в тальковых рудах являются: тальк, серпентин, экстатит, кварц, гематит и магнетит.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: тальк, серпентин, экстатит, минерал, магнетит, кварц, штрихрентгенограмма.

ANALYSIS AND STUDY OF THE PHYSICO-CHEMICAL PROPERTIES OF TALC STONE MULVOJ

This article presents the results of chemical and physicochemical studies of talc from the Mulvodzh deposit in the Ishkashim district of the Gorno-Badakhshan Autonomous Region of the Republic of Tajikistan. As a result of a complex of mineralogical, chemical and X-ray phase analyses of rock-forming minerals, it was established that the main minerals in talc ores are: talc, serpentine, ecstatite, quartz, hematite and magnetite.

KEYWORDS: talc, serpentine, ecstatite, mineral, magnetite, quartz, bar X-ray diffraction pattern.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Нуриддинова Мастона Собирбоевна*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси 2-юми факултети химия. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **[+992] 93-949-24-73.** E-mail: **nuriddinovamastona@gmail.com**.

Сведения об авторе: ***Нуриддинова Мастона Собирбоевна*** – Таджикский национальный университет, магистр 2 курса химического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон: [+992] **93-949-24-73.** E-mail: **nuriddinovamastona@gmail.com**.


Information about the author: ***Nuriddinova Mastona*** – Tajik National University, second-year master`s student of Faculty of Chemistry. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan Dushanbe, Rudaki Ave, 17. Phone: **[+992] 93-949-24-73.** E-mail: **nuriddinovamastona@gmail.com.**

ФИЗИКА – ФИЗИКА

МАСЪАЛАИ САРҲАДӢ ДАР МАЙДОНИ ДОДАШУДА

Солеҳзода Д.Қ., Раҳмонов С.С., Амирова Ҷ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар ин самт модели майдони додашударо аз нав истифода бурдан мумкин аст, лекин тағйирёбии амплитудаи мавҷро нисбат ба вақт не, балки дар фазо кофтан мебояд. Ҳисоб мекунем, ки мавҷи тавоно ба муҳити нимҳамворӣ нормалӣ меафтад (расми 1).



Расми 1.

Муодилаҳо барои амплитудаҳои E_1 ва E_2 дар ин маврид чунинанд

$$\vartheta_1 \frac{\partial E_1}{\partial x} + \gamma_1 E_1 = a_{23} E_2^* E_3$$

$$\vartheta_2 \frac{\partial E_2^*}{\partial x} + \gamma_2 E_2^* = a_{13}^* E_1 E_3^*,$$

ки дар ин ҷо ϑ_1 ва ϑ_2 - проексияи суръатҳои гурӯҳи дар тири OX мебошанд.

Барои равандҳои гуногуни ҳамтаъсироти се мавҷ аломатҳои гуногун дар проексияҳои суръатҳои гурӯҳӣ имконпазир аст (ниг. расми 1). Агар $\vartheta_1, \vartheta_2 > 0$ бошанд, он вақт сухан дар бораи мавҷҳои ҳамсамт меравад, ҳол он, ки мавҷҳо метавонанд нисбат ба якдигар таҳти кунҷ паҳн шаванд. Агар ϑ_1 ва ϑ_2 аломатҳои гуногун дошта бошанд, онгоҳ онҳоро мавҷҳои муқобилсамт мегӯянд [1-3].

Мисол дар аввал мавҷҳои муқобилсамтро дида мебароем, ки $\vartheta_1 > 0$ лекин $\vartheta_2 < 0$ мебошад.

Муодилаҳо ишоратҳои $\Gamma_1 = \gamma_1 / \vartheta_1$, $\Gamma_2 = \gamma_2 / \vartheta_2$ дохил намуда, онҳоро дар намуди зерин менависем

$$\frac{\partial E_1}{\partial x} + \Gamma_1 E_1 = \frac{a_{23}}{\vartheta_1} E_2^* E_3$$

$$\frac{dE_2}{dx} + \Gamma_2 E_2^* = \frac{a_{13}^*}{|\vartheta_2|} E_1 E_3^*.$$

Ҳалли ин муодилаҳоро ба намуди $E_1, E_2 \sim e^{\Gamma x}$ кофтан мумкин аст. Дар натиҷа муайян мекунем

$$(\Gamma + \Gamma_1) E_1 = \frac{a_{23}}{\vartheta_1} E_2^* E_3$$

$$(-\Gamma + \Gamma_{21}) E_2^* = \frac{a_{13}^*}{|\vartheta_2|} E_1 E_3^*.$$

Аз ин ҷо

$$(\Gamma+\Gamma_1)E_1=\frac{a_{23}}{\vartheta_1}E_3\frac{a_{13}^*}{|\vartheta_2|}E_1E_3^*\frac{1}{(-\Gamma+\Gamma_2)}$$

ё

$$(\Gamma+\Gamma_1)(-\Gamma+\Gamma_2)=\frac{a_{23}a_{13}^*}{\vartheta_1|\vartheta_2|}|E_3|^2=\frac{\gamma_0^*}{\vartheta_1|\vartheta_2|}=\Gamma_0^2$$

$$-\Gamma^2+\Gamma(\Gamma_2-\Gamma_1)+\Gamma_1\Gamma_2-\Gamma_0^2=0$$


$$\Gamma^2-\Gamma(\Gamma_2-\Gamma_1)+(\Gamma_0^2-\Gamma_1\Gamma_2)=0$$

$$\Gamma_\pm=\frac{1}{2}(\Gamma_2-\Gamma_1)\pm\sqrt{\frac{1}{4}(\Gamma_2-\Gamma_1)^2-(\Gamma_0^2-\Gamma_1\Gamma_2)}$$

$$\Gamma_\pm=\frac{1}{2}(\Gamma_2-\Gamma_1)\pm\frac{1}{2}\sqrt{(\Gamma_1+\Gamma_2)^2-4\Gamma_0^2},$$

ки дар ин ҷо $\Gamma_0=\gamma_0/\sqrt{\vartheta_1|\vartheta_2|}$. Дар ду маврид ҳали муодиларо ҳосил мекунем.

Агар дисспатсия кам бошад ва онро ба назар нагирем, он вақт $\Gamma_\pm=\pm i\Gamma_0$. Ин чунин маъно дорад, ки системаи бунёдии функсияҳо, ки дар асоси онҳо ҳали муодилаҳо барои амплитудаҳо сохта мешавад намуди $\exp(\pm i\Gamma_0 x)=\cos\Gamma_0 x\pm i\sin\Gamma_0 x$ дорад. Мавҷи амплитудаҳои дар фазоро бо андозаи L_0 ассилятсия менамоянд (расми 2), ки бузургии L_0 ба



Расми 2.

$$L_0=\frac{1}{\Gamma_0}=\frac{\sqrt{\vartheta_1|\vartheta_2|}}{\gamma_o}=\frac{\sqrt{\vartheta_1|\vartheta_2|}}{\sqrt{a_{23}a_{13}^*}}\frac{1}{|E_3|}\quad(1)$$

баробар аст. Бузургии L_0-ро дарозии синхронизми фазавии мавҷҳо меноманд [2]. Амплитудаи мавҷи тавоно чи қадаре дарози, зиёд дошта бошад, ҳамон қадар кам мешавад.

Диссипатсияи мавҷҳо нисбатан агар калон бошанд $(\Gamma_1+\Gamma_2)^2>4\Gamma_0^2$, он гоҳ ифодаи таҳти резаро ба қатор паҳн намудан мумкин аст ва онро дар намуди зайл менависем


$$\Gamma_\pm=\frac{1}{2}(\Gamma_2-\Gamma_1)\pm\frac{1}{2}(\Gamma_2+\Gamma_1)\left(1-\frac{2\Gamma_0^2}{(\Gamma_1+\Gamma_2)^2}\right),$$

аз ин ҷо

$$\Gamma_\pm=\begin{cases}\Gamma_2+\dfrac{\Gamma_0^2}{\Gamma_1+\Gamma_2}=\Gamma_+\\ -\Gamma_1+\dfrac{\Gamma_0^2}{\Gamma_1+\Gamma_2}=\Gamma_-.\end{cases}$$

Мисол дида мебароем, ки диссипатсияи мавҷи якум нисбат ба дуюм зиёд аст $(\Gamma_1 > \Gamma_2)$. Агар $\Gamma_- \approx -\Gamma_1 + (\Gamma_0^2 / \Gamma_1) = (\Gamma_0^2 - \Gamma_1^2)/\Gamma_1$ ва он гоҳ $\Gamma_1^2 > 4\Gamma_0^2$ аст, ки пас $\Gamma_- < 0$ мебошад [7,9]. Барои чунин Γ_+ ҳосил мекунем, ки $\Gamma_+ = \Gamma_2 - \dfrac{\Gamma_0^2}{\Gamma_1} = (\Gamma_2\Gamma_1 - \Gamma_0^2)/\Gamma_1$.

Агар ҳангоми $\Gamma_2\Gamma_1 > \Gamma_0^2$ будан бузургии $\Gamma_+ > 0$ бошад ва ба ин мувофиқ ҳали ин муодила ба самти тири OX зиёд мешавад (расми 3).



Расми 3.

Дар ин маврид акнун мавҷҳои ҳамсамтро дида мебароем, ки $(\vartheta_1 > 0, \vartheta_2 > 0)$. Системаи муодилаҳо дар ин маврид чунинанд

$$\frac{\partial E_1}{\partial x} + \Gamma_1 E_1 = \frac{a_{23}}{\vartheta_1} E_2^* E_3$$

$$\frac{\partial E_2^*}{\partial x} + \Gamma_2 E_2^* = \frac{a_{13}^*}{\vartheta_1} E_1 E_3^*.$$

Мисли раванди мавҷҳои муқобилсамт ҳали муодилаҳоро дар намуди зерин $e^{\Gamma x}$ мекобем ва барои аниқ кардани бузургии Γ ҳосил мекунем [8]

$$(\Gamma + \Gamma_1)E_1 = \frac{a_{23}}{\vartheta_1} E_2^* E_3, (\Gamma + \Gamma_2)E_2^* = \frac{a_{23}^*}{\vartheta_2} E_1 E_3^*$$

$$(\Gamma + \Gamma_1)(\Gamma + \Gamma_2) = \frac{a_{23}a_{13}^*}{\vartheta_1\vartheta_2}|E_3|^2 = \frac{\gamma_0^2}{\vartheta_1\vartheta_2} = \Gamma_0^2$$

$$(\Gamma_\pm = -\frac{1}{2}(\Gamma_1 + \Gamma_2) \pm \frac{1}{2}\sqrt{(\Gamma_1 - \Gamma_2)^2 + 4\Gamma_0^2}.$$

Метавонад ҳали Γ_+ мусбат бошад, ки он ба афзудани амплитудаҳо дар фазо мувофиқ аст. Дар ин маврид ҳангоми афзоиш $\Gamma_0^2 > \Gamma_1\Gamma_2$ ҷой дорад, ва ҳама вақт ҳангоми аз майдони ниҳоӣ зиёд будан бузургии Γ_+-ро коэффитсиенти пурзуршавӣ меноманд [5,6].

Агар аз қимати ниҳоӣ хеле зиёд будани амплитудаи мавҷи афтиш коэффитсенти пурзуршавӣ намуди нисбатан содаро дорад

$$\Gamma_+ = \Gamma_o \quad \frac{\gamma_o}{\sqrt{\vartheta_1\vartheta_2}}.$$

Дар ин маврид оид ба пурзӯршавии мавҷҳо сухан гуфта мешавад.

Манзараи ҳамтаъсироти мавҷҳо, ки дар боло қайд гардид, ҳамавақт дар ҳамон соҳаи фазо дуруст аст, ки амплитудаи мавҷи афтиши кам тағйир ёбад (ё доимӣ монад). Ҳангоми ин шарт иҷро нагардидан, он гоҳ тағйрёбии амплитудаи E_3-ро ба эътибор бояд гирифт. Дар ин маврид мавҷҳои ҳамсамт ба ассилятсияи амплитудаҳо дар фазо оварда мерасонад [7-10].

АДАБИЁТ

1. Рухадзе А.А., Игнатов А.М., Гусейнзаде Н.Г. Введение в электродинамику плазмы / А.А. Рухадзе, А.М. Игнатов Н.Г. Гусейнзаде. - М: «Московский государсвенный институт радиотехники, электроники и автоматики» - М.: 2007-180с.
2. Кузелев М.В. Введение в физику плазмы / М.В. Кузелев. – М.: Ленанд, 2002.-400с.
3. Свешников А.Г., Тихонов А.Н. Теория функций комплексной переменной. Изд. 7. / А.Г. Свешников, А.Н. Тихонов. - М.: IRSS, 2022.-230с.
4. Горбунов А.М. Введение в электродинамику плазмы. Издатеьство Университета дружбы народов / А.М. Горбунов. - М.: 1990,-128с.
5. Горбунов А.М. Введение в нелинейную электродинамику плазмы / А.М. Горбунов. - М: ФИАН,2009.-172с
6. Игматов А.М., Гусейнзаде Н.Г. Нелинейнея теория неустойчивостей идеальной плазмы. Гамильтонов формализм для неравновесных сред.-М.: Ленанд, 2017-176с.
7. Абдуллоев Ҳ.О., Солиҳов Д.Қ., Раҳимӣ Ф.Қ.. Асосҳои математикии физикаи назариявӣ.Д, Дониш, 2016, 227 саҳ.
8. Солиҳзода Д.Қ. Электродинамика. Душанбе, ДМТ, 2024, 252 саҳ.
9. Кузелев М.В. Введение в физику плазмы. М.,Ленанд, 2022, 400 саҳ.
10. Солиҳов Д.Қ. Теория расияния электромагнитных волн в плазме. Д., ТНУ, 2021, 120 стр.

МАСЪАЛАИ САРҲАДӢ ДАР МАЙДОНИ ДОДАШУДА

Аксар мавридҳои мавҷи тавоно дар муҳит аз сарҳади он ворид мешавад ва маълумтар масъалаи сарҳадӣ мебошад ва табиист, ки дар наздикии сарҳад, ки дар он интенсивияти афканишоти афтанда ҳоло кам тағйир ёфтааст, амплитудаи мавҷи тавоноро доимӣ ҳисобидан мумкин аст. Дар ин соҳаи сарҳад модели майдони додашударо аз нав истифода намудан мумкин аст, аммо тағйирёбии амплитудаи мавҷро нисбат ба вақт не, балки дар фазо кофтан мебояд.

КАЛИДВОЖАҲО: масъалаи сарҳадӣ, мавҷи тавоно, интенсивият, амплитуда, дисспатсия, ассилятсия.

ГРАНИЧНАЯ ЗАДАЧА ЗАДАННОГО ПОЛЯ

Во многих случаях волна накачки вводится в среду через границу, а более оправданной является граничная задача. Естественно, что вблизи границы, где интенсивность падающего излучения изменялась ещё мало, амплитуду волны накачки можно считать постоянной. В этой области можно снова использовать приближенные заданного поля, но искать изменение амплитуд волн нужно не во времени, а в пространстве.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: граничная задача, волны накачки, интенсивность, амплитуда, диссипация, ассилятсия.

BOUNDARY VALUE PROBLEM IN A GIVEN FIELD

In many cases, the pump wave is introduced into the medium through the boundary and the boundary problem is more justified. Naturally, near the boundary, where the intensity of the incident radiation has changed little, the amplitude of the pump wave can be considered constant. In this region, we can again use approximations of a given field, but we need to look for changes in the amplitudes of the waves not in time, but in space

KEYWORDS: boundary value problem, pump waves, intensity, amplitude, dissipation, assimilation.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Солеҳзода Давлат Қувват*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои физика ва математика, профессор. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **907-37-51-90**.
Раҳмонов Сайрулло Саъдуллоевич – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи физикаи назариявӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **918-49-97-87.** E-mail: **sayrullo_9494@mail.ru**
Амирова Ҷонона – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти кафедраи физикаи назариявӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.

Сведения об авторах: ***Солехзода Давлат Кувват*** - Таджикский национальный университет, доктор физико - математических наук, профессор. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон**: 907-37-51-90.**
Рахмонов Сайрулло Саъдуллоевич **–** Таджикский национальный университет, ассистент кафедры теоретической физики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон: **918-49-97-87**. E-mail: **sayrullo_9494@mail.ru**
Амирова Джонона – Таджикский национальный университет, магистр кафедры теоретической физики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17.

Information about the authors: ***Solehzoda Davlat Kuvat*** **-** Tajik National University, Doctor of Physical and Mathematical Sciences, Professor. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Tel: **907-37-51-90.**

Rakhmonov Sayrullo Sadullovich - Tajik National University, Assistant of the Department of Theoretical Physics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: **918-49-97-87.** E-mail: sayrullo_9494@mail.ru
Amirova Chonona - Tajik National University, master`s student of the Department of Theoretical Physics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17.

ТЕНЗОР ДИЭЛЕКТРИЧЕСКОЙ ПРОНИЦАЕМОСТИ ПЛАЗМЫ В МАГНИТНОМ ПОЛЕ (практическая часть)

Джобири К.
Таджикский национальный университет

Введение:

Плазма — это ионизированный газ, состоящий из свободных электронов, ионов и нейтральных частиц, обладающий квазинейтральностью.

В присутствии внешнего магнитного поля свойства плазмы становятся анизотропными, что приводит к необходимости описания её диэлектрической проницаемости в виде тензора.

Тензор диэлектрической проницаемости плазмы играет ключевую роль в изучении распространения электромагнитных волн в магнитоактивной плазме.

1. **Основные понятия**:
   - В отсутствие магнитного поля диэлектрическая проницаемость плазмы является скалярной величиной и зависит от частоты электромагнитной волны и плазменной частоты.
   - В магнитном поле движение заряженных частиц (электронов и ионов) становится анизотропным, что приводит к появлению недиагональных компонент в тензоре диэлектрической проницаемости.
2. **Математическое описание**:

Тензор диэлектрической проницаемости плазмы ϵ_{ij} в магнитном поле $\mathbf{B}_0$ имеет вид:

$$\epsilon_{ij} = \begin{pmatrix} \epsilon_\perp & -i\epsilon_\times & 0 \\ i\epsilon_\times & \epsilon_\perp & 0 \\ 0 & 0 & \epsilon_\parallel \end{pmatrix}$$

Где:

- $\epsilon_\perp$ — поперечная компонента, описывающая отклик плазмы на поле, перпендикулярное магнитному полю;
- $\epsilon_\parallel$ — продольная компонента, описывающая отклик на поле, параллельное магнитному полю;
- $\epsilon_\times$ — компонента, связанная с эффектом Холла и гиротропией плазмы.

Компоненты тензора выражаются через плазменную частоту ω_p и циклотронную частоту $\omega_c = \frac{eB_0}{m_e}$

$\epsilon_\perp = 1 - \frac{\omega_p^2}{\omega - \omega_c^2}$ −поперечная компонента

$\epsilon_\times = 1 - \frac{\omega_p^2 \omega_c}{\omega(\omega^2 - \omega_c^2)}$ −компонента, связаннная с гиротропией

$\epsilon_\parallel = 1 - \frac{\omega_з^2}{\omega^2}$ −продольная компонента

Здесь $\omega_c = \frac{eB_0}{m_e}$ −циклотронная частота электронов

3. **Физический смысл компонент тензора**:

$\epsilon_\perp$ - Описывает отклик плазмы на поперечные по отношению к магнитному полю волны. Эта компонента определяет распространение волн, перпендикулярных магнитному полю и определяют распространение электромагнитных волн в плазме в зависимости от ориентации волнового вектора относительно магнитного поля.

$\epsilon_\times$ отвечает за эффекты, связанные с вращением плоскости поляризации волны (например, эффект Фарадея).

$\epsilon_{\parallel}$ - определяют распространение электромагнитных волн в плазме в зависимости от ориентации волнового вектора относительно магнитного поля.Особенно этот компонент определяют распространение электромагнитных волн, продольно магнитному полю

4. **Влияние магнитного поля**:

Магнитное поле вызывает разделение движения заряженных частиц на продольное и поперечное, что приводит к анизотропии диэлектрических свойств плазмы.

Циклотронная частота ω_c определяет резонансные явления, такие как электронный циклотронный резонанс, что влияет на дисперсионные свойства плазмы.

6. Распространение электромагнитных волн в плазме:

- Тензор диэлектрической проницаемости позволяет анализировать распространение электромагнитных волн в плазме. В зависимости от ориентации волнового вектора **k** относительно магнитного поля $\mathbf{B}_0$, волны могут быть:

- **Обыкновенными (O-волны)**: их свойства определяются $\epsilon\perp$.
- **Необыкновенными (X-волны)**: их свойства зависят от $\epsilon_{\perp}$ и $\epsilon_{\times}$.
- **Продольными (L-волны)**: их свойства определяются $\epsilon_{\parallel}$.

7. **Дисперсионные соотношения:**

Дисперсионные соотношения для волн в плазме выводятся из уравнений Максвелла с учетом тензора диэлектрической проницаемости. Например, для поперечных волн, распространяющихся перпендикулярно магнитному полю, дисперсионное соотношение имеет вид:

$$k^2 = \frac{\omega^2}{c^2}\epsilon_{\perp}.$$

Для продольных волн, распространяющихся вдоль магнитного поля, дисперсионное соотношение определяется компонентой $\epsilon_{\parallel}$:

$\epsilon_{\parallel}=0$.

Астрофизика

Тензор диэлектрической проницаемости используется для изучения распространения радиоволн в магнитосферах планет и звезд, а также для анализа солнечного ветра.

Управляемый термоядерный синтез

В термоядерных реакторах, таких как токамаки, тензор диэлектрической проницаемости помогает моделировать поведение плазмы в магнитных ловушках.

Ионосферные исследования

Тензор используется для моделирования распространения радиосигналов через ионосферу Земли, что важно для спутниковой связи и навигации.

Лабораторные исследования

В лабораторных условиях тензор диэлектрической проницаемости позволяет изучать свойства плазмы в магнитных полях, что важно для разработки новых технологий.

9. **Приложения**:

Тензор диэлектрической проницаемости плазмы используется для анализа распространения электромагнитных волн в магнитосфере Земли, термоядерных установках (например, токамаках) и астрофизической плазме.

Результаты исследований применяются в разработке плазменных технологий, таких как плазменные антенны, системы управления плазмой и диагностика плазмы.

10. **Заключение**:

Тензор диэлектрической проницаемости плазмы в магнитном поле является важным инструментом для описания анизотропных свойств плазмы.

Понимание структуры тензора и его компонент позволяет прогнозировать поведение плазмы в различных условиях и применять её в современных технологиях.

ЛИТЕРАТУРА

1. Горбунов Леонид Михайлович. Введение в нелинейную электродинамику плазмы. - Москва: ФИАН, 2009. - 169 с.: ил.; 24 см
2. Ахиезер А.И. Электродинамика плазмы / А.И. Ахиезер. -1974. -720с
3. Александров А.Ф., Богданкевич Л.С., Рухадзе А.А. Основы электродинамики плазмы / .Ф. Александров, Л.С. Богданкевич, А.А. Рухадзе. 1978. -407с
4. Электродинамики плазмы. Лекции В.Б.Гильденбурга. 2019-2020. -33с

ТЕНЗОРИ ҚОБИЛИЯТИ ДИЭЛЕКТРИКИИ ПЛАЗМА ДАР МАЙДОНИ МАГНИТӢ (қисми амалӣ)

Омӯзиши тензори қобилияти диэлектрикии плазма дар майдони магнитӣ як масъалаи муҳим дар физикаи плазма ва электродинамика мебошад. Дар ин кор усулҳои асосии тавсифи хусусиятҳои диэлектрикии плазма дар мавҷудияти майдони магнитии беруна баррасӣ шудаанд. Нишон дода шудааст, ки майдони магнитӣ боиси анизотропияи қобилияти диэлектрикӣ мегардад, ки он бо тензори дараҷаи дуюм тавсиф дода мешавад. Ифодаҳои аналитиӣ барои ҷузъҳои тензор, ки вобаста ба басомадҳои плазма ва циклотронӣ мебошанд, оварда шудаанд. Таъсирҳои асосии физикӣ, монанди гиротропия ва резонанси циклотронӣ, инчунин таъсири онҳо бар паҳншавии мавҷҳои электромагнитӣ дар плазма муҳокима карда шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқот барои соҳаҳои астрофизика, синтези термоядерӣ идорашаванда ва технологияҳои плазма аҳаммияти амалӣ доранд.

КАЛИДВОЖАҲО: плазма, тензори қобилияти диэлектрикӣ, майдони магнитии, резонанси циклотронӣ, гиротропия, мавҷҳои электромагнитӣ.

ТЕНЗОР ДИЭЛЕКТРИЧЕСКОЙ ПРОНИЦАЕМОСТИ ПЛАЗМЫ В МАГНИТНОМ ПОЛЕ (практическая часть)

Исследование тензора диэлектрической проницаемости плазмы в магнитном поле является важной задачей в физике плазмы и электродинамике. В работе рассмотрены основные подходы к описанию диэлектрических свойств плазмы в присутствии внешнего магнитного поля. Показано, что магнитное поле приводит к анизотропии диэлектрической проницаемости, которая описывается тензором второго ранга. Приведены выражения для компонент тензора в зависимости от плазменной и циклотронной частот. Обсуждаются физические эффекты, такие как гиротропия и циклотронный резонанс, а также их влияние на распространение электромагнитных волн в плазме. Работа имеет прикладное значение для астрофизики, управляемого термоядерного синтеза и плазменных технологий.

КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА: плазма, тензор диэлектрической проницаемости, магнитное поле, циклотронный резонанс, гиротропия, электромагнитные волны.

PLASMA DIELECTRIC PERMITTIVITY TENSOR IN A MAGNETIC FIELD (practical part)

The study of the dielectric permittivity tensor of plasma in a magnetic field is an important task in plasma physics and electrodynamics. This paper discusses the main approaches to describing the dielectric properties of plasma in the presence of an external magnetic field. It is shown that the magnetic field induces anisotropy in the dielectric permittivity, which is described by a second-rank tensor. Analytical expressions for the components of the tensor, depending on the plasma and cyclotron frequencies, are provided. Key physical effects, such as gyrotropy and cyclotron resonance, as well as their influence on the propagation of electromagnetic waves in plasma, are discussed. The results of the study have practical significance for fields such as astrophysics, controlled thermonuclear fusion, and plasma technologies.

KEYWORDS: plasma, dielectric permittivity tensor, magnetic field, cyclotron resonance, gyrotropy, electromagnetic waves

Маълумот дар бораи муаллиф:*Ҷобири Қурбонали* — Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, магистранти курси дуюми факултети физика. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 800061998.** G-Mail: **jobiriqurbonali64@gmail.com**

Сведения об авторе: ***Джабири Курбонали*** — Таджикский национальный университет, магистрант 2-го курса теоретической физики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 800 06 1998.** G-Mail: **jobiriqurbonali64@gmail.com**

Information about the author: ***Jabiri Qurbonali*** — Tajik National University, 2nd-year master's student in Theoretical Physics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 800 06 1998**. G-Mail: **jobiriqurbonali64@gmail.com**

ТАШАККУЛИ ФИКРРОНИИ ХОНАНДАГОН ДОИР БА АСТРОНОМИЯ ДАР ДАРСҲОИ ФИЗИКА

Абдулҳақова М.Р.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Хусусиятҳои муҳимми ташаккули фанҳои табиатшиносӣ на танҳо аз истифода бурдани муваффақият ва аз як фан ба фанни дигар гузаронидани усулҳои таҳқиқот, балки аз алоқаи байниҳамдигарии онҳо низ иборат аст [1].

Астрономия бо талаботи моддии инсоният пайдо гашта, куҳантарин илм ба шумор меравад ва давра ба давра ривоҷ ёфтааст. Астрономияи даврои қадимро мушоҳидаҳо ташкил медоданд, ки асосан навъҳои гуногуни тақвим бо назардошти ҳаракати ҷирмҳои мунир (Офтоб, Моҳ, сайёраҳо ва ситораҳои равшан) дар маҳаллаҳои гуногун аз тарафи олимон татбиқ карда шуда буданд [2].

Дар даврaҳои гуногуни фаъолияти инсон астрономия дар худ нозукиҳои дигар фанҳоро аз бар карда, қисматҳои нави онро ташаккул додааст. Дар даврaҳои гуногуни рушди астрономия алоқаи зичи он бо математика ва геометрия дида мешавад. Чунин алоқамандӣ ба ҳаракати ҷирмҳои осмонӣ, ҳисоби аниқи лаҳзаҳои тулуъ, қиём ва ғуруби онҳо вобастагӣ дорад. Ин буд, ки аввалин моделҳои заминмарказӣ ва офтобмарказии олам, кура будани Замин, каталогҳои ситорагӣ ҳазорсолаҳо пештар мураттаб шуда, озодона гирифти Офтобу Моҳро пешгӯӣ мекарданд. Ин буд, ки фасли нави астрономия – *астрономияи сферикӣ* ба вуҷуд омад. Ин қисмати астрономия дар худ омӯзиши зоҳирӣ (чашмдид) ва ҳақиқии ҷирмҳои осмониро масъалаи асосӣ дониста, онро бо пуррагӣ ҳал намуд.

Инқилоби илмӣ дар Аврупо ва силсилакорҳои Кеплер, Галилео ва дигарон ба Нютон имконият фароҳам овард, ки қонунҳои асосии механика ва ҷозибаро исбот намояд. Ин раванд дар астрономия фасли навро кушод, ки *механикаи осмон* мебошад. Дар асоси қонуни ҷозибаи ҷаҳонӣ – механикаи осмон, ҳаракати ҷирмҳои осмонӣ, таҳаввули мадори онҳо, шакл ва андозаи ҷирмҳоро муайян намуда ва ҳоло ҳам масъалаҳои гуногуне, ки ба он дахл дорад, ҳал намуда истодааст.

Истифодаи телескоп аз тарафи Галилей ба пайдоиши фасли нави астрономия – *астрономияи амалӣ* оварда расонд. То ин вақт даҳҳо асбобҳои астрономӣ сохта шуда буданд, аммо онҳо танҳо кунҷи бинишро муайян мекарданд. Бо истифодаи телескоп инсоният имконият пайдо намуд, ки кайҳони беохирро бо чашми худ назора намояд [3].

Бо истифодаи фотография қисмати нави астрономия – *астрофизика* ба вуҷуд омад. Имрӯзҳо астрофизика бисёрҷанба шуда, қисматҳои гуногуни ин фаслро вусъат дода истодааст. Бо истифодаи спектр, полиризатсия (қутбиятсанҷӣ), мушоҳидаҳои кайҳонӣ ва дигар навъи мушоҳидаҳо астрофизикаи имрӯзаро муосир гардонида истодааст. Ин буд, ки истифодаи радиотелескопҳо дар тамоми соҳаҳои дарозии мавҷҳо аз нано то метрҳо; ботаника ва биология барои ҷустуҷӯи моддаҳои органикӣ чӣ дар сайёраҳо ва чӣ дар Кайҳон; геология барои омӯзиши сатҳи сайёраҳо ва радифони онҳо; химия барои муайян кардани таркиби химиявии ҷирмҳо - имкониятҳо фароҳам оварданд. Астрономия имрӯз дар сарҳади илмҳо бо дигар фанҳо, математика, физика, химия, геология, биология алоқаи зич барқарор намудааст [3].

Тамоми қонунҳое, ки дар физика, математика ва химия кашф шуданд, аксари онҳо исботи худро дар ҷирмҳои кайҳонӣ татбиқ карданд. Бо бозгашти кометаи Ҳаллей (1P/Halley) қонуни ҷозибаи умумиҷаҳонӣ исботи худро ёфт ва маълум гашт, ки кометаҳо метавонанд бо мадори эллипсӣ ҳаракат намоянд. Ин дар асоси заҳматҳои тулонии Клеро, Лепот ва Лаланд муайян карда шуд. Дар озмоишгоҳҳо навъҳои гуногуни бактерияҳо ва ҳашаротҳо наздик ба шароити дигар сайёраҳо омӯхта ва таҳқиқ карда шуда истодааст.

Баъди парвози аввалин радифи маснуи Замин 4-уми октябри соли 1957 оғози омӯзиши Кайҳон берун аз атмосфераи Замин шуруъ шуд. Аз он рӯзҳо инҷониб на танҳо фазои

кайҳонии наздизаминӣ, балки сайёраҳои алоҳида низ аз радифони маснуъ пур шудааст, ки масъалаҳои мушаххаси астрономиро ҳал менамоянд. Дастгоҳҳои кайҳони (сафинаҳо)-и байнисайёравӣ ба лаборатория (озмоишгоҳ)-ҳои илмӣ муҷаҳҳаз буда, натиҷаҳои комилан навро гирифта истодаанд. Дар ин самт барои идораи сафинаҳои кайҳонӣ математикаи татбиқӣ нақши калидӣ дорад. Барои чунин сафинаҳо идора ва барномаҳои пешакӣ таҳия шудаанд, ки бе идораи инсон амалӣ карда мешаванд.

Истифодаи дастгоҳҳои кайҳонӣ дар сатҳи Моҳ (моҳгардҳо, лунаход), Зуҳро ва Миррих имкоят фароҳам оварданд, ки дастгоҳҳои кайҳонии насли навро сохта ба истифода диҳанд. Ҳамаи ин аз алоқаи астрономия бо муҳандисон-технологҳо муяссар гашт. Бинобар ин, бо боварӣ гуфта метавонем, ки имрӯзҳо на танҳо астрономия, балки дигар фанҳо аз алоқаи ҳамдигарӣ истифода мебаранд ва дар сарҳадҳои ниҳоӣ бо ҳам омезиш ёфта, фаслҳои навро эҷод мекунанд, ки барои беҳбудӣ ва пешрафти ҷомеа дар соҳаҳои гуногун нақши калидӣ доранд.

Фанни астрономия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун фанни мустақил дар синфи 11-ум ҷорӣ карда шудааст, доираи мавзуъҳои он ҳам бошад беҳад маҳдуд аст. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (литсей, гимназияҳо, мактабҳои президентӣ ва амсоли инҳо) вобаста ба равияҳо таълими астрономия гуногун ба роҳ монда шудааст. Мавзуъҳои алоҳидаи астрономия аллакай дар синфҳои ибтидоӣ (фанни табиатшиносӣ) таълим дода мешавад, баъдан дар синфҳои 5-9 мавзуъҳои алоҳида дар фанҳои таърих, ҷуғрофия ва физика ҷорӣ карда шудааст [4].

Мақсади таълими астрономия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ он аст, ки хонанда бояд доир ба Кайҳони имрӯза тасаввуроти комил дошта бошад. Фарҳанги илмӣ-астрономии ӯ баланд бошад, ҳодисаҳои астрономияро дуруст дарк намуда, онҳоро шарҳ дода тавонад [1,2].

Аҳаммияти астрономия дар рушди фикрронӣ. Астрономия яке аз фанҳое мебошад, ки ба таври васеъ фикрронии мантиқӣ ва тахайюлотро ташаккул медиҳад. Масъалаҳои астрономӣ аксаран ба омезиши илмҳои гуногун, аз ҷумла риёзиёт, физика ва геометрия ниёз доранд. Ин амр ба хонандагон имкон медиҳад, ки малакаҳои бисёрсоҳавиро инкишоф диҳанд. Чунин масъалаҳо одатан дорои унсури эҷодӣ мебошанд, зеро ҳалли онҳо талаб мекунад, ки хонанда аз дониши назариявӣ истифода бурда, онро дар шароити амалӣ татбиқ кунад [2].

Масъалаҳои эҷодидошта дар астрономия метавонанд мавзуъҳои зеринро дар бар гиранд: ҳисоб кардани вақт, муайян кардани масофа то ситораҳо ё сайёраҳо, муайян намудани ҷозибаи сайёраҳо, шитоби афтиши озод дар сатҳи сайёраҳо, массаи сайёраҳо ва ё радифони онҳо ва амсоли инҳо.

Усулҳои ташаккули фикрронии хонанда ҳангоми таҳияи масъалаҳои тавсифашон эҷодӣ:

Сараввал, ташкил намудани мушоҳидаи ҷирмҳои тобон: Офтоб, Моҳ, сайёраҳо, ситораҳои равшан, устураи бурҷҳо. Барои чӣ бояд аввал аз мушоҳида оғоз намуд, чунки ҳангоми назорати ҳаракати ҷирмҳо, ба хонандагон даҳҳо қонуниятҳои физикиро шарҳ додан мумкин аст. Астрономия худ пурра фанни амалӣ ҳисобида шуда, гузаронидани таҷрибаҳои амалӣ, мисли мушоҳидаи осмон бо телескоп метавонад дониш ва шавқи хонандагонро зиёд кунад.

Баъдан, ҳалли масъалаҳо: Ҳалли масъалаҳои воқеӣ, ки бо ҳаёти ҳаррӯза алоқаманданд, ба мисли ҳисоб кардани вақти тулуи Офтоб дар макони мушаххас ё фаҳмидани мавқеи ситораҳо, ба хонанда имкон медиҳад, ки дониши худро дар амал истифода барад. Ва ё барои чӣ Моҳ пайваста фазаҳои худро дигар мекунаду ҳар вақт дертар тулуъ мекунад. Ин гуна саволҳо имконият фароҳам меоваранд, ки хонанда таваҷҷуҳи худро бештар барои ёфтани роҳҳои ҳалли чунин масъалаҳо сарф кунад.

Истифодаи технологияи муосир: Барномаҳои компютерӣ ва барномаҳои мобилӣ, мисли Stellarium ё NASA's Eyes, барои дарки ҳаракати ҷирмҳои осмонӣ ва ташкили тасвирҳои чашмдид хеле самараноканд. Истифодаи чунин барномаҳо дар телефони

ҳамроҳи худ, хонандаро ба зиракию кунҷковӣ водор намуда, пайваста метавонад маълумотҳои навро доир ба фан дастрас кунад.

Кор дар гурӯҳҳо: Вақте хонандагон бо ҳамдигар кор мекунанд, онҳо идеяҳои нав пешниҳод мекунанд ва нуқтаҳои назари гуногунро мебинанд, ки ин ба эҷоди роҳҳои ҳалли гуногун мусоидат мекунад.

